**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД: 343(575.3)**

**ДАВЛАТЗОДА КОМРОН ДАВЛАТ**

# МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**МУШОВИРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Назаров А.Қ.

**ДУШАНБЕ – 2024**

## МУНДАРИЧА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**....................4-5

**МУҚАДДИМА**..................................................................................6-32

**БОБИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО**..................................................................33-90

1.1. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо...............................................................................33-47

1.2. Мафҳуми киберҷиноятҳо.........................................................47-70

1.3. Таснифи киберҷиноятҳо..........................................................70-90

**БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**..........................91-168

2.1. Ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо.............91-121

2.2. Ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ........................................121-145

2.3. Тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ..........................................145-169

**БОБИ 3. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ВА ТАҶҲИЗОТҲОИ ЁРИРАСОНИ ОНҲО**..............................................................................................170-251

3.1. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS).......................170-187

3.2. Тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)..187-222

3.3. Аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)..........................................................................................................221-251

**БОБИ 4. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ БО ИСТИФОДА АЗ ВОСИТАҲОИ ГУНОГУНИ ТЕХНИКӢ СОДИРШАВАНДА**............................................................................252-314

4.1. Объекти ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)..........252-272
4.2. Тарафи объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)..........272-297
4.3. Аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)..........297-314
**БОБИ 5. ТАҲҚИҚИ КРИМИНОЛОГИИ КИБЕРҶИНОЯТҲО**..........315-395
5.1. Ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо..........315-346
5.2. Хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор..........346-371
5.3. Таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ..........372-395
**ХУЛОСА**..........396-407
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........408-410
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)** ..........411-457
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**..........458-462
**Замимаи 1**..........463-480

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Қазоқистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ӯзбекистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Ӯзбекистон

**КҶ Украина** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Белорусия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорусия

**КҶ Латвия** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Латвия

**КҶ Озарбойҷон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон

**КҶ Арманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон

**КҶ Туркманистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон

**КҶ Молдова** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Литва** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Литва

**КҶ Эстония** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Эстония

**КҶ Чин** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Мардумии Чин

**КҶ Фаронса** – Кодекси ҷиноятии Фаронса

**КҶ Испания** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Испания

**КҶ Олмон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон

**КМҶ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ

**АМО ҶТ** – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ФР** – Федератсияи Россия

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТИК–** Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ

**ШИК**–Шабакаи иттилоотию коммуникатсионӣ

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

**н.** – ноҳия

**ш.** – шаҳр

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрам арзёбӣ гардида, иттилоот ба объекти ба таври махсус ҳифзшаванда табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз бо мақсади ташаккули пардохтҳои ғайринақдӣ дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттиллоотию коммуникатсионӣ, ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ, технологияҳои муосири молиявии рақамӣ, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро татбиқ менамоянд, ки дар ин замина ба захираҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ вобастагии бештар пайдо мегардад. Инчунин, системаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва коммуналӣ дар шакли электронӣ таъсис дода шудаанд, ки ин омил барои баланд бардоштани мақоми байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири калон расонида, як ҷузъи системаҳои муосири идоракунӣ дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ, мудофиа, амнияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон табдил меёбад.

Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд ТИК) дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон, танзими ҳуқуқии истифодаи ТИК ва ҳифзи захираҳои иттилооти нақши махсус дорад. Дар ҷаҳони муосир иттилоотикунонии ҷомеа бо суръати хеле баланд идома дошта, киберҷиноятҳо, ҳамлаҳои киберӣ ба системаҳои иттилоотӣ, дастрасии ғайриқонунӣ ба захираҳои иттилоотие, ки дар хотираи компютер нигоҳ дошта мешаванд, як таҳдиди воқеӣ ба амнияти шахс, ҷомеа, давлат ва манфиатҳои қонунии онҳо ифода мегардад.

Солҳои охир шоҳиди он ҳастем, ки бо инкишофи технологияи иттилоотӣ ва рушди шабакаҳои интернетӣ, воситаҳои нави робита миёни

муошираткунандагон ба амал омада истодааст. Муошырати интернетӣ шаклҳо ва таъсиррасониҳои гуногун дошта, ба тамоми қишрҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ асаргузор аст. Интернет дар ҳаёти рӯзмарраи муосир таъсири глобалӣ дорад ва вобаста аз мақсади истифода намуданаш ба оқибатҳои барои ҷамъият хавнок оварда мерасонад. Маводҳои лозима ба таври маҷозӣ ва дар як лаҳза дастрас карда мешаванд. Мутаасифона, ҳангоми истифодаи номувофиқ, рушди технология метавонад бар зарари аъзои ҷомеа истифода бурда шавад ва боиси пайдо шудану такмил ёфтани зӯровариҳо ва таҳдидҳои мухталифи киберӣ гардад, ки на ҳама вақт дидашавандаю ошкоршавандаанд. Мушкилоти пешгиринамоиву муқовимат бо ин гуна зуҳуроти номатлуб бошад, махсусан аз табиати ноаён доштани онҳо вобаста аст.

Дар ин замина оид ба мубрам будани таҳқиқоти мазкур, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», ки санаи 28-уми декабри соли 2023 баргузор гардид, таъкид доштанд, ки вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, ярокнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, киберҷиноятҳо ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем. Ҳамзамон, 28-уми декабри соли 2022 дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба иди касбии кормандони мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бамаврид зикр намудаанд, ки «Мушкилоти ҷиноятҳои киберӣ ва терроризми киберӣ ҳамчун таҳдидҳои нав, ба таъмини амнияти байналмилалӣ таъсири манфии ҷиддӣ ворид кардаанд. Дар чунин шароит зарур аст, ки мақомоти амният бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳушёр бошанд, раванду ҳодисаҳои минтақа ва ҷаҳонро мунтазам омӯзанд, таҳлил кунанд ва барои пешгирӣ кардани нақшаҳое, ки ба халалдор сохтани амнияти давлату ҷомеа ва ҳаёти

осоиштаи мардум равона шудаанд, тадбирҳои қонунӣ, зарурӣ ва фаврӣ андешанд...»[1].

То соли 2008 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон киберҷиноят ба қайд гирифта нашудааст. Дар соли 2008 ҳамаги ду ҷиноят ба қайд гирифта шудааст. Дар маҷмуъ аз соли 2009 то соли 2023 шумораи ҷиноятҳои содиршуда дар соҳаи амнияти киберӣ якбора афзуда, то имрӯз 116 ҷиноятро ташкил медиҳад. Масалан, сатҳи зиёдшавии киберҷинояткорӣ нисбат ба соли 2008 метавонад ба таври зерин тасниф карда шавад: афзоиш нисбат ба соли 2008 дар соли 2009 – 50%, 2010 – 66%, 2011 – 30%, дар солҳои 2012-2013 рақамҳо чандон фарқ намекунанд (яъне дар ин солҳо 2 киберҷиноят ба қайд гирифта шудааст), 2014 – 33,3%, 2015 – 85,71%, 2016 – 75%, 2017 – 30,46%, дар солҳои 2018-2019 нишондодҳои ҷинояткорӣ низ чандон фарқ намекунанд (яъне дар ин солҳо 13 киберҷиноят ба қайд гирифта шудааст), 52% – дар соли 2020, дар соли 2021 ягон ҷиноят ба қайд гирифта нашудааст, 42,5% – соли 2022 ва 49,05% – дар 6 моҳи соли 2023 ташкил медиҳад[2].

Маврид ба зикри хос аст, ки дар миёнаи асри XXI захираҳои иттилоотӣ ба сарвати миллӣ табдил ёфта, самаранокии истифодаи онҳо қудрати иқтисодии ҳар як кишварро муайян карда, ин гуна ҷиноятҳо, натанҳо ба амнияти миллии ҳар як давлат, балки масъалаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолиро низ таҳти хатари ҷиддӣ қарор медиҳад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи маълумоти Форуми Ҷаҳонии Иқтисодӣ (минбаъд ФҶИ), шахсоне, ки тавассути истифодаи ТИК дар фазои маҷозӣ (дар шакли «мустақим») ҷиноят содир менамоянд, яке аз панҷ хатари асосии ҷаҳонии таҳдидкунда ба амнияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, зеро дар мавҷудият ва фаъолияти муваффақонаи тамоми бахшҳои иқтисодиёт чунин шахсон хатар эҷод менамоянд. Дар асоси гузориши ФҶИ, танҳо дар соли 2019 талафоти

[1] Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 29.12.2023).

[2] Ниг.: Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, таҳти №14/3-1355.

иқтисоди ҷаҳонӣ аз ҳамлаҳои киберӣ 2,5 триллион долларро ташкил дода, дар соли 2022 ин рақам ба 8 триллион доллар баробар гардид[3].

Дар робита ба ин имрӯзҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ рекламаҳои бардурӯғ ва фиреби қаллобон зиёд ба мушоҳида расида, баъзе шаҳрвандон ба онҳо бовар карда, бо интиқоли маблағҳои калони пулӣ зарари моддӣ-иқтисодӣ дида истодаанд, ки ҳолати мазкур нигаронкунанда буда, хисороти ин навъи ҷиноятҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи табиати худ хеле бузург аст. Масалан, якчанд ҳолати паҳн намудани эълонҳои бардурӯғ дар шабакаи интернет, ки ба онҳо шаҳрвандон бовар намудаанд ва ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор доранд ин дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ ба монанди «Газпром-инвест, Алиф-инвест, Тесла-х» ва ғайра аз ҷумлаи онҳое ифода мегардад, ки бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон ташкил ва роҳандозӣ мегарданд. Пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд низ дар марбути ин масъала мебошад. Ҳолати дигар ин мерос мондани маблағ аз хешовандони дур, пешниҳод намудани тухфаҳо аз хориҷӣ кишвар дар намуди «баста (посилка)», албатта самтҳо ва намудҳои қаллобӣ дар интернет зиёд шуда истодаанд ва вақте сару садоҳо оиди қаллобӣ дар интернет ва маблағҳои аздастрафта зиёд мешаванд, онҳо иловатан роҳҳои нави содир намудини ин кирдори ба ҷамъият хавфнокро ҷӯё шуда, барномаҳои навро таҳия менамоянд ва дар сомонаҳои интернетӣ ҷойгир менамоянд[4]. Танҳо аз ҳисоби қаллобӣ дар фазои маҷозӣ, ки ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо эътироф мегардад, дар давраи аввали соли 2023 ба шахсони воқеӣ, зиёда аз 1 миллион сомонӣ ва дигар намуди киберҷиноятҳо, аз ҷумла ғайриқонуни даромадан ба иттилооти компютерӣ ва тағйир додани иттилооти компютерӣ дар давоми 5 соли охир ба шахсони ҳуқуқӣ зиёда аз 2090377,95 сомонӣ ба миқдори махсусан калон зарари моддӣ расонида шудааст, ки дар маҷмуъ 1000750,569

---

[3] Ниг.: Лавров С.В. Глобальные проблемы кибербезопасности и международные инициативы России по борьбе с киберпреступностью / С.В. Лавров // Внешнеэкономические связи. – Октябрь 2020. – С. 6-13.
[4] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.facebook.com/nbt.tj/videos/12526540187 52070/?extid (санаи муроҷиат: 29.12.2023).

сомониро ташкил медиҳад[5]. Тибқи маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аввалин киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008 ба қайд гирифта шуда буд. Шуруъ аз ҳамин давра содир гардидани он дар шаклҳои гуногун аз ҷумла таввасути сомонаҳои интернетӣ, ТИК ва компютерҳо мушоҳида гардида, дар панҷ соли охир шиддатнокии содиршаваии он таввасути сомонаҳои интернетӣ ба қайд гирифта шудааст. Чунончи, танҳо дар соли 2022 аз ҷониби Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ҳолати киберҷиноятҳо ошкор гардида, зиёда аз 500 ҳодиса бо истифода аз интернет ва ТИК ба қайд гирифта шудааст.

Солҳои охир заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат бо киберҷинояткорӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ фаъолона инкишоф меёбад. Дар баробари ин, дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи байналмилалии ҳуқуқии муқовимат бо киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар самти мазкур мушкил месозад. Зеро омори содиршавии киберҷиноятҳо дар кишварҳои аъзои ИДМ нишон медиҳад, ки дар соли 2020 шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар самти киберҷиноятҳо 4 маротиба афзудааст: яъне аз 125 244 ҳолат дар соли 2018 то ба 536 516 ҳолат дар соли 2020. Соли 2020 дар кишварҳои аъзои ИДМ, ҳиссаи парвандаҳои ҷиноятӣ бо ҳукми айбдоркунӣ ба суд ирсолшуда 18,2% (2019 – 23%, 2018 – 24,8%) аз шумораи умумии ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда дар ин самтро ташкил медиҳад, ки 73,6% дар соли 2020 ошкор нашуда монданд (солҳои 2018 – 66,5%; 2019 – 68,4%)[6].

Ҳамин тавр, нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

---

[5] Ниг.: Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, таҳти №14/3-1355; Саҳифаи расмии интернетии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prokuratura.tj (санаи муроҷиат: 01.06.2023).

[6] Ниг.: Сводные отчеты «О состоянии преступности и результатах расследования преступлений» на территории государств-участников СНГ за январь-декабрь 2018 г., 2019 г., 2020 г. // Ф.785 КН.1; Состояние преступности в государствах-участниках СНГ в 2019 году [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ksgp-cis.ru/about/obzory/sostojanie-prestupnosti-v-2019-godu (санаи муроҷиат: 21.04.2023).

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо ҳам аз нигоҳи назария ва амалия давоми чандин сол аст, ки диққати муҳаққиқон ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба худ ҷалб кардааст. Масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳо ба таври умум дар асарҳои илмии ҳуқуқшиносонӣ ватанию хориҷӣ, аз ҷумла дар корҳои илмии В.А. Абдухамитов[7], Н.Б. Азимзода ва З.А. Саидзода[8], Ю.М. Батурин[9], И.Р. Бегишев[10], С.Ю. Битко[11], С.Д. Бражник[12], Л.А. Букалерова[13], В.В. Воробев[14], К.Н. Евдокимов[15], У.В. Зинина[16], П.Н. Кобетс[17], В.С. Комиссаров[18], Н.А. Қудратов[19], Ю.И. Ляпунов[20], Д.Г. Малишенко[21], З.Ҷ. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода ва Р.С. Одиназода[22], А.Қ. Назаров[23], Н.Ҷ. Назаров[24], С.А.

[7] Ниг.: Абдухамитов В.А. Борьба с религиозным экстремизмом: уголовно-правовые, криминоло-гические проблемы (на материалах Республики Таджикистан): дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2016. – 335 с.
[8] Ниг.: Азимзода Н.Б., Саидзода З.А. Таърих ва моҳияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷанги иттилоотӣ / Н.Б. Азимзода, З.А. Саидзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 84-91.
[9] Ниг.: Батурин Ю.М., Жодзишский А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность. – М.: Юрид. лит., 1991. – 160 с.
[10] Ниг.: Бегишев И.Р. Понятие и виды преступлений в сфере обращения цифровой информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – 204 с.
[11] Ниг.: Бытко С.Ю. Некоторые проблемы уголовной ответственности за преступления, совершаемые с использованием компьютерных технологий: дис… канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – 204 с.
[12] Ниг.: Бражник С.Д. Преступления в сфере компьютерной информации: проблемы законодательной техники: дис. ... канд. юрид. наук. – Ижевск, 2002. – 189 с.
[13] Ниг.: Букалерова Л.А. Информационные преступления в сфере государственного и муниципального управления: законотворческие и правоприменительные проблемы: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 574 с.
[14] Ниг.: Воробьев В.В. Преступления в сфере компьютерной информации: юридическая характеристика составов и квалификация: дис. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2000. – 201 с.
[15] Ниг.: Евдокимов К.Н. Противодействие компьютерной преступности: теория, законодательство, практика: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2021. – 557 с.
[16] Ниг.: Зинина У.В. Преступления в сфере компьютерной информации в российском и зарубежном уголовном праве: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2007. – 160 с.
[17] Ниг.: Кобец П.Н. О современных информационных технологиях, используемых экстремистскими и террористическими группировками, и необходимости противодействия киберпреступности / П.Н. Кобец // Вестник развития науки и образования. – 2016. – №6. – С. 4-9.
[18] Ниг.: Российское уголовное право. Особенная часть / Под ред. В.С. Комиссарова. – СПб.: Питер, 2008. – 720 с.
[19] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовно-правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 540 с.
[20] Ниг.: Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность. – 1997. – №1. – С. 8-15.
[21] Ниг.: Малышенко Д.Г. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – 166 с.
[22] Ниг.: Маҷидзода З.Ҷ., Холиқзода А.Ғ., Одиназода Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ). – Душанбе, 2019. – 240 с.
[23] Ниг.: Давлатзода К.Д., Назаров А.Қ. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 229-236.
[24] Ниг.: Маҷидзода Ҷ.З., Назаров Н.Ҷ. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ. – Душанбе, 2014. – 268 с.

Пашин[25], А.Э. Побегайло[26], Л.Н. Попов[27], М.А. Простосердов[28], Д.В. Пучков[29], Р.Ҳ. Раҳимзода[30], Ҳ.С. Сафарзода ва Ш.Т. Аҳёзода[31], О.М. Сафонов[32], Т.Г. Смирнов[33], М.В. Старичков[34], В.Г. Степанов-Егиянтс[35], А.В. Суслопаров[36], Т.Л. Тропин[37], Ф.Р. Шарифзода[38], Р.Ш. Шарофзода[39], В.В. Челноков[40] ва дигарон ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои диссертатсионӣ, олимони зикр гардида тавонистаанд, паҳлуҳои гуногуни ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, дар фазои маҷозӣ таҳқиқ намоянд.

Вобаста ба масъалаҳои криминологии киберҷиноятҳо корҳои илмии олимони соҳа А.П. Алексеев[41], С.Э. Баҳриддинов[42], А.А. Жмихов[43], В.Э.

---

[25] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева / Авт. главы С.А. Пашин. – М.: ИНФРА-М: Норма, 2002. – 960 с.

[26] Ниг.: Побегайло А.Э. Борьба с киберпреступностью: учеб. пособие. – М., 2018. – 184 с.

[27] Ниг.: Информационное право: учебник / Л.Л. Попов, Ю.И. Мигачев, С.В. Тихомиров. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2010. – 496 с.

[28] Ниг.: Простосердов М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве: монография. – М.: Юрлитинформ, 2017. – 168 с.

[29] Ниг.: Пучков Д.В. Кибертерроризм как новая угроза современного общества / Д.В. Пучков // Виктимология. – 2021. – Т. 8. – №4. – С. 382-390.

[30] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. К новым реалиям через уроки и выводы / Р.Ҳ. Раҳимзода // Сотружество. Журнал совета министров внутренних дел СНГ. – 2021. – №1. – С. 4-11.

[31] Ниг.: Сафарзода Ҳ.С., Аҳёзода Ш.Т. Вижагиҳои хосси ҷиноятҳои характери экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла Интернет, содир карда мешаванд / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 92-100.

[32] Ниг.: Сафонов О.М. Уголовно-правовая оценка использования компьютерных технологий при совершении преступлений: состояние законодательства и правоприменительной практики, перспективы совершенствования: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – 222 с.

[33] Ниг.: Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – 161 с.

[34] Ниг.: Старичков М.В. Умышленные преступления в сфере компьютерной информации: уголовно-правовая и криминологическая характеристики: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2006. – 29 с.

[35] Ниг.: Степанов-Егиянц В.Г. Методологическое и законодательное обеспечение безопасности компьютерной информации в Российской Федерации: уголовно-правовой аспект: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2015. – 389 с.

[36] Ниг.: Суслопаров А.В. Информационные преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2008. – 249 с.

[37] Ниг.: Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2005. – 234 с.

[38] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности государства: монография / Под ред. д.ю.н., профессора, Заслуженного юриста Российской Федерации Анатолий Михайловича Кононова. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 267 с.

[39] Ниг.: Шарофзода Р.Ш., Шокиров Ғ.А. Заминаҳои илмӣ-ҳуқуқии иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Ш. Шарофзода, Ғ.А. Шокиров // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 110-120.

[40] Ниг.: Челноков В.В. Компьютерная информация как предмет преступления в отечественном уголовном праве: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2013. – 226 с.

[41] Ниг.: Алексеева А.П. Киберпреступность: основные черты и формы проявления / А.П. Алексеева, О.Н. Ничуговская // Преступность в сфере информационных и телекоммуникационных технологий: проблемы предупреждения, раскрытия и расследования преступлений. – 2017. – №1. – С. 27-34.

[42] Ниг.: Баҳриддинов С.Э. Криминология: китоби дарсӣ. Қисми умумӣ. – Душанбе, 2013. – 187 с.

[43] Ниг.: Жмыхов А.А. Компьютерная преступность за рубежом и ее предупреждение: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – 178 с.

Керимов[44], Т.П. Кесареева[45], В.В. Крилов[46], В.С. Овчинского[47], А.Л. Осипенко[48], А.Э. Побегайло[49] ва дигарон бахшида шудааст. Асарҳои олимони зикр гардида имкон медиҳанд маълумотҳои (тасаввуроти) муайянро оиди моҳият ва мундариҷаи киберҷиноятҳо ташаккул дод, аммо мутаассифона, амалан ба мушкилоти замони муосир (таҳдидҳои киберӣ ба амнияти иттилоотӣ) ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин соҳа таъсир намерасонанд.

Асарҳои онҳо, ба вазъиятии воқеии фазои иттилоотии ҷаҳон, таҷрибаи амалии кормандони воҳидҳои оперативии субъектони мубориза барнда бо киберҷиноятҳо ва хатари он ба ҷомеа бахшида шудааст, ки ин асарҳо барои рушди доктринаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо аҳаммияти бузург доранд, зеро дар миқёси ҷаҳонӣ то ҳол механизми ягонаи байналмилалии ҳуқуқии муқовимат бо киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад.

Албатта, дар ин самт ҷанбаҳои омӯхтанашуда зиёданд, ки дар ин росто омӯзиши муфассали қонунгузории ҷиноятӣ ва масъалаҳои криминологии таъмини амнияти иттилоот аз ҳамлаҳои киберӣ зарур аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ бояд дар бораи мафҳуми киберҷиноятҳо ва хатари он барои ҷомеа, таснифи киберҷиноятҳо, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо киберҷиноятҳо андеша кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи «Барномаи давлатии муқовимат бо ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва корҳои илмӣ-

---

[44] Ниг.: Керимов В.Э., Керимов В.В. Профилактика и предупреждение преступлений в сфере компьютерной информации / В.Э. Керимов, В.В. Керимов // Черные дыры в российском законодательстве. – 2002. – №1. – С. 503-513.
[45] Ниг.: Кесареева Т.П. Криминологическая характеристика и проблемы предупреждения преступности в российском сегменте сети Интернет: автореф. дис... канд. юрид. наук. – М., 2002. – 25 с.
[46] Ниг.: Крылов В.В. Криминалистические проблемы оценки преступлений в сфере компьютерной информации / В.В. Крылов // Уголовное право. – 1998. – №3. – С. 83-91.
[47] Ниг.: Овчинский В.С. Криминология цифрового мира: учебник для магистратуры. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2018. – 352 с.
[48] Ниг.: Осипенко А.Л. Организованная преступная деятельность в киберпространстве: тенденции и противодействие / А.Л. Осипенко // Юридическая наука и практика: Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2017. – №4 (40). – С. 181-188.
[49] Ниг.: Побегайло А.Э. Киберпреступность: учеб. пособие (для бакалавров). – М., 2014. – 96 с.

таҳқиқотии назди кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ ва кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии киберҷиноятҳо, паҳлӯҳои криминологии он, таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати ТИК ва таҳдиду хатарҳои ҳамлаҳои киберӣ ба амнияти иттилоотии кишвар, ичунин пешниҳоди навгониҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо ифода мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои мазкур ҳалли вазифаҳои зерин зарур аст:

– омӯхтан ва муайян кардани таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо;

– таҳлил ва пешниҳоди мафҳуми киберҷиноятҳо;

– муайян намудани номгуи киберҷиноятҳо ва асосҳои таснифи онҳо;

– тартиби ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо;

– таҳқиқ ва таҳлили ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ;

– омӯзиши фарқияти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ;

– таҳлили илмӣ-амалии аломатҳои объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS);

– баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS);

– омӯзиш баррасӣ ва муайян кардани аломатҳои объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ);

– таҳлили таҷрибаи ҳуқуқии аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ);

– таҳлили ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо;

– баррасии хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор;

– таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки бинобар сабаби содир шудани киберҷиноятҳо ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи таҳқиқот** – ин меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти дигар санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки ба муқовимат бо киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд, маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ аз бойгонӣ, ки аз ҷониби судҳои ҶТ ва ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқию тафтишӣ баррасӣ гардидаанд, ифода меёбад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)** нақшавӣ буда, макони таҳқиқот кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Давраи таҳқиқот солҳои 2019-2024-ро дар бар гирифта, аз ду марҳила иборат аст.

Дар марҳилаи аввал (солҳои 2019-2020) захираҳои илмию иттилоотӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ ба низом даровардa шуда, аз ҷониби Шурои олимон тасдиқ гардид.

Дар марҳалаи дуюм (солҳои 2020-2024) ҳадафу вазифаҳои гузошташуда иҷро гардиданд. Доир ба мавзуи таҳқиқотӣ мақолаҳои илмӣ ба табъ расида

диссертатсия омода карда шуд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» омода карда шуданд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба расмият даровarда шуд. Нисбатан муфассалтар таҳқиқот ба омӯзиши даврае равона гардидааст, ки пас аз қабули Кодекси нави ҷиноятӣ солҳои 1998-2023 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз меёбад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, маҷмуи асарҳои назариявӣ ва амалиявӣ дар самти проблемаҳои асосии доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ, вобаста ба мавзуи таҳқиқшаванда ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз ҷумлаи В.Б. Вехов, А.Г. Волеводз, Ю.В. Гаврилин, Л.Д. Галиакбаров, А.А. Гаухман, Т.А. Герсензон, В.А. Голубев, А.И. Долгов, Г.А. Есаков, А.М. Жодзишский, Р.В. Жубрин, О.С. Капинус, М.И. Ковалев, И.Я. Козаченко, В.Е. Козлов, В.С. Комиссаров, А.И. Коробеев, С.М. Кочои, В.Н. Кудрявсев, Н.Ф. Кузнетсов, Б.А. Куринов, В.Д. Курушин, А.Н. Ларков, В.Н. Лопатин, Н.А. Лопашенко, В.В. Лунеев, Ю.И. Ляпунов, З.Ҷ. Маҷидзода, А.Қ. Назаров, А.В. Наумов, Б.С. Никифоров, С.И. Никулин, В.А. Номоконов, К.В. Ображиев, В.С. Овчинский, А.Л. Осипенко, А.В. Павлинов, С.В. Пархоменко, А.А. Пионтковский, С.В. Полубински, А.И. Рарог, Т.В. Раскина, И.М. Рассолов, С.В. Расторопов, Р.Ҳ. Раҳимзода, В.С. Савелев, А.И. Сафарзода, Д.А. Соколов, Н.С. Тагантсев, А.Н. Трайнин, А.Ғ. Холиқзода, А.И. Чучаев, Т.Ш. Шарипов, Ф.Р. Шарифзода, Р.Ш. Шарофзода, П.С. Яни аҳаммияти калони назариявӣ доранд.

Олимони мазкур барои таҳлил намудани проблемаҳои содиршавии киберҷиноятҳо, муайян намудани шахсияти киберҷинояткор (хакер) пешгирии киберҷиноятҳо ва таснифи киберҷиноятҳо дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ заминаи муносиби назариявӣ фароҳам овардаанд.

Илова бар ин, асоси назариявии таҳқиқотро нашрияҳои илмии захираҳои электронии интернетӣ, ки ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот методҳои диалектикӣ, ичунин барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда бо истифода аз равишҳо ва усулҳои институтсионалӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисави-ҳуқуқӣ, оморӣ ва дигар методҳои умумӣ ва махсуси илмӣ, ки ҷониби илм таҳия ва дар амалия санҷидашудаанд, истифода шуданд. Методҳои умумӣ-илмӣ имкон дод, ки омӯзиши нақши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, дар рушди ҷомеа ва таъсири онҳо ба ҷомеаи муосир, истифодаи бемавриди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ чӣ паёмадҳо дорад. Методологияи дар таҳқиқ истифодашуда шароит фароҳам овард, ки он ҳамаҷониба анҷом ёфта, пайдоиши падидаҳо ва зерпадидаҳои нав муайян карда шавад, инчунин тамоюлҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо муайян карда шаванд ва идеяҳои нав ҷиҳати самаранок амалӣ сохтани онҳо дар таҷриба пешниҳод карда шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқот таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо аз ҷумлаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши зиёда аз 116 парванда аз бойгонии Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла СММ, Иттиҳоди Байналмилалии Телекоммуникатсия, Интерпол, Европол, Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур аввалин тадқиқоти диссертатсионии ватанӣ мебошад, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии

ҳуқуқи ҷиноятӣ ва масъалаҳои криминологии муқовимат ба киберҷиноятҳоро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки қаблан дар сатҳи тадқиқоти монографӣ ва диссертсионӣ масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат ба киберҷиноятҳо муфассал таҳлил карда нашудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Киберҷиноятҳо – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

2. Бо дарназардошти он, ки инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад, таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир ба ҳисоб рафта таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонуни ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд.

3. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

– марҳила аввал, соли 1992 дар ш. Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расидани «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ» дар байни давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

– марҳилаи дуюм 1-уми июни соли 2001 то инҷониб дар шаҳри Минcки Ҷумҳурии Белорус имзои «Созишнома дар бораи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ».

4. Дар доираи СПАД «Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо», ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шуда, ҳадафи таъсиси он ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба киберҷиноятҳо, гузаронидани арзёбии экспертии таҳдидҳои киберӣ, таҳия ва татбиқи усулҳои пешрафтаи пешгирӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо, таълими кадрҳои нав, мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, баланд бардоштани дараҷаи бехатарии фазои иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин ҳалли масъалаи ҳамкории шаффофи онҳо дар самти дастгирии ташкилии муқовимат бо киберҷиноятҳо муқаррар карда шавад.

5. Бо мақсади огоҳонидан ва пешгирии киберҷиноятҳо дар ҶТ Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, инчунин компютеркунонии босуръати тамоми бахшҳои ҳайётан муҳими давлатӣ бо мақсади таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар мамлакат, дастрасиро ба сомонаҳо ва захираҳои дигари иттилоотӣ, аз ҷумла сомона ва барномаҳои интернетӣ, ки ба паҳн намудани ҳама гуна иттилоот бар зидди асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, иттилоот дар бораи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барангехтани кинаю адовати динию мазҳабӣ ё низои миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ, тарзи омодасозӣ ва тарғиби моводи нашъаовар, тарканда ва моводи дигари заҳролудкунанда, ба содир намудани ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ равонагардида, хусусияти экстремистию террористидошта, порнография, аз ҷумла порнографияи кӯдакона, инчунин паҳн намудани ҳама гуна маълумот, ки бо санади судии эътибори қонунӣ пайдонамуда ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, маҳдуд намоянд.

6. Дар маҷмуъ киберҷиноятҳоро аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кардан мумкин аст:

а) вобаста ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ: таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони иттилооти компютерӣ; таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони воситаҳои иттилоот;

б) аз рӯйи хусусияти зараре, ки ба иттилооти компютерӣ мерасонад: барномаҳои зарасрасони тағйирдиҳанда, нобудкунанда, маҳкамкунанда, корношоямкунанда, нусхабардорикунандаи итилооти компютерӣ;

в) вобаста ба усулҳои содир намудани ҷиноят: ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб; содиршавии онҳо тавассути интернет.

7. Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо дар давлатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ ба таври гуногун ба роҳ монда шудааст:

– объекти таҷовуз ҳангоми содир шудани киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ на танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи муомилоти бехатари иттилооти компютерӣ (КҶ ҶТ), балки дигар объектҳо низ мебошанд (масалан, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд озодӣ ва сулҳи умум – қонунгузории ҷиноятии Франсия ва Олмон, амнияти миллӣ ва фаъолияти муътадили иқтисодӣ – қонунгузории ҷиноятии ШМА, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамътятӣ –қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон);

– муайян карда шудааст, ки дар қонунгузори ҷиноятии давлатҳои хориҷ субъекти ҷиноятҳо ба муқобили амнияти киберӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: давлатҳое, ки ба сифати субъекти ҷинояти мазкурро танҳо шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муқарраршуда расида, дар баъзан ҳолатҳо субъекти махсус баромад мекунад, (Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва ғ.); давлатҳое, ки ба сифати субъекти ин ҷиноятҳо дар баробари шахси воқеи ҳамчунон шахсони ҳуқуқиро эътироф мекунанд (Дания, Латвия, Литва, Молдавия, Франсия, Шветсия, Эстония ва ғайра);

– вобаста ба муқаррар кардани ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ муқарраротӣ гуногун дида мешавад. Дар як гурӯҳ давлатҳо (масалан, ҶМ Чин) барои аз ҷониби субъектони махсус иҷро нагардидани қарорҳои субъектони мубориза баранда бо киберҷиноятҳо оид

ба бастани захираҳои интернетии дахлдор ва нест кардани маълумоти манъшуда, мусоидати маҷозӣ (виртуалӣ) барои содир намудани киберҷиноятҳо, истифодаи захираҳои интернетӣ бо мақсади паҳн кардани маълумот дар бораи усулҳои содир намудани ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ шудааст. (м. 285А, 286А, 287А, 287В). Дар баъзан давлатҳо бошад, ҷиноятҳое, ки бо истифода аз ТИК содир мешаванд, аз ҷумла қаллобии интернетӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқарар намудаанд. (Ҷумҳурии Молдова, ФР, Британияи Кабир, Испания, Белгия, Дания, Эстония ва ғ.).

8. Объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо**:** (барномаҳои зарраровар ва ҳамлаҳои DoS)-ро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ (муомилоти бехатари иттилооти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ), инчунин манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, молу мулк, дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ) ва ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) ташкил медиҳанд.

9. Асосонок карда мешавад, ки объектҳои ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ба гуруҳҳои зерин тақсим карда шавад:

– объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зарраровар ва ҳамлаҳои DoS)-ро, муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда дар соҳаи бехатарии таҳия, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК, ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот ташкил медиҳад.

– объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо вобаста ба хусусияти худ ҳамчун намуди киберҷиноятҳо фарогири ду объект мебошад:

а) объекти асосии ин ҷиноятҳо бевосита муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони иттилооти компютерӣ

ва танзимгарони системаҳои иттилоотиро дар соҳаи таҳия, коркард, соҳибӣ кардан, паҳн кардан, пешниҳод кардан, истифодаи иттилооти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, системаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ, системаҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин менамоянд.

б) объекти иловагии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

10. Аз баррасӣ ва таҳлили объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интеренти ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо бар меояд, ки кирдорҳои барои ҷамъият хавнок (баронмаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) на танҳо ба амнияти иттилоотӣ, балки ба муносибаҳои гуногуни ҷамъиятӣ зарар мерасонанд ва таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён меоранд. Қонунгузории ҷиноятии ватанӣ категорияи ҷинояти мазкурро дар боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» пешбинӣ намудааст ва бо дарназардошти дигар муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирифтани ин боб (кибертерроризм, киберэкстремизм, кибертаъқиб, мактуби фишигӣ ва ғ.) мувофиқи мақсад мешуморем, фасли нав дар КҶ ҶТ бо номи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» ворид карда шавад.

11. Ба фасли нави «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» бобҳои зеринро шомил мебошанд: ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (киберҷиноятҳои харобиовар); ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет ва захираҳои электронии иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ мессенҷерҳо ва дигар захираҳо) содир мешаванд; ҷиноятҳое, ки бо истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд; ҷиноятҳое, ки ҳаёт ва саломатиро дучори хатар мегузоранд; ҷиноятҳое, ки махфияти иттилоотро вайрон мекунанд аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба компютерҳо ё системаҳои компютерӣ бидуни расонидани зарар ба иттилоот.

12. Ба сифати субъекти ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)

равона гардидааст, дилхоҳ шахси воқеӣ ва мукаллаф шуда метавонад (яъне субъекти умумии ҷиноят), ки дар вақти содир кардани ҷиноят ба синни 14 расидааст. Шахсони синни 14-19-сола дар даврони муосир истифодабарандагони шабакаи «Интернет» ва соҳиби дастгоҳҳои компютерӣ (телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, ноутбукҳо, планшетҳо ва ғайра) буда, дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурии кор бо ТИК-ро доро мебошанд. Бинобар ин, онҳо барои иҷро намудани тарафи объективии таркиби ҷинояти баррасишаванда аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ имкон доранд. Зарур мешуморем, ки ба қисми 2-и моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (оид ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) бо таркиби ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 300 ва 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, илова ворид карда шавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна ҷиноятҳо аз синни 14-солагӣ муқаррар карда шавад.

13. Тарафи объективии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, маҷмуи аломатҳоеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои зоҳирии шахсро вобаста ба ҷамъоварии ғайриқонунии маълумот дар бораи шахси дигар, паҳн кардани маълумот дар доираи васеъ, ба таври оммавӣ ва ё дар воситаҳои ахбори омма намоиш додани маълумот, инчунин ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб ҳангоми истифода аз шабакаи интернет, ки расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидаро ба вуҷуд меорад ташкил медиҳад.

**Пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ:**

14. Аз тарафи муаллиф лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» пешниҳод карда шуда, дар он бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ муқаррароти умумӣ оид ба амали қонун, танзими давлатии амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ, таъмини амнияти киберӣ, ҳодисаҳои амнияти киберӣ, объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, дастгирӣ ва рушди таъмини амнияти киберӣ, ҳамкории

байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва дигар самтҳои муҳими танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шаванд.

15. Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мустаҳкам гардонидани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ чунин пешниҳодҳоро вобаста ба тағйиру иловаҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ зарур мешуморем.

Моддаи 298 (1) Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот барои истифода ба манфиати шахсӣ

1. Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ тавассути шабакаи интернет бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунии маълумот бо мақсади истифода ба манфиати шахсӣ, -

бо... ҷазо дода мешавад.

2. Ҳамин кирдор, агар боиси расонидани зарари калон гардида бошад, бо ... ҷазо дода мешавад.

3. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ва ё шахсе бо сӯистифода аз мақоми хизматиаш содир карда шудаанд, бо ... ҷазо дода мешавад.

4. Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ва сеюми ҳамин модда агар боиси оқибатҳои вазнин гардида бошанд ё хатари сар задани онҳоро ба миён оварда бошанд, пас бо ... ҷазо дода мешавад.

16. Зарур мешуморем, ки ба моддаи 300 Кодекси ҷиноятии ҶТ, қисми 2 дар таҳрири зерин илова карда шавад:

«Ҳамин кирдор агар:

в) бо мақсади авбошӣ содир шуда бошанд;

г) бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ содир шуда бошанд;

д) бо мақсади монеъ шудан ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ содир шуда бошанд»;

17. Пешниҳод карда мешавад, ки дар боби 28-и КҶ ҶТ моддаҳои нав, (моддаҳои 300 (1) ва 300 (2)) бо мазмуни зайл ворид карда шавад:

**Моддаи 300 (1) Ҳамлаи компютерии DoS**

1) Ҳамлаи компютерии DoS, таъсири ҳадафнок ба системаи ё шабакаи компютерӣ бо истифода аз барномаҳои зараровар, ки ба халалдор кардани фаъолияти он нигаронида шуда, дар натиҷа корбаронро аз имкони дастрасӣ ба манбаи электронии дархостшуда маҳрум мекунад,-

бо... ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 301 (2) Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ**

1) Ба таври оммавӣ ғайриқонунӣ паҳн кардани паёмҳои номатлуб, – фиристодани мактубҳои оммавии хусусияти таблиғотии эксремистӣ, террористӣ тавассути шабакаи интернетӣ ё бо роҳи истифодаи алоқаи телефонӣ, факс, радио, телефони мобилӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои интихоб ва (ё) занг задан ба рақами абонентӣ, -

бо … ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо созиши пешакӣ содир шуда бошад, -

бо... ҷазо дода мешавад.

3) Кирдори дар кисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ва ё бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

18. Бо мақсад мувофиқ аст, ки қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ бандҳои алоҳида ба таври зайл илова карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, инчунин аз ҷониби шахсе, ки ба компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

Ҳамзамон зарур аст, ки бо назардошти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва арзишҳои ахлоқию фарҳагӣ, моддаи 301 (3) ба КҶ ҶТ дар мазмуни зерин ворид карда шавад:

**Моддаи 301 (3). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ**

1) Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳагӣ мегардад, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

19. Асоснокии хулосаи муаллиф бо назардошти таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарурияти ворид намудани тағйирот ба қисми 2 моддаи 302 КҶ ҶТ-ро ба миён овард:

2) Ҳамин кирдор агар ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан, тайёр, паҳн кардан ва истифодаи намудҳои гуногуни таҷҳизот ва барномаҳоро, ки барои дигаргун кардани маълумоти идентификаторҳо истифода мешаванд, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

20. Пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**Моддаи 303. Ғайриқонунӣ таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ**

1) Таҳияи барномаҳои компютерӣ, ворид намудани тағйирот ба барномаи мавҷуда, бо мақсади ғайриқонунӣ нобуд кардан, муҳосира, тағйир додан, нусхабардорӣ намудан, истифодаи иттилооти дар ҳомили электронӣ нигоҳдошташаванда, ки дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, вайрон кардани кори компютер, дастгоҳи абонентӣ, барномаи компютерӣ, низоми

иттилоотӣ, ё шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ҳамчунин, қасдан истифода ва (ё) паҳн намудани чунин барномаҳо, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки агар бо расонидани зарари калон ба шаҳрвандон содир шуда бошанд, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар ба андозаи калон содир шуда бошанд, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисми якум ва дуюми ҳамин модда агар бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошанд, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки хулосаҳои назариявиро, ки дар натиҷаи таълифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст оварда шудаанд, метавон дар омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои назариявӣ ва амалии киберҷиноятҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳои хориҷ истифода бурд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузорӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи ҶТ) ва судҳо метавонанд истифода карда шаванд. Ғайр аз ин, ба мақсад мувофиқ аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот ҷиҳати мукаммалгардонии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, дар шароити ҷаҳонишавӣ истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти омӯзгорӣ барои таълими фанҳои таълимии «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ва «Криминология», ҳамзамон барои гузаронидани семинарҳо, конфронсҳо ва «мизҳои мудаввар»-и илмӣ ва корҳои амалӣ муфид хоҳанд буд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Асарҳои нашршудаи муаллифро омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи

кишавр аз ҷумла дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми хондани лексияҳо ва гузаронидани машғулиятҳои семинарӣ (амалӣ) бо донишҷӯён, магистрантҳо ва аспирантҳо, ҳангоми такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мебаранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмӣ 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст[50], мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита аз ҷониби муаллиф иҷро шудааст, дар доираи пажуҳиш мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шуда, тамоюлҳои нав ошкор карда шудаанд, падидаҳои нави ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо муайян гардида, роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами дар ин самт ҷойдошта дар доираи муқаррароти илмӣ нишон дода шудаанд, хулосаҳо ва пешниҳодҳо дар интишороти илмии муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ дарҷ гардидаанд. Инчунин вобаста ба масъалаи таҳқиқшаванда довталаб дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҷиҳати такмили донишҳои назариявӣ ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони мақомоти прокуратура санаҳои 22-31 августи соли 2022 дар се минтақа бо иштироки 68 прокуророни шаҳру ноҳияҳо ва прокуророни ба онҳо баробаркардашуда дар шаҳри

[50] Ниг.: Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, тахти №7 // Бюллетени Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №1-2 (21-22). – С. 82, 144.

Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон дар бораи натиҷаҳои таҳқиқот маълумот дода, хулосаҳои ҳуқуқии зарурӣ ва мушкилоту камбудиҳои ҷойдошта аз рӯйи таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ, истифодаи воситаҳои техникаи муосир, масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо, тартиб ва тарзу усули баамалбарории тафтишии ин намуди ҷиноятҳоро пешниҳод намудааст[51]. Муаллифи асарҳои зиёди илмию таълимӣ оид ба мавзуи интихобкардааш мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА-019 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳарсолаи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (амалӣ)-и устодон (ҳайати профессорону устодон) ва кормандони ДМТ (солҳои 2017-2023), инчунин хулосаву пешниҳодҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи «Проблемаҳои муқовимат бо ҷиноятҳои компютерӣ ҳамчун як шакли мушаххаси киберҷиноятҳо» (Душанбе, ДМТ, 9 декабри соли 2022);

– Конференсияи байналмилалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ» (Душанбе, ДМТ, 20-21 октябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров – маъруза дар мавзуи «Таҳдидҳои киберӣ: қаллобӣ дар фазои маҷозӣ»

[51] Ниг.: Мактуби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11.08.2022, таҳти №32/3-145.

(Душанбе, Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе, 27 октябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазъият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун субъектони муқовимат бо киберҷиноятҳо». (Душанбе, Академияи Вазорати корҳои дохилии ҶТ, 26 майи соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи «Интернет воситаи содиршавии кибертаъқиб» (Душанбе, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1-2 декабри соли 2023);

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Таҳлили таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии онҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ» (Душанбе, ДМТ, 9 декабри соли 2023).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Криминалистикаи муосир» – маъруза дар мавзуи «Нақши тафакурри сунъӣ дар раванди амалишавии фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 31 декабри соли 2021);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Сиёсати оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оид ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо» (Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 4 октябри соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Нақши мақомоти ҳифзи хуқуқ дар мубориза бо киберҷиноятҳо» (Душанбе, ДМТ, 6 октябри соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши Конститутсия дар амалишавии ҳадафҳои стратегии давлат» – маъруза дар мавзуи «Киберҷиноятҳо: таҳдидҳои асри XXI» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ» – маъруза дар мавзуи «Киберҷиноятҳо ҳамчун омили таҳдидкунанда ба амнияти ҷомеа» (Душанбе, Академияи ВКД ҶТ, 3 ноябри соли 2022);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» – маъруза дар мавзуи «Барномаҳои зараровар ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо: мафҳум ва намудҳои он» (Душанбе, ДМТ, 13 октябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муқовимат ба савдои одамон: Мушкилот ва мулоҳизаҳо» – маъруза дар мавзуи «Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ: воситаи содиршавии савдои одамон» (Душанбе, «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» 26 октябри соли 2023);

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маъруза дар мавзуи «Хакер: тавсифи криминологии он» (Душанбе, ДМТ, 1 ноябри соли 2023).

Муқаррароти алоҳидаи диссертатсия аз ҷониби муаллиф ҳангоми хондани лексия аз фанни таълимии «Асосҳои тафтиши киберҷиноятҳо» (барои муҳассилини ихтисоси санҷишии судӣ) дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон истифода шудаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти қонунгузории Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ, фаъолияти шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносии Маркази ҷумҳуриявии экпертизаи судӣ ва

криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 28 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор шудаанд. Ҳамчунин муаллифи 1 воситаи таълимӣ низ мебошад, ки масъалаҳои таҳлилшуда ба мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти довталаб зиёда аз 85 ҷузъи чопӣ мебошанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мавзуъ ва объектҳои таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсияро 480 саҳифа ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО

## 1.1. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо

Дар ҷаҳони муосир масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти ҳаётан муҳим, аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Тарзҳои ҳамасри барасмиятдароии маълумот тавассути технологияҳои муосир ва ба осони муяссар гардидани технологияҳои иттилооти шароит фароҳам овард, ки онҳо на фақат ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълимӣ, мумкин аст дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷамеа истифода шаванд. Ин раванд моро водор месозад, ки дар баробари омилҳои манфиатовари ин самт ҷанбаҳои манфӣ ва зараровари онро дар доираи қонунгузорӣ пешбинӣ намоем.

Ба таҳқиқи мавзуи киберҷиноятҳо, таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ва вирусҳои[52] компютерӣ омили асосии содиршавии киберҷиноятҳо олимони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд ва онро дар доираи корҳои илмӣ низ таҳқиқ намудаанд. Масъалаҳои назариявӣ ва методологияи муқовиамт бо киберҷиноятҳо таввасути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ содиршуда, вирусҳои компютерӣ омили асосии содиршавии киберҷиноятҳо инчунин усули иҷрои амалҳои муайяни тафтишотӣ диққати олимон Н.Ф. Ахраменка, В.Б. Вехов, С. Егоришев, В.В. Крилов, А.В. Остроушко, М.А. Простосердов, В.П. Хомколов, Н. Черкасов, Г.М. Шаповалова, Е.С. Шевченкоро ба худ ҷалб намудааст.

Таҳлили асарҳои олимони зикргардида аз инкишофи босуръати технологияи муосир шаҳодат медиҳад, ки афзоиши ҷинояткории муташаккил бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии (минбаъд ТИК)

---

[52] Соли 1983 Лен Эйделман бори аввал истилоҳи «вирус»-ро дар барномаҳои компютерӣ истифода бурд. «Вирусҳои компютерӣ» – ин як намуди барномае мебошанд, ки онҳо метавонанд якчанд нусха зич шаванд, барномаҳоеро, ки ба онҳо дохил гардидаанд, модификатсия (тағйир) намоянд ва бо ин роҳ фаъолияти муътадили онҳоро халалдор намоянд.

ва шабакаи интернетӣ, ки яке аз онҳо дар фазои маҷозӣ мебошад, хеле зиёд, гардидааст. Қисми зиёди соҳаҳои гуногунии мамлакат, аз ҷумла фаъолияти системаҳои молиявии ҷаҳон бештар ба коркарди электронии маълумот ва технологияҳои нави иттилоотӣ равона гардида, бо пешрафти технологияи муосир шумораи зиёди кишварҳо ба шабакаҳои иттилоотии электронии компютерии муосир ва интернет пайваст мешаванд. Ақидаи зикршуда далели равшани он мебошанд, ки афзоиши шумораи киберҷиноятҳо ва ҳаҷми зарари расонидашуда аз ҳисоби сатҳи баланди дорои донишҳои махсуси компютерии шахсони содиркунандаи ин ҷиноятҳо имконпазир гардид. Даҳсолаи охири асри XX рушди босуръати технология ва махсусан технологияҳои иттилоотӣ баён мегардад, ки ба низоми замони имрӯза ва равандҳои гуногун асар мегузорад. Дар замони муосир давлатҳои аз лиҳози соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ тараққи намуда фарқияти нисбатан муосир дар самти шуғли аҳолӣ ривоҷ ёфт, чунки айнизамон қисми барзиёди аҳолии қобили меҳнат ба самтҳое мувофиқ аст, ки мустақиман ба таҳия ва коркард намудани иттилоот машғуланд. Зеро ҳанӯз аз аввали солҳои 90-ум шумораи маблағҳое, ки аз ғайриқонунии ба даст овардани иттилоот ҷамъовари гардид, ба таври назаррас афзоиш ёфт. (масалан дар Япония 8 миллиард доллар, ИМА 30 миллиард долар)- ро ташкил дод.

Бояд қайд намоем, ки дастгоҳҳои ҳаммонанди компютер таърихи куҳан дорад ва аз маълумоти таърихӣ бармеояд, ки 3500 пеш аз милод дар Ҷопон, Чин ва Ҳиндустон коркардҳои илмии ба он монанд арзи ҳастӣ карда буданд. «Таҳқиқгарони германӣ В. Шикард соли 1623 нахустин маротиба системаи махсуси техникиро ки ба компютерро монанди дошт бо истифода аз силсилаи амалиётҳои арифметикӣ кашф намуд»[53]. Математики англис Чарлз Бэббич (1792-1871) аввалин шуда дарк намуд, ки агар мошин барои дар хотир нигоҳ доштани ададҳо ва иҷрои амалҳои оддии арифметикӣ тарҳрезӣ карда шавад, он метавонад барои ба таври худкор анҷом додани ҳисобҳои мураккаб

[53] Давлатзода, К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содишавии киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144

барномарезӣ истифода бурда шавад. «Дастгоҳи фарқгузор»-и ва «Мошини таҳлилӣ»-и ихтироъкардаи ӯ гарчанде, ки хотира надошт, метавонист вазифаҳои мураккабро дар нақшаҳо ҳисоб кунад, дастгоҳҳои мазкур аз сабаби оне, ки хеле барвақт пайдо шуда буд, бо пайдоиши наслҳои нави компютерҳои ҳозира рақобат карда метавонист, вале аз сабаби он ки барномасозон талаботи лоиҳаро иҷро дар он давра иҷро карда натавонистанд, коркарди он ба охир нарасид. Олим ва муҳандиси фаронсавӣ Ҷозеф Жаккар манфиатовар будани таҳияи барномаҳоро ҳануз солҳои 1752-1834 қайд намуда буд. Соли 1801 ба ӯ муяссар гардид, ки ҳамнавъи перфокартаҳои компютериро созад ва бо истифода аз таҷҳизоти оддитарини дорои абрешим аз он маълумоти заруриро ба даст орад. Ин дастгоҳ имкон дод, ки дар ҷараёни тайёр кардани матоъҳои махсус як қатор амалиётҳо такрор карда шаванд. Ҳамкорони Жаккар аз ин кашфиёти муҳандис дар ҳайрат афтоданд ва дар вуҷуди худ хавфи аз даст додани кори худро эҳсос намуданд. Ба ин хотир онҳо барои коркарди минбаъдаи чунин технология монеаҳои сунъӣ эҷод намуданд, ки онро метавон аз аввалин киберҷиноятҳо дар таърихи инсоният ҳисобид[54].

Соли 1988 Роберт Моррис (корманди илмии Донишгоҳи Корнелл) вирусӣ ARPAnet бо номи «кирмакон»[55] коркард намуд, ки он ба таври худкор нусхаҳои худро тавассути шабакаҳои иртиботӣ мефиристод. Ба ин восита Роберт Моррис таъсири нармафзори зарароварашро ба системаҳои бо нармафзори Unix OS фаъолияткунанда фаҳмидан мехост, ки дар натиҷа барномаи зарароварии мазкур зиёда аз 6000 компютери системаҳои иттилоотии гуногуни давлатӣ ва муассисаҳои олии касбиро, ки дар ARPAnet амал мекарданд, сироят намуда, нокора намуд. Барои ин амали зараровар Роберт Моррис аз Донишгоҳи Корнел хориҷ карда шуд ва бо қарори додгоҳ

[54] Ниг.: Варданян А.В., Никитина Е.В. Расследование преступлений в сфере высоких технологий и компьютерной информации. – М.: Юрлитинформ, 2007. – 312 с.

[55] «Кирмакон» – ин як намуди махсуси барномаҳои сохташудаи зарароваре мебошанд, ки онҳо хусусияти беохири зиёдшавиро аз рӯйи рамзҳояшон доранд ва метавонанд бо воситаи шабакаи компютерӣ, пинҳонӣ аз истиодабарандаи шабака бо истифодаи усулҳои гуногун ҳимояи шабакаро бартараф (рахна) намоянд.

3 сол шартан аз озодӣ маҳрум ва ба маблағи 10 000 доллари ИМА ҷарима карда шуд[56].

Баъдан таҳқиқотҳои зиёде вобаста ба ташаккули вирусҳои компютерӣ ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо миён омаданд. Бояд қайд намуд, ки асосҳои назариявии «вирусҳои компютерӣ»-ро профессори амрикоӣ Ҷон Фон Нейман, моҳи декабри соли 1949 дар Донишгоҳи Иллинойс (ИМА) таҳия кардааст[57].

Таҳлили адабиёти илмӣ[58], рушди бо суръати технологияҳои итилоотӣ-комуникатсионӣ ва ба як шакли муайян даромадани шабакаҳои интернетӣ асоснок намуд, ки «вирусҳои компютери ва ташаккули онро заминаи асосии содиргардидани киберҷиноятҳо» дар давраҳои маълум пайгири кунем:

Зиннаи якуми ташаккули вирусҳои компютерӣ ва инкишофи онро, заминаи асосии содиршавии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок даврае, ки вируси Creeper[59] (солҳои 1960-1970) дар шабакаи ҳарбии компютерии Амрико ARPANET (INTERNET) кашф шуд, оғоз ёфт. Барои нест кардани вируси мазкур аввалин барномаи антивирусии Reeper ихтироъ карда шуд. Таъиноти вируси ARPANET (INTERNET) дар он буд, ки вирусҳои зарароварро ошкор ва безарар намуда сипас ба таври дахлдор худ низ нобуд мегардид. Бинобар сабаби махфӣ будани он, аз ҷониби департаменти низомии ИМА, дар бораи ин ҳодиса то ҳол маълумоти дастрас ва боэътимод мавҷуд нест[60].

---

[56] Ниг.: История хакерства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //www.osp.ru/cw/2001/28-29/42777 (санаи муроҷиат: 25.12.2020).

[57] Ниг.: Максимов В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1998. – С. 65-75.

[58] Ниг.: Александров И., Мороз Д. История компьютерных вирусов / И. Александров, Д. Мороз // Системный администратор. – 2006. – №11 (48). – С. 86-90; Козлов Д.А., Парандовский А.А., Парандовский А.К. Энциклопедия компьютерных вирусов. – Москва: Издательство: СОЛОН-Р, 2010. – 464 с.; Максимов В.Ю. Асари зикршуда. – 169 с

[59] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Creeper (санаи муроҷиат: 25.12.2020).

[60] Ниг.: Малыковцев М.М. Уголовная ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 186 с.; Маслакова Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – 198 с.; Менжега М.М. Криминалистические проблемы расследования создания, использования и распространения вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2005. – 238 с.

«Қатъи назар аз вазъияти зикргардида, муҳаққиқони тахассусманд якумин пажуҳиши вирусҳои компютериро, ки василаи содиргардидани киберҷиноятҳо ифода мешаванд, ба сомон расонида, барномҳои махсуси муқобили вирусиро ихтироъ намудаанд»[61]. Дар ин марҳила яке аз аввалин киберҷиноятҳо дар ИМА, охири солҳои 70-ум содир шуда буд. Мушовири амнияти компютерии бонки Security Pacific National Bank Стэнли Рифкин, ки низоми бонкии Лос-Анҷелесро назорат мекард, рамзеро ифшо кард, ки тавассути барномаҳои махсуси компютерӣ ба суратҳисобаш 10 миллион долларро ворид кард. Содир гардидани ҷинояти мазкур диққати махсуси олимонро ба самти амнияти иттилоотӣ ва муқовимат киберҷиноятҳо ҷалб намуд[62]. Соли 1973 олимон ва коршиносонӣ Шветсия масъалаи мазкурро таҳқиқ намуда, бори аввал меъёрҳои мушахасро вобаста ба содир намудани киберҷиноятҳо муқаррар намудаанд, ки он барои таҳия ва паҳн кардани вирусҳо, ғайриқонунӣ ворид шудан ба системаи компютерӣ ва ворид кардани маълумоти бардурӯғ ба маълумоти компютерӣ, ки боиси тасарруфи маблағ, коғазҳои қиматнок, молу мулк, ғайриқонунӣ ҷамъ кардани маълумот мегардад, ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамуд[63].

«Ҷиҳати асоснокии андешаҳои зикргардида масъалаи муайяни зеринро қайд намудан мувофиқи мақсад мебошад: Чунончӣ ҳаҷми хисороте, ки дар интиҳои солҳои 70-ум ба бонкҳои аврупоӣ дар заминаи ҳамлаҳои киберӣ ба системаи компютерӣ анҷом ёфт, зиёда аз 10,2 м. долларро фаро мегирифт»[64].

Дар марҳилаи аввали ташаккули худ киберҷиноятҳо аз ҷониби доираи маҳдуди одамон содир карда шуда, дар натиҷаи таҳаввулоти барномарезӣ, киберҷинояткоронро ба миён овард. Сарчашмаҳои илмӣ аз он гувоҳи медиҳанд, ки нахустин хакерии сабтшуда дар интернет амали ҷиноятие мебошад, ки аз ҷониби як гурӯҳи ноболиғон бо номи «Гурӯҳи 414» ба амал

[61] Ниг.: Александров И., Мороз Д. История компьютерных вирусов / И. Александров, Д. Мороз // Системный администратор. – 2006. – №11 (48). – С. 87.
[62] Ниг.: Минаев В.А., Саблин В.Н. Основные проблемы борьбы с компьютерными преступлениями в России / В.А. Минаев, В.Н. Саблин // Экономика и производство. – 1999. – №4 (44). – С. 25-40.
[63] Ниг.: Зинина У.В. Международное сотрудничество в сфере борьбы с компьютерными преступлениями / У.В. Зинина // Право и безопасность. – 2005. – №3. – С. 14-17.
[64] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://en.wikipedia.org/wiki/Security_Pacific_Bank (санаи муроҷиат: 25.12.2020).

омадааст. Аз тарафи гурӯҳи мазкур дар давоми 240 соат зиёда аз 60 компютери шахсиро вайрон кард, ки дар байни онҳо компютерҳои лабораторияи давлатии Лос-Аламос, ки ба омӯзиши силоҳи ядрои машғул буд, ба қайд гирифта шудааст[65]. Содиршавии ҷинояти мазкур заминаи асосии таъсиси як марказе бо номи «CERT-маркази тадқиқотии амнияти интернетии» гардид, ки мақсади он таҳқиқи амиқи ҷиноятҳое, ки бо воситаи технологияҳои гуногун содир мегарданд ифода ёфтааст.

Дар асри XX бошад дар давлатҳои ғарбӣ намудҳои нави киберҷиноятҳо: қаллобии интернетӣ, тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ, зиёд ба қайд гирифта шуд. Чунончӣ, истифодаи технологияҳои гуногун ба киберҷинояткорон имкон дод, ки ба қалбаки намудани кортҳои пардохтӣ шуруъ намоянд ва хизматҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ, дастгоҳҳои иттилоотӣ бепул истифода намоянд. Яъне қарни XX заминаи асоси истифода гардидани технологияҳои гуногун барои анҷом додани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва ё ҳамчун восита, олоти содир намудании ҷиноят ифода мегардад.

Дар соли 1983 бошад зарар аз ҳамин гуна ҷиноятҳо дар самти тасаруфи маблағҳои бонкӣ дар Италия аз 20 миллиард лира гузашт. Нимсолаи дуюми солҳои 80-ум дар як қатор кишварҳои Аврупо хисороти ин навъ ҷиноятҳо нигаронкунанда ифода мегардад[66].

10 ноябри соли 1983 Фред Коэн, асосгузори вируси муосири компютерӣ, дар семинари амнияти компютерӣ дар Донишгоҳи Леҳи (ИМА) як барномаи вирусиро дар VAX 11/750 намоиш медиҳад, ки ин «вируси компютерӣ» метавонад ба дигар барномаҳо ворид шавад ва таъсири манфии худро ба технологияи компютерӣ расонад[67]. Таҳлили адабиёти илмӣ шаҳодат медиҳад, ки аввалин таҳаввулоти воқеан азими «вируси компютерӣ» дар Apple II рух

---

[65] Ниг.: История хакерства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //www.osp.ru/cw/2001/28-29/42777 (санаи мурочиат: 25.12.2020).

[66] Ниг.: Ниг.: Евдокимов К.Н. Противодействие компьютерной преступности: теория, законодательство, практика: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2021. – С. 168-177. Чунончӣ дар Олмон зарари яксолаи киберҷиноятҳо ба 4 миллиард марка, Фаронса 1 миллиард франк, Амрико ба 0,5 миллиард доллар мебошад

[67] Ниг.: 18 самых опасных компьютерных вирусов за все время [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.comss.ru/page.php?id=2853 (санаи мурочиат: 21.09.2022).

додааст[68]. Новобаста аз оне, ки Apple II системаи муҳофизавии заруриро доро буда, ба миқдори зиёд истеҳсол ва дастраси умум нагардида буд, аммо «вирусҳои компютерӣ» ба фаъолияти муътадили корӣ он халал ворид намудаанд.

Соли 1985 системаи электронии овоздиҳии Конгресси ИМА ба воситаи «вирусҳои компютерӣ» аз кор бароварда шуда, соли 1986 якумин ташаккули ҷаҳонии вирус ба компютерҳои бо IBM масуб рӯйи кор омад. Вируси Brain, ки ба секторҳои пурборкунандаи дискетҳо сироят мекунад, ки дар тӯли чанд моҳ тақрибан дар тамоми ҷаҳон паҳн шуда, зарари бузурги модди расонидааст[69]. Сабаби тез паҳн гардидани ин вирус ин комилан омода набудани ҷомеа ба муқовимат бо чунин падидае чун «вируси компютерӣ» буд, зеро ки барномаҳои зиддивирусӣ ҳанӯз дар марҳилаи таҳия вуҷуд доштанд ва корбарон, дар навбати худ, қоидаҳои оддии антивирусро риоя намекарданд.

«Бо вуҷуди таҳқиқотҳои зиёд ва кушишу талошҳои амалии мақомоту ташкилотҳои махсусгардонидашуда дар ин самт, проблемаҳои «вирусҳои компютерӣ» заминаи содиршавии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ба таври дахлдор таҳқиқ нагардидааст. Ҳолати мазкур дар заминаи пайдоиши шабакаи ҷаҳонии Интернет, ба ихтироъкорони онҳо, ҷиҳати фарох намудани барномаҳои зараррасон шароити мусоид фароҳам овард, чунончӣ дар натиҷаи паҳн гардидани вируси MyDoom, ба воситаи почтаи электронӣ 10-ҳо миллион компютерҳои сайёра, бахусус марказҳои ҳисоббарории Пентагон, Парлумони Британиёро, ба якчанд миллиард доллар зарар расонид»[70].

«Таҳқиқотҳои илми асоснок намуд, ки марҳилаи ташаккули киберҷиноятҳо дар қаламрави собиқ ИҶШС бошад, аз соли 1979 шуруъ мегардад, зеро маҳз дар ин сол дар кишвари Вилнюс тасарруфи пинҳонии

[68] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содишавии киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022 – №4 (22). – С. 138-144.
[69] Ниг.: Евдокимов К.Н. Противодействие компьютерной преступности: теория, законодательство, практика: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2021. – С. 170-179.
[70] Ниг.: Максимов В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1998. – С. 65-75.

78.584 рубл ба қайд гирифта шуда, он ба номгӯйи байналмилалии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дохил гардид»[71].

Шуруъ аз 1979 содиршавии «киберҷиноятҳо ба маротиб афзуда соли 1981 аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Беларус, Ленинград Санкт-Петербурги Федератсияи Россия дар шакли таҳия ва паҳн намудани барономаҳои зараровар ба қайд гирифта шуд»[72].

Дар ин замина аз соли 1991 тасарруфи иттилооти компютерӣ дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар самтҳои гуногуни иқтисоди, дастгоҳҳои иттилоотрасон ва назорати тамоюлҳои истеҳсолӣ дар асоси барномаҳо ва воситаҳои гуногуни техникии электронӣ, ба пурраги истифода гардида, ҳатто мақомотҳои таҳқиқи ибтидоӣ, ки дар ихтиёри онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ дар самти киберҷноятҳо буданд, дар тафтиш ва ошкор кардани субъектони содиркунандаи онҳо мушкили доштаанд. Алалхусус, дар самти клласификатсияи киберҷиноятҳо таъини экспертизаи судӣ баҳсталаб ва ҳатто норавшан мемонд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти марҳилаи аввали пайдоиши вирусҳои компютерӣ ҳачун омили асосии содиршавии киберҷиноятҳо, имкони хулосабарори менамояд, ки дар як қатор кишварҳои ғарбӣ чунин навъҳои киберҷиноятҳо, аз қабили қаллобии компютерӣ (дар замони муосир қаллобӣ дар интернет) ва тамаъҷӯии компютерӣ (дар шароити рушди босруъати ТИК тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ бо таҳдиди ифшои маълумотҳои бадномкунанда), ба истилоҳ ҳифзи таҳмилӣ аз системаҳои компютерӣ ривоҷ ёфта дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, солҳои 1979-1991 ва дар кишварҳои ғарб ИМА, охири солҳои 70-ум аввалин киберҷиноятҳо ба қайд гирифта шуда буд, ки аз ин навъи ҷиноят зарари бузурги моддиро аслан ташкилотҳои қарздиҳию молиявӣ дида буданд.

[71] Ниг.: Волчек Е.З. НТР: проблемы и решения / Е.З. Волчек // Вестник БГЭУ. – 1994. – №1. – С. 69-79.
[72] Ниг.: Русскевич Е.А. Понятие вредоносной компьютерной программы / Е.А. Русскевич // Актуальные проблемы российского права. – 2018. – №11 (96). – С. 207-215; Усманов Р.А. Вопросы квалификации преступлений, связанных с созданием, распространением или использованием вредоносных компьютерных программ / Р.А. Усманов // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2018. – №3 (21). – С. 88-93.

«Даври навбатии (дуюм) ташаккули вирусҳои компютерӣ солҳои 1980-1992-ро фаро мегирад. Давоми солҳои зикргардида вирусҳои компютерие таҳия мешаванд, ки барои кор дар компютерҳои MS-DOS мувофиқ гардонида шуда, зарари вирусҳои зикргардида ба воситаи дискетҳо ба маълумоти дар компютер мавҷуд буда аҷом дода мешуд»[73].

«Соли 1986 бошад мушкилоти байналмилаии таҳаввулоти вируси Brain ба компютерҳои шахсӣ ба қайд гирифта шуд. Вируси мазкур зарари худро тавассути шабакаҳои пурборкунандаи фиттаҳо (дискетҳо) анҷом медодааст. Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки худи ҳамон сол боз чанд вирусҳои дигар барои IBM-PC таҳти унвони MS-DOS новобаста аз якдигар пайдо шуданд. Чунончӣ, якчанд вирусҳои пурборкунанда дар ин замина (Йел дар ИМА, Stoned дар Зеландияи Нав ва PingPong дар Италия) инкишоф ёфтаанд»[74].

Моҳи ноябри соли 1988 «вируси компютери»-и Morris Worm ба беш аз 6000 системаи компютерӣ дар ИМА, аз ҷумла ба компютерҳои маркази таҳқиқотии NASA, зарар расонид. Вируси компютерии мазкур нусхаҳои худро тавассути шабакаи интернетӣ ба компютерҳои дигар фиристонида, онҳоро ҷиҳати иҷроиш ба кор андохта, ба ин васила захираҳои шабакавиро тобеъ менамояд, ки дар натиҷа кори тамоми шабакаҳои ARPANET-ро амалан фалаҷ менамояд. Таҳқиқотҳо дар ин самт муайян намуд, ки вируси мазкур барои зарар расонидан, осебпазирии амниятии системаи амалиётии UNIX-ро барои платформаҳои системаҳои VAX ва Sun Micro истифода бурдааст. Зарари умумӣ аз ин вирус беш аз 96 миллион долларро ташкил додааст[75].

Бояд тазакур дод, ки дар давоми ин солҳо (1986-1988) дар фаъолияти муътадили датгоҳҳои компютерии на фақат кишварҳои Аврпои, ҳатто дар

[73] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содишавии киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022 – №4 (22). – С. 138-144.
[74] Ниг.: Александров И., Мороз Д. История компьютерных вирусов / И. Александров, Д. Мороз // Системный администратор. – 2006. – №11 (48). – С. 88.
[75] Ниг.: Максимов В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1998. – С. 65

собиқ Иттиҳоди Шуравӣ низ барномаҳои зараровар ба қайд гирифта шудаанд[76].

Аз ин лиҳоз марҳилаи дуюми таҳаввулоти «вирусҳои компютерӣ» на танҳо боиси пайдоиш ва сабаби содир гардидани навъҳои нави киберҷиноятҳо балки асоси ташаккули ҷиноятҳое гардид, ки шабакаи интернетро ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS) эътироф мекарданд, ки онҳоро ҷиҳати иҷроиш ба кор андохта, ба ин васила захираҳои шабакавӣ тобеъи киберҷинояткорон гардида таҳдид ба амнияти иттилоотиро дахчанд менамояд.

Давраи 3-юми сеюми дигаргуниҳои «вирусҳои компютерӣ» ба ташаккули шабакаи иттиллоотию коммуникатсионии электронии интернет, вобаста мебошад. Таҳқиқотҳо асоснок намуданд, ки фарқияти асосии ин давра аз давраҳои болозикр дар он аст, ки дар давраи сеюм барномаҳои зараровaре ихтироъ гардидаанд, ки на танҳо раванди кори компютерҳоро халалдор месохт, балки ба фаъолияти муътадили насли нави телефони мобилӣ зарар мерасонд.

Яъне ин давра, ба мушкилоти ҷаҳонишавии технолгияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ шинохта мешавад, ки дар солҳои охир кураи заминро ба проблемаҳои гуногун гирифтор намудааст[77].

Таҳқиқи давраи 3-юми дигаргуниҳои «вирусҳои компютерӣ», асоснок менамояд, ки равшан созем вирусҳои компютериро киберҷинояткорон мустақиман барои дастгоҳҳои муосири амалиётӣ, замимаи смартфонҳо ва барномаи махсусгардонидашудае, ки дар бозори  технологияҳои иттилоот

---

[76] Ниг.: Безруков Н.Н. Компьютерная вирусология. Часть 1: Общие принципы функционирования, классификация и каталог наиболее распространенных вирусов в операционной системе MS DOS. – Киев, 1990. – 450 с. Масалан, дар моҳи августи соли 1988 аввалин вируси компютерии С-648 дар лабораторияи Институти системаҳои барномавӣ (Переславл-Залесский) кашф карда шуд, ки ҳангоми ба кор андохтани баъзе барномаҳои зарардида боиси азнавборкунии системаи амалиётии MS-DOS гардид. Дар аввали соли 1989 дар СССР вируси RC-1701 кашф карда шуд, ки вируси дуюмест, ки ба СССР, тахминан тавасути Аврупои Ғарбӣ ворид гардидааст. Ин давраи таҳаввулоти «вирусҳои компютерӣ», бо проблемаҳои ҷаҳонишавии дастгоҳҳои компютерӣ тавсиф мешавад, ки ҳамасола ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилотҳои барзиёд рӯ ба рӯ менамояд, аз ҷумла: CIH (Чернобил), Марбург, ДеТрой (1998), Happy 99, Melissa, Zipped Files (1999), Курникова, Code Red (2001), Сиркон, Лентин, Танатос (BugBear), Opasoft (2002), Slammer, Lovesan (инчунин бо номи Blaster, MSBlast маълум аст), Аврон, Думару, Ророн, Собер, Свен, Велчиа ( 2003), Bagle, Doomjuice, NetSky, Sasser (2004)

[77] Ниг.: Александров И., Мороз Д. История компьютерных вирусов / И. Александров, Д. Мороз // Системный администратор. – 2006. – №11 (48). – С. 88.

равшан гардидаанду маълуманд, пайгири намудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки инкишофи вирусҳо ба технологияҳои гуногуни иттилоотии электронӣ ва иттилооте, ки дар хотираи компютер нигаҳдори мегардад таъсири манфии ҷидди ворид менамояд. Чунончӣ «харобиовартарин зарари вируси I LOVE YOU доираи понздаҳ м.д. фаро гирифта, ҳамчун вируси компютерии харобиовар дар китоби рекордҳои Гиннес ба қайд гирифта шудааст»[78].

Албатта вирусҳои компютерӣ ва ҳаҷми хисороти расонидашудаи онҳо дар ҷаҳон миллиардҳо доларро ташкил дода, боиси пайдо гардидани мушкилотҳои гуногуни техникӣ, аз кор боз мондани хизматрасониҳои интернетӣ ва халалдор намудани фаъолияти муътадили бонкаматҳо мегардад, зеро ба воситаи онҳо логину рамзҳо ва тасарруфи маблағҳо, ҳатто роҳандози мегардад[79].

Дар заминаи марҳилаи мазкур Кумитаи вазирони Шурои Аврупо дар якҷоягӣ бо Кумитаи навтаъсиси коршиносон оид ба муқовимат бо ҷиноятгорӣ дар фазои маҷозӣ, таҳаввулоти «вирусҳои компютерӣ» ва содир гардидани шумораи барзиёди киберҷиноятҳоро таҳлил намуда, ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо киберҷиноятҳо, 18 марти соли 2004 «Конвенсия дар бораи киберҷиноят»-ро ба муҳокимаи Кумитаи вазирони Шурои Аврупо гузошта, дар натиҷаи муҳокимаҳои тӯлони конвенсияи мазкур аз 1 июли соли 2004, эътибори расмӣ пайдо намуд[80].

Таҳқиқи марҳилаи баррасигардида маълум намуд, ки дар ҳамин давра вирусҳое пайдо шуданд, ки дар баробари фаъолияти муътадили компютерҳоро халалдор сохтан, ҳатто ба рушди технологияҳои муосир иттилоотии электронӣ, хизматрасониҳои моҳворавию алоқавиро низ

---

[78] Ниг.: The Hidden Costs of Cybercrime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mcafee.com/enterprise/en-us/assets/reports/rp-hidden-costs-of-cybercrime.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2021).

[79] Масалан, вируси Slammer ним миллион ерверро дар саросари ҷаҳон нобут кард ва Кореяи Ҷанубиро дар тули 12 соат аз интернет ҷудо кард ва кори 13 000 банкомати Bank of America-ро қатъ намуд. Аз ин бармеояд, ки теъдоди вирусҳои компютерӣ ва барномаҳои зараровар, ки барои дуздии маблағҳо, логинҳо ва рамзҳо (паролҳо) тавассути Интернет ва дигар амалҳое, ки ба корбарони компютер зарари молу мулки мерасонанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Ҳамин тариқ, тибқи маълумоти Лабораторияи Касперский, дар тули 15 сол (аз соли 1992 то 2007) тақрибан 2 миллион «вируси компютерӣ» ошкор гардидааст.

[80] Ниг.: Отчет «Лаборатории Касперского» за 2009 год [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.Securelist.com/ru/analysis/208050608/Kaspersky_Security_Bulletm_2009_Razvitie_ugroz_v_2009_godu (санаи муроҷиат: 10.08.2022).

халалдор намуда, ҷиҳати тасарруфи пулҳо (маблағҳо) бо истифодаи технологияи электронӣ зарари молу мулки мерасонанд равона гардидаанд.

Зиннаи 4-уми дигаргуниҳои «вирусҳои компютерӣ», солҳои 2006-2007 ки давраи муосир ифода мегардад фаро мегирад. Дар заминаи дигаргуниҳои шумораи «вирусҳои компютерӣ» 100 миллион ба шумор меравад. Онҳо аллакай дар тамоми штаммҳо, аз ҷумла ба фазои маҷозӣ партофта шудаанд. Дар ҳоле ки дар тӯли 15 сол (аз соли 1992 то 2007) лабораторияи Касперский тақрибан ду миллион барномаи нави зараровар ва вирусҳои компютериро таҳқиқ карда бошад, ин шумора дар соли 2020, 33 412 568 вируси компютерӣ ташкил дод[81].

Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки курраи заминро дигаргуниҳои аз ин дида харобиовари вирусҳои компютерӣ ва барномаҳои зараровар таҳдид менамояд, ки шумораи онҳо ба миллиардҳо барномаҳои компютерӣ бетаъсир намебошад (чунончӣ, Virut.ce, Sohanad, TDSS.z). Мувофиқи маълумоти McAfee, хисороти вируси Conficker ба шабакаи интернетӣ 9,1 миллиард доллар арзёбӣ мешавад, ки пас аз зарари почтаи электронӣ ба мисли MyDoom (38 миллиард доллар) ва I LOVE YOU (15 миллиард доллар) дар ҷойи дуюм аст[82].

Рушди технологияҳои иттилооти дар замони муосир бахусус соли 2017 ташаккули ҷаҳонии вирусҳои гуногуни компютерӣ эътироф мегардад[83]. Дар заминаи солҳои 2017-2020, ихтироъкорони вирус диққати бештари худро ба

---

[81] Ниг.: Kaspersky Security Bulletin 2020. Статистика [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://securehst.ru/kaspersky-security-bulletm-2020- statistics/99505/ (санаи муроҷиат: 17.10.2021). Масалан дар соли 2008 аллакай 15 миллион ва дар соли 2009 шумораи барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ дар коллексияи лабораторияи Касперский ба 33 миллион расид. Айни замон танҳо дар соли 2020 лабораторияи Касперский 33 412 568 вируси нави компютериро ошкор кардааст. Дар баробари ин, вирусҳои компютерӣ аз ҷиҳати сохтор рӯз то рӯз мураккабтар шуда, вазифаҳои онҳо гуногунтар мешаванд.

[82] Ниг.: The Hidden Costs of Cybercrime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mcafee.com/enterprise/en-us/assets/reports/rp-hidden-costs-of-cybercrime.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2021).

[83] Аз 12 майи соли 2017 то 6 июни соли 2017 дар беш аз 150 кишвари ҷаҳон беш аз 520 000 компютер ва 200 000 суроғаҳои IP зарар дида, ба суратҳисобҳои махсуси киберҷинояткорон тақрибан 126 742 доллари ИМА интиқол дода шудааст. Зарари умумии чаҳор рӯзи аввали таҳаввулоти вирусҳои компютериро коршиносони амрикой 1 миллиард доллар арзёбӣ кардаанд.

асъори байналмилаии электронӣ равона намуда, бо тасарруфи минбаъдаи иттилоот аз дастгоҳҳои электронии касб кардаанд [84].

Ҷиҳати хосси дигаргуниҳои зиннаи 4-уми вирусҳои компютерӣ дар он ифода мегардад, ки бо назардошти рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ( минбаъд ТИК) ва дастрасии он ба қишрҳои гуногуни ҷомеаи ҷаҳонӣ барномаҳои зараровар на фақат аз тарафи нафароне, ки ба воситаи ТИК ҷиноят содир менамоянд, ҳамзамон аъзоёни ташкилоту созмонҳои ҷосусии хориҷӣ низ, ҷиҳати хотима додани ҳамлаҳои киберӣ, ба сифати «яроқи иттилоотӣ» дар самти хориҷ намудани объектҳои муҳими иттилоотию-электронӣ ва энергетикю-молиявӣ (чунончӣ Sputnik, Backdoor. Regin ва ғайра) истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқоти зербоби мазкур ба муаллиф имкон медиҳанд, ки чунин хулосаҳои илмӣ намоянд.

1. Таҳаввулоти вирусҳои компютериро ҳачун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо» метавон ба чунин марҳилаҳо ҷудо намоем:

– Ташаккулёбии якумин «вирусҳои компютерӣ», ба солҳои 1970-аввали солҳои 1980 ифода ёфтааст;

– Давраи дигар нимсолаи солҳои 1980-1992, яъне пеш аз ташаккули технологияи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ. Давраи ташаккули «вирусҳои классикӣ», дар дастгоҳии системавии MS-DOS;

– аввали соли 1992 – ибтидои солҳои 2000-ум. Марҳилаи пайдоиши навъҳои гуногуни вирусҳои компютерӣ, ки тавассути Интернет паҳн шуда, зарари бузурги моддӣ меоварданд.

– марҳилаи муосир, (аввали солҳои 2000 – то кунун). Пайдоиши босуръати намудҳои гуногуни вирусҳои компютерӣ ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дигар технологияҳои муосир бо мақсади содир намудани киберҷиноятҳо.

---

[84] Ниг.: Kaspersky Security Bulletin 2020: Киберугрозы для промышленных предприятий в 2021 году [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://securelist.ru/ics-threat-predictions-for-2021/99417/ (санаи муроҷиат: 22.08.2022). Аз ҷумла (Coinhive, JS. BtcMine, Linux.BtcMine.174, PowerGhost, Trojan.Win64.Miner.all, Trojan-Ransom.Win32. Rahni, Trojan.BtcMine.2869, VBS.BtcMine ва ғ.) истифода мебаранд

2. Афзоиши босурати шумораи «вирусҳои компютерӣ» давоми понздаҳ сол тахминан ба ду миллион шуморо баробар гардида, давоми солҳои 2008-2022, аллакай 33 412 568 «вирусҳои компютерӣ» маълум гардидааст. Дар баробари ин, барномаҳои вирусҳои компютерӣ мураккабтар ва ихтироъкорӣ шудаистодаанд, ки ба эҷоди «ноаёнӣ» ва нобудсозии минбаъдаи онҳо бо мақсади пинҳон кардани пайҳои ҷиноят (масалан, барномаи ҷосусии Flame, пас аз пурра ҷойгир кардани функсияи он дар компютер, 20 мегабайт буд) нигаронида шудаанд.

3. «Дар замони рушди босуръати технолгияҳои иттилоотию коммуникатсионии вирусҳои гуногуни компютерӣ[85] ва дигар барномаҳои зараровар аз тарафи ҷинояткороне, ки бо истифодаи ТИК ҷиноят содир менамоянд, дар самтҳои мухталиф омода гардида, мисли «силоҳи киберӣ» татбиқ шудааст. Яъне, вирусҳои гуногуни компютерӣ ва дигар барномаҳои зараровар таҳдиди воқеи ба амнияти миллию байналмилалӣ ифода гардида, содир гардидани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок асари мутақобилаи киберҷиноятҳоро бо ҷиноятҳо бар зидди сулҳу амният муайян мекунад».

4. Коркард ва таҳаввулоти минбаъдаи «вирусҳои компютерӣ» ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок оварда мерасонад, ки шумораи содиршавии киберҷиноятҳо дар сатҳҳои гуногун зиёд гардида, аз идора намудани системаи назоратии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҷомеа берун мешавад ва ба вайроншавии минбаъдаи иттилоот ва коммуникатсия оварда мерасонад. Барои ҷамъият хавфноки дар ҳолати мазкур, ҳолате мебошад, ки система ва шабакаҳои алоқа ва дастгоҳҳои компютерӣ хисороти ҷиддии моддӣ мебинанд, аз кор боз мондани корхонаҳои саноатии ба таври ТИК назоратшавандаро ба бор оварда, заминаи ба миён омадани оқибатҳои гуногуни барои ҷамъият хавфнок мегарданд.

5. Таҳаввулоти «барномаҳои зикргардида», метавонад боиси нобудшавии барномаҳо, маҳдуд гардидани низоми алоқа, бекоршавии

[85] Аз ҷумла Stuxnet, Duqu, Wiper, Flame, Gauss, Shamoon, Regin ва дигар «вирусҳои компютерӣ» аз ҷониби киберҷинояткорон омода гардида, дар сатҳҳои гуногун аллакай таҳия шуда, ҳамчун «силоҳи киберӣ» истифода мешаванд

низоми додаҳо, фарсудашавии низоми шабакавӣ, муқобили қонунгузорӣ ҷамъоварии иттилоотӣ шахсӣ, тамаъҷӯйи киберӣ, қаллобӣ дар интернет ва бастани кори корбарон мебошад.

6. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ то он даврае, ки ТИК ташаккул меёбад, таҳдидҳои гуногуни киберӣ давом меёбад, бо ин мақсад мувофиқ мақсад мешуморем, ки  субъектони таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ, ихтисосмандони соҳаи амнияти иттилоотию коммуникатсионии электронӣ, чунин таҳдидҳои муосир ва қисман идоранашавандаро таҳқиқ карда, чораҳои илмию-техникӣ, молиявию-иқтисодӣ, таҳияи стандартҳои умумии ҳатмии байналмилалӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи муомилоти бехатарии иттилооти компютериро таҳия намоянд.

## 1.2. Мафҳуми киберҷиноятҳо

Таърихи даҳсолаҳои охир дар муқоиса бо дигар намудҳои ҷиноятҳои фаромиллӣ, аз афзоиш ёфтани киберҷиноятҳо ва содиршавии онҳо бо истифодаи шабакаи интернет шаҳодат медиҳад. Мавриди зикри хос аст, ки заминаи глобализатсияи, самти иттилоот ва технологияи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ на фақат заминаи васеи ҳамкориҳои миллию байналхалқи, сонияи замина асосии муқобилият ва таҳдидҳои мухталифи киберӣ ва воситаи анҷом ёфтани зуровариҳои маҷозӣ мегардад, ки аз афзоиши эҳтимолии фаъолияти терроризми байналмилалӣ ва содиршавии он дар фазои маҷозӣ шаҳодат медиҳад.

Дар замони муосир ТИК дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ҷорӣ шуда, ба манфиат ва такмили кори соҳаҳои ҳаётан муҳим амал мекунанд. Чунин технологияҳо ба тарзи зиндагӣ, таҳсил ва кори одамон таъсири мусбӣ мерасонанд. Технологияҳои иттилоотӣ барои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аҳамияти ҳаётан муҳим пайдо кардаанд. Сарфи назар аз бартариҳои зиёди ТИК–и муосир, онҳо шароити наверо фароҳам овардаанд, ки ба содир намудани ҷиноятҳо дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Даромад аз содиршавии ҷиноят бо востаи ТИК дар

ҷаҳон, пас аз даромад, аз тиҷорати маводи мухаддир ва силоҳ дар ҷойи сеюм қарор дорад[86]. Ин ба пайдоиши як намуди нави фаъолияти ҷиноятӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки дар марҳалаи ҳозира ба сатҳи хеле баланд расидааст, имконияти мусоид фароҳам меорад.

Рушди технологияҳои нав ба ҷомеа таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавии соҳаҳои гуногун, ҳаётро бидуни компютер, интернет, алоқаи рақамӣ тасаввур кардан душвор аст. Ба таври васеъ ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсири калон расонда, ба инсоният имкониятҳои навро фароҳам меоварад. Аммо, дар баробари ин, ба истилоҳ иттилоотсозӣ як қатор пайомадҳои навро низ ба бор меорад. Ҳамин тавр, дар баробари ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ табодули ҷинояткорӣ ба амал омада, гузариши он ба фазои маҷозӣ мушоҳида мешавад. Лозим ба ёдоварист, ки сарфи назар аз теъдоди нисбатан зиёди нашрияҳои илмӣ, дар самти киберҷиноятҳо, ки кирдорҳои нисбатан нави барои ҷамъият хавнок пешбини мегарданд, ҳанӯз ҳам ба омӯзиши иловагӣ ниёз доранд.

Қобили зикр аст, ки рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои маҷозӣ пайдоиши доимии киберҷиноятро асоснок намуда, зарурати таваҷҷуҳи махсусро ба ин самт ҳам аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷомеаи илмӣ тақозо мекунад. Дар замони ҳозир киберҷиноятҳо як мушкилоти глобалӣ ба ҳисоб рафта, метавон афзоиши босуръати ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар тамоми бахшҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ қайд намуд. Дар баробари ин бояд тазакур дод, ки дар аксарияти ҳолатҳо ҷабрдидагони ин ҷиноятҳо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд[87].

Миёнаҳои солҳои 70-ум дар Олмон ислоҳоти ҷиддии қонунгузории ҷиноятӣ гузаронида шуд, ки тибқи он ба мақсад мувофиқ будани мураттаб

---

[86] Ниг.: Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности / Р.Р. Гайфутдинов // Вопросы российского и международного права. – 2017. – №4 А. – Т. 7. – С. 245-256.
[87] Ниг.: Лакомов А.С. Киберпреступность: современные тенденции / А.С. Лакомов // Академическая мысль. – 2019. – №2 (7). – С. 53-56.

сохтани қонунгузории ҷиноятӣ нисбат ба кирдорҳои ҷиноятӣ дар соҳаи истифодаи компютер ҳамчун воситаи содиршавии ҷиноят муҳокима шуд. «Ислоҳоти қонунгузорӣ ва пажуҳишҳои илмию амалӣ заминаи асосии итишори қонунгузории дуюми бундестаг ҷиҳати мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодӣро хотима гузошт, ки дар натиҷа ба қонунгузории ҷиноятии Германия 7 меъёри муосири дар баргирандаи тавсифи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок илова гардид»[88].

Маврид ба зикри хос аст, ки мафҳуми ҳуқуқии «киберҷиноятҳо» бори аввал соли 1978 дар қонунгузории ИМА муқаррар карда шудааст, ки мазмуни зеринро дошт, «дастрасии ғайриқонунӣ ё ғайриқонунӣ ҷамъ намудани иттилоот дар бораи ҳаёти шахсӣ таввасути барномаҳои махсуси компютерӣ»[89], ҳамчун ҷиноят эътироф мешуд. Ҳамзамон, бояд қайд намоем, ки таърифи аввалини «киберҷиноятҳо» танҳо соли 1983 дар Париж аз тарафи дастаи ихтисосмандони СҲИР-и СММ ба мазмуни зерин таърифгузори гардид: «киберҷиноятҳо-кирдори зиддиҷамъиятӣ, ғайриахлоқӣ ё беиҷозат ҷиҳати асар гузоштан ба барасмиятдарории электронии пойгоҳҳо ва (ё) интиқоли иттилоот мебошад»[90]. Мафҳуми аз ҷониби муҳақиқону коршиносони СММ овардашуда пас аз мафҳуме, ки дар қонунгузории ИМА (соли 1978) пешбини гардидааст, дуюмин таърифи ин ҷиноят ифода гардида, албатта пурра мафҳуми киберҷиноятҳоро иникос намекунад, зеро ин кирдори барои ҷамъият хавфнок на танҳо дастрасии ғайриқонунӣ ё ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот дар бораи ҳаёти шахсӣ таввасути барномаҳои махсуси компютерӣ ё беиҷозат таъсир расонидан ба коркарди автоматии додаҳо ва (ё) интиқоли маълумотро фарогир мебошад, балки он тавассути ТИК ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо содир шуда зарарҳои гуногуни моддию маънавӣ мерасонад.

---

[88] Ниг.: Волеводз А.Г. Правовые основы новых направлений международного сотрудничества в сфере уголовного процесса: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2002. – 462 с.
[89] Глухова А.А. Новейшие способы совершение киберпреступлений как угроза экономической безопасность России / А.А. Глухова // Вестник Нижегородской академии МВД России. – 2009. – №1 (10). – С. 156-161.
[90] Вехов В.Б., Голубев В.А. Расследование компьютерных преступлений в странах СНГ: монография / Под ред. проф. Б.П. Смагоринского. – Волгоград: ВА МВД России, 2004. – С. 256-273.

Дар ин мавврид ба аломати фарогири хусусиятҳои ҷазои ҷиноятии кирдор ва дар қонуни ҷиноятӣ манъ кардани он бояд бештар диққат бод дод, зеро дар даврони муосир ҳангоми таҳияи қонунгузорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо чи дар миқёси байналмилалӣ ва чи дар миқёси миллӣ ин аломати таркиби дар таърифи киберҷиноятҳо ба инобат гирифта нашудааст. Ин омил сабабҳои зиёд дорад. Киберҷиноятҳо хусусити фаромарзӣ доранд ва коршиносон онро аз масъалаҳои мубрами ҳалталаб ҳисобидаанд. Масалан, дар Аргентина қонунгузории махсус дар бораи киберҷиноятҳо вуҷуд надорад. Агар шахсе дар Белгия тавассути системаи компютерӣ ба маълумоти ширкатҳои тиҷоратии ин кишвар дастрасии ғайриқонунӣ пайдо кунад, дастрасии беиҷозат ба системаи компютерӣ тибқи моддаи 550 (б)-и Кодекси ҷиноятии ин кишвар оё ҷиноят ҳисобида мешавад? Тибқи қонунгузории Белгия ва мувофиқи Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба ммуқовимат бо киберҷиноятҳо ин амал ҷиноят ба шумор рафта, аммо тибқи қонунгузории ҷиноятии Аргентина ин амал ҷиноят ба шумор намеравад[91].

Кирдори мазкур бо вуҷуди он ки тибқи қонунгузории ҷиноятии Аргентина ягон аломати манъи ин амал аз дар қонунгузории ҷиноятӣ вуҷуд надорад, вале дар кишварҳои дигар киберчиноят эътироф мегардад. Аз нуқтаи назари қонунгузории Аргентина таъсири манфӣ ба системаҳои компютерӣ ва дастрасии ғайриқонуни ба маълумот ҷиноят нест. Аммо мо вобаста ба хусусиятҳояи киберҷинояткорӣ ин амалро ҳамчун киберҷиноят тасниф хоҳем кард. Таснифи аломати ҳатмии киберҷиноятҳо дар қонунгузории миллии ақаллан як кишвар, ки ба кирдори содиршуда алоқаманд аст, ба инобат бояд гирифт, зеро дар айни замон бо сабабҳои гуногун дар қонунгузории миллии як қатор кишварҳо қоидаҳои махсус оид ба муқовимта бо киберҷиноятҳо вуҷуд надошта, он тамоми кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро дар ин соҳа фаро мегирад.

[91] Уголовный кодекс Бельгии. Изд-во «Юридический центр Пресс», 2022 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mybook.ru/author/neustanovlennyj-avtor-2/ugolovnyj-kodeks-belgii/read/?page (санаи муроҷиат: 23.04.2023).

Нахустин маротиба барои ҷамъият хавфнокии киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои мухталифи киберӣ дар миқёси байналхалқӣ соли 1985 дар Конгресси 7-уми СММ дар бораи огоҳонидани ҷиноятҳо ва алоқамандии он бо дигар ҳуқуқвайронкуниҳо эълон гардида ба аҳолии сайёраи замин пешниҳодҳо руйи кор оварда шуд, ки ҳарчи зудтар барномаҳои кулли таҳия ва меъёрҳое, ки истифодаи боэътимоди дастгоҳҳои компютерӣ ва воситаҳои гуногуни техникиро замонат медиҳанд, ҷори шавад. Дар резолютсияи махсуси «Ҷиноятҳои вобаста ба истифодабарии мошинаҳои ҳисоббарорӣ» дар ин бобат ҳам дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатхи байналхалқӣ як барномаи мукаммали тадбирҳо муайян карда шудааст.

«Таҷрибаи илмию амалӣ ва таҳқиқи қонунгузорӣ асоснок намуд, ки дар заминаи ба таври хело барзиёд содиршавии ҷиноятҳо тавассути ТИК, дар санадҳои миъёрии ҳуқуқии мамлакат шарҳи мафҳуми киберҷиноятҳо мавҷуд нест ва чунин мавқеъ ҷиҳати баҳои муносиби ҳуқуқи додан барои ин кирдор, муайян намудани сабабу шароитҳои содиршавии ҷинояти мазкур, пешбини намудани унсурҳои таркибии он ва мушахасу пурра намудани қонунгузории ҷиноятӣ имконият фароҳам намеорад». Зеро чунин мавқеъгирӣ на фақат ҷиҳати андешидани тадбирҳо барои мубориза бар зидди киберҷиноятҳо дар сатҳи миллию байналмилаӣ, сонияи ҷиҳати ба даст овардани иттилооти таҳлилшавандаи оморӣ, ташаккули низоми ягонаи баҳисобгирӣ, дар миқёси байналмилалӣ муҳим арзёби мегардад.

«Махсус иброз бояд дошт, ки дар маъхазҳои илмию амали шарҳи мафҳуми «киберчиноятҳо» дар заминаи мафҳуми «ҷиноятҳои компютерӣ» қарор дорад ва дар баъзе мавридҳо чунин истилоҳот ҳамчун синоним руйкард шудаанд». Аммо таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомдодашуда, омӯзиши қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар ин самт маълум менамояд, ки ин истилоҳот синоними «киберҷиноятҳо» ифода намегардад. Мафҳуми «киберҷиноятҳо», нисбатан васеътар буда, ҳам бо истифодаи компютерҳо ва ҳам бо истифодаи ТИК ва шабакаи ҷаҳонии Интернет содир мешаванд. Дар ҳақиқат, таҳлили истилоҳот нишон медиҳад,

ки истилоҳоти ин кирдори барои ҷамъият хавфнок аз лиҳози тамоми хусусиятҳои ҳуқуқи-ҷиноятӣ, криминологӣ, аломатҳои таркибии ҷиноят ва тактикаи содир гардиданаш нисбат ба тамоми мавқеъҳое, ки дар маъхазҳои илмию-амалӣ барои ин истилоҳот синоним амали шуда истодаанд, васеътар аст. Агар барои муайян кардани ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилооти содир кардани амалҳои алоҳида нисбати ҳар як компютер, ҳатто онҳо ба ягон шабака пайваст нашуда бошанд, нигаронида шуда бошад, пас киберҷиноятҳо ҳатман таъсиреро ифода менамояд, ки ба воситаи ТИК ба дастгоҳҳои дурдаст амалӣ карда мешавад. Фарқияти дигар, ҳолатҳое ҳисобида мешавад, ки намудҳои ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ ҳамаҷониба ва мушахас дар боби алоҳида қонунгузорӣ пешбини гардидаанд, аммо кибеҷиноятҳо метавонанд ҳар гуна ҷиноятҳои пешбининамудаи қонунгузории ҷиноятӣ бошад. Масалан тавре В. С. Овчинский дар таҳқиқотҳои анҷомдодааш қайд менамояд, ки аз байни 200 санади қонунгузории миллӣ, зиёда аз 35% ин (янъне ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилооти) истилоҳ дар ном ва ё мундариҷаи меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуд буд[92].

Бояд иқрор шуд, ки дар ҳолати имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳони, то ҳол ақидаҳои ягона ва ин кирдорро пурракунанда ҷой надорад, ки ин ҳолат ба таври мушаххас ба дараҷаи мураккабии омӯзиши киберҷиноятҳо бо институтҳои маъруфи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология меорад. Ҳолати ишорагардида, ба баҳисобгирии оморӣ ва таҳлили вазъият, ичунин ба тамоюлҳои рушди ҷиноятkорӣ, таъсири манфӣ мерасонад.

Бояд таъкид дошт, ки фаъолияти ҷиноятkорӣ дар ин самт танҳо бо кӯшиши ба даст овардани маблағҳои ғайриқонунӣ маҳдуд нагардида, ин категорияи ҷинояткорон, барои даромадҳои ғайриқонунии худро зиёд намудан, ба соҳаи иқтисодии давлатҳои чаҳон таъсири худро мерасонанд.

Истилоҳи «киберҷиноятҳо» пас аз имзои Конвенсияи муқовимат бо киберҷиноятҳо аз ҷониби кишварҳои узви Шурои Аврупо ва дигар давлатҳо

[92] Ниг.: Овчинский В.С. Криминология цифрового мира: учебник для магистратуры. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2018. – С. 68.

дар соли 2001 васеъ паҳн шуд. Баъдан, 21 июли соли 2006 Протоколи иловагии Конвенсия ба тасвиб расид, ки он нажодпарастӣ ва ксенофобияро тавассути системаҳои компютерӣ ҳамчун киберҷиноят эътироф мекунад.

Масъалаҳои таҳлилшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз пешрафти ҷомеи ҷаҳонро бе технологияҳои баланди иттилоотӣ тасавур кардан ғайриимкон аст, аммо муқаррар нагардидани мафҳуми мушшахаси «киберҷиноятҳо» монеаи ҷиддие ҷиҳати садди роҳи рушд дар таъмини бехатарии системаҳои компютерӣ ва бе ҷавобгарии ҷиноятӣ мондани субъектони содиркунандаи он маҳсуб меёбад.

Маврид ба зикри хос аст, ки барои илми ҳуқуқшиносӣ дар айни замон таҳияи системаи махсус ва ё мафҳумҳое, ки тавсифи дақиқи киберчиноятҳоро аз нуқтаи назари тарзи содир намудан ва тасниф намудани ин кирдорро таъмин мекунанд, зарур аст. Зеро ин кирдори барои ҷамъият хавфнок ҳамчун мушкилоти ҷиддии тамоми ҷомеаи ҷаҳонии муосир бо сатҳи баланди латентӣ ҳам ба иқтисоди миллӣ ва ҳам ба амнияти ҷаҳонӣ зарари бузурги моддию маънавӣ мерасонад ва метавонад дар фазои маҷозӣ тавассути истифодаи ТИК содир карда шавад. Кӯшишҳо дар ин самт аслан дар сатҳи тадқиқоти назариявӣ мебошанд ва ин мушкилот барои олимони мо низ хеле мубрам аст, зеро онҳо танҳо солҳои навадуми қарни сипаригашта ба он диққати ҷиддӣ дода буданд. Дар айни замон барои таърифи мафҳуми киберҷиноятҳо равишҳои гуногун вуҷуд доранд.

Ҳамин тариқ, барои таърифи мукаммали ин мафҳуми ҳуқуқӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ корбурди ҷузъи калимаи мураккаби «кибер», ки аллакай дар забони русӣ мавҷуд аст (бо дарназардошти он ки калимаҳои дорои ин ҷузъ дар забони русӣ истифода мешаванд), бамаврид аст.

Истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» вобаста ба мазмуну моҳияти худ фарогирии тамоми ҷиноятҳои ин соҳа буда наметавонад. Муҳаққиқони ин соҳа масъалаи мазкуро бо роҳҳои гуногун мехоҳанд баррасӣ кунанд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ баррасии мафҳуми мазкур чун кишварҳои Ғарб буда, он моҳиятан ба ин маънидодкуниҳо мувофиқат мекунад. Ба таври мисол, М.С.

Самурхонов дар корҳои илмии худ нишон медиҳад, ки мафҳуми ҷиноятҳои компютерӣ нисбат ба мафҳуми киберҷиноятҳо аз ҷиҳати маъно васеътар набуда, моҳияти ин падидаро ба ҳамон ҷиноятҳое, ки танҳо бо ёрии компютер содир мешаванд, пурра арзёбӣ наменамояд[93].

«Хотирнишон бояд сохт, ки ҳоло истилоҳи компютер» вобаста ба рушд ва такомули смартфонҳо васеътар мегардад. Аксари онҳо аз ҷиҳати қобилиятҳои ҳисоббарории худ аз баъзе компютерҳои нави «классикӣ» хеле бартарӣ доранд. Аз ин рӯ, савол ба миён меояд, ки онҳоро чӣ гуна компютер метавон ҳисобид? Ҷавоби ин посухро ба таври зайл метавон овард: ҳар як компютер новобаста аз намуди зоҳири, хусусият, имкониятҳои ҳисоббарориаш бояд компютер ҳисоб карда шавад. «Шаклгирии мафоҳими умумии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок (англисӣ – cybercrime) дар баробари мафоҳими «ҷиноятҳои компютерӣ» устувору дар баргирандаи тамоми аломатҳоянд, чунки он метавонад дар фазои маҷозӣ ва ТИК аз рӯйи моҳият бисёр дақиқ ва пурратар бошад».

Дар луғатномаи маъруфи Оксфорд калимаи «кибер» як истилоҳи душворфаҳму ҷузъи мураккаби ба шабакаи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ вобаст, воқеияти маҷозӣ ва дар маҷмуъ ТИК асос ёфтааст. Ҳамчунон дар таҳрирномаи Кембриҷ низ чунин мавқеъ ба назар мерасад: префикси «cyber» – ифодаи «оиди истифодаи компютерҳо ё мансуб ба компютерҳо, бахусус ТИК»-ро ифода менамояд. Ҳамзамон, дар луғатномаи Кембриҷ калимаи «киберҷиноят» – зикр шудааст. Киберҷиноятҳо маҷмуи ҷиноятест, ки ҳам бо истифодаи компютерҳо ва ҳам бо истифодаи ТИК ва шабакаи интернетӣ алоқаманд аст. Аммо, истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» танҳо ба ҷиноятҳое дахл дорад, ки муқобили компютерҳо ё иттилооти компютерӣ содир мешаванд.

[93] Ниг.: Самурханов М.С. Понятие и особенности киберпреступности / М.С. Самурханов // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2020. – №4-3. – С. 219-221.

Ба андешаи як гурӯҳ олимон «ҷиноятҳои компютерӣ» бояд ба «ҷиноятҳои омехта» тасниф карда шаванд[94]. Онҳо чунин меандешанд, ки «ҷиноятҳои компютерӣ» маънои хеле васеъ дорад. Ба андешаи мо, чунин мавқеъгирии олимон дуруст нест. Аз омӯзиши ин масъала бармеояд, ки истилоҳи «ҷиноятҳои компютерӣ» моҳияти илмии ин раванди ҳуқуқиро пурра фарогир намебошанд. Аз ин рӯ, падидаҳое бо ин таърифҳо алоқамандро тахти мафҳумҳои «ҷиноятҳои махсуси компютерӣ» ва «ҷиноятҳои омехтаи компютерӣ» бояд тасниф кард. Ба нуқтаи назари мо, истилоҳоти илмию-амалии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бояд ба маънои кушод таҳқиқ кард, чунки ин истилоҳ ҳам киберҷиноятҳо ва ҳам ҷиноятҳое, ки ба тариқи технологияҳои гуногуни интернети содир мешванд ва ба технология  робита доранд, инчунин чунин кирдорҳоро минбаъд ба онҳо метавон тақсим кард, бояд дар бар гирад. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо корбурди мафҳуми «киберҷиноят» дар ифодаи ин раванди ҳуқуқӣ комилан асоснок аст.

Қонунгузории байналмилалӣ низ дар таснифоти истилоҳҳои «киберҷиноятҳо» ва «ҷиноятҳои компютерӣ» ва истифодаи истилоҳоти навин дар ин самт рӯ ба пешрафт дорад. Вале, то ба имрӯз мафҳуми амиқу дақиқи ин кирдор дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ ба мушоҳида нарасида, таҳқиқоте, ки ин мафҳумро равшан намояд ба мушоҳида намерасанд, ки вазъи баррасишаванда на фақат барои масъалаҳои ҳуқуқи-ҷиноятӣ, криминологӣ дар минтақа ва ҷаҳон, сонияи ҷиҳати гирд овардани иттилооти қиёсшавандаи расмӣ, ташаккули низоми нахустини ҳисобдорӣ дар сатҳи байналмилалӣ хеле зарури ифода мегардад. Шарҳи мафоҳими «киберҷиноятҳо» дар луғатҳои мавҷуда таҳқиқи илмии худро пайдо накардааст. Вале дар натиҷаи таҳқиқи истилоҳи «киберҷиноят» дар шабакаи ҷаҳонии иттилотию коммуникатсионии электронӣ, чунончӣ, бо ба инобат

[94] Ниг.: Ин нуктаи назарро ҳангоми бандубасти ҷиноятҳо дар соҳаи ҷиноятҳои компютерӣ Карпов В.С. ҷонибдорӣ менамоянд, ниг.: Карпов В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2002. – С. 16.

гирифтани системаҳои ҷустуҷӯии Yahoo, Google, зиёда аз 140 000 намудҳои дарбаргирандаи ин истилоҳотро метавон дастрас намуд.

Тасдиқи дигари истифодаи мафҳуми киберҷиноятҳоро, Конвенсияи Шурои Аврупо асоснок кардааст. Чунончӣ, Шурои Аврупо соли 2001 «Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо»-ро ба тавсиб расонид, ки дар матну мазмуни он мафҳуми «cybercrime» (киберҷиноятҳо) нисбат ба «computer crime» (ҷиноятҳои компютерӣ) мувофиқ дониста шудааст. Аз таҳқиқи Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо метавон чаҳор намуди махсуси киберҷиноятҳоро асоснок намоем:

• дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилоот компютерӣ – м. 2;

• дахолати ғайриқонунӣ – м. 3;

• дахолат ба маълумоти шахсӣ – м. 4

• дахолат кардан ба системаи иттилооти – м. 5.

«Аннаҳамин 4 намуди хоссаи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бо истифодаи компютер ифода гардида, бозмонда ҷиноятҳо таъаллуқмандӣ бо ТИК-ро дошта тавассути воситаҳои махсуси техникӣ анҷом дода мешавад». Ин ҷиноятҳоро ба таври зерин метавон тасниф намуд:

• ҷиноятҳое, ки дар онҳо компютер ҳамчун олоти асосӣ мебошад (дуздии электронӣ, қаллобӣ ва ғайра);

• ҷиноятҳое, ки дар он дастгоҳҳо ва ё системаҳои компютерӣ васила татбиқ мегардад (махсусан, интишори порнографияи кӯдакона тавссути сомонаҳои иҷтимоӣ, паҳн кардани иттиллоъи бардуруғи хусусияти террористию экстремистидошта ва монанди ин кирдорҳо).

Ду намуди охирини ҷиноятҳои болозикр мавзуи баҳси кори илмии мо мебошанд. Бархе аз муҳаққиқони хориҷӣ, бар ин назаранд, ки ин ҷиноятҳоро ҳамчун кирдорҳои ғайриқонунӣ метавон арзёбӣ намуд, ки бо дастгоҳҳои замонавӣ содир мешаванд ва онҳоро кодексҳои ҷиноятии миллӣ фаро гирифта, ин навъи ҷиноятҳо категорияҳои нави ҷиноятҳо нестанд. Дигар коршиносон бар ин назаранд, ки «ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техники содир мешаванд махсусан ин кирдорҳои таҳқиқшаванда,

системаи сифатан нави як зинаи кирдорҳост, ки интишори санадҳои меъёрии дахлдорро тақозо намуда, методикаи муосири тафтиширо талаб менамояд ва ин муносибатҳо ҳамкории байналмилалиро ҷиҳати муқовимат бо киберҷиноятҳо дар назар дорад»[95]. Ин андешаронихо дурустанд, аммо ҳеҷ яке аз ин равияҳо мушкилоти мавҷударо комилан ҳал намекунад.

«Дар маҷмуъ оиди моҳияту мазмуни ин мафҳум ва алоқамандии он бо истилоҳотҳои киберҷиноятҳо (ТИК-василаи асосии содиргардидани ҷиноят) ва «ҷиноятҳои компютерӣ» андешаҳои гуногуну мухталиф барзиёд ироа гардидааст».

Барои моҳияти илмии ин истилоҳҳоро бозгӯӣ намудан мо бояд ба андешаронии мутахассисони соҳа такя намоем. Масалан, олимони амрикоӣ Сюзан Бреннер ва Марк Гудман, истилоҳи ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро наздик ба истилоҳи «ҷинояткории компютерӣ» ва «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» паҳновар таҳқиқ менамояд[96]. Онҳо мавқеашонро бо он устувор кардаанд, ки хусусияти хоси киберҷиноятҳо ифодаи бевоситаи худро дар он ёфтааст, ки ин кирдор ҳам таввасути компютер (яъне ҷиноятҳое, ки объекти онҳо иттилоот мебошад), инчунин ҳама гуна дастгоҳҳои техникие мебошад, ки ба шабакаи иттилоотию коммуникатсионии электронии пайвастанд, воситаи асосии содир кардани киберҷиноятҳо мебошанд. Илова бар ин, мафҳуми пешниҳодкардаи Сюзан Бреннер ва Гудман М. ҳадафи содир гардидани ин кирдорҳоро фаро нагирифта, дар байни онҳо мақсадҳои иҷтимою-иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳамзамон расонидани зарари маънавию-идеологӣ, фарҳангӣ ва дигар шаклҳои зарар ба нафароне, ки онро пайваста истифода мебаранд ҷудо кард.

---

[95] Ниг.: Анисимова А.С. К вопросу о понятии сети «Интернет» в теории права и законодательстве / А.С. Анисимова // Юридическая наука. – 2015. – №4. – С. 5-8; Буз С.И. Киберпреступления: понятие, сущность и общая характеристика / С.И. Буз // Юристъ-Правоведъ. – 2019. – №4 (91). – С. 78-82.

[96] Ниг.: Brenner S.W., Goodman M.D. The emerging consensus on criminal conduct in cyberspace // UCLA Journal of Law and Technology. – 2002. – №3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. lawtechioumal. com/articles/2002/03-020625 goodmanbrenner.phD (санаи муроҷиат: 12.12.2022). Зери мафҳуми «киберҷиноятҳо» ҷиноятҳои анъанавии бо ёрии компютер содиршаванда (дуздӣ, қаллобӣ, тамаъҷӯӣ) ва ҷиноятҳое, ки объекти онҳо системаҳои компютерӣ, барномаҳо ва иттилоот мебошанд, таъриф додаанд

Олими рус, С.В. Бородин ин «кирдорҳоро махсусан барои ҷамъият хавфнок номидааст, ки он бахусус бар зидди қисми тартиби муқарраргардидаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки интишор, таҳия, паҳн ва ҳифзи маълумоти компютериро ба низом медарорад, омода шудааст»[97]. Андешаи ба ин монандро В.В. Крилов пешниҳод намудааст. Ба ақидаи ӯ «киберҷиноятҳо» – кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо таҳдиди ҷазо манъ кардааст ва он дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии иттилоотӣ содир карда мешаванд[98]. Бояд қайд намуд, ки мафҳумҳои мешниҳод намудаи С.В. Бородин ва В.В. Крилов, нисбатан маҳдуданд, зеро қисми зиёди киберҷиноятҳо дар дахолати ғайриқонунӣ ба системаҳои гуногуни инфрасохтори иттилооти (шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ), дар рахна кардани сомонаҳои интернетӣ, таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ва барномаҳо, дастгоҳҳои техникӣ зоҳир мешаванд.

Олими дигар Н.Ф. Ахраменка дар кори таҳқиқотии худ таҳти унвони «Масъалаҳои криминализатсияи кирдорҳо барои ҷомеа хавфнок бо истифода аз системаҳои иттилоотӣ-компютерӣ» соли 1996 истилоҳи «киберҷиноятҳоро» истифода бурда, онҳоро ҳамчун «содир кардани кирдори ғайриқонунии барои ҷамъият хавфнок бо истифода аз системаҳои иттилоотӣ ва ё бо таъсиррасонӣ ба онҳо» номидааст[99]. В.Б. Вехов андешаи Н.Ф. Ахраменкаро ҷонибдорӣ намуда қайд намуд, ки «киберҷиноятҳо дар санадҳои меъёрӣ бояд ҳамчун кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо истифода аз техникаи электронии ҳисоббарор (компютер) содир карда мешаванд, фаҳмида шаванд»[100]. Андешаҳои В.Б. Вехов ва Н.Ф. Ахраменка, ки киберҷиноятҳоро ҳамчун кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки бо истифода аз системаҳои иттилоотӣ содир мешавад таъриф додаанд, боиси ҷонибдорист, зеро воситаи асосии содиршавии киберҷиноятҳо ҳамчун

---

[97] Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – С. 346.

[98] Ниг.: Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – 189 с.

[99] Ниг.: Ахраменка Н.Ф. Проблемы криминализации общественно-опасного поведения с использованием информационно-вычислительных систем: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1996. – С. 7.

[100] Вехов В.Б. Компьютерные преступления: способы совершения и раскрытия / Под ред. акад. Б.П. Смагоринского. – М.: Право и Закон, 1996. – 182 с.

кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ТИК (интернет) ифода гардида он муқобили шабакаҳои интернети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо нигаронида шуда, истифода ТИК ба ғайриқонунӣ ҷамъоварии маълумоти шахсӣ ва дигар маълумотҳои бо қонунгузори ҳифзшаванда равона гардидааст.

Бояд иброз намуд, ки оиди масъалаи баррасишаванда метавон қисман ба андешаҳои Т.Г. Смирнова ва Б.В. Андреев такя намуд[101], зеро онҳо тавонистаанд, моҳияту мазмун ва ба ҷамъият хавфнокии ин кирдорҳои қисман таҳқиқ намуда мафҳуми ба ҳақиқати воқеи ва бо назардошти рушди босуръати ТИК ва таъсири онро ба ҷамъият ба инобат гирифта манзур намудаанд.

Олими дигар В.Е. Козлов чунин мешуморад, ки «ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилооти ва ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои компютерӣ содиршуда ба мафҳуми киберҷиноятҳо дохил карда шаванд. Дар воқеъ андешаи В.Е. Козлов боиси ҷонибдорист, зеро воситаи асосии содиршавии ин кирдори таҳқиқшаванда, ТИК буда маҳз тавассути он дахлнопазирии маълумоти шахсӣ, ғайриқонунӣ паҳн намудани иттилоот ва тасарруфи моликият бо суистифода аз боварӣ ва ғ., содир мегардад[102].

Новобаста аз ин андешаи муҳаққиқони болозикр ба моҳияту васила ва муҳтавои ин кирдорҳо рост ояд, аммо то замони муосир яъне замони ҳозира дар пажуҳишҳои илмию-амалӣ раванди дурусту мувофиқи шарҳи мафҳуми киберҷиноятҳо ҷой надорад.

Олимини рус, Тропина Т.Л. иброз менамояд, ки «киберҷиноятҳо-маҷмуи кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки ба раванди фаъолияти муътадили

---

[101] Ниг.: Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – 161 с. Чунончӣ Т.Г. Смирнова дар таҳқиқоти киберҷиноятҳоро – «кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, ки қонуни ҷиноятӣ манъ кардааст, инчунин кирдорҳои ба вайрон кардани дахлнопазирии иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва интиқолдиҳандагони моддии он (аз ҷумла, таҷҳизоти компютерӣ (компютерҳо), компютерҳои системавӣ ё шабакаҳои онҳо) нигаронидашудаи ба ҳаёт ва саломатии инсон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти давлат ва ҷамъият зараровар арзёбӣ менамояд. Ба андешаи Б.В. Андреев, бошад «киберҷиноятҳоро таҷовуз ба захираҳои системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои онҳо бо мақсади ба даст овардани ҳама гуна бартарият аз ҷониби ҷиноятктор ё гурӯҳи ҷинояткорон бо мақсади номуташаккилӣ, таъсири манфӣ гузоштан ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандони алоҳида метавон ҳисобид. Захираҳои системаҳои компютерӣ базаҳои маълумотҳо, барномаҳо, телекоммуникатсия, блокҳои компютерҳои электронӣ мебошанд».

[102] Ниг.: Козлов В.Е. Теория и практика борьбы с компьютерной преступностью. – М.: Горячая линия-Телеком, 2002. – 336 с.

системаҳо ва дастгоҳҳои компютерӣ, нармфазорҳо, систамаҳо ё шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ғайриқонуни иваз намудани маълумоти компютерӣ, ҳамзамон дигар кирдорҳои манъ намудани қонунгузории ҷиноятӣ ки барои ҷамъият хавфнок ифода мегарданд ва бо истифодаи ТИК, системаҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва нармфазорҳо, инчунин ба воситаи дигар дастгоҳҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, ки бо кумаки компютер нақшабанди гардидааст, ифода карда шавад»[103].

«Муҳақиқ Лепехин А.Н. ин кирдорҳоро маҷмуи ҷиноятҳое эътироф мекунад, ки ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ чун интишор, паҳн намудан барасмиятдарорӣ, интиқол, нигоҳдорӣ ва истифодабарии ТИК бармеояд»[104].

«Олим М.А. Простосердов бошад иброз медорад, ки киберҷиноятҳо маҷмуи ҷиноятҳое мебошад, ки ба раванди муносибатҳои гуногуни ҷамъияти харобиовар ифода гардида, аз масофаи гуногун, тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ, шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионии электронӣ дар фазои маҷозӣ анҷом дода мешавад»[105].

И.М. Рассолов мафҳуми «киберҷиноят» ва «ҷинояткории компютерӣ»-ро таҳқиқ карда, чунин мавқеъгири кардааст: «Киберҷиноятҳо ин гурӯҳи ҷиноятҳое дар назар дошта мешавад, ки дар фазои маҷозии интернет аз масофаи номуайян ба воситаҳои гуногуни техники (технологияҳои гуногуни иттилоотии электронӣ) ҷиҳати содир намудани кирдорҳое, ки қонунгузори манъ намудааст равона гардидааст. Киберҷиноятҳо чунин амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнокро дар бар мегиранд, ки бо истифода аз технологияҳои компютерӣ нисбат ба иттилооте, ки дар Интернет коркард ва истифода мешаванд, содир карда мешаванд»[106].

---

[103] Ниг.: Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. … канд. юрид. наук. – Владивосток, 2005. – 234 с.

[104] Ниг.: Лепехин А.Н. Борьба с киберпреступностью: современное состояние и перспективы / А.Н. Лепехин // Материалы междунар. науч.-практ. конф. (Минск, 28-29 сент. 2011) / Сост. Н.Н. Костюкович [и др.]. – Минск, 2011. – С. 420-422.

[105] Ниг.: Простосердов М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве, и меры противодействия им: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2016. – 28 с.

[106] Рассолов И.М. Право и Интернет: теоретические проблемы. – 2-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – С. 132-133.

Ҳангоми таҳлили таърифҳои пешниҳоднамудаи Т.Л. Тропина, А.Н. Лепехин, М.А. Простосердов ва И.М. Рассолов чунин мавқеъгири намудан мувофиқи мақсад аст, ки бархе пажуҳишгарони зикргардида ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун мудохила ба раванди фаъолияти муътадили система ва ё дастгоҳҳои компютерӣ ва истифода бурдани компютер ҳамчун василаи содир намудани киберҷиноятҳо таҳқиқ намудаанд ва дуюм қисми олимон бошанд онҳоро танҳо ҷиноятҳое, ки ба иттилооти дар хотират компютер мавҷудбуда таҳдид менамояд маҳсуб медонанд. Ин гуфтаҳо гувоҳи доданд, ки истилоҳи «киберҷиноятҳо» то ба ҳол мавриди таҳлили амиқ қарор нагирифтааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳлили андешаҳои қайд гардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки «киберҷиноятҳо– маҷмуи ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техники ва ТИК дар фазои маҷозӣ ҷиҳати ғайриқонуни дастрас намудан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу манфиатҳои (озодиҳои) конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд».

Таърифи шабеҳи ин мафҳумро В.А. Номоконов пешниҳод намудааст, ки қисман барои ҷамъият хавфноки, гунаҳгорона ва зидди ҳуқуқи будани ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро фарогир мебошад[107]. Андешаи зикргардидаи муҳақиқ ба мавқеи пешниҳод намудаи мутахассисони СММ муттафиқ мебошад. Мутахассисони СММ, иброз менамоянд, ки «мафҳуми ҷиноятҳои баррасишаванда тамоми намуди ҷиноятҳоеро фаро мегирад, ки ба воситаи система ё шабакаи компютерӣ, дар дохили система ё шабакаи компютерӣ ва ё муқобили система ё шабакаи компютерӣ содир шавад, яъне ҳама гуна ҷинояте, ки дар фазои маҷозӣ – интернет содир мешавад,

[107] Ниг.: Номоконов В.А., Тропина Т.Л. Киберпреступность как новая криминальная угроза / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2012. – №1 (24). – С. 45-55. Ба андешаи муҳаққиқ киберҷиноятҳо-ин маҷмуи ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ, тавассути системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, инчунин дигар воситаҳои дастрасӣ ба фазои маҷозӣ, дар дохили системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир шудаанд, ифода мегардад.

метавонад ҳамчун киберҷиноят тасниф карда шавад»[108]. Коршиносони ташкилоти байналмилалии СММ мавқеашонро бо он далелнок кардаанд, ки бо баинобат гирифтани он, ки айни замон миқдори зиёди маълумот: аксҳо, видеоҳо, тамосҳои хешовандон ва дӯстон, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, баъзе замимаҳо бо маълумоти муҳим, рамзҳо, мукотибаи шахсӣ ва ғайра дар васоити электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, ки ҳар як соҳиби маълумот махфияти маълумоти худро зери хатар мегузорад. Ҳамзамон дар, Конгресси 10-уми СММ оид ба пешгирии ҷиноятҷорӣ ва муқовимат бо ҷиноятҷорон масъалаи киберҷиноятро ба миён гузошта, дар хусуси муайян намудаи мафҳуми киберҷиноятҳо тавсияҳои дақиқ дод. Дар симпозиуми байналмилалие, ки дар заминаи Созмони Милали Муттаҳид дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо пайваста баргузор мегардид, коршиносони СММ ду таърифи мафҳуми киберҷиноятҳоро ба маънои маҳдуд ва васеъ шаҳр доданд:

а) Киберҷиноятҳо маҷмуи ҷиноятҳое, ки ба як самти муайян зарар мерасонанд (яъне танҳо иттилооти дар хотираи компютер мавҷуд буда)[109] ва мақсади онҳо система ва ё дастгоҳҳои компютериро аз кор боз мондан ифода мегардад.

б) Киберҷиноятҳо ба маънои васеъ (ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо): ҳама гуна амали ғайриқонунӣ, ки ба воситаи барномаҳо, воситаҳои гуногуни техникӣ ва ТИК, месенҷерҳо аз қабили низоми системаҳои алоқа ва ё интишори маълумоти шахси тариқи шабакаи ҷаҳонии электронии интернет амали мегардад.

Чунин мавқеъгирии шабеҳро коршиносони СҲИР, ки киберҷиноятҳоро ҳамчун ҳама гуна рафтори ғайриқонунӣ, ғайриахлоқӣ ё беиҷозати бо

[108] Ниг.: Рассолов И.М. Право и Интернет: теоретические проблемы. – 2-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – С. 92.
[109] Ниг.: Shinder D.L. Scene of the Cybercrime. Computer Forensics Handbook. – Rockland, 2003. – P. 17; Belgium Criminal Code [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.cvbercrimelaw.net/coun-tries/belgium.html (санаи муроҷиат 15.05.2019); Щетилов А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом / А. Щетилов // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. XI межд. конф. – М., 2002. – С. 187.

равандҳои коркарди автоматӣ ва ё интиқоли маълумот муайян мекунад, пайравӣ менамояд[110].

Албатта, мафҳуми овардашуда бисёр васеъ буда, баҳсовар мебошад, чунки бархе аз ҷиноятҳое дар амалияи вуҷуд доранд, ки ба воситаи компютерҳо содир шуда ба гурӯҳи киберҷинятҳо шомил карда намешаванд, масалан баҳисобгирии муҳосибӣ ки ба воситаи компютерҳо анҷом дода мешаванд ва дар сурати азони худкунии маблағҳо ва ё ба воситаи компютер нодуруст пешниҳод кардани декларатсия оиди даромадҳо, ки ба саркаши намудан аз пардохти андоз оварда мерасонад.

А. Шетилов мафҳуми васеи киберҷиноятҳоро пешниҳод мекунад. «У чунин байён менамояд, ки шарҳи ин истилоҳ на фақат кирдорҳоеро фарогиранда аст, ки дар дар дохили шабакаи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ содир мегардад, баръакс ҳамаи гурӯҳи кирдорҳое, ки дар самти иттлоот ва телекоммуникатсия содир мешаванд ва маълумот, манбаъҳо иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ метавонанд зарар бинанд»[111]. Дар робита ба ин, мушкилоти бисёрҷониба дар соҳаи таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар фазои маҷозӣ дар таҳияҳои бунёдии техникӣ, ҳуқуқӣ ва стратегӣ, ки ба бартараф кардани таҳдидҳои харобиовари шабакаи Интернет ба шахсият ва умуман ба ҷинояткорӣ мусоидат мекунанд, инъикос меебанд.

Таърифи дигари киберҷиноятҳо, аз ҷониби И.М. Рассолов ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок, «ки тавассути технологияҳои иттилоотии электронӣ ва таҷҳизоти ёрирасони онҳо барои маълумоте, ки шабакаи ҷаҳонии электрони онро барасмият медарорад, равона гардидааст»[112].

[110] Ниг.: Преступления, связанные с использованием компьютерной сети // Десятый конгресс ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями //A/CONF. 187/10 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/topics/crime/docs10.htm (санаи муроҷиат: 07.05.2022); Aldrich R.W. Cyberterrorism and Computer Crimes: Issues Surrounding the Establishment of an International Legal Regime. – Colorado: USAF Academy, 2000. – P. 9.

[111] Ниг.: Щетилов А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом / А. Щетилов // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. XI межд. конф. – М., 2002. – С. 187.

[112] Ниг.: Рассолов И.М. Право и Интернет: теоретические проблемы. – 2-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – С. 135.

Андешаи мазкур дар ҳаҷми бисёр маҳдуд ироа гардидааст, чунки ба ғайр шабакаи ҷаҳонии иттилоотии электрони намуди дигар ТИК мавҷуд аст, ки муҳити виртуалӣ (маҷози) –ро дар бар мегирад; дуюм, ҷиноятҳо дар фазои маҷозӣ на танҳо ба иттилоот, балки ба молу мулк, инчунин дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ (амнияти ҷамъиятӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ) содир карда мешаванд. Воқеанҳам қисми зиёди кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки ба воситаи шабакаи ҷаҳонии иттилоотию коммуникатсионии эдектронӣ содир мегарданд, намудҳои муосири кирдорҳои ғайриқонунӣ ифода намегарданд ва унсурҳои таркибии онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии ватанӣ мансуб дониста шудаанд.[113]

Дар ин замина фарқияти байни мафҳумҳои «ҷиноятҳои компютерӣ» ва «киберҷиноятҳо», инчунин таҳлили унсурҳои кирдор ва муайян кардани фарқияти онҳо аз ҷиноятҳои анъанавӣ барои ҳалли ин мушкилот ва таҳияи ду равияи ба ҳам алоқаманд мусоидат мекунад, вобаста ба онҳо дар адабиёти илмӣ андешаҳои гуногун баён гардидаанд.

Масалан, М.А. Простосердов дар тадқиқоти диссертатсионии худ чунин мавқеъро баён менамояд, «ки ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфи бузургдошта ба воситаи техонологияи муосир ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо содир шуда ба раванди муътадили муносибатҳои ҷоме таҳдид мекунад ва аз масофаи номуайян дар муҳити виртуали-маҷозӣ амали карда мешавад»[114].

О.С. Гузеева бошад, андешаи байён гардидаро тарафдори карда иброз медорад, ки  киберҷиноятҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ ба муносибатҳои гуногуни ҷомеа таҳдид менамояд, ки бо роҳи дастрасии фосилавӣ ба объекти таҷовуз, бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ, ҳамчун воситаи асосии ноил

---

[113] Ниг.: Раджабов К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: монография. – Душанбе: «Лахути», 2020. – 156 с. Масалан, «тамаъҷӯӣ дар боби ҷиноятҳо муқобили моликият ҷойгир аст ва содир кардани он дар интернет ҷинояти нав нест. Аммо воситае, ки ин ҷиноят бо он содир шудааст, воқеан коркарди меъёрҳои нави қонунгузорӣ ва усулҳои нави тафтишро талаб мекунад . Ин омил ба он вобаста аст, ки киберҷиноятҳо аксаран аз доираи сохторҳои муқаррарӣ берун мешаванд, сарҳади муайяни давлатӣ (трансмиллӣ) надоранд, илова бар ин, хусусияти «виртуалӣ»-и онҳо имкон медиҳад, ки аломаҳои ҷиноятро зуд нобуд созед ва ин омил ҷустуҷӯи ҷинояткорро хеле мушкил мекунад».

[114] Ниг.: Простосердов М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве, и меры противодействия им: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2016. – С. 43.

шудан ба ҳадаф анҷом дода мешавад[115]. Дар ин мафҳум низ, имкони фазои маҷозӣ ҳамчун воситаи содир кардани ҷиноят арзёбӣ мешавад[116]. Онҳо андешаҳои қайднамудаашонро бо он ҳолат далелнок кардаанд, ки киберҷиноятҳо аз сабаби он ки дар фазои маҷозӣ содир мешавнд, метавонанд ба иттилооти компютерӣ, маълумот дар бораи шахсон, ашё, далелҳо, рӯйдодҳо, падидаҳо ва равандҳои дар шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ пешниҳодшуда зарар расонанд. Дар ин ҷо, мафҳуми «муҳити виртуалӣ» ба мушоҳида мерасад, ки иттилоои маълумеро фаро гирифтааст, яъне ин истилоҳ он маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки дар воқеъ дар хотираи барнома, система ё шабакаҳои иттилооти нигаҳдори мегарданд фаро мегирад. Дар таърифи пешниҳод намудаи М.А. Простосердов набудани ишора ба объекти муайяни таҷовуз ба амал меояд, зеро мо нуқтаи назари худро дар бораи он, ки киберҷиноятҳо метавонанд ба ҳама гуна объектҳо зарар расонанд, мубодила мекунем, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки киберҷиноятҳо метавонанд ба объектҳои гуногун ҳамла кунанд. Ҳанӯз 20 сол пеш хусусияти ба объектҳои гуногун ҳамла кунанда будани киберҷиноятҳоро С.Ю. Битко дар пажӯҳишҳои анҷомдодаи худ асоснок карда буд[117]. Дар воқеъ киберҷиноятҳо метавонанд ба системаҳои иттилооти ва захираҳои он таҳдид намуда, қасдан дар фазои маҷозӣ бо истифода аз таҷҳизот ва воситаҳои барномавию техникӣ анҷом дода мешавад.

Таҳлили андешаҳои зикр гардида оид ба мафҳуми киберҷиноятҳо чор нуқтаи назари асосиро муайян мекунад:

– киберҷиноятҳо – воситаи асосии содиршаваии онҳо компютер мебошад;

– киберҷиноятҳо – объекти онҳо иттилооти компютерӣ мебошад;

---

[115] Ниг.: Гузеева О.С. Предупреждение размещения информации, способствующей распространению наркотических средств, в российском сегменте сети Интернет (криминологические и уголовно-правовые проблемы): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – С. 12.

[116] Ниг.: Хусяинов Т.М. Интернет-преступления (киберпреступления) в российском уголовном законодательстве / Т.М. Хусяинов // Уголовный закон Российской Федерации: проблемы правоприменения и перспективы совершенствования: материалы Всероссийского круглого стола. – Иркутск: ВосточноСибирский институт МВД России, 2015. – Вып. 6. – С. 120-125.

[117] Ниг.: Бытко С.Ю. Некоторые проблемы уголовной ответственности за преступления, совершаемые с использованием компьютерных технологий: дис… канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – С. 8-9.

– киберҷиноятҳо – ҷиноятҳое, ки бо дахолати шабакаи ҷаҳонии иттилоотии электронӣ дар муҳити виртуалӣ содир мегардад[118];
– киберҷиноятҳо – маҷмуи кирдорҳои барои ҷамъият хавфи бузургдоштае, ки ба ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои дар қонунгузорӣ пешбини гардидаи шаҳрванд ва давлат амалӣ мегардад.

Дар адабиётҳои илмӣ ва таҷрибаи амалӣ дар бисёр ҳолатҳо гап сари на фақат он, ки ин кирдори муайяни на фақат объект ва субъеки махсусро доро мебошад, сониян сухан дар он меравад, ки ин кирдор як институти иҷтимоӣ ва ҳуқуқи-ҷиноятӣ, ки системаи ҷиноятҳои дорои хусусияти мукаммал мебошад, меравад.

Дар маҷмуъ бояд иброз дошт, ки ҳама намуди ҷиноятҳое, ки дар соҳаи иттилоот ва телекоммуникатсия содир мешаванд ба киберҷиноятҳо алоқамананд, ки дар онҳо иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ метавонанд ҳамчун ҳадафи таҷовузҳои ҷиноятӣ, муҳити содир намудани ҷиноят ва воситаи содир намудани ҷиноят истифода шаванд. Истилоҳи «киберҷиноятҳо» тамоми маҷмуи ҷиноятҳои дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, хоҳ ҷиноятҳои тавассути компютерҳо содиршаванда, инчунин ҷиноятҳое, ки предмети онҳо компютерҳо, шабакаҳои компютерӣ ва иттилооти дар ин васоити ахбори омма нигоҳдошташавандаро фаро мегирад.

Ҳамин тавр дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида ва таҳқиқи адабиётҳои соҳавӣ мафҳуми киберҷиноятҳоро, ки маҷмуи ҷиноятҳоро дар соҳаи шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ифода менамояд чунин пешниҳод намоем: «киберҷиноятҳо» – маҷмуи ҷиноятҳое, ки тавассути дахолати барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқ, озоди ва манфиатҳои қонунии инсон ва

---

[118] Ниг.: Клишков В.Б. Криминологические аспекты преступности в сфере компьютерной информации: авторсф. дис... канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2003. – С. 9-10.

шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

Мафҳуми овардашударо метавон дар шакли зерин бо истифода аз чунин таҳлилҳо асоснок намуд.

**Киберҷиноятҳо маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК содир мегарданд.** Таҳқиқотҳои аҷомёфта дар ин самт пешбини намуд, ки ҷиноятҳое, ки бо василаи дахолати барномавӣ-техникӣ ва ТИК содир мегарданд ин моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегиранд: (моддаи 137 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 137 (1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 144 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 179 (1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 179 (3) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 189 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 241 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 241 (1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 241 (2) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 307 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 307 (1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (ифротгароӣ) (моддаи 307 (3) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), (моддаи 334 (1) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) (моддаи 396 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳамзамон боби 28, моддаҳои 298-304 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Таҳлилу таҳқиқи масъалаи мазкур далелнок намуд, ки ба ҷиноятҳои дигар, ки бо истифода аз ТИК содир мегарданд, инҳоро мансуб донистан зарур аст: ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ), қаллобӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ) ва тамаъҷӯӣ (моддаи 250 КҶ ҶТ), вале дар диспозитсияи ин моддаҳо ба таври махсус ҳолати истифода аз ТИК зикр нагардидаанд.

**Фазои маҷозӣ (фазои киберӣ)** – муҳити виртуалӣ, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ сохта шудааст.

Истилоҳи фазои киберӣ (муҳити виртуали) аввалин маротиба соли 1984 аз тарафи олими амрикоӣ Г. Вилям истифода гардидааст ва айни замон унсури луғавии забонҳо дар истифодаи маълумоти пурра ворид шудааст[119].

[119] Ба таври мисол, шуруъ аз соли 2000 ЮНЕСКО силсилаи махсуси нашрияҳоро оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии фазои маҷозӣ (фазои киберӣ) нашр мекунад. Фуэнтес-Камачо, профессори ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ

Муродифоти луғавии истилоҳи «фазои маҷозӣ», ба қавли Фуэнтес-Камачо, «паёми иттилоотии махсус» ва «инфосфера» мебошанд. Фазо маҷозӣ инчунин шабакаи виртуалӣ ё алтернативии воқеии шабакаи ҷаҳонӣ, инфрасохтори умумиҷаҳонии иттилоотӣ номида мешавад.

Муҳақиқ, Грюлих К.В. «муҳити виртуалиро ҳамчун падидаи «ҷомеаи ҷаҳони ягонаи дорои низоми барномавӣ», «самти иттилооти ва алоқа» мавҷҳо ва таркиби маълумоти асоснок менамояд, ки кураи Заминро иҳота кардааст, дар ин замина аз муҳити беруни фарох мегардад»[120].

Дар шарҳи Суди олии Амрико, «фазои киберӣ ҳамчун фазои бузургест, ки дар муҳити ҷуғрофӣ макон дошта, ба василаи дастрасӣ ба шабакаи иттилоотии коммуникатсионии электронӣ дар ҳамаи ҷаҳон ва ё сайёраи замин пурра фаррох гардидааст». Муҳақиқ ва пажуҳишгар «М. Даррел, чунин мешуморад, ки калимаи «фазои маҷозӣ» воҷеан истилоҳи фарох нисбат ба «шабакаи ҷаҳонии иттилоотию коммуникатсионии электрони»-ро доро аст, ҳарчанд ки ин 2-ду истилоҳ хеле вақт ивазкунандаи якдигар ифода мешаванд». Шарҳи анҷомдодаи муҳаққиқ, маҷозӣ ҷойгоҳи муайяни алоқаманди миёни якчанд системаҳо, барномаҳои бо ҳам алоқаманд буда, он ба ҷаҳони муҳити виртуалӣ тағйир кардааст»[121].

Истилоҳ ва ё шарҳи ин мафҳум дар пажуҳиши ҳуқуқшиносони ватанӣ то ба имрӯз ба таври дахдор таҳқиқ, таҳлил ва мавриди омузиш инкишоф наёфтааст

---

ва аврупоии Донишгоҳи Париж, коршиноси ЮНЕСКО оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ фазои киберҷиноятиро ҳамчун «муҳити нави инсонӣ ва технологӣ тавсиф меамояд, ки мардуми тамоми кишварҳо, фарҳангҳо, забонҳо, синну сол ва касбу кори гуногунро фарогир буда, он шабакаи умумиҷаҳонии компютерҳо, ки тавассути инфрасохтори коммуникатсионӣ ба ҳам пайвастанд, коркард ва интиқоли иттилоотро таъмин мекунанд.

[120] Ниг.: Грюлих К.В. «Киберпространство»: специфическое регламентирование и конкурентные нормы в европейских телекоммуникациях / К.В. Грюлих // Право и информатизация общества. – М., 2002. – С. 191. Тарафи аёни ин раванд тамоми таҷҳизоти системаҳои электрониро ба монанди кабелҳо, спутникҳо, киштиҳои кайҳонӣ, самолётҳо, манораҳои телекоммуникатсия, стансияҳои моҳвораҳо, марказҳои коммутатсионӣ, роутерҳо, телефону телевизор ва компютерҳоро дар бар мегирад. Тарафи ноаёни ин раванд омилҳои зеринро дар бар мегирад: шаклҳои гуногуни нармафзор, браузерҳо ва асбобҳои муосири электронӣ, нигоҳдории донишҳои инсонӣ дар пояи маълумотҳо ва низомҳои махсус бо номи «зеҳи сунъӣ», ки барои ҳисоббарорӣ ва ҷустуҷӯи иттилоот иҷозат дода шудаанд. Фазои маҷозӣ ба ҷаҳони ғайримоддии иттилооти электронӣ ва шабакаҳои ба ҳам алоқаманди назоратшаванда ва дорои ҳамкориҳои мутақобила вобастагӣ дорад

[121] Ниг.: Menthe D. Jurisdiction in Cyberspace: A Theory of International Spaces // Michigan Telecommunications and Technology Law Review. – 1998. – №69 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www. mttlr. org/ volfour/menthe.pdf (санаи муроҷиат: 12.11.2022).

Коршиносоне, ки ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда машғуланд проблемаҳои алоқамандии ҳуқуқ ва ТИК сафарбар гардидаанд, дар ин самт мафҳумеро татбиқ менамояд, ки аз рӯйи мазмун алоқамади дошта бошанд ҳам дар фаъолияти амали муҳтавои гуногун доранд. Дар қонунгузории феълии Тоҷикистон мафҳуми «муҳити иттилоотӣ» бештар шабоҳат ба истилоҳи «фазои интернетӣ»-ро дорад.

Мо дар асоси таҳлилҳои ҳамаҷониба таърифи фазои маҷозиро, ки донишманди украинӣ В.А. Голубев додааст, бештар қобили қабул мешуморем.[122] Таҳқиқгар чунин мешуморад, ки истилоҳи баррасишаванда бо технологияҳои гуногуни иттилоотию коммуникатсионии электрони ва унсурҳои таркибии он мессенҷер ва шабакаҳои иҷтимоӣ, дастгоҳҳои компютерӣ, система ва шабакаҳои гуногуни техникию барномавӣ нақшабанди гардидааст, ки дар худ иттилооъи дахдорро дар тамоми бахшҳо фарогир мебошад.

Дар воқеъ фазои маҷозӣ воситаи содир кардани ҷиноят аст, зеро истилоҳи «фазои маҷозӣ» дар ин замина ишора мекунад, ки таъсиррасони барои амали намудани нақшаҳои ҷиноятӣ ва ба даст овардани фоида муфт фосилавӣ буда, тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаҳо амалӣ карда мешавад.

**Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилоот** - беиҷозат гирифтани иттилоот бе ризоияти шахси истифодабарандаи он ва ворид шудан ба маълумоти махфӣ, дастраси пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техники маҳфузанд, барои ғайриқонуни ҷамъовари намудани онҳо ифода мегардад. Аммо омӯзиши таҷрибаи миллию байналмилаи далелнок намуд, ки дар ҳамон ҳолат иттилоот ғайриқонуни дастрасгардида асос меёбад, ки агар:

---

[122] Ниг.: Дашян М. Обзор Конвенции Совета Европы о киберпреступности / М. Дашян // Современное право. – 2002. – №11. – С. 20. Ӯ фазои маҷозиро ҳамчун «фазои иттилоотии бо ёрии компютер тарҳрезишудае меҳисобад, ки дар он маълумотҳо оид ба шахс, ашёҳо, далелҳо, рӯйдодҳо, падидаҳо ва равандҳо ҷой доранд, ки дар шакли математикӣ, рамзӣ ё дигар шакл пешниҳод шудаанд ва дар ҷараёни ҳаракати шабакаҳои компютерии маҳалливу глобалӣ қарор доранд ё маълумотҳое ҷойгиранд, ки дар хотираи ҳама гуна дастгоҳи физикӣ ё виртуалӣ, дигар таҷҳизотҳои нигоҳдоранда, коркардкунада ва интиқолдиҳандаи иттилоот метавонанд нигоҳ дошта шаванд

– нафаре, ки дорои чунин ҳуқуқҳо ҷиҳати пайдо намудани маълумотро доро нест ва кушиши ғайриқонуни дастрас намудани онро дорад;

– нафаре, ки аз ҳама ҳуқуқҳои дастраси пайдо намудан ба системаҳо, додаҳо, барномаҳо ва иттилооте, ки дар хотираи воситаҳои гуногуни техники маҳфузанд

### 1.3. Таснифи киберҷиноятҳо

Дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъмини амнияти иттилоотии кишвар аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирӣ намудани ахбороту амалиётҳои тарғибкоронаи дорои хусусиятҳои террористӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти давлат, ҷамъият ва шаҳрвандон ифода ёфтааст. Бо ин мақсад, таҳлили ин масъала паҳлуҳои гуногуни иттилоот ва иттилоотикунониро дар бар гирифта, он барои рушду инкишофи фазои иттилоотӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар шароити муосир Интернет ба тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ворид гардидааст. Он махсусан, соҳаҳои иттилоотӣ, молиявӣ, тандурустӣ, маориф, илм ва фарҳангро пурра фаро гирифтааст. Аз ин рӯ, киберҷинояткорон ба фазои маҷозӣ ворид гардида, барои қонеъ гардонидани талаботҳои хеш дар он манфиатҳои миллӣ ва динии худро ҷустуҷӯ менамоянд[123].

Бо дарназардошти тамоюли кунунии афзоиши компютеркунонии кишвар ва вобастагии бештари мардум аз Интернет инчунин тадриҷан бо суръати баланд паҳн шудани киберҷиноятҳо дар шакҳои гуногун, зарурияти таснифи киберҷиноятҳо ба миён омадааст.

Таснифи кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология муайян гардидааст, муҳиммияти хосси ҳуқуқиро доро ҳастанд, чунки таснифи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок нишонаи асосии пурқувватнамоии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, ҷиҳати пурра объективона татбиқи  банду басти кирдр, таъини ҷазо ё муайян

[123] Ниг.: Муҳаммад А.Н. Киберҷиноятҳо ҳамчун зухуроти кибертерроризм: моҳият ва хусусиятҳои навини онҳо / А.Н. Муҳаммад // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №3 (1). – С. 56-57.

намудани тарзи содиршавии ҷиноят таъсир мерасонанд, ки таснифи киберҷиноятҳо аз аҳамият дур намебошад.

Махсус бояд таъкид дошт, ки қабл аз оне ки мо ба масъалаи таҳлили нуқтаи назари олимон ва муқаррароти санадҳои қонунгузорӣ ҷиҳати кляасификатсияи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок диққат медиҳем, иброз доштан мувофиқи мақсад мебошад, ки ин ҷиноятҳо дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун номгузорӣ шудаанд. Баъзе муҳаққиқон онро гурӯҳи киберҷиноятҳо[124], олимони дигар намудҳои киберҷиноятҳо[125], гурӯҳи сеюм бошад, низоми киберҷиноятҳо[126] меноманд. Пажуҳишҳои дар самтҳои гуногун анҷом дода шуда далелноки намудаанд, ки ҳангоми қисмҳои алоҳидаи ин ва ё он кирдорро баррасӣ намудан корбурди истилоҳи «тасниф» аз нигоҳи илмӣ мувофиқтар мебошад.

Дар масъалаи таснифи киберҷиноятҳо бошад дар адабиёти илмӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ мавқеъҳои гуногун дида мешаванд, ки онҳоро мо пайи ҳам ба аз руйи нишонаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологи пурра мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Масалан, Т.Л. Тропина[127] аз руи хусусияти истифодабарии шабакаҳои компютерӣ ва усулҳои содиршвай таснифи зерини киберҷиноятҳоро ҷудо мекунад:

– вақте ки компютер ҳамчун олоти ҷиноят истифода мешавад;

– вақте ки компютер ҳамчун воситаи содир намудани ҷиноят баромад мекунад;

---

[124] Ниг.: Кучерков И.А. О понятии «киберпреступление» в законодательстве и научной доктрине / И.А. Кучерков // Юридическая наука. – 2019. – №10. – С. 78-81; Шавалеев Б.Э. Классификация киберпреступлений / Б.Э. Шавалеев // Вестник Казанского юридического института МВД России. – 2022. – Т. 13. – №3 (49). – С. 93-97.

[125] Ниг.: Витвицкая С.С., Витвицкий А.А., Исакова Ю.И. Киберпреступления: понятие, классификация, международное противодействие / С.С. Витвицкая, А.А. Витвицкий, Ю.И. Исакова // Правовой порядок и правовые ценности. – 2023. – Т. 1. – №1. – С. 18-27; Колчевский И.Б., Бицадзе Г.Э. Преступления в сфере информационных технологий: понятие, структура / И.Б. Колчевский, Г.Э. Бицадзе // Научный портал МВД России. – 2021. – №2 (54). – С. 40-47.

[126] Ниг.: Phillips K., Davidson J.C., Farr R.R., Burkhardt C., Caneppele S., Aiken M.P. Conceptualizing Cybercrime: Definitions, Typologies and Taxonomies / K. Phillips, J.C. Davidson, R.R. Farr, C. Burkhardt, S. Caneppele, M.P. Aiken // Forensic Sci. – 2022. – №2. – P. 379-398; Номоконов В.А., Тропина Т.Л. Киберпреступность как новая криминальная угроза / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2012. – №1 (24). – С. 45-55.

[127] Ниг.: Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2005. – С. 44.

– вақте ки компютер нақши воситаи зеҳниро (ҷойгиркунии сомонаҳои мамнуъ дар Интернет) мебозад[128].

Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи назариявӣ ва амалӣ муҳаққиқ далелнок намудааст, ки аз рӯйи ҷиҳатҳои хоссаи истифодабари компютер ҳамчун василаи содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок татбиқ мегардад, ва асоснок гардидааст, ки он ҳамзамон васоити амали ғайриқонунӣ бо 2 роҳ татбиқ карда мешавад:

а) мисли василаи анҷом додани кирдорҳои анъанавӣ (намудҳои гуногуни қаллобӣ ва ғ.);

б) ҳамчун воситаи ҳамла ба компютерӣ дигар.

Лозим ба ёдоварист, ки қисми зиёди ин навъи ҷиноятҳо бо истифода аз интернет содир мешавад. Ба инҳо дохил мешаванд: қаллобӣ таввасути кортҳои бонкӣ; рамзгузории занҷиравӣ тавассути ҳарфҳо; пирамидаҳои молиявии виртуалӣ; қимори онлайнӣ; паҳн кардани маводи дорои хусусияти порнографӣ ва ғайра.

Дар баъзе мавридҳо компютер метавонад ҳам объекти дастрасии беиҷозат ва ҳам воситаи ҳамла бошад (компютер ҳамчун воситаи ҳамла ба компютерҳои дигар). Бо вуҷуди ин, дар аксари ҳолатҳо, ҳамлаҳо ба компютерҳо аз дигар компютерҳои як шабака сурат мегиранд. Азбаски чунин шабакаҳо аз садҳо ё ҳазорон шабакаҳо дар бисёр қитъаҳо иборатанд, мувофиқан имкони дастрасии беиҷозат ё дигар вайронкуниҳо вуҷуд дорад.

Аз ин лиҳоз ду категорияи асосии вайронкунии фосилавӣ вуҷуд дорад: дастрасии беиҷозат ва радсозии хидматгузорӣ.

Ҳангоми вайронкунии низом ҷинояткор кӯшиш мекунад, ки аз заъфи мавҷудаи амниятии система ҳамчун воситаи дастрасӣ ба худи система истифода барад. Дар сурати баръакс ба киберҷинояткор имконият фароҳам оварда мешавад, ки низоми аз кор баромадаро ба манфиат амали намуда онро ҳамчун платформа татбиқ намояд, ки дар натиҷа ба воситаи он

[128] Ниг.: Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2005. – 234 с.

технологияҳои гуногуни дигар аз кор мебароянд. Чунин сӯиистифода дар Интернет бо хатари назаррас тавсиф мешавад.

Ҳангоми радсозии хидматрасониҳо ҳадафи ҷинояткор хомӯш кардани система мебошад. Дар айни замон, ҷинояткор ҳатман кӯшиш намекунад, ки ба он дастрасӣ пайдо кунад. Чунин қонуншиканиҳо бештар дар Интернет паҳн шудаанд.

Вақте ки компютер ҳамчун объети ҷиноят баромад мекунад, чанд омили хатарзо ба миён меоянд, ки таснифу таҳқиқи онҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Ду намуди ҷиноятҳо мавҷуданд, ки дар онҳо компютер объекти таҷовуз аст:

а) Мусодираи таҷҳизоти компютерӣ. Ба ин гурӯҳ усулҳои анъанавии содир намудани ҷиноятҳои оддӣ дохил мешаванд, ки дар онҳо амали ҷинояткор ба мусодираи молу мулки каси дигар нигаронида шудааст.

б) Зарбазадан ва ё ҳамла ба система ва дастгоҳҳои техники ҷиҳати ғайриқонуни ҷамъоварии маълумот ва дастрасии беиҷозат пайдо намудан ба маълумоти дар хотираи технологияҳои гуногун мавҷудбуда (тасарруфи маълумот), яне дар ин ҳолат киберҷинояткор озодона технологияҳои мавҷударо истифода намуда маълумот ва системаҳоро тасарруф ва ё бекора менамояд. Аксарияти ин қонуншиканиҳо дастрасии беиҷозат ба системаро дар бар мегиранд. Дар маҷмуъ, усулҳои дастрасии беиҷозат, ки киберҷинояткорон истифода мебаранд, ба ду намуд тақсим мешаванд:

**«Хакерӣ» аз дохили шабака:** ҷинояткор ба терминал дастрасии бевосита дошта, вақти муайян бидуни назорати беруна аз он маълумоти ба ӯ манфиатоварро дастрас менамояд.

**«Хакерӣ» аз беруни шабака:** ҷинояткор дастрасии бевосита ба системаи компютерӣ надорад, балки имкон дорад, ки бо кадом роҳе (одатан тавассути дастрасии дурдаст тавассути интернет) ба системаи муҳофизатшуда ворид шавад, то бо мақсади ҷорӣ кардани системаи махсус барномаҳо, коркарди маълумоти дар система коркардшуда ё нигоҳ дошташуда ё дигар амалҳои ғайриқонуниро анҷом диҳад. Ба ин категорияи ҷиноятҳо инчунин дохил мешаванд:

а) ҷиноятҳое, ки муқобили маълумоти компютерие, ки дар шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла дар Интернет, ҷойгиранд;

б) ҷиноятҳое, ки нисбат ба иттилооти компютерие, ки дар дохили компютер ҷойгиранд ва он ба маънои классикиаш мафҳуми компютерро ифода наменамояд (пейджер, телефони мобилӣ, касса ва ғайра).

Таснифоти охирони Т.Л. Тропина дар самти киберҷиноятҳо (яъне компютер нақши воситаи зеҳниро мебозад) раванди мураккабнизом мебошад. Воқеан ҷойгиркунии сомонаҳои манъшуда дар Интернет таввасути компютер дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз паҳнгаштарин воситаи содир гардидани киберҷиноятҳо ва навъҳои он (кибертерроризм ва киберэкстремизм) мегардад. Масалан, дар адабиёти илмӣ муқаррар гардидааст ки дар фазои иттилоотии ҷаҳон тӯли чанд соли охир созмонҳои экстремистию террористӣ тавассути компютер ва бо истифода аз сомонаҳои гуногун ғояҳои тундгарой ва ифротгароии хешро тарғиб менамоянд. Дар натиҷаи чунин фаъолияти таблиғотӣ қисме аз ҷавонон, бахусус муҳоҷирони меҳнатӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба доми созмонҳои фаъолияташон мамнуъ афтодаанд[129]. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор созмонҳо бо мақсади ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун василаи анҷомидиҳии амалҳои киберии худ истифода мебаранд. Аз ҷониби дигар, боз созмонҳое низ ҳастанд, ки таввасути компютер ва сомонаҳо ба иғвоангезию паҳн намудани ғояҳои ифротгароӣ машғул гардида, қасд доранд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба бетартибиҳои сиёсӣ ташкил намоянд. Ҷомеаи Тоҷикистон мавҷи хеле баланди ҳамлаҳои кибериро моҳҳои апрел ва майи соли 2022, замоне ки беморни сироятии КОВИД-19 паҳн шуда истода буд, мушоҳида намуданд[130].

Таснифоти ба ин монандро аз рӯйи низоми кори компютерҳо ва шабакаҳои интернетӣ (аз руи усулҳои содиршвай), муҳаққиқон Ю.М. Батурин ва А.М. Жоздишский пешниҳод намудаанд:

---

[129] Ниг.: Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқей ба амнияти миллӣ / Муҳаррирони масъул: Муҳабатов А., Сафарализода Х.Қ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 182-183.

[130] Ниг.: Сафарализода Х.Қ. Воқеияти шабакаҳои иҷтимоӣ / Х.Қ. Сафарализода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. (ш. Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 98-100.

1. Киберҷиноятҳо – марбут ба дахолат ба кори низомҳои компютерҳо

2. Киберҷиноятҳо – ки дар онҳо компютер ҳамчун воситаи техникӣ барои содир намудани ҷиноят истифода мешавад[131]. Таҳқиқи таснифи муҳаққиқон Т.Л. Тропина, Ю.М. Батурин ва А.М. Жоздишский, пешбини менамояд, ки таснифи онҳо танҳо ба фаъолияти муътадили кори компютерҳо ва истифодаи компютер воситаи содиршавии ҷиноят маҳдуд гардидааст, аммо киберҷиноятҳо метавонанд тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ аз ҷумла бо истифодаи ТИК содир гардида, муқобили шабакаҳои интернети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо нигаронида шудааст.

Таснифи мукаммали киберҷиноятҳо аз тарафи олими рус А.В. Федоров пешниҳод гардидааст. А.В. Федоров вобаста ба объекти таҷовуз, киберҷиноятҳоро чунин тасниф менамояд:

– киберҷиноятҳое, ки муқобили моликият ва амнияти иқтисодӣ равона гардидаанд;

– киберҷиноятҳое, ки муқобили ҳуқуқҳои шахсӣ ва дахлнопазирии шахсӣ нигаронида шудаанд;

– киберҷиноятҳое, ки муқобили манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ нигаронида шудаанд[132].

Маврид ба зикри хос аст, ки киберҷиноятҳое, ки муқобили моликият ва амнияти иқтисодӣ равона гардидаанд бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ маъмуланд. Онҳо бо ҳадафҳои зархаридӣ содир шуда, қаллобӣ дар интернет, дуздии нармафзор («пирати нармафзор») ва ҷосусии иқтисодӣ мебошанд. Масалан, якчанд ҳолати паҳн намудини эълонҳои бардуруғ дар шабакаи интернет, ки ба онҳо шаҳрвандон бовар намудаанд ва ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор доранд ин дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ ба монанди «Газпром-инвест, Алиф-инвест, Тесла-х» ва ғайра аз ҷумлаи онҳое ифода мегардад, ки бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон

[131] Ниг.: Батурин Ю.М., Жодзишский А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность. – М.: Юрид. лит., 1991. – С. 11.

[132] Ниг.: Федоров А.В. Информационная безопасность в мировом политическом процессе: учеб. пособие. – М.: МГИМО-Университет, 2006. – С. 111.

ташкил ва роҳандози мегарданд. Дуюм пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд. Ҳолати дигар ин мерос мондани маблағ аз ким кадом як хеши дур, пешниҳод намудани тухфаҳо аз хориҷӣ кишвар дар намуди «баста (посилка)», албатта самтҳо ва намудҳои қаллобӣ дар интернет зиёд шуда истодаанд ва вақте сару садоҳо оиди қаллобӣ дар интернет ва маблағҳои аз даст рафта зиёд мешаванд, онҳо иловатан роҳҳои нави содир намудини ин кирдори ба ҷамъият хавнокро ҷӯё шуда барномаҳои навро таҳия менамоянд ва дар сомонаҳои интернетӣ ҷойгир менамоянд[133].

Киберҷиноятҳое, ки муқобили ҳуқуқҳои шахсӣ ва дахлнопазирии шахсӣ нигаронида шудаанд ҷамъоварии ғайриқонунии маълумот дар бораи шахс, ифшои маълумоти хусусӣ (масалан, сирри бонкӣ ё тиббӣ, маълумот дар бораи хароҷот ва ғ.) мебошанд.

Киберҷиноятҳое, ки муқобили манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ нигаронида шудаанд намуди киберҷиноятҳоеро дар бар мегиранд, ки ба муқобили амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона шудаанд (масалан, даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта, таҳдид ба қобилияти мудофиавии давлат, сӯиистифода аз системаҳои автоматии овоздиҳӣ ва ғайра).

В.А. Мешеряков вобаста ба объекти таҷовуз дар таҳқиқоти худ гурӯҳбандии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро чунин анҷом додааст:

1. Беиҷозат дастрасии маълумот ё маҳдуд кардани манфиатҳои истисноии татбиқшаваии он (беиҷозат дастрасии маълумот ва поймол кардани ҳуқуқи истисношудаи корфармо);

2. Дигаргун гардонидани маълумот (ҷиҳати ба манфиати шахсии киберҷинояткор истифода намудани маълумот бо ҳадафҳои хислатҳои хоси иттилоот), ғайриқонунӣ тағйир додани иттилоот ҳамчун маҷмуи далелҳо ва маълумот;

---

[133] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо: монография. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 248 с.

3. «Тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ паҳн намудани иттилооте, ки ба муносибатҳои гуногуни ҷомеа ва нафарони алоҳида, зиён меорад (омода кардани вирусҳои компютерӣ ҳамзамон нармфазорҳои гуногуни зараровар ба ТИК ва кирдорҳое, ки барои таҳияи мушкилиҳо барои истифодаи маълумот аз тарафи корбарони қонунӣ ба нақша гирифта шудааст)»[134].

Таснифи мазкур аз руи объекти таҷовуз нисбатан маҳдуд мебошад, зеро ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфи бузургдошта на фақат ба низоми кори компютерҳо, сониян ба дигар инфрасохтори муҳими давлатӣ сулҳу субот, амнияти иттилооти, маълумоти шахсӣ, дуздии онлайнии маблағ, анҷомдиҳии ҳамлаҳои гуногуни киберӣ, кибер террор, сохтакори ба василаи ТИК, ки тавассути низомҳои компютерӣ ё дар муҳити виртуалӣ анҷом меёбад ва тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ), асардуздӣ зарар ва таҳдиди онро мекунанд.

Гурӯҳбандии навбати аз тарафи муҳаққиқи соҳа Морозов Н.А. дар алоқаманди ба объекти зараррасонӣ ҷинояти баррасишударо ба 2 қисм ҷудо мекунад:

**1) ҷиноятҳо муқобили маълумоти компютерӣ:**

– вайрон кардани баҳисобгирӣ ва халалдоршавии тиҷорат;

– бо кортҳои пардохтӣ алоқаманд;

– ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ;

**2) ҷиноятҳое таввассути истифодаи интернет содир мешаванд:**

– қаллобӣ дар компютер;

– вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф;

– фиристодани номаҳои дорои мазмуни фаҳш;

–паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографияи кӯдакона[135].

Н.А. Морозов фикри хешро бо он далелнок кард, ки ҷиноятҳое, ки бо ёрии техникаи компютерӣ содир мешаванд, қабули меъёрҳои нави қонуни

---

[134] Ниг.: Мещеряков В.А. Криминалистическая классификация преступлений в сфере компьютерной информации // Защита информации. Конфидент. 1999. – № 4-5. – С. 15-21.

[135] Ниг.: Морозов Н.А. Борьба с компьютерной преступностью в Японии / Н.А. Морозов // Общество и право. – 2014. – №2 (48). – С. 144.

ҷиноятиро талаб намекунанд. Чунончӣ, одамкушие, ки ба воситаи қатъ намудани низоми нигаҳдошти ҳаёт дар беморхона василаи дастрасии фосилавии компютер итмом медиҳад, муттасил аз усуле, ки он анҷом ёфтааст, одамкӯши ҳисобида мешавад.

Таснифи Н.А. Морозов вобаста ба оне, ки киберҷиноятҳо таввассути истифодаи интернет содир мешаванд ва ба онҳо дохил намудани вайрон кардани ҳуқуқи муаллиф ва паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографияи кӯдакона, нисбатан таснифи нави илмӣ ифода гардида боиси ҷонибдорист.

Бояд қайд намуд, ки паҳн кардани мавод ё предметҳои порнографияи кӯдакона тавассути интернет дар ҷаҳони муосир таъсири манфӣ ва густурда пайдо карда истодааст. Дар Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо ба таври муфассал амалҳои ғайриқонунии паҳнкунии порнографияи кӯдакона тасниф пешбини гардидааст, ки ба намуди зерин метавон онҳоро пешниҳод кард:

а) Ҷобаҷогузории порнографии кӯдакона бо ҳадафҳои пахш намудани он ба василаи низоми кории ТИК;

б) Ба воситаи ТИК огоҳонидан ва пешниҳод намудани порнографияи кӯдакон;

в) Шабакаҳои иҷтимои ва мессенҷерҳо василаи делелнокии интишори порнографияи кӯдакона;

г) Барои манфиати шахсии хеш ва дигаронро қонеъ намудан харид ва ё фуруши аксҳои кӯдаконро ба воситаи низоми ТИК татбиқ намудан;

д) Бадхоҳона ҷамъоварии ва дар ихтиёр мондани порнографияи кӯдакона, дар ТИК ва низоми компютерӣ.

Аз таҳқиқи санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии болозикр маълум мегардад, ки порнографияи кӯдакон чиро ифода менамояд. Яъне порнографияи кӯдакон маводҳое мебошанд, ки ширкати кудаконро дар муносибатҳои шаҳватпарасти, серҳаракати ба равандҳои шаҳвонӣ; аксбардории аслии кудак, ки ба фаъолияти шаҳвонӣ банд аст. Мафҳуми «ноболиғ» мазмунт ашхоси ба синни ҳаждаҳсола нарасидаро дорад. Вале

таҳлили меъёрҳои Конвенсияи мазкур ба мамлакатҳои имзокунанда шароит фароҳам овардааст, ки бевосита маҳдудияти синну соли поёниро татбиқ намоянд, вале он набояд аз шонздаҳсола паст бошад.

Ҳамзамон халалдор сохтани ҳуқуқи муаллиф низ дар ҳудуди қонун бояд корбари ва барасмият даровада шавад. Шаклҳои гуногуни ин кирдорҳо дар КША дар бораи киберҷиноятҳо гурӯҳбанди нагардидааст:, аммо пешбини намудани чунин меъёр ба доираи қонунгузории мамлакатҳо вогузор гардидааст. Аммо муқаррар намудани ҷиноятҳо дар соҳаи ҳуқуқи муаллиф бояд ба иҷрои уҳдадориҳои ба дӯш гирифташуда, ки дар Санади Париж аз 24 июли соли 1971 (тағйирот аз 2 октябри 1979), Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи осори бадеӣ ифода ёфтаанд, инчунин Шартномаи СУМЗ оид ба ҳуқуқи муаллиф ва Созишномаи СУМЗ оид ба ҷанбаҳои тиҷорати моликияти зеҳнӣ асос ёбад. Ба ибораи дигар, агар кирдорҳои пешбининамудаи санадҳои дар боло зикршуда, инчунин Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи санъаткорон ва муассисон (фонограммаҳо ва ташкилотҳои телевизионӣ), Шартномаи СУМЗ оид ба иҷроишҳо ва фонограммаҳо ба таври қасдан ва бо мақсадҳои тиҷоратӣ тавассути системаҳои компютерӣ сурат гирад, пас давлатҳо метавонанд онҳоро ҳамчун ҷинояткор эътироф кунанд.

Дар аввали соли 2002 суратҷаласа оид ба Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо қабул карда шуд, ки ба феҳрасти кирдорҳо дохил намудани маълумоти дарбаргирандаи хислати нажодпарастӣ ва дигар хислатҳо, иғво андохтани зӯроварӣ, душманӣ, хусумат, бадхоҳӣ, кина; мухолифат нисбат ба ягон нафар ва ё табақаи аҳолӣ ва монанди инҳо ба эътибор гирифта шудааст.

Таснифи ҷиноятҳое, ки дар Конвенсияи мазкур оварда шудаанд, ниёз ба такмил дорад ва вобаста ба рушди илмию техникӣ ва робитаҳои ҷамъиятӣ дар фазои маҷозӣ ин рӯйхат, мутаассифона, васеъ мегардад. Илова бар ин, ҷиноятҳое, ки дар Конвенсия пешбинӣ шудаанд, баъзе амалҳоеро дар бар мегиранд, ки на ҳамеша хатари ҷамъиятиро ба вуҷуд меоранд. Илова ба таснифоте, ки Конвенсияи Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо пешниҳод

кардааст, таснифоти дигари расмӣ ва ғайрирасмии киберҷинояткор мавҷуданд, ки аз ҷониби коршиносон ва тадқиқотчиён таҳия шудаанд[136]. Яке аз чунин таснифотҳо аз ҷониби гурӯҳи кории Интерпол соли 1991 мувофиқи пешниҳоди Котиботи генералии Интерпол таҳия шудааст. Дар соли 1991 рамзгузорӣ ба системаи иттилоотии автоматии ҷустуҷӯӣ дохил карда шуд ва ҳоло он барои NCB дар зиёда аз 100 кишвар дастрас аст. Ин таснифот мукаммалтар буда, он метавонад барои ташаккули систематикӣ ва фаҳмиши бисёр намудҳои киберҷинояткорӣ ва тарзи содир шудани онҳо истифода шавад. Камбудии таснифот дар он аст, ки баъзе қисматҳои он номукаммал мебошад, зеро ки ба он як қатор ҷиноятҳо, аз қабили таҳия ва паҳн кардани порнографияи кӯдакона дар интернет, кибертерроризм ва кибертаъқиб дохил нашудаанд. Дарвоқеъ, онро метавон ҳамчун таснифи киберҷиноятӣ ғайризӯроварӣ тавсиф кард, ки ба ҳаёт ва амнияти одамон ба таври бевосита хатар эҷод наменамояд. Агар таснифоти мазкури Интерполро барои тасниф кардани ҷиноятҳое, ки системаи додаҳо ва амалкарди ТИК, шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ, ҳамзамон моликият ва ҳуқуқи муаллифро мақсади асоси қарор медиҳанд, мавриди амал қарор дода шавад, пас он барои ҷамъоварии маълумоти оморӣ, муаррифии навъи ҷиноятҳо ва бо кадом роҳҳо дар фазои маҷозӣ иҷро кардан онҳо манфиатовар хоҳад буд.

Дар ин низоми таснифотӣ ҳамаи рамзҳое, ки киберҷиноятҳоро тавсиф мекунанд, идентификаторе доранд, ки аз ҳарфи Q оғоз мешаванд. Онҳо вобаста ба намуди ҷиноят ба шаш гурӯҳ тақсим мешаванд (гурӯҳҳо инчунин бо ҳарфҳо нишон дода мешаванд: масалан, QF як гурӯҳи ҷиноятҳое мебошад, ки дар онҳо киберчиноятҳо муайян карда мешаванд, масалан таҷовуз (F - қаллобӣ)-ро дар бар мегирад ва ғ. Таснифоти минбаъда вобаста ба тарзи содир намудани чиноят сурат мегирад. Дар баробари ин, дар ҳар як гурӯҳ

[136] Ниг.: Витвицкая С.С., Витвицкий А.А., Исакова Ю.И. Киберпреступления: понятие, классификация, международное противодействие / С.С. Витвицкая, А.А. Витвицкий, Ю.И. Исакова // Правовой порядок и правовые ценности. – 2023. – Т. 1. – №1. – С. 18-27.

таснифот бо тартиби камшавии дараҷаи хавфи ҷамъиятии кирдор сурат мегирад[137].

Ин низоми таснифгарӣ (классификатор) чунин аст:

• QA – дастрасии беиҷозат ва боздошт

• QAH – интернати компютерӣ

• QAI – боздошт

• QAT – боздошти вақт

• QAZ – дигар намудҳои дастрасии беиҷозат ва боздоштанҳои ғайриқонунӣ

• QD – ивази маълумоти ТИК

• QUL – аслиҳаи гуфтор

• QDT – аспи троянӣ

• QDV – барномаҳои харобиовар

• QDW – махсус вируси компютерӣ

• QDZ – муқобили қонунгузории ҷамъоварии маълумот ва ивази он

• QF – сохтакории технологияи иттилоотии электронӣ

• QFC – сохтакорӣ таввасути банкоматҳо

• QFF – як навъи фиреби почтавӣ

• QFG – сохтакорӣ бо низоми бозиҳо гуногун

• QFM I/O – тасарруфи додаҳо

• QFP– сохтакорӣ тавассути пардохтҳои бонкӣ

• QFT – сохтакорӣ дар самти алоқа

• QFZ – дигар қаллобиҳо дар компютер

• QR – нусхабардории ғайриқонунӣ

• QRG – бозиҳои компютерӣ

• QRS – дигар нармафзорҳо

• QRT – аксбардории нимноқилҳои васлгари система

• QRZ – дигар нусхабардории ғайриқонунӣ

---

[137] Ниг.: Классификация компьютерных преступлений по кодификатору Генерального Секретариата Интерпола [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.c\berpol.ru/cvbercrime.shtml (санаи муроҷиат: 02.06.2003); Козлов В.Е. Теория и практика борьбы с компьютерной преступностью. – М., 2002. – С. 127-129.

• QS – зарар расонидан ба фаъолияти муътадили кори ТИК

• QSH – бехавфии барномаҳо

• QSS – бехавфии дастгоҳҳо

• QSZ – намудҳои гуногуни халалдорворидкунӣ ба ТИК

• QZ – намудҳои нави киберҷиноятҳо

• QZB – ба василаи навишаҷот пахши эълонии компютерӣ

• QZE – дастрасии иттилоъи дорои хислати сирри соҳибкорӣ

• QZS –иттилоъи махфӣ

• QZZ –киберҷиноятҳо ва гурӯҳбандии он

Дар асл ба чунин синфҳои мушаххас ҷудо намудан мувофиқи мақсад мебошад, лекин таснифоти мазкур аз норасоиҳо орӣ нест: чунончӣ, ҷиҳати ҷиноятҳое ки барои ҷомеаи имрӯза ва ҷаҳон хавфу хатари бузург доранд ва таҳдиди ҳамлаҳои киберӣ пайваста анҷом меёбаду ҳайёт ва саломатиро дучори хатар месозанд, ҳамзамон кирдорҳои даҳдор ки аз меҳнати истисмори ҷинсии ноболиғон истифода мебаранд ва аксҳои онҳоро пахш менамоянд, чизе ироа нагардидааст.

Маврид ба зикри хос аст, ки таҳқиқи таснифи киберҷиноятҳо на танҳо аз лиҳози қонунгузорӣ ва ё андешаи олимон мавриди барраси қарор гирифтааст, балки мушкилоти зикргардидаро ҳатто созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ ҷиҳати таҳқиқ қарор додаанд, бахусус Европол соли 2018 киберҷиноятҳоро ба ду гурӯҳ тасниф намудаст:

1) маҷмуи кирдорҳое, ки фақат тавассути ТИК, система ва ё дастгоҳҳо ё дигар намудҳои технологияи электронӣ анҷом меёбад;

2) кирдорҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (яъне ҷиноятҳои анъанавӣ, ки бо ёрии технологияҳои интернетӣ ва электронӣ анҷом меёбанд).

Тафовути ҷидди миёни ин намуди киберҷиноятҳо дар нақши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар содир намудани ҷиноятҳост ва ҳолати мазкур марбути технологияи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ҳадафи ҷиноят аст ё ҷузъи ҷудонашавандаи

усули содир намудани ҷиноят (усули таъсиррасонӣ) аз ҷониби ҷинояткор истифода бурда мешавад. Вақте ки ТИК ҳадафи ҷиноят мешавад, чунин ҷиноят ба махфият, пуррагӣ, муяссарии иттилооти компютерӣ ва ё низоми ТИК асари манфӣ мерасонад.

Муяссарии иттилооти компютерӣ ва ё низоми ТИК маҳаки муҳим арзёби мегарданд, дигархел намуда иброз намоем, иттлооти махфӣ дар асл махфӣ бояд бошад, вайро бе розигии қонунии он дигаргун намудан хилофи қонунгузорӣ буда, иттилоот, хизматрасониҳо ва низомҳо бояд ҳама вақт ба соҳиби қонунияш дастрас бошанд. Дар сурате, ки технологияи иттилоотии электронӣ қисми воситаи содир кардани кирдор мебошад, киберҷиноятҳо кирдорҳои анъанавиро фаро мегирад (бахусус, сохтакорӣ ва тасарруф), ки ба ҷамъият хавфнокии ин кирдоҳо бо ин ё он восита ба василаи технологияи иттилоотии электронӣ анҷом дода мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки барои баррасии таъсири иттилоотикунонӣ ба ҷинояткорӣ ва аз рӯйи хусусияти хоссаи киберҷиноятҳо киберҷиноятҳоро метавон гуногун тасниф намуд. Ба хусус, кирдоҳои маъмул, ки тавассути технологияи иттилоотии электронӣ анҷом меёбад (чунончӣ, воситаҳои нашъадор ба василаи низомҳои компютерӣ, ба худкушӣ расонидан тавассути технологияи иттилоотии электронии интернет) ва дигар кирдорҳои муосир, ки дар заминаи ташаккул ва амали ТИК пайдо шудаанд (ҷамъоварии ғайриқонунии маълумоти шахсӣ, ҳамлаҳои хакерӣ, паҳн кардани барномаҳои зарароввар дар шабака ва ғ.). Ҳамзамон, ба сифати меъёр, ки аз рӯйи он ин ё он ҷиноятро ба категорияҳои дар боло зикршуда мансуб донистан лозим аст, имкони содир намудани ин ҷиноятро бе истифодаи ТИК метавон қабул намуд. Масалан, қочоқи силоҳ метавонад ҳам бо истифода аз ТИК ва ҳам бидуни истифодаи он сурат бигирад («анъанавӣ»), дар ҳоле ки ҳамлаи хакерӣ ба пойгоҳи нишондодҳои ширкат бидуни ТИК эҳтимолан ғайриимкон аст.

Тибқи таснифоти дигар, киберҷиноятҳо, аз рӯйи субъекти содиркунандаи он ба ҷинояткорони навъи махсус ва умумӣ ҷудо карда

мешаванд. Ҷиноятkории навъи махсус ба содир намудани ҷиноятҳои махсуси киберҷиноятkорӣ тахассус доранд ва барои содир намудани ин нави ҷиноят онҳо дониши амиқи касбии техникӣ доранд. Дар ҷиноятҳои навъи умумӣ, ки он ба фазои маҷозӣ хос набуда, дар он аз ТИК (паҳнкунии ғайриқонунии мавод, қаллобӣ ва ғ.) ё донишҳои махсуси техникӣ дар соҳаи ТИК истифода мебаранд[138]. Мо таснифоти гурӯҳи дуюмро пайравӣ мекунем. Воқеан, дар доираи таснифи киберҷиноятҳо ба кирдорҳое, ки ба тариқи «маъмулӣ» содир мегарданд, аммо дар онҳо аз технологияи иттилоотии электронии интернет (бахусус, ба муомилот баровардани моддаҳои манъшуда ба воситаи интернет), ки дар самтҳои технологияҳои муосир сатҳи барзиёди малакаю маҳорат ва дониш зарур аст ва ҷиноятҳои ба ном хакерӣ бо таҳияи вирусҳои зараровар истифифода мешавад, диққати махсус бояд дод.

Дар ин навъи ҷиноятҳо вобаста ба сатҳи омодагӣ ва таҷрибаи содир намудани чунин ҷиноятҳо киберҷиноятkоронро ба навомӯз, таҷрибадорон ва мутахассисони касбӣ ҷудо карданд[139].

Навомӯз фарогири ҷавонони 15-20 сола ва маълумоташон миёна, миёнаи касбӣ ё ин ки олии нопурра мебошандва онҳо аз оилаҳои миёнаҳол баромадаанд. Ба таҷҳизоти компютерӣ аллакай аз синфи 8-9 малака пайдо кардаанд. Дар хона як ё якчанд компютери иқтидори миёнадошта доранд, донишашон оид ба таҷҳизоти компютерӣ бо донистани забонҳои барномасозии дараҷаи паст ва миёна қонеъ мегардад. Ин тоифа одатан ба шабакаи байналмилалии Интернет ё ба шабакаи навъи FidoNet иҷозат доранд. Бо дигарон одатан кам муошират менамоянд ва кӯшиш мекунанд ки бо ҳамроҳони худ бештар дар мулоқот бошанд. Онҳо қариб ҳар рӯз ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ, ки дар система ё шабакаи компютерӣ ва ё дар махзани мошинҳо мавҷуданд, ворид мегарданд ва ба таҳия истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар машғуланд.

---

[138] Ниг.: Бытко С.Ю. Некоторые проблемы уголовной ответственности за преступления, совершаемые с использованием компьютерных технологий: дис… канд. юрид. наук. – Саратов, 2002. – 204 с.
[139] Ниг.: Макушев Д.И. Криминологическая характеристика личности киберпреступника / Д.И. Макушев // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2016. – №1-3. – С. 23-29.

Гурӯҳи таҷрибадорон шахсони 20-25 соларо фаро гирифта, дар ин гурӯҳ бештар мардон ҷалб мешаванд, вале солҳои охир машғулияти духтарон низ мушоҳида мешавад ва маълумоти онҳо одатан касбӣ-техникӣ аст. Донишҳои дар ҷодаи технологияи компютериашон бо муқоиса ба гурӯҳи якум нисбатан пешрафта ва мукаммалтар мебошад. Доираи асосии фаъолияти онҳо шикасти шабака, иштирок дар ягон амилиёти гирифтани иттилооти феълан маҳдуд ва ё ҷосусии тиҷоратиро ташкил медиҳад.

Мутахассисони касбиро шахсони 25-45 солаи ҷинсашон бештар мард ташкил медиҳанд. Дониши соҳаи технологияи компютериашон мукаммал мебошад. Ин категория якчанд забонҳои барномасозии дараҷаҳои гуногунро медонанд. Фаъолияти ҷиноятии онҳо асосан ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ мебошад. Онҳо доимо навъ ва фаъолияти худро сайқал медиҳанд ва аксаран аз тарафи мақомоти дахлдор дастгирнашаванда ба шумор мераванд.

Ҳамин тариқ, киберҷинояткорӣ масъалаи мубрам дар шароити ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб рафта, ба иқтисодиёт ва амнияти миллӣ зарари назаррас метавонад расонад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки дар оянда бо афзудани нақши ТИК ин ҳисорот хоҳад зиёд шуд. Сарфи назар аз гуфтаҳои боло, имрӯз таснифоти амиқи илмии «киберҷиноятҳо» вуҷуд надорад.

Аз ин лиҳоз тамоми киберҷиноятҳоро шартан метавон чунин тасниф кард: анъанавӣ, бо истифодаи ТИК содиршуда ва куллан нав, ки дар натиҷаи рушд ва татбиқи ТИК ба вуҷуд омадаанд. Инчунин ба таснифоти шабеҳи киберҷинояткорон такя карда онҳоро ба ҷинояткороне, ки ҷиноятҳои анъанавӣ содир мекунанд ва бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, ки дониши махсус надоранд ва ба истилоҳ «хакерҳо», ки дар самти техникаи муосир ва техникаи компютерӣ дониши васеъ доранд ва ҷиноятҳои мушаххасеро содир мекунанд, ки дар натиҷаи рушди ТИК ба вуҷуд омадаанд, ҷудо кардан мумкин аст.

Дар асоси таҳқиқотҳои болозикр таснифоти тамоми киберҷиноятҳоро метавон аз рӯйи асосҳои зерин тасниф кард:

а) вобаста ба объекти таарузи кирдор;

б) аз нуқтаи назари хисороте, ки ба маълумоти дар ТИК мавҷуд буда амали гардидааст;

в) вобаста низоми киберҷиноятҳо;

г) вобаста ба усулҳои содир намудани ҷиноят;

Вобаста ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ, киберҷиноятҳоро чунин тасниф намудан мувофиқи мақсад мебошад:

а) «тааруз ба ҳуқуқ, озодӣ ва нафъи соҳибони маълумоти компютерӣ. Ин тасниф дар баргирандаи ду кирдори барои ҷамъият хавфнок, аз ҷумла «сохтакории компютерӣ», «тахрибкории компютерӣ», «ҷосусии компютерӣ» ва моддаҳои 298-303 КҶ ҶТ-ро фаро мегирад»[140];

б) «тааруз ба ҳуқуқ, озодӣ соҳибони воситаҳои маълумот. Дар доираи ин гурӯҳбандӣ ворид мегардагд: қ. 3 моддаи 146 КҶ ҶТ ва моддаи 304 КҶ ҶТ (халалдор намудани қоидаҳои истифодаи низоми шабакаи компютерӣ), «истифодаи беиҷозати барномаҳои компютерии муҳофизатшаванда», истифодаи беиҷозати компютерҳо)»[141].

«Заминаи муҳими гурӯҳбандии намуди дигар тавоноии поёнии расонидани зиён ба маълумоти аз тарафи қонунгузори ҳифзшаванда – дигаргун кардан, ба нести бурдан, қулф намудан, аз кор баровардан, рунависии маълумо, омодагӣ, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар ва монанди инҳо мебошад»[142].

Вобаста ба низом, киберҷиноятҳоро метавон чунин тасниф намуд:

---

[140] Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-280

[141] Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-281

[142] Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284. Илова бар ин оқибатҳои манфии кирдорҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби қонунгузор ҳамчун оқибатҳои алтернативӣ ифода карда мешаванд ва вобаста аз вазнинии нисбии худ аз якдигар тафовут намекунанд. Илова бар ин, қонунгузор расонидани ин зарарро вобаста ба шакли гуноҳ тафовут мекунад. Дар он аз як тараф қасдан несту нобуд кардан, маҳдуд кардан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти компютерӣ (м.м. 298-304-и КҶ ҶТ) ва аз ҷониби дигар, ҷавобгарӣ барои аз беэҳтиётӣ расонидан ин намуди зарар (қ. 2 м. 298, 299, 300, 303 ва қ. 3 м. 304 КҶ ҶТ) фарқ карда мешаванд»

1. Ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (киберҷиноятҳои харобиовар):

• Хакерӣ ба шабака ва нест кардани барномаҳо ё додаҳо;

• Хакерӣ ба сервери веб ё нобуд кардани саҳифаҳои веб;

• Дохил намудани вирусҳо ва барномаҳои зарарровар ба низом ё системаҳои алоқаи мобили ва компютерӣ;

• Созмондиҳии ҳуҷумҳои киберӣ, ки система ва ё дастгоҳҳои техникиро корношоям мегардонад ё аз имконпазирии дастрасӣ соҳибони қонунӣ онҳоро ба манбаъҳо мушкили эҷод менамояд.

Ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (киберҷиноятҳои харобиовар), аз осеб дидани додаҳо ва вайрон кардани тамомияти маълумот ва амнияти кори системаҳои компютерӣ иборат аст. Чунин ҷиноятҳо инчунин метавонанд зарари молӣ расонанд.

2. Ҷиноятҳое, ки бо истифодаи шабакаи интернет ва захираҳои электронии иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ мессенҷерҳо ва дигар захираҳо) содир мегарданд. Кодекси ҷиноятии ҶТ дар 15 модда (моддаҳои 137, 137 (1), 144, 179 (1), 179 (3), 189, 241, 241 (1), 241 (2), 307, 307 (1), 307 (3), 373, 330, 334 (1) ва 396), ҷиноятҳоре, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд пешбинӣ намудааст. Ба ҷиноятҳои дигар, ки бо истифодаи шабакаи интернет содир мешаванд, инҳоро мансуб донистан мумкин аст: ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ), қаллобӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои воситаҳои нашъадор (моддаи 200 КҶ ҶТ) ва тамаъҷӯӣ (моддаи 250 КҶ ҶТ), вале дар диспозитсияи ин моддаҳо ба таври махсус ҳолатҳои истифодаи шабакаи интернет зикр нагардидаанд.

3. Ҷиноятҳое, ки бо истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд:

• Мактуби фишингӣ;

• Кибертаъқиб;

• Дуздии онлайнии маълумоти шахсият.

4. Ҷиноятҳое, ки ҳайё ва саломатиро дучори хатар мегузоранд.

• Таҳдиди зӯроварии ҷисмонӣ;

• Кибертаъқиб.

Ҳаросондани зӯроварии ҷисмонӣ - кирдорҳое, ки аз тазъиқ намудан ба ҳолати равонии ҷабрдида ба воситаи ирсоли пайғоми дорои таҳдидҳои мухталиф ба воситаи почтаи электронӣ ифода мегардад. Ҳадафи кирдор он аст, ки ҷабрдида аз зиндагии худ ва ё аз зиндагии пайвандогпш ҳар вақт ҳарос қарор дорад (муҳақиқони ИМА анҷомдиҳии ин амалҳоро таҳдиди террористӣ ифода менамоянд, ки ин, албатта, мувофиқи мақсад намебошад).

Таъқиби киберӣ як намуди пайгирии электронӣ ифода мегардад, ки дар бисёре аз ҳолатҳо ҳаросонидани ҷисмонии равшан ё пешаки нақшабандигардидаро фаро мегирад, нисбати ҷабрдида дарки хавфро таҳия менамояд. Кирдорҳои зикргардида аз ҳаросонидани ҷисмонӣ, аввалан, бо хислатҳои пайвастаи худ тафовут дорад, дуюм, онҳо на фақат дар фиристонидани пайғомҳои ҳаросонанда, сонияи дар содир гардидани дигар кирдорҳо, ки ба таъқиб ишора мекунанд, чунончӣ, «хакерӣ», муяассаргарди ба иттилооти ҷабрдида ифода ёфта дар баъзе ҳолатҳо ин ҳаросонидан ба ҳаёти имрӯза алоқаманд аст.

5. Ҷиноятҳое, ки махфияти иттилоотро вайрон мекунанд аз ҷумла дастрасии ғайриқонунӣ ба компютерҳо ё системаҳои компютерӣ бидуни расонидани зарар ба иттилоот.

Чунин кирдорҳо бе пайдоиши зарар ё иваз намудани иттилоот ё бе ҳадафи истифодаи оянда сомон дода мешаванд. Мудаққиқони кишварҳои дур ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро «ҷиноятҳо бар зидди молу мулк» пайгири менамоянд. Масалан ҳаракат як хакери новолиғ аст, ки фақат ба мақсади муаррифи намудан ва ё мукамал гардонидани малакаи хеш, барои далелнокии чизе ба ҳасинфонаш ва ба нафароне, ки ба синну солу баробарнд низоми кории компютериро «аз кор боз медоранд»

Ба вежа дар бораи ин масъала муҳақиқ «Шиндер Д.Л. иброз медорад, ки монанди ин гунаҳкорон ба воситаи назар намудани почтаи электронӣ ва маълумотҳо шахсӣ, сабт намудани он, ки шумо аз кадом нармфазоро амалӣ

мекунед, ба кадом сомонаҳо назар менамоед ва монанди инҳо бо «нигоҳ кардан» ҳаловат мебаранд, вале бо иттилооти дастрасгардида ҳеҷ амалеро анҷом намедиҳед. Он маъмулан монанди «дастрасии беиҷозат», «вайронкунии амнияти алоқа ва компютер» ифода мегрдад»[143].

Методҳои қайдгардида соҳибон ва истифодабарандагони қайди номшударо аз тавоноӣ ба иттлооти шахсӣ ё имконияти истифодаи он бебаҳра мегардонад.

Зиёнрасони метавонад ҳамчун як ҳаракати ногаҳон бошад, ки фақат «ҷиҳати махарабозӣ» аз тарафи хакерҳо сомон ёбад ва ё он метавонад як намуди ҳамлаи харобиовари компютерӣ ба таври худпарастона бошад (бахусус, дар сурати барномаҳои ҳарифи тиҷорӣ покиза шаванд). Барои ифодаи андешаҳои шахсӣ ва ё сиёсӣ, ҳангоми бархе аз ҳолатҳо ин кирдорҳо сомон дода мешвад (намуди «граффитӣ»-и фақат тавассути муҳити виртуалӣ сомон меёбад). Феноменол ва ё пажуҳиши мазкурро дар баъзе сарчашмаҳои мамлакатҳои шарқи дур «хактивизм» номидаанд. Вожаи «хактивизм» (вожаи мазкурро фақат тавассути транслитератсия оммафаҳм намудан имкон дорад, чунки дар дигар забонҳо ҳаммонанди ин вожа мавҷуд нест) ва он аз 2 истилоҳ «Hack ва Activism» асос ёфтааст ва ҷиҳати дарки институтҳои муосири эродгирии иҷтимоӣ татбиқ мегардад. «Институти мазкур намуди нави таҷзияи равандҳои иҷтимоӣ ифода мегардад, ки ҳадафи норизогӣ ба чизе, хакерӣ (татбиқи воситаҳои гуногуни техникӣ бо ҳадафҳои зарар расонидан ба воситаҳои техникии ёрирасон аз ҷумла роултелҳо ва модем, ки корбаронро аз дастраси аз саҳифаҳои худ маҳдуд менамояд) ифода мегардад»[144].

Дар шароити рушди ТИК имруз нармфазорҳои гуногуни зараррасон аз ҷумла вирусҳо барои қисми зиёди корбарони шабакаҳои иҷтимоии электрогӣ, ки бо технологияҳои гуногуни иттилоотиӣ робита ногусастани

[143] Shinder D.L. Scene of the Cybercrime. Computer Forensics Handbook. – Rockland, 2003. – P. 18-34.
[144] Ниг.: Ба мавзуи хактивизма таҳқиқотҳои алоҳида бахшида шудаанд, масалан, асари коршиноси машҳур Деннинг Д. (Denning D.) «Activism, Hacktivism, and Cyberterrorism: The Internet as a Tool for Influencing Foreign Policy» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.nautilus.org/info-Dolicv/workshoo/papers/denning.html (санаи муроҷиат: 01.12.2022).

доранд, проблемаҳои бартарафнашаванда таҳия мекунад. Вожа чунин барномаҳои зараррасон ба дараҷае аз тарафи мутахассисони самти техникӣ моҳияти комилан фаҳмо надорад, аммо вожа вируси компютерӣ каме равшан гардидааст, ки гуё барномае эътироф мегардад, ки боиси таҳдиду ба миён омадани ҳолатҳои харобиовари киберӣ мегардад. Лозим ба зикр аст, ки ин намуди кирм-вирусҳо пайваста такрор ёфта пайваста барои аз кор боз мондани барномаҳо, додаҳо омодаан. Намуди нисбатани нави ин барномаҳо аспи троянӣ  ифода мегарданд, дар дидан оддию безарар ба чашм мерасад, вале ба система ва шабакаҳои алоқа таҳдиди бузург дорад.

Ҳамин тавр намудҳо ва ё шаклҳои барномаҳои зикргардида ба дастгоҳҳо низоми фаъолияти муътадили системаҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ миллиардҳо доллар зиён меоварад ва ихтироъкунандагони ин гуна нармфазорҳо пайваста кушиш менамояд, ки боз нармфазорҳои зараррасони наву муосирро таҳия намуда намуди пешинаро зайле дигаргун кунанд, ки онҳо ба васила и нармфазорҳои муқобиливирусӣ кушода намегарданд. Зоҳир гардидани «Markup Language Hypertext» -и нави почтаи электронӣ ва иловаҳо пахшшваии барномаҳои заррасонро аз пештра дида дастрастар гардонид. Ин ҳолат шароити мусоид овард, ки бори дигар ба система ва ё додаҳо хакерӣ намудан мувофиқи мақсал нест, фақат ба воситаи почта ба истифодабарандагон ирсол намудани он барномаи заррасон зарур асту халос ва илова бар ин барномаҳои зикргардида тез-тез дар системаҳо ва дастгоҳҳои дохилию берунӣ зуд пахш мегардад.

# БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

## 2.1. Ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки киберҷиноятҳо ба зуҳуроти фаромиллӣ мубаддал гашта, ба ҷомеа ва амниятӣ ҳамаи давлатҳо таъсири манфӣ мерасонад, аз ин рӯ муқовимат бо киберҷиноятҳо ҳамкориҳои бевоситаи байналмилалиро талаб менамояд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои хусусӣ ва коршиносон, самарабахш гардида, он ҳамчун усули муассири самарабахши муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилаӣ ба ҳисоб меравад, зеро афзоиши таъсири технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернет ба ҳаёти муосири инсон, бисёр барномаҳои муфиду осонкунандаи муоширап, паёмрасонҳои фаврӣ ва дигар намудҳои муошират пайдо шуданд. Коршиносон эътироф карданд, ки киберҷиноятҳо дар оғози ташаккули ҷомеаи ба истилоҳ иттилоотикунонии босуръат марзи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ надорад. Маврид ба зикри хос аст, ки 4-уми июли соли 2023 Пешвои муаззами миллат, дар ҷаласаи навбатии Шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, ки дар шакли видеоконфронс баргузор шуд, аз таҳдидҳои афзояндаи киберҷиноятҳо ёдовар шуда аз ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо даъват ба амал овардаанд. Аз ин рӯ дар чаҳорчӯби ҷаласаи Шурои сарони давлатҳо ба таври умум 11 қарору санад қабул шуд, ки муҳимтарини онҳо ҳамкорӣ дар соҳаи таҳаввулоти рақамӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо ифода мегардад[145].

Муқовимати муассир бо киберҷиноятҳо танҳо дар сурати муттаҳид сохтани саъю талоши тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ имконпазир аст, ки он бояд заминаи ягонаи салоҳият ва қоидаҳои ҳамкории байналмилалии давлатҳоро дар ин самт муқаррар намояд.

[145] Ниг.: Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи мурочиат 06.06.2023).

Даврони муосир дар асоси пешрафти технология дар муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба нақши ҳамкории давлатҳо бисёр масъалаҳои мубрам пеш меояд, ки афзоиши киберҷиноятҳо ин гуфтаи моро бори дигар собит месозад.

Воқеан, кирдорҳо ба василаи ТИК дар ҳамаи самтҳо дар шароити рушди босуръати технология татбиқ шуда истодааст ва он объекту инфрасохтори махсусан заррурии маълумотдиҳиро, ҳамзамон амнияти байналмилалии иттилоотӣ ба хавфи харобиоварӣ ҳуҷумҳои киберӣ наздик аст. Чунки давоми қарнҳо охир таҳқурсии меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ, бомуввафақият ташаккул ёфтааст. Ҳамзамон бо вуҷуди ин пешравиҳо, дар сатҳи байналмилалӣ то имрӯз таркиби махсусӣ ҳуқуқии ҷиноятӣ муқовимат бо киберҷиноятҳо дар сатҳи байналмилалӣ вуҷуд надошта, дар ин самт истилоҳоти ягона таҳия нашудааст, ки ин омил, ҳамкории давлатҳоро дар ин самт мушкил месозад.

Яке аз муҳаққиқони бевоситаи ин соҳа Улрик Зибер чунин хулосагирӣ менамояд, ки миёни амалҳои дарсатҳи байналмилалӣ роҳандозишуда ва ислоҳоти қонуни ҷиноятии сатҳи миллӣ робитаи ногусатанӣ мавҷуд мебошад. Бо вуҷуди ҳамоҳангии қонунгузориҳои байналмилалӣ ва миллӣ оид ба киберҷинояткориҳо ихтилофи назар низ дар ин бахш зиёд ба назар расида, ба андешаи олимон Т.Л. Тропина, М. Гудман ва С. Бреннер ин омил ба «номукаммалии қонунҳои нав, қонунҳои кухна ва мавҷуд набудани қонунҳои дахлдор» алоқамандӣ дорад[146].

Коршиносон пайваста зарурати таҳияи стратегияҳои миллӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳоро таъкид мекунанд ва саъю кӯшишҳои дар сатҳи байналмилалӣ андешидашуда бояд дар сатҳи як давлатӣ дастгирӣ ёбанд. Ба ақидаи В.П. Зимин, ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо

[146] Ниг.: Тропина Т.Л. Криминализация киберпреступлений: достижение консенсуса / Т.Л. Тропина // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. – Вып. 2. – Запорожье, 2004. – С. 49-56.

киберҷиноятҳо бояд дар ду шакл амалӣ гардад: шартномавӣ-ҳуқуқӣ ва дар доираи созмонҳои байналмилалӣ (институтсионалӣ)[147].

А.А. Данилевич андешаи В.П. Зиминро ҷонибдорӣ намуда қайд менамояд, ки натиҷаи муассиртарини ҳамкории давлатҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории таҳияшудаи миллӣ ифода мегардад[148].

Таҳдидҳои мухталифи киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати ТИК дар давраи имрӯза, мутахассисону коршиносони ташкилотҳои байналмилалии соҳавӣ хавфи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, махсусан мутташакилии онро, ба инобат гирифта, ҳалли проблемаҳои мавҷударо дар чораандешии техникӣ, молиявию иқтисодӣ ва таҷдиди меъёрҳои қонунгузории байналмилалӣ ва зарурати ҳамкории мутақобилан судмандро дар ин самт баррасмиям тавсия медиҳанд. OECD, Шурои Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, СММ ва Интерпол – қисми барзиёди ташкилотҳои зикргардида самту вазифаҳои оинномавии хешро дар талошҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақави дар муқовимат бо киберҷиноятҳо нақши муҳим доранд.

Бо дарназардошти муҳиммияти ин мавзуъ ва густариши васеъ пайдо кардани ин навъи ҷиноятҳо дар арсаи ҷаҳонӣ зарурати тавсифи мухтасари илмиву амалии он, инчунин баррасии ҳамкории байналмилалии давлатҳоро дар муқовимат бо киберҷиноятҳо аз ибтидои солҳои 80-ум, то қабули Конвенсияи Шурои ИА оид ба киберҷиноятҳо пеш меояд. Арзёбии дақиқи - ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт бозгӯии тартиби хронологии онҳо мебошад. Дар асоси муқоисаи санадҳои аз ҷониби созмонҳои бонуфуз қабулшуда имкони бозгӯии раванди таҳияи роҳҳои самарабахш дар муқовимат бо киберҷиноятҳо ба миён меояд.

Бояд қайд намуд, ки аввалин омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти киберҷиноятҳо ва чораҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ муқовимат бо он дар миқёси

[147] Ниг.: Зимин В.П. Международное сотрудничество в области борьбы с преступностью и охраны общественного порядка. – М.: Науч.- исслед. ин-т МВД РФ, 1993. – 157 с.
[148] Ниг.: Данилевич А.А., Самарин В.И. Международная правовая помощь по уголовным делам: уголовно-процессуальный аспект. – Минск: БГУ, 2009. – 127 с.

байналмилалӣ аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (минбаъд СҲИР) анҷом дода шуда буд, ки он аз соли 1983 то 1985 ба омӯзиши имкониятҳои ҳамоҳангсозии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва танзими киберҷиноятҳо равона гардида буд. Натиҷаҳои ин омӯзишҳо дар шакли гузориш таҳти унвони «Киберҷиноятҳо ва муқовимат бо он: таҳлили ҳуқуқии ҷиноятӣ» пешниҳод шудааст, ки он қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои СҲИР-ро таҳлил намуда, барои ислоҳоти он тавсияҳо пешниҳод мекунад, инчунин рӯйхати амалҳои криминологӣ (ҷиноятӣ)-ро пешкаш менамояд, ки онро ба таври зайл метавон тасниф намуд:

1. Бо усулҳои хакерӣ ғайриқонунӣ воридшавӣ, тағйир додан, нест кардан, пинҳон кардани маълумоти компютерӣ ва (ё) барномаҳои компютерӣ, ки бо мақсади ғайриқонунӣ интиқол додани маблағ ё дигар дороиҳои молу мулкӣ содир шудааст.

2. Бо усулҳои хакерӣ ғайриқонунӣ воридшавӣ, тағйир додан, нест кардан, пинҳон кардани маълумоти компютерӣ ва ё барномаҳои компютерӣ, ки қасдан ва ё бо мақсади сохтакорӣ содир шудааст.

3. Бо усулҳои хакерӣ ғайриқонунӣ воридшавӣ, тағйир додан, нест кардан, пинҳон кардани маълумоти компютерӣ ва ё барномаҳои компютерӣ, ки бо мақсади эҷоди монеаҳо дар амалиётҳои компютерӣ ва ё системаҳои телекоммуникатсионӣ содир шудааст.

4. Маҳдуд намудани ҳуқуқҳои шахсии муаллифони нармфазорҳои компютерӣ ҷиҳати фуруши ин ва ё он системаҳо, барномаҳо бо ҳадафҳои истифодаи соҳибкорӣ.

5. Ба даст овардани иттилооти компютерӣ ё маълумоти системаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин боздоштани онҳо, ки қасдан, бе иҷозати шахси масъул барои фаъолияти система ё бо вайрон кардани талаботи амният, инчунин амалҳои ғайриқонунӣ содир шудааст[149].

Аз соли 1985 то соли 1989 Кумитаи махсуси коршиносони Шурои Аврупо оид ба киберҷиноятҳо Тавсияномаи №89-ро таҳия намуд, ки он аз

[149] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284.

ҷониби Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо санаи 13-уми сентябри соли 1989 тасдиқ шудааст. Ин санад рӯйхати ҷиноятҳоеро фаро гирифтааст, ки ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо дар таҳияи стратегияи умумии киберҷиноятҳо тавсия дода мешавад[150].

Дар ин санад зарурати расидан ба як тавофуқи байналмилалӣ дар мавриди хусусияти ба ҷамъияти хавфи бузург доштани киберҷиноятҳо зикр шуда, шаклҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо пешбини гардидааст. Тавсияномаи мазкур ду номгӯйи ҷиноятҳоро дар самти баррасишаванда муқарар намудааст: ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои «ҳадди ақал» ва «факултативӣ» (иловагӣ) будани онҳо. Рӯйхати «ҳадди ақал» амалҳоеро фаро мегирад, ки онҳо бояд тибқи қонунҳои байналмилалӣ ҳатман манъ карда шуда, иҷрокунандагони он мавриди таъқиб қарор дода мешаванд. Рӯйхати «иловагӣ» он ҷиноятҳоеро дар бар мегирад, ки барои танзими онҳо созишномаи байналмилалиро ба даст овардан душвор аст.

Ба «Рӯйхати ҳадди ақали ҳуқуқвайронкуниҳо» ин амалҳоро метавон дохил кард:

1. Қаллобии компютерӣ. Ворид кардан, тағйир додан, нест кардан ё вайрон кардани маълумот ё барномаҳои компютерӣ, дахолат ба ҷараёни коркарди маълумот, ки ба натиҷаи коркарди маълумот таъсир расонида, бо мақсади ба даст овардани фоидаи ғайриқонунии молиявӣ ба шахсони дигар зарари иқтисодӣ ё молумулкӣ расонида мешавад.

2. Сохтакорӣ дар маълумоти компютерӣ. Ворид кардан, тағйир додан, нест кардан, пинҳон кардани маълумоти компютерӣ ё барномаҳои компютерӣ ва ё ба таври дигар ба коркарди маълумот бо роҳҳои гуногун дахолат кардан, инчунин ба вуҷуд овардани шароитҳое, ки тибқи қонунгузории миллӣ метавон онро ҷинояти мансуб ба қаллоби ҳисобид.

3. Расонидани таъсири манфӣ ба маълумоти мавҷудаи компютерӣ ва ё - барномаҳои компютерӣ. Бе иҷозат нобуд кардан, вайрон кардан ё қатъ кардани маълумоти компютерӣ ва ё барномаҳои компютерӣ.

---

[150] Ниг.: Компьютерная преступность и информационная безопасность / Под ред. Леонова А.П. – Минск: АРИЛ, 2000. – С. 221.

4. Эҷоди монеа (саботаж) дар фаъолияти компютерӣ. Ворид кардан, тағйир додан, маҳкам намудан ё ифшо накардани иттилооти компютерӣ ва ё нармфазори он, ҳамзамон ба тариқи махсус дахолат намудан ба низоми додаҳо бо ҳадафҳои таҳияи мушкило дар раванди муътадили кори дастгоҳҳо ё низомҳои электронӣ.

5. Дастрасии беиҷозат. Дастрасии беиҷозат ба системаи компютерӣ ё шабака бо мақсади вайрон кардани чораҳои амниятӣ.

6. Фарокашиҳои беиҷозат. Фарокашиҳои беиҷозати маълумоти мавҷуда дар шабака тавассути технологияҳои алоқа.

7. Паҳнсозии беиҷозати барномаҳои компютерии ҳифзшуда. Нашри ғайриқонунӣ, паҳн кардан ё интиқоли оммавии барномаи компютерии бо қонун ҳифзшаванда.

8. Паҳнсозии беиҷозати нақшаҳо. Паҳнсозии беиҷозати хулосаҳо дар шакли нақша, ки тибқи қонунгузорӣ ҳифз шудаанд, инчунин воридоти ғайриқонунии воситаҳои техникӣ бо мақсади истифодаи тиҷоратии нақшаҳои барномавӣ[151].

Рӯйхати иловагӣ чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

1. Тағйир додани маълумоти компютерӣ ё барномаҳои компютерӣ. Беиҷозат тағйир додани маълумоти компютерӣ ё барномаҳои компютерӣ.

2. Ҷосусии компютерӣ. Бо роҳи ғайриқонунӣ ё беиҷозат ифшо кардан, додан ё истифодаи сирри тиҷоратӣ, бо ҳадафҳои манфаъати муфт муқобили қонунгузории иқтисодӣ барои худ ё дигар шахсон, ки дар заминаи фаъолияти беиҷозати онҳо ба ашхосе, ки доро чунин ҳуқуқ мебошад зиёни бузургӣ молиявӣ мебинад.

3. Истифодаи беиҷозат аз компютер. Истифодаи беиҷозати система ё шабакаи компютериро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд:

• Истифодаи беиҷозати компютер дар мавриди мавҷудияти хавфи зарар ё аз даст додани маълумот барои шахсе, ки ҳуқуқи истифодаи системаро дорад;

[151] Ниг.: Council of Europe, Recommendation №4 (89) 9 of the Committee of Ministers to Member States on Computer-Related Crime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cm.coe.int/ta/rec/1989/89r9.htm (санаи муроҷиат: 02.10.2002); Козлов В.Е. Теория и практика борьбы с компьютерной преступностью. – М., 2002. – С. 75-76.

• Бо мақсади расонидани зарар ба шахсе, ки ҳуқуқи истифодаи системаро дорад, ё расонидани зарар ба система ва ё кори ӯ;

• Ба шахсе, ки ҳуқуқи истифодаи система дорад, зарар расонида, дар фаъолияти ӯ халал эҷод менамояд;

4. Истифодаи беиҷозати барномаҳои ҳифзшудаи компютерӣ. Истифодаи беиҷозати барномаи компютерии бо қонун ҳифзшаванда ё таҷдиди ғайриқонунии он бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ба худ ё шахси сеюм ва ё бо мақсади расонидани зарар ба соҳиби қонунии чунин барнома[152].

Ҳамин тавр, Тавсияномаи, таҳти №89, ки он аз ҷониби Кумитаи вазирони Иттиҳоди Аврупо тасдиқ гардидааст, танҳо дар ташаккули қонунгузорӣ ва ҳамкории байналмилалии кишварҳои Аврупо дар самти киберҷиноятҳо таъсири калон расонидааст, зеро тавассути ин тавсиянома барои муқовимат бо киберҷиноятҳо ва ҳамкории байналмилалӣ як зумра корҳои зиёди дахлдор таҳия гардида, дар муқовимат бо кирдорҳои муқобили қонунгузорӣ дар самти ТИК, бахусус, киберҷиноятҳо, нармфазорҳои амиқ эҷод гардиааст. Дар ин замина 26-уми ноябри соли 1992 Шурои СҲИР Тавсияҳо оид ба принсипҳои роҳнамои амнияти системаҳои иттилоотиро қабул кард, ки он стандартҳои ҳадди ақалро фаро мегирифт. Ин стандартҳо бо мазмуну муҳтаво муқаррароти ҳатмии қонунгузориии ҷиноятро дар бар мегиранд, ки ҷавобгариро дар вайрон кардани амнияти системаҳои иттилоотӣ пешбинӣ мекунанд.

Соли 1990 Конгресси 8-уми СММ дар бораи ба пешгирии ҷиноятркорӣ ва амалкард бо ҷинояткорон қатънома қабул кард, ки дар он масъулин аз давлатҳои аъзои СММ низ даъват шуда буданд, то мавқеи худро дар муқовимат киберҷиноятҳо тавассути навсозии қонунгузории миллии ҷиноятӣ муйян намоянд. Ҷиҳати ҷорӣ намудани асосҳои роҳбарикунанда дар ин самт ва меъёрҳои ҷаҳонӣ дар бораи огоҳонидан, назорати маҷозӣ ва таъини ҷазо ҷиҳати содир намудани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок чордаҳуми

---

[152] Ниг.: Козлов В.Е. Теория и практикаборьбы с компьютерной преступностью – М., 2002. – С. 75-76; Тропина Т.Л. Криминализация киберпреступлений: достижение консенсуса / Т.Л. Тропина // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. – Вып. 2. – Запорожье, 2004. – С. 49-56.

декабри соли 1990 АГ СММ резолютсия ба тавсиб расонид, ки то кишварҳо узв қарорҳои дар Конгресси 8 -ум таҳиягардида СММ-ро ба роҳбари гиранд. Дар ин замина соли 1995 Маълумотномаи СММ оид ба пешгирӣ ва муқовимат киберҷиноятҳо нашр шуд, ки дар он зуҳури киберҷиноятҳо, таҳқиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи самти баррасишаванда дар бораи ҳифзи маълумотҳои гуногун, ҳамзамон масоили огоҳонидани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок пешбини гардида, он шароити ҳамкориҳои ҷаҳонироро дар ин самт фароҳам овардааст. Ин санади муҳим дастурҳоро барои мақомоти қонунгузории миллӣ фаро гирифта, мувофиқи он номгӯйи амалкардҳои марбут бо истифода аз системаҳои компютерӣ муайян шудааст. Ҳамин тариқ, коршиносон баъди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба ва истифодаи васеи санади мазкур, хусусияти ҷиноятӣ махсусан вазвин доштани киберҷиноятҳоро ошкор намуда, дар ин замина, ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфи махсусан калон доштани онро дар қонунгузории ҷиноятии ҳамаи кишварҳои Шурои Аврупо ва Осиёи Марказӣ пешниҳод намудаанд[153]. Ин раванд бо дарназардошти муҳиммияти худ мавриди таваҷҷуҳи кормандону масъулин ва олимони соҳа қарор гирифт. Ҳамон сол нахустин конфронси байналмилалии Интерпол дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо баргузор гардид, ки он нигаронии ҷомеаи ҷаҳониро аз паҳншавии босурати киберҷиноятҳо арзёбӣ намуд. Иштирокдорони конфронс таъкид карданд, ки ҷой надоштани методҳои мушаххаси ҳуқуқӣ ва ҷаҳонию техникӣ дар самти мубориза бар зидди ин таҳдидҳои замони муосир ва ба ҷамъият хавфнок ва ҷой надоштани мувофиқаи далелноки байналхалқӣ сабаи проблемаҳои ошкор нашудан ва бе ҷазо мондани субъекти содиркунандаи ин ҷиноятҳо гардида шумораи латентнокии онро барзиёд менамояд. Ҳамзамон, чунин конфронсҳо ҷиҳати ҳамкории байналмилалӣ оид ба пешгири муқовимат бо киберҷиноятҳо аз ҷониби Интерпол солҳои 1995, 1996, 1998 ва 2000 низ баргузор гардид[154].

[153] Ниг.: Волеводз А.Г. Противодействие компьютерным преступлениям: правовые основы международного сотрудничества. – М.: Юрлитинформ, 2002. – С. 133-134.
[154] Ниг.: Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – 189 с.

Таҳлилу баррасии ин навъи ҷиноятҳо дар конфронсҳои мазкур аз ҷониби намояндагони Интерпол барои ошкорсозӣ, мубориза ва ҳамкории байналмилалӣ бо киберҷиноятҳо замина ба миён овард, ки қисмҳои таҳқиқнагардида ва норавшани ин кирдоҳо ва дурнамои он ба амнияти байналмилалӣ ба таври зарури таҳқиқ гардад. Киберҷиноятҳо вобаста ба минтақаҳои алоҳидаи дунё дар шаклҳои гуногун хавф дорад ва моҳияту асоси онҳо аз якдигар ба кулли тафовут дорад. Ба инобат гирифтани характери гуногун доштани ин кирдор, коммисияҳои муштарк ҷиҳати таҳқиқ озмоиши минтақавӣ таҳия гардида, дар Аврупо, Африко, Осиё ва ШМА ва дигар қитъаҳо ҷаҳон коммисиҳои босалоҳият кори худро шуруъ намудаанд[155]. Якумин коммисияи кории Интерпол дар бораи омӯзиш ва муқовимат бо киберҷиноятҳо – коммисияи кории Аврупо дар соли 1990 ба фаъолияти худ шуруъ намуда, коммисияҳои кории алоҳида бо дертар ба фаъолият шуруъ намудаанд. Ҳамчунин соли 2015 бо ташабуси ташкилоти байналмилалии Интерпол Маркази байналмилалии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Сингапур ифтитоҳ гардид. Ин марказ таҳдидҳои киберӣ ва ҷиноятҳои ТИК-ро муайян ва таҳлил намуда таҷрибаи беҳтарини ҷаҳониро дар муқовимат бо киберҷиноятҳо мубодила мекунанд. Тавре зикр гардид, киберҷиноятҳо тавассути технологияҳои гуногуни иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин дигар воситаҳои иттилоотӣ дар фазои маҷозии иттилоотии хос содир гардида, хусусияти фаромиллӣ ва байналмилалӣ доранд. Аз ин лиҳоз, Маркази байналмилалии муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Сингапур барои муқовимат ба ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, шароити мусоид фароҳам оварда, механизми ҳамоҳангсозии ҳамкории байналмилалиро дар ин самт тақвият бахшид.

Соли 1997 вазирони корҳои дохилӣ ва адлияи давлатҳои ҳашгона дар Вашингтон қатъномаро дар бораи «Даҳ принсипи мубориза бо ҷиноятҳо муқобили технологияҳои баландсуръат, аз ҷумла, дар бораи бехатарии он,

[155] Ниг.: Алавердов О.С. Международное сотрудничество в области борьбы с интернет-преступностью / О.С. Алавердов // Общество и право. – 2010. – №3 (30). – С. 165-167.

суистифода накардан аз ин низом, таъмини низоми ҳуқуқии он, кафолати ҳуқуқӣ дар ҳифзи ин навъи ҷинояткориро қабул намуданд. Маҳз дар ҳамон солҳо бахши илм, технология ва саноати Шурои СҲИР гузоришро дар бораи дастоварду дигаргуниҳо дар тӯли панҷ сол пас аз қабули «Тавсия оид ба Принсипҳои роҳнамои амнияти низоми иттилоотӣ» омода кард. Дар гузориш зикр шудааст, ки кишварҳо аъзо дар таҳияи қонунгузорӣ ва расмиёти марбут ба амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ бинобар тафовут дар низомҳои ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ бо мушкилот дучор меоянд. Аз ин рӯ, коршиносон якдилона зикр намуданд, ки ин тавсиянома эътибори ҳуқуқӣ дошта, дар баробари ин, ба таҷдиди назар ниёз дорад[156].

Соли 1999 созишномае дар ин самт ба имзо расид, ки он такони ҷиддиеро ба миён овард. Таъкид намудан ҷоиз аст, ки ин санад мақоми расмии байналмилалӣ-Конвенсияи муқовимат бо киберҷинояткории Маркази Амният ва Ҳамкории Байналмилалӣ (CISAC)-ро надошт. Дар ин санад аломатҳои таркибии ин гурӯҳи ҷиноятҳо ба таври мушаххас тавсиф наёфта, номгӯйи амалҳо чун ҷиноят пешниҳод мешаванд, ки роҳандозии онҳо дар қонунгузорӣ ба дӯши масъулини соҳа вогузор мешавад. Тарафҳои ин созишнома уҳдадор гардиданд, ки ҳафт навъи ҳуқуқвайронкуниро дар самти барррасишаванда тавсиф намоянд:

• Дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳои компютерӣ;

• Идоракунии маълумот бо мақсади халалдор кардани низоми компютерӣ;

• Идоракунии маълумот бо мақсади расонидани зарар ба шахс ва ё молу мулки ӯ;

• Дахолат ба чораҳои амнияти компютерӣ;

• Истеҳсол ё паҳн кардани дастгоҳҳое, ки бо онҳо ҷиноятҳои мутобиқи Конвенсия содир карда мешаванд;

• Истифодаи ғайриқонунии технологияҳои компютерӣ;

[156] Ниг.: Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – 189 с.

• Содир кардани ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо бо мақсади зарба задан - ба инфрасохтори муҳими давлатҳои аъзои ин Конвенсия[157].

Моҳи майи соли 2000 Ҳаштгонаи бузург («давлатҳои ҳаштгона» (G8)) оид ба киберҷиноятҳо конфронс доир намуд, ки мавзуи асосии он ҳамоҳангсозии талошҳо ҷиҳати муқовимат бо киберҷиноятҳо дар интернет ба шумор мерафт. Конфронс рӯзномаи ҷаласаи навбатии сарони кишварҳои аъзоро, ки дар моҳи июли соли 2000 баргузор шуда буд, муайян кард. Дар ин нишаст баёнияе ба тавсиб расид, ки тибқи он кишварҳо барои таҳияи равиши муштарак бар зидди ҷиноятҳои технологӣ, аз қабили киберҷиноятҳо, ки метавонанд ба амнияти ҷаҳонии иттилоотӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод кунанд, саъю кӯшиш ба харҷ бояд диҳанд. Муносибати давлатҳои аъзо оид ба ин масъалаҳо дар доираи ҳашт зербанд дар хартияи Окинава сабт шудааст[158]. Дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ қабулшавии Хартияи Окинавии[159] ҷаҳонишавии ҷомеаи иттилоотӣ[160] аз ҷониби «давлатҳои ҳаштгона» (G8) нақши муҳимме гузорад. Дар ин ҳуҷҷати муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихӣ принсипҳои асосии воридшавии давлатҳо ба ин ҷомеа муайян карда мешаванд. Илми ҳуқуқшиносӣ баҳри асосноккунии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоотонӣ ва таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ба ҳамин ҳуҷҷати муҳимми иҷтимоӣ-сиёсӣ такя менамояд. Дар Хартияи Окинава омилҳои асосии амалигардонии сиёсати иттилоотонии давлатҳо, ташаккулу рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои киберӣ муайян карда мешаванд. Аз ҷумла, дар ин санади муҳим омадааст: «...8. Кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки ба рушди ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо нигаронида шудааст, бояд бо ҳамоҳангӣ ҷиҳати эҷоди фазои бехатар ва озод аз ҷинояткорӣ амалӣ шавад. Инчунин, пайдо кардани роҳҳои самарабахши сиёсӣ барои раъфи мушкилоти

[157] Ниг.: Якимова Е.Н., Нарутто С.В. Международное сотрудничество в борьбе с киберпреступностью / Е.Н. Якимова, С.В. Нарутто // Криминологический вестник Байкальского государственного университета. – 2016. – Т. 10. – №2. – С. 369-378.
[158] Ниг.: Давлатзода К.Д. Кибертерроризм ҳамчун намуди нави амали террористӣ / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №1. – С. 207-213.
[159] Ниг.: Информационные технологии в юридической деятельности: учебное пособие для вузов / Под ред. В.Д. Элькина. – М.: Изд. Юрайт, 2018. – 527 с
[160] Окинавская хартия Глобального информационного общества от 22 июля 2000 года // Дипломатический вестник. – 2000. – №8. – С. 51-56.

таъхирнопазир, аз қабили кӯшишҳои дастрасии беиҷозат ва паҳнсозии вирусҳои компютерӣ, муҳим аст».

Моҳи июни соли 2000 дар саммити дар шаҳри Фейра (Португалия) баргузоршуда сарони 15 давлати аъзо ЕС «Нақшаи амалиёти электронии аврупоӣ»-ро дар ҳамоҳангсозӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои ягона дар самти киберҷиноятҳоро то соли 2002 ба нақша гирифтанд[161]. Сарони давлатҳои аъзои ЕС тавзеҳ додаанд, ки муқовимат бо киберҷиноятҳо, ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам дар қонунгузориҳои ҷиноятии кишварҳои аъзо ба нақша гирифта, дар қонунгузории соҳавии давлатҳои аъзо масъалаи «ҳамкории байналмилаии муштарк дар муқовимат бо киберҷиноятҳо « мушахас гардонида шавад.

Дар ин замина дар шаҳри Тампер аввали моҳи октябри соли 2000 дар ҷаласаи ША, давлатҳои аъзои ИА иқдом роҳандози намудаанд, ки ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок яке аз роҳҳои бархурдор ва таҳримҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқӣ баррасӣ намуда, ин масоил зина ба зина инкишоф меёбад. Чуночӣ, ба тавсиб расидани КИА аз 23 октябри соли 2001 дар шаҳри Будапешт дар бораи киберҷиноятҳо заминаи ин муваффақиятҳо метавон гуфт. Санади байналмилалии мазкур асоситарин санади танзимкунандаи ҳамкорӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо мебошад. Худи ҳозир, Конвенсияи зикргардида аз тарафи қисми барзиёди панҷоҳ кишварҳои сайёра, бахусус мамлакатҳое, ки ба аврпо шомил нестанд ҷонибдории худашро ёфтааст[162]. Тазаккур дод, ки дар доираи ин Конвенсия соли 2013 дар Гаага, Маркази аврупоии муқовимат бо киберҷиноятҳо[163] кушода шуд, ки ин марказ маводҳоро оиди киберҷиноятҳо ва хатарҳои номусоиди он ҷамъоварӣ ва коркард намуда, роҳҳои муассири муқовимат бо киберҷиноятҳоро таҳия намуд.

---

[161] Ниг.: Матни пурраи муроҷиат бо забони англисӣ дар сомонаи мазкур мавҷуд аст: http://www.cerias .purdue.edu/homes/spaf7coe/TREATY_LETTER.html; Рӯйхати мутахассисони техникие, ки муроҷиатро таҳия намудаанд, дар сомонаи мазкур дастрас аст: http://www.cerias.purdue.edu/homes/spaf/coe/TREATY _SlGNATURES.html (санаи муроҷиат: 04.03.2022).

[162] Аз ҷумла ин Конвенсия аз тарафи мамлакатҳои Австралия, Ҷумҳурии Доминикан, Канада, Маврикий, Панама, ИМА, Шри-Ланка, Япония ратификатсия шудааст

[163] Ниг.: Кузнецова И.С. Международное сотрудничество в борьбе с киберпреступностью / И.С. Кузнецова // Территория науки. – 2020. – №6. – С. 56-61.

Муҳаққиқи соҳа М. Дашян ин санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии зикршударо ташабусси махсус ва аввалин ифода намуд, ки дарбаргирандаи 4 ҳаракати дар ин соҳа ифода мегардад. Санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии қайд гардида дар давраи чор сол омода гардида, он дарбаргирандаи бисту ҳафт лоиҳа мебошад. Намуди охирини он аз мундариҷа ва 4 боб иборат аст, 25 майи соли 2001 дар ҷаласаи 50-уми пленарии худ дар санаи 18-22 июни соли 2001 ба Комиссияи Аврупои дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо пешниҳод карда шудаст[164].

Конвенсия мазкур киберҷиноятҳоро ба 4 гурӯҳ тақсим мекунад:

Ба гурӯҳи якуми ҷиноятҳо муқобили махфият, пуррагӣ ва дастрасии маълумоти ба низомҳои кори дастгоҳҳои гуногуни техникӣ сафарбаргардидаанд, дохил мешаванд ва онҳоро дар шакли зерин метавон тасниф намуд: дастрасии ғайриқонунии иттилоот (м. 2), маҳкамкунии бемаврид (м.3), дахолат ба иттилооти дар хотираи ТИК мавҷудбда (м. 4) додаҳо. Ҳамзамон, дар ин клласҳо кирдоҳо ба монанди корбарии муқобили қонунгузории воситаҳои гуногуни техникӣ (м. 6) мансуб аст. Объекти кирдор на фақат низом ё нармфазорҳои компютерӣ, ки ҷиҳати содир кардани кирдорҳои  дар м.м. 2-5 санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии ишора шуда муқарраргардида эҷод ё мквофиқ мегарда, фарои гирифтааст, сониян он дарбаргирандаи паролҳо дар ТИК мебошад, ки ба василаи онҳо иқтидори ба низоми компютерӣ ё ягон қисми он (бо ҳадафҳои ғаразно) дастрас мегардад. М. 6-и санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии ироа гардида фақат дар ҳолате татбиқ мегардад, ки истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ ва таҷҳизотҳои онҳо ба содир кардани ҷиноят равона гардидааст.

Критерияи 2-юм кирдорҳое шомиланд, ки ба василаи воситаҳои системаҳо ва дастгоҳҳои электронӣ анҷом дода мешаванд: бахусус сохтакорӣ

---

[164] Ниг.: Матни пурраи муроҷиат бо забони англисӣ дар сомонаи мазкур мавҷуд аст: http://www.cerias .purdue.edu/homes/spaf7coe/TREATY_LETTER.html; Рӯйхати мутахассисони техникие, ки муроҷиатро таҳия намудаанд, дар сомонаи мазкур дастрас аст: http://www.cerias.purdue.edu/homes/spaf/coe/TREATY _SIGNATURES.html (санаи муроҷиат: 04.03.2022).

ва фиребгарӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии гуногун (м.м.7, 8-и Конвенсия).

Зиннаи 3–юм кирдоҳо бошад ҷиҳати таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба моҳият ва мундариҷаи иттилоот алоқамандӣ дорад.

Таснифоти 4-ум вайрон намудани ҳуқуқи муаллифи ва вобаста ба он шомиланд.

Ҳамзамон, дар нимаи якуми соли 2002 дар заминаи санади меъёрии ҳуқуқии байналмилалии ироа гардида, протокол ба тавсиб расонида шуд, ки ба феҳрасти кирдорҳо пахш намудани маълумоти тарафдор ва пайрави равияи нажодпарастӣ он ки нажоди худро аз дигарон болотар медонад ва нажодҳои дигарро паст мезанад ва назарияи зиддиилмии иртиҷоӣ, ки ба даъвои нобаробарии башар, ки гӯё ирқи олӣ аз азал лоиқи ҳукмронӣ бошаду насибаи ирқи паст итоъату заҳмат, асос ёфтааст ва ё таалуқияти этникиро низ замима намуд. Хуллас, банди аввали Конвенсия ба намуди кирдорҳо бахшида шудааст. Банди 2- юми он масъалаҳо ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо киберҷиноятҳоро дар бар мегирад.

Ичунин Конвенсия яке аз мушкилоти бунёдии танзими ҳуқуқии интернетро, ки яке роҳҳои асосии содиршавии киберҷиноятҳо маҳз таввасути ин шабакаи ҷаҳони (интернет) сурат мегирад (моддаи 22) мегузорад.

Санади байналмилалии таҳқиқгардида замина мусолеҳатомези масъалаҳои ҳуқуқиро пешкаш намдааст: ҷобаҷогузории масоили ҳуқуқи-ҷиноятӣ дар самти истифодаи он татбиқ мешавад. Вале кирдор берун аз қишри давлат анҷом ёбад, дар ин сурат барои нафаре, ки ин кирдорро содир намудааст дар заминаи қонунгузории кишваре, кирдорро содирнамуда шаҳрванди он маҳсуб меёба, ҷазо муққарар мешвад. Дар ин сурат проблемаҳои баҳсталаб бисёр мушоҳида мегардад. Вале дар сурат созиши қонунгузории миллӣ ҷиҳати таъини ҷазо ҳангоми содиршавии ин кирдори барои ҷамъият завфнок норӯшан боқи мемонад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

бошад ин масъала пурра ҳалли худро дар моддаи 15 КҶ ҶТ ёфтааст[165]. Воқеанҳам, дар заминаи омӯзиши санадҳои байналмилалӣ, назария ва амалияи озмоиши кишварҳои абарқудрат дар фосилаи вақти муайян масъалаи мазкур ҳалли ба манфати зешро пайло хоҳад намуд. Як махсусияти он Конвесия дар он ифода мегардад, ки дар меъёрҳои алоҳида пурра пешбини менамояд, ки ҳангоми ба миён хестани нофаҳмиҳо дар бораи ин муқараротҳо кишварҳои узв метавонанд санадаҳои миллии кишварҳои хешро татбиқ намоянд. Бо ба инобат гирифтани характери берун аз марзи доштани доштани технологияи иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ин санади байналмилалӣ заминаи ҳалли масоили баррасишавандаро пешбини менамояд: дар ин сурат, тибқи талаботи б. 5-и м. 22, кишварҳо бояд ҷиҳати ба миён омадани масоили гуногуни ба ин санад рабт дошта мувофиқатро бояд роҳандози намоянд.

Чунончи, фасли 3-юми ин санади байналмилалӣ бо номи «Кор ва фаъолияти якҷояи байналмилалӣ» дар бораи ҷиҳати гардонидани ҷинояткор ба кишвари худаш, ҳамкории мутақобилан судманди кишварҳо дар дар мубориза бар зидди ин кирдоҳои барои ҷамъият хавфнок ва ба имзо расонидани шартномаҳоро ҷиҳати дастрасии асосҳои электронӣ мебахшад. Дар шароити ҳозира ин санади байналмилай яке аз Конвесияҳои пазируфташуда аз ҷониби бархе аз кишварҳо ва санадӣ воқеии ҷаҳонӣ баррасмият шинохта шудааст. Ин санадро ба «Оинномаи хартияи Окинава» ҳамто мешуморанд. Вале лозим ба зикр аст, ки агар оинномаи зикргардида бисёртар оиди муайн кардани падидаҳои васеи умумии ташаккули ТИК алоқамандиро доро бошад, сонияи Конвенсияи ирогардида ҳаҷми аслии баррасмиятдароии ҳуқуқиро муқаррар кардааст. Ин муқарарот дар заминаи муҳиммиятӣ ичтимоии хеш, аз норасоиҳо орӣ намебошад, ки он заминаи воқеии гуногунмаънидодкунии ин санади байналмилалӣ аз тарафи бархе аз

[165] Тибқи талаботи моддаи 15 КҶҶТ «Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахси бешаҳрванди доимо дар он истиқоматкунанда барои ҷинояти дар ҳудуди давлати хориҷӣ содиркардааш мутобиқи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар кирдори содиркардаи ӯ дар давлате, ки дар ҳудуди он ин кирдорро содир кардааст, ҷиноят эътироф карда шавад ва агар ӯ барои ин ҷиноят дар давлати хориҷӣ маҳкум нашуда бошад.

намояндагони аҳли корбарони иттилоотӣ ифода меёбад. Пеш аз имзо шудани ин санади байналмилалӣ бисёре аз ташкилотҳо ҳуқуқи маданӣ ва корбарони самти технологияҳои гуногуни электронӣ ин шарномаро сохтакорӣ ҷонибдори мекарданд. Аммо табақаи мазкур бо ба инобат гирифтани ин масъала – ин санадро «шартномаи шакннок» мепазируфтанд. Созмонҳои зиёде чун Фонди ҳудудҳои электронӣ (Electronic Frontier Foundation, ИМА), Созмони байналмилалии Ҷомеаи интернетӣ (Internet Society), Созмони киберҳуқуқӣ ва киберозодиҳо (Cyber-Rights& CyberLiberties, Британиё), Криптополис (Kriptopolis, Испания) ва дигар созмонҳо ба қабули ин Конвенсия эътироз зоҳир намуданд. Аз мазмуни эътирози онҳо бармеояд, ки Конвенсия ба меъёрҳои муқарраршудаи ҳифзи шахсият хатар эҷод мекунад, вазифаҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (полисон)-ро беасос васеъ мекунад, инчунин масъулияти давлатро дар ҳифзи ҳуқуқ коҳиш медиҳад. Муаллифони муроҷиатнома ба муқаррароте, ки тибқи он бояд таъмингарони интернетӣ танзими фаъолияти муштариёни худро талаб кунанд (моддаҳои 17, 18, 24, 25 Конвенсия) эътироз баён намуда, аз иҷрои чунин чораҳо даст кашанд. Инчунин, дар он зикр мешавад, ки қоидаҳои марбут ба «фармондиҳӣ оид ба нишондод» (моддаи 18 Конвенсия) бо моддаи 8-и Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи манфатҳои қонуни ва озодиҳои шахсӣ ва бо қарорҳои Суди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон мухолифат дорад. Дар ин маврид масъулияти таъмингарони интернетӣ ниёз ба танзимоти ҳуқуқӣ дорад. Дар муроҷиатнома гуфта мешавад, ки қаблан аз чунин усулҳо барои ошкор ва ба ҷавобгарӣ кашидани мухолифон истифода бурда мешуд. Мухолифони ин санад ба раванди таъқиби ҷиноятӣ таваҷҷуҳи хосса медиҳанд. Бо даназардошти он ки Конвенсия набояд дар қонунгузории миллӣ ҷазоҳои нави ҷиноятиеро, ки аз нигоҳӣ ҳуқуқӣ танзим нашудаанд ва аҳли ҷомеа ба онҳо мухолиф аст, ҷорӣ нанамояд, барои поймол кардани ҳуқуқи муаллиф бояд ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шавад. Дар ин маврид барои ҳифзи «ҳуқуқи муаллифӣ» чораандешиҳо бояд роҳандозӣ шаванд, ки онҳо баъзан имкони татбиқи механизмҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро барои истифодаи

моликияти зеҳнӣ ба миён меоранд[166]. Коршиносони бахши техникӣ низ бо ин Конвенсия розӣ нестанд. Ҳафтод дар садди ин кормандон (аз ҷумла кормандони маъруфи соҳа чун Д. Деннинг) ба муроҷиатнома имзо гузоштанд, онҳо аз қабули ин шартнома изҳори норозигӣ кардаанд. Ба андешаи коршиносон, ин санад боиси ғайриқонунӣ эълон шудани истифодаи технологияҳо ва таҷҳизоти барномавӣ метавонад гардад, ки онҳо дар таъмини амнияти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ васеъ истифода мешаванд ва аз таҷрибаи коршиносон бармеояд, ки фарқ кардани таъминоти барномавии онҳо аз барномаҳои бо мақсадҳои қонунӣ истифодашаванда то андоза ғайриимкон аст. Дар баробари ин, коршиносон изҳор доштанд, ки комилан муқобили киберҷиноятҳо буда, онро хатарнок медонанд[167].

Албатта, ягона меъёри самаранокии Конвенсия ва инчунин дурустии эътирозҳои мухолифони он татбиқи амалиии он мебошад. Солҳои наздик метавонем ба имконот ва хусусиятҳои татбиқи қонун дар бахши интернет ба таври воқеӣ баҳо диҳем. Албатта, бо гузашти вақт муқаррароти муайяни Конвенсия (масалан, оид ба масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳалли масъалҳои ҳуқуқӣ ва таснифоти киберҷиноятҳо) бознигарӣ хоҳанд шуд. Бо вуҷуди ин норасоиҳо ва нигарониҳо қабули ин Конвенсия дар такмили санадҳои байналмилалӣ замина ба миён меорад.

Хуллас, таҳқиқ, омӯзиш ва баррасии КИА дар бораи киберҷиноятҳо, далолат дод, ки методикаи софу беғубори ҳамкории ҷаҳонии кишварҳо ва мақомоти қудратии узви Конвенсияро дар огоҳонидан, пешгири ва ошкор намудани ин кирдорҳои барои ҷомеа зарарраровар (киберҷиноятҳо)-ро муайян накарда характери маҳдуди таалуқдорро доро мебошад (бахусус дар ин санад фақат барои давлатҳои Аврупо диққати аввалидараҷа дода мешавад); ҳуқуқҳои ИМА ва узви онро дар блокҳои харбию сиёсӣ (Австралия, ва Япония) муқарар кардааст, ки дар воқеъ равиши минтақавӣ ба муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷиноятӣ дар доираи як

[166] Ниг.: Чекунов И.Г. Криминологическое и уголовно-правовое обеспечение предупреждения киберпреступности: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 223 с.
[167] Ниг.: Sieber U. Legal Aspects of Computer-Related Crime in the Information Society [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://europa.eu.int/ ISPO/legal/en/comcrime/sieber.doc (санаи муроҷиат: 01.06.2022).

гурӯҳи кишварҳо танҳо боиси парокандагии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо киберҷиноятҳо мегардад ва имкон намедиҳад, ки масъалаи таъмини амнияти байналмилалии киберӣ ва ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи давлатҳо назаррас бошанд.

Маврид ба зикри хос аст, ки кишвари мо дар ҳоли ҳозир ба феҳристи кишварҳое ворид гардидааст, ки ин санади байналмилалии танзимкунандаро дар самти ТИК қабул накардааст[168]. Қабул нагардидани ин санади байналмилалии танзимкунанда дар самти мубориза бар зидди киберҷиноятҳо тарфаи соҳибистиқоли Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусияҳои ба худ хосро доро мебошад, якум ин ки баъди ратификатсия гардидани санади мазкур аз сари нав таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи танзимкунандаи амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ва ивазнамоии сирф дар доктринаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба миён меояд, бахусус дар барои ворид кардани падидаи ба ҷавобгарии ҷиноятии кашидани шахсони ҳуқуқӣ. Махсус бояд таъкид кард, ки кишвари соҳибистиқлоли мо давлати узви ин санади байналмилӣ дар бораи мубориза бар зидди ин кирдорҳои барои ҷамъаит хавфнок намебошад, вале тарафи Тоҷикистон кушишҳои ҳамкориҳои мутақобиланд судмандро дар мубориза бар зидди киберҷиноятҳо ва таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои кибериро дар намуди дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз тарафи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумлаи ИДМ, СПАД, СҲШ, СММ қабул шудаанд, амалӣ менамояд. Ин шакли ҳамкории байналмилалиро метавон самарабахштарин номид, зеро фаъолияти ташкилотҳои зикргардида, ки ба таҳияи созишномаҳо, таҳлили вазъи киберҷиноятҳо дар минтақа ва ҷаҳон, гузаронидани конфронсҳои махсуси байналмилалӣ нигаронида шудааст, дар якҷоягӣ шароити мусоиди ҳамкориро дар мубориза ба киберҷиноятҳо фароҳам меоварад. Тибқи талаботи қ. 3, моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро

[168] Конвенция о преступности в сфере компьютерной информации (ETS №185): принята в г. Будапеште 23 ноября 2001 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://conventions.coe.int /Treaty/en/ Treaties/ Html/185.htm (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд». Ҳамзамон мувофиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти ҶТ аз бисту ҳафтуми январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст, дипломатияи иттилоотӣ яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад[169]. Ҳамин буд, ки оиди масъалаи мазкур, сарони давлатҳои аъзои ИДМ дар ш.Тошканти Ҷумҳурии Узбекиситон «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ»-ро соли 1992 ба имзо расонидаанд. Созишномаи мазкур ҳакориҳои бисёрҷонибаро дар самти таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ муайян намуда ба ташкили ҳамкории иттилоотии тарафҳо бо мақсади таҳияи сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ТИК, дар ҳудуди ИДМ шароит фароҳам овард.

Ҳамзамон, ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо санаи 20.05.2023, дар «шаҳри Душанбе Аҳднома миёни Ҳукумати ҶТ ва давлати Туркманистон оид ба муҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналхалқӣ ва Шартнома миёни Ҳукумати ҶТ ва давлатӣ Туркманистон дар бораи ҳамкорӣ дар самти ҳифзи техникии маълумот ба мувофиқа расид»[170].

Ҳамзамон якуми июни соли 2001 дар Белоруссия мамлакати мо «Ёддошти тафоҳум оиди ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи мубориза бар зидди кирдорҳо дар самти маълумоти компютерӣ»-ро ҷонибдори намуда ба он имзо гузошт. Созишномаи мазкур механизмҳои расмии ҳамкории байналмилалӣ, шартномаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва бисёрҷониба дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳоро дар бар мегиранд. Дар ин созишнома

---

[169] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021). Бояд қайд намуд, ки роҳандозии дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи истифодаи густурдаи имкониятҳои фановариҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ сурат мегирад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори таҳияи маҷмуи меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ дар мавриди таъмини амнияти иттилоотӣ ва риояи ҳамаҷонибаи он меъёрҳо дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебошад

[170] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналмилалӣ» аз 29 августи соли 2023, таҳти №381 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 11.09.2023).

масъалаҳои ҳамкории байналмилалӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо нақши асосиро ишғол мекунанд. Чунончӣ дар бандҳо панҷум ва ҳафтуми созишнома, оиди ҳамкории ИДМ, ки соли 2001 имзо шуд, ҷиҳати муқовимат бо кирдорҳо дар самти маълумоти компютерӣ чандин муқарароти махсусро дар бораи ҳамкории байналмилалӣ фаро гирифтааст, ки дар онҳо шаклҳои ҳамкорӣ дар ин созишнома номбар шудаанд: (аз ҷумла: табодули иттилоот; расонидани ёрии ҳуқуқӣ мутобиқи санадҳои байналмилалӣ; пешгирӣ, ошкор, тафтиши ҷиноятҳо дар иттилооти компютерӣ ва ғайра), инчунин роҳҳое, ки давлатҳои аъзо метавонанд кумак дархост кунанд ва роҳнамоӣ барои давлатҳои аъзо оид ба иҷрои дархостҳо, пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, ҷиҳати амалишваии босамари давомдори ин шартнома ва ташаккули базавии ҳуқуқии байналмиллалии ҷиноятӣ дар бораи мубориза бар зидди ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бисту панҷуми октябри соли 2013 дар Ҷумҳурии Белоруссия дар Шурои сарони давлатҳои ИДМ «Консепсияи ҳамкории давлатҳои аъзои Иттиҳод Давлатҳои Мустақил дар муқовимат бо кирдорҳое, ки тавассути ТИК содир мешаванд» қабул гардид[171]. Дар Консепсия ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди ҳамкорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, густариши иттилоот, ба даст овардани назорат аз болои захираҳои миллии иттилоотии давлати дигар ва ҷорӣ намудани маҳдудиятҳое, ки манфиатҳои давлатҳои аъзоро поймол мекунанд пешбинӣ гардидаанд.

Қадами навбатӣ дар таҳкими ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо дар доира ташкилотҳои минтақавӣ ва байнидавлатӣ, аз қабили ИДМ, СПАД, СҲШ, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 28-уми сентябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе ба имзо расидани «Созишнома дар

[171] Концепции сотрудничества государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями, совершаемыми с использованием информационных технологий: решение Совета глав государств СНГ: заключена в г. Минске 25 октября 2013 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 15.04.2023).

бораи ҳамкорӣ байни кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар самти муқовимат бо ҷиноятҳои компютерӣ» мебошад[172].

Ҷиҳати иҷро ва татбиқи саривақтии иҷрои бандҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии Созишномаи зикргардида дар вохуриҳои мақсадноки ҳарсолаи узви кишварҳои ИДМ, вохуриҳои роҳбарони вазорату идораҳои мамлакатҳои узви СҲШ (дар симои мақомотҳои назоратбаранда ва субъектони таъминкунандаи амнияти иттлооти аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи Прокуророни генералӣ, Вазирони корҳои дохилӣ, Вазирони корҳои хориҷӣ, Раисони КДАМ) ки дар онҳо масоили мубориза бар зидди ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ва ҳамкорҳои мутақобилан судманд дар доира ин созмони бонуфузи байналмилаи пайваста баррасӣ мегардад[173].

Ҳамин тавр, қабули ин созишномаҳои байналмилалӣ дар доираи ташкилоту созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва баналмилалӣ аз ҷумла ИДМ, СПАД, СҲШ, ки ҶТ аъзои фаъоли ин ташкилотҳо мебошад, як қадами муҳим дар роҳи танзими ҳамкориҳо ҷиҳати муқовимат бо киберҷиноятҳо арзёбӣ гардида, системаи тадбирҳои ба ҳам алоқаманди байналмилалӣ ва миллиро оид ба муқовимат бо киберҷиноятҳо пешбинӣ мекунанд.

Ин икдомҳо дар таҳкими санадҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузориҳои кишварҳои алоҳида дар муқовимат бо киберҷиноятҳо мусбат арзёбӣ шуда, маҳз дар ҳамин асос танзимоти ҳуқуқӣ дуруст ба роҳ монда мешавад. Ҳоло зиёда аз чил кишвари ҷаҳон дар таҳияи стратегияи

---

[172] Ҳамчунин, дар доира ташкилоти байналмилаии Созмони ҳамкории Шанхай 16 июни соли 2009 дар шаҳри Екатеринбург Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар соҳаи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ (минбаъд Созишномаи СҲШ оид ба таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ) ба имзо расид. Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ дастгоҳи консептуалӣ ва истилоҳотӣ, аз ҷумла номгӯйи мафҳумҳои асосие, ки бояд дар қонунгузории давлатҳои аъзои Созишнома истифода шаванд («амнияти иттилоотӣ», «ҷанги иттилоотӣ», «силоҳи иттилоотӣ», «ҷинояткории иттилоотӣ») дақиқ муайян карда шудааст, навъҳои асосии таҳдидҳо дар соҳаи амнияти иттилоотии байналмилалӣ, манбаъҳо ва аломатҳои онҳо, инчунин амалҳое, ки бояд дар қонунгузории миллии кишварҳои аъзои СҲШ ҷиноят ҳисобида шаванд (масалан, «киберҷиноятҳо, кибертерроризм, истифодаи ғайриқонунӣ захираҳои иттилоотӣ, дахолати беиҷозат ба захираҳои иттилоотӣ» ва ғайра). Соглашение между правительствами государств-членов Шанхайской Организации Сотрудничества в области обеспечения международной информационной безопасности: заключено в г. Екатеринбурге 16 июня 2009 года // Бюллетень международных договоров. – 2012. – №1. – С. 13-21.

[173] Главы МВД стран ШОС в Душанбе обсудят вопросы борьбы с киберпреступностью [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// infoshos.ru/ru/?idn=14147 (санаи муроҷиат: 10.08.2021); В Таджикистане состоялось заседание Генеральных прокуроров государств-членов Шанхайской организации сотрудничества. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://genproc.gov.ru/smi/news/genproc/news-1454024 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

байналмилалии муқовимат бо киберҷиноятҳо иштирок доранд. Бархе аз ин давлатҳо қонунгузории мукаммалро дар самти ҷиноятҳои бахши технологӣ таҳия намудаанд, аммо баъзе кишварҳо дар ин самт қадамҳои аввалини худро гузошта истодаанд. Албатта, созмонҳои байналмиллалӣ дар ислоҳоти қонунгузории миллӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои ҳуқукии ҷиноятӣ ва мурофиавӣ, самти техникӣ ва дигар чорабиниҳо оид ба ошкор намудани киберҷиноятҳо, тафтиш ва таъқиби онҳо саҳми бузург доранд.

Дар асоси таҳлили адешаҳои зикргардида метавон ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо ба ду давра ҷудо намуд:

– марҳила аввал, ин аввали, соли 1992 дар ш.Тошканти Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расидани «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ» (солҳои 1992–2000) ифода мегардад;

– марҳилаи дуюм ин, баъди ба имзо расидани «Созишнома оиди ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар муқовимат бо ҷиноятҳо дар самти маълумоти компютерӣ» аз якуми июни соли 2001 дар Ҷумҳурии Белорус ва қабули як қатор консепсияю барномаҳо ҷиҳати татбиқи созишномаҳои ба имзо расида дар муқовимат бо киберҷинояҳо (солҳои 2001-2023).

Ҳамкории давлатҳоро дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо метавон дар асосӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ (дар доираи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аз ҷумлаи СММ, ИДМ, СПАД, СҲШ) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байнидавлатӣ (шартнома, созишнома ва дигар санадҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи баимзорасидаи байни давлатҳо дохил мешаванд) тасниф намуд, зеро чунин шаклҳои ҳамкорӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо, шакли муосир ва натиҷабахши ҳамкорӣ эътироф гардида, ҷиҳати татбиқи вазифаҳои дар наздашон гузошташуда, инчунин барои ҳар чи зудтар барои ба ҳадафҳо ноил гардидан мусоид мебошад.

Хуллас барномаи асосии мубориза бар зидди киберҷиноятҳоро дар ҳамкориҳои дар пешистода ва консенсуси ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷиҳати банақшагии ҳуҷҷатҳои стратеги бо онҳо,

ҳамзамон тафтиш, ошкор ва таъқиби киберҷинояткоронро бо асосҳои зайл метавон гурӯҳбанди кард:

– кибертаъқиб-далелнокии ин намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ҷиҳати намудҳои муосири ҷиноятҳо бар зидди шахсият;

– аз нав дида баромадани меъёрҳои мавҷудаи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои молумулкӣ;

– муайян намудани навъҳои нави ҷиноятҳо муқобили моликият, ки ҷавобгариро барои хатарҳои DNS (қаллобӣ дар интернет, тамаъҷӯӣ тавассути шабакаи интернетӣ ва тасарруф тавассути воситаҳои компютерӣ) ва зарар ба иттилоот пешбинӣ мекунад;

– аз нав дида баромадани меъёрҳои пешбини намудани ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ бо мақсади фаро гирифтани кирдорҳое, ки ба нест кардан, тағйир додан ва сохтакории далелҳои электронӣ нигаронида шудаанд;

– муайян намудани навъи ҷиноятҳое, ки ба татбиқи адолати судӣ монеа эҷод менамоянд;

– аз нав дида баромадани меъёрҳои муайян оид ба ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои ахлоқӣ, аз ҷумла порнографияи кӯдакон, бо истифода аз технологияҳои компютерӣ.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо метавон хулосабарорӣ намуд, ки киберҷиноятҳо дар низоми ҳуқуқи башар фарогири масъалаҳои баҳсталаб буда, он истифодаи механизмҳои гуногун ва усулҳои ҳуқуқиро талаб мекунад.

Дар аксари кишварҳои пешрафтаи дунё мушкилиҳои мавҷуда дар муайян кардани чунин ҷиноятҳо ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткорон тибқи қонунгузории миллӣ бартараф карда шудааст. Бо вуҷуди ин, сарфи назар аз тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ, киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои алоҳида танзими мустақил пайдо накардаанд, ки ин омилро наметавон манфи арзёбӣ намуд.

Агарчанде ки бисёр кишварҳо қонунгузориҳои ҷиноятии худро ба қонунгузориҳои байналмилалӣ мутобиқ карда бошанд ҳам, алҳол қонуни

ягонае вуҷуд надорад, ки мушкилоти ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҳамкории давлатҳоро барои ин соҳа ба мисоли бояду шояд аз миён барад. Дар ҷаҳони муосир танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар такмили қонунгузориҳои сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ шароити мусоид ба вуҷуд оварда, дар ин замина масъалаҳои баҳсталаб дар таркиби ҷиноятҳои алоҳида, аз ҷумла киберҷиноятҳо, ҳалли худро ба таври зарурӣ хоҳанд ёфт.

Решадовонидани муҳити виртуалии ҷаҳонӣ дар заминаи дастовардҳои назаррасу қобили қабул, ки маълумотро аз натиҷаҳои муосири иттилоъи башарият асоснок намудааст, ҳамзамон чолишҳо манфии таҳдидкунанда барои амнияти иттилоотии давлатҳо, нуҳуфтаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дастгири ҷиҳати ҳифзи амнияти иттилоотии кишвар ва муқовимат бо киберҷиноятҳоро дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, мақсади далелноки хеш шумурда, дар заминаи ҷонибдори ва амалишавии ин мақсад корҳои барзиёдеро ба сомон расонидааст[174].

Аз ин рӯ, вобаста ба моҳияти фаромиллӣ ва доираи киберҷинояткорӣ, мавҷудияти далелҳои рақамии фаромиллӣ ҳамкории давлатҳоро дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд: ҳамкории миллии муқовимат бо киберҷиноятҳо; ҳамкории минтақавӣ; ҳамкории байналмилалӣ (ҳамкории байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ).

Ҳамчунин зарур аст, ки дар доира ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ, СПАД, СҲШ ҷиҳати ҳамкории байналмилалии давлатҳо дар муқовимат бо киберҷиноятҳо, Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Осиёи Маркази, ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шуда, мақсади асосии вай ба даст овардан

[174] Аз қабили таъмини дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби доираҳои васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ; мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон; мусоидат ба тавсеаи имкониятҳои воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ; ба роҳ мондани ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот; муқовимати саривақтӣ ва самаранок бо киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои хатарҳои киберӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик.

ва мақсаднок истифода намудани иттилоот, баррасмиятдарории он иттилоот дар бораи ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, пажуҳиши баёнии экспертии ҳуҷумҳои киберӣ, эҷод ва амалишавии методҳои муосири огоҳсозӣ ва ошкорнамоии ин кирдорҳо (яъне киберҷиноятҳо, омода намудани мутахассисони ҷавобгу ба талаботи муосир, ҳамкории миёни сохторҳои қудрати, баланд бардоштани дараҷаи бехатарии фазои иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин ҳалли масъалаи ҳамкории шаффофи онҳо дар самти дастгирии ташкилии муқовимат бо киберҷиноятҳо муқаррар карда шавад.

Андешаҳои байёнгардида далелнок менамоянд, ки барои таҳияи модели муосири ҳуқуқӣ-ҷиноятии байналмиллалӣ оид ба ҳифзи телекоммуникатсия аз амалҳои ҷиноятӣ чунин омилҳо монеа эҷод мекунанд:

– барои ҳама кишварҳо истилоҳоти ягонаи намудҳои киберҷиноятҳо ва фаҳмиши умумии он вуҷуд надорад;

– миёни кишварҳо ҳангоми мураттаб сохтани низоми консептуалӣ дар ин самт созиш мавҷуд нест;

– рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба суръати ташаккули технологияҳои иттилоотӣ камтар ба мушоҳида мерасад. Ин ҳама ба мавҷуд будани фазои холигии ҳуқуқӣ вобаста аст, ки аксар он ба бесамар гардидани муқовимат бо киберҷиноятҳо оварда мерасонад;

– ҳамкориҳои байни кишварҳо дар масъалаи амнияти киберӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст. Дар бисёр ҳолатҳо корҳои ба сомон расонидаро ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳудуди маълум ба итмом мерасонанд, вале низоми амиқи мубориза бар зидди ин намуди нави кирдорҳо мавҷуд несст;

– миёни кишварҳо дар бораи масоили расмиёти ҳамкорӣ, ки ба принсипи соҳибихтиёрӣ алоқамананд, ихтилофҳо вуҷуд доранд.

Тавре мебинем, ташаккули низоми ягонаи принсипҳо ва таҳкими асосҳои моддию ҳуқуқии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо кибериноятҳо вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Бар зами ин сафарбар намудани ҳамаи кушишҳо ҷиҳати эҷод кардани модели замонавии ҳамкорӣ,

ки дарбаргирандаи самтҳои мухталифи ҳуқуқи байналмиллалӣ ва дастовардҳои илмию техникӣ бошад, яке аз мақсадҳои маҳсуб меёбад. Ба ибораи дигар, ин муттаҳид намудани талошҳои мақомоти давлатӣ ва институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки ба муқовимат бо киберҷиноятҳо машғуланд, инчунин ширкатҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла истеҳсолкунандагони маҳсулоти барномавӣ ва воситаҳои алоқаи мобилиро дар назар дорад. Ҳангоме ки чунин равияи ҳамаҷониба ташаккул меёбад, он метавонад омили муайянкунандаи ҳалли мушкилот дар муқовимат бо киберҷиноятҳо гардад. Масъалаи глобалии дигар дар ин самт он аст, ки қабули конвенсияи ягона оид ба амнияти киберӣ ғайриимкон аст. Зеро рӯйхати амалҳое, ки барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ҳам дар қонунгузории миллӣ ва ҳам дар ҳуқуқи байналмилалӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, таҳияи рӯйхати ягонае, ки мувофиқи он ба ин ё он кирдор ҷазо таъин карда мешавад ва мутаносибан ба конвенсия дохил карда мешавад, то андозае ғайриимкон мегардад. Масъалаи ба роҳ мондани муносибатҳои самарабахш миёни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шахсоне, ки хидматрасонии интернетиро таъмин менамоянд, низ ташвишовар аст. Албатта, ин шахсон тамоми маълумотро дар бораи муштарӣ ва иттилооте, ки аз ҷониби ӯ интиқол дода мешавад, доранд. Чунин маълумот метавонад ҳамчун далели қатъӣ барои исботи содир шудани ҷиноят ба кор бурда шавад. Дар кишварҳои гуногун масъалаҳои пешниҳоди ин гуна маълумот, инчунин тарзи нигоҳдории онҳо вобаста ба қонунгузории миллӣ ба таври гуногун ҳал карда мешаванд. Аксар вақт ин масъалаҳо бо ёрии судҳо ҳал карда мешаванд.

Баъзан мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имконияти мустақилона дастрас кардани ин гуна маълумоти захирашударо доранд. Дар ин ҷой сухан ҳам дар бораи сиёсати риояи тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷониби чунин ташкилотҳо ва ҳам дар бораи ихтиёран пешниҳод кардани маълумот бо дастури мақомотҳои зикршуда меравад. Чунин муносибатҳо ба мустаҳкам гардидани муносбатҳои боэътимод байни таъминкунандагони ин гуна хидматрасониҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мусоидат мекунад. Бояд дар хотир дошт, дар чунин мавридҳо

мувозинати махфият ва риояи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятиро нигоҳ доштан хеле муҳим аст. Ин омил барои он зарур аст, ки бахши хусусӣ барои ошкор намудани кирдорҳои барои ҷомеа хавфнок монеа эҷод намекунад, балки ба он мусоидат мекунад.

Ошкорсозии киберҷиноятҳо ҳамеша ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон алоқамандӣ дорад ва тибқи муқаррароти меъёрҳои байналмилалӣ, ҳангоми тафтиши ин гуна ҷиноятҳо амнияти он бояд таъмин карда шавад. Инро метавон тавассути тартиб додани рӯйхати амалҳои тафтишотие, ки дар онҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ салоҳият доранд ба ҳаёти шахсии дигарон дахолат кунанд, анҷом дод. Илова бар ин, дар ин раванд кафолати роҳ надодан ба суиистифода аз ҷониби шахсони мансабдор низ бояд таъмини дахлдори худро ёбад. Бо ин мақсад, қонунгузории миллӣ низ бояд рӯйхати ин кафолатҳоро дошта бошад. Дар ин самт норасоии назаррас вуҷуд дорад: пешгӯӣ кардан ғайриимкон аст, ки шаҳрвандони хориҷӣ дар доираи тафтишот кадом маълумотро ба даст оварда метавонанд. Вобаста ба ин зарурати таснифи шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ пеш меояд. Шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ инҳоянд:

– расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва техникӣ;

– эътирофи карорҳои суд;

– ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

Бо дарназардошти он ки далелҳои электронӣ хеле ноустуворанд, аз ин рӯ, бояд сари вақт амалиёти тафтишотӣ оид ба ошкор намудани киберҷиноятҳо гузаронид ва маълумоти заруриро ба таври фаврӣ ба даст овард. Ҳангоми расонидани кумак аксаран санадҳои дахлдор ба таври тарафайн истифода мешаванд.

Санадҳои дорои хусусияти тарафайн бо дарназардошти он ки гирифтани кумак тавассути чунин созишномаҳо саривақт сурат намегирад, яъне давоми якчанд моҳ сурат мегирад, камтар истифода мешаванд. Чунин давраи дарозмуҳлат барои сари вақт дастрас намудани ин гуна далелҳои зарурӣ мушкилот ба миён меорад. Бисёр кишварҳо оид ба имконпазир будани

ҳамкориҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ дар ин соҳа маълумот медиҳанд, аммо на ҳамаи онҳо вобаста ин робитаҳо низоми кории худро роҳандозӣ кардаанд. Тавре ба назар мерасад, бинобар набудани чунин як равияи умумӣ оид ба масъалаи баррасишаванда мушкилиҳои иловагӣ ба вуҷуд меояд. Ин омил дар расонидани кӯмаки мутақобила дар муқовимат бо киберҷиноятҳо мушкилӣ эҷод мекунад. Дар он кишварҳое, ки ба рӯйхати давлатҳои дорои уҳдадориҳои дар ин самт дохил карда нашудаанд, имконити зуд сабт ва захира кардани маълумотҳо вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз, хатари он вуҷуд дорад, ки кишварҳо иттиҳодияҳои дахлдор созмон намуда, механизмҳои муштарак таҳия менамоянд ва танҳо дар доираи онҳо ба якдигар дар муқовимат бо ҷинояткорӣ ёрии ҳуқуқӣ хоҳанд расонд ва ба дархостҳои давлатҳое, ки ба он онҳо шомил нестанд, беэътиноӣ зоҳир хоҳанд кард. Дар ин сурат, ба давлатҳои ба ин ҳайат шомилнабуда танҳо бо роҳҳои «анъанавӣ» ва бе дарназардошти хусусиятҳои ҷиноятӣ метавон ёрӣ расонд, ки ин омил тафтишро душвор мегардонад.

Барои таҳкими мубориза бо киберҷиноятҳо дастгирии ҳуқуқии соҳаи иттилоот дар сатҳи давлатӣ зарур аст ва аз ин рӯ, ба механизмҳои ҳуқуқие, ки **соҳаҳои** зеринро танзим мекунанд, таваҷҷуҳи махсус бояд зоҳир кард. Чунин муносибатҳоро ба таври зайл метавон тасниф кард:

– муносибатҳои ҳуқуқии маълумоти, дар раванди кофтуков, қабул, таҳияи васеи критерияҳо гуногуни маълумот, манбаъҳои маълумоти, ифрасохтори муҳими маълумотдиҳи самара мебахшад;

– тамоюли эҷод, интиқол ва пахшкунии маълумот, захираҳои иттилоотӣ ва хизматрасонии иттилоотӣ;

– тамоюли ба даст овардани маълумоте, ки дар раванди созмон додан ва истифодаи низом ва ё дастгоҳи маълумотдиҳи, ҳамзамон системаҳои алоқа, воситаҳои таъминот ва инфрасохтори ТИК-и онҳо пайдо мегардад.

Хуллас, ҳамкории байналмилалии муқовиамт ба ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро дар замина таҳлилҳои болозикр чунин гурӯҳбанди кард:

– фаъолияти якҷояи байналмилалӣ ҷиҳати мубориза бар зидди ин кирдоҳои барои ҷамъият хавфнок ҷиҳати қабули санадҳои умумӣ, минтақавию байниҳукумати (КИА дар бораи киберҷиноятҳо соли 2001 (шаҳри Будапешт), Хартияи Окинава, «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ», «Созишнома оиди фаъолияти якҷояи кишварҳои узви ИДМ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ», «Созишномаи СҲШ дар бораи таъмини амнияти байналмилалии иттилоотӣ», Созишнома дар бораи табодули иттилоот дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳо (Қарори узви мамлакатҳо ИДМ аз 22 майи соли 2009, Ҷумҳурии Қазоқистон), Созишнома оиди фаъолияти якҷояи мамлакатҳои узви ИДМ, дар муқовиат бо ҷиноятҳо дар самти ТИК (Қарори СҲШ аз 28 сентябри соли 2018, Ҷумҳурии Тоҷикистон), Барномаи фаъолияти якҷояи мамлакатҳои узви ИДМ дар бораи мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки бо истифода аз ТИК-ии электронӣ созмон дода шудаанд, барои солҳои 2016-2020 ва Созишнома байни Ҳукумати ҶТ ва мамлакати Туркманистон дар бораи фаъолияти якҷоя дар самти таъмини амнияти киберии байналмилалӣ ва Созишнома байни Ҳукумати ҶТва мамлакати Туркманистон дар бораи фаъолияти якҷоя дар самти ҳифзи техникии иттилоот аз 29 августи соли 2023, таҳти №381).

– ташкилотҳои бонуфузи байналмилалиро дар муқовимат бо киберҷиноятҳо ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Ташкилотҳои байналмилӣ:

а) Созмони Миллали Муттаҳид;

б) Интерпол – ташкилоти байналмилаии полиси ҷиноятӣ;

в) Европол;

г) Шурои Аврупо.

2. Ташкилотҳои минтақавӣ:

а) СҲШ;

б) СПАД.

Ҳамаи ин ташкилотҳо ҷиҳати фаъолияти якҷояи байналмилалӣ, дар дар мубориза бар зидди ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок саҳми калидиро доро мебошанд.

Хуллас, таҳлили муҳтавои ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо имкон медиҳанд, ки аз натиҷаи таҳлил хулосабарорӣ намуд:

1. Таҳлили Конвенсияи Иттиҳоди Аврупо оид ба киберҷиноятҳо, дар адабиётҳои илмӣ ҳамчун, ягона Конвенсияе, ки ҳамкории байналмилалии дар муқовимат бо киберҷиноятҳоро пешбини намудааст, аз он шаҳодат дод, ки системаи мушаххасу зарурииро ҷиҳати фаъолияти якҷояи байналмилалии мамлакатҳо ва сохторҳои қудрати узви Конвенсияро дар мубориза, огоҳонидан ва ошкор намудани кирдорҳои баррасишаванда далелнок накардааст ва заминаи ҳудудро фаро мегирад (бахусус дар ин санад фақат барои мамлакатҳои Аврупо диққати бештар зоҳир гардидааст); ҳуқуқу озодиҳои ИМА ва гурӯҳи ин мамлакатҳоро дар ҷанбаҳои ҳарбию иқтисодию сиёси (маслан Канада, Япония) пешбинӣ намудааст, ки дар воқеъ равиши минтақавӣ ба муттаҳидсозӣ ва ҳамоҳангсозии қонунгузории ҷиноятӣ дар доираи як гурӯҳи кишварҳо танҳо боиси парокандагии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи муқовимат бо киберҷиноятҳо мегардад ва имкон намедиҳад, ки масъалаи таъмини амнияти байналмилалии киберӣ ва ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҳамаи давлатҳо назаррас бошанд.

2. Қобили қабул мебуд, ки бо ҳадафҳои ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва мамлакату кишвари азизамон аз хавфҳо берунию минтақавӣ дар муҳити виртуалӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи амнияти киберӣ» ба тавсиб расида, дар он бо мақсади таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ муқаррароти умумӣ оид ба амали қонун, танзими давлатии амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ, таъмини амнияти киберӣ, ҳодисаҳои амнияти киберӣ, объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, дастгирӣ ва рушди таъмини амнияти киберӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва дигар самтҳои муҳими танзими ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шаванд.

3. Дар доира ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла ИДМ, СПАД, СҲШ ҷиҳати ҳамкории байналмилалии давлатҳо дар муқовимат бо киберҷиноятҳо, Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо дар Осиёи Марказӣ, ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шуда, мақсади созмон додани он, захира ва мувофиқи мақсад истифодаи иттилоот дар бораи ин кирдоҳои барои ҷамъият хавфнок, пажуҳиш ва таҳқиқи арзёбии экспертии ҳуҷумҳои киберии харобиовар, эҷод ва далелнокии методҳо пешрафтаи огоҳонидан ва тафтиши ин кирдорҳо, омода кардани мутахассисони ҷавобгуй ба рушди ТИК, кумак ва фаъолияти якҷоя бо сохторҳои қудратӣ, баланд бардоштани дараҷаи бехатарии фазои иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон, инчунин ҳалли масъалаи ҳамкории шаффофи онҳо дар самти дастгирии ташкилии муқовимат бо киберҷиноятҳо муқаррар карда шавад.

4. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, метавон ҳамкорҳои байналмилалӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳо ба ду давра ҷудо намуд:

– марҳила аввал, дар соли 1992 аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ш. Тошканти Ҷумҳурии Узбекистон ба имзо расидани «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ» (солҳои 1992-2000) ифода мегардад;

– марҳилаи дуюм ин, баъди ба имзо расидани «Созишнома оиди ҳамкории кишварҳои узви ИДМ дар муқовимат бо ҷиноятҳо дар самти маълумоти компютерӣ» аз якуми июни соли 2001 дар Ҷумҳурии Белорус ва қабули як қатор консепсияю барномаҳо ҷиҳати татбиқи созишномаҳои ба имзо расида дар муқовимат бо киберҷинояҳо (солҳои 2001-2023).

## 2.2. Ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ

Проблемаи муқовимат бо киберҷиноятҳо, ки тавассути ТИК содир мешаванд таваҷҷуҳи давлатҳои ҷаҳонро ба худ ҷалб намудааст. Барои ҳалли он ҳам чораҳои таъсиррасонии сиёсӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам воситаҳои таъсиррасонии технологӣ истифода мегардад.

Марк Ансел Зарурат ва аҳаммияти омӯзиши низоми конунгузории хориҷиро таҳлил карда, иброз менамояд, ки «таҳқиқу баррасии системаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ дар назди ҳуқуқшиносон соҳаҳои муосиреро руйикор меорад, ки системаи ҳуқуқи мамлакати хешро бо замони муосири рушди қонунгузори мувофиқ намуда, хусусиятҳои хоси низоми ҳуқуқи хориҷӣ ҳангоми муқоиса кардан бо дигар низоми ҳуқуқи давлатҳои хориҷ мушаххасу равшантар омӯзанд»[175].

Олимони тоҷик, А.И. Сафарзода ва Ф.А. Мирзоахмедов бошанд, бар он назаранд, «генезиш ва ташаккули зарурӣ ва мувофиқи мақсади илми ҳуқуқи ҷиноятии нав дар мамлакат бе таҳқиқу баррасии ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ номумкин ифода мегардад»[176].

Таърихи рушди қонунгузории байналмилалӣ дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон бо ташаккули киберҷиноятҳо алоқаманд буда, бо омӯзиши амиқу дақиқ баъзе ҳолатҳоро равшан мегардонад. Ташаккули ТИК-ии электрогӣ ва қисми ҷудонашавнда қарор гирифтнаи он дар ҳайёти рузмарраи инсонӣ заминаи ба миён омадани намудҳои муосири содиршавии кирдор гарда заминаи асосии эътироф намудани ҷиноятҳои навгардида,  ки ҳолати мазкур далели дохил кардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва қабули қонунҳои муосири ҷиноятӣ гардид.

Омузиши адабиётҳои илмӣ ва таҳқиқу баррасии таҷрибаи амали асоснок намудаанд, ки, дохил кардани иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ дар соҳаи

[175] Ансель М. Методологические проблемы сравнительного права // Очерки сравнительного права. – М., 1981. – С. 38.

[176] Сафарзода А.И., Мирзоахмедов Ф.А., Масоили таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавии ҷиноятҳо дар соҳаи андозбандӣ мувофиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои-узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил / А.И. Сафарзода, Ф.А. Мирзоахмедов // Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ». – Душанбе, 2017. – С. 50.

муборизa бар зидди ин кирдоҳои барои ҷоме хавфнок заминаи на фақат ташаккули техникӣ, сониян бунёдӣ ҳам ифода меёфтааст[177].

Генезиси ҷамъияти иттилооти, ки ба 3-яки интиҳои қарни 20 алоқаманди дорад, заминаи ташаккули аҳамияти ҳимояи объектҳои ғайримоддӣ ва маълумот шуд. Объектҳои муосир ба тавсиб расонидани меъёрҳои муосири ҳуқуқро тақозо намудан онҳоро бо фарқият ба арзишҳои моддӣ ҳимоя карда мешаванд. Бо алоқамандии ин ташаккули сиситамаҳои муосири содиршавии кирдор, бахусус ҳуҷумҳои мухталифи харобиовари киберӣ, қонунгузории ҷиноятии миллии мамлакатҳо руйи дунё ба дигаргуниҳо гуногун ру ба ра гардид.

Агар ба вуҷуд омадани меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба ҳифзи фазои иттилоотӣ, системаҳои компютерӣ, инчунин оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳое, ки дар фазои маҷозӣ содир мешаванд, бодиққат назорат кунем, метавон алоқамандии киберҷиноятҳоро бо тағйироти ҷинояткории миллӣ ва байналмилалӣ муайян намуд.

Дар ҷаҳони муосир раванди технологӣ ба ҳамаи соҳаҳои илм таъсири худро гузошта, дастовардҳои бахши технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро назаррас метавон ҳисобид. Албатта, дар ин ҷараёни тезутунд ҷанбаҳои ҳуқуқиро дар муносибати корбарон танзим намудан аҳамияти муҳим дорад. Бояд қайд намуд, ки масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои компютерӣ ва ҳифзи онҳо аз ҳамлаҳои киберӣ, аз ҷумла тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ба танзим даровардани ин самти ҳаётан муҳим, имрӯз дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ рушди хислатҳои гуногуни башари аз қабили ташаккули сиёсӣ, фалсафӣ иқтисодӣ, идеологӣ, сарчашмаҳо ва сохти меъёрҳо, ҳамзамон дигар сабабҳо хислати қонунгузории ҷиноятиро далелнок гардонидааст. Таҳқиқи қиёсшаванда қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои

---

[177] Ниг.: Brenner S.W., Goodman M.D. The emerging consensus on criminal conduct in cyberspace // UCLA Journal of Law and Technology. – 2002. – №3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. lawtechioumal.com/articles/2002/03-020625goodmanbrenner.phD (санаи мурoҷиат: 12.12.2022); Sieber U. Legal Aspects of Computer-Related Crime in the Information Society [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// europa.eu.int/ISPO/legal/en/comcrime/sieber.doc (санаи мурoҷиат: 01.06.2022).

хориҷӣ ва давлатҳои пасошуравӣ ҷиҳати муайян намудани ташаккули умумӣ ва махсуси меъёрҳое, ки ҷавобгариро ҷиҳати содир кардани чунин кирдор муқарар намудааст, дастгири мекунад.

Аз ин лиҳоз зербоби мазкур ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ ва давлатҳои пасошӯравӣ бахшида шудааст. Барои ҳаматарафа ноил шудан ба мақсади гузошташуда бояд ба давлатҳои аз ҷиҳати техника ва технология пешрафта ру овард.

Дар Англия ба ҳифзи иттилооти компютерӣ, таъмини амниятӣ иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ ва танзими ҳуқуқии он эътибора махсус медиҳанд. Қонунгузории ҷиноятии Англия, ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо дорои хусусиятҳое мебошад, ки онҳо ба қонунҳои аксари кишварҳои хориҷӣ хос нестанд. Дар Англия сарчашмаҳои асосии қонунҳо (қонунгузории парламентӣ, қонунҳо) ва амсоли судӣ мебошанд, ки маҷмуи онҳоро ҳуқуқҳои умумӣ ташкил медиҳанд. Дар қонунгузории ин кишвар, соли 1990 аввалин қонун «оиди муқовимат бо киберҷиноятҳо» қабул шуда буд. Қонуни мазкур мутобиқи табиати ҳуқуқии худ чунин амалҳоро дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо роҳандозӣ намуд:

1. Дастрасии беиҷозат ба барномаҳо ва ё маълумоти дар компютер мавҷудбуда. Дар қонунгузории ҷиноятии Англия байни компютерҳои бо чораҳои махсуси амниятӣ ҳифзшаванда ва компютерҳои маъмулӣ фарқият намегузорад[178]. Дар баробари ин, тибқи муқаррароти пешбини намудани қонунгузории ин кишвар, ворид шудан ба компютер, ки тавассути он барномаҳо ё додаҳо тағйир ё нобуд карда мешаванд ва барои ғайриқонунӣ нусхабардории маълумот ё ба ҷои дигаре интиқол додани он ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини гардидааст;

2. Қасдан дастрасии ғайриқонунӣ ба компютер ё иттилоот ва ё барномаҳои дар он мавҷудбуда барои истифодаи минбаъдаи онҳо дар фазои маҷозӣ.

---

[178] Ниг.: Charlesworth A. Legislating against Computer Misuse: The trials and tribunals of the UK Computer Misuse Act 1990 / A. Charlesworth // Journal of law, information and science. – 1993. – №4 (1). – P. 80-93.

3. Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ё шабака, агар он боиси нобудшавӣ, басташавӣ, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, халалдор шудани кори компютер, системаи компютерӣ ё шабака шуда бошад. Аммо барои таснифоти дақиқ бояд муайян кард, ки ин тағйирдиҳиҳо ҳадафноканд. Илова бар ин, шахс бояд донад, ки ворид кардани тағйирот дар асоси иҷозатнома бояд сурат гирад ва ё не[179]?

Дар муқоиса ба қонунгузории ҷиноятии Англия қонунгузории кишвари дигари аврупоӣ – Белгия дорои як қатор хусусиятҳо дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани киберҷиноятҳо мебошад. 13 феврали соли 2001 дар Белгия тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ворид гардиданд, ки қисме аз тағйиру иловаҳо дар самти киберҷиноятҳо нигаронида шудааст. Ҷавобгарӣ барои таҳияи барномаҳои зараровар ва таҳрибкории компютерӣ дар моддаҳои 523, 528, 559-и Кодекси ҷиноятии Белгия пешбинӣ шудааст. Дар ин моддаҳо ҷавобгарӣ барои ҳамлаҳои киберие, ки боиси вайрон шудани таҷҳизоти компютерӣ ва халалдорсозии раванди муътадили кори компютерӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ бо маҳруми аз озоди то таъйини ҷарима пешбинӣ гардидааст.

Хусусияти асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани киберҷиноятҳо дар Кодекси ҷиноятии Белгия ба он вобастааст, ки ҳангоми тағйири ғайриқонунии иттилооти компютерӣ шахс тибқи моддаҳои 134-и (қоидаҳои умумӣ оид ба сохтакорӣ), м. 461 (дуздӣ), м. 496 (қаллобӣ) ба ҷавобгарӣ кашида мешавад[180].

Дар муқоиса ба қонунгузории ҷиноятии Белгия ва Англия дар самти ҷавобгарии ҷинояти ҳангоми содир намудани киберҷиноятҳо, қонунгузории ҷиноятии Олмон дар боби алоҳидаи «ҳифзи иттилооти компютерӣ» як қатор хусусиятҳои муҳимро пешбинӣ менамояд. Дар Кодекси ҷиноятии Олмон боби алоҳида барои содир кардани киберҷиноятҳо муқарар нагардидааст, аммо ин нуқта чунин маъно надорад, ки дар қонунгузории ин кишвар

---

[179] Ниг.: Уголовное право зарубежных стран. В 3 т. Том 3. Особенная часть: учебник для бакалавриата и магистратуры / Отв. ред. Н.Е. Крылова. – 5-е изд., перераб., и доп. – М.: Юрайт, 2016. – 254 с.
[180] Уголовный кодекс Бельгии: пер. франц. / Под науч. ред. Н.И. Мацнева. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 350 с.

масъалаи мазкур аз мадди назар дур монда бошад. Дар қонунгузории ҷиноятии Олмон зербобҳои мазкур фарогири ин самти ҳаётан муҳим мебошанд:

§202а – «Ҷосусии иттилоотӣ», ин модда, барои дуздии маълумоте, ки аз дастрасии беиҷозат ҳифз шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятиро ба миён меорад. Амалҳои ҷинояткор дар ин ҳолат бе иҷозати тарафе, ки соҳиби воқеии маълумот мебошад, сурат мегирад. Шахси ҷабрдида бояд низоми мувофиқи нигоҳдории иттилоотро ҳифз намуда, сатҳи муайяни ҳифзи на танҳо маълумоти аллакай коркардшуда, балки маълумотеро, ки дар ҷараёни коркард ё интиқол қарор дорад, таъмин намояд. Таъқиб метавонад танҳо пас аз гирифтани аризаи ҷабрдида ё дар натиҷаи ба вуҷуд омадани «манфиати ҷамъиятӣ», ки мундариҷаи он дар тафсирӣ §303а-и Кодекси ҷиноятии Олмон пешбини гардидаст, сурат гирад. Дар сурати такрор содир намудани он тибқи §108а-и Қонуни Олмон оид ба ҳуқуқи муаллиф навъи алоҳидаи ҷиноятро ташкил медиҳанд.

«Қаллобии компютерӣ». Муқаррароти мазкур ҷавобгарии ҷинояти барои қаллобии компютерӣ дар қисми 22 «Қаллобӣ ва суиистифода аз боварӣ» §263а оварда шудааст. Яке аз махсусиятҳои қонунгузории ин мамлакат дар он аст, ки расонидани зиён ба моликият шахси дигар, ба воситаи эҷоди нармфазорҳи зарароввар, ба василаи иттилоъӣ бардуруғ ё носаҳеҳ, ба василаи дастрасии беиҷозати иттиллоъ ё дигар ҳолати таъсирбахшандаи ғайриқонуни ба он вобастаанд, ҷиноятӣ зархаридон ба сифати кирдори барои ҷамъият хавфнок эътироф мегардад. Дар ҳолати мазкур система ва додаҳо ҳамчун василаи содир кардани кирдор ифода мегардад, чунки аз он барои баҳраманд гардидан ба кирдорҳои номатлуби киберӣ истифода менамоянд. Ҷиноят ба андозаи зарари расонидашуда ё мақоми ҷабрдида (давлат, шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ) алоқаманд нест. Шакли гунаҳкорӣ қасди бевосита аст. Бар зами ин, барои ҷомеа хавфнокии таркибҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҳар 2-ду шакли кирдорҳо амалан монанди доранд: чунончӣ «қаллобии иттилоотӣ истифодашуда» (§269). Ин

таркиби ҷиноят ҷавобгариро барои кӯшиши тағйир додани маълумот ё истифодаи бевоситаи маълумоти тағйирёфта, яъне иваз кардани маълумот тавре пешбинӣ мекунад, ки бо истифодаи минбаъдаи ин маълумот натиҷаи нодуруст ба даст оварда шавад. «Маълумоти истифодашуда», тибқи ин модда, танҳо он нуктаҳоеро дар бар мегирад, ки бо мақсади исботи ҳар як далели марбут ба парванда истифода мешаванд.

Дар баробари ин таҳлили қонунгузории кишварҳои хориҷӣ аз он шаҳодат додаанд, ки дар қонунгузории Олмон §270 барои анҷом додани кирдоре, ки ба коркарди маълумот дар мақолаҳои расмии илмӣ халал мерасонад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини гардидааст. Дар ин маврид дахолати бемаврид ва мақсаднок номувофиқ дониста мешавад[181].

Пеш аз ҳам, дар ин самт қонунгузории Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро (минбаъд ИМА), ки таҷрибаи бештари муқарар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат бо киберҷиноятҳоро дорад, метавон баррасӣ намуд. Дар қонунгузории давлатӣ мазкур санади асосии танзимкунанда дар ин самт «қаллобӣ ва суиистифодаи ғайриқонунии компютерӣ» мебошад, ки он соли 1986 қабул шудааст. Бартарияти қонунгузории ИМА дар як қатор санадҳо иникос ёфтааст, ба таври мисол дар моддаҳои 1030 ва 1029-и боби 47 қонунгузории ҷиноятии ИМА ҷавобгарии ҷиноятии ин навъи ҷиноятҳо дақиқ ба назар мерасад. Тибқи он дар раванди содиршавии киберҷиноятҳо шаш намуди амал иҷро мегардад, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати ҳар амалӣ анҷомёфта фарқият доранд[182]:

1. Дастрасии беиҷозат ба компютер барои гирифтани маълумоти махфии давлатӣ бо мақсади расонидани зарар ба ИМА ё ба манфиати давлати дигар;

2. Дастрасии беиҷозат ба компютерҳое, ки аз ҷониби ҳукумати федералӣ истифода мешаванд;

3.Дастрасии беиҷозат ба низоми компютерӣ бо мақсади қаллобӣ;

---

[181] Ниг.: Уголовное право зарубежных стран. В 3 т. Том 3. Особенная часть: учебник для бакалавриата и магистратуры / Отв. ред. Н.Е. Крылова. – 5-е изд., перераб., и доп. – М.: Юрайт, 2016. – 254 с.
[182] Ниг.: Никифоров Б.С., Решетников Ф.М. Современное американское уголовное право / Отв. ред. Власихин В.А. – М.: Наука, 1990. – 256 с.

4. Таҳияи барнома, маълумот, рамз ё фармон бо мақсади расонидани зарар;

5. Дастрасии беиҷозат ба системаи компютерӣ, ки дар Иёлоти Муттаҳида ё берун аз кишвар анҷом дода шуда, зарари он ҳадди ақалро ташкил медиҳад;

5. Қаллобӣ дар рамзгузории компютерӣ, ки ба равобити байни давлатҳо таъсир мерасонад;

6. Интиқоли маълумот бо мақсади тамаъҷӯии маблағҳо[183].

Моддаи 1029-и Қонунгузории ҷиноятии Федералии ИМА амалиёти ҷиноятии қаллобиро амсоли рақамҳои мушаххаси инфиродӣ (PIN), кортҳои ҳисобии қарзӣ, рақамҳои ҳисоб ва дигар намудҳои амалиётҳои электронӣ фаро мегирад.

Дар қонунгузории Амрико мавҷудияти ду шаклро дар сохтори он мушоҳида менамоем: қонунгузории федералӣ ва қонунгузории штатҳои алоҳида. Ҳангоми таҳияи қонунҳо хавфи барзиёд доштани киберҷиноятҳо низ ба инобат гирифта шудаанд. Дар сатҳи қонунгузории федералӣ як қатор қонунҳо ва моддаҳои алоҳида мавҷуданд, ки бевосита ба муқовимат бо киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд. Ҳамчунин, дар низоми қонунгузории давлатҳои алоҳида меъёрҳое мавҷуданд, ки муқовимат ба ҷиноятҳоро дар соҳаи иттилоот таъмин мекунанд[184].

Ҳамзамон, қонунгузории ҷиноятии штати Род-Аёленд дар §11-524.2 барои кибертаъқиб ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Кибертаъқиб аз ҷониби қонунгузории ҷиноятии штати Род Айленд ҳамчун таъқиби барқасдонаи шахс ё аъзоёни оилаи ӯ бо роҳи фиристодани паёмҳо тавассути компютер ё дигар дастгоҳи электронӣ муайян карда мешавад, ки

[183] Ниг.: Icove D., Seger K., Vonstorch W. Computer Crime: A Crimefighter's Handbook / D. Icove, K. Seger, W. Vonstorch. – Sebastopol: Oreilly & Associates Inc, 1995. – P. 72.

[184] Ниг.: Никифоров Б.С., Решетников Ф.М. Современное американское уголовное право / Отв. ред. Власихин В.А. – М.: Наука, 1990. – 256 с.; Волосова Н.Ю., Журкина О.В. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.

ҷабрбинандаро хавотир, хашмгин ё нooром мекунад ва барои ягон ҳадафи ғаразнок равона гардидааст[185].

Кодекси ҷиноятии Фаронса[186] бошад, дорои моддаҳои алоҳидаи марбут ба киберҷиноятҳо мебошад:

1. Моддаи 186-1 муқарраротро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои нагаҳдории беиҷозати маълумот дар системаҳои телекоммуникатсионӣ дар бар мегирад;

2. Моддаи 323-1-и Кодекси ҷиноятии Фаронса ҷавобгарии ҷиноятиро барои дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи автоматикунонидашудаи коркарди маълумот ё як қисми ин система, агар дар натиҷаи дастрасӣ маълумоти дар система мавҷудбуда нобуд ё тағйир дода шуда бошад ё кори система халалдор шуда бошад (тағйир дода шавад), пешбинӣ мекунад;

3. М. $323^2$ дигаргун кардани иттиллоъ ё мудохила кардан ба системаҳои истифодабарии мақсадноки автоматии иттилоотро ҳамчун кирдор пешбини кардааст.

4. М. $323^3$ ба дигаргун кардани иттиллоъ дар низоми додаҳо бо ҳадафи қаллобӣ ё фиреб дахл дорад. Барои ин ҷиноятҳо ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол ҷазо дода мешавад[187].

Таҳлили қонунгузории ҷиноятии Фаронса, аз лиҳози фарогирии ҳамаи намудҳои киберҷиноятҳо, нисбат ба дигар кишварҳои хориҷӣ, маҳдуд мебошад, зеро дар заминаи рушди босуръати ТИК намудҳои нави ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок аз ҷумла: терроризми маҷозӣ, экстремизми виртуалӣ, интернетии қалоббӣ, таҳдиди маҷозӣ ва ё киберӣ ҷиҳати додани маълумот, эҷод, пахш намудани барномаҳои зараррасон,

---

[185] Ниг.: «Whoever transmits any communication by computer or other electronic device to any person or causes any person to be contacted for the sole purpose of harassing that person or his or her family is guilty of a misdemeanor, and shall be punished by a fine of not more than five hundred dollars ($500), by imprisonment for not more than one year, or both. For the purpose of this section, «harassing» means any knowing and willful course of conduct directed at a specific person which seriously alarms, annoys, or bothers the person, and which serves no legitimate purpose. The course of conduct must be of a kind that would cause a reasonable person to suffer substantial emotional distress, or be in fear of bodily injury. «Course of conduct» means a pattern of conduct composed of a series of acts over a period of time, evidencing a continuity of purpose. Constitutionally protected activity is not included within the meaning of «course of conduct».

[186] Ниг.: Волосова Н.Ю., Журкина О.В. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.

[187] Уголовный кодекс Франции / Научные редакторы Головко Л.В., Крылова Н.Е.; Перевод с фр. Крылова Н.Е. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 650 с.

беиҷозат ва муқобили қонунгузори пахш кардани манбаъҳои иттилоотии дастрасаш маҳдуд ва ғ. таҳдид ба амнияти миллии сайёра доранд, ки муқарароти меъёриро дар қонунгузории ҷиноятӣ талаб менамояд.

Соли 2007 ба қонунгузории ҷиноятии Германия тағйиру иловаҳо ворид карад шуда меъёри мушаххас оид ба «кибертаъқиб» пешбинӣ гардид. Кибертаъқиб дар қонунгузории ҷиноятии Германия ба қатори кирдорҳои ба ҷомеа хатарнок ворид шуд. Ин кирдор ба мазмуни зерин кушода мегардад:

– иртиботи номақбули ҷинсӣ;

– робинаи номақбул ба воситаи техникаи мобилӣ, бахусус тавассути дигар шахсон;

– аз номи дигар шахс додани фармоишҳо бо амали намудани иттилооъи шахсӣ;

– ҳадяҳои номақбул;

– ҳаросонидани расонидани зиён ба ҳаёт, саломатӣ ё озодии ҷабрбинанда ё наздикони ӯ; кирдорҳои дигаре, ки ба тарзи ҳаёти муътадил зиёни бузург мерасонанд. Барои содир намудани кирдоҳои мазкур ҷазо дар намуди ҷарима арзёбӣ карда мешаванд.

Бояд иброз намуд, ки барои «кибертаъқиб» меъёри мушаххас дар моддаи алоҳида вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо дар қонунгузории ҷиноятии штати Род-Аёленди ИМА ва қонунгузории ҷиноятии Германия, муқарар гардидааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Канада ҷавобгарии ҷиноятӣ барои амалҳои ғайриқонунӣ дар иттилооти компютерӣ, диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ба таври намуна, моддаи 301.2-и ин кишвар ҷавобгарии ҷиноятиро барои қаллобии интернетӣ, ғайриқонунӣ, мустақим ё ғайримустақим ба системаи компютерӣ ворид шудан, инчунин тавассути дастгоҳи электромагнитӣ, акустикӣ, механикӣ ё дигар дастгоҳҳо боздоштани фаъолияти компютериро мадди назар мегирад. Дар ин моддаи Кодекси ҷиноятии Канада инчунин таърифҳои ҳуқуқии чунин мафҳумҳои муҳими соҳаи иттилооти компютерӣ,

аз қабили «маълумот», «дастгоҳи электромагнитӣ, акустикӣ, механикӣ ё дигар дастгоҳҳо» ва «дастгирӣ» мавҷуданд[188].

Дар моддаи 387 Кодекси ҷиноятии Канада номгӯйи амалҳои номатлуб мансуб ба киберҷиноятҳо пешниҳод мегардад, ки он фарогири ин омилҳост:

– нобуд кардан ва тағйир додани маълумот;

– тағйир додани маълумот, моҳиятан маънои онҳоро тағйир додан, ки самаранокии онҳоро аз байн мебарад;

– қатъ намудан, халалдор сохтан ё дахолат ба истифодаи иттилоот, ки боиси ғайриқонунӣ маҳдуд шудани дастрасии корбарони расмӣ мегардад.

Вобаста ба раванди дигаргуншавии соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсири технолгияҳои муосир, ҳар як кишвар дар қонунгузории худ меъёрҳои алоҳидаро вобаста ба ҷавобгарии ҷинояти ҳангми содир намудани киберҷиноятҳо муқаррар менамояд, ки то андозае аз дигар кишварҳо фарқ дорад. Масалан дар бахши амнияти компютерӣ ва ҳифзи ҳамлаҳои киберӣ Австралия низ як қатор иқдомҳоро роҳандозӣ намудааст. Дар қонуни ин кишвар рӯйхати муфассали омилҳои таъсиррасон ба иттилооти компютерӣ оварда мешавад. Ба таври намуна, қисми IV-и қонунгузории ҷиноятии Австралия як қатор масъалаҳоро дар муқовимат бо киберҷиноятҳо ва ҷавобгарӣ ҳангоми содиршавии ин кирдор дар бар мегирад. Мувофиқи моддаи 473 қасдан, беиҷозат ва ғайриқонунӣ нобуд сохтан, «дигаргункардан ва изофа намудани иттилоот дар системаи додаҳои мансуб ба мамлакат ва кирдорҳо аз кор боз мондани системаҳои дастгоҳҳо ва барномаҳо равонгардида ба низом оварда мешаванд»[189].

Мавқеи нисбатан баҳсталаб ва норавшанро дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми содир шудани киберҷиноятҳо қонунгузории ҷиноятии Австрия касб кардааст. Дар Қонунгузории ҷиноятии Австрия амалҳои номатлуб дар бахши технологияҳои муосири баландсуръат ҷиноят шумурда намешавад, аммо ҷавобгарии маъмурӣ барои баъзе намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо дар «Қонун дар бораи дахлнопазирии маълумот», ки

---

[188] Ниг.: Jove D, Seeger K. Vons torch. – W. Ibid. – P. 334.
[189] Ниг.: Federal Criminal Code and Rules. Title 18 – Crime and Criminal Procedure, West Sirpp, (999. § 1030).

соли 2000 қабул шудааст, пешбинӣ мегардад. Дар асоси м. 52-и Қонуни мазкур нафаре, ки ба таври беиҷозат иттилоотро ба даст овардааст, ҳамзамон барои содир гардидани чунин кирдори барои ҷомеа зарраровар мусоидат кардааст, иттилооъи махфиро барқасдона муқобили қонунгузорӣ интиқол додааст ва иттилоотро ҷиҳати бекор намудани махфият истифода бурдааст, бояд ба ҷазои маъмурӣ кашида шавад. Барои барқасдона ва ба таври ғайриқонунӣ нест кардани маълумот низ ба ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар мегардад[190].

Қонунгузории ҷиноятии Италия низ ба ин масъалаи ҳаётан муҳими даврони муосир диққати махсус медиҳанд. Ба таври намуна, дар м.615[3]-и қонунгузории ҷиноятии Италия муяясаршавии беиҷозат ба нарфазори компютер ё низоми телекоммуникатсионии электронӣ, яъне муяясаршави ба системаҳо ва низоми ТИК, ки бо чораҳои амниятӣ ҳифз шудаанд, манъ аст[191]. Барои ин кирдорҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шудааст.

Ичунин, барои содир гардидани ин ҷиноят аз ҷониби шахси мансабдор ва ё суистифодакарда аз ваколаташ, инчунин шахсе, ки бидуни иҷозатнома ба фаъолияти детективӣ машғул аст, ҷазо аз 1 то 5 сол пешбинӣ мешавад. Ин навъи ҷазо дар мавриди ба система зарар ворид намудан, кори онро қисман ё пурра қатъ кардан, маълумот ё барномаҳои дар система мавҷудбударо нест ё вайрон кардан пешбинӣ шудааст. Хусусияти ин ҷиноят содир кардани он ба зидди компютерҳо ё системаҳои телекоммуникатсионӣ мебошад, ки эътиборнокии мудофиавӣ ва ҳуқуқӣ-ҷиноятиро доро мебошад, ҳамзамон ҷиҳати ҳимояи тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳимояи дигар манофеи ҷомъият равона гардидааст. Дар ин маврид ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 3 то 8 соли маҳруми аз озодиро пешбинӣ менамояд.

Дар моддаи 615-4-и ин кишвар ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва паҳн кардани рамзҳои дастрасӣ ба компютерҳо ва системаҳои

[190] Ниг.: Владивостокский центр исследования организованной преступности при Юридическом институте ДВГУ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: hllp://crime.vl.ru/docs/stats/stat_l 10.htm (санаи муроҷиат: 16.11.2022).
[191] Ниг.: Волосова Н.Ю., Журкина О.В. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.

телекоммуникатсионӣ он ба танзим даровардa шудааст. Тибқи он шахс бо мақсади ба даст овардани фоида баро худ ё ба шахсони сеюм дастури расонидани зарар ба воситаҳои дастрасӣ ба компютер ё системаи телекоммуникатсиониро медиҳад, бо ҷарима ё ба муҳлати то як сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

Моддаи 615-5 барои паҳн кардани барномаҳое, ки барои вайрон кардан ё нобуд кардани системаҳои компютерӣ пешбинӣ шудаанд, ҷавобгариро дар шакли ҷарима ё маҳрум сохтан аз озоди то ду сол пешбинӣ мекунад. Тибқи моддаи мазкур шахс барои ғайриқонунӣ интиқол ё фурӯши барномаи компютерӣ, ки ҳадаф ё оқибаташ расонидани зарар ба системаи компютерӣ ё телекоммуникатсионӣ, барномаҳо ё маълумоти дар онҳо мавҷудбуда, инчунин қисман ё пурра тағйир додан ё қатъ кардан мебошад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Моддаи 635-2 зарар ба системаҳои компютериро ҳамчун ҷиноят арзёбӣ мекунад. Тибқи ин муқаррарот, шахс беиҷозат ба системаҳо ё барномаҳо, иттилооти компютерӣ ё додаҳо осеб расонад ва ё онро нобуд кунад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ аз 6 моҳ то 3 сол ҷазо дода мешавад. Агар ҷиноят аз ҷониби шахсе, ки аз ваколатҳои мансаби суистифода кардааст, содир шавд, аз 1 то 4 сол аз озодӣ маҳрум карда мешавад.

Моддаи 420-2 онро ҳамчун ҷиноят барои вайрон кардан ё нобуд кардани инфрасохтори иттилоотии ҷамъиятӣ, пойгоҳи додаҳои ҷамъиятӣ ё барномаҳое, ки аз ҷониби муассисаҳои коммуналӣ истифода мешаванд, муайян мекунад. Барои ин ҷиноят бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 8 сол ҷазо дода мешавад[192].

Ҳангоми баррасии санадҳои қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ дар самти ҷавобгарии ҷинояти барои киберҷиноятҳо, бояд Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки 17 феврали соли 1996 дар ҷаласаи пленарии VII-и Ассамблеяи байнипарлумонӣ қабул карда шудааст, ба риштаи таҳлил кашида шавад. Дар ин замина фасли XII-и

[192] Ниг.: Уголовное право зарубежных стран. В 3 т. Том 3. Особенная часть: учебник для бакалавриата и магистратуры / Отв. ред. Н.Е. Крылова. – 5-е изд., перераб., и доп. – М.: Юрайт, 2016. – 254 с.

Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, «Кирдорҳо бар зидди амнияти иттилоотӣ»-ро фарогир буда, он муқобили ҷиноятҳо ба амнияти иттилоотӣ равона гардидааст. Ҷиҳати далелнок кардани мавқеи зикргардида чанд моддаи онро мисол овардан мувофиқи мақсад мебошад: м. 286 – «Муяясаршавии ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ»; м. 287 – «Муқобили қонунгузори иваз кардани иттилооте, ки дар хотира компютер мавҷуд аст»; м. 288 – «Вайрокорӣ компютерӣ»; м. 289 – « Азонихудкунии беиҷозати маълумоти компютерӣ»; м. 290 – «омода намудан ва ба муомилот баровардани воситаҳои махсус ҷиҳати ба даст овардани муяясаршавии ғайриқонунӣ ба низом ё шабакаи алоқа»[193]. Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар боби 28 «Ҷиноятҳо муқобили моликият» ду намуди ҷиноятҳое, ки таввасути ТИК содир мешаванд ҷудо намудааст: тасарруф бо истифода аз техникаи компютерӣ (м. 243); расонидани зиён ба моликият таввасути анҷомдиҳии қаллобӣ, ё иваз намудани иттилооти компютерӣ (м. 250) пешбини карда, дар м. 269 ғайриқонунӣ муяясаршави ба иттилооти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ бо роҳи монеъ шудан ба шабакаи алоқа, ғайриқонунӣ ворид шудан ба системаи компютерӣ бо истифодаи воситаҳои махсуси техникиро ҳачун кирдори ба ҷамъият хавфнок пешбинӣ намудааст[194].

Бо вуҷуди меъёрҳои мушшахасро дар самти киберҷиноятҳо муқаррар намудаи Кодекси намунавии ҷиноятии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, амалан ҳеҷ як аз давлатҳои пасошуравӣ дар қонунгузории миллии худ меъёрҳо ва тавсияҳои дар Кодекси ҷиноятии намунавӣ зикршударо ба роҳбари нагирифтаанд, ки ин ҳолат ба он оварда расонд, меъёрҳои кодекси ҷиноятии амалкунандаи давлатҳои пасошуравӣ тамоми доираи амалҳои ғайриқонунӣ дар самти киберҷиноятҳоро дар бар намегиранд.

Аз ин лиҳоз, ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти киберҷиноятҳо дар низоми ҳуқуқи ҷиноятии кишварҳои пасошӯраӣ шакли ягонаро доро набудани

[193] Волосова Н.Ю., Журкина О.В. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.
[194] Кодекси ҷиноятии намунавии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30074120&pos=6;-106#pos=6;-106 (санаи муроҷиат: 22.10. 2023).

муқовимат бо киберҷиноятҳо ва доираи амалҳои ғайриқонунӣ дар самти киберҷиноятҳоро дар бар намегиранд. Аз ин лиҳоз вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳангоми содир шудани киберҷиноятҳо метавон давлатҳои пасошӯравӣ ва давлатҳои хориҷиро шартан ба ду гурӯҳ метавон тақсим кард:

– давлатҳое, ки дар қонунгузории ҷиноятии онҳо меъёри махсуси ҷавобгарӣ барои содир намудани киберҷиноятҳо пешбинӣ шудаанд;

– давлатҳое, ки дар марҳилаи қабули қонунҳои дахлдор вобаста ба пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти киберҷиноятҳо қарор доранд[195].

Дар ин маврид ба таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ такя намудан аз аҳамият холӣ нест. Ба таври намуна, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (Боби 30 «киберҷиноятҳо») моддаи 271 – беиҷозат муяясаршави ба иттилооти компютерӣ (санксия: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол бо ҷарима), моддаи 272 – беиҷозат дастраси ба маълумоти компютерӣ (санксия: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 4 солро пешбинӣ намуда дар модди 273 – беиҷозат дохил гардидан ба низом ва ё маълумоти компютерӣ, 273 (1) – омода намудан ва ба дигар кас додани воситаҳои махсус ҷиҳати анҷом додани ҳамлаҳои киберӣ, 273 (2) – қаллобии иттилооти компютерӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро бо маҳрум сохтан аз озода ба муҳлати 2 сол муқарар менамояд.

Муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷонро метавон қисман фарогири намудҳои киберҷиноятҳо эътироф намуд, тавре қайд намудем, воситаи асосии содиршавии ҳамаи ҷиноятҳои муташаккил ва трансмиллӣ интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ифода гардидааст, аммо дар муқарароти қонунгузории ҷиноятии кишварӣ баррасишаванда, меъёрҳо вобаста ба масъалаи мазкур мушоҳида намегардад.

Қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон, (Боби 20 «Ҷиноятҳо дар самти технологияҳои иттилоотӣ») дар м. 278 (1), бекора намудани қоидаҳои

[195] Ниг.: Давлатзода К.Д., Назаров А.Қ. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 229-236.

иттилоотикунониро пешбини намудааст. Дар ин моддаи қонунгузорони ҳамсоякишвар мафҳуми вирусро истифода кардаанд: «... таҳияи вирусҳо ё барномаҳои зараровари компютерӣ ва беиҷозат паҳн кардани онҳо ...». Барои он ҷазо дар шакли ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол аст. Ҳамзамон дар моддаи 278 (2), «беиҷозат ворид шудан ба маълумоти компютерӣ, м. 278 (3), муқобили қонунгузори омода намудан ва ба каси дигар додани воситаҳои махсус ҷиҳати ба даст овардани маълумоти компютерӣ, м.278 (4) беиҷозат иваз кардани маълумоти компютерӣ, м. 278 (5) вайрокунии система, м. 278 (6) омодакунӣ, истифода ва пахш намудани нармфазорҳои заррарrасон, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини менамояд»[196].

Иброз намудан ба мақсад аст, ки хусусияти фарққунандаи Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон нисбат ба дигар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои пасошӯравӣ дар самти ҷавобгарии ҷинояти барои киберҷиноятҳо ҳолати зер шуда метавонад, ки дар он меъёри махсус вобаста ба дастрасии ғайриқонунӣ (беиҷозат) ба шабакаи телекоммуникатсионӣ муқарар гардидааст.

Маврид ба зикри хос аст, ки вобаста ба фарогирии ҳамаи намудҳои киберҷиноятҳо ва муқарар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ метавон ба қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон такя намуд. Қонунгузории амалкунандаи ҷиноии Қазоқистон (Боби ҳафтум ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар самти иттилоотони ва алоқа), м.205, муяясаршавии беиҷозат ба маълумот, низоми иттилоотӣ ё шабакаи алоқароро фаро мегирад. Қисми 2-и моддаи 205, ҷавобгарии ҷиноятиро барои объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, муқаррар мекунад. (санксия: ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол). Дар қисми 3-и ҳамин модда дар сурати аз беэҳтиётӣ ба вуҷуд омадани окибатҳои вазнин ҷавобгарӣ ба муҳлати то 3 сол маҳрум сохтан аз озодиро муайян менамояд. «Дар баробари ин дар м. 206 – беиҷозат даровардани тағйирот ва маҳкакунии маълумот, м.207 – бекор намудани низоми маълумотдиҳи ва ё шабакаҳои алоқа, м. 208 – муқобили

[196] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30421110 #pos=3544 (санаи муроҷиат: 19.12.2023).

қонунгузори ҷамъоварии маълумот, м. 209 – таҳдид намудан ҷиҳати пешниҳоди маълумот, м. 210 – омода, ба даст овардан ва пахш намудани нарфазорҳои зararрасон, м. 211 – беиҷозат пахш кардани манбаъҳои маълумоти дастрасаш маҳдуд, м. 212 – кумак намудан ҷиҳати пайвастшавии манбаъҳои ғайриқонунӣ дар системаҳои иттилоотии электронӣ ва моддаи 213 – муқобили қонунгузорӣ дигаргун намудани пароли мушаххаси системаҳои алоқаи мобилии муштариён, низоми далелноккунандаи шахсияти муштарӣ, ҳамзамон эҷод, истифода ва пахш намудан нармфазорҳо барои иваз намудани пароли мушаххаси дастгоҳи муштарӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини шудааст»[197].

Қонунгузории ҷиноятии Туркманистон (Боби 33 ҷиноятҳо дар самти технологияи информатсионӣ ва системаи алоқа), м. 373, муяясаршавии беиҷозат ба маълумот, низоми маълумот ё шабакаи телекоммуникатсионии алоқаро дар бар мегирад. (ҷазо: ҷарима ё маҳрумият аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол) Ҷавобгарии ҷинояти барои моддаи 373, қисми 2 – агар онҳо нисбати манбаъҳои иттилоотии электронии миллӣ ва системаи иттилоотии миллӣ, объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ содир карда шаванд, ба муҳлати то 2 сол аз озодӣ маҳрум карданро пешбинӣ мекунад. Дар баробари ин қонунгузории ҷиноятии Туркманистон дар моддаи 374 – Маҷбур кардан барои додани иттилоот, моддаи 375 – Ғайриқонунии нобудкунии иттилоот ё тағйир додани мазмуни он, моддаи 376 – «аз кор баровардани низоми асосии дастгоҳҳои маълумотдиҳи ва шабакаи алоқаи барқӣ, м. 377 – муяясаршавии беиҷозати маълумот, м. 378 – таҳияи маълумоти бараъло бардурӯғ, м. 379 – эҷоҳ, истифода ва пахши нармфазорҳои зararрасон, м. 380 – беиҷозат пахш кардани манбаъҳои маълумотдиҳии дастрасаш маҳдуд, м. 381 – кумак намудан ҷиҳати пайвасткунии манбаъҳои ғайриқонунӣ дар шабакаҳои электронии алоқа, м.382 – муқобили қонунгузорӣ дигаргун намудани пароли мушаххаси

[197] Ниг.: Агыбаев А.Н., Баймурзин Г.И., Рогов И.И. Уголовное право Республики Казахстан. Общая часть: учебник. – Алматы: Қазақ университетi, 2004 г. – 239 с.

системаҳои алоқаи мобилии муштариён, низоми далелноккунандаи шахсияти муштарӣ, ҳамзамон эҷод, истифода ва пахш намудан нармфазорҳо барои иваз намудани пароли мушаххаси дастгоҳи муштарӣ, м. 383 – Қасдан вайрон кардани талаботи андозагирии техникии дастгоҳҳои бесарнишинӣ идорашаванда»[198].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (Боби 40 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ»), моддаи 320, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар (санксия: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 2 сол бо ҷарима). Ҳамзамон ҷавобгарии ҷиноятии барои кибер – тахриб, моддаи 321 ва паҳнамоии оммавии паёмҳои электронӣ, моддаи 322 пешбинӣ мекунад[199].

Мавқеи қонунгузории ҷиноятии Қирғизистон вобаста ба номгузории бобу моддаҳо боиси дастгирист, аммо киберҷинояҳо ба таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, кибер – тахриб, пахшкунии оммавии пайғомҳои электронӣ маҳдуд нагардида, дарбаргирандаи кирдорҳое, ки бар зидди шабакаҳои иттилоотии элекронӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо равона гардидааст (бахусус, ҳуҷумҳои DoS) ва кирдорҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (қаллобии интернетӣ, кибертаъқиб)-ро дар бар мегирад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус, бошад (Боби 31 Ҷиноятҳо муқобили амнияти компютерӣ), моддаи 349 ҷавобгарии ҷиноятиро барои ғайриқонунӣ  даромадан ба иттилоти компютерӣ муқарар намудааст. Инчунин, моддаи 350 нобуд кардан, бастан ё тағйир додани маълумоти компютерӣ, моддаи 352 истифодаи нодурусти иттилооти компютерӣ, м. 354 эҷод, истифода ё пахш намудани нармфазорҳои зараррасон ва м. 355 аз кор баровардани  қоидаҳои амалии низом ё шабакаи алоқаро мадди назар мегирад. Дар ин модда бораи барномаҳои махсуси вирусӣ, ки барои таҳия,

[198] Ниг.: Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Комментарий к Уголовному кодексу Туркменистана. Постатейный / Под общ. ред. проф. А.В. Смирнова. – Ашхабад, 2013. – 663 с.

[199] Ниг.: Уголовные кодексы стран СНГ (Россия, Беларусь, Украина, Молдова, Казахстан) / Модельный уголовный кодекс стран СНГ: сопоставительная таблица: учеб. пособие / Под общ. ред. Н.И. Ветрова. – Брянск, 2001. – С. 287-288; Сыдыкова Л.Ч. Уголовное право Кыргызской Республики: учебник для вузов. Общая часть / Отв. ред. Рустемова Г.Р., Тугельбаева Б.Г. – Бишкек, 2007. – 254 с.

истифода, паҳн намудан, ҷазоҳои гуногун пешбини карда шудааст. «Дар асоси м. 354, қисми 2 дар ҳолати ба миён омадани оқибатҳои вазнин ба муҳлати аз 3 то 10 маҳрумӣ аз озодиро пешбинӣ мекунад»[200].

Қонунгузории ҷиноятии мамлакат (дар боби 28. Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ) 7 моддаро фаро гирифтааст[201], ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва таҳдидҳои афзояндаи киберҷиноятҳо ва ҳамлаҳои киберӣ ба низоми системаҳои иттилооти ин меъёрҳо эҳӣтиёҷ ба такмил доранд.

Аз муқарароти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии ҶТ маълум мегардад, ки дигар намуди киберҷиноятҳо, ки бо истифодаи ТИК (шабакаи интернет) содир мешаванд, масалан ба худкушӣ расонидан (моддаи 109 КҶ ҶТ), қаллобӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ), муомилоти ғайриқонунии воситаҳои воситаҳои нашъадор (моддаи 200 КҶ ҶТ) ва тамаъҷӯӣ (моддаи 250 КҶ ҶТ), дар диспозитсияи ин моддаҳо ба таври махсус ҳолатҳои истифодаи ТИК (шабакаи интернет) зикр нагардидаанд.

Давлати Украина дар (Фасли 16-и қонунгузории ҷиноятии хеш, ҷиноятҳо дар самти истифодаи мошинҳои ҳисоббарории электронӣ, низом ё шабакаи нармфазор ва шабакаҳои алоқаи барқӣ)[202], м. 361, муяясаршаваии беиҷозат ба раванди низоми электронии ҳисоббарор ва алоқа (компютер), шабакаҳои компютерӣ ва шабакаҳои телекоммуникатсияро пешбинӣ кардааст. Дар моддаи мазкур мафҳуми «вируси компютерӣ» истифода шудааст: «паҳншавии вируси компютерӣ тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ, ки

---

[200] Уголовный кодекс Республики Беларусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.tamby.info/kodeks/yk.htm (санаи муроҷиат: 11.01.2020).

[201] Ниг.: Давлатзода К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-36. Чунончӣ: Моддаи 298, ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ, моддаи 299, тағйир додани иттилооти компютерӣ, моддаи 300, тахрибии компютерӣ моддаи 301, Ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ, моддаи 302, тайёр кардан ва ба соҳибияти каси дигар додани воситаҳои махсус барои ғайриқонунӣ даромадан ба системаи ё шабакаи компютерӣ, моддаи 303, таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар ва моддаи 304, вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ. Ҳамзамон дар моддаҳои мазкур дар қатори аломатҳои асосноки ҳатмии таркиби ин ҷиноят инчунин оқибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарноки онро дар шакли нобудсозӣ, бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти компютерӣ номбар мекунад

[202] Уголовный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://meget.kiev.ua/kodeks/ugolovniy-kodeks (санаи муроҷиат: 01.11.2022).

барои ғайриқонунӣ ворид шудан ба ин мошинҳо, системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ пешбинӣ шудааст ва метавонад боиси паҳншавии ғайриқонунии иттилоот ё нобуд кардани иттилооти компютерӣ ё интиқолдиҳандагони ин гуна маълумот гардад»[203]. Барои ин навъи ҷиноят ҷазо дар намуди ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ мешавад. Қисми 2-и моддаи 361 ҳамчун аломатҳои вазнинкунанда расонидани зарари калон, бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсонро муайян кардааст, ки он боиси зиёд шудани ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол мегардад[204].

Барои пешгирии амалҳои номатлуб дар ҳифзи амнияти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар Федератсияи Россия як қатор иқдомҳои назаррас дар қонунгузорӣ роҳандозӣ карда шудаанд. Дар ин кишвар анқариб 15 сол инҷониб қонунҳое амал мекунанд, ки муқобили киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд. Таърихи ташаккули он дар ин самт соли 1991 бо қабули қонун «Дар бораи воситаҳои ахбори омма» оғоз шудааст. Минбаъд санадҳои дигар қабул гардиданд: Қонуни патентии Федератсияи Русия, Қонун «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ», Қонун «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои мошинҳои ҳисоббарори электронӣ ва махзани маълумот»[205].

Дар ин замина, боби бисту ҳашти қонунгузории «Ҷиноятҳо муқобили маълумоти компютерӣ» 5 м.-ро ифода менамояд: м. 272 – «Муяясаршавии беиҷозат ба иттилооти дастгоҳҳои электронӣ »; м. 273 – «омода намудан, амалӣ кардан ва пахшкунии нармфазорҳои зараррасон»; м.274 – «Бекор намудани фаъолияти муътадили мошинҳои ҳисоббарор, низомҳои ҳисоббарор ё шабакаҳои алоқа», 274 (1) – «Ғайриқонунӣ таъсир расонидан ба объектҳои муҳими маълумотии ФР», 274 (2) – «Бекор намудани қоидаҳои идоракунии мутамаркази василаҳои техникии шабакаи маълумоти-

[203] Волосова Н.Ю., Журкина О.В. Уголовное право стран СНГ: учебное пособие. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.
[204] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?docid=30418109#pos=3247;-43 (санаи муроҷиат: 21.12.2023).
[205] Боровиков В.Б., Смердов А.А. Уголовное право. Общая часть: учебник для вузов / Под ред. В.Б. Боровикова. – 5-е изд., перераб, и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 249 с.

телекоммуникатсионии электронӣ ва шабакаи алоқаи истифодаи умумӣ (РФ)».

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили ҷавобгарӣ ҷинояти барои содир намудани киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои давлатҳои хориҷ ва пасошуравӣ, ки ба оилаҳои гуногуни ҳуқуқӣ мансубанд, аз нуқтаи назари танзими ҷавобгарӣ барои содир намудани киберҷиноятҳо баррасӣ намуда, ба хулосаҳои зерин омадем.

Лозим меояд, ки барои ҳифзи амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ қонунгузориҳои кишварҳои алоҳидаро ба таври дақиқ омӯхта, дар асоси онҳо қонунгузории ватаниро дар ин самт ба танзим даровард. Асри XXI ниёз ба пешрафти технологӣ дорад. Ҳазорон амалиёт аз ҷониби як ширкати технологӣ дар як лаҳза амалӣ мегардад, ки дар сурати танзими ҳуқуқӣ надоштани он ба одамон ва ба манфиати давлат, ҷомеа зарари зиёди молу мулкӣ расонида мешавад. Барои пешбини намудани меъёрҳои мушшахас барои киберҷиноятҳо ва пешгирӣ аз ин амали номатлуб бояд чораҳои амалиро дар сатҳи қонунгузорӣ роҳандозӣ намоем.

Дуюм, масъалаи танзимӣ-ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо дар давлатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ ба таври гуногун ба назар мерасад. Яъне:

– Дар тамоми давлатҳо асоси ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо Кодекси ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дигар қонунҳои танзимкунанда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноятҳо муқаррар кунад, ҷой надорад.

– Дар баъзе давлатҳои дигар вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқи преюдитсияи маъмурӣ ҷой дорад. Яъне асоси танзими ҳуқуқии ин кирдорҳоро на танҳо қонунгузории ҷиноятӣ балки қонунгузории соҳаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ низ пешбинӣ менамояд. (дар Қонунгузории ҷиноятии Австрия амалҳои номатлуб дар бахши ТИК ҷиноят шумурда намешавад, аммо ҷавобгарии маъмурӣ барои баъзе намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо дар «Қонун дар бораи дахлнопазирии маълумот», ки соли 2000 қабул шудааст, пешбинӣ мегардад).

Сеюм, пажуҳиши илмии шаклҳои ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда ва ҷазоҳои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд, барои ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои посошӯравӣ ва кишварҳои хориҷӣ шароит фароҳам овард, ба он мавқе биёём, ки онҳо ба кулли тафовут доранд. Аз қисмати барзиёди ҷазо дар КҶ Озарбойҷон ва КҶ Фаронса пешбини гардидааст, аз ҷумла – ҷарима ва маҳрум кардани озодӣ мебошанд. Баръакс,2 шакли ҷазо дар қонунгузории Белгия (ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ), КҶ Италия ва Туркманистон (ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шудааст) Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус ва Украина (ҷарима, маҳрум сохтан аз озодӣ) пешбинӣ карда шудаанд.

4-ум, мамлакатҳо хориҷӣ, дар кодексҳои ҷиноятии хеш элементҳо таркибии ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро дар фаслҳои (бобҳои) гуногуни Кодекси ҷиноятӣ муқарар намудаанд. (чунончӣ қонунгузориҳои ҷиноятии Германия ва Франсия). Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин категорияҳои ҷиноятро дар боби алоҳида ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилооти якҷоя пешбини намудааст (боби 28).

Панҷум, объекти таҷовуз ҳангоми содир шудани киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ ва кишварҳои хориҷӣ на фақат муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти таҳияи бехатари маълумоти ТИК (КҶ ҶТ), сониян дигар инфрасохтори муҳимро фаро мегирад (чунончӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд озодӣ ва сулҳи умум – қонунгузории ҷиноятии Франсия ва Олмон, амнияти миллӣ ва фаъолияти муътадили иқтисодӣ – қонунгузории ҷиноятии ШМА, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамътятӣ – қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон).

Шашум, Кодекси ҷиноятии ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо нисбати шахси воқеӣ ҳамчун субъекти ин ҷиноят эътироф мекунад, аммо дар системаҳои ҳуқуқи ҷиноятии оилаҳои ҳуқуқии Скандинавия ва Романо-Германӣ, шахси ҳуқуқӣ низ метавонад ҳамчун субъекти ҷиноят баромад кунад (Дания, Латвия, Литва, Молдавия, Франсия, Шветсия, Эстония ва

ғайра). Аммо бархе аз мамлакатҳо, ба мисли Италия доираи ҷавобгарии ҷиноятиро бо ишораи дигар нафарон – шахси мансабдор, васеъ кардаанд.

Дар баъзе давлатҳои хориҷӣ ҷавобгарӣ барои дуздӣ, ки тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ содир шудааст ва қаллоби дар интернет дар меъёрҳои махсуси ҳуқуқии ҷиноятӣ ҷавобгариро пешбини менамояд – қаллобӣ (дар Русия, Молдова) ё оид ба ҷиноятҳои хусусияти қаллобидошта (дар Британияи Кабир, Австралия, ИМА) ифодаи худро меёбад.

Вобаста ба шакли номгузории ин ҷиноятҳо бошад, низоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ он бо номҳои гуногун дида мешаванд[206].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қонунгузории миллии ҷиноятии давлатҳо дар самти ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо то андозае ба таври нисбӣ тавсиф меёбанд. Такмил ва ё тағйир додани қонунгузории миллӣ оид ба муқовимат бо киберҷиноятҳо дар давлатҳои зикршуда ба пайдоиш ва тамоюли рушди киберҷиноятҳо вобаста буда, дар натиҷаи таҳлили муфассал танҳо баъзе қонуниятҳоро метавон ошкор намуд.

Бо суръати баланд ташаккул ёфтани ТИК ва дохил гардидани онҳо ба тамоми самтҳои ҳайётан муҳими давлату ҷомеа ва махсусан ҳаёти инсон боиси шаклгирии намудҳои муосири кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҷиноят эътироф гардидани дигар ҷиноятҳо муосир мегардад, ки ин дар навбати худ, зарурати андешидани чораҳои самарабахши муқовимат бо онҳо, ислоҳи қонунҳои мавҷудаи ҷиноятӣ ва қабули меъёрҳои навро ба миён меорад.

[206] Масалан, ҷиноятҳои мазкур дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (Боби 30 «Киберҷиноятҳо»), Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон (боби 20 «Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон (Боби 7 «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа»), Кодекси ҷиноятии Туркманистон (Боби 33 «Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (Боби 40 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус (Боби 31 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти компютерӣ»), Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (Боби 28 «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ») ва Кодекси ҷиноятии Украина (Фасли 16 «Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи мошинҳои ҳисоббарории электронӣ (компютерҳо), система ё шабакаи компютерӣ ва шабакаҳои алоқаи барқӣ») номгузорӣ шудаанд.

Бо назардошти таҳқиқ ва баррасию омузиши қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ва пасошуравӣ зарур аст, ки ба моддаи 302 КҶ ҶТ қисми 2 дар мазмуни мазмуни зерин илова карда шавад:

**Моддаи 302. ...**

1) ...

2) Ҳамин кирдор агар ба қаламравӣ ҶТ дохил кардан ва дар қаламравӣ ҷумҳурӣ омода намудан, паҳн ва истифодаи намудҳои гуногуни таҷҳизот ва барномаҳоро, ки ҷиҳати тағйир додани иттилооти идентификаторҳо амали мешавад,-

Мувофиқи мақсад мувофиқ аст, ки қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ бандҳои алоҳида ба таври зайл илова карда шавад:

д) боиси нобудшавӣ ва ё басташавӣ, иттилоот гардида бошад;

е) аз ҷониби шахсе, ки аз мақоми хизматиаш истифода мебарад, инчунин аз тарафи нафаре, ки ба компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо дастрасӣ дошта бошад, содир шуда бошад.

Дар воқеъ истифодаи ваколатҳои мансабӣ ё касбии шахс имкони ғайриқонунӣ эътироф намудани дастрасӣ ба иттилооти компютериро истисно намекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳуқуқи шахс барои дастрасӣ ба иттилоотӣ дар компютер буда хусусияти умумӣ надошта, танҳо дар робита бо асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Ҳамзамон зарур аст, ки бо назардошти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва арзишҳои ахлоқию фарҳагӣ, моддаи 301 (3) ба КҶ ҶТ дар мазмуни зерин ворид карда шавад:

**Моддаи 301 (3). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ**

1) Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию

телекоммуникатсионӣ, ки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, арзишҳои ахлоқию фарҳагӣ мегардад,-

бо ... ҷазо дода мешавад.

## 2.3. Тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ

Тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ роҳи асосии рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли вазифаи назариявӣ ва амалии ҳуқуқии ҷиноятӣ, мутобиқ намудани механизми ҳифзи ҳуқуқ ба шароити ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Доктринаи ҳуқуқии ҷиноятӣ бо мавҷудияти як қатор таҳқиқотҳои фундаменталӣ оид ба моҳият, намуд, восита ва меъёрҳои тафриқабандии ҷавобгарии ҷиноятӣ арзёбӣ карда мешавад[207].

Дар баробари ин, наметавон гуфт, ки ҳамаи масъалаҳои муҳим дар ин самт пурра ҳал карда шудаанд, нуқтаи назари муаллифон ҳатто оид ба масъалаҳои принсипиалӣ дар баъзе мавридҳо мухолифат мекунад ва ё барои мувофиқати онҳо ба шароити ҳозира зарурати таҷдиди назар намудани онҳо пеш меояд.

Яке аз таърифҳои классикии тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятиро муҳаққиқ Т.А. Лесниевский-Костарева додааст[208], ӯ ин падидаро ҳамчун «таснифот, тафриқагузории ҷавобгарӣ дар қонуни ҷиноятӣ, ки дар асоси он қонунгузор вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷиноят барои ҷомеа ва шахсияти ҷинояткор оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ онро муқаррар менамояд» маънидод намудааст. Дар воқеъ асоси методологии таҳқиқи тафриқагузории ҷавобгарӣ барои киберҷиноятҳо, оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ онро муқаррар менамояд.

---

[207] Ниг.: Васильевский А.В. Дифференциация уголовной ответственности и наказания в Общей части уголовного права: дис. … канд. юрид. наук. – Ярославль, 2000. – 221 с.; Грибов А.С. Дифференциация ответственности за экономические преступления в России, ФРГ и США: сравнительно-правовое исследование: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2011. – 27 с.; Лесниевски-Костарева Т.А. Дифференциация уголовной ответственности: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1999. – 493 с.; Рогова Е.В. Учение о дифференциации уголовной ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. – 596 с. и др

[208] Ниг.: Лесниевски-Костарева Т.А. Дифференциация уголовной ответственности. Теория и законодательная практика. – М.: Норма, 1998. – С. 52.

Таърифҳои зиёде оид ба тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ аксаран аз ҷиҳати моҳияту мазмун ба таърифи боло мувофиқа доранд. Ба таври мисол, А.В. Василевский, онро ҳамчун «тағйир додани намуд, андоза ва хусусияти меъёрҳои ҷавобгарии пешбининамудаи қонун вобаста ба тағйирёбии ба ҷамъиятхавфнокии кирдорҳои ҷиноятӣ ва шахси онро содиркунанда, инчунин бо дарназардошти принсипи инсондӯстӣ ва дигар ҳолатҳои муҳим» тавсиф кардааст[209].

Таърифи нисбатан баҳсталабро Е.В. Рогова додааст: «... ҷудо кардани чораҳои ҳуқуқии ҷиноятие, ки барои содир намудани кирдорҳои дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятро дарбаргиранда, ки вобаста ба хусусият ва дараҷаи ба ҷамъиятхавфнокии ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор барои ба даст овардани мувозинат байни вазнинии ҷавобгарӣ барои кирдорҳо вазнин ва махсусан вазнин ва сабукии он барои кирдорҳо начандон вазнин ва миёна татбиқ карда мешаванд»[210]. Дар таърифи овардаи Е.В. Рогова дар тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун як навъ «мувозинат»-и вазнинии ҷавобгарӣ байни категорияҳои гуногуни ҷиноятҳо баъзе нукоти баҳсталаб ба назар мерасанд. Комилан равшан нест, ки муаллиф мафҳуми мувозинатро ба кадом мақсад ба кор мебарад. Дар ин бобат ба андешаи М.А. Простосердов метавон то андозае розӣ шуд, ки таҷрибаи мамолики хориҷиро дар муқовимат бо киберҷиноятҳо ӯ номувофиқ ва бесамар арзёбӣ кардааст[211]. Дар сатҳи байналмилалӣ самтҳои сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муқовимат бо киберҷиноятҳо ва равишҳои таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ба вуҷуд омадаст.

Аз таҳлили андешаҳои зикргардида ва таҳқиқи адабиёти илмӣ метавон қайд намуд, ки тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ бояд аз рӯйи тарзи содиршудани ҷиноят, субъекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят ва аз рӯйи моддаҳои алоҳидаи қонунгузории ҷиноятӣ ба роҳ монда мешавад.

---

209 Ниг.: Васильевский А.В. Дифференциация уголовной ответственности и наказания в Общей части уголовного права: дис. … канд. юрид. наук. – Ярославль, 2000. – С. 4.

210 Рогова Е.В. Учение о дифференциации уголовной ответственности: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2014. – С. 161.

211 Ниг.: Простосердов М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве: монография. – М.: Юрлитинформ, 2017. – С. 41.

Бо вуҷуди он ки раванди ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ба таври гуногун гурӯҳбандишуда агар ҳамчун мақсад амалӣ мегардад, он дорои хусусияти интихобӣ (факултативӣ) ва муваққатӣ дошта метавонад. Талошҳои қонунгузор барои тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, ба андешаи мо, ба ноил шудан ба ҳадафи умумӣ ва ҳамзамон дурусту муносиб вобаста ба мушкилиҳову таҳдидҳои замонӣ муосир, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии манфиатҳои умум ва хатарҳои бузург нигаронида шудааст. Миёни мутахассисони илми ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ, воситаҳои ҳуқуқию техникии ин раванд назарияи умумӣ-илмӣ эътироф нашудааст.

Ба андешаи мо, таҷрибаи Ҷумҳурии Мардумии Чин (минбаъ ҶМЧ) дар самти муқовимат бо киберҷиноятҳо ҷиҳати тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ лоиқи омӯзиш мебошад. Сабаби чунин қарор на танҳо дар он аст, ки ҶМЧ яке аз давлатҳои пешрафта бо аҳолии беш аз миллиард ва дорои дувумин иқтисодиёти бузурги ҷаҳон аст, балки модели чинии пешгирӣ ва муқовимат бо фаъолияти ҷиноятӣ дар фазои маҷозӣ яке аз муназзамтарин ва муассиртарин моделҳо маҳсуб мешавад.

Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва хориҷӣ ҳамеша ба омӯзиши инкишофи қонунгузории ҶМЧ диққати махсус дода мешуд. Дар робита ба таҳлили низоми ҳуқуқии ҶМЧ П.В. Трошинский асоснок қайд мекунад, ки хусусияти ҳуқуқи ҶМЧ, «фарҳаги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолии он, ки дар асоси таълимоти ахлоқии Конфутсий инкишоф ёфтааст, бояд ба инобат гирифт»[212]. Вобаста ба масъалаи баррасишванда «муҳаққиқ Севалнев В. В. мувофиқи мақсад ва ба маврид мавқеъгири намуда иброз медорад, ки системаи ҳуқуқии ҶМЧ-ро ҳаматарафа ба низоми романо-германӣ (системаи континенталӣ) таалуқдор наметавон донист, зеро он хислатӣ ихтилотёфтаро доро буда, ҷилвагари одатҳо ҳуқуқии гузашта ва қонунгузории нав ифода меёбад, ки ба асоси «сотсиализми дорои характерӣ чинӣ», принсипҳои

[212] Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-35

ҳуқуқи романию германӣ далелнок бошад, аз навъ ва намунаи ҳуқуқии собиқ ИҶШС барзиёд баҳраварӣ намудааст»[213].

Монанди дигар қонунгузориҳои кишварҳои хоирҷа ва пасошӯрави то миёнаҳои солҳои 90-уми қарни гузашта дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҶМЧ низ оиди ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок меъёрҳои мушаххас, ҳамзамон ҷиҳати василаҳои нигоҳдорӣ, истифодабари ва интиқоли он ягон мушаххасоти муҳиму махсус ҷой надошт. Мақомоти судию назоратии ин кишвар ҳолатҳои дар самти мазкур ба миён меомадаро дар заминаи элементҳо маъмули кирдорҳо баррасмият медаровард, чун ҳамавақта, барои ин ба таҳрири ниҳоят кушоди муқаррароти қонунгкзории ҷиноятӣ рӯй меоварданд. «Бахусус соли 1986, нахустин маротиба дар бораи парвандаи ҷиноятии Чен ҳукми суди олии ҶМЧ бароварда шуд, ки он якумин ҳукми баровардашуда оиди содир кардани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дар ин мамлакат ифода мегардад. Киберҷинояткор Чен, дар як ташкилоти молиявию қарздиҳи дар вазифаи кассир кор менамуд, у аз муяясар будани расмии хеш ба низоми маълумотии ин ташкилоти молиявю қарздиҳи суистифода намуда, иттилоотро оиди суратҳисоби бонкии хеш дигаргун намуд. Дар натиҷаи баровардани ҳукми айбдоршаванда суд меъёри қонунгузории ҷиноии Чинро дар бораи дуздӣ баровард.

«Иқдоми аз тарафи суди олии ҶМЧ таҳрезигардида мушкилотҳои илмию амалиро эҷод намуда дар бораи оне, ки Киберҷинояткор Чен дар ҳақиқат бояд бо меъёри тасарруф, яъне дузди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад нофаҳмоиҳои бисёрро ба бор овард. Як гурӯҳи мутахассисон чунин мавқеъгири кардаанд, ки Чен дар асл ҳеҷ моликиятеро тасарруф ва ба он заррар нарасонидааст, вай фақат иттилоотро дар низоми маълумотнокии ширкати молиявию қарздиҳи тариқи муқобили қонунгузорӣ иваз кардааст ва аз ин рӯ, на бояд бо меъёри тасарруф Ченро ҷазо дод»[214]. Гурӯҳи махсусӣ

[213] Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-34
[214] Ниг.: Chen Lihua. The discussion on computer crime and its legislation / Lihua Chen // Legal science. – 1990. – №1. – P. 42.

мутахассисону пажуҳишгарон иброз медоштанд, ки таҳрири кушоди унсури тасарруфи оддӣ шароит фароҳам меоварад, ки он дарбаргирандаи кирдоҳои ношояме ифода мегардад, ки тавассути нармфазорҳои замонавии маълумотдиҳии ташкилотҳои қарзию молиявӣ анҷом меёбад, чуники ҳадафи мақсади ҷинояткор маҳз ба даст овардани фоидаи молу мулки буд. Содир гардинаи ин кирдори барои ҷамъият хавфнок аз тарафи Чен асоси тағйиру иловаҳоро ба қонунгузории ҷинояии Чин фароҳам овард, чунки қисми барзиёди пажуҳишгарону муҳақиқони тарҷибаи назариявию амалидошта хулоса намудаанд, ки ҳатман дар Кодекси ҷиноятии Чин меъёри алоҳида дар бораи ҷавобгарб оиди кирдорҳое, ки ба василаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ анҷом меёбанд, ворид шуданаш лозим.

Пешниҳоди ихтисосмандону муҳақиқон натиҷа ба бор оварда, ки дар заминаи он соли 1997 дар қонунгузории ҷииноятии Чин меъёрҳои алоҳидае дохил гардидаанд, ки 3 муқаррароти алоҳидаи он ҷиноятҳое, таввасути ТИК содир мегарданд фаро гирифт:

– м. 285, ки ҷазо барои содир кардани кирдоре, ки ба манбаъҳои маълумотдиҳии мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва инфарасохтори махсуси маълумотдиҳиро зери хавф мегузошт;

– дар асоси м. 286 ҷиҳати содир кардани ҷиноятҳои зайл зерин ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбини гардидааст: 1) таъсири ғаразнок ба василаҳои истифодабарии электронии иттилоот; 2) эҷод ва пахш намудани нармфазорҳои зараррасони гуногуни компютерӣ;

–м. 287 «кирдорҳои маъмуле, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ анҷом дода мешаванд, бахусус сохтакорӣ, тасарруф, хиёнат ба давлат ва монанди инҳо тибқи меъёрҳои умумии қонунгузории ҷиноятӣ оиди ҷавобгарӣ барои кирдорҳои ироагардида ҷазо дода мешуд»[215].

[215] Ниг.: Ma Qiufeng. The concept of computer crime / Qiufeng Ma // China Academic Journal Electronic Publishing House. – 1992. – P. 177; [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.fmprc.gov.cn/ce/cgvienna/eng/dbtyw/jdwt/crimelaw/t209043.htm (санаи муроҷиат: 21.05.2021).

«Ичунин, муқарароти муайянгардидани ҷавобгарии ҷиноятӣ оиди зарар расоиндан ба муносибатҳои ба таъмини амниятии иттилоот ва низомҳои компютерӣ вобаста буда, мавриди норизогии пажуҳишгаронӣ ҶМЧ асос ёфт, ки муқарароти ифода ёфта дарбаргирандаи муяссаргардии ғайриқонунӣ ба низомҳои компютерии шахсони сеюмро дар ҳолат, ки он ба раванди кори воситаҳои электронии истифодабарии иттиллот ҳеҷ таъсире нарасонад, дар бар намегирад»[216].

Адешаҳои ирогардидаро таҳлил карда ба хулосаи ниҳоие омадан мумкин аст, ки таҳқиқи аслии меъёре, ки дар м. 286-и қонунгузории ҷиноятии ҶМЧ оиди ҷавобагии ҷиноятӣ нисбати ин кирдорҳо он фақат заминаи таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба раванди фаъолияти низоми компютерӣ амали гардидааст, ки нисбатан маҳдуд мебошад.

Масалан, дар сурати ба низоми кори компютерӣ бе таъсир дохил кардан ба системаи фаъолият, ҳамзамон дар соҳаи маълумоти компютерӣ анҷом ёфта бошад, ин ҳаракатро кирдор эътироф намудан мувофиқи мақсад ифода наёфтааст, чунки м. 285 фақат ҷиҳати муяссаршавии ғайриқонунӣ ба манбаъҳои маълумотдиҳӣ, ки дорои хусусияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошанд, ҷавобгариро пешбини менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқотҳои олимони ин соҳа баъдан соли 2009 боз ба қонунгузории ҷиноятии Чин якумин мафҳуми ҷавобгари барои содир намудани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок (киберҷиноятҳо) илова гардид. Махсусан, м. 285-и қонунгузории ҷиноятии ҶМЧ қисми 2 илова гардид, ки барои анҷомдиҳии кирдори ғайриқонунӣ барои несту нобуд намудан, зиён расондан ё иваз кардани иттилооти дар низоми маълумотдиҳии шахсони воқеӣ маҳфузёфта ҷавобгарӣ пешбини гардида, қисми 3 он бошад– пахш намудани воситаҳои нармфазори техникӣ, ки ҷиҳати содир кардани кирдорҳои дар қисмҳои 1 ва 2-юми ҳамин модда пешбини гардида, ҷиноят ифода мегардид.

---

[216] Ниг.: Zhao Bingzhi and Yu Zhigang. Computer crime and the response from legislation and legal theory / Bingzhi Zhao and Zhigang Yu // China legal science. – 2001. – №1. – P. 149.

Иловаҳои зикр гардида бо дарназардошти ташаккули ҷаҳонии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии электронӣ ва муҳимияти он дар фаъолияти пайвастаи шаҳрвандон ва фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҶМЧ буд.

Рушди босуръати ТИК тақозо кард, ки бо ба инобат гирифтани таҳдидҳои ҷаҳонии киберӣ соли 2015, нуҳӯмин тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶМЧ дохил гардид, ки дар он 3 кирдори навро дар соҳаи киберҷинояткорӣ метавон қайд кард:

– дар асоси м. 286А, ҷиҳати аз тарафи провайдерон амалӣ накардани дархостҳои сохторҳои назоратбаранда дар бораи маҳдуд намудани манбаъҳои электронии зарури ва нобуд намудани иттилооти дастрасиаш маҳдуд ҷавобгарии ҷинояти пешбини гардид;

– м. 287А ҷиҳати корбарии манбаъҳои электронӣ бо ҳадафҳои пахш намудани иттилоот оиди методҳои содир кардани кирдор ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар шуд;

– тибқи м. 287В кумакрасонии виртуалӣ оид ба содир кардани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ҷиноят ифода мегардид.

Иловаҳои зикргардида асоси татбиқи расмӣ дар бораи мубориза бар зидди зиёдшавии кирдорҳо дар муҳити виртуалӣ, бахусус, дар бораи аз тарафи шахсони воқеӣ ташкил кардани манбаъҳои махсуси маълумотдиҳи, ки барои табодули маълумот ва воситаҳои нармфазорию техникӣ, ки барои содир кардани кирдорҳои баррасишаванда муқаррар гардидаанд, ба ҳисоб мерафт.

Хулас, кодекси ҷиноятии амалкунандаи ҶМЧ муқарароти зайли ҳуқуқии ҷиноятиро дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ оиди киберҷиноятҳо фаро гирифтааст: муяясаргардии ғайриқонунӣ ба маълумот (м. 285), таъсиррасони муқобили қонунгузорӣ ба раванди низоми кори компютерӣ (м. 286), бемасъулияти ҷиҳати иҷро накардани дархостҳои мақомоти назоратӣ дар бораи маҳкам намудани манбаъҳои иттилоотии электронӣ ё нобуд намудани иттилоот (м. 286А), истифодаи манбаъҳои электронии иттилооти ҷиҳати

пахш намудани иттилоот оиди содир кардани ҷинояткорӣ (маълумоти криминогенӣ (дорои хусусияти ҷиноятӣ)) (м. 287А) ва кумакаи виртуали ҷиҳати содир кардани киберҷиноятҳо (м. 287В). Бар замми ин, м. 287-и Кодекси ҷиноятии ҶМЧ худ як муқаррароти иловагии ҳуқуқи ҷиноятӣ ифода мегардад, ки татбиқи меъёрии маъмулии қонунгузории ҷиноятии Чинро нисбати ҳолатҳои содир кардани дигар кирдорҳои маъмулӣ тавассути истифодаи ТИК қонунӣ мегардонад.

Ба андешаи Сянюн Ван пажуҳишгари машҳури Чин амалишавии меъёрии мафҳуми ҳуқуқии м. 285-и КҶ ҶМЧ, муяссаршавии ғайриқонунӣ дастрасӣ ба воситаҳои ҳифзи нармфазорию техникии маълумот (бекор намудан ва кушодани махзани маълумот, ба истилоҳ «хакерии соф»), ки фақат дар робита ба объекти инфрасохтори асосии маълумотони содир шудааст, ҷазои ҷиноятӣ дорад. Ба ақидаи ӯ хакерӣ ба системаи компютерии шахсони алоҳида бидуни таъсири минбаъда ба иттилооти компютерӣ (мисли нобудкунӣ, осеб расондан ва тағйир додан) ҷиноят нест[217]. Ҷиҳати бартараф намудани масоили мазкур «Қарори пленуми Суди Олии ҶМЧ (аз соли 2011)» муҳиммияти марказиро доро мебошад, тибқи ин қарор «нармфазорҳои зараррасони гуногуни компютерӣ» ҳатман ба меъёрҳои ҳатмии зайл ҷавобгӯ бошад:

1) муяясаршавии маълумоти компютерӣ ва асар гузоштан ба фаъолияти воситаҳои истифодабарии мустақими иттилоот бояд аз ҳадафҳои асосии нармфазорҳои зараррасони гуногуни компютерӣ бошанд;

2) нармфазорҳои зараррасони гуногуни компютерӣ бояд имконияти бартараф намуданро дар ҳифзи нармфазорию-техникии иттилоот ва низоми компютериро доро бошад;

3) аз таҳқиқи ба роҳ андохтани нармфазорҳои зараррасони гуногуни компютерӣ бармеояд, ки муяясаршавӣ ба иттилооти компютерӣ ё таъсиррасонидан ба фаъолияти воситаҳои коркарди автоматии иттилоот

217 Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.fmprc.gov.cn/ce/cgvienna/eng/dbtyw/jdwt/crimelaw/t209043.htm (санаи муроҷиат: 21.05.2019).

беиҷозат ба роҳ монда шудааст, яъне бе доштани ваколат ё ба таври ғайриқонунӣ татбиқ мегардад.

Барои татбиқи ин ҳолат Суди Олии ҶМЧ пажуҳишҳои бисёреро ба итмом расонидааст, ки онҳо ҷиҳати ҳалли васеи масоили гурӯҳи кирдорҳои алоқаманд ба фаъолияти нармфазоҳои зараровари компютерӣ мусоидат мекунад. Дар ин масъала монандии қонунгузории ҷиноятии ҶХЧ-ро ба меъёри қонунгузории ҷиноятии ватанӣ дар бораи ҷавобгарӣ ҷиноятӣ барои дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (моддаи 298-303-и Кодекси ҷиноятии ҶТ) ифроз намудан мувофиқи мақсад мебошад, аммо КҶ ҶТ дар қатори аломатҳои асосноки ҳатмии таркиби ин ҷиноятҳо инчунин оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокии ин кирдорро дар шакли нобудсозӣ, бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти компютерӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқарар мекунад.

Дар баробари ин, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҳотаи маълумот, ҳазамон бекор кардани таҷҳизоти компютерӣ, мавҷудияти оқибатҳоро чун омили расидани зарар пешбинӣ менамояд (қисми 2, моддаи 298). Ҳамзамон, зарар ҳамчун аломати конструктивии ҷиноят тибқи қисми 2 модда 298-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашудааст.

Ба андешаи мо, барои такмили бахши қонунгузорӣ дар ин самт ба қонунгузории ҶХЧ дар робита ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии инфрасохтори муҳими иттилоотии давлат такя намудан ба манфиати кор мебошад. Ин тарзи татбиқи қонунгузорӣ барои таъмини қобилияти мудофиавии давлат, амнияти ҷамъиятӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ самарабахш мебошад.

Кирдорҳои дар моддаи 285А-и қонунгузори ҷиноятии ҶМЧ муқарар гардида бо меъёрҳои пешбини кардаи қонунгузории ФР ҷиҳати ҷавобгарӣ барои аз ҷониби провайдероне, ки ба системаи маълумотдиҳи ва телекоммуникатсионии электронӣ иҷро нашудани вазифаҳои маҳдуд намудани муяяасаршави ба маълумоте, ки дастрасӣ ба он бояд дар заминаи иттилооти сохтори федералии дорандаи ваколатҳои назорат ва танзим дар самти алоқа, ТИК-и оммавӣ татбиқ мешавад (м. 13.34 Кодекси

ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия), шабоҳат дорад. Яъне дар фарқият муқаррароти моддаи 285А-и Кодекси ҷиноятии ҶХЧ дар Федератсияи Русия, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаи 13.34 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ФР) эътироф гардидааст. Бояд иброз намуд, ки муқарароти қонунгузории Федератсияи Русия дар ин самт аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар амалия душвориҳои муайянро ба вуҷуд меоранд. Аз ин рӯ, қонунгузории миллӣ дар муқоиса ба он номувофиқ ва номураттаб мушоҳида мегардад, чунки ҷиҳати пешбини намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои бемасъулиятии танзимгар дар нобуд намудани маълумоти махфи ё маҳдуд кардани сарчашмаи интернетии криминогенӣ он ҷавобгариро ҷиҳати чунин бемасъулияти, аз ҷумлаи фавти ягон шахс, бесаранҷомии оммавӣ, халалдор шудани раванди кории мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва монанди инҳоро фаро намегирад. Дар баробари ин, ҷинояти дар моддаи 285А-и Кодекси ҷиноятии ҶМЧ дорои аломатҳои махсус мебошад, оқибатҳои шартии зайлро мисли нишонаҳои махсус пешбини менамояд: 1) дар сурати дархостро иҷро накардани провайдер боиси «пахшаваии оммавӣ»-и иттилооти манъшуда гардида бошад; 2) он сабаби бамиён омадани паёмадҳои махсус шуда бошад.

Моддаи 287А-и Кодекси ҷиноятии Чин мавзӯи ҷавобгарӣ барои ёрирасонии маҷозӣ дар содир намудани кирдорҳои бидуни нишонаҳои шарикиро хеле далелнок ҳал кардааст[218].

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда пажуҳишгар «Чупрова А.Ю. иброз медорад, ки як хислатҳои кирдорҳои иғвогарой дар шабакаи иттилоотию коммуникатсионии электрони дар он ифода мегардад, ки ҳадафи ташкилкунандаи чунин кирдорҳо ба воситаи ягон шахси амиқ таҷассум нагардида, ҳатто давати ӯ ба содир намудани кирдор муҳити васеъ нигаронида шудааст». Дар ин хел маврид ба худи шахси иғвогар маълум

[218] Тавре маълум аст, дар доктринаи ватании ҳуқуқи ҷиноятӣ паҳншавии васеи ташвиқоти дорои хусусиятҳои иғвогарой, фитнаангезӣ, тарғибгарой ва кӯмак дар асоси принсипи «то дархосткунӣ» барои содир намудани ҷиноятҳои компютерӣ мутахассисони соҳаро водор менамояд, ки баъзе муқаррароти умумии қоидаҳои шарикӣ дар ҷиноятро такмил диҳанд.

нест, ки киҳо таклифоти ӯро қабул ва онро дар амал татбиқ мекунанд[219].

Бо дарназардошти ин нукта метавон гуфт, ки кӯшишҳои аз нав дида баромадани муқаррароти дахлдор дар хусуси ғайриимкон будани ба ҷавобгарӣ кашидан барои шарикии абстрактӣ асоснок нестанд. Фитнаангезиро метавон ҳамчун водоркунии шахси дигар ба содир кардани ҷинояти муайян эътироф намуд, на ҳамчун бедор кардани майли абстрактии ҷиноятӣ ё шавқу рағбат ба рафтори ғайриқонунӣ. Барои duздӣ ва иғвогарӣ ташвиқ намудан басанда нест, ки ин шахс иғвогар дониста шавад, дар ин самт масъалаҳои ҳалталаби ҳуқуқӣ зиёд ба назар мерасанд.

Ҳамин тариқ, дар илми ҳуқуқшиносии муосир барои риояи қатъии ин консепсия иқдомҳои зиёде бояд амалӣ карда шаванд.

Тамоюли танзими ҳуқуқии амалҳои ташвиқотӣ ва шарикӣ дар парвандаҳои киберҷиноятҳо шарҳи худро дорад – интишори оммавии иттилооте, ки ба содир кардани ин гуна ҷиноятҳо мусоидат мекунад, воқеан аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок буда, он арзёбии дурустро талаб мекунад[220]. Ба андешаи мо, ҳангоми татбиқи амалии қонунгузории ватанӣ ба моддаи 287А Кодекси ҷиноятии ҶМЧ, ки дар доираи меъёрҳои махсус ҷавобгариро барои мусоидати виртуалӣ дар содиркунии ҷиноятҳо пешбинӣ менамояд, диққати махсус бояд дод.

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси талаботи м. 287В-и қонунгузории ҷиноятии ҶМЧ шарикӣ дар содир намудани кирдор ба воситаи ТИК ҷиноят ҳисобида мешавад. Хуллас, он гӯё муқаррароти муҳимест, дар баррасии мундариҷаи моҳияи «шарикии маҷозӣ». Муқобили ин меъёр, ки дар он шахс нармфазорҳои гуногуни зараррасони компютериро ба таври «то дархосткунӣ» пешниҳод менамояд, дар м. 287В гап сари маҳз оди кумак намудан ба содир кардани кирдори муайян меравад. Сянюн Ван ба ин мавзуъ

---

[219] Ниг.: Давлатзода К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-36.

[220] Ниг.: Чупрова А.Ю. Уголовно-правовые механизмы регулирования отношений в сфере электронной коммерции: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 259; Курс российского уголовного права: общая часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Спарк, 2001. – С. 359; Апелляционное определение Верховного Суда Российской Федерации от 04 июня 2015 г. по делу №30-АПУ15-3; Апелляционное определение Верховного Суда Российской Федерации от 27 апреля 2017 г. по делу №89-АПУ17-3сп.

дахл намуда, дуруст қайд мекунад, ки шахс бояд мақсади корбари ба ӯ кумакрасонандаро хуб донад, яъне корбаре, ки ба ӯ кумак мерасонад, мақсади содир кардани ҷинояти мушаххасро дорад (...an actor obviously knows that the person to whom he providing help intends to commit a crime by means of a network)[221].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин қарор як намунаи ба истилоҳ «қонунэҷодкунии барзиёд» мебошад. Зуҳури ин гуна меъёри ҳуқуқӣ масъалаи ҷавобгарии ҷиноятиро дар ин самт ҳал намекунад.

Заминаи гуфтаҳои боло моро водор сохт ки янчанд андешаҳои хешро, ки хислати умумиро доро ҳастанд байён намоем. Аз аввали соли 1997 ҶМЧ бо ҶТ ҷиҳати бунёди системаи ҳуқуқӣ–ҷиноятӣ дар мубориза бар зидди кирдорҳое, ки тавассути ТИК содир мегарданд, назари якхела доранд ва оиди аз назари ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баҳисобгирии ин намуди кирдорҳо модели нисбатан мураккабро амали намудааст.

Дар бораи мубориза бад зидди ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок намунаи ҳуқуқии ҷиноятии ҶМЧ 3 зинаи асосии ташаккулро тай намудааст: зиннаи аввал ҳимояи инфрасохтори махсуси маълумотдиҳи (соли 1997), зиннаи дуюм вксъати ҳимояи манбаъҳои маълумотии шахсони воқеӣ (соли 2009) зиннаи сеюм пешбини намудани ҷавобгарӣ барои субъектони махсус ва мусоидати маҷозӣ (соли 2015).

Дар муқоиса ба қонунгузории ватанӣ танзими ҳуқуқии масъалаҳои мазкур ва татбиқи амалии он дар муқовимат бо киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии ҶМЧ оид ба уҳдадориҳои танзимгарон ва нафароне, ки аз захираҳои электронии иттилоот ҷиҳати пахш намудани маълумоти криминогенӣ ва ёрии ғайришахсӣ дар содир кардани кирдор истифода мебаранд, муҳиммияти назариявю-амалиро доро мебошад.

Ҳоло низоми муайяни киберҷиноятҳо ва тафриқаи асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани он дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

---

[221] Ниг.: Давлатзода К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 33.

мавҷуд аст, ки дар низоми ҷавобгарии ҷиноятии дигар кишварҳо ба мушоҳида намерасад – дар маҷмуъ он 10 гурӯҳи киберҷиноятҳоро дар бар мегирад[222].

«Дар асоси талаботи м. 259-и қонунгузории ҷиноятии Молдова муяясаршавии беиҷозат ба захираҳои маълумотдиҳи фақат дар ҳолате кирдори анҷомёфта эътироф мегардад, ки чунин оқибатҳоро ба миён овардааст: 1) нобуд намудани маълумот, аз кор баровардани нарфазорҳои иттилооти, дигаргун кардан, маҳдуд ва ё нусхагирӣ намудани маълумот ё бекора кардани системаҳои кории компютерҳо, нармфазорҳо ё шабакаҳои алоқа; 2) расонидани зиён ба миқдори калон»[223].

Пешбини кардани робитаи сабабию тафтишоӣ дар таҷрибаи амалӣ байни муяяасаргардии ғайриқонунӣ ва масрафи молу мулкии ҷабрдида метавонад проблемаҳои бисёрро ба бор орад. Аз тарафи дигар, бо чунин сохти меъёри ҳуқуқии ҷиноятӣ дастрасии ғайриқонуниро дар ҳолатҳое, ки ҷабрдида бо амалҳои саривақтӣ (масалан, бо роҳи барқарор намудани маълумоти аздастрафта) аз фарорасии зарар пешгирӣ карда тавонистааст, ҷиноятро хотимаёфта метавон эътироф кард.

Бояд қайд намуд, ки кирдорҳои дар моддаи 272 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия овардашуда дар аксари қонунгузориҳои миллии давлатҳои пасошӯравӣ вобаста ба хусусияти худ ба якчанд таркиб тақсим карда мешаванд. Дар ин бобат ба андешаи О.И. Семикин барои қонунгузории давлатҳои хориҷӣ чунин як равиши ба истилоҳ «радабанди»-и аломатҳои ҷиноятии дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ ба

---

[222] Боби ёздаҳум «Ҷиноятҳо бар зидди амнияти иттилоотӣ ва ҷиноятҳо дар самти телекоммуникатсия» меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро оиди ҷавобгарӣ барои дастрасии беиҷозат ба иттилооти компютерӣ (моддаи 259), ба таври ғайриқонунӣ истеҳсол, воридот, фурӯш ё пешниҳоди воситаҳои техникӣ ё маҳсулоти барномавие, ки барои содир намудани ҷиноят мутобиқ карда шудаанд (моддаи 260), боздоштани ғайриқонунии интиқоли маълумоти иттилоотӣ (м. 260), вайрон кардани қисми таркибии маълумот дар низоми иттилоотӣ (моддаи 260), таъсиргузорӣ ба фаъолияти низоми иттилоотӣ (м. 260 (1)), ғайриқонунӣ истеҳсол, воридот, фурӯш ё пешниҳод кардани рамзҳои дастрасӣ ё дигар маълумот (моддаи 260) , қалбакӣ омодасозии иттилоот (моддаи 260) , қаллобии иттилоотӣ (моддаи 2605), вайрон кардани қоидаҳои амнияти системаҳои иттилоотӣ (моддаи 261(1)), дастрасии беиҷозат ба шабакаҳо ё хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ (моддаи 261)» .

[223] Уголовный кодекс Молдовы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legislationline.Org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2018_ru.pdf (санаи муроҷиат: 02.11.2020).

навъҳои мустақили ҷиноят бо роҳи дар онҳо мушаххас кардани барои ҷамъият хавфнокии кирдор хос мебошад[224].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт аз баъзе кишварҳо фарқ мекунад. Бар хилофи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова аз 18 апрели соли 2002, таҳти №985-XV қаллобӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотиро на ҳамчун ҷиноятҳо муқобили моликият, балки ҳамчун ҷинояти иттилоотӣ ва ҷиноятҳо дар соҳаи телекоммуникатсия ҳисоб мекунад. Моддаи 2606-и Кодекси ҷиноятии Молдова қаллобии иттилоотиро ҳамчун амалҳои барқасдони ғайриқонунӣ муайян мекунад, ки дар натиҷаи он ба моликияти зеҳнии шахси дигар бо истифода аз воситаҳо ва ҳолатҳои зерин ба андозаи бисёр зиён расидааст: 1) ҳама гуна воридкунӣ, вайронкунӣ, қатъкунӣ, нобудсозӣ ё пинҳонкунии маълумоти компютерӣ; 2) ҳама гуна пайвастшавӣ ба системаи иттилоотии компютерии амалкунанда бо мақсади фиреб ё бо ҳадафҳои бартарии зиёди ғайриқонунии молу мулки барои худ ё шахси дигар[225].

Дар ин самт омӯзиши қонунгузории Британияи Кабир ба манфиати кор мебошад. То соли 1990 дар қонунгузоии Британияи Кабир муқаррароти махсус дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо вуҷуд надошт. Мутахассисони соҳа ба ин тавофуқ расидаанд, ки ба вуҷуд омадани усулҳои «виртуалӣ»-и содир кардани ҷиноят дар маҷмуъ дар истифодаи сохторҳои классикӣ ҳангоми содир намудани дуздӣ, қаллобӣ, нобудшавӣ ва зарар расонидан ба молу мулк ва ғайра монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд[226].

Дар байни мутахассисони соҳа ихтилофи назар вуҷуд дошт, ки содиршавии ҷиноятҳо тавассути ТИК ва ба вуҷуд омадани усулҳои «виртуалӣ»-и содир кардани ҷиноятҳо дар маҷмуъ барои истифодаи сохторҳои классикӣ оид ба дуздӣ, қаллобӣ, нобудкунӣ, зарар расонидан ба

[224] Ниг.: Семыкина О.И. Противодействие киберпреступности за рубежом / О.И. Семыкина // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. – 2016. – №6. – С. 112.
[225] Ниг.: Маймеску С. Глава XI. Информационные преступления и преступления в области электросвязи / Комментарий к Уголовному кодексу Республики Молдова. Общая и Особенная части / Отв. ред. Бужор В.Г. – Кишинэу, 2010. – С. 792-794.
[226] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.legislation.gov.uk/ukpga/1990/18/section72 (санаи муроҷиат: 15.04.2020).

молу мулк ва ғайраҳо монеаҳои бартарафнашаванда эҷод намекунанд.

Дар баробари ин, низоми судӣ ҷиҳати таҳияи ҳукм дар изҳори андешаи ҳуқуқӣ ба ҷиноятҳое, ки бар зидди маълумот ва низоми кории компютерҳо равона гардидааст, рафта-рафта зиёд ба проблема ру ба ру шуданд. Ҳамин тавр, дар парвандаи «Кокс бар зидди Ралли (Cox vs Rilley)», айбдоршаванда иттилооти корти хотиравии дастгоҳро нест карда, ба ин васила онро корношоям гардонид. Тарафдорон ба он ишора карданд, ки аз чиҳати ҷисмонӣ на дастгоҳ ва на корт ҳеҷ осебе нарасидааст, дар ин росто амали кардани муқарароти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар ба моликияти нафари сеюм ғайриимкон мегардад. Мақомоти судӣ бо ин намуди асосҳо қонеъ нагардида, ҳукми айбдоркунандаро эълон кард, чуночӣ[227].

Ҷиҳати бартараф намудани ихтилофотҳои қарордоштаи заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва эҳтиёҷоти сохторҳои қудрати Қонун «Оиди истифодаи ғайриқонунии технологияҳои компютерӣ» дар Британияи Кабир қабул гардид, ки он бо ба инобат гирифтаниу иловаҳои солҳои 2006-2015 ҷиҳати кирдорҳои зайл ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамояд, ки аз дигар қонунгузориҳои таҳқиқгардида ин меъёрҳо фарқият доранд[228].

Ҳамчунон, дар мавриди мувофиқ гардонидани қонунгузории ҷиноятии Британияи Кабир ба кирдорҳое, ки дар фазои маҷозӣ содир мегарданд иловаҳои дахдор ба Қонуни Британияи Кабир дар бораи сохтакорӣ, ки нишонаҳои сотакории компютериро далелнок мекард, пешбини мекард. Дар асоси қонунгузории ҷиноятии мамлакати болозикр нафаре, ки кирдорҳои

---

[227] Ниг.: Charlesworth A. Legislating against Computer Misuse: The trials and tribunals of the UK Computer Misuse Act 1990 / A. Charlesworth // Journal of law, information and science. – 1993. – №4 (1). – P. 81; Cox vs Rilley [1986]. Масалан соли 1988 дар парвандаи «R vs Gold and Another (R бар зидди Gold ва дигар)», ҳукми суд дар бораи маҳкум кардани шахс барои қаллобӣ аз ҷониби суди болой бо далели он, ки дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ бо истифодаи идентификаторҳои шабакавии шахси дигар ва тағйир додани маълумотҳо ба доираи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ дар бораи қаллобӣ дохил намешавад, бекор карда шуд.

[228] Ниг.: R vs Gold and Another [1986]; [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.legislation.gov.uk/ukpga/1990/18/section72 (санаи муроҷиат: 15.04.2018). Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (моддаи 1), дастрасии ғайриқонунӣ бо мақсади содир намудани ҷиноят (моддаи 2), амалиёти ғайриқонунӣ нисбати иттилооти компютерӣ ё вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нигоҳдорӣ ё коркарди иттилооти компютерӣ (моддаи 3), амалиёти ғайриқонунӣ нисбати иттилооти компютерӣ ё вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нигоҳдорӣ ё коркарди иттилооти компютерӣ, ки хатари сар задани оқибатҳои вазнинро ба вуҷуд овардааст (моддаи 3 ZA), таҳия, ба даст овардан ё паҳн кардани барномаҳо ё маълумоти компютерие, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 1, 3 ё 3ZA (моддаи 3A) зикршуда муқаррар гардидаанд.

қсохтакориро, ба василаи ТИК бо ҳадаҷҳои ғаразнок ба даст овардани моликият ва зарар расонидан ба шахсони дигар ба сомон мерасонад, то панҷ сол аз озодӣ маҳрум мегардад[229].

Ҳамзамон, мақомоти судӣ дар ин кишвар дар баҳодиҳии ҳуқуқӣ ба амалҳое, ки муқобили иттилоот ва системаҳои компютерӣ нигаронида шудаанд, торафт ба масъалаҳои баҳсталаб рӯ ба рӯ мешаванд. Ба таври мисол, дар парвандаи «Cox vs Rilley» айбдоршаванда маълумотро дар корти хотираи дастгоҳ нобуд мекунад ва ба ин василa онро ғайрифаъол месозад. Адвокат ба он истинод мекунад, ки аз ҷиҳати ҷисмонӣ дар ин раванд нармфазор ва худи корт зараре надидаанд, аз ин сабаб ин мутобиқ кардани коидаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷиҳати расонидани зарар ба молу мулки шахси сеюм ғайриимкон мегардад. Вале, суд ба ин асосҳо мувофиқ нашуда, ҳукми айдоркуниро эълон менамояд[230].

Рӯйхати тақрибан якхелаи ҷавобгарии ҷинояти барои содир намудани киберҷиноятҳоро Кодекси ҷиноятии Зеландияи Нав муайян мекунад (м. 249-252). Дар баробари ин, Зеландияи Нав барои муқовимат бо ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок Қонун «Дар барои дастрасии ғайриқонунӣ ба системаи компютерӣ»-ро қабул намуд. Дар моддаҳои 249-252 дар ин кишвар барои кибертаъқиб ва мактуби фишингӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқарар гардид. Истифодабарандагони интернет, ки мактубҳои фишингиро истифода мебаранд ва ё ҳамсуҳбатони худро дар интернет таҳқир мекунанд, бо ҷарима ё бо маҳруми аз озодӣ ҷазо таъин карда мешавад.

Хусусияти фарқунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии Зеландияи Нав бо он асос ёфтааст, ки агар киберҷинояткор тавассути шабакаҳои маъмули иҷтимоӣ (Google, Twitter, Facebook ва ғайра), фиристонидани мактубҳои фишингӣ ва шарҳҳои таҳқиромези худро дар давоми 48 соат мустақилона нест накунан, профили ӯ

[229] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.legislation.gov.Uk/ukpga/2006/35/section/2 (санаи муроҷиат: 21.04.2018).

[230] Ниг.: Charlesworth A. Legislating against Computer Misuse: The trials and tribunals of the UK Computer Misuse Act 1990 / A. Charlesworth // Journal of law, information and science. – 1993. – №4 (1). – P. 81; Cox vs Rilley [1986].

аз ҷониби Агентии махсуси ваколатдори амнияти киберии Зеландияи Нав баста шуда, кирдори ӯ ҳамчун кибертаъқиб ва мактуби фишингӣ эътироф гардида, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мегардад[231].

Дар Сингапур ҷавобгарии ҷинояти барои киберҷиноятҳо бо меъёрҳои мушахасси Кодекси ҷиноятии ин кишвар муайян карда мешавад. «Дар асл аз амалияи Британияи Кабир корбурд карда, Кодекси ҷиноятии Сингапур ҷавобгари ҷиноятиро ҷиҳати муяясаргардии ғайриқонунӣ ба иттилоотӣ компютерӣ (м. 3), муяясаргардии ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ бо ҳадафҳои содир кардани ҷинояти дигар (м. 4), бемувофиқа иваз кардани иттилооти компютерӣ (м.4), ивази ғайриқонунии маълумоти компютерӣ (м. 5), муяясаршавии беиҷозат ба системаҳо ва ё шабакаи алоқа (м. 6), ба таври номуносиб боздории компютер (м. 7), дастрасии ғайриқонунии рамзҳо, паролҳои дастрасӣ ё дигар иттилоъи монанд (моддаи 8) пешбини менамояд»[232].

«Қонунгузории ҷиноятии Испания харобиовариҳоро дар муносибатҳои алоқаманд ба таъмини амнияти иттилоотии компютерӣ дар м.м. 197-199 ва 278 муқаррар кардааст. Ҳамзамон, ҷавобгарӣ барои сохтакорӣ дар компютер дар асоси талаботи м. 248 танзим карда мешавад»[233].

Моддаи 249-и қонунгузории ҷиноятии Испания пешбини менамояд, ки

---

[231] «A person who is guilty of an offence against this section is punishable, on conviction, by a penalty not exceeding the penalty applicable to the serious offence... serious offence means an offence that is punishable by imprisonment for life or a period of 5 or more years» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legislation.gov.au/Details/C2004A00937 (санаи муроҷиат: 21.02.2019); [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.legislation.govt.nz/act/public/1961/0043/latest/DLM 327382.html (санаи муроҷиат: 15.03.2019).

[232] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://statutes.agc.gov.sg/aol/search/display/view.w3p.page=0.query=DocId:8a3534de-991c-4e0e-88c5-4ffa712e72af%20%20Status:inforce%20Depth:0;rec=0 (санаи муроҷиат: 21.10.2019).

[233] Ниг.: «Pornografia virtuale. (1) Le disposizioni di cui agli articoli 600-ter e 600-quater si applicano anche quando il materiale pornografico rappresenta immagini virtuali realizzate utilizzando immagini di mi- nori degli anni diciotto o parti di esse, ma la pena e diminuita di un terzo. Per immagini virtuali si intendono immagini realizzate con tecniche di elaborazione grafica non associate in tutto o in parte a situazioni reali, la cui qualita di rappresentazione fa apparire come vere situazioni non reali»; «... Those who use sufficient deceit, for profit, to cause lead another into error so as to have him carry out an act of disposal in his own detriment or that of another, commit swindling. 2. The following shall also be deemed guilty of swindling: a) Those who, for profit and making use of any computer manipulation or similar scheme, manage to perpetrate an unauthorised transfer of any patrimonial assets to the detriment of another; b) Those who manufacture, upload, possess or provide computer programs specifically intended to commit the swindles foreseen in this Article; c) Those who, using credit or debit cards, or travellers' cheques, or the data any of these bear, perpetrate operations of any kind to the detriment of their owner or a third party» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: file:///C:/Us-ers/%D0%96%D0%B5%D0%BD%D1%8F/Downloads/SpainCriminalCodeCodigo_Penal.pdf (санаи муроҷиат: 21.04.2019).

дар сурати пули тасарруф шуда, ки ба воситаи ТИК хотима меёбад ва аз 400 евро барзиёд бошад, ин амал бо маҳруми аз озоди ҷазо дода мешавад[234].

Қонунгузории ҷиноятии Белгия ҷиҳати ғайриқонунӣ нусхагири кардани маълумоти ҳимояшаванда дар намуди электронӣ (м. 143), муяясаргардии ғайриқонунӣ ба системаҳои нармфазорӣ шабака иэлектронӣ (қ. 1 м. 143), фарох намудани идентификаторҳои корбарони шабака, нармфазорҳои компютерӣ ва маълумоти компютерӣ, ки барқасдона ҷиҳати амалӣ намудани муяясаргардии ғайриқонунӣ ба объектҳои инфрасохтори маълумотдиҳи ва ТИК (қ.2 м. 143), бемувофиқа несту нобуд намудан, аз кор бозмондан ё иваз намудани маълумоти компютерӣ (ст. 144-bis ) равона гардидааст, ҷавобгариро ҷиноятиро дар намуди ҷудогона пешбини менамояд.

Махсус бояд иброз дошт, ки ин санади меъёрии ҳуқуқи дар бораи ҷавобгарӣ ҷиҳати зарар ба маълумоти компютерӣ аз тарафи қонунгузори Белгия баъд аз меъёр оиди ҷавобгарӣ ҷиҳати бекора намудан ва ё зарар расонидан ба моликияти шахси сеюм ҷойгир шудааст (м.144). Чунин номураттабӣ дар қонунгузории ин мамлакат ҳалталаб боқӣ мемонад. Айнияти муайяни амалҳои ин ҷиноятҳоро, ки аз ҷиҳати мазмуни объекти зарар аз якдигар хеле фарқ мекунанд, наметавон ягона ҳисобид.

Дар моддаи 147-и кодекси ҷиноятии Белгия ҷавобгарӣ барои қаллобии компютерӣ пешбинӣ мешавад, ки он аз ҷиҳати сохту мазмун ба қонунгузории Россия, моддаи 159.6-и КҶ ФР[235] монанд аст. Дар маҷмуъ, ин моҳият ва мундариҷа дар муқаррароти қонунгузории ҷиноятии Швейтсария ки он

[234] Ҳамзамон дар моддаи 250-и Кодекси ҷиноятии Испания номгӯйи ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда пешбинӣ шудааст, ки он ба таври зайл мебошад : 1) агар кирдор нисбат ба ашёи зарурӣ, манзил ё дигар молу мулки дорои арзиши махсуси иҷтимоӣ содир шуда бошад; 2) агар кирдор нобуд ё тағйир додани иттилооти компютерӣ ё ҳуҷҷати расмиро дар назар дошта бошад; 3) агар кирдор нисбат ба объекти дорои арзиши бадеӣ, фарҳангӣ ё илмӣ содир шуда бошад; 4) агар кирдор бо дарназардошти вазъи молу мулкии ҷабрдида ба ҷабрдида зарари калон расонида бошад; 5) агар маблағи дуздӣ аз 50 ҳазор евро зиёд бошад; 6) агар кирдор бо суистифодаи боварӣ, инчунин ба мавқеи хизматӣ алоқаманд бошад; 7) агар кирдор бо сохтакории далелҳое, ки боиси баровардани санади ғайриодилонаи суд бар зарари соҳибмулк ё дигар соҳиби молу мулк бошад. Ҷазои сахттарин барои қаллобии махсусан соҳавӣ маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз чор то ҳашт сол мебошад

[235] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699 (санаи муроҷиат: 23.12.2023).

тавссути ТИК содир мешавад, муқарар гардидааст[236].

Кодекси ҷиноятии Дания дар м. 263 ҷавобгариро ҷиҳати муяясаргардии ғайриқонунӣ ба маълумоти аз тарафи қонун ҳимояшавандаи компютерӣ муқарар кардааст. Дар асоси талаботи м.263 (а), фаррохнамоии «воситаҳои дастрасӣ ба низомҳои маълумотдиҳи» низ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбини менамояд, ки он дар зоҳир ба воситаҳои муайян кардани истифодабарандагон бо объектҳои инфрасохтори муҳимму мушаххаси маълумотдиҳии коммуникатсионӣ дар ҳамоҳангӣ қарор дорад. Ҳолатҳои умумии вазнинкунандаи ин кирдорҳо содир гардидани онҳо нисбат ба «манбаъҳои маълумотии дорои аҳамияти миллӣ» ифода мегардад. Лозим ба зикр аст, ки ин аломати кирдор дар баробари поймол гардидани дахлнопазирии шахсӣ ва манзил ба помол доштани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон асос меёбад. Ҳамчунин, дар қонунгузори Дания муқарароти махсус оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қаллобии компютерӣ дар моддаи 279 (а) оварда шудааст, ки чунин меъёр дар Кодекси ҷиноятии ФР, Белгия ва Швейтсария пешбини гардидааст.

Қонунгузории ҷиноятии Норвегия ҷавобгарии ҷиноятиро ҷиҳати муяясаршавии ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ мувофиқи мақсад ба низом даровардааст[237].

Бар замми ҳаммонандӣ дар қонунгузориҳои мамолики Ғарб дар ин соҳа тафриқа низ ба мушоҳида мегардад. «КҶ Финландия меъёрҳоро оиди ҷавобгарӣ барои ҳуҷум ба маълумоти компютерӣ ва воситаҳои истифодабарӣ, нигоҳдоштан ва интиқоли маълумот дар бар мегирад»[238]. Фасли §9 (а)-и боби сиючорӣ КҶ Финландия кирдорҳои на фақат ба идентификаторҳои истифодабарандагони алоқа, сониян ба нармфазорҳо

---

[236] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.litres.ru/book/grigoriy-machkovskiy/ugolovnyy-kodeks-belgii-11132576/chitat-onlayn (санаи муроҷиат: 23.12.2023).

[237] Дар моддаи 146 (б) Кодекси ҷиноятии Норвегия ба таври мустақилона паҳн кардани маълумот дар бораи идентификаторҳои шабака (логинҳо ва паролҳо) манъ карда шудааст. Илова бар ин, моддаи 151, банди «б» ҷавобгариро барои несту нобуд кардан, вайрон кардан ё бастани иттилооти компютерӣ ё таҷҳизоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ки боиси ба таври назаррас вайрон гаштани фаъолияти мақомоти давлатӣ ё тартиботи ҷамъиятӣ гардидаанд, бо ҷазои маҳрум сохтан аз озоди то 10 солро пешбини мекунад.

[238] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://europam.eu/data/mechanisms/PF/PF%20Laws/Finland/Finland_Penal%20Code_1889_amended2016_FN.pdf (санаи муроҷиат: 11.06.2019).

зараровар низ таалуқдорро ҷиноят меҳисобад.

Масалаи баррасишаванда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакати Эстония ба таври фарох ва мувофиқи мақсад пешбини гардидааст, ки ба ин муқароротҳои ҷавобгарӣ барои ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ворид мешавад. Қонунгузорони Эстония ҷиҳати мувофиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ бо дарназардошти ташаккули ТИК кушишҳои муайянеро ба сомон расонидааст. Дар муқаррароти ҷиноятҳо бар зидди молу мулк, Кодекси ҷиноятии Эстония меъёрҳоро оиди расонидани таъсири ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ (§ 206), ғайриқонунӣ нобуд намудан ё тағйир додани рақами муайяни сохторе, ки барои табодули иттилоот муқарар гардидааст (§ 206[1]), мудохилаи ғайриқонунӣ ба низоми кори компютер (§ 207), ҳамзамон сохтакорӣ дар компютериро (§ 213) фаро гирифтааст.

Вежагиҳои мушаххасе, ки вазнинкунандаи таъсири ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ ва мудохила ба кори низоми компютерӣ инҳоянд: 1) агар амал тавассути нармфазорҳои зараррасон содир гардида бошад; 2) агар чунин ҳаракатҳо аз тарафи гурӯҳи шахсон содир гардида бошад; 3) агар ҷиноят муқобили манбаъҳои маълумотдиҳии махсус сафарбар гардида бошад; 4) он муҷиби оқибатҳои вазнин гардида бошад.

Шуруъ аз соли 2015 дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Эстония танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷиҳати эҷод ва паҳн намудани нарфазорҳи зараррасон аз сари нав дида баромад шуд ӯ. Бо аз эътибор соқит намудани м. 208 «Паҳн намудани нармфазорҳои компютерии зараррасон» қонунгузорони Эстония кодекси ҷиноятиро бо як муқарароти муосир – § 216[1] «Омодагӣ барои содир кардани ин кирдоҳои барои ҷамъият хавфнок, омодагӣ ҷиҳати содир намудани киберҷиноятҳо» фарохтар намуд. Дар асоси ин меъёр, эҷод, нигоҳдорӣ ё паҳн намудани нармфазорҳои зараровар, ки махсус барои содир намудани кирдор пешбини шудааст ва § 206 – «Дахолати ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ» эҷод ё мувофиқ гардидааст, ҷиноят эътироф

мегардад[239].

Бояд зикр намуд, ки ба тариқи ҷудогона § 217-и КҶ Эстония ҷавобгарии ҷиноятиро ҷиҳати муяясаргардии ғайриқонунӣ ба низоми компютерӣ вобаста ба безараргардонии ҳимояи нармфазор ва сахтафзор муқарар менамояд[240]. «Хулас, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Эстония амали аз кор баровардани маълумоти дар низоми компютерӣ мавҷудбуда ва муяясаргардии беиҷозат ба чунин низоми ҳифзшавандаро тақсимбанди менамояд».

«Бар замми ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Эстония хислатҳои гуногуни ҳамлаҳои кибериро ба амнияти башарият эҳсос карда, ба қонунгузории ҷиноятӣ оиди ҷавобгарӣ барои кирдоҳои террористӣ муқарароти махсусро оиди таъсири ғайриқонунӣ ба низоми ҳифзшавандаи компютерӣ дохил кард (§ 237) »[241].

Қонунгузории ҷиноятии Латвия дар моддаи 241 ҷавобгарии ҷиноятиро ҷиҳати дастрасии беиҷозат ба низоми автоматии коркарди иттилоот хусусияти меъёри бахшидааст. Лозим ба зикр аст, ки дар ин модда ба миён омадани хавфҳо дар намудани зарари калон ба назар гирифта мешаванд. Ҳолатҳои махсуси ҷиноят сар задани оқибатҳои вазнин ва ё равона шудани онҳо ба инфрасохтори муҳими иттилоотӣ мебошанд. Ҳамзамон қонунгузории ҷиноятии Латвия дар моддаи 243-и, ки тахминан бо меъёрҳои КҶ Эстония ҳаммонанда, ҷавобгарии ҷиноятиро барои таъсири ғайриқонунӣ ба худи маълумоти компютерӣ ва дахолат ба низоми кори компютерӣ пешбини менамояд.

---

239 Уголовный кодекс Эстонии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legislationline. Org/download/id/6462/file/Estonia_CC_as_of_2002_ru.pdf (санаи муроҷиат: 03.11.2021);

240 Ниг.: «Preparation of computer-related crime. (1) Supply, production, possession, distribution or making otherwise available of a device or computer program which is created or adjusted in particular for the commission of the criminal offences provided for in § 206» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://europam.eu/data/ mechanisms/FD/FD%20Laws/Estonia/Estonia_Criminal%20code_2001_amended%202016_EN (санаи муроҷиат: 11.06.2019); «Illegal obtaining of access to computer systems. (1) Illegal obtaining of access to computer systems by elimination or avoidance of means of protection is punishable by a pecuniary punishment or up to three years' imprisonment».

241 Ниг.: «Commission of a criminal offence against international security, against the person or the environment while posing a threat to life or health, against foreign states or international organisations, or of a criminal offence dangerous to the public, or manufacture, distribution or use of prohibited weapons, illegal seizure, damaging or destruction of property to a significant extent, or interference with computer data or hindrance of functioning is punishable by five to twenty years' imprisonment or life imprisonment».

Дар қисмати мушаххас м.245-и қонунгузории ҷиноятии Латвия ҷавобгариро ҷиҳати вайрон кардани қоидаҳои нигоҳ доштан ё коркарди маълумоти ҳимояшаванда ё дигар қоидаҳои амнияти низоми маълумотдиҳӣ ба низом даровarда мешавад.

Омӯзиши тафриқагузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳоро тибқи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ метавон тавсиа бахшид, ки дар заминаи он бисёр масъалаҳои мубрам ҳалли худро хоҳанд ёфт.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ кард, ки дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ барои баррасии ин самти ҷинояткорӣ икдомҳои зиёде роҳандозӣ шуда бошанд ҳам, онҳоро аз қонунгузории мавҷуда ҷудо набояд кард. Таҳлилҳои нишон медиҳад, ки намудҳои нави киберҷиноятҳо аз ҷумла: бар зидди меъёрҳои муқararнамудаи қонунгузори ҷамъоварии маълумоти компютерӣ, бекора кардани фаъолияти муътадили воситаҳои ҳифзкунанда, коркард ё интиқоли маълумот, чун қоида, дар боби ҷиноятҳо бар зидди шахсият, молу мулк ё амнияти ҷамъиятӣ пешбини гардидааст.

Мамлакатҳои хориҷӣ бо пешбини кардани фарқгузорӣ дар ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахолат ба пинҳонӣ, пуррагӣ ва дастрасии худи маълумоти компютерӣ ва барои кирдорҳои ғайриқонунӣ нисбат ба воситаҳои нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ё интиқоли он (воситаҳои истифодабарии автоматикунонидашудаи иттилоот) шарҳ дода мешаванд.

Бархилофи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии малакатҳои хориҷӣ, мубориза бар зидди киберҷиноятҳо бо муайян намудани ҷавобгарии на фақат ҷиҳати эҷод, паҳн ва коркарди нармфазори зараровари компютерӣ, сониян барои кирдорҳои ғайриқонунии мансуб ба таҷҳизот, ки барои содир намудани он айён аст, ҳамзамон таҳдид ба амнияти дастгоҳҳо ва низомҳои додаҳо, барои паҳн намудани иттиллот дар бораи идентификаторҳои шабака ба корандозӣ мегардад.

Ҷиҳатҳои хоссаи вазнинкунандаи киберҷиноятҳо дар асоси қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ ҳолатҳои зерин баромад мекунад:

1) аз тарафи гурӯҳи шахсон содир кардани кирдор;

2) содир кардани кирдор нисбат ба объектҳои инфрасохтори махсуси маълумотдиҳӣ;

3) ба миён омадани оқибатҳои вазнин;

4) содир кардани кирдор тавассути нармфазорҳои зараррасон ё воситаҳои махсуси иттлоотии электронӣ, ки барқасдона барои таъсири ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерӣ ё воситаҳои нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ё интиқоли он равона гардидааст.

Басо муҳим аст, ки барои бисёре аз киберҷиноятҳо дар кишварҳои хориҷӣ имкони ба зиммаи шахсони ҳуқуқӣ гузоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад.

Ҳамчунон, хислати асосии дар қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ мавҷуд будани муқаррароте ифода меёбад, ки дар асоси он меъёрҳои анъанавии қонуни ҷиноятиро ба намудҳои муосири «рақамӣ»-и кирдор қонунӣ мегардонанд. Хуллас, ин мамлакатҳо бидуни дигар кардани низомҳои ҳуқуқии мавҷуд буда, ба назар чунин менамояд, ки ҳудуди амали худро ба таври қонунӣ кушод менамояд ва ба ин васила масъалаи баён намудани нишонаҳо унсурҳо ин намуди кирдорҳои маъмулиро баррасӣ менамоянд.

Барои рафъи мушкилоти мавҷуда дар самти киберҷиноятҳо, ки дар даврони муосир падидаи нав мебошад, аз таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои пешрафта бояд истифода бурда, дар такмили қонунгузорӣ ҳолатҳои татбиқшавандаро дар амалияи ин навъи ҷиноят ба инобат гирем. Маҳз дар ҳамин зина, муқовимат бо ин навъи ҷиноятҳо самарабахш ҳисобида мешавад, ки тавассути он танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеаи мутамаддин амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, мансуб ба фарқгузории ҷавобгарӣ барои ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок дар асоси қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ, вобаста ба тарзи содиршавии киберҷиноятҳо мамлакатҳоро ба ду қисм тасниф намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Дар зиннаи якум мамлакатҳое дохил ҳастанд, ки барои аз ҷониби провайдерон иҷро нагардидани қарорҳои субъектони муборизабаранда бо киберҷиноятҳо оид ба бастани захираҳои интернетии дахлдор ва нест кардани маълумоти манъшуда, кумаки виртуалӣ барои содир кардани киберҷиноятҳо, тавассути манбаъҳои иттилотию электронӣ бо ҳадафи паҳн намудани иттиллот оиди тарзҳо содир кардани кирдор (бахусус моддаҳои моддаи 285А, 286А, 287А, 287В Кодекси ҷиноятии Чин) ҷавобгарии ҷиноятиро пешбини менамояд. Аммо бархе аз кишварҳо кирдорҳои дар моддаи 285А-и Кодекси ҷиноятии Чин пешбинишуда на ҷавобгарии ҷиноятӣ балки ҷавобгарии маъмуриро муқарар намудааст (масалан моддаи 13.34 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия), тибқи муқаррароти қонунгузории Русия дар самти ҷавобгарӣ барои аз тарафи танзимгари дастрасӣ ба шабакаи иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии «электронӣ» иҷро нашудани вазифаҳо маҳдуд намудани муяясаршавӣ ба маълумоте, ки дастрасӣ ба он бояд дар асоси иттилоъи сохторҳои дорои салоҳияти назорат ва танзим дар самти иттилоот, ТИК-и оммавӣ амалӣ мегардад пешбини гардидааст.

Ба гурӯҳи дуюм мамлакатҳое дохиланд, ки барои ҷиноятҳое, ки бо истифода аз ТИК содир мешаванд, аз ҷумла қаллобии интернетӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқарар намудаанд[242].

Тафриқагузори вобаста ба тарафи объективии ҷиноят яъне давлатҳое, ки дар онҳо тарафи объективии ҷиноят танҳо дар намуди несту нобуд кардан, вайрон кардан, тағйир додан, бастан ё нусхабардории иттилоот ё вайрон кардани низоми кории компютерҳо, системаҳо ё шабакаҳои иттилоотӣ; инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, захираҳои иттилоотии шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад: Кодекси ҷиноятии Зеландияи Нав (моддаи 249-252) Кодекси ҷиноятии Молдова (моддаи 259) Кодекси ҷиноятии Сингапур (санади

---

[242] Масалан, КҶ Ҷумҳурии Молдова (моддаи 2605), Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (моддаи 159.6), Қонуни Британияи Кабир оид ба қаллобӣ (England fraud act 2006), Кодекси ҷиноятии Испания (моддаи 248) Кодекси ҷиноятии Белгия (моддаи 147), Кодекси ҷиноятии Дания (моддаи 279 (а)), Кодекси ҷиноятии Эстония (§ 213).

истифодаи шабакаҳои компютерӣ ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо (моддаи 3-8), Кодекси ҷиноятии Белгия (моддаи 143-144), Кодекси ҷиноятии Норвегия (моддаи 145-146 (б)), Кодекси ҷиноятии Финландия (фасли §9 (а)-и боби 34)

# БОБИ 3. ТАВСИФИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲО БА МУҚОБИЛИ ШАБАКАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ ВА ТАҶҲИЗОТҲОИ ЁРИРАСОНИ ОНҲО

## 3.1. Объекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)

Инсоният дар ибтидои асри XXI ба таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонии иттилоотӣ дучор омад. Таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ аз ҷумлаи вазифаи мубрами давлати муосир мебошад, зеро таҳдидҳои имрӯзаи иттилоотӣ (ҳамлаҳои киберӣ, воридшавии ғайриқонуни ба системаҳои иттилоотӣ, паҳн намудани барномаҳои зараровар ва вирусҳои компютерӣ) ба амнияти миллии давлат зарари ҷиддӣ мерасонанд[243].

Маврид ба зикри хос аст, ки таълимот дар бораи объекти ҷиноят ва аломатҳои он яке аз назарияҳои асосӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ буда, ҷанбаҳои илмиву амалии он ҳамоно таҳқиқталаб боқӣ мемонад. Дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ объекти ҷиноятро, ки бо қонуни ҷиноятӣ ҳифз карда мешавад, он муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамуданд, ки ҳангоми содир кардани кирдор ба онҳо зарар расонида мешавад ва ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд (муносибати бо ном монистӣ) пешбини менамоянд[244].

Илми ҳуқуқи ҷиноятии давраи пасошуравӣ фақат он муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҳимоя мекунад, ба сифати объекти ҷиноят эътироф менамояд. «Қисми зиёди муҳақиқон объекти ҷиноятро маҳз

[243] Ниг.: Шарофзода Р.Ш. Таъмини амнияти иттилоотӣ / Р.Ш. Шарофзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – Ҷилди II. – С. 192-193.

[244] Ниг.: Коржанский Н.И. Объект посягательства и квалификация преступлений: учебное пособие. – Волгоград: НИиРИО ВСШ МВД СССР, 1976. – 120 с.; Пионтковский А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. Курс советского уголовного права: общая часть. – М.: Госюриздат, 1961. – 666 с.; Таций В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве: монография. – Харьков: Вища школа, 1988. – 198 с.; Федоров М.И. Понятие объекта преступления по советскому уголовному праву / М.И. Федоров // Ученые записки Пермского университета. – 1957. – Т. 11. – Кн.2. – Вып. 4. – С. 180-194; Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления / Е.А.Фролов // Сборник ученых трудов. – Свердловск: СЮИ, 1969. – С. 184-225.

аз рӯйи ин давраҳо омӯзиш мекунанд»[245]. Онҳо иброз медоранд, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои мустақили ҳуқуқ ифода мегардад, ки барои он пешбини кардани қоидаҳои рафтор фақат чун василаи батанзимдароии ҳаракатҳо шахс мебошад.

Бахусус, пажуҳишгарони соҳавии ватанӣ Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, иброз менамояд, ки объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, ки қонунгузории ҷиноятӣ онро ҳимоя карда, дар заминаи тааруз ба он зарар ворид мегардад[246]. Андешаи муаллифони болозикр ақидаи классикии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Чунин мавқеъро бештари олимони давлатҳои пасошӯравӣ ҷонибдорӣ менамоянд. Андешаи ба ин монандро Б.С. Никифоров, пешниҳод намудааст, ки ба сифати объекти ҷиноят манфиатҳои ҷамъиятии зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор дошта, ки кирдор бар зидди он сафарбар гардидааст, дар назар дорад[247].

Ба андешаи профессор Н.И. Загородников бошад муносибатҳои ҷамъиятие, ки муҳиммияти хоссаи ҷамъиятиро доро мебошад ва ба сифати оъекти кирдор баромад карда метвонанд[248]. Ҳама гуна муносибати ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи касеро ифода мекунад. Агар дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таваҷҷуҳи касе зоҳир нашавад, пас зарурати ҳифзи ин муносибати ҷамъиятӣ аз байн меравад. Вақте ки мо дар бораи аҳаммияти махсуси ҷамъиятӣ ва ё ҳифзи ягон муносибати ҷамъиятӣ сухан меронем, ин мазмуни онро ифода мекунад, ки манфиати муайяни иҷтимоӣ-шахсӣ ё ҷамъиятӣ, ки ба интиқолдиҳандаи мушаххаси он тааллуқ дорад ифода меебад.

М.Д. Шаргородский қайд менамояд, ки «Мушкилоти объекти ҷиноят нисбат ба мушкилоти гуноҳ ва расонидани зарар аҳаммият надорад, сонияи аз нигоҳи фалсафӣ мушкилоти амиқтар мебошад, аммо он дар маъхазҳои

---

[245] Ниг.: Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 111-123; Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – 228 с.

[246] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 143.

[247] Ниг.: Никифоров Б.С. Избранное труды / Составитель канд. юрид. наук А.А. Гравина – М: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации, 2010. – С. 14.

[248] Ниг.: Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве / Н.И. Загородников // Труды Военно-юрид. Академии. – 1951. – Вып. 13. – С. 36.

ҳуқуқӣ кам пажуҳишу истифода гардидааст»[249]. Объекти ҷиноят ба сифати объекти асосӣ баромад намуда, он муносибатҳои ҷамъиятиеро фаро мегирад, ки моҳияти ҷинояти мушаххасро ифода намуда, барои ҳифзи он дар қисми махсуси КҶ моддаи муайян муқаррар карда шудааст.

Ба андешаи Б.С. Никифоров[250] бошад, «Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ аз проблемаи объекти умумии ҷиноят дида ягон проблемаи мубрамтар ва муаммоталаб ёфтан мушкил аст. Зери мафҳуми объекти ҷиноят маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки зери ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, фаҳмида мешавад. Ин муносибатҳо хусусияти дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ доранд. Объекти умумӣ барои ҳамаи ҷиноятҳо як аст, чунки ҳама гуна кирдори барои ҷамъият хавфнок аз маҷмуи нишондодашуда бармеояд ва ба ин васила расонидани зарар ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки предмети ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро ташкил медиҳад, ба он дохил мешавад».

«Дар асл, моҳияти иҷтимоии ҷиноятӣ содиршударо объекти ҷиноят мушаххас мегардонад ва барои муайян кардани кирдори бандубастшаванда хеле мубарм арзёби мегардад. Аз ҷанбаҳои назариявӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи амиқе мавҷуд аст, ки тибқи он кидор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тааруз меорад ва он чун объект ифода мегардад»[251].

Нишондоди амалкард дар бораи объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ва хеле душвор маҳсуб меёбад. Объекти ҷиноят дар маъхазҳои илмӣ ҳамчун ҳуқуқҳои субъективии шахс, арзишҳо ҳамчун шарти ҳаёти солими ҷомеа, манофеи ҳаётӣ, ҳуқуқӣ ва дигар институтҳои ба инҳо алоқамад, ки бо санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ ҳимоя мегарданд, ифода мегардад. Объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие ифода мешаванд, ки мамлакат ба ҳимоя онҳо диқққат медиҳад ва ҷиҳати вайрон

---

[249] Шаргородский М.Д., Алексеев Н.С. Актуальные вопросы советского уголовного права / М.Д. Шаргородский, Н.С. Алексеев // Учёные записки Ленинградского университета. – 1954. – Вып. 5. – С. 189.
[250] Ниг.: Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 6.
[251] Ниг.: Федоров М.И. Понятие объекта преступления по советскому уголовному праву / М.И. Федоров // Ученые записки Пермского университета. – 1957. – Т. 11. – Кн.2. – Вып. 4. – С. 180-194.

намудани онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро мувофиқи мақсад медонад. Аз руйи объекти ҷиноят зиннаи ба ҷамъият хавфнок будани ҷиноятро муайян менамоянд.

Маълум мегардад, ки пажуҳишгарони ИҶШС ва давраи нав дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар ҳудуди моҳияти объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳимояшавндаро[252] дар назар доранд. Муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объекти кирдор криминалистҳои хориҷӣ низ мепазиранд[253]. Тарзе, ки ишора гардид объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки зери ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарор гирифтааст ва ҳангоми содир гардидани кирдор ба ин муносибатҳо зарар расонида мешавад ё дар зери хатари расидани зарар мавҷуданд. Дар ин самт мо ҷонибдори андешаи он олимоне ҳастем[254], ки ба андешаи онҳо объекти ҷиноят эътироф намудани танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ на ҳамеша самти кирдори аз ҷиҳати хавфнокии онро барои ҷамъиятӣ инъикос мекунад, зеро ки мафҳуми объекти ҷиноят категорияи мураккаби бисёрҷанба ва мураккаби ҳуқуқӣ (муносибати плюралистӣ) мебошад.

Ба андешаи мо, муносибати плюралистӣ бар хилофи муносибати монистӣ мафҳум ва моҳияти объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо нигаронида шудаанд (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), гуногунии онро дар амалия пурратар инъикос мекунад.

Аммо айни замон объекти ҷинояти баррасишаванда бо далели истифодаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ дар

---

[252] Ниг.: Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве / Н.И. Загородников // Труды ВЮА. Вып. XIII. – М., 1951. – С. 32-46; Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления / В.Н. Кудрявцев // Советское государство и право. – 1951. – №8. – С. 51-60; Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 111-124; Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – 228 с.; Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления / Е.А.Фролов // Сборник ученых трудов. – Свердловск: СЮИ, 1969. – С. 184-225; Каиржанов Е. Интересы трудящихся и уголовный закон (проблемы объекта преступления). – Алма-Ата: Казахстан, 1973. – 160 с.

[253] Ниг.: Шуберт Л. Об общественной опасности преступного деяния: пер. со словац. Р.П. Разумовой / Под ред. Гельфера. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 23.

[254] Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – С. 170-174; Уголовное право Россия. Общая часть: учебник / Под ред. А.И. Рарога. – Москва: Эксмо, 2009. – С. 82-84; Наумов А.В. Российское уголовное право: общая часть. Курс лекций. В 2 т. Т. 1. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юрид. лит., 2004. – С. 179.

содир намудани навъҳои зиёди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ба истилоҳ «анъанавӣ» гуногун арзёбӣ мегардад. Зеро ҷаҳони муосирро бе пешрафти технологӣ тасаввур кардан ғайриимкон буда, тамоми корбарони технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти худ як маротибае бо таъсири манфӣ – барномаҳои зараровари компютерӣ ва ҳамлаҳои DOS рӯ ба рӯ мешаванд. Ин навъ барномаҳои зараррасонро якранг наметавон тасниф намуд: қисме аз онҳо нисбатан безараранд, қисми дигар метавонанд на танҳо ба дороиҳои иттилоотӣ, балки ба худи таҷҳизоти компютерӣ зарари ҷубронноапазир расонанд[255].

Намуди асосии таркиби кирдор, ки моҳият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро аниқ мекунад ва мундариҷаю мафҳуми онро равшан мекунад, объекти ҷиноят ифода мегардад. Дар асл, моҳияти иҷтимоии ҷинояти содиршударо объекти кирдор муайяну далелнок мегардонад ва барои муайян кардани кирдори бандубастшаванда хеле муҳим маҳсуб меёбад. Тарафи таърихӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мавқеи ягонае ҷой дорад, ки тиқи он «кирдор ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тааруз меорад ва он ҳамчун объект истифода мешавад.

Зери мафҳуми объекти умумии кирдор (минбаъд объекти ҷиноят) – ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамояд, ки аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор гирифтааст. Чун қоида ба ҳайси объекти ҷиноят гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятии дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ пешбинигардида эътироф карда мешаванд.

Аз ин лиҳоз проблемаҳои объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, аз ҷумла барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS, дар айни замон хеле баҳсталаб ифода гардида, вобаста ба масъалаи мазкур аз шумораи умумии таҳқиқотҳои анҷомёфта, ҳамагӣ 2%-и

[255] Ниг.: Фатьянов А.А. Правовое обеспечение безопасности информации в Российской Федерации: учебное пособие. – М.: Юрист, 2001. – С. 40; Казарин О.В., Шаряпов Р.А. Вредоносные программы нового поколения – одна из существующих угроз международной информационной безопасности / О.В. Казарин, Р.А. Шаряпов // Вестник РГГУ. Серия: Документоведение и архивоведение. Информатика. Защита информации и информационная безопасность. – 2015. – №12 (155). – С. 9-23; Stefano Mele. Legal consideration on cyber-weapons and their definition / Mele Stefano // Journal of Law & Cyber Warfare. – 2014. – Vol. 3. – №1. – P. 53.

пажуҳишҳо[256] ба ин самт равона гардидаанд, ки дар шароити бо суръат инкишоф ёфтани технологияҳои иттилооти–коммуникатсионӣ воқеан ҳам нигаронкунанда арзёбӣ мегардад.

Дар ин самт, моҳияти умумии моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси баҳсу мунозира мегардад, зеро дар фасли «Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ» ҷой додани боби 28 барои мушаххас намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ имкон фароҳам меорад. Бо ин мақсад, қисми зиёди олимон бар он андешаанд, ки объекти умумии ҷинояти баррасишаванда муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ифода мегардад[257].

Муҳаққиқони соҳавӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро вобаста ба 2 замина: амудӣ ва уфуқӣ гурӯҳбанди мекунанд[258]. Дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии ҶТ таърифи иро гардида ба назар гирифта шудааст.

Вобаста ба таснифоти амудӣ (аз боло ба поён) маҷмуи объектҳои ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) аз рӯйи иерархияи онҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита

Аз таҳлили адабиёти илмии мавҷуда оид ба объекти умумии ин ҷиноят[259] бармеояд, ки ихтилофи олимон дар масъалаи муайян кардани объекти умумии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS), муносибатҳои ҷамъиятӣ,

---

[256] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содиршавии киберҷиноятҳо / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144; Казарин О.В., Шаряпов Р.А. Вредоносные программы нового поколения – одна из существующих угроз международной информационной безопасности / О.В. Казарин, Р.А. Шаряпов // Вестник РГГУ. Серия: Документоведение и архивоведение. Информатика. Защита информации и информационная безопасность. – 2015. – №12 (155). – С. 9-23.

[257] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM].

[258] Ниг.: Меньшагин В.Д. Советское уголовное право: учеб. пособие для правовых школ. – М.: Юрид. лит., 1938. – Вып. 1. – С. 86; Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 117; Пионтковский А.А. Курс советского уголовного права: в 6 т. Часть Общая. Т. 2. Преступление / Редкол.: Пионтковский А.А., Ромашкин П.С., Чхиквадзе В.М. – М.: Наука, 1970. – С. 124-126; Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – М.: Акад. МВД СССР, 1980. – С. 97; Таций В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве: монография. – Харьков: Вища школа, 1988. – С. 126.

[259] Ниг.: Вепрев С.Б., Нестерович С.А. Киберпреступность как новая форма преступности / С.Б. Вепрев, С.А. Нестерович // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2018. – №3. – С. 78-82; Воронцова С.В. Киберпреступность: проблемы квалификации преступных деяний / С.В. Воронцова // Российская юстиция. – 2011. – №2. – С. 14-19.

амнияти ҷамъиятӣ ба мушоҳида мерасад. Азбаски дар мафҳуми васеи ҳамаи ҷиноятҳо, ки ба ин ё он объект таъсир мерасонанд ба амнияти ҷамъиятӣ низ, зарар мерасад, чунки дар ҳар як ҳолати даст задан ба объекти муайян ин дар аксуламал ва рафтори ҷамъият инъикос меёбад, ки чун қоида, ҷой доштани падидаи ҷиноят дар муҳит онҳоро безобита месозад. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятие, ки баронмаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS ба онҳо зарар мерасонанд, барои ҷомеа махсусан муҳиманд, ҳимояи онҳо бояд бо чораҳои муассиртарин ва самарабахш амалӣ карда шавад.

Як гурӯҳи муҳаққиқон иброз медоранд, ки объекти умумии ин намуди кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок фарогири маҷмуи муносибатҳои ҷамъияте мебошад, ки дар раванди истифодабарии бехатари маълумоти компютерӣ ташаккул ёфтааст. Масалан, С.И. Никулин «бехатарии иттилоот ва системаҳои коркарди иттилоотро бо истифода аз компютерҳо» объекти ин ҷиноятҳо, муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) баррасӣ мекунад[260]. Б.С. Комиссаров андешаи С.И. Никулинро ҷонибдори намуда, иброз менамояд, ки объекти ин навъи ҷиноятро чунин муайян мекунад: «муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба истеҳсол, нигоҳдорӣ, истифода ё паҳнкунии иттилоот ва ё ҳифзи онҳо». Чунин мавқеъро олимони рус Ю.И. Ляпунова[261] ва П.Н. Панченко[262] ҷонибдорӣ менамояд.

Андешаи С.И. Никулин ва Б.С. Комиссаров қисман ҷионибдори намуда (зеро онҳо мушаххас объекти ин ҷиноятро барраси накарда, дар шакли маҳдуд андешарони намудаанд) чунин мешуморем, ки объекти ҷинояти мазкурро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти зерин ташкил мекунад:

1) Дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ;

2) Фоидаовариҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, моликият ва арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ);

---

[260] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. Рарог А.И. – М.: Изд-во ИМПЭ, 1996. – С. 303.

[261] Ниг.: Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность. – 1997. – №1. – С. 8-15.

[262] Ниг.: Панченко П.Н. Уголовное право России. Общая часть. Учебное пособие. – Н. Новгород: Нижегородская высшая школа МВД РФ, 1995. – С. 113.

3) Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд.

Дар марҳилаи муосири рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ нуқтаи назари дигарро дар масъалаи объекти намудии ҷиноят низ дидан мумкин аст. Ҷиҳати муайян кардани навъи объекти намудии ҷиноят андешаҳои муҳаққиқон бо ҳам мувофиқат надорад[263]. Ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) мазмунан дар боби 28 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд. Лекин ин маънои онро надорад, ки боби 28 КҶ ҶТ объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) мебошад.

Оид ба ин масъала моро зарур аст, ки ақидаҳои олимонро дар ин самт баррасӣ намоем.

Баъзе муаллифон объекти намудии ин ҷиноятро «маҷмуи муносибатҳои мансуб ба бехатарии истифодаи компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ, амнияти иттилооти ва ТИК» медонанд[264].

Гурӯҳи дуюми олимон дар доираи объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), «амнияти иттилоотӣ», яъне «ҳифзи иттилоот ва захираҳои иттилоотии ҷомеа аз ҳамлаҳои киберии дохилӣ ва берунӣ» тавсиф менамоянд[265].

Гурӯҳи сеюми олимон ҳамчун объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро ҳуқуқу манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат, ки

---

[263] Ниг.: Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность. – 1997. – №1. – С. 8-15; Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – 189 с.; Лопашенко Н.А. Уголовно-правовая и криминологическая политика государства в области высоких технологий / Н.А. Лопашенко // Информации технологи безпека. – Киев, 2003. – С. 86-94.

[264] Ниг.: Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Асари зикршуда. – С. 9; Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно правовой анализ с материалами судебное следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – М.: Экзамен, 2007. – 6-е изд. – С. 772.

[265] Ниг.: Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 28.

ба сифати соҳибмулк амал мекунанд ва муносибатҳои мансуб ба бехатарии истифодаи компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои компютерӣ арзёбӣ менамоянд[266].

Объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), гурӯҳи нисбатан маҳдуди муносибатҳо ки ҳамон як манфиати ин муносибатҳоро инъикос менамоянд, муттаҳид месозад.

Аз таҳлили андешаҳои гурӯҳи олимони зикр гардида метавон қисман ба андешаи олими рус С.В. Бородин такя намуд, зеро аз нигоҳи ӯ «объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро, ҳифзи манфиатҳо тавассути маҷмуи қонунгузориҳои ҷиноятӣ дар соҳаи бехатарии таҳия истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК ташкил медиҳад»[267]. Албатта барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS тавре дар боло ишора намудем, ба манфиатҳо ва муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ зарраи бузурги моддию маънавӣ мерасонанд ва ё таҳдиди ба вуҷуд овардани чунин зарарро доранд.

Аз таҳлили ин андешарониҳо метавон гуфт, ки дар моҳияти мафҳуми объекти намудии дар моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд амнияти иттилоотии компютерӣ ва воситаҳои техникии коркард, қабул ва интиқоли онҳо ба назар гирифта шавад. Дар чунин сурат ин тамоюл маънидодкунандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода гардида, дар бар гирандаи нигоҳ доштан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти воситаҳои техникии истифодабарии маълумоти компютерӣ, системаҳои телекоммуникатсионии электронӣ маҳсуб меёбад.

Бинобар ин, объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро

---

266 Ниг.: Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2001. – С. 40.
267 Ниг.: Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ,1997. – С. 346.

маҷмуи муносиабҳои ҷамъиятие ки дар натиҷаи содиршавии онҳо ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот зарар мебинад, аммо ин ҷо як масъаро иброз бояд намуд, ки муносиабҳои ҷамъиятие, ки объекти намудии ин ҷиноятро ташкил медиҳад на танҳо ба боби 28 КҶ ҶТ маҳдуд мешаванд. Дар бобҳои алоҳидаи қисми махсуси КҶ ҶТ моддаҳое пешбинӣ шудаанд ки объекти онҳо объекти намудии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо мебошанд (м.м. 144; 146 ва ғ.)

Вобаста ба объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) бошад, дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ ақидаҳои гуногун ҷой дорад.

Яке аз меъёрҳои таснифоти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон объекти бевоситаи ҷиноят мебошад, ки маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро аз нигоҳи истифодаи қонунӣ ва бехатари иттилооти компютерӣ ва захираҳои иттилоотӣ дар бар мегирад.

Оид ба объекти бевоситаи ҷиноятҳои таҳлилшуда муҳаққиқон нуқтаи назари гуногун доранд. Дар китоби дарсии муаллифон Ю.И. Битко ва С.Ю. Битко ба таври мухтасар объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ҳамчун «манфиатҳои дорандагони иттилооти компютерӣ ва тартиби дастрасӣ ба он»; амнияти иттилооти компютерӣ; шароити бехатари кор барои компютерҳо, системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои онҳо номида шудааст[268].

Ҳангоми таҳқиқи объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ба андешаи олимон А.Н. Попов ва С.А. Воронсов такя намудан

[268] Ниг.: Бытко Ю.И., Бытко С.Ю. Уголовное право России. Части Общая и Особенная: учебник. – Саратов: Изд-во «Научная книга», 2005. – 315 с.

мувофиқи матлаб буда, дар қатори ин, бо ба инобат гирифтани қонунгузории ҷорӣ, мафҳуми объекти бевосиата бояд ба таври зайл ифода карда шавад[269]: «Ҳуқуқҳои бо қонун ҳифзшаванда бояд объекти бевоситаи барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS ва ҳимояи манфиатҳои соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони системаҳои маълумоти дар эҷод, истифодабарӣ, паҳн кардан, пешкаш кардан, истифодабарии маълумоти компютерӣ; фаъолияти амниятии компютерҳо, нармфазорҳои компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-ии электорнӣ ҳисобида шавад».

Махсус тазаккур дод, ки истилоҳи «низомҳои маълумотдиҳӣ» ва «ТИК-и электронӣ» аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа нисбат ба «низоми компютерӣ» ва «шабакаи алоқа» фарохтаранд, чунки онҳо мақсади мураккаб дошта, барои хадамоти алоқа ва хизматрасонӣ, интиқол, қабул ва истифодабарии маълумоти компютерӣ татбиқ мегардад.

Дар як вақт, вобаста ба махсусиятҳои худ ин кирдорҳои дарбаргирандаи 2 объект ифода меёбад

Объекти асосии ин кирдорҳо мустақиман муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегарданд, ки бо қонун асос ёфта, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони низомҳои иттилоотониро дар самти эҷод, истифодабарӣ, соҳибӣ намудан, паҳн намудан, пешниҳод намудан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, низоми компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-электронӣ таъмин менамоянд.

Тафсири муфассалтарро дар китоби дарсии муаллифон Л. Гаухман ва С.В. Максимов мушоҳида менамоем. Ба андешаи муаллифон, объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои

[269] Федер. закон «Об информации, информационных технологиях и о защите информации» от 27 июля 2006 г., №149ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 29 июля; Федер. закон «О персональных данных» от 27 июля 2006 г., №152ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 29 июля; Гражданский кодекс Российской Федерации (часть четвертая) от 18 дек. 2006 г., №230ФЗ // Рос. газ. – 2006. – 22 дек.

ҷамъиятие мебошанд, ки он таъмингари дастрасии қонунӣ, коркард, табдил додан, истифодаи иттилооти компютерӣ аз ҷониби худи шахси дастрасидошта, инчунин истифодабарандагони дигар, фаъолияти эътидолнок ва кори дурусти компютерҳо, додаҳо ва ё шабакаҳои алоқа ва муносибатҳои ҷамъиятие, ки манофеи хизматиро муқарар менмоянд ифода мегардад. Албатта объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS) муносибатҳои зайли ҷамъиятиро дар бар гирифтааст, ки онро чунин гурӯҳбанди менамоем:

1) муяясаргардии қонунӣ, омода намудан, истифодабарӣ, тағйир додан ва коркарди маълумоти компютериро таъмин таъмин мекунад;

2) кушиши низомнокӣ МЭҲ ва ё шабакаи алоқа;

3) манфиатҳои соҳибкорӣ, ки ба муомилоти таҷҳизоти ин компютерҳо алоқаманд мебошанд. Объекти бевоситаи ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардидааст, дар асоси қисми 2-и моддаи 303-и Кодекси ҷиноятӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вобаста ба хусусияти онҳо дигар арзишҳои аз ҷиҳати ичтимоӣ муҳимро (ҳаёти инсон, саломатии одамон ва ғ.) таъмин мекунанд, баррасӣ мешавад. Олимони соҳа оид ба объекти бевоситаи ин ҷиноятҳо чунин ибрози андеша намудаанд: низоми кори компютерҳо, нармфазорҳо ва додаҳо ё шабакаҳои алоқа, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз тарафи соҳибмулк пешбини гардидааст; манфиатҳои эҷод, истифодабарӣ, табдил додан ва истифодаи иттилооти компютерӣ, ки тибқи қонун ҳамчун иттилооти дастрасии маҳдуди худи таҳиякунанда ва истеъмоли истифодабарандагони дигар тасниф шудааст; манфиатҳои кори дурусти компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо. Объекти бевоситаи ҷиноят мувофиқи қисми 2 модда 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мундариҷа бо объекти ҷиноятии дар ин модда пешбинишуда пурра мувофиқат мекунад[270].

[270] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Под ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М.: Эксмо, 2004. – 704 с.

Нуқтаи сеюми ибрози андешаҳо ин аст, ки объекти бевосита барои ҳамаи он кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке, ки дар боби 28 пешбини гардидаанд, умумият дорад. Инҳо муносибатҳои ҷамъияти барои таъмини амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда ва раванди фаъолияти муътадили компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳоро ташкил менамоянд. Дар асоси таҳлили таркиби ҷиноятҳои таҳлилшаванда метавон гуфт, ки амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда, ки таъмини се хусусияти он – махфият, якпорчагӣ ва дастрасиро дар назар дорад – объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро ба таври комил муайян мекунад. Объекти бевосита ҳамзамон метавонад шароити дурусти кори компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо бошад, аммо дар ин самт амнияти иттилооти компютерии бо қонун ҳифзшаванда набояд ба таҳдид дучор шаванд.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ ва ҳуқуқи ба баррасии моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда метавон мақеи устувор ва консептуалиро оид ба масъалаи объекти бевосита пайдо намуд ва дар ин замина онҳоро тасниф кард.

Ҳамин тариқ, ҳамчун объекти бевоситаи ин навъи ҷиноят ба таври зайл пешбинӣ мешаванд:

1. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи истифодаи бехатари мошинҳои ҳисоббарори электронӣ[271].

2. Муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки истифодаи муқаррарии бехатари иттилооти компютериро таъмин мекунад[272].

---

[271] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: постатейный, научно-практический / В.В. Коряковцев, К.В. Питулько. – СПб.: Питер, 2004. – С. 641; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева, Ю.И. Скуратова. – М., 2002. – С. 737; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общ. ред. Н.Г. Кадникова. – М.: Юриспруденция, 2008. – 871 [1] с.

[272] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006. – С. 704; Уголовное право России. Особенная часть: учебник для вузов / Отв. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: Изд-во БЕК, 1999. – С. 605.

3. Муносибатҳои ҷамъиятӣ барои таъмини амнияти иттилооти компютерӣ ва кори муътадили компютерҳо, системаҳо ва шабакаҳои интернетӣ[273].

4. Алоқамандии ҷамъиятӣ, ки системаҳои ҳуқуқии дастрасӣ, коркард ва паҳнкунии маълумоти компютериро муқарар менамояд[274].

5. Ҳуқуқи соҳиби низоми компютерӣ ба дахлнопазирии таъминоти барномавӣ[275].

6. Ҳуқуқи соҳибмулк ба дахлнопазирии маълумот, зери ҳимоя коркарди аломатҳо зеҳнӣ ва моддии ТИК[276].

7. Муносибатҳо дар самти амнияти иттилоотӣ[277].

8. Муносибатҳои ҷамъиятии ба таъмини амнияти компютерӣ равонагардида ва амнияти низоми иттилоотӣ[278].

Корбурди объекти иловагӣ хусуситяи ихтиёрӣ дорад. Мавҷудияти он ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлат нигаронида шудааст. Объекти иловагӣ метавонад, бахусус, моликият, ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, амнияти экологӣ, асосҳои сохти конститутсионии ҶТ ва монанди инҳо ифода гардад. Мавҷудияти объекти иловагӣ, албатта, дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноятро баланд мебардорад, ки ҳангоми ба гунаҳгор таъин кардани ҷазои одилона бояд ба инобат гирифт. Объекти иловагии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим шуда, ҳуқуқ, озоди ва манофеи қонунан ҳифзшавандаи шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

---

[273] Ниг.: Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно правовой анализ с материалами судебное следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – М.: Экзамен, 2007. – 6-е изд. – С. 772; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. А.А. Чекалин; Под ред. В.Т. Томина, В.С. Устинова, В.В. Сверчкова. – М.: Юрайт-Издат, 2004. – С. 838.
[274] Ниг.: Попов А.Н. О предмете преступления, предусмотренного ст. 272 УК РФ / А.Н. Попов // Криминалистъ. – 2008. – №1. – С. 5.
[275] Ниг.: Витвицкий А.А. Уголовное право. Особенная часть: учебник / Под ред. В.Н. Петрашева. – М., 1999. – С. 431; Клепицкий И.А. Уголовное право России. Особенная часть: учебник / Отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М., 1996. – С. 340-348.
[276] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой / Под ред. С.И. Улезько. – Ростов н/Д: Издат. центр «МарТ», 2002. – С. 679.
[277] Ниг.: Ваулина Т.И. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 1998. – С. 559.
[278] Ниг.: Кузнецов А.П., Гарипова Н.В. Проблемы определения непосредственного объекта в преступлениях в сфере компьютерной информации / А.П. Кузнецов, Н.В. Гарипова // Следователь. – 2008. – №7. – С. 6.

«Вуҷуд доштани 2 объекти бевоситаи кирдорҳои баррасишавандаро як зумра пажуҳишгарон иброз намудаанд. Бахусус, Ю.А. Красиков бар он андеша аст, ки ҳуқуқи шахсии шаҳрвандон, дахлнопазирии самти хусусӣ, муносибатҳои молумулкӣ (чунончӣ, дар замина вайрон гардидани кори муқаррарии ТИК), амнияти ҷамъиятӣ ва давлатӣ объекти иловагии кирдорҳои зикрёфта мебошанд»[279].

Дар ин зинна, И.А. Попов бар он назар аст, ки «манфиатҳои моддии ҷабрдида ҳамчун объекти иловагии ин кирдор мебошад»[280]. Ю.В. Белянинова, А.М. Дедов, А.А. Дедов бар ин назаранд, ки «ба сифати объекти иловагӣ манфиатҳои молу мулкии шаҳрвандон дар соҳаи иттилооти компютерӣ амал мекунанд»[281].

Албатта андешаҳои Ю.А. Красиков И.А. Попов Ю.В. Белянинова, А.М. Дедов ва А.А. Дедов дар самти объекти иловагии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) боиси қонибдорист, зеро дар натиҷаи содиршавии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои инсон, моликият, амниятӣ ҷамъиятӣ ва монанди инҳо зарар мебинад.

Объекти бевоситаи иловагӣ дар паҳнкунии барномаҳои зараровар ҳамеша вуҷуд хоҳад дошт ва дар ин маврид таснифи ин навъи ҷиноят бояд ба таври амалӣ сурат гирад. Объекти бевоситаи иловагиро мансуб ба хислат ба таври зайл метавон тасниф кард: ҳуқуқҳои молу мулки, фаъолияти иқтисодӣ, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқҳои вобаста ба он, ҳуқуқҳои ихтироъ ва патентӣ, дахнопазирӣ, ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сохти конститутсионӣ ва монанди инҳо.

[279] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006. – С. 704.

[280] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – Москва: Издательство «Экзамен», 2007. – С. 772; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. А.П. Новикова. – М.: Экзамен, 2006. – С. 766.

[281] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – Москва: Издательство «Экзамен», 2007. – С. 772; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. А.П. Новикова. – М.: Экзамен, 2006. – С. 766.

Хуллас, дар заминаи таҳқиқи зербоби баррасигардида ба чунин хулоса метавон омад:

1. Объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои ҷамъиятӣ: дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ (муомилоти бехатари иттилооти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ), инчунин кирдори шахс, манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, молу мулк, дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд.

2. Объекти намудии ҷиноятҳо бар зидди шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, муносибатҳои махсуси ҷамъиятии аз тарафи қонунгузории ҷиноятӣ ҳимояшаванда дар самти бехатарии эҷод, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳои иттилоотӣ ва ТИК, яъне ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсонӣ воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҷамъият ва давлат оид ба истифодаи системаи автоматикии коркарди маълумот ташкил медиҳад.

3. Объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо муносибатҳои зайли ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки онро ба таври зайл гурӯҳбанди намудан мувофиқи мақсад аст: 1) дастрасии ғайриқонунӣ, омода намудан, истифода кардан иваз намудан ва коркарди маълумоти компютериро таъмин менамояд; 2) фаъолияти бонизоми МЭҲ ва ё шабакаи онҳо; 3) манфиатҳои соҳибкорӣ, ки ба муомилоти таҷҳизоти ин компютерҳо алоқаманд мебошанд. Объекти бевоситаи ин ҷиноят, ки аз беэҳтиётӣ боиси оқибатҳои вазнин гардидааст, дар асоси қисми 2-и моддаи 303-и Кодекси ҷиноятӣ – муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вобаста ба хусусияти онҳо дигар арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро (ҳаёти инсон, саломатии одамон ва ғ.) таъмин мекунанд, баррасӣ мешавад.

4. Вобаста ба хусусияти худ ҳамлаҳои DoS ҳамчун намуди киберҷиноятҳо фарогири ду объект мебошад:

• Объекти асосии ин кирдорҳо мустақиман муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегарданд, ки бо қонун асос ёфта, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибони маълумоти компютерӣ ва танзимгарони низомҳои иттилоотониро дар самти эҷод, истифодабарӣ, соҳибӣ намудан, паҳн намудан, пешниҳод намудан, коркарди маълумоти компютерӣ, фаъолияти бехатари компютерҳо, низоми компютерӣ, шабакаҳои алоқа, низомҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои ИК-электронӣ таъмин менамоянд;

• объекти иловагии ин кирдорҳо муносибатҳои ҷамъиятие ифода мегардад, ки бо меъёрҳои ҳуқуқ ба расмият шинохта шуда, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунанд.

5. Аз баррасӣ ва таҳлили объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интнренети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо бар меояд, ки ин кирдорҳои барои ҷамъият хавнок (нармфазорҳои зараррасон, ҳуҷумҳои DoS) на фақат ба амнияти иттилоотӣ зарар мерасонад, сониян ба муносибаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ё гурӯҳи зиёди номуайяни сайёра (махсусн, дар ҳолати терроризми маҷозӣ) зарар мерасонанд ё хавфи расонидани чунин зарарро ба бор меоранд. Қонунгузории ҷиноятии ватанӣ категорияи ҷинояти мазкурро дар боби 28 муқарар намудааст ва бо ба инобат гирифтани дигар муносибатҳои ҷамъияти, ин боб (чуночӣ терроризм дар фазои маҷозӣ, экстремизм дар фазои маҷозӣ, таъқиби маҷозӣ , мактуби фишигӣ) зарур меҳисобем, ки фасли нав дар КҶ ҶТ бо номи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» ворид карда шавад.

6. Пешниҳод менамоем, ки моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

Моддаи 303. Таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ

1) Таҳияи нармфазорҳои компютерӣ, дохил кардани тағйирот ба нармфазори мавҷуда, бо ҳадафи ғайриқонунӣ нобуд кардан, муҳосира, иваз

намудан, нусхабардорӣ намудан, истифодаи иттилооти дар ҳомили электронӣ нигоҳдошташаванда, ки дар низоми иттилоотӣ маҳфузанд, ё тавассути шабакаҳои телекоммуникатсионӣ интиқол дода мешаванд, вайрон кардани кори компютер, дастгоҳи абонентӣ, барномаи компютерӣ, низоми иттилоотӣ, ё шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ҳамчунин, қасдан истифода ва (ё) паҳн намудани чунин барномаҳо, -

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки бо расонидани зарари калон ба шаҳрвандон содир шуда бошанд,

бо... ҷазо дода мешавад.

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар ба андозаи калон содир шуда бошанд,

бо ... ҷазо дода мешавад.

4) Ҳамин кирдорҳо, бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошанд,

бо ... ҷазо дода мешавад.

## 3.2. Тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)

Заминаи ҷавобгарии ҷиноятиро фақат ҳаракатҳок ифода менамояд, ки дар он ҳамаи нишонаҳо таркиби кирдор мушоҳида. Ин муқаррарот бевосита аз м. 11 КҶ ҶТ сарчашма мегирад[282]. Яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят тарафи объективии он мебошад. Дар илми (доктринаи) ҳуқуқи ҷиноятӣ[283] тарафи объективии ҷиноят ҳамчун муносибати зоҳирии шахс нисбати кирдори барои ҷамъият хавфнок содиркардааш ва оқибати он маънидод шудааст.

[282] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM].

[283] Ниг.: Ляпунов Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права: учебное пособие / Ю.И. Ляпунов. – Москва: Изд-во ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – С. 79; Семернева Н.К. Квалификация преступлений (части Общая и Особенная): научно-практическое пособие: практическое пособие. – Москва, Екатеринбург: Проспект, Уральская государственная юридическая академия, 2015. – С. 50; Гайфутдинов Р.Р. Понятие и квалификация преступлений против безопасности компьютерной информации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – С. 97.

Тарафи берунаи ифодаёбинии рафтори шахс объективона дар намуди ҳаракат ё беҳаракатӣ, ки ба тағйири муҳити иҷтимоӣ равона гардидааст, татбиқ мешавад.

Нишонаҳои тарафи объективии ҷинояти мушаххас дар меъёрҳои моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ифода мегардад. Агар дар диспозитсияи муқарарот нишондиҳандаи мавҷудияти оқибатҳои барои ҷомъият хавфнок ҷой надошта бошад, пас ин таркиби ҷиноят расмӣ аст. Хуллас, кирдор аз лаҳзаи содир гардиданаш барои ҷамъият хатарнок анҷомёфта эътироф мегардад. Ба ин хотир, тарафи объективии ҷиноят дорои аломатҳои мушаххасе мебошанд, ки онҳоро ба 2 қисм ҷудо мекунанд: якум, нишонаҳои ҳатмӣ-(кирдори барои ҷамъият хавфнок (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати кирдор ва робитаи сабабӣ), дуюм, аломатҳои иловагӣ (тарз, ҷой, вақт, шароит, восита ва олоти содиршавии ҷиноят).

Тарафи объективии ҷиноятҳо, ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), таҳияи барномаҳои зараровар ё тағйир додани барномаҳои мавҷуда, истифода ё паҳн кардани ин гуна барномаҳо, инчунин мошинҳои ҳисоббароре, ки дорои чунин барномаҳо мебошад, ифода гардидааст.

Муқаррар намудани аломатҳои тарафи объективии ҷиноятҳо, ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо барои бандубасти кирдори мазкур ва минбаъд ба ҷавобгарӣ кашидани шахси онро содиркарда аҳаммияти муҳим дорад.

Аз ин лиҳоз ин нуқтаи муҳим диққати олимонро ба худ ҷалб намудааст. Дар адабиёти илмӣ вобаста ба тарафи объективии ин ҷиноятҳо таҳқиқоти хеле кам дида мешавад. Ҳамагӣ ду нуқтаи назари олимон ҷой дорад, ки ин ҳам бошад вобаста ба мафҳуми барномаҳо заррароварр равона шудаанд. Мафҳуми барномаҳо заррароварр дар умум тарафи объективии ин ҷиноятро ташкил надода балки воситаи содиршавии ҷиноят мебошад. Воситаи содиршавии ҷиноят, аломати иловагии тарафи объективии ҷиноят мебошад. Аммо бо далелт он, ки тарафи объективии ин кирдорҳо масъалаи муҳими

таҳқиқишавандаи зербоби мазкур ифода мегардад ва зарурати таҳқиқи он дар пажуҳиҳ ҷой дорад, тавассути таҳқиқи қонунгузории ҷиноятии миллию хориҷӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда ва таърихи пайдоиши ин ҷиноятҳо ва асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии он дар марҳиллаҳои гуногуни таърихӣ ин масъаларо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода мешавад.

Ба андешаи профессор Ю.И. Ляпунов, барои муқовимати муассир ба ҷиноятӣ баррасишаванда муайян кардани тарафи объективии ин намуди ҷиноят ниҳоят муҳим аст. Ба ақидаи у тарафи объективӣ, ки яке аз аломатҳои таркибии ҷиноят буда, аз як қатор унсурҳои ба ҳам таъсиркунанда иборат аст, дар якҷоягӣ раванди таҷовузи беруниро ба объекти ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда – таҳияи барномаи зараровар ё ворид намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда, истифода ё паҳн кардани чунин барномаҳо ва ё мошинҳои ҳисоббарори дорои чунин барномаҳо тавсиф мешавад[284].

С.А. Пашин бошад иброз менамояд, ки бо сабаи он ки дар тарафи объективии ин ҷиноятҳо сухан дар бораи қоидаҳои истифодаи компютер ва сохтори дастгоҳӣ-техникӣ меравад, пас тарафи объективӣ бояд танҳо ба ҷониби техникии риоя накардани талаботи амнияти иттилооти компютерӣ дахл кунад, на ба ҷониби ташкилӣ ё ҳуқуқии онҳо[285]. Ин нуқтаи назар баҳсҳои зиёдро дар илм ба бор овардааст, аммо каме илова ва такмилро талаб мекунад, зеро киберҷиноятҳо бо ҳаракатҳои зайл содир мегардад: ба нобуди расонидани маълумоти системаҳо ё додаҳо, тасарруфи маълумоти компютерӣ ва корношоям сохтани маълумоти дар хотираи ТИК мавҷудбуда.

Ба андешаи М.Ю. Двореский, тарафи объективии ҷинояти мазкурро ҳаракатҳои зерин ташкил менамоянд:

– несту нобуд намудан, иваз кардан ё нусхагирии маълумот;

– халалдор кардани фаъолияти муътадили кори компютер.

---

[284] Ниг.: Уголовное право: учебник / Под ред. д.ю.н., проф. Н.И. Ветрова, д.ю.н., проф. Ю.И. Ляпунова. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юриспруденция, 2005. – С. 589-600.

[285] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть / Под общей ред. Ю.Л. Скуратова и В.М. Лебедева. – М.: Инфра-М-Норма, 1996. – С. 416.

Андешаи М.Ю. Дворескийро, М.Ю. Двореский ҷонибдори намуда, тарафи объективии ҷинояти мазкурро аз ҳаракатҳои зерин иборат медонад:

а) таҳияи барномаҳои зарароварӣ компютерӣ;

б) дохил намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷудбуда[286].

Таҳияи барномаҳои зараровар, ки аксаран зинаи аввалини содир кардани киберҷиноятҳо мебошанд, ҷиҳати инкишофи ин шакли кирдорҳо дар баргирандаи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки вобаста ба коркарди маълумоти компютерӣ ташаккул ёфтааст, ҳамчун асоси бунёдӣ хизмат менамояд.

Ақидаи олимон бисёр маҳдуд ва мушаххас аст, вале қобили дастгирӣ мебошад. Дар баробари таҳияи барномаҳои зарароварӣ компютерӣ ва дохил намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷудбуда, ҳамзамон тарафи объективии ҷиноятии мазкурро ҳаракатҳои зерин ташкил медиҳад:

– аз кор баровардани дастгоҳи компютерӣ;

– вайронкунии шабакаҳои компютерӣ.

Дар омӯзиши ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) олимони ҳуқуқшинос ба масъалаи дақиқ муайян кардани тарафи объективии ин ҷиноятҳо диққати махсус додаанд. Ба андешаи Ю.М. Батурин ва А.М. Жодзишский аксаран муайян кардани тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда, яъне муайян кардани амалҳои мушаххаси боиси оқибатҳои ҷазо, ки низоми мураккаби компютерӣ, махфӣ будани равандҳои он алоқаманд аст, хеле душвор мебошад. Ин ҷуноятҳо хусусияти барқасдона надошта, оқибати он бо мақсади асосӣ мувофиқат намекунад. Тарафи объективии ин навъи ҷиноят бо таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, инчунин ворид намудани тағйироти зараровар ба барномаҳои мавҷуда тавсиф карда мешавад. Ин тафсири тарафи объективӣ аз ҷониби муҳақиқону коршиносони илми ҳуқуқ ҷонибдорӣ ва риоя карда мешавад[287].

---

[286] Ниг.: Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2001. – 194 с.

[287] Ниг.: Вехов В.Б. Компьютерные преступления: способы совершения и раскрытия / Под ред. акад. Б.П. Смагоринского. – М.: Право и Закон, 1996. – 182 с.; Волеводз А.Г. Российское законодательство об уголовной ответственности за преступления в сфере компьютерной информации / А.Г. Волеводз //

Ба андешаи мо тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар заминаи содиршавиашон ба маълумоти дар ТИК акс ёфта ё низоми компютерӣ, ТИК-и электронӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо зарар меоранд, асоснок мегарданд (модем, wifl, роутер, антенаҳои махсус, моҳвора, таҷҳизоти мобилӣ) (ки василаи асосии содиршаваии кирдорҳои таҳқиқгардида, ба мисли кирмҳои шабакавӣ, вирусҳои файлии классикӣ, троянҳо, воситаҳои хакерӣ ва дигар барномаҳоро дар бар мегиранд).

Ҳамин тавр, тарафи объективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар ҳаракатҳои зерин ифода мегардад:

– таҳияи барномаҳои зараровари компютерӣ бо ҳадафи бе иҷозат аз кор мондан ё корношоям намудани маълумот ё иваз намудан ё нусхагири кардани маълумот, ки дар низом ё шабакаи алоқаи барқӣ ё дар махзани мошинҳо нигаҳдорӣ мегарданд;

– даровардани тағйир дар барномаҳои вуҷуддошта, ҳадафмандона бе иҷозат аз миён бурдан, иҳота намудан, иваз намудан ва ё нусхагирии маълумот, ки дар нармфазорҳо, додаҳо ё шабакаи алоқаи электронӣ ё дар сарчашмаи мошинҳо нигаҳдори мегарданд;

– эҷоди нармфазорҳои махсуси зараррасон (ҳамчун намуди барномаҳои зараровар);

– паҳн намудани махзанҳои дорои барномаҳои махсуси вирусдор;

– аз кор баровардани дастгоҳи компютерӣ;

– вайронкунии шабакаҳои компютерӣ.

Таҳияи барномаҳои зараровари компютерӣ навиштани алгоритми он, яъне супориши мантиқии паиҳам бо дигаргунии он ба забони МЭҲ, новобаста аз ҷо кардан ё накардани чунин барнома дар хотираи компютер

Российский судья. – 2002. – №9. – С. 34-41; Быков В., Нехорошее А., Черкасов В. Совершенствование уголовной ответственности за преступления, сопряженные с компьютерными технологиями / В. Быков, А. Нехорошее, В. Черкасов // Уголовное право. – 2003. – №3. – С. 9-11.

ифода мегарад.

Агар барномаи таҳияшуда ба нест кардан, иҳота намудан, иваз кардан ва нусхабардорӣ кардани (чунин функсияро барномаҳои қонунӣ низ дорад) маълумот ва ҳамчунин бо мақсади халалдор намудани кори шабакаҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ бе хабардор намудани соҳиби маълумот ва ё дигар истифодабарандаи поквиҷдон равона шуда бошад, ҳамчун барномаи зараровар этироф мегардад. Ҳамзамон агар барнома функсияи нест кардан, тағйир додан, муҳосира кардан ва нусхабардорӣ карданро дошта бошад ва ин амалҳоро бе иҷозат анҷом диҳад, ин барнома зараррасон ҳисобида мешавад.

Таҳти мафҳуми «ғайриқонуни нест кардан, иҳота намудан, дигаргун ва ё илова сохтан ва нусхагирӣ намудан » ғайриқонунӣ  иҷро кардани ҳаракатҳои зикргардида бе огоҳӣ ва ё гирифтани розигии корбар (соҳибмулк) фаҳмида мешавад.

Даровардани тағйир дар барномаҳои мазкур, ин тағйир додани матни барнома бо роҳи хориҷ намудани қисмҳои он, иваз намудани онҳо, илова кардани матни барнома мебошад. Барои он, ки чунин амал ҳамчун ҳаракати ҷиноятӣ ҳисобида шавад, чунин тағйири барнома бояд дар як компютер, сервер ва ё махзани мошинӣ амалӣ карда шавад.

Таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор (ҳамчун намуди барномаҳои зараровар) ҳаракатҳо оид ба истифодаи чунин барномаҳоро дар гардиш (интиқоли он тавассути шабакаи маҳаллӣ ё дигар шабаки Интернет ва ғ.) ва ё истифодаи мустақилонаи барномаҳои мазкур нисбати иттилоотҳои компютерии ғайр фаҳмида мешавад. Агар чунин барномаҳо барои талаботи шахсӣ истифода шаванд, пас чунин ҳаракаиҳо ҷавобгарии ҷиноятиро дар бар намегиранд.

Паҳн намудани махзанҳои дорои барномаҳои махсуси вирусдор, ҳамчун ирсол, фурӯш ва дигар ҳаракатҳо бо паҳн намудани интиқолдиҳандаҳо (корти хотираҳо, дискҳои сахт ва ғ.) ба шахсони сеюм фаҳмида мешавад.

Паҳнкунӣ, ҳам ба ивази маблағ, ройгон, муваққатӣ ва ё доимӣ шуда метавонад.

Аз кор баровардани дастгоҳи компютерӣ – ин ташкил намудани монеаҳои муваққатӣ ва ё доимӣ барои аз кор баровардани МЭҲ, системаи МЭҲ ва ё шабакаҳои он мувофиқи фармон. Аз кор баровардани МЭҲ метавонад натиҷаи чунин ҳодисаҳо шавад:

а) маҳв сохтани иттилооти компютерӣ;

б) аз кор баровардани таъмини барномавӣ;

в) поймол намудани ҳолати яклухтии (бутунии) техникае, ки дар он барнома насб шудааст;

г) расонидани зарар ба системаи алоқа.

Мушкилиҳоро метавон бо кумаки мавҷҳои халалрасон, ки ба дисплейи экран ҳангоми чоп ва ё нусхабардорӣ намудани иттилоот таъсир мерасонад, ҳамчунин бо кумаки дилхоҳ дастгоҳҳои аз берун ба воситаи датчикҳо идорашаванда ба роҳ мондан мумкин аст.

Вайронкунии шабакаҳои компютерӣ (шабакаи МЭҲ) расонидани зарар ба сервер ва ё пайвасти қатори компютерҳо (хати алоқакунандаи сервер ва дигар компютерҳо дар шабака), ки дар натиҷаи онҳо бо ҳамдигар алоқа карда наметавонанд, фаҳмида мешавад.

Аз баррасии маълумоти оморӣ ва омӯзиши парвандаҳо бармеояд, ки дар қонунгузории ҷиноятии мамлакат ҳолатҳои содиршавии ин кирдор тибқи талаботи м. 303-и КҶ ҶТ, яъне таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, ки ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо эътироф мегардад ба қайд гирифта нашудаанд. Бояд тазакур дод, ки сарфи назар аз муҳиммияти масъалаи муқовимат бо киберҷиноятҳои зараровар дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ то ҳол мафҳуми ягонаи «барномаи зараровар» аз ҷиҳати сохт, мазмун ва шакл умумиэътирофшуда дар моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда нашудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро ратификатсия намудааст диқат диҳем танҳо дар Созишномаи ҳамкорӣ миёни

давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар муқовимат бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ, ки 1-уми июни соли 2001 дар ш. Мински Ҷумҳурии Белорус ба имзо расидааст, мафҳум ва моҳияти барномаи зараровар пешбинӣ гардидааст. Масалан, моддаи 1 банди 3-юми ин Созишнома барномаи зарароварро ҳамчун барномаи сохта ё мавҷуда бо тағйироти махсус воридшуда муайян мекунад, ки дидаю дониста ба нобудсозии беиҷозат, басташавӣ, тағйир додан ё тахрир кардан, нусхабардории иттилоот, вайрон кардани фаъолияти компютер, системаи компютерӣ ё шабакаҳои онҳо оварда мерасонад[288].

Бо ин мақсад, муносибати айнан ҳаммонанд, ки зарррасон будани нармфазорро аз рӯйи мақсадҳои функсионалии он – таъсиррасонии беиҷозат фақат ба иттилоот ва низомӣ кории компютерӣ далелнок менамояд, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештар маъмул аст. Дар ин раванд ҳар як хусусияти зараровари ин барномаҳо бояд ба таври дақиқ бозгӯӣ карда шавад. Мазмуну мундариҷаи чунин барномаҳои зараровар моро водор месозад, ки ба омилҳои гуногуни он таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Баъд аз даҳ соли қабули Кодекси ҷиноятии нав, ки дорои моддаи махсус оид ба ҷавобгарӣ барои истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар аст, на танҳо навъҳои барномаҳои зараровар ба таври қобили мулоҳиза тағйир ёфт, балки муносибати ҷомеа ба ин мушкилот низ дигаргун гашт. Имрӯз на танҳо шахсони ҳуқуқӣ, балки шумораи зиёди шаҳрвандон низ истифодаи захираҳои иттилоотиро муҳим шумурда, дар ин самт таъсири манфии барномаҳои зарррасонро қайд менамоянд. Худи истилоҳи «зарарнок» аз ҷиҳати ифодаи маъно дар ин маврид комилан асоснок аст, ки қобилияти чунин барномаро барои расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда инъикос мекунад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ то ҳол андешаи олимон оид ба ин навъи барномаҳо гуногун арзёбӣ мешавад, «аммо аксари муаллифон мафҳумҳои барномаи зараровар ва вирусҳоро ҳаммонанд пешниҳод мекунанд ва ё барномаи зарароварро танҳо бо вирусҳо

[288] Соглашение о сотрудничестве государств-участников СНГ в борьбе с преступлениями в сфере компьютерной информации от 1 июня 2001 года в городе Минске [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/902140948 (санаи муроҷиат: 15.04.2023).

маҳдуд месозанд». Масалан, В.Ю. Максимов андеша дорад, ки «вируси компютерӣ як барномаи компютерии худтаҷдидкунанда ва худташкилшаванда дар муҳити компютерӣ мебошад, ки нусхаҳои дақиқ ё тағйирёфтаи он хусусиятҳои аслии худро нигоҳ дошта, амалҳои иловагиро иҷро карда метавонанд, ки онҳо аксар вақт барои иттилооти компютерӣ зарароваранд». Ақидаи В.Ю. Максимов дар ин росто равшану возеҳ пешниҳод нашудааст, агар вируси компютерӣ як барномаи компютерии худтаҷдидкунанда ва худташкилшаванда дар муҳити компютерӣ бошад, пас барномаҳои зараровар ҳам ба системаи ё шабакаи компютерӣ ва барои расонидани зарар ба манфиатҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда равона гардидааст.

Дар баробари ин А.Н. Попов чунин мешуморад, ки «барномаҳои зараровар барномаҳое мебошанд, ки ба компютер «сироят мекунанд» ва дар натиҷаи онҳо дар компютер амалҳои гуногуни беиҷозат (номатлуб) анҷом дода мешаванд»[289]. Бояд қайд намуд, ки калимаи «вредоносный» дар луғати русӣ-тоҷикӣ ба маънои зараровар, зиёновар маънидод гардидааст[290]. «Вирусҳои компютерӣ» – ин як намуди барномае мебошанд, ки метавонанд якчанд нусха шаванд, барномаҳоеро, ки ба онҳо дохил гардидаанд модифкатсия (тағйир) намоянд ва бо ин роҳ фаъолияти муътадили онҳоро халалдор намоянд[291]. Яъне «вирусҳои компютерӣ» бошанд барномаҳои алоҳидаи динамикӣ буда, ҳатто дар шабакаҳои компютерӣ паҳн шуда метавонанд.

Дар асоси таҳқиқоти илмии Б.В. Коробейникова, «вирусҳои компютерӣ» ин қобилияти он барои беиҷозат нест кардан, бастан, тағйир додан ё нусхабардории дигар маълумоти компютерӣ, халалдор кардани фаъолияти муътадили кори компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо мебошад»[292].

---

[289] Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / В.И. Радченко, А.С. Михлин. – М.: Спарк, 2004. – С. 655.

[290] Ниг.: Русско-таджикский словарь / Под ред. члена корреспондента АН СССР М.С. Асимова. – Москва: Русский язык. – 1985. – С. 128.

[291] Ниг.: Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳарири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2005. – 1204 с.

[292] Уголовное право: учебник / Под ред. д.ю.н., проф. Н.И. Ветрова, д.ю.н., проф. Ю.И. Ляпунова. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юриспруденция, 2005. – С. 600.

Ю.И. Ляпунов онро чунин маънидод менамояд: «барномаи зараровар барномаи махсус эҷодкардашуда мебошад, ки пас аз гирифтани назорат қодир аст ба соҳиб ё дорандаи иттилоот дар шакли нобуд кардан, бастан, тағйир додан ё нусхабардории он, инчунин халалдор кардани кори компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо зарар расонад»[293].

Омили асосӣ ҳангоми тасниф намудани як барномаи мушаххас ба сифати зараровар, дар таркиби ҷиноят, албатта, бояд мавҷудияти хусусиятҳои объективие бошад, ки он боиси оқибатҳои дар қонун пешбинишуда мегардад.

Мутаассифона, масъалаҳои таснифоти барномаи зараровар дар илми ҳуқуқ ба таври васеъ омӯхта нашудааст. Аз омӯзиши адабиёти мавҷуда бармеояд, ки ҳамагӣ дар ду таҳқиқот, масъалаи мазкур мухтасаран баррасӣ шудааст. Кори аввал ба қалами В.Ю. Максимов, дуюм, ба Л.Н. Соловев дахл дорад. Дар ин асарҳо гурӯҳбандии барномаҳои зараровар ба таври кофӣ сурат гирифта, бо вуҷуди ин, дар ин самт масъалаҳои баҳсталаб зиёданд[294].

Бо дарназардошти ин нуқта М.М. Маликовсев дурст ва ба маврид қайд менамояд, ки «барномаи зараровар он барномаест, ки ба таври махсус бо забонҳои гуногуни барномасозӣ навишта шуда, истифода ва паҳнкунии он дар системаи иттилоотӣ ё шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ боиси таъсири ғайриқонунӣ ба иттилоот ва ё ба таҷҳизоти компютерӣ ва алоқа мегардад, ки он дар ғайриқонунӣ несту нобуд, нусхабардорӣ, вайрон кардан, таҳрифи иттилоот ва ё вайрон кардани тартиби кори ин дастгоҳҳо, ифода ёфтааст. Олими рус Е.А. Маслакова «дар бораи мундариҷаи «нармфазорҳои зарраррасон» андешарони мекунад, ки мазмунан он қудрати ғайриқонуни нест намудан, маҳкам кардан, иваз кардан ё нусхагирии маълумоти компютерӣ аз тарафи соҳиби онро дар бар мегирад»[295].

---

293 Коробейников Б.В., Савинов А.В. Уголовное право России (Особенная часть): учебное пособие. – М.: Национальный институт бизнеса, 2005. – С. 608-609.

294 Ниг.: Батурин Ю.М., Жодзишский А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность. – М.: Юрид. лит., 1991. – С. 32; Уголовное право России. Особенная часть / Отв. ред. Б.В. Здравомыслова. – М.: Юристъ, 1996. – С. 359; Комментарий к УК РФ / Отв. ред. д.ю.н., проф. А.В. Наумов. – Москва: Юрист, 1996. – С. 668; Научно-практический комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. В 2 т. / Под ред. П.Н. Панченко. – Н. Новгород: НОМОС, 1996. – Том. 2. – С. 239.

295 Ниг.: Малыковцев М.М. Уголовная ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 10; Маслакова Е.А.

Адешаи Е.А. Маслакова, оиди масъалаи баррасишаванда маҳдуд ифода мегардад, зеро барномаҳои зараровар, ки воситаи асосии содиршавии киберҷиноятҳо мебошад, танҳо барои беиҷозат нобуд кардан, бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти компютерӣ пешбини нагардидааст, он метовонад боисӣ аз кор боз мондани сомонаҳо ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, паҳшавии иттилооти бардуруғ ва ғ. гардад.

Оид ба ин масъала андешаҳои дигар низ мавҷуданд. Ба таври мисол, М. Ефремова таъкид мекунад, ки барномаҳои зараровар барномаҳое ифода мегардад, ки бидуни огоҳӣ метавонанд иттилоотро нусхабардорӣ, нобуд ва тағйир медиҳанд, ин тағйиротро аз корбар пинҳон намояд ва аз мавҷудияти чунин барнома дар компютер истифодабаранда бехабар бошад[296].

Дар воқеъ рушди босуръати ТИК исбот намуд, ки ин гуна барномаҳо бидуни маълумотӣ истифодабаранда, ба системаи компютерӣ, планшейдҳо ва телефонҳои мобилӣ ворид гардида боиси ғайриқонунӣ гирифтани маълумот ва тағйир додани он ва аз кор боз мондани воситаҳои гуногуни техникӣ мегардад.

«Мавқеъгирии А.П. Кузнетсов дар масъалаи таҳқиқшаванда мушаххасу фаҳмо ба назар мерасад, зеро ки зараррасонии нармфазорҳои алоқавӣ вобаста ба таъиноти онҳо, на фақат қудрати нест кардан, маҳдуд кардан, иваз намудан, нусхагирии маълумот, сониян огоҳии соҳиби маълумоти компютерӣ ё дигар истифодабаранда дар бораи хусусияти ин барнома ва гирифтани розигии ӯ барои амалӣ намудани ҳадафи барномаро низ дар бар мегирад». Риоя накардани яке аз ин талаботҳо барномаи компютериро зараровар месозад.

Дар ин замина В.Н. Черкасов ва А.М. Биков ақидаҳои иро шударо тарафдори карда татиҷагирӣ менамоянд, ки дар он сурат нармфазори зараррасон бояд ҳамчун зараровар эътироф карда мешавад, ки он бояд ба 3

Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – С. 68.

[296] Ниг.: Ефремова М.А. Уголовно-правовая охрана информационной безопасности: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2018. – С. 39-41.

муқаррароти зайл мувофиқ бошад:

1) «ҷиҳати нобуд намудани маълумот муқаррар гардида бошад»;

2) «розигии махсусро доро набудан дар ин раванд»;

3) «мақсади эҷоди нармфазор таъсири номатлуб ба манбаъҳои маълумотдиҳи бошад»[297].

Масъалаи якуми ироа гардида характери баҳсбарангезро доро аст, зеро бедалел зараррасон будани нармфазорро бо ҳадафи нест намудани иттилооти компютерӣ маҳдуд менамояд.

Дар масоили баррасигардидаистода мавқеъгирии В.Б. Вехов боиси ҷонибдорист. У иброз медорад, ки ба хотире, ки нармфазор зараррасон мебошад, ки дарбар гирандаи замимаи ҳолатҳои зайлро далелнок намояд:

1) нармфазори зараррасони эҷод шуда қудрат дошта бошад, ки маълумоти компютериро нобуд намояд, вайро иваз кунад ё нусхагири кунад, заминаҳои ҳимояи маълумти компютериро безарар намояд;

2) нармфазори зараррасон пешакӣ огоҳ кардани коркарди маълумоти компютерӣ, додаҳо, низоми маълумоти ё шабакаи ИТ-ии электрониро оиди ин хислати амали онҳо дар назар надорад;

3) барнома барои амалисозии таъиноти (алгоритм) худ аз соҳиб ё истифодабарандаи (соҳибони) иттилооти компютерӣ, таҷҳизоти компютерӣ, системаи иттилоотӣ ё шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ ризоият талаб намекунад[298].

Аз таҳлили андешаҳои зикргардида барномаҳои зарароварро вобаста ба мақсади эҷод, коркард ва пахш намуданро метавон ба гурӯҳҳои зайл тақсим намуд:

• тасарруфи иттилооти шахсии истифодабарандаго (дар шакли ҳаҷми

[297] Ниг.: Ефремова М.А. Уголовная ответственность за преступления, совершаемые с использованием информационно-телекоммуникационных технологий: монография. – Москва: Юрлитинформ, 2015. – С. 101; Полный курс уголовного права: в 5 т. Т. 4. Преступления против общественной безопасности / Под ред. Коробеев А.И. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2008. – С. 657; Быков В.М., Черкасов В.Н. Преступления в сфере компьютерной информации: криминологические, уголовно-правовые и криминалистические проблемы: монография. – Москва: Юрлитинформ, 2015. – С. 126.

[298] Ниг.: Вехов В.Б. Вредоносные компьютерные программы как предмет и средство совершения преступления / В.Б. Вехов // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2015. – №2 (8). – С. 45.

суғуртаи иҷтимоӣ, иттилооти кортҳои молиявю қарздиҳи ва ё пароли онҳо);

- тасарруфи пулҳо аз пасандозҳои ташкилоҳои молиявю қарздиҳи ба василаи шабакаи ИК-ии электронӣ;
- фиристонидани пайғомҳои аннонимӣ ба воситаи хизматрасониҳои электронӣ;
- намудҳои дигари нармфазорҳои зараррасоне, ки дар компютер пайваст гардидаан, мисли клавиатураҳо ва абзорҳои дастрасии фосилавӣ (RATs) бо мақсади идораи компютер аз фосилаи дур.

Аз таснифоти мазкур маълум мегардад, ки нармфазорҳои зараррасон имкони гурӯбандии нармфазори ҷосусӣ -ро на фақат бо ҳадафи зараррасонӣ ба самти маълумот ё инфрасохтори махсуси маълумотдиҳи, сониян ҷамъоварии иттилоот оиди фаъолияти истифодабарандагон дар шабакаи элекронӣ (дар бораи сомонаҳои боздидшуда, харидҳои анҷомдодашуда ва монанди инҳо), «нармфазорҳои бо истилоҳ «ҳазлҳои ношоиста» – «сохторҳои вирусӣ»– нармфазорҳое, ки на фақат ҷиҳати ба итмом расонидани ҳуҷум ба манбаъҳои иттилоотӣ, сониян ҷиҳати эҷоди вирусҳои муосир муқарар гардидаанд, арзёбӣ менамояд. Дар асл, нармфазорҳоеро, ки ба намуди объективӣ ҷиҳати содир намудани кирдорҳо мувофиқ гардонида шудаанд, аммо дар асоси нармфазорҳои ба тарқи расми омодагардидаро, наметавон зараррасон эътироф кард»[299]. Дар ин сурат саволи пайдо мегардад, ки оё зараррасони будани нармфазор ба содир кардани ҳуҷум ба дигар объектҳои бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳимояшаванда метавон ифода кард? Мавқеи пажуҳишгарони соҳавӣ оиди ин масъала якхела ифода намегардад. Чунончӣ, В.С. Комиссаров ба муаммои ба миён омада посухи мусбӣ медиҳад ва ӯ иброз медорад, ки зараррасони метавонад на фақат аз рӯйи алгоритми амали он, ки

---

[299] Ниг.: Приговор Андроповского районного суда Ставропольского края от 6 апреля 2017 г. по делу № 1-31/2017; Такие программы не причиняют компьютеру прямого вреда, однако выводят сообщения о том, что такой вред уже причинен, либо будет причинен, предупреждают пользователя об опасности, которой на самом деле не существует. К «злым шуткам» относятся, например, программы, которые пугают пользователя сообщениями о форматировании диска (хотя никакого форматирования на самом деле не происходит), выводят сообщения, характерные для вирусов, и т.д. – в зависимости от «чувства юмора» автора такой программы. К этому классу также относятся программы, предназначенные для мошенничества, например, путем распространения архивов с оплатой за смс [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://threats. Kaspersky.com/ru/threat/Hoax.JS.Bad Joke (санаи муроҷиат: 22.04.2019).

ба нест намудан, маҳдуд кардан, иваз намудан ё нусхагирии маълумот равона шавад, сонияи бо «хислатҳои муайяне, ки ҷиҳати иҷрои ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ё ҳатто амалҳои барои ҷомеа хатарнок (тасаруф тавассути шабакаи интернет аз суратҳисобҳои бонкӣ, пинҳон доштани дорои аз андозбандӣ, авбошӣ ва ғайра) амалӣ гардад».

«Олимон В.А. Голуб ва М.В. Овчинникова низ моҳияити нармфазорҳои зарарасонро мушаххасу васеъ шарҳ дода, онро ҳамчун нарфазор ё қисми пароли муҳим ҷиҳати анҷом додан ё осон намудани иҷрои ҳаракатҳои ғайриқонунӣ дар низоми маълумотдиҳи, шабакаи алоқа ва ТИК-ии электронӣ, ки метавонад ба корбарони ин низом зарар расонад, арзёбӣ менамоянд».[300]

Дар ин асос, роҳандозӣ намудани барномаҳои зараровар чун барномаҳои бо истилоҳ «ҳазлҳои ношоиста» («Bad Jokes») дар доираи м. 303-и қонунгузории ҷиноятии ҶТ ба ҷавобгарӣ ҷалб мегарданд. «Лозим ба зикр аст, ки равандҳоии нави зиёдшавии пайвастаи истифодаи ТИК-ии электронӣ дар ҳамаи самҳои ҷомеааз ташаккули ин омилҳо дарак медиҳад»[301]. Бо мурури замон, таҳияи барномаи зараровар на ба мақсади амнияти иттилоотӣ, балки ба дигар соҳаҳои муҳими иҷтимоӣ – ҳаёт, саломатӣ, шаъну шарафи шахс, дахолатнопазирӣ, муносибатҳои молу мулкӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва ғайра равона карда мешаванд, ки пешгирӣ аз он талаботи давру замон буда, дар замони ҷаҳонишавӣ ба ин самт таваҷҷуҳ бештар зоир гардида истодааст.

К.Н. Евдокимов чунин мешуморад, ки барномаҳои оддии иҷозатдодашудаи компютерӣ низ метавонанд барномаҳои зараровар бошанд, агар онҳо ҳангоми содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият

---

[300] Ниг.: Уголовное право Россия. Общая часть: учебник / Под ред. А.И. Рарога. – Москва: Эксмо, 2009. – С. 532-533; Голуб В.А., Овчинникова М.В. Проблема корректного определения термина «вредоносная программа» / В.А. Голуб, М.В. Овчинникова // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Системный анализ и информационные технологии. – 2008. – №1. – С. 141.

[301] Ниг.: Гилинский Я.И. Криминологические основы уголовного права в эпоху постмодерна / Я.И. Гилинский // Криминологические основы уголовного права: материалы X Российского конгресса уголовного права (26-27 мая 2016 г.) / Отв. ред. д-р юрид. наук, проф. В.С. Комиссаров. – М., 2016. – С. 296.

хавфнок истифода шаванд ва оқибатҳои зараровaрро доро бошанд[302]. Метавон гуфт, ки муаллиф барномаҳои зараровар ва барномаҳои оддии иҷозатдодашудаи компютериро, ки аксаран ҳангоми ҳамла ба объектҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода мешавад, беасос омехта мекунад. Тавре маълум аст, бисёре аз барномаҳои дорои иҷозати истифода аз ҷониби ҳамлагарон барои содир кардани ҷиноят ба кор бурда мешаванд. Масалан, барномаҳои сӯзондани дискҳо (Infra Recoder, BumAware, Nero ва ғайра) аз ҷониби киберҷинояткорон барои истеҳсоли маҳсулоти қалбакӣ (нусхабардории ғайриқонунии иттилоот), барномаҳои идоракунии фосилавӣ (RDP, VNC, DameWare, TeamViewer, Remote Office Manager, Hamachi) аксар вақт ҳангоми содир кардани дуздӣ ва дахолати ғайриқонунии фосилавӣ ба системаҳои бонкӣ истифода мешавад. Дар айни замон, онҳоро ҳамчун баномаҳои зараровар эътироф наметавон кард, зероки ин гуна барномаҳо дар асл маҷмуи стандартии танзимот ва хусусиятҳои аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳодшударо нигоҳ медоранд.

Баъдан, қисми асосии барномаи қонунӣ (ба истилоҳ «муҳаррик») барои содир кардани ҷиноятҳои мушаххас мутобиқ карда мешавад. Масалан, барои ғайриқонунӣ пур кардани тавозуни чиптаҳои сафар, ҳамлакунанда яке аз барномаҳои сершумори компютериро истифода мебарад, ки барои сабт кардани маълумот аз як муҳит ба воситаи муҳити дигар пешбинӣ шудаанд, аммо интерфейси[303] онро тағйир медиҳад, то интиқолдиҳанда, шумораи сафарҳо, муҳлати истифода дигаргуна интихоб карда шавад ва ғ. Дар ин ҳолат, ба андешаи мо, метавонем дар бораи мавҷудияти аломатҳои барномаи зараровар сухан ронем, зеро дар шакли ниҳоӣ ин барнома аллакай хусусиятҳои дигаре дорад, ки ҳадафи он бевосита ба фаъолияти ғайриқонунӣ нигаронида шудааст.

Дар ин маврид зикр намудани муқарраротиo доктринаи умумии дар

---

[302] Ниг.: Евдокимов К.Н. Создание, использование и распространение вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: монография. – Иркутск, 2013. – С. 60.

[303] Интерфейс – шакл, усули ташкили алоқаи мутақобила байни системаҳои алоҳида; маҷмуи воситаҳо ва қоидаҳои таъминкунандаи алоқаи мутақобила байни системаҳои алоҳида (масалан, инсон ва барномаҳои таъминкунанда, инсон ва дастгоҳҳои таъминкунанда, барнома ва таҷҳизот ва ғ.).

ҳуқуқи ҷиноятӣ қабулшуда бамаврид аст – зараровар будани барномаи таъминотӣ мансуби категорияи ҳуқуқӣ буда, он салоҳияти корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Санҷиши барномавию техникӣ бояд вазифаҳои худ – ошкор намудани алгоритми умумӣ ва хусусиятҳои барнома, додани маълумоти муҳим оид ба тафтиши фаъолияти он ва ғайраро ба тарки пурра иҷро кунад. Хулосаи коршинос оид ба тарзҳои ҳалли масъалаи барномаҳои зараровар танҳо хусусияти дурнамой хоҳад дошт. Бо дарназардошти таҳдидҳои муосири ҷомеа мо чунин мешуморем, ки иқдоми дуруст ин ҳамчун меъёри асосии зараровар будани барнома ҳадафи аслӣ ва асосии он – амалисозии фаъолиятҳои ғайриқонунӣ бояд интихоб карда шавад. Дар ин маврид анҷоми он дар соҳаи гуногун ва беиҷозат будани фаъолият дар барнома аз ҷониби корбар (ба монанди таҳиягари вирусҳо) аҳамияти дуюмдараҷа дорад. Ҳамин тариқ, барномаҳои зараровар бояд ҳамчун як барномаи компютерӣ ё иттилооте фаҳмида шавад (аз ҷумла бо роҳи тағйир додани барномаи қонунӣ), ки он барои анҷом додани фаъолияти ғайриқонунӣ нигаронида шудааст[304].

Ҳамзамон дар қисми хотимавӣ, дар асоси андешаҳои зиргардида намудҳои зерини барномаҳои зараровaрро метавон ҷудо кард, ки онҳо василаи асосии содиршавии киберҷиноятҳо эътироф мешавад: зараррасонии нисбатан маҳдуд; зараррасониҳои харобиовар (нобуд намудани маълумот ва расонидани зарари бузур); барномаҳои таблиғотӣ. Барномаҳои таблиғотӣ ва ё таблиғҳои номатлуб ва баъзан зараровaрро намоиш медиҳанд, натиҷаҳои ҷустуҷӯро ба сайтҳои таблиғотӣ равона мекунанд ва маълумоти корбарро ҷамъ мекунанд, ки баъдан метавонанд бидуни ризоияти корбар онро ба таблиғгарон фурӯшанд. На ҳама таблиғот зараровaранд, баъзеи онҳо ба таври қонунӣ ва бехатар истифода мешаванд. Дар аксари ҳолатҳо, корбарон метавонанд басомади таблиғ ва намудҳои зеркашиҳоро тавассути назорати танзимоти браузер ва бо истифода аз бахши таблиғ назорат кунанд. Барномаҳои таблиғотӣ боиси паҳнсозии барномаҳои зараровар мегарданд,

---

304 43% пурсидашудагон ин таърифро дастгирӣ кардаанд.

ба таври мисол соли 2017 як ширкати барномасозии исроилӣ ошкор кард, ки 250 миллион компютер ва панҷяки шабакаҳои корпоративӣ дар саросари ҷаҳон мубталои ин вирус шудааст.

Дар асоси таҳлили адабиёти махсус оид ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, ақидаву пешниҳодҳои мутахассисони соҳавӣ оид ба таҳияи усулҳои ҳифзи воситаҳои компютерӣ ба хулосае метавон омад, ки намудҳо ва синфҳои нави барномаҳои зараровар ба вуҷуд омадаанд ва онҳо ба ҳеҷ яке аз таърифҳои мавҷуда дохил намешаванд. Чунин барномаҳои имрӯза барномаҳое мебошанд, ки фаъолиятро дар телефонҳои мобилиро қатъ мекунанд, барномаҳо барои паҳн кардани спам, ба истилоҳ, «шпион» ва инчунин барномаҳои махсус барои ташкили «шабакаҳои зарарарасони бо истилоҳ зомби» мебошанд.

Зимнан махсус таъкид дошт, ки дар нақши нишонаҳои иловагии тарафи объективи тарз, олот, восита, ҷой, вақт ва шароит (вазъият) содиршавии кирдор эътироф мегардад. Дар вақтҳое, ки нишонаҳои зикргардидаро муқаррароти ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян мекунад, онҳо ҳамчун нишонаи ҳатмии унсури ҷинояти муайян эътироф мегарданд.

Воситаи содиркунии ҷиноят ин предметҳое мебошанд, ки барои осон гардонидани содиркунии ҷиноят истифода мегарданд, масалан воситаи содиршавии ин ҷиноятҳо, кирмҳои шабакавӣ, вирусҳои файлии классикӣ (яке аз намудҳои барномаҳои зараровар), троянҳо, воситаҳои хакерӣ, барномаи ҷосусӣ ва барномаҳои тамаъҷӯӣ ва рамзшиканӣ.

Аз ин лиҳоз яке аз воситаи содиршавии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) вирусҳои файлии классикӣ ифода мегардад. Ин категория бояд барномаҳоеро дар бар гирад, ки нусхаҳои онҳоро дар таҷҳизоти компютерӣ бо мақсадҳои зерин паҳн мекунанд:

– фаъолсозии минбаъдаи рамзи шумо барои баъзе амалҳои корбар;

– татбиқи минбаъда дар дигар захираҳои компютерӣ.

Мушкилоти асосӣ дар таърифи дақиқи вирус он аст, ки қариб ҳамаи хусусиятҳои фарққунандаи вирус (ҷоришавӣ ба объектҳои дигар, махфӣ, хатари эҳтимолӣ) ба барномаҳои дигар низ хос буда, дорои баъзе аломатҳои фарққунанда мебошанд.

Хусусияти фарққунандаи вирусҳо дар он аст, ки онҳо барои ворид шудан ба компютерҳои дигар захираҳои компютерие, ки барои пайвастшавӣ ба шабака масъуланд, истифода намебаранд. Нусхаи вирус ба компютерҳои дурдаст танҳо вақте мерасад, ки объекти сироятшуда бо сабабе, новобаста аз худи ин вирус, дар компютери дигар фаъол мешавад: ҳангоми сироят кардани дискҳои дастрас вирус ба файлҳои дар захираи шабака ҷойгиршуда ворид мешавад; вирус худро ба васоити нигаҳдории ҷудошаванда ё файлҳои сироятёфтаи он нусхабардорӣ менамояд. Қисмати барзиёди вирусҳо дар худ характерӣ навъҳои дигари нармфазорҳои зараррасонро дорост, бахусус, протсесси backdoor ё қисми троянӣ ҷиҳати нобуд намудани иттилоот дар диск.

**Кирмҳои шабакавӣ.** Зинаи мазкур бояд нармфазорҳоеро фарогир бошад, ки нусхаҳои онҳоро ба воситаи системаҳои алоқаи дохилӣ ва (ё) ҷаҳонӣ (умумӣ) пахш менамояд ва ҳадафҳои зайлро доро аст:

– ҳуҷум ба додаҳои дурдаст;

– нусхагирии маълумотони дар ТИК-ии электронии дурдаст мавҷудбуда;

– расонаи кардани маълумот ба компютерҳои дигари мавҷудбуда.

Ҷиҳати паҳн намудани онҳо, кирмҳои шабака аз шабакаҳои гуногуни техники ва ТИК-ии электронӣ: пайғомрасонҳои электронӣ, низомҳои пайғомнависии таъҷилӣ, мубодилаи файлҳо (P2P) ва шабакаҳои IRC, LAN, шабакаҳои мубодилаи иттилоот миёни сиситемаҳои алоқа ва монанди инҳо, истифода мебаранд.

Қисми зиёди кирмҳои мавҷуда дар намуди файлҳо гурӯҳбандӣ мегарданд: замима ба пайғомрасонҳои электронӣ, истинод ба файли зарардида дар баъзе сарчашмаи WEB ё FTP, дар пайғомрасониҳои TCQ ва lRC, файл дар пояи мубодилавии P2P ва монанди инҳо. Бархе аз кирмҳо ҳамзамон хислатӣ иваз кардани нармфазорҳои зарарасонро дороанд. Бахусус, қисме кирмҳо дорои

функсияҳои троянӣ мебошанд ё метавонанд ба файлҳои иҷрошаванда сироят кунанд, яъне онҳо дорои барномаи троянӣ ва (ё) вируси компютерӣ мебошанд.

**Барномаҳои троянӣ.** Зиннаи баррасишаванда бояд нармфазорҳоеро фаро гирад, ки ҳаракатҳои гуногунро аз тарафи истифодабарандагон беиҷозат иҷро менамояд: ҷамъоварии иттилоот бо интиқоли пайвастаи он ба ҳуҷумгар; таҳрифкорӣ ё иваз намудани он, аз кор баровардани кори ТИК-ии электронӣ, истифода кардани манбаъҳо компютерӣ ба манфиати шахсӣ. Категорияҳои дигари троянҳо мавҷуданд, ки ба компютерҳо ва шабакаҳои дурдаст бе халалдор кардани компютери сироятёфта зарар мерасонанд (троянҳо барои ҳамлаҳои DoS ба захираҳои шабакаи дурдаст пешбинӣ шудаанд).

Барномаҳои троянии «Backdoor» табиатан мураккабсохт буда, барои идоракунии фосилавии компютерҳо дар шабака истифода мешаванд. Аз лиҳози нақшагузорӣ ва ҳадафҳои беруна ва аз бисёр ҷиҳат онҳо низомҳои гуногуни маъмурӣ ва идоракунии компютериро ба ёд меоранд, ки аз тарафи ташкилотҳои гуногуни корбарикунандаи нармфазорҳо эҷод ва паҳн карда мешаванд. Ягона фарқияти он аз барномаҳои «қонунӣ ва ё сертификатсияшуда» мавҷуд набудани огоҳиҳо дар бораи насб ва оғози кор аст. Вақти оғози кор чунин барнома худро дар система насб мекунад ва сипас онро назорат мекунад, дар ҳоле ки ба соҳиби система дар бораи амалҳои барнома дар система ягон паём дода намешавад. Илова бар ин, истиноди барномаи нав дар система метавонад дар рӯйхати барномаҳои фаъол набошад. Дар натиҷа, «соҳиби» чунин барномаи троянӣ аз мавҷудияти он дар система огоҳ набуда, воридшавии барномаҳои зараррасон оғоз мешавад. Воситаҳои идоракунии пинҳон, ки дар компютер насб шудаанд, имкон медиҳанд, ки бо компютер он чизеро, ки ҳамлакунанда пешбинӣ кардааст, иҷро кунед: файлҳоро қабул кунед (фиристед), онҳоро нест кунед, паёмҳоро боз намое, маълумотро тоза кунед, компютерро аз нав фаъол намоед ва монанди инҳо. Заминаи, нармфазорҳои зараррасон ҷиҳати ошкор ва интиқоли маълумоти ба таври махсус ҳимояшаванда, таҳия намудани

вирусҳо, нест намудан, аз кор баровардан ва иваз намудани иттиоот истифода шаванд, чунки компютерҳои «зарардида» ҷиҳати кирдорҳои ғайриқонунии хакерҳо кушодаанд.

**Утилитҳо ва дигари нармфазорҳои зарарасон.** Зинаи мазкур дарбаргирандаи:

– утилитҳои автоматикунонии эҷоди вирусҳо, кирмҳо ва троянҳо ва захирагоҳи нармфазоре, ки ҷиҳати омода намудани коди зарарасон муқаррар гардидааст;

– утилитҳо ҷиҳати махфинок намудани рамзи файлҳои зарардида аз сканкунии зиддивирусҳо;

– нармфазорҳое, ки ба соҳиби компютер оиди ҳаракатҳои худ дар низом иттилоъи бардурӯғ пешниҳод мекунад;

– нармфазорҳои зарарасони дигаре, ки бо ин ё он роҳ қасдан ба компютерҳо ва (ё) системаҳои компютерӣ зарари мустақим ё ғайримустақим мерасонанд.

**Барномаи ҷосусӣ.** Барномаи ҷосусӣ як навъи барномаи зараровар аст, ки вориди дастгоҳ гардида, фаъолиятро назорат мекунад ва маълумоти заруриро, аз қабили маълумоти молиявӣ, ҳисобот, маълумоти воридшавӣ ва дигар маълумотро фарокаш менамояд. Барномаи ҷосусӣ метавонад тавассути осебпазирии барномаи дахлдор, ки бо барномаҳои қонунӣ ё як қисми троянҳо паҳн шавад. Он навъҳои зиёд дорад: CoolWebSearch осебпазирии амниятии Internet Explorer-ро барои рабудани браузер, тағйир додани танзимоти он ва сипас ба ҳамлагарон фиристодани маълумот халалдор менамояд. ator – одатан бо барномаҳои мубодилаи файлҳо, аз қабили Kazaa насб карда шуда, назорат мекунад, ки корбарон дар Интернет ба чӣ таваҷҷуҳ доранд ва иттилооти гирифташударо барои нишон додани таблиғоти мушаххас истифода мебарад. Яке аз намудҳои барономаи ҷосусӣ ин Keyloggers мебошад, ки тавассути он фаъолияти корбаронро назорат мекунанд. Онҳо метавонанд ба таври қонунӣ истифода шаванд, масалан, волидон метавонанд онҳоро барои назорат кардани фаъолияти онлайнии

кӯдакон истифода баранд ва ширкатҳо метавонанд фаъолияти кормандонро пайгирӣ кунанд. Бо вуҷуди ин, хакерҳо метавонанд онро барои дуздии паролҳо, тафсилоти бонкӣ ва дигар маълумоти ҳассос истифода баранд. Keyloggers тавассути барномарезиҳои махсус ё зеркашиҳои зараровар ба система ворид шаванд. Ба таври мисол, соли 2017 як донишҷӯи Донишгоҳи Айова барои насби он ба компютерҳои кормандон бо мақсади дастрасӣ ба маълумотномаҳо ва иваз намудани баҳоҳо боздошт шуд. Донишҷӯй барои ин амали ғайриқонунӣ чаҳор моҳ зиндонӣ гардид.

**Барномаҳои тамаъҷӯӣ ва рамзшиканӣ** – нармфазори зараррасонест, ки дастрасии истифодабарандагоро ба низом ва иттилооъ то хотимаи пардохти электронӣ, махсусан биткоин (асъории электрони байналмилалии), манъ мекунад. Барномаҳои тамаъҷӯӣ ва рамзшиканӣ солҳои зиёд боз барои ширкатҳо хатар эҷод менамояд. Вақте ки ширкатҳои бештар ба шакли фаъолияти рақамӣ мегузаранд, имкони қурбонии чунин ҳамлаҳо шудан ба таври назаррас меафзояд. Намунаҳои барномаҳои тамаъҷӯӣ ва рамзшиканӣ Crypto Locker мебошад. Он як барномаи зараровар аст, ки солҳои 2013 ва 2014 паҳн шуда, аз ҷониби ҳамлагарон барои дастрасӣ ва рамзгузории файлҳо дар система истифода мешавад. Барномаи зикргардида тавассути методи муҳандисии иҷтимоӣ васеъ гардид ва боиси гумроҳ кардани истифодабарандагон гардида, иттилоъи суҳимро ба компютерҳои хеш ворид менамоянд, ки ин боиси паҳншавии барномаҳои зараррасон дар тамоми шабака гардид. Пас аз зеркашӣ, CryptoLocker паёмро мефиристад, ки шумо бояд ба он пули нақд гузаронед ва ё бо биткоин пардохтро амалӣ сохта, рамзкушоӣ кунед. Барномаи CryptoLocker дигар истифода намешавад, аммо гумон меравад, ки ҳамлагарон аз ширкатҳои қурбоншуда тақрибан 3 миллион доллар ба даст овардаанд.

Аз ин гурӯҳи ҷиноятҳо танҳо он мавриде дар асоси қонуни ҷиноятӣ баррасӣ мешавад, ки дар он маълумот боздошта шудааст ва ё ба он тағйирот ворид карда шудааст. Барномаҳои зараровар, ки гурӯҳи сеюмро ташкил медиҳанд, ба таъмини дастрасии ғайриқонунӣ ба захираҳои иттилоотии шахсони дигар нигаронида

шудаанд (барномаҳои троянӣ метавонанд ҳамчун намунаи маъмулии чунин барномаҳо хизмат кунанд). Барномаҳои зараровар, ки дар асоси м. 303 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб мегардан, ба таснифи 2-юм шомиланд.

Дар асоси ин гурӯбандӣ роҳҳои маъмултарин паҳн гардидани барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS–ро метавон дар чунин шакл тасниф намуд:

**Почтаи электронӣ.** Ҳангоми шикастани пайғомрасонӣ электронӣ, нармфазорҳои зараррасон имконият доранд, ки аз нишонии шумо бо замимаҳои зарардида ё истинод ба вебсайтҳои зараровар пайғом равон намоянд. Вақте ки тарафи қабулкунанда замимаро мекушояд ё силкаро фурӯкашӣ менамояд, барномаи зараровар вориди компютери онҳо мешавад.

**Паҳнкунандагони воқеӣ.** Ҳамлагарон метавонанд барномаи зарароварро ба дискҳои USB зеркашӣ кунанд ва интизор шаванд, ки истифодабарандагон онҳоро ба компютер пайваст кунанд. Ин усул аксар вақт дар ҷосусии корпоративӣ истифода мешавад.

**Равзанаҳои гардон.** Ин усули паҳнкунии барномаи зараровар дорои огоҳиҳои бардурӯғи амниятӣ мебошад. Онҳо фарокашии барномаҳои бехатариро пешниҳод мекунанд, ки баъзан он метавонад зараровар бошад.

**Осебпазириҳо**. Камбудиҳо дар амнияти система боиси воридшавии барномаи зараровар ба компютер, таҷҳизот ё шабака гарданд.

**Равзанаҳои пӯшида**. Барқасдона ё тасодуфан пайдо шудани норасоиҳо дар барнома, шабакаҳо ё системаи амниятии компютерӣ.

**Воридшавии барномаҳои зараровар** тавассути фарокашии пинҳонӣ. Фарокашии барнома бо огоҳии корбар ва ё бидуни он.

**Роҳёбии бемонеа.** Ин ҳолатес, ки ҳамлагарон ба компютер ё шабака дастрасии васеъ пайдо мекунад ва сипас аз он истифода мебарад.

**Ҳамнавъӣ**. Агар ҳамаи системаҳо дар доираи як система амалиётиро идора кунанд ва ба як шабака пайваст шаванд, хатари паҳншавии кирмҳо ба компютерҳои дигар меафзояд.

**Таҳдидҳои якҷоя.** Бастаҳои барномаи зараровар, ки хусусиятҳои намудҳои гуногуни барномаи зарароварро муттаҳид намуда, дар ин замина ошкор ва бартараф кардани онҳо душвор мегарданд, зеро онҳо метавонанд осебпазириҳои гуногунро истифода баранд.

Аз гурӯҳбандии мушаххасӣ дар боло зикогардидаи нармфазорҳои зараррасон мо аз ҳудуди пешбини кардаи Кодекси ҷиноятӣ берун нарафтем, зеро дар тафсирҳои қонунгузории ҷиноятӣ моҳияти вируси компютерӣ, кирмҳо, барномаи троянӣ пешбини ва муайян гардидаан. Махсус иброз менамоем, ки сохтроҳои қудрати бояд моҳияи нармфазори зараррасонро, ки дар м. 303-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарар гардидааст ё дар дигар санади қонунгузорӣ, чунончӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар борали иттилоот» ва дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ва ҳифзи иттилоот», моддаи 2-юми он «Мафҳумҳои асосии дар Қонуни мазкур истифодашаванда» инъикос ёфтаанд, пурра дарк намоянд.

Заминаи таъсиргузории нармфазорҳои зараррасон на фақат ба кори компютерҳо, на сонияи василаи телекоммуникатсионӣ ба шаклҳо асаргузории эҳтимолии ғайриқонунӣ, ки дар замони муосир арзи ҳасти дорад ва дар Кодекси ҷиноятӣ пешбини нагардидааст, мутобиқат намекунанд. Ба ин хотир, бо ба инобат гирифйани андешаҳои ироагардида, мо мафҳуми зайли барномаи зарароварро мувофиқи мақсад медонем:

Барномаи зараровар барномаҳоеан, ки дар шакли махсус бо намудҳои гуногуни забони барномасозӣ омода гардида, коркард ва инишордиҳии онҳо дар низоми маълумотдиҳи ё додаҳо ва ТИК-ии электронӣ муҷибӣ таъсири ғайриқонунӣ ба маълумот ва (ё) ба техникаҳои гуногун ё алоқа боис мешавад, ки дар ғайриқонунӣ нобуд кардан, нусхагири намудан, аз кор баровардан, нест кардан, таҳрифи маълумот ва ё аз бо монондани низомии кории дастгоҳҳои зикршуда, ки соҳиби қонунӣ муқаррар кардааст, ифода мешавад.

Дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерии истифодаи умум, яъне иттилооти бо қонун ҳифзнашуда, ки ба доираи номаҳдуд нигаронида

шудааст, аломатҳои ҷинояти мавриди назарро ташкил намекунад. Аз ин сабаб, ҳангоми пайвастшавии ғайриқонунӣ ба Интернет хатогиҳои зиёд рух медиҳанд. Таснифи ин амалҳо дақиқкориро талаб менамояд. Ба таври миисол, шаҳрванд З. бо истифода аз сервери «Эликом» бо ном ва пароли ширкати «Микст» ғайриқонунӣ ба шабакаи компютерии интернетӣ ворид шуда, парвандаҳоро нусхабардорӣ намудааст. Дар рафти тафтишот дар кирдори З. ягон аломати ҷиноятӣ ошкор карда нашудааст, зеро маълумоти воридшудаи ӯ дар файлҳои муҳофизатнашудаи шабакаи Интернет буда, онҳо аз ҷониби қонун ҳифз карда намешаванд. Аз ин рӯ, баррасии парвандаи мазкур қатъ карда шуд. Дар ин маврид муфаттиш эҳтимолияти дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти компютерии бо қонун ҳифзшавандаро, ки дар сервери «Эликом» ҷойгир аст (рӯйхати корбарони бақайдгирифташуда, ки тавассути ин сервер ба рамзи онҳо дастрасӣ доранд) пурра пайгирӣ накардааст[305]. Дар бандубасти ин кирдор тибқи боби 28-ум, моддаи 298-303 душворӣ пеш меояд. Аз ин рӯ, шумораи ҷиноятхое, ки дар ин модда ба қайд гирифта шудаанд, нисбат ба шумораи ҷиноятхое, ки дар банди моддаи ироа гардида сабт шудаанд, зиёд аст. Аз ҳамин сабаб дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти компютерӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла, криминалистӣ, таҳлил карда мешавад. Ҷиноятҳои тибқи моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасишаванда иҷрои ақаллан яке аз амалҳои зеринро дар бар мегирад: омоданамоии барномаҳои зараровар барои компютерҳо; дохил кардани тағйирот ба барномаҳои мавҷудаи компютерӣ; истифода ё паҳн намудани барномаҳои компютерии зарарасон. Дар содир намудани ин навъи ҷиноятҳо аломатҳои махсус мавҷуданд. Барои рӯшанӣ андохтан ба моҳияти ҳуқуқии ин раванд зарурати баррасии муфассали ин амалҳо пеш меояд, ки онро ба таври зайл тавсиф менамоем:

Таҳияи барномаҳои зараровар барои компютерҳо. Барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, барнома бояд хусусияти зараровари дошта бошад.

---

[305] Ниг.: Гаврилин Ю.В., Головин А.Ю., Кузнецов А.В., Толстухина Т.В. Преступления в сфере компьютерной информации: квалификация и доказывание: учебное пособие / Под ред. Гаврилин Ю.В. – М.: Книжный мир, 2003. – 245 с.

Мафҳуми ягонаи меъёрӣ дар қонунгузорӣ вобаста барномаи зараровар вуҷуд надорад, ки ин омил бешубҳа дар амалияи татбиқи ҳуқуқӣ ба омилҳои субъективӣ оварда мерасонад. Чунин таърифро тавре зикр намудем, мо танҳо дар Созишномаи ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати муқовима бо кирдорҳо дар самти иттилооти компютерӣ мушоҳида намудем (Минск, 1 июни соли 2001), аммо аз қаубли ин санад ҳоло чандинсолҳо сипари гардиааст ва моҳияти мафҳуми оварда шуда дар ин санади байналмилалӣ такмилро талаб менамояд . Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна барномаи дорои ноқисиҳо (ё нодуруст истифода бурдани он) метавонад ба оқибатҳои номусоид оварда расонад. Дар ҳамин ҳол, тибқи маълумоти аз амалия бадастомада ҳама гуна барномаҳо дар 1000 рамзгузории худ то 5 хатогӣ доранд ва агар барои ин хатогиҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ муқаррар шаванд, пас раванди фаъолияти барномасозӣ заъф дида, он оқибатҳои манфиро ба миён меорад.

Ба назари мо чунин таъриф моҳияти илмии ин мафҳумро пурратар ифода менамояд: «Барномаи зараровар барномаи махсус таҳиягардида (офаридашуда) мебошад, ки пас аз пайдоиши имкони назорати амалҳои беиҷозати корбар ба соҳиб ё соҳиби иттилоот, инчунин ба дигар ашхос дар шакли нобудсозӣ, манъ кардан, тағйир ё нусхабардории иттилоот, вайрон кардани компютер, низоми компютерҳои системавӣ ё шабакаҳои онҳо зарар ворид намояд»[306].

Дар ин хусус манбаъҳои дигар тавзеҳоти дигар медиҳанд. Зараррасон будан ва ё бамавридии нармфазорҳои компютериро на вобаста ба таъинот, имконияти нобуд сохтан, иваз кардан, нусхагирии маълумот муқарар менкунанд, балки вобаста ба он ки оё аз амали онҳосоҳиби маълумот огоҳии пешакӣ дорад, ҳамзамон иттилооти соҳиби компютер ё дигар корбарони қонунӣ оиди хислатҳои нармфазор ва дигар ин ки, гирифтани розоияти ӯ

[306] Ляпунов Ю.И., Пушкин А.В. Преступления в сфере компьютерной информации / Уголовное право. Особенная часть / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – 768 с.

ҷиҳати татбиқи мақсади нармфазор бозгӯӣ мегардад. Вайрон кардани яке аз ин талабот барномаро зараровар месозад.

Ҳамин тариқ, печида шудани мафҳумҳо ба мисли барномаи «зараровар» ва «вирусӣ» боиси омехта шудани аломатҳои тарафи объективии ҷиноят мегардад, ки имкони беҷазо мондани эҷод, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зарароварро барои компютерҳое, ки аз рӯйи хусусиятҳои сифатии худ осебпазири вирусӣ нестанд, ба вуҷуд меорад. Дар адабиёт андешаи возеҳе вуҷуд надорад, ки оё «крэкҳо», ки ҳадафашон аз байн бурдани муҳофизат аз маҳсулоти барнома аст, метавон барномаи зараровар ҳисобид. Истифодаи чунин барнома, албатта, ба ҳуқуқи муаллифии дар барнома ҳифзшуда зарар мерасонад, аммо он ба меъёрҳои дар боло зикршуда ҷавобгӯй нест. Илова бар ин, истифодаи «крэк» боиси оқибатҳои пешбинӣнамудаи моддаи 303 намегардад. Аз ин рӯ, «крэкҳо» (инчунин, масалан, барномаҳои автоматии мансуб ба рамзгузориҳо ва ғайра) дар содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 303 ё 156-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, инчунин тайёрӣ ба содир намудани ин ҷиноятҳо танҳо як восита ҳисобида мешаванд.

Кирдорҳои мутобиқи моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷиноятҳои дорои таркиби расмӣ алоқамандӣ пайдо кунад ҳам, дар ин хусус андешаи олимонро дар як сатҳ намебинем. Тавре ки маълум аст, сохторҳои таркибии ҷинояти расмӣ бо якчанд сабабҳо ифода карда мешаванд: ё худи кирдор аллакай барои объекти муҳофизатшаванда аз ҷиҳати иҷтимоӣ он қадар хатарнок аст, ки барои таснифи чунин кирдор зарурати фарорасии оқибатҳои он лозим бошад ва ё оқибатҳои он гуногунанд, ки онро дар қонун пешбинӣ ва ифода кардан то андозае ғайриимкон мебошад.

Дар доираи барномаи зараровар мавҷудияти се сабабро ба таври возеҳ бояд пайгирӣ намуд:

– барномаҳои зараровар, ки ба таври пинҳонӣ паҳн карда мешаванд ва онҳо ба иттилооти компютерӣ таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, онҳоро тибқи

сарчашмаҳои муътамади қонуни ҷиноятӣ метавон дорои хатарҳои бузург ҳисобид;

– барномаҳои зараровари навъи троянӣ хусусияти хос доранд – онҳо пас аз як муддати номуайян фаъол мешаванд ва танҳо барои амали гаштани мақсадҳои эҷодкори он истифода мешаванд, инчунин хусусияти зарарноки онҳо вақте ошкор карда мешавад, ки дар ин маврид дастгир намудани ҷинояткор ғайриимкон буда, ин кирдорҳо аз доираи қонун берун мемонад. Бар зами ин, нармфазори зараррасон бисёр вақт дар шабакаҳо фаъолият менамояд ва назорати ҳудуди чунин фаъолияти манфӣ ғайриимкон эътироф мешавад;

– васеъшавии чунин нармфазорҳо дар рӯйи сайёра бо он маънидод мегардад, ки зарари онҳо метавонад ба амнияти ҳамаи мамлакатҳо хавфи бузургро ба бор орад[307].

Бо дарназардошти ин, таснифоти ин навъи кирдорҳо ва қабули саривақтии қарори дурусти қонунгузор, ки ин дар моддаи 303 КҶ ҶТ инъикос ёфтааст, барои рафъи мушкилот замина фароҳам меорад. Андешаи олимон равшаниандози масъалаҳои баҳсталаб аст. Ю.И. Ляпунов ин равандро чунин тавсиф менамояд: «кирдор ... танҳо вақте ҷиноят ҳисобида мешавад, ки он ба таври воқеӣ таҳдиди беиҷозат нобуд кардан, қатъ намудан, тағйир додан ва ё нусхабардории маълумотро ба вуҷуд оварда бошад. Дар акси ҳол, амали шахс барои таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зарароварро наметавон ҷиноят ҳисоб кард»[308]. Аз ин рӯ, амали шахс дорои аломатҳои ҷиноятӣ набуда (қисми 2 моддаи 14 Кодекси ҷиноятӣ), таснифоти он мушкилӣ ба миён меорад.

---

[307] Ниг.: Журнал eWEEK» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: hUp://www.eWEEK.com/arLide2/1925600.asp. – Большое жюри суда Сиэтла решило начать рассмотрение дело 20-летнего калифорнийца Кристофера Максвелла (санаи муроҷиат: 13.12.2023). Шаҳрванд дар сохтан ва истифода намудани барномаҳои «зомби (карахтӣ, шахшуда)» ва бо он алоқаманди аз кор баровардани шабакаҳои компютерии яке аз беморхонаҳои шаҳрии Сиэтла дар моҳи январи соли 2005 айбдор дониста мешавад. Муфасал ниг.: Шабакаи интернетии «The Register» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: littp://www.tlieregister.co.uk/content/ 56/32425.html.Kevin Poulsen (санаи муроҷиат: 13.12.2023); «Slammer worm crashed Ohio nuke plant net» – Ба барномаҳои дохилии зеристгоҳи атомии ш. Огайо вируси кирмаки Slammer ворид гардид ва дастгоҳи идоракунандаи вазифавии онро аз кор баровард. Бо баробари ҳуҷум намудани кирмак минбаъд ду зеристгоҳе, ки мониторинги нишондодҳои зеристгоҳи атомӣ ва ҳолати идоракунии онро амалӣ менамуданд, аз кор бозмонданд. Гарчанде ки барои ҳар ду зеристгоҳ шакли якхелаи иловагӣ мавҷуд буд, ки вирус ба онҳо таъсир расонида наметавонист, аммо дастрас набудани хадамоти маъмулии рақамӣ кормандони зеристгоҳро тули панҷ соат дар ҳолати ҳассос қарор дод.

[308] Уголовное право: учебник / Под ред. д.ю.н., проф. Н.И. Ветрова, д.ю.н., проф. Ю.И. Ляпунова. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юриспруденция, 2005. – С. 600.

Ҳангоми таҳлили тарафи объективии ҷиноят, ки дар роҳандозии чунин кирдорҳо – барномаҳои зараровар чанд омилро бояд мадди назар гирифт. Дар ин раванд суоле пайдо мешавад, ки чунин раванди ҳуқуқӣ то чӣ андоза асоснок аст, яъне дар ҳар сурат бо боварӣ метавон иброз кард, ки шаклҳои гуногуни омода кардан ё иваз намудани нармфазорҳои мавҷуда, ки дидаю дониста боиси беиҷозат нест намудан, дастраскунии маҳдуди иттилоот, дигаргун сохтан ё нусхагирии маълумот мегардад, бояд ҳамчун ҷиноят эътироф шаванд? Ҳамин тариқ, баъзе коршиносон барномаҳои зарароварро дар асоси хусусиятҳои онҳо вобаста ба ҳадафи таҳия барнома ва оқибатҳои амали он ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: сирояткуниҳои «безарар», «сирояткуниҳои хатарнок» ва «сирояткуниҳо тавассути воридшавиҳо».

В.Ю. Максимов оиди ин масъала, «аз рӯйи дараҷаи хавфнокии нармфазорҳои зараррасон ба на он қадар хавфнок ва хеле хатарнок ҷудо карда мешава»[309]. Бо ба инобат гирифтани барои ҷамъият хавфнокии онҳо В.В. Крилов бар он андеша аст, ки «зараррасониҳо ба василаи дохил гардидан ба додаҳо» иттилоотро тамоман нест намегардонад, дастрасиро ба он маҳдуд намекунад, ба кори компютерҳо, низоми кории он ё шабакаҳои алоқа монеа таҳия намекунад.

Дар даҳсолаи охир ба иттилооти компютерӣ, амнияти системаҳои компютерӣ ва шабакаҳои интиқоли маълумот бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Масъалаи асосии ҳифзи иттилоот дар компютер ба барномаи махсус – ба истилоҳ барномаҳои антивирусӣ алоқамандӣ дорад. Дар шароити ҳозира қисми барзиёди ташкилотҳо ба мисли, DrWeb, Eset Nod32, Panda Antivirus, Symantec Antivirus, Trend Micro, BitDefender, мавҷуданд, ки марбути барномаҳои муҳофизатӣ буда, аз рӯйи хусусияти фаъолияти худ ҳамаи ин ширкатҳо мустақиман метавонанд барномаҳои мавҷудаи зарароварро таҳия ва ё тағйир диҳанд. Аммо онҳо ҳадафҳои таъмини амниятиро пайгирӣ мекунанд, ҳарчанд аз нуқтаи назари Кодекси ҷиноятӣ дар фаъолияти онҳо аломатҳои таркибии (расмии) ҷиноят тибқи моддаи 303-и Кодекси ҷиноятӣ мушоҳида мегардад.

[309] Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – С. 123; Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная: учебник / Под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М., 1999. – С. 658.

«Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 07.11.2003 ва Консепсияи сиёсати давлатии иттлоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2008. ки аз тарафи Президенти ҶТ тасдиқ гардидааст, танзимкунандаи васеи ин муносибатҳо ва мубориза бар зидди чунин кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок мебошанд.

Ҷиҳати дастболо гардидан ба ин мақсадҳо мувофиқи мақсад аст, ки бехатарии низоми маълумотдиҳи, бахусус ТИК-ии электронӣ, пеш аз ҳама бехатарии додаҳо ва низоми маълумотдиҳии сохторҳои қудратӣ, мақомоти давлатии субъектҳои мамлакат, ҷанбаҳои молиявию қарздиҳи, самҳои фаъолияти иқтисодӣ, ҳамзамон низомҳо ва воситаҳои маълумоткунонии аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, низоми фармондиҳии кушунҳо, самтҳои аз лиҳози экологӣ хавфнок ва аз лиҳозӣ иқтисодӣ мубрам; инкишофи истехсоли ватании воситаҳои техникӣ ва ҳифзи ахбор, усулҳои назорати самаранокии онҳо; ҳифзи маълумоти дорои сирри давлатӣ хуб ба роҳ монда шавад.

Хуллас, омода кардани нармфазорҳои махсусе, ки дар баробари омилҳои зараррасониро доштан метавонад дар ҳимояи маълумот, мониторинги самаранокии ҳимояи маълумот, ҳамзамон ҷиҳати ба амал барории амалиёти зиддитеррористӣ ба кор бурда шаванд.

Технологияҳои нави иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ дар доираи васеъ ба таври фаврӣ назорат карда шаванд. Таҷрибаи хадамоти махсуси ИМА, ки дорои «Oasis» (СРУ) ва «Magic Lantern» (ФБР) мебошанд, моро водор месозад, то аз унсурҳои нави барномасозӣ самаронок истифода намоем. Ин системаҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо мубодилаи иттилооти гурӯҳҳои ҷиноятӣ назорат карда шавад, балки компютерҳои гумонбаршудагонро ба таври «хакерӣ» бо истифода аз барномаҳои махсус пайгирӣ намоем. Дар мавриди «Magic Lantern» «(«Фонуси сеҳрангез») метавон гуфт, ки кормандони амниятии ФБР метавонанд маълумоти бо рамз басташударо аз компютерҳо метавонанд бихонанд. То имрӯз дар ихтиёри ин мақомоти амниятӣ танҳо барномаи Carnivore мавҷуд буд, бар муқобили ҷинояткорон ба таври васеъ дар ҳифзи иттилоот истифода бурда мешуд. Дар рафти фаъолияти худ «Magic

Lantern» дар компютер барномаеро насб мекунад, ки аз ин рӯ метавон тамоми маълумоти воридшударо муайян кард, ҳатто агар он рамзгузорӣ шуда бошад. Барномаи «Magic Lantern» ба воситаи почтаи электронӣ ин амалҳоро роҳандозӣ мекунад. Бо дарназардошти ин омилҳо тибқи нишондоди ФБР истифодаи «Magic Lantern» ба ҳама меъёрҳои конститутсионӣ мувофиқат мекунад ва ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ва сирри тиҷоратиро он поймол намекунад[310].

Барномаи зараровар яке аз барномаҳои гуногуни компютерӣ ба шумор меравад. Татбиқи назарияи мантиқӣ, ки хулосаҳоеро ба таври муназзам амалӣ месозад, вобаста ба раванди корбурди барномаҳои зараровар метавон ба таври зайл ҳукм баровард: «барномаи компютерӣ маҳсули эҷоди инсон аст»[311]. Танзими ин раванд дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Агар барномаи зараровар барнома набошад, он гоҳ моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар принсипи манъсозии онҳо татбиқ карда намешавад. Албатта, ин хусусиятҳои баҳсталаб бо мазмуну мундариҷаи худ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзан мухолифатро ба миён оварда, барои рафъи ин мушкилот танзимоти ҳуқуқӣ бояд роҳандозӣ гардад.

Таҳия, илова кардан, нест кардан, такрор кардани як қисми рамзи барнома ва дигар тағйиротҳо – рӯйхати нопурраи тағйиротҳое, ки метавонанд ба барномаи мавҷуда ворид карда шаванд, аз ҷумла таснифи хусусиятҳои зараровар дар ин раванди иттилоотиву техникӣ бояд ба танзим даровара шаванд. Баъзе олимон ба он андешаанд, ки вақте аз барнома омилҳои зараровар хориҷ карда шавад, истифодабарандагони он ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Дар айни замон, вақте ки ба барномаи мавҷудаи зараровар тағйирот ворид карда мешавад, он метавонад тамоми хусусиятҳои зарарноки худро аз даст надиҳад. Бо дарназардошти омилҳои зиёд ин кирдорроо амали ҷиноятӣ наметавон ҳисобид, зеро ба барномаи мавҷуда хусусиятҳои зараровар ворид карда нашудаанд, аз тарафи дигар, чунин тағйиротро метавон бо мақсади такмил додани сохти барнома амалӣ сохт.

---

310 Ниг.: Черкасов В.Н. Информационные технологии и организованная преступность / В.Н. Черкасов // Преступность и корупция: современные российские реалии. – Сратов, 2003. – С. 144-146.

311 Лукасевич Я. Аристотелевская силлогистика с точки зрения современной формальной логики / Я. Лукасевич. – М.: Издательство иностранной литературы, 1959. – 312 с.

Раванди барномасозӣ, яъне таҳияи барнома, як раванди эҷодӣ буда, аксаран тавассути ворид намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда сурат мегирад. Таҳияи барнома тавассути ворид кардани тағйирот ба барномаи мавҷуда бо нигоҳ доштани вазифаҳои аслии он ё нигоҳдошти хусусиятҳои дигари он амалӣ карда мешавад.

Манъи ҳама гуна барномаҳои зараровар бо дарназардошти мансубияти он ба истифодаи силоҳ ва дигар объектҳои хатарнок тибқи Қонун набояд амалӣ гардад, зеро ин омил метавонад боиси қатъ гардидани корҳои илмӣ ва тадқиқотӣ гардад. Ин нуктаи муҳимро В.Ю. Максимов[312] қайд намуда, ба андешаи олим «набояд корбурди барномаҳои зараровroutarро ба таври қотеона манъ кард, ин барномаҳоро бо мақсадҳои манфиатовар дар муносибатҳои иҷтимоӣ метавон истифода намуд[313]. Бо дарназардошти ин омилҳои мо чунин мешуморем, ки дар оғози моддаи 303 КҶ ҶТ истифодаи калимаи «Ғайриқонунӣ» ба маврид буда, дар ин замина меъёрҳои ҳуқуқӣ дар раванди чунин муносибатҳо дақиқ ба танзим дароварда мешаванд

Лозим ба таъкид аст, ки таҳияи барномаҳои зарароварро метавон омили пайдоиши хавф дар муносибатҳои иҷтимоӣ шумурд, зеро онҳо ҳатто бо зуҳуроти муқаррарии худ ҳамеша ҳуқуқи истифодабарандаи иттилоотро ба дахлнопазирии он поймол мекунанд ва илова бар ин, метавонанд барои фаъолияти ҷинояткорон замина ба миён оранд. Аз амалияи татбиқи ҳуқуқӣ бармеояд, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандоне, ки ба тиҷорати дискҳои дорои барномаҳои зараровар машғуланд, падида маъмул аст.

Бо дарназардошти хусусияти ин барномаҳои зараровар зарурати таснифи гурӯҳии онҳо пеш меояд. Ба таври мухтасар хусусияти баъзе аз ин барномаҳоро бозгӯӣ менамоем. Яке аз ин барномаҳо ҳамлаи DoS (калимаи англ. Denial of Service «қатъсозӣ дар хизматрасониҳо) мебошад, ки тавассути ҳамлаи хакерӣ ба системаи ҳисоббарорӣ бо мақсади қатъи дастрасии истифодабарандагон ба серверҳо ба роҳ монда мешавад. Қатъсозии система метавонад як қадами азхудкунии он бошад

[312] Ниг.: Максимов В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1998. – С. 92.

[313] Ниг.: Соловьёв Л.Н. Расследование преступлений, связанных с созданием, использованием и распространением вредоносных программ для ЭВМ: автореф. дис. … канд. юрид. паук. – Москва, 2003. – 28 с.

(агар дар ҳолати фавқулодда барнома ягон маълумоти муҳимро диҳад – масалан, мазмун, қисми рамзи барнома ва ғайра). Аммо аксаран ин раванд хусусияти иқтисодӣ дорад: аз даст додани хидматгузориҳо, ки даромад меорад ва чораҳои пешгирӣ аз ҳамла зарари иқтисодиро ба миён меорад[314].

Ҳамлаи DoS як ҳамлаи хакерӣ ба системаи ҳисоббарорӣ бо мақсади ба шикастани он, яъне фароҳам овардани чунин шароите мебошад, ки дар он корбарони система ба захираҳои (серверҳои) система дастрасӣ надоранд ва ё дар ин дастрасӣ душворӣ ба миён омадааст[315]. Дар ин маврид ҳамлаҳои DoS вобаста ба хусуситяи худ ба моддаҳои 300-303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд.

Дар даврони муосир барои истифодабарандагон муайян намудани ҳамлагарон дар системаи компютерӣ хеле душвор аст. Ҳамлаи DoS яке аз маъмултарин ва хатарноктарин ҳамлаҳои шабакавӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути он қатъсозии хизматрасониҳо ба амал меояд. Оқибати чунин ҳамлаҳо ба қатъи фаъолияти система ва зарари бузурги иқтисодӣ боис мешавад. Воқеан, ҳамлаҳои DoS хидматрасонии қонунии корбарони, шабакаҳо, системаҳо ва дигар захираҳоро халалдор мекунад ва ё онро комилан қатъ месозад. Ҳадафи ҳамлаи DoS ин қатъи системаи компютерӣ, яъне ба вуҷуд овардани ҳолатест, ки соҳиби компютер имкони мубодилаи иттилоот бо ҷаҳони берунаро аз даст медиҳад. Ҳамлаҳои DoS дар он маврид барқасдона сурат мегиранд, ки корбар ба таври ғайриқонунӣ ва барқасдона мақсади азхудкунии захираҳои системаро дошта бошад. Маъмулан, ҷиҳати сомон додани чунин ҳаракатҳо, нармфазорҳои махсуси зараровар (лаҳҷавӣ «бот») истифода мешавад, ки ба компютер ба василаи шабака ба мисли аспи троянӣ махфи ворид мешавад. Компютере, ки бот ба он насб шудааст, инчунин мошини зомби номида мешавад. Шабакаи «мошинҳои зомби» низ ботнет номида мешавад. «Мошинҳои зомби» аз ҷониби ҷинояткорон ба таври фосилавӣ идора карда мешаванд. Таҳиягарони ботнет аксаран онҳоро барои паҳн кардани паёмҳои махсуси мақсаднок истифода менамоянд, яъне ботнетҳо барои тамаъҷуии

---

[314] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/DoS (санаи мурочиат: 15.06.2023).

[315] Ниг.: DoS-атаки // Википедия – свободная энциклопедия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/DoS-атака (санаи мурочиат: 15.05. 2023).

онлайнӣ (яъне тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ) ба кор бурда мешаванд. Ҷинояткорон аз соҳибони тиҷорати онлайнӣ маблағ талаб мекунанд ва дар сурати пардохт накардан онҳо ба сервери тиҷоратӣ ҳамлаҳои DoS-ро ташкил мекунанд .

Ҳамин тавр дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ин раванд метавон навъҳои зерини ҳамлаҳои DoS-ро тасниф намуд:

– пуррасозии фазои холигӣ – таҳия ва фиристодани шумораи зиёди дархостҳо (флуд)[316];

– ping-флуд – пурсозии фазои холимонда бо дархостҳои ping;

– ҳамлаи смурф;

– ҳамлаи навъи Fraggle;

– SYN-флуд;

– таъсиси пайвасти навъи TCP;

– норасоии захираҳо – пурборсозии зиёди протсессор;

– интиқоли бастаҳои «мураккабсохт» – фиристодани бастаҳо, ки коркарди онҳо тамоми вақти CPU-и серверро мегирад;

– ҷамъшавии шумораи зиёди файлҳои дар диски асосии сервер;

– низоми номукаммали ғунҷишӣ;

– санҷиши ғайриқаноатбахши маълумоти корбар;

– ҳамлаи навъи дигар;

– хатогиҳои барномасозӣ – навиштани барномаҳои махсус барои ҳамла ба системаҳои компютерӣ;

– камбудиҳо дар рамзгузории барнома – ҷустуҷӯи хатогиҳо дар рамзгузории барнома ва фармон барои коркарди системаи чунин ҳолатҳое, ки аз уҳдаи он баромада наметавонанд;

– пурсозии буферӣ;

– ҳамлаҳои навъи DNS[317].

---

[316] Ниг.: Флуд – фиристонидани паёмҳои каммазмун ва ба мавзуи интернет-форум ё суҳбат алоқаманднабуда, тавассути шабакаи интернетӣ бо шумораи зиёди дархостҳо мебошад, ки барои аз кор боз монадани системаҳои компютерӣ равона гардидааст.

[317] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.seonews.ru/glossary/dos-ataka (санаи муроҷиат: 15.06.2023).

Дар асоси таснифоти дар боло ишорашуда ду роҳи асосии амалисозии ҳамлаҳои DoS-ро метавон фарқ кард:

**Якум,** усули мантиқӣ, яъне истифодаи осебпазирии барномаи дар компютери ҳамлашуда насбшуда мебошад. Осебпазирӣ имкон медиҳад, ки хатогии муайяне ба вуҷуд оварда шаванд ва ин боиси вайрон шудани система гардад. Ин ҳамлаҳо заъфҳои системаҳои мавҷуда, барнома, протсессорҳо ва микросхемаҳои барномарезишавандаро ҳадаф қарор медиҳанд.

**Дуюм,** фиристодани миқдори зиёди бастаҳои иттилоот ба компютери ҳамлашуда мебошад, ки он боиси бандшавии шабака мегардад. Ҳамлаҳое, ки тавассути фиристодани миқдори зиёди бастаҳо анҷом дода мешаванд, метавонанд ба ду намуди асосӣ тақсим карда шаванд:

Аз ин лиҳоз аз руи таснифоти дар боло ишорашуда тарафи объективии ҷиноятӣ мазкурро ташкил медиҳад:

*Ҳамлаҳое, ки барои қатъи шабакаҳои алоқа ва роутерҳо нигаронида шудаанд.* Моҳияти ин ҳамла фиристодани ҷараёни бузурги бо ном **флудӣ** ба компютери ҳамлашуда, яъне дархостҳои нодуруст ё моҳиятан бемаънӣ мебошад. Ин омил тамоми шабакаҳои додаҳо ё роутери вурудро комилан маҳкам мекунад. Азбаски ҳаҷми маълумот аз ҳаҷми захираҳои коркард зиёд аст, гирифтани бастаҳои дурусти додаҳо аз корбарони дигар ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа, система аз хидматгузорӣ бозмемонад.

*Ҳамлаҳое, ки ба пурсозии системаи оператсионӣ ё захираҳои барнома нигаронида шудаанд.* Ин навъи ҳамлаҳо на ба шабакаи алоқа, балки ба худи система нигаронида шудаанд. Ҳар як система дорои маҳдудиятҳои зиёд оид ба ғунҷоишҳои гуногун (вақти протсессор, фазои диск, хотира ва ғайра) мебошад ва мақсади чунин ҳамла равонасозии система барои вайрон кардани ин маҳдудиятҳо мебошад. Барои ин ба компютери шахси ҷабрдида шумораи зиёди дархостҳо фиристода мешаванд. Дар натиҷаи ин амал сервер, система аз хидматрасонии дархостҳои корбарони қонунӣ бозмемонад.

Таҳлили масъалаҳои боло зикр ба он оварда мерасонад, ки мураттаб кардани фаъолияти экспертизаи махсуси компютерӣ-техникӣ мубрам эътироф мегардад, он

шароит фароҳам меоварад, ки оқибати таъсири ғайриқонунии нармфазорҳои зарäррасон ба низоми маълумотдиҳи ва ё шабакаи ИК-ии электронӣ муайян мегардад .

Аз омӯзиши раванди барномарезиҳои навини бахши компютерӣ чунин хулосагирӣ метавон кард, ки қатъсозиҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун натиҷаи барномаи зараровар ҳангоми мавҷуд набудани имкони пурра ё қисман имконнопазирии истифодаи системаи иттилоотӣ ҳангоми дастрас ба шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионӣ, инчунин таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҷустуҷӯ, гирифтан, интиқол, истеҳсол ва паҳн кардани иттилоот бояд фаҳмид.

Дар назари аввал чораҳои пешниҳодшуда барзиёд ба назар мерасанд, вале, ба андешаи мо, хатари киберҷиноятҳо, инчунин афзоиши ошкори миқёси ин таҳдид дар ояндаи наздик онҳоро комилан асоснок мекунад. Мо андешаи олимони соҳаро дар такмили раванди чораҷӯиҳо барои рафъи ин омилҳои манфӣ ҷонибдорӣ менамоем. Агар ғайриқонунӣ истифода ва паҳн кардани барномаи зараровар усул ё воситаи содир намудани дигар ҷиноятҳои барқасдона бошад, он гоҳ ин кирдор бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо тасниф карда шавад.

Дар якҷоягӣ зарар ин нармфазор аксаран бе мудохилаи инсон рух медиҳад ва ба ин роҳ гунаҳкори бевосита (инсон) аз уҳдаи идоракунии ин раванд маҳрум мешавад, фаъолиятҳои марбут ба паҳнкунӣ, таҳия ва истифодаи барномаи зарароварро метавон ҳамчун манбаи зиёд шудани хатар арзёбӣ намуд.

Дар ин самт бояд консепсияи мукаммали ҳуқуқӣ татбиқ гардида, ҷаримаҳо барои таҳияи барномаҳои зараровар, ки метавонанд ба маълумоти компютерӣ зарар расонанд, тағйири иттилооти компютерӣ, ки оқибатҳои вазнини иқтисодиро ба миён меорад, дар сатҳи зарурӣ бояд ба роҳ монда шаванд.

Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур чунин пешниҳод менамоем, ки номи моддаи 303 КҶ ҶТ (Таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои заррароввар) тағйир дода шуда бо номи «Ғайриқонунӣ таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ» номгузорӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, зарурати пурра намудани боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёрҳое ба миён омадааст, ки ҷавобгариро барои ҳамлаҳои DoS дар шаклҳои гуногуни техникӣ пешбинӣ мекунанд.

Бо дарназардошти ин, пешниҳод менамоем, ки ба боби 28-и КҶ ҶТ меъёри нав, моддаи 300 (1) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**Моддаи 300 (1) Ҳамлаи компютерии DoS**

1) Ҳамлаи компютерии DoS, таъсири ҳадафнок ба системаи ё шабакаи компютерӣ бо истифода аз троянҳо ва ботнетҳо, ки ба халалдор кардани фаъолияти он нигаронида шуда, дар натиҷа корбаронро аз имкони дастрасӣ ба манбаи электронии дархостшуда маҳрум мекунад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

Албатта ворид намудани моддаи мазкур ба манфиати кор буда, дар амал татбиқ намудани он ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар таснифоти ҷинояти содиршуда амалӣ гардонанд[318].

### 3.3. Аломатҳои субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)

Ҷиноят ҳамчун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар натиҷаи бо ҳам мавҷуд будании ҳамаи аломатҳои таркибии ҷиноят нишонаҳои объективӣ ва субъективӣ содир мешавад. Умумияти ин нишонаҳо дар он ифода мегарданд, ки онҳо воқеияти ҷиноятро ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Барои истифодаи дурусти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ таҳлили муфассали ҳамаи аломати таркиби ҷиноят аҳамияти муҳим дорад. Қисми асосии ин таҳлилро баррасии масъалаҳои аломати субъективии ҷиноят ташкил медиҳанд.

Муқарар накардани нишонаҳои субъективии кирдор аз набудани унсури ҷиноят дар умум шаҳодат медиҳад. Пас, дар ин ё он ҳаракатҳои барои ҷомеа

[318] Ниг.: Вестов Ф.А., Глухова Е.О., Фаст О.Ф. Правоохранительные органы и политико-правовые механизмы защиты личности в Российском интернете / Ф.А. Вестов, Е.О. Глухова, О.Ф. Фаст // Известия саратовского университета Новая серия. Социология. Политология. – 2017. – Вып. 2. – №3. – Т. 17. – С. 337-340.

хатарнок мавҷудияти элементҳои ироагардида, қарори ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ маҳсуб мегарда, зеро он фақат дар сурати мавҷуд будани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва тарафи субъективии он, дар намуди қасдона ё беэҳтиётона дар муносибат ба ҳаракати хеш ва оқибатҳои он имконпазир аст. Маҳз ҳамин аст, ки дар сурати мавҷуд набудани ақаллан яке аз ин аломатҳо кирдор барои ҷамъият хавфнок ҷиноят эътироф намешавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой надорад.

Аломати субъективии ҷиноят дар худ тарафи субъективии ҷиноят ва субъекти ҷиноятро дар бар мегирад. Яке аз элементҳои таркиби кирдор дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти ҷиноят мебошад.

Назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбини менамояд, ки субъекти ҳуқуқӣ зиннаи комплексӣ маҳсуб ёфта, он ба қобилияти ҳуқуқӣ, қобилияти эҳсос ва солимфикрӣ ва мукаллафии ӯ алоқамадӣ дорад[319]. Субъекти ҷиноят низ аз ҷумлаи субъекти ҳуқуқӣ мебошад. Оид ба ин масъала Р.В. Шагиева менависад «субекти ҳуқуқӣ будани шахс дар асоси вазифаҳои муайян ва салоҳиятҳои амиқи он[320] дар доираи субъектҳо муқаррар мегардад. Ба ин васила мавқеи ҳуқуқии шахс дар раванди ҳуқуқӣ муайян карда мешавад»[321].

Вобаста ба масъалаи субъекти ҷиноят олимон ақидаҳои зиёдро пешниҳод намудаанд. Бахусус, В.В. Устименко ин истилоҳро ба тарзи кушода тафсир намудан иброз мекунад, ки: «шахси мукаллафро, ки ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст ва дорои нишонаҳои иловагии кирдори байён гардида мебошад, метавон ба ҷавобгарӣ кашид»[322]. Ҳамзамон метавон хотирнишон кард, ки дар ҳуқуқи ҷинояти муқарар намудан ва мушаххас намудани унсури кирдор дар ҳолати мавҷуд будани нишонаҳои дахлдор дар қонун ба миён меояд.

---

[319] Ниг.: Венгеров А.Б. Теория государства и права: учеб. для юрид. вузов. – М.: Юриспруденция, 2000. – 528 с.
[320] Ниг.: Таганцев Н.С. Русское уголовное право: лекции. Часть общая. В 2-х т. / Сост. и отв. ред. Загородников Н.И. – М.: Наука, 1994. – Т. 1. – С. 155.
[321] Шагиева Р.В. Институт правосубъектности в национальной системе права: проблемы теории и практики правового регулирования / Р.В. Шагиева // Правовая инициатива. – 2013. – №10 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://49e.ru/ru/2013/10/13 (санаи мурочиат: 10.04.2020).
[322] Устименко В.В. Специальный субъект преступления: монография. – Харьков: Вища шк., 1989. – С. 45.

Олим В.Е. Квашис бошад, иброз мекунад, ки «ТИК дар оянда боз ҳам бештар инкишоф меёбад ва ин ба таври ноилоҷ боиси таъсиррасонии он ба соҳаҳои нав ва зерсоҳаҳо мегардад, вале қонунгузорӣ бояд ин таъсиргузориҳоро пурра фаро гирифта, дар танзими ҳуқуқии он ва ба таври амиқ муқарар намудани субъекти ҷинояти баррасишаванда чораҷӯӣ намояд»[323]. Ин ақида вобаста ба талаботи замон пешбинӣ шудааст. Зеро дар баробари пайдо шудани муносибатҳои нав ба нави ҷамъиятӣ бояд субъектони онро содиркунанда низ танзим карда шаванд.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ бошад, «субъекти ҷиноят ҳамчун комплекси нишонаҳои муқарарнамудаи қонун баррасӣ мегардад ва яке аз элементҳои асосии таркиби ҷиноят эътироф мегардад. Субъекти ҷиноят ба маънои умумӣ шахсе ҳаст, ки кирдорро содир намудааст. Ба маънои маҳдуд – шахсе мебошад, ки дар сурати содир кардани ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфнок метавонад ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад»[324].

Низоми ҳуқуқии кишвари мо низ ба мафҳуми субъекти ҷиноят таваҷҷуҳи зарурӣ додааст. «Моддаи 23-и КҶ ҶТ пешбини кардааст, ки субъекти ҷиноят шахси мукаллафе эътироф мегардад, ки қасдан ё аз беэҳтиётӣ кирдори ғайриқонунӣ содир карда, ҳангоми содир кардани кирдор ба синни солу муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ расида бошад»[325].

Дар баробари ин масъала боз субъекти махсус низ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дида мешавад. Дар назарияи ҳуқуки ҷиноятӣ дар қатори субъекти умумӣ субъекти махсуси ҷиноятиро низ фарқ менамоянд. Аломатҳои субъектони махсус бошад; дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии қонунгузорӣ ё дар эзоҳи онҳо муқаррар шудааст.

---

[323] Квашис В.Е. Преступная неосторожность. Социально-правовые и криминологические проблемы. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1986. – С. 126.

[324] Ниг.: Милюков С.Ф., Павлов В.Г. Субъект преступления и уголовная ответственность: монография. – СПб.: Изд-во С.-Петербург. ун-та, 2000. – С. 7.

[325] Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM].

Субъекти махсуси ҷиноят – ин шахсе эътироф мегардад, ки дар баробари нишонаҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз нишонаҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд.

Масъалаи асосии баррасишаванда ин субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) мебошад.

Дар воқеъ дар шароити рушди босуръати ТИК-ии электронӣ ва мушкил шудани раванди муносибатҳои ҷамъияти дар танзимоти ҳуқуқӣ мушкилотҳои гуногун пеш меояд, ки дар ин соҳа баррасии як қатор масъалаҳои мубрам, бахусус гуӯҳбандӣ ва омӯзиши нишонаҳои элементи таркибии киберҷиноятҳо мубрам арзёбӣ мегардад. Мавҷудияти субъекти ҷиноят ҷиҳати муайян кардани таркиби ҷиноят, ки асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад, муҳим мебошад.

Оид ба масъалаи субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру ақидаҳо зиёд буда, мавқеи ягонаву мушаххас ҷой надорад, ки ин ҳолатҳоро мо пурра мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Б.Ю. Максимов чунин мешуморад, ки ... субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) шахси мукалафи ба синни 16 расида бояд эътироф гардад[326]. Андешаи мазкурро профессор А.Н. Попова, ҷонибдори намуда иброз менамояд, ки шахс ҳаракатҳои худро вобаста ба таҳия, истифодаи ва паҳн намудани барномаҳои зараровар, «ҳуҷумҳои DoS аз синни соли шонздаҳ идора мекунад»[327]. Маҷеъгирии мазкурро пажуҳишгарони соҳа

[326] Ниг.: Максимов В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 1998. – С. 106.

[327] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – С. 749.

В.М. Бикова, В.Н. Черкасова[328] дар пажуҳишҳои хотимадодаашон тарафдори кардаанд.

«М.М. Маликовтсев фикур муллоҳизаҳои қайдгардидаро тарафдори намуда иброз медорад, ки субъети ин кирдорҳои таҳқиқшаванда шахси мукалафи ба синни чаҳордаҳ сола расида эътироф гардад. Андешаи М.М. Маликовтсевро, К.Н. Евдокимов»[329], ҷонибдори намуда қайд менамояд, ки шахси мукаллафи ба синни 14 расида алакай имконияти паҳн намудани барномаҳои зараровар ва ба ҳолати корношоями овардани иттилооти компютнрӣ ё барномаро пайдо менамояд».

Қисме аз пажуҳишгарон мубрамии пешбини кардани синни ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир кардани ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) нигаронида шудааст, аз синни чаҳордаҳ солагӣ мувофиқи мақсад медонанд[330], дигар пажуҳишгарон қатъиян ба ин инқдом зидданд[331].

Дар асоси таҳлили андешаҳои зикргардида ва баррасии субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) метавон қайд кард, ки шахси воқеии мукаллаф, баъди расидан ба синни чаҳордаҳсолагӣ муҳиммияти маълумоти компютерӣ, шабакаҳои электронӣ ва ТИК-ро эҳсос менамоянд ва қоидаву усулҳои истифодаи онҳоро медонад.

---

[328] Ниг.: Быков В.М., Черкасов В.Н. Новое: об уголовной ответственности за создание, использование и распространение вредоносных компьютерных программ / В.М. Быков, В.Н. Черкасов // Российский судья. – 2012. – №7. – С. 20.

[329] Ниг.: Евдокимов К.Н. Актуальные проблемы совершенствования субъекта состава преступления при создании, использовании и распространении вредоносных компьютерных программ / К.Н. Евдокимов // Сибрский юридический вестник Российской Федерации. – 2013. – №3 (62). – С. 69-75.

[330] Ниг.: Айсанов Р.М. Состав неправомерного доступа к компьютерной информации в российском, международном и зарубежном уголовном законодательстве: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 105; Шарков А.Е. Неправомерный доступ к компьютерной информации: преступность деяния и проблемы квалификации: дис. ... канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2004. – С. 149; Карпов В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2002. – С. 127.

[331] Ниг.: Домозетов Х. Социологические проблемы компьютерного пиратства / Х. Домозетов // Социологические исследования. – 1997. – №11. – С. 111; Малыковцев М.М. Уголовная ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 116; Маслакова Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – С. 98.

Аммо муҳимтар аз ҳама, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва дастрасии технологияҳои гуногуни иттилоoти–коммуникатсионӣ ба шахсони ҳанӯз ба синни 14-солагӣ нарасида (ноболиғ) зиёд ба мушоҳида расида, онҳо аз хавфи иҷтимоии бекоар намудани қоидаҳои истифодаи ТИК-ии электронӣ, бахусус маълумоти компютерӣ, огоҳ ҳастанд. Тайи солҳои зиёд аст, ки ҳаҷми корбарони ТИК-ии электронӣ ба воситаи алоқа зиёд гардидааст. Агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, дар заминаи истиқлолияти мамлакат ҳаҷми корбарони ТИК-ии электронӣ ба 4,5 миллион баробар гардидааст, ки ба 100 шаҳрванди мамлакат 45 муштарӣ мувофиқ аст[332]. Дар ин шароит корбарони компютерҳои рӯйи мизӣ ҷиҳати дохил гардидан ба шабакаю мессенҷерҳо наздики соли сипаришуд 3- % коҳиш ёфтааст. Аз се як ҳиссаи вақти хешро корбарони ТИК-ии электронӣ ба шабакаю мессенҷерҳо сарф менамоянд. Бахусус, агар ба ҳисоби миёна як мизоҷ ду  соату понздаҳ дақиқа вақташро дар шабакаю мессенҷерҳо сипари кунад, пас ҷавонони аз 16 то 24-сола қариб се соат вақти худро ба шабакаю мессенҷерҳо сарфа мекунан. Аз ҳисоби синну сол саҳми истифодабарандаго ТИК-ии электронӣ, ки аз шабакаю мессенҷерҳо истифода мекунанд, гуногун мебошад. Чунончӣ, 89 % ҷавонони 20-29-сола аз шабакаю мессенҷерҳо аз қабили «Фейсбук» истифода менамоянд. Нақши наврасону ҷавонони 14-19 сола бошад, ба 61 % баробар аст[333]. Дар ин асос, ба василаи шабакаю мессенҷерҳо метавон доираи васеи гуногунро новобаста ба синну сол, ҷинс, вазъи иҷтимоӣ ба худ ҷалб кард ва онҳо беҳтарин замина ҷиҳати бурдани тарғиботи мақсаднок мебошад.

Андешаи олими соҳа В.Б. Вехов дар ин хусус ҷолиби диққат аст, ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтае чун Англия, ШМА, Япония ба хулоса меояд, ки синну соли «нафароне, ки ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои

---

[332] Ниг.: Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 20.011.2023).
[333] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://jovidmuqim.wordpress.com/2018/10/03/mediai-nav-va-targibot (санаи муроҷиат: 25.12.2023).

зараровар, ҳуҷумҳои DoS)-ро содир менамоянду ҳамчун намуди нави ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок эътироф мегардад» тақрибан ба 15-45-солагӣ рост меояд. Дар ҷиноятҳои содиршуда синну соли ҷиноятқорони то 20-сола 33% зиёд набуда, 13%-ро аз 40-сола боло ва 54%-ро аз 20-40-сола ташкил медиҳанд[334]. «Дар асоси таҳлили ҳамаҷониба метавон натиҷагрӣ кард, ки синну соли ҷиноятқорон дар самти ҷиноятҳо бар зидди шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ва ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд кам шуда истодааст»[335].

Дар асл корбарию истифодабарии ТИК-ии электронӣ, дар заминаи ташаккули муҳити виртуалӣ барои ноболиғон бештар ҷолибият пайдо кардааст[336]. «Корбарию истифодабарии ТИК-ии электронӣ қимати барзиёди наврасонро сарҷамъ кардан, доираи манфиатҳо ва муоширатро ташкил медиҳад, ба рушди муносибатҳои байнишахсӣ мусоидат мекунад ва он омилҳои мусбат ва манфии худро дорад, ки ба фаъолияти инфиродии шахс таъсир мерасонад»[337].

Бо ба инобат гирифтани таҳлили ин зина бояд гуфт, ки панҷ-даҳ соли охир фаъолияти наврасон дар соҳаи ТИК-ии элетронӣ ба дараҷае баланд мешавад, ки ҳатто ноболиғон барои ҷамъият хавфнокии ҳаракатҳои хешро дарк накарда наметавонад. Дар робита ба ин, ба андешаи мо, фаъолияти мунтазам оид ба соҳаи кибернетика миёни кӯдакон ва ноболиғон зарур буда, он ба ташаккули арзишҳои маънавию ахлоқӣ ҳангоми корбарӣ бо ТИК-ии элетронӣ нигаронида шудааст. Маҳз дар ҳамин замина ин раванди мураккабнизоми технологиро, ки ҷанбаҳои гуногунро фарогир мебошад, метавон ба танзим даровард.

Қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон доираи шахсонеро, ки дар ин

[334] Ниг.: Вехов В.Б. Компьютерные преступления: способы совершения и раскрытия / Под ред. акад. Б.П. Смагоринского. – М.: Право и Закон, 1996. – С. 22-28.
[335] Ҳамин тавр, ба саволи «Балан ё пастшавии сину соли ҷиноятқорон ба назар мерасад ё не?» зиёда аз 60% коршиносони пурсидашуда қайд намуданд, ки сину соли ҷиноятқорон дар соҳаи технологияи киберӣ паст шудааст.
[336] Ниг.: Михайлова Е.В. Криминологическая характеристика преступлений в сфере компьютерной информации, совершаемых несовершеннолетними / Е.В. Михайлова // Международный журнал конституционного и государственного права. – 2019. – №1. – С. 22.
[337] Куликов С.В., Курбатов В.И. Сетевая субкультура компьютерного андеграунда / С.В. Куликов, В.И. Курбатов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2017. – №3. – С. 69-74.

раванд иштирок менамоянд, маҳдуд пешбини мекунад. Ин омил ба хусусияти хоси ин намуди ҷиноят алоқамандӣ дорад.

Дар ин ҷода ҷиҳати баён намудани мундариҷаи ҳуқуқии субъекти кирдори баррасишаванда ба муқаррароти қонунгузории ҷиноятии байналмилалӣ низ бояд назар намуд, ки дар он мафҳуми «субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараррасон, ҳуҷумҳои DoS) равона гардидааст» нисбат ба доктринаи ҳуқуқии ватанӣ фарохтар шарҳ дода мешавад. Чунончӣ, тибқи меъёрҳои Конвенсия дар бораи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо аз 23 ноябри соли 2001 «ҳам шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бояд субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) эътироф карда шаванд». Дар ин замина ҳоло дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон[338] шахсони ҳуқуқӣ метавонанд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) кашида шаванд[339]. Бар зами ин, ақидаи ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахсони ҳуқуқӣ аз тарафи як зумра пажуҳишгаронӣ соҳавӣ тарафдори гардидааст[340]. Масъали ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахсони ҳуқуқӣ ва субъети ҷиноят барраси намудани он ба предмети таҳқиқоти мо дохил намегардад.

Моддаи 12-и ин санади меъёрии ҳуқуқии байналмилаӣ ҳаракатҳои ҳар як тарафро дар доираи қонунгузорӣ пешбини карда, чораҳои ҳуқуқӣ барои ин навъи ҷиноятҳо мувофиқи Конвенсияи мазкур роҳандозӣ карда мешаванд. Гурӯҳбандии ин кирдор вобаста ба манфиати он аз тарафи ҳар як шахси воқеие, ки ба таври шахсӣ ё дар ҳайати яке аз мақомоти шахси ҳуқуқии

[338] Ба хусус Австралия, Албания, Белгия, Британияи Кабир, Маҷористон, Дания, Исроил, Ҳиндустон, Ирландия, Исландия, Канада, Чин, ИМА, Фаронса ва монанди инҳо

[339] Ниг.: Давлатзода К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS) / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – С. 233-240.

[340] Ниг.: Рарог А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам. – СПб., 2002. – С. 243; Волженкин В.Б. Преступления в сфере экономической деятельности (Экономические преступления) / Ассоциация Юридический центр. – [2-е изд.]. – Санкт-Петербург: Юридический центр Пресс, 2002. – С. 109.

дахлдор амал намуда, мавқеи роҳбарикунандаро ишғол менамояд, дар чуни асос сурат мегирад:

а. Салоҳияти намояндагии ин шахси ҳуқуқӣ;

б. Салоҳияти қабули қарор аз номи ин шахси ҳуқуқӣ;

в. Салоҳияти ҷорӣ кардани назорат дар доираи ин шахси ҳуқуқӣ[341].

Субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), моҳитим ҳуқуқӣ дошта, характерҳои ҳуқуқии шахсеро, ки чунин кирдорро содир кардааст, муайян мекунад»[342].

Шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, танҳо дар он сурат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки чунин нишонаҳоро доро бошад:

1) шахси воқеӣ будан;

2) мукаллаф будани шахс;

3) ба синну солу муқарраркардаи КҶ ҶТ расидани шахс.

Дар сурати ҷой надоштани яке аз ин аломатҳо шахс барои содир кардани амалҳои барои ҷамъият хатарнок ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Шахсони воқеӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони давлатҳои дигар, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Аз муқарароти моддаи 22 КҶ ҶТ бар меояд, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ фақат инсон ҷалб мегардад, агар ӯ ба муносибатҳои ҷамъиятии бо КҶ ҶТ ҳимояшаванда зарар расонад ва ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба миён оварад. Вале барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс (шахси воқеӣ) ҳангоми содин намудани ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ҳолати табаияти вай аҳаммият надорад, хоҳ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоҳ шаҳрванди хориҷӣ бошад ва хоҳ шаҳрвандии ягон давлатро доро набошад.

---

[341] Европейская конвенция по киберпреступлениям (преступлениям в киберпространстве): заключена в Будапеште 23 ноября 2001 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.garant.ru/4089723 (санаи муроҷиат: 15.04.2020).

[342] Павлов В.Г. Субъект преступления. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – С. 270.

На ҳамаи шахсони воқеӣ субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) шуда метавонанд. КҶ ҶТ дар вақти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ҳолати руҳии ӯро ба эътибор мегирад, ки оё шахси ҷиноят содирнамуда кирдори барои ҷамъият хавфнокашро дарк карда ба онҳо ҷавоб гуфта метавонад. Мукаллафӣ низ яке аз асосҳои хатмии ҷавобгарии ҷииноятӣ аст. Мукаллафӣ ҳамчун ҳолати руҳии шахс, дар хусусияти воқеӣ ва барои ҷамъият хавфнокии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё онро идора карда тавонистан ифода мегардад. Аммо барои тафовути мафҳумҳои «мукаллафӣ дар доираи маҳдуд» ва «муакклафии вобаста ба синну сол» сарфи назар аз мавҷудияти аломати ҳуқуқӣ, ягон меъёри тиббии «номукаллафӣ вобаста ба синну сол» вуҷуд надорад. Дар ҳар ду ҳолат субъекти ин кирдори барои ҷамъият хавфнок қобилияти пурра дарк карда натавонистани моҳияти воқеӣ ва барои ҷамъият хавфнокии кирдорҳои (беамалии) худ ё идора кардани онҳоро нишон медиҳанд, вале бо сабабҳои гуногун: мукаллафӣ бинобар беморие руҳӣ ва вобаста ба синну сол, инчунин сабабҳои дигаре, ки ба касалиҳои руҳӣ алоқа надоранд ва ғ. таснифи ин раванд душвор мешавад. Ҳамин тариқ, дар шахс тадриҷан шарти дигари ҷавобгарии ҷиноятӣ – қобилияти баҳо додан ба кирдор, интихоб кардан, ки ба ангезаи фаъолият табдил меёбанд, инкишоф меёбад. Дар баробари ин, ҳар ду «қобилият ҳамзамон инкишоф намеёбанд». Гарчанде дар қисмҳои 1 ва 2-и моддаи 23-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои синну соли биологӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ мавҷуд набошанд ҳам, синну соли воқеӣ аз рӯйи шиносснома муайян карда мешавад.

Мубрамияти пешбини кардани маҳдудияти синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қобилияти дарк кардани ҳаркати барои ҷомеа хатарнок ва моҳияти кирдорҳои худ, идоракунии шахс тибқи қоидаҳои аз ҷониби умум эътирофгардида кирдор ва талаботи иҷтимоӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад, он дар ҳудуди арзиши иҷтимоии аз ҷониби давлат муайяншуда татбиқ мешавад. Қобилияти баҳодиҳии дурусти рафтори худ, қобилияти

рафтори хубро соҳиб шудан ба синну соли муайян алоқаманди дорад.

Ҷиҳати мавҷуд будани ин, даври генезиси киберҷинояткор тамоюли мураккаб буда ба вақти муайян алоқаман нест. Ин як тамоюли хеле тӯлонии табдилёбии наврас ба шахсият буда, бо омилҳои гуногуни берунаи иҷтимоӣ, ҳамчунон тамоюли физиологии дохилӣ: ҷараёни наврасӣ ҷиҳати эҳсоси хислатҳои рафтори хеш алоқамандӣ дорад.

Ин гуфта ифодаи худро дар он ёфтааст, ки ноболиғ ҳамчун категорияи «субъекти ҷиноят» он нафаре ҳаст, ки:

– аз рӯйи синну соле, ки қонуни ҷиноятӣ пешбини менамояд, барои содир намудани кирдорҳои муҷарар кардаи КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

– вобаста ба меъёрҳои муайяншудаи ҳуқуқӣ дорои аломатҳои хоси ҷамъиятӣ мебошанд;

– барои ҷамъият хавфнокии кирдорҳои худро дарк мекунад.

Субъекти ҷинояти баррасишаванда ҷиноят мисли дигар унсурҳои таркибии ҷиноят, дорои нишонаҳои ҳатмӣ ва иловагӣ мебошад. Ба сифати нишонаҳои ҳатмӣ, тавре таҳлил намудем (шахси воқеӣ будан; мукаллаф будани шахс; ба синну солу муқарраркардаи КҶ ҶТ расидани шахс) бошад, пас ба сифати нишонаҳои иловагии субъекти ҷиноят субъекти махсуси ҷиноят мебошад.

Субъекти махсуси ҷиноят – ин шахсе эътироф мегардад, ки дар баробари нишонаҳои умумии субъекти кирдор дорои боз нишонаҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан муҳимманд. Марбут ба хислати мундариҷаю мазмун нишонаи иловагӣ мумкин аст мушаххас ё умумӣ ифода гашта бошад. Аз ин лиҳоз ҳангоми баҳо додан ба чунин кирдори барои ҷамъият хавфнок дараҷаи касбият ва ё вазифаи шахс муҳим ба шумор рафта, мақомоти қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар баробари хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии субъекти ҷиноят, ба андозаи зарари расонидашуда, диққати асосиро равона месозад.

Иззофатан, чихеле ки ироа шуд, ҳар як провайдери хостинге, ки

муяясаргарди ба ТИК-ии электрони таъмин менамояд, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ созишномаи хизматрасонро имзо мекунад, ки дар он қоидаҳои дурусти муяясаргардӣ ба ТИК-ии электронӣ муқарар гардидааст. Аз нуқтаи назари, зиндагии ҳарруза, ин қоидаҳо метавонад аз тарафи дилхоҳ истифодабарандаи ТИК-ии электронӣ вайрон гардад ва дар ҳолати мавҷуд будани ҳама нишонаҳои объективӣ ва субъективии кирдор ин шахс тибқи м. 303-и КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад. Бар замми ин, мо чунин мавқеъ дорем, ки барои нафароне, ки ба онҳо аз нигоҳи уҳдадориҳои хизматӣ, корӣ ва ё касбиашон иҷро гардидани «дастурҳо»- ироа гардида вобастаанд, бояд нисбат ба корбарони оддии низомҳои компютерӣ ва ТИК-ии электронӣ ҷавобгарии вазнинтар муқарар гардад, чунки бар зидди истифодабарандагони оддӣ онҳо манфиатҳои мамлакат, субъектони ҶТ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, доираи номуайяни одамонро вайрон мекунанд, дар ҳоле ки ҳуқуқ ва манофеи қонунии онҳоро дар асоси уҳдадориҳои хизматиашон бояд муҳофизат ва ҳимояи онҳоро таъмин намоянд.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки ба қ. 2-и м. 300-и КҶ ҶТ нишонаи далелноккунандаи кирдори «Он ҳаракатҳои барои ҷамъият хавфноке, ки шахс бо сӯистифода аз мавқеи хизматии худ содир кардааст»-ро ворид карда, онро дар қ. 1-и моддаи мазкури КҶ ҶТ пешбини намуд. Дар заминаи ин, пешниҳод мешавад, ки дар қ. 2-и м. 303-и КҶ ҶТ аз тарафи мақомоти қонунгузор нишонаҳои  субъеки махсус – шахсе, ки барои содир намудани ин ҳаракат аз вазъи хизматии худ истифода менамояд, мухтасар ифода карда шавад.

Имконияҳои  хизматиро истифода кардани шахс – ин содир кардани ягон намуди кирдор бо имкониятҳои хизматист, дар сурате ки ҳаракати ҷинояткор дар ҳудуи ваколатҳои мансабияш, вале бо тариқи равшан вайрон кардани низоми иҷрои уҳдадориҳои хизматии шахс, ки дар созишномаи расмӣ ё шартномаи меҳнатӣ ҳуқуқӣ маданиӣ пешбини гардидааст, хотима меёбад. Мавқеи муаллиф дар ин ҷода, «истифода аз мавқеи хизматӣ»

метавонад ҳам аз тарафи шахсони мансабдор, кормандони мақомоти давлатӣ ва бахши хизматрасониҳои гуногуни давлатӣ ва ё аз тарафи кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ, қатъи назар аз шакли моликияте, ки дар он ТИК-ии электронӣ, низоми маълумотдиҳӣ, шабакаҳои ИК ва дигар воситаҳои ташкил, исифодабарии нармфазорҳои зараррасон, интиқоли маълумот истифода бурда мешавад, амалӣ карда шавад.

Ҳамин гуна шахсон барои анҷомдиҳии ҳаракатҳои зидди ҷамъиятӣ, ки дар асоси қонунҳои амалкунандаи мамлакат ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқарар намудааст ва ё бо фармони роҳбар пешбини гардидааст, ба ТИК-ии электронӣ дастрасӣ дошта, метавонанд бевосита ҳаркатҳои хатарнокро анҷом диҳанд ва ё анҷомдиҳии ҳамин гуна ҳаркатҳои барои ҷоеа хавфнокро ба кормандони фармон ё дастур диҳанд. Ба мисли ин мавҷудияти дастрасӣ ба ТИК-ии электронӣ, истифодабарӣ, интиқоли маълумоте, ки дар хотираи додаҳо ва шабакаи алоқа ҳифз мегардад барои шахсоне, ки аз мавқеи хизматӣ сӯистифода мебаранд, ҳатмӣ ҳатми ҳисоб намеёбад.

Критерияи мазкури шахсон метавонанд бевосита ба кори компютерҳо ва истифодаи онҳо, воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард, интиқоли маълумот ё шабакаи ИК-ии электронӣ вобаста набошанд. Вале маҳз мавқеи вазифавӣ ба ӯ шароит фароҳам меоварад, ки кирдорҳоеро содир намояд, ки ба шабакаҳо ё додаҳо равона гардидааст ё бо кӯмаки шахсони ба онҳо аз лиҳози касбӣ вобастабуда ё кормандони хизматӣ анҷом ёбад.

Ин андешаҳо дар озмоиши вуҷуддоштаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) тасдиқи худро меёбад[343].

Ҳамин тавр аз баррасии субъекти ҷинояти мазкур, бар меояд, ки барои ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) нигаронида шудаанд, ҷавобгарии ҷиноятии шахсони воқеиро қонунгузории ҷиноятии амалкунанда

[343] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-390/22 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.

аз синни 16-солагӣ муқаррар мекунад. Тариқе, ки ироа гардид, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ давоми солҳои охир оиди поён бурдани синни соли ҷавобгарии ҷиноятӣ аз шонздаҳ ба чаҳодаҳсолагӣ кирдорҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) равоан гардидаан, мубоҳисаҳои гуногун давом ёфта истодааст.

Аз таҳлили ҳамаҷониба метавон гуфт, ки омухтани асосҳои истифодаи ТИК-электронӣ дар заминаи фанни «Асосҳои технологияи компютерӣ ва ё информатика», ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз синфи ҳашт (воқеъбинона аз синфи 6 ё 5) омухта мегардад, мактаббачагонро аз ниҳоятҳои зарарноки ҳаракатҳои ғайриқонунӣ дар ТИК-ии электронӣ ҳушдор медиҳанд. Аз нуқтаи назар, толибилмон дар синни чаҳордаҳсолагӣ дар самти асосҳои технология ва ТИК-ии электронӣ аз маълумотҳои ибтидоӣ бохабар мешаванд, дорои маҳорати дараҷат далдори кор бо ТИК ва кор дар шабакаҳои ШИК-ии электронӣ мегарданд. Бахусус, агар ба ҳисоби миёна як муштарӣ ду соату понздаҳ дақиқа вақташро дар шабакаҳои иҷтимоию мессенҷерҳо сипари кунад, пас ҷавонони аз шонздаҳ то бусту чор сола қариб се соат вақти худро ба ТИК ва кор дар шабакаҳои ШИК-ии электронӣ сарф менамоянд. Дар шароити нави ташаккули техникаҳои гуногун дар ҷумҳурӣ аз рӯйи синну сол саҳми истифодабарандагони ТИК ва ШИК-ии электронӣ, гуногун ифода мегардад. Чунончӣ, 89% фоизи ҷавонони 20-29-сола аз шабакаи иҷтимоии «Фейсбук» корбарӣ менамоянд. Саҳми наврасону ҷавонони 14-19 сола бошад, ба 61 % баробар аст[344]. Ба мавқеи мо, ин асос мебошад ва асосоварии дигарро талаб намекунад.

Бар зами ин, мувофиқи мақсад аст, ки ба қ. 2-и м. 23-и КҶ ҶТ (оид ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) бо таркиби кирдорҳое, ки дар м.м. 298 ва 303-и Кодекс муқарар гардидааст, тағйирот ворид карда шавад ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо аз синни 14-солагӣ пешбини

[344] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://jovidmuqim.wordpress.com/2018/10/03/mediai-nav-va-targibot (санаи муроҷиат: 28.12.2023).

гардад.

Мувофиқи мақсад аст барои шахсони воқеии синнашон ба 14 расида поён намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, вале ин равиш фақат дар ҳолатҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) оқибатҳои вазнинро доро бошад ё хавфи сар задани онҳоро ба миён оварда бошад. (бахусус, ҷиҳати содир кардани таркиби кирдорҳои гурӯҳбандигардидаи м.м. 300 ва 303-и КҶ ҶТ) мувофиқи матлаб аст. Ҷиҳати асоснокии ин масъала таҳлили таҷрибаи як зумра мамлакатҳои хориҷа, ки дар онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кирдорҳое, ки бар зидди шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) равоан гардидааст аз синни 14 ё 15-солагӣ пешбини намуда мешавад, бояд эътимд кард[345].

Лозим ба тазаккур мебошад, ки дар ҳолати ба мийён омадани оқибатҳои вазнини чунин кирдорҳо дар соҳаи пажуҳишгардида истода (масалан ба худкӯши расонидан, ба саломатии инсон зарар расонидан ва монанди инҳо), ҳамзамон оқибатҳое ба миён меоянд, ки қонунгузор аллакай ҷиҳати содир кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахсони вокеӣ аз синни 14-солагӣ пешбини намудаас, чуночӣ, барои ҷиноятҳо муқобили ҳаёт ва саломатӣ: одамкушӣ (моддаи 104-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ (моддаи 111 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон), қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (моддаи 112 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғайра.

Нишонаи дуюмӣ асосии унсури ҷинояти таҳқиқшкда, ки бояд мавриди

[345] Уголовный кодекс ФРГ. Раздел 26. Повреждение имущества (§303a, 303b) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://lexetius.com/StGB/263a (санаи муроҷиат: 10.08.2021); Уголовный кодекс Франции. Книга 4. О преступлениях и проступках против нации, государства и общественного порядка. Раздел 1. О посягательствах на основополагающие интересы нации. Глава 1. Об измене и шпионаже. Отдел 4. О саботаже (ст. 411-9) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1243018 (санаи муроҷиат: 10.08.2021); Уголовный кодекс Дании (§15) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1241524&subID=100096345,100096366,100096661,100097370#t ext (санаи муроҷиат: 10.08.2021); Уголовный кодекс Швеции (ст. 6) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.sweden4rus.nu/rus/info/juridisk/ugolovnyj_kodeks_ shvecii (санаи муроҷиат: 10.08.2021); Уголовный кодекс Латвийской Республики (ст. 11) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1243424&subID=100106935,100106943,100106967#text (санаи муроҷиат: 10.08.2021); Уголовный кодекс Голландии (ст. 77a) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1242430&subID=100100457,100100459 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

таҳқиқ истифода гардад, ин тарафи субъективии он ифода мегардад.

«Тарафи субъективии кирдор ин муносибати руҳии (психикӣ) шахс ифода гардида, бевосита бо содиршавии кирдор вобаста мебошад. Тарафи субъективии ҷиноят моҳияи психологии ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дорад, аз ин рӯ, он (дар муносибат бо тарафи объективӣ) таркиби дохилии кирдор ифода мегардад»[346].

Моҳияти далелнокгардидаи он дар амалияи судӣ-тафтишӣ дар он аст, ки якум, он ҷиҳати тафриқагузории қисми бисёрӣ аз кирдорҳои омехта шароит фароҳам меоварад, дуюм ин ки, фаҳмиши дурусти нишонаҳо он даст медиҳад, ки бо дараҷаи баланди саҳеҳӣ ҳаракати содиршударо бандубаст намоем.

«Дарёфтани мундариҷа, механизм ва намуди тарафи субъективии ҷиноят бештари вақт яке аз масъалаҳои ҳуқуқии нисбатан мубоҳисаталаб ва марказӣ ҳаст, мемонад ва бинобар ин, аз аввал таваҷуҳи коршиносонро ба худ ҷалб намудааст»[347].

Тарафи субъективии ҷиноят, ки мазмуни воқеии ҷиноятро ташкил медиҳад, мумкин аст, ки ҳамеша аз ҷониби ҷабрдида, шоҳид ва дигар шахс бевосита дарк шавад. Он танҳо ба воситаи таҳлилу баҳодиҳии рафтори шахси ҳуқуқвайронкунанда ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дарк карда мешавад. Баъзе олимон[348], тарафи субъективии ҷиноятро фақат ба сифати як қисми гуноҳ, ки ҳамчун асоси умумии ҷавобгарии ҷиноятӣ ифода меёбад, баҳо медиҳанд[349].

Дар робита ба ин қайд намудан зарур аст, тарафи субъективии ҷиноят, ҳолати руҳии шахсро, ки гуноҳ, ангеза ва мақсадро тавсиф медиҳанд, далелнок менамояд.

Ба фикру мулоҳизаҳои гуногун дар боари масъалаи иро шуда нигоҳ накарда, қисми бештари коршиносону ихтисосмандон бо он ки тарафи

---

[346] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Ҳ., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 80.

[347] Ниг.: Курс уголовного права. Т. 1. Общая часть: Учение о преступлении / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало-М, 1999; 2002. – С. 291.

[348] Ба монанди Б.С. Утевский, Ю.А. Демидов, Г.А. Злобин.

[349] Ниг.: Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М., 1950. – С. 43-92; Демидов Ю.А. Социальная ценность и оценка в уголовном праве. – М., 1975. – С. 114; Злобин Г.А. Виновное вменение в историческом аспекте / Уголовное право в борьбе с преступностью. – М., 1981. – С. 23.

субъективии ҷиноят тавсифи дохилии кирдор ифода мегардаду, дар худ муносибати руҳии шахсро бо ҳаракатҳои барои ҷамъият хатарно ва оқибатҳои он дар бар мегирад, ҷонибдор мебошанд.

Вобаста ба ин аҳамияти ҳуқуқии тарафи субъективӣ аз инҳо иборат мебошад:

– ҳамчун муайянкунандаи асосӣ ҳангоми ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидани шахс хизмат менамояд;

– аниқ муайян намудани ҷиноятро таъмин менамояд;

– имконияти аз ҳам ҷудо намудани таркибҳои омехтаи ҷиноятҳоеро, ки бо объект ва тарафи объективияшон бо ҳам монанданд, пайдо мекунад;

– дар муқаррар кардани дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва фардикунии ҷазои ҷиноятӣ таъсир мерасонад.

Дар умум гуфтан мумкин аст, ки тарафи субъективии ҷиноят аз аломатҳои таркибие иборат мебошанд, ки муносибати дохила (рӯҳии) таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Ба сифати чунин аломатҳо; гуноҳ, ангеза ва мақсади ҷиноят баромад мекунанд.

Дар таркиби умумии ҷиноят гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ангеза, мақсад ва ҳаяҷон аломатҳои иловагӣ (факултативӣ) буда, аммо дар таркибҳои мушаххас онҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ баромад карда метавонанд.

**Гуноҳ** – ҳамчун муносибати дохилаи (рӯҳии) субъект ба ҳаракатҳои хеш ва оқибатҳои он, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ зоҳир мегардад, таъриф дода мешавад.

Зери мафҳуми шаклҳои гуноҳ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ қасд ва беэҳтиётӣ фаҳмида мешаванд, ки аз ҳамдигар вобаста ба мазмуни аломатҳои зеҳнӣ ва иродавӣ фарқ менамоянд. Бе гуноҳ таркиби ҷиноят ва худи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дошта наметавонад. Барои содир намудани ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, шахс ҳамон вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ ин кирдорро содир намуда бошад. Баъзе

олимон[350] эътироф мекунанд, ки тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ ифода ёфтааст, ки ба он сабаб ва мақсад шомиланд[351] дар баробари ин А.И. Рарог дуруст қайд мекунад, ки гуноҳ – нишонаи асосии дилхоҳ кирдор эътироф мегардад, аммо он ба саволи оне ки барои чӣ ва чаро гунаҳкор кмрдор содир кард, ҷавоб намедиҳад. Ба ин саволҳо сабаб ва мақсад ҷавоб медиҳанд, ки на аломатҳои ҳатмӣ, сониян нишона иловагии тарафи субъективии ҷиноят маҳсуб мегардад.

Мақсад ва ангеза аломатҳои факултативии (иловагии) таркиби умумии ҷиноят ба ҳисоб мераванд. Вале дар таркибҳои намудие, ки ин аломатҳо нишон дода шудаанд, ба сифати аломатҳои ҳатмии ин таркибҳо баромад мекунанд.

**Ангезаи ҷиноят** ин нияти дарккардашудае мебошад, ки субъект ҳангоми содирнамоии ҷиноят онро ба роҳбарӣ мегирад.

Ҳангоми тасвири ангезаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қонунгузор чунин ибораҳоро ба монандӣ «ният», «манфиат», «ғараз» истифода мебарад. Дар баъзе меъёрҳо ангеза ба таври мушаххас: нияти ғаразнок (қ. 1 м. 300 КҶ ҶТ) дар дигар меъёрҳо ба таври умумӣ: дигар ниятҳои қабеҳ ё дигар манфиатҳои шахсӣ (қ. 2 м. 301 КҶ ҶТ) нишон дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо мазмуни ангеза бояд ҳатман муқаррар ва мушаххас гардонида шавад.

**Мақсади ҷиноят**- ин тасаввурот оиди натиҷаҳои ҷиноятие мебошад, ки субъект барои ноил шудан ба он кӯшиш менамояд.

Дар меъёрҳои ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ мақсади ҷиноят дар фарқият аз ангеза ҳамеша мушаххасан нишон дода мешавад.

Хотири оне, ки масоили пажуҳишшудаистода дар зербоби мазкур ин тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ифода мегардад, моро зарур аст, ки ба масъалаи мазкур гузарем.

---

[350] Ба монанди П.С. Дагел, Д.П. Котов, П.С. Кригер

[351] Ниг.: Дагель П.С., Котов Д.П. Субъективная сторона преступления и ее установление. – Воронеж, 1974. – 243 с.; Кригер П.С. Понятие и содержание вины в советском уголовном праве / П.С. Кригер // Вестник Московского университета. – 1983. – №5. – С. 10-12.

Дар адабиёти илмӣ андешаҳои олимон вобаста ба тарафи субъективии ин ҷиноят ба таври гуногун ифода ёфтаанд, вале мазмунан як маъноро ифода мекунанд.

Масалан, В.С. Комиссарова тарафи субъектии ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)–ро танҳо бо гуноҳи қасдан дар шакли қасди бевосита тавсиф менамояд. В.С. Комиссарова андешаи хешро бо он далелнок мекунад, ки шахс ҳангоми содир намудани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ҳамлаи DoS ва паҳн намудани барномаҳои зараровар, ба ҷамъият хавфнок будани кирдори хешро эҳсос намояд, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хатарнокро муқарар карда, хоҳони фаро расидани он аст[352].

Ба андешаи муҳаққиқон (масалан, С.Д. Бражник, В.М. Лебедева, Е.А. Маслакова, М. Маликовтсев, Ю.И. Скуратова ва ғ.) омода кардан, коркард ва паҳн намудани нармфазорҳои зараррасон ва нобуд кардан, иҳота ё бекора намудани маълумоти компютерӣ ё додаҳо, аз кор мондани таҷҳизоти компютерӣ (ҳуҷумҳои DoS), ҳадафнок эътироф мегардад, аз ин лиҳоз тарафи субъектии ин ҷиноят дар шакли қасди бевосита шакл гирифтааст[353].

Андешаҳои зикр гардида боиси тарафдорист, чунки тарафи субъектии ин кирдорҳо дар намуди қасди бевосита эътироф мегардад, омода кардан ва паҳн намудани нармфазорҳои зараррасон, ҳуҷумҳои DoS ҳадафноканд, шахс ҳаракат (беҳаракатии) эҳсос менамояд, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ карда, хоҳони фаро расидани он аст. Дар чунин ҳолат бавосита ва ё бепарвоёна амалкардан ғайриимкон ифода мегардад.

Тавре дар боло қайд кардем, сохтори таркибии тарафи субъективии ҷиноят аз аломатҳои ҳатмӣ (гуноҳ) ва иловагӣ (ангеза ва мақсад) иборат аст.

---

[352] Ниг.: Российское уголовное право: особенная часть в 2 т. Т. 2 / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, В.С. Комиссарова, А.И. Рарога. – М.: ТК Велби, Проспект, 2006. – С. 463.

[353] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева, Ю.И. Скуратова. – М., 2002. – С. 642; Маслакова Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – С. 96.

Тарафи субъективии ҷиноятҳои баррасишаванда низ чунин аломатҳои ҳатмӣ ва иловагиро доро мебошад. Яъне гуноҳ, ангеза ва мақсад, ки минбаъд мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Гуноҳ, ҳамчуни нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) таркиби ҳатми мебошад. Таҳлилҳо дар ин самт аз он гувоҳи доданд, ки гуноҳ дар тарафи субъективии кирдори зери таҳқиқ қарордошта, танҳо дар шакли қасди бевосита ҷой дошта метавонад. Бе гуноҳ таркиби ҷиноят ва худи ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷой дошта наметавонад. Барои содир намудани ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, шахс ҳамон вақт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ ин кирдорро содир намуда бошад.

Гуноҳ, ҳамчуни нишонаи ҳатмии тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) таркиби ҳатми мебошад. Таҳлилҳо дар ин самт далелнок намуд, ки гуноҳ дар тарафи субъективии кирдори зери таҳқиқ қарор гирифта, танҳо дар шакли қасди бевосита ҷой дошта метавонад.

Аз ҳолатҳои овардашуда бар меояд, ки тарафи субъективии ин ҷиноятҳо дар як шакли гуноҳ, яъне қасд (қасди бевосита) ҷой дошта метавонад. (Таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар танҳо дар шакли қасди бевосита бавуҷуд меоянд.

Тарафи субъективии ин ҷиноят танҳо бо қасди бевоситаи киберҷинояткор дар алоқа бо дарки барои ҷамъият хавфнокии кирдори ӯ тавсиф карда мешавад, чунки ки вай имкононти ё ногузирии фаро расидани кирдори барои ҷамъият хавфнокро муқарар карда, хоҳони фаро расидани он аст. Дар ҳолате, ки шахс ҳангоми ҳамлаҳои DoS, таҳияи барнома имкониятҳои нобудкунӣ, тағйир додан, бастан ё нусхабардории беиҷозати ягон иттилооти муайянро ҳамчун натиҷаи фаъолияти барнома пешбинӣ карда натавонистааст, яъне аз ин хусусияти барои ҷамъият хавфнокии барнома бевосита огоҳ набудааст, пас ин гуна субъектро наметавон ба

ҷавобгарии ҷиноятӣ кашид.

Мавҷудияти чунин ҳолат, ба андешаи М.Ю. Двореский, амали воқеист, зеро таҳияи барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS худ як амали мақсаднокест, ки дар рафти он натиҷаи оқибатҳо аён буда, дар чунин ҳолат аз беэҳтиётӣ амал кардан ғайриимкон ба назар мерасад»[354].

Аз тарафи дигар, ҳангоми содир намудани ҷиноят аз беэҳтиётӣ ҷинояткор бояд эҳтимолияти оқибатҳои зарароварро пешбинӣ мекард, вале ӯ мақсади пешгирӣ кардани онҳоро дошт. Дар доираи таркиби ҷинояти мазкур амали беэҳтиётӣ аз он сабаб ғайриимкон аст, ки худи ҳамлаҳои DoS ва таҳияи барномаҳои зараровар фаъолияти мақсаднок мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии ин намуди ҷиноят муайян кардани сатҳи огоҳии ҷинояткор аз ҳамлаҳои худ ба системаҳои компютерӣ ва зараровар будани барномаи муайяни компютерӣ ва дараҷае, ки ӯ ҳангоми истифода ва паҳн кардани он ба вуҷуд омадани оқибатҳои манфиро интизор аст, аҳамияти калон дорад. Бо ба инобатгирии унсури меъёри м. 303-и КҶ ҶТ чавобгарии ҷиноятиро «барои, таҳия истифода ва паҳн намудани барномаҳои зараровар» ифода мекунад, аломатҳои муайяни шахсияти худи ҷинояткор дар ин ҳолат танҳо бо моҳияти барномаи таҳиякардааш тавсиф карда мешавад.

Мавҷудияти аломатҳои амалҳои барқасдона тибқи таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар мавриди таҳияи барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS баррасии ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Як қатор муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки худи мавҷудияти зарарнокии барнома тасдиқи қасди бевоситаи содир кардани ҷиноят мебошад[355]. Ба андешаи М.Ю. Двореский ин ҳолат дар мавриде вуҷуд дорад, ки «агар шахси гунаҳкор бепарвоёна хато карда, боварӣ дошта бошад, ки кирдори содиркардааш боиси оқибатҳои

[354] Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2001. – 194 с.

[355] Ниг.: Панченко П.Н. Уголовное право России. Общая часть: учебное пособие. – Н. Новгород, 1995. – С. 178; Бессонов В.А. Виктимологические аспекты предупреждения преступлений в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Н. Новгород, 2000. – С. 72-74; Батурин Ю.М., Жодзишский А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность. – М.: Юрид. лит., 1991. – С. 32.

минбаъда намегардад»[356].

Олимони дигар ин аломатро чун лаҳзаи зеҳнии қасди бевосита тавсиф кардаанд, ки Лаҳзаи иродавии бепарвоӣ дар он байён мегардад, ки шахси гунаҳгор тамоми диққаташ ва мавқеи дурбинонаи дахлдор зоҳир намекунад, агар чӣ мебоист ва метавонист он оқибатҳоро пешбинӣ намояд[357].

Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS мавҷудияти чунин аломатҳои зеҳнӣ, ба монанди иродаи гунаҳкорон, ки ин барномаҳо боиси беиҷозат нобудшавӣ, басташавӣ, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, халалдор шудани кори компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо мешаванд, бояд ба таври илмӣ ба танзим даровард шаванд ва аломатҳои ин навъи ҷиноятҳо дақиқ гурӯҳбанди гарданд. Олимони соҳа А.И. Рарог, В.С. Устинов ва В.А. Блинников[358] аломатҳои ин навъи ҷиноятро хуб тасниф намуда, на танҳо мавҷудяти омилҳои зеҳнӣ, балки мавҷудияти қасди бавосита дар ҷиноятҳои мазкурро муҳим шумурдаанд.

Бо боварӣ метавон гуфт, ки эътирофи гунаҳкорон дар хусуси таҳияи барномаи зараровар ба мазмуни моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, дар ин маврид дар баробари омилҳои зеҳнӣ ба назар гирифтани оқибатҳои барои ҷамъият хаҷфноки чунин кирдор муҳим ба шумор меравад.

Бо вуҷуди ин, бояд эътироф кард, ки дар Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки дар таркиби чунин ҷиноят дар баробари аломатҳои зеҳнӣ амали барқасдкорӣ низ ба мушоҳида мерасад. Дар айни замон шахси гунаҳкор метавонад мавҷудияти яке аз аломатҳои субъетивиро эътироф намояд ва дар баробари ин, аз он хабардор бошад (ба ҳамон тарзе ки дар таркибҳои моддӣ шахси

[356] Дворецкий М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование): дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 2001. – 194 с.
[357] Ниг.: Якушин В.А. Ошибка и ее уголовно-правовое значение. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1988. – С. 30.
[358] Ниг.: Рарог А.И. Общая теория вины в уголовном праве: учеб. пособие. – М.: ВЮЗИ, 1980. – С. 41; Блинников В.А., Устинов Б.С. Лжесвидетельство: уголовно-правовые, криминологические, уголовно-процессуальные и криминалистические аспекты. – Ставрополь: Изд-во СГУ, 1999. – С. 41.

гунаҳкор имконияти мушаххаси ба вуҷуд омадани оқибати дилхоҳ ва ногузирии пайдоиши онро пешгӯӣ карда метавонад).

Аломатҳо зеҳнии қасди бавосита ҳангоми кор бо барномаҳои зараровар ва анҷом додани ҳамлаҳои DoS метавонад ҳамчун ҳолати равонии ҷинояткор баррасӣ шавад, ки ӯ медонист ё эҳтимол дошт, ки ин барномаҳо ва ҳамлаҳо барои беиҷозат нобуд кардан, бастан, тағйир додан ё нусхабардории маълумоти компютерӣ, вайрон кардани кори компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо нигаронида шудааст.

Дар ин раванд ҳамаи зинаҳоро ба инобат бояд гирифт. Ҳамин тариқ, дар сурати содир шудани хатои воқеӣ ва аз ҷониби ҷинояткор эътироф нашудани мавҷудияти ин ҳолат, ҳангоми дар бораи оқибатҳои кирдори барои ҷамъият хавфнок амали содиршуда пешакӣ огоҳӣ надоштани вай ҳамаи омилҳо бояд бо диққат ба инобат гирифта шаванд[359].

Барои тасдиқи андешаи худ ба моддаи 354-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус назар менамоем «Таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровар» такя намуданро раво медонем, ки дар он омадааст: «Таҳияи барномаҳои компютерӣ ё ворид намудани тағйирот ба барномаҳои мавҷуда бо мақсади беиҷозат нобуд намудан...[360]».

Дар мавриди нишон додани мақсад ва ангезаи ҷинояти зикргардида, бояд қайд кард, ки худи далели ихтиёрӣ будани онҳо ҳамчун ҷузъи субъективӣ камбудии ҷиддӣ буда, ин хатогӣ дар таҳияи қисми 2-и моддаи 301-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бартараф карда шуд. Ба сифати аломатҳои таснифшавандаи таркиби ҷинояти мазкур тамаъкории ҷинояткорро метавон ҷудо кард: «Кирдорҳое, ки дар қисми якуми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд бо мақсади манфиатҳои ғаразнок содир шудаанд».

Дар амал ҷинояткор на ҳамаша фаворасии оқибатҳои зарароварро мехоҳад, ки инро махсусан ҳангоми содир шудани ин ҷиноят аз сабаби

---

[359] Ниг.: Утевский Б.С. Вина в советском уголовном праве. – М., 1950. – С. 171; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации. Особенная часть / Под общей ред. Ю.Л. Скуратова и В.М. Лебедева. – М.: Инфра-М-Норма, 1996. – С. 416.

[360] бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилооти дар компютер нигоҳдошташуда, система, шабака ё дар васоити техникӣ, таҳияи барномаҳои махсуси вирусӣ ё истифодаи барқасдона ё паҳн кардани интиқолдиҳандагон бо чунин барномаҳо

бадрафторӣ ва ё ба истилоҳ «шавқи варзишӣ» мушоҳида менамоем. Ин масъала диққати як қатор олимонро ба худ ҷалб намудааст. Ба таври мисол, дар китоби дарсӣ, ки аз ҷониби Гаврилов таҳия шудааст, амали шахсе ҳамчун мисол оварда шудааст, ки дискҳои дорои барномаҳои зарароварро паҳн карда, аз оқибатҳои зарароварии ин гуна барнома (ҳадди ақал аз навъи CD) огоҳ аст, аммо бар замми ин бепарвоӣ зоҳир менамояд. Маълум аст, ки мақсади ин гуна шахсон сар задани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок набуда, балки аз фурӯши дискҳо фоида ба даст овардан аст. Ҳамин тариқ, аломатҳои зеҳнии гунаҳкорӣ, ки ба таркиби ҷиноятҳои таҳлилшаванда хос аст, аз бархурдор будани шахси гунаҳкор оиди асоси дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоте, ки дар хотираи компютер нигаҳдори мегардад ва бо қонун ҳимояшаванда, тайёр кардан, паҳн намудан ё коркарди нармфазорҳои зараррасон барои компютерҳо ё бекора намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ, истифодаи компютерҳо, системаҳои компютерӣ ё шабакаҳои онҳо ва ҳамлаҳои DoS иборат аст. Дар чунин ҳолат ҷинояткор на танҳо моҳияти рафтори худ, балки ҷанбаи барои ҷамъият хавфнокии онро низ намефаҳмад. Илова бар ин, гунаҳкор имкон ё ногузирии воқеии сар задани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро дар шакли нобуд кардан, бастан, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, вайрон кардани компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳоро пешбинӣ мекунад. Аз ин рӯ, субъект оқибатҳои зарароварро хуб дарк мекунад. Вақти эҳсосӣ ба вуҷуд омадани оқибатҳои зарарнок ва ё ҳадди аққал муносибати беэҳтиётонаро нисбат ба онҳо бояд дар ҳудуди қонунгузорӣ ба низом даровард. Барои муайян кардани истифодаи барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS исбот кардан лозим аст, ки шахс дар бораи хусусиятҳои барномаи истифодашуда ё ҳамлаи анҷомёфта ва оқибатҳои истифодаи он огоҳӣ дошт ё не.

Дар навбати худ, зеҳни сунъии аз ҷониби инсон офаридашуда қодир аст амалҳои муайян, қабули қарорҳои мушаххас, аз ҷумла он барнмаҳоеро таҳия намоянд, ки аз ҷониби инсон барномарезӣ нашудаанд ва метавонанд ба оқибатҳои марговар, аз ҷумла таҳияи барномаҳои зараровар оварда

расонанд. Аз ин рӯ, киберҷиноятҳо метавонанд бо шаклҳои гуногун содир карда шаванд.

Дар ин раванд бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳиягари барномаҳои зараровар ва анҷомдиҳандаи ҳамлаҳои DoS аз хатари барои ҷамъият хавфнокии кирдорҳои худ огоҳ аст, зеро ӯ дар бораи ҳадафи барномаи компютерӣ, оқибатҳои ҳамлаҳои DoS, ғайриқонуни аз кор баровардан, қатъ намудан, иваз кардан, нусхгирӣ намудани маълумоти компютерӣ ё безараргардонии воситаҳои ҳимояи маълумоти компютерӣ маълумоти дахлдор дошт ва ҳамеша эҳтимолияти бавуҷудоии оқибатҳои вазнинро эҳсос мекард[361].

Ин вазъиятро дар озмоиши байналмилаӣ бисёр нигаристем. Масалан, ба донишҷӯ Т.Ч Инхао муяясар нагардидааст, ки вируси CIH (Чернобил)-и омодакардаашро бенуқсон намояд ва ин сабаби зарарбинии компютерии сартосари гардидааст. Баъди ин, вай дар ТИК-ии электронӣ расман аз аҳолии Чин, ки компютерҳояшон зарар дидаанд, пузиш пурсидааст. Дар асоси ҳисобҳои гуногун, аз вируси Чернобил дар солҳои 1998-1999 дар тамоми кураи замин тақрибан ним миллион компютери шахсӣ зарар дидааст ва зарари моддии расонидашуда аз 20 то 80 миллион долларро фаро мегирад[362].

Аммо дар баъзе таҳқиқотҳои анҷомёфта дар ин самт ишора ба он меравад, ки на ҳама таҳиягарони барномаҳои зараровар ва анҷомдиҳандагони ҳамалаҳои DoS фарорасии оқибатҳои вазнинро пешгӯӣ мекарданд ва онро мехостанд. Бар зами ин, онҳо бо донистани характери зараровари паролҳо ва нармфазорҳои омодакардаашон бояд фарорасии ин оқибатҳоро пешбинӣ менамуданд. Ин тамоюл комилан ба истифода ва паҳн

---

[361] Ниг.: Касперский Е. Компьютерное зловредство (+CD). – Санкт-Петербург, 2007. – С. 100, 103. Масалан, барномасози амрикоӣ Роберт Моррис таҳиякунандаи барномаи зараровари маъруфи «Кирми Моррис» аст, ки дар ИМА 6000 компютерро сироят карда, ба маблағи 96 миллион доллар зарар овардааст; ҳангоми ошкор кардани ҷиноят нисбати барномасозони покистонӣ Басит Форуқ Алвӣ ва Амҷад Алвӣ, таҳиягарӣ вируси Brain ки ҳазорон компютерро дар саросари ҷаҳон сироят кардааст, муайян гардид, ки онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои зараровар таваҷҷуҳи пажуҳишӣ доштанд, аммо баъдан таҷриба зуд аз назорати онҳо берун шуд ва барномаи мазкур зараровар гардид. Дар баробари ин, онҳо зараровар будани рамзҳои компютерии таҳиякардаи худро дарк мекарданд

[362] Ниг.: Чэнь Инхао [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// UDN.com. Hacker Chen IngHau returns to the real world. 2006-04-24. Accessed 2008-01-28. (Chinese) (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

намудани нармфазорҳои зарарнокӣ компютерӣ аз тарафи хакерҳо монанди дорад, ки онҳо таҳиягарони барномаҳои зараровар набуда, бо мақсадҳои ҷиноятӣ дар шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, сомонаҳои махсус, форумҳо ва саҳифаҳои интернетӣ онро ба даст овардаанд .

Ҳангоми таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) наметавон чунин хусусиятҳоеро ба монанди ангеза ва мақсади ҷиноят сарфи назар намуд.

Ба андешаи мо, ин иқдоми мусбатест дар баланд бардоштани самаранокии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳо ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS). Пештар қонунгузор ангезаи кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун аломатҳои иловагии тарафи субъективии ҷиноят эътироф намекард. «Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ содир кардани чунин ҷиноят бо ҳадафи «манфиатҷӯии бо ғараз» эътироф мегардад, ҷинояткор ҷиҳати ба даст овардани манфиъати молиявӣ ва ё озод гардидан аз хароҷоти моддӣ аз ин амал истифода менамояд»[363].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба ғайр аз мақсадҳои ғаразнок чунин ангеза ва мақсадҳои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS), ба монанди хоҳиши ба даст овардани ҳар гуна маълумот дар қонеъ сохтани эҳтиёҷоти шахсӣ, баланд бардоштани дониши худ, хоҳиши мухолифат ба ҷомеа, изтироб дар ҳалли масъалаи мураккаб, вақтхушӣ, қасосгирӣ[364] ва ғ. мавҷуданд. Бо дарназардошти андешаронии пажуҳишгарони соҳа[365] мо дар

---

[363] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общей ред. Г.А. Есакова. – 4-е издание. – Москва: Проспект, 2012. – 544 с.

[364] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. В.И. Радченко, А.С. Михлина. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – С. 568; Гаврилин Ю.В., Головин А.Ю., Кузнецов А.В., Толстухина Т.В. Преступления в сфере компьютерной информации: квалификация и доказывание: учебное пособие / Под ред. Гаврилин Ю.В. – М.: Книжный мир, 2003. – С. 27; Гайфутдинов Р.Р. Понятие и квалификация преступлений против безопасности компьютерной информации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – С.136.

[365] Ниг.: Кочои С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 1999. – С. 132; Малыковцев М.М. Уголовная

қонунгузории ҷиноятӣ мавҷуд набудани нишонаи бевоситаи ангеза ва мақсади содир кардани ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) қайд менамоем, ки он дар қонунгузорӣ холигиро ба миён меорад.

Дар асоси таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) нигаронидашуда метавон қайд намуд[366], ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS) дар сурате анҷомёфта эътироф мегардад, ки агар шахс барои ҷамае хатарнокии ҳаракатҳои херо ҷиҳати омода кардан, коркард ва пахши нармфазорҳои зарраррасон ё дигар маълумоти ба таври махсус ҳимояшаванда, қасдан бо ҳадафи беиҷозат нест намудан, қатъ кардае, иваз намудан, нусхагири намудани иттиллоти дар маъхазҳои электронӣ мавҷуд буда ё ҳуҷумҳои DoS, роҳандозӣ намояд ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хатарнокро муқарар карда, мехоҳад чунин оқибат ба миён ояд.

Ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS ва кирдорҳое, ки бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ содир мешаванд) бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомот ё ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин монеъ шудан ба фаъолияти муътадили васоити ахбори омма, мақомот, муассисаҳои давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ роҳандозӣ карда мешаванд. Бо дарназардошти барои ҷамъият хавфи баланд доштан ба ин навъи ҷиноятҳо бояд ҷазо пурзур карда шавад, зеро он ифодагари мафҳуми кибертерроризм мебошад.

---

ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 186 с. – С. 115-116.

[366] Ниг.: Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общей ред. Г.А. Есакова. – 4-е издание. – Москва: Проспект, 2012. – 544 с.; Ефремова М.А. Уголовная ответственность за преступления, совершаемые с использованием информационно-телекоммуникационных технологий: монография. – Москва: Юрлитинформ, 2015. – С. 105; Новое в Уголовном кодексе / Под ред. А.И. Чучаева. – Москва: Контракт, 2012. – Вып. 2. – 114 с.; Быков В.М., Черкасов В.Н. Новое: об уголовной ответственности за создание, использование и распространение вредоносных компьютерных программ / В.М. Быков, В.Н. Черкасов // Российский судья. – 2012. – №7. – С. 20; Гайфутдинов Р.Р. Понятие и квалификация преступлений против безопасности компьютерной информации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – С. 131.

Барои аз нигоҳи ҳуқуқӣ танзим намудани чунин навъи ҷиноятҳо, ки дар даврони муосир ба таври васеъ дар шаклҳои гуногун содир шуда, вобаста ба аломатҳои худ таснифоти мураккабро талаб менамоянд, ба таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва андешарониву хулосаҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ такя намудан ба манфиати кор мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили параграфи мазкур ба андешаи ниҳоие омадан мумкин аст, ки таркиби моддаи 300 КҶ ҶТ ба иловаҳои нав ниёз доранд. Бинобар ин пешниҳод дорем, ки барои мукаммал гардидани таркиби ҷинояти моддаи номбурда дар қисми 2 ҳамчун ҳолатҳои вазнинкунанда чунин таркибҳо ба таври зайл муқарорар карда шаванд:

Ҳамин кирдор агар:

в) бо мақсади авбошӣ содир шуда бошанд;

г) бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ;

д) бо ҳадафҳои боздорандагӣ ва  ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ содир шуда бошанд.

2. Таҳлилҳо дар ин самт нишон дод, ки ҷаҳонишавӣ, рушди босръати технологияҳои иттилооти коммуникатсионӣ ва оқибатҳои зараровари онро ҳоло аксари кишварҳои пешрафтаи чаҳон эътироф намуда дар қонунгузории ҷиноятии худ субъекти субъекти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS)-ро, «шахсони ҳуқуқи» пешбини менамоянд[367].

3. Субъекти ҷиноятe, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) равона гардидааст метавонад дилхоҳ шахси воқеӣ ва мукаллаф мебошад (яъне субъекти умумии ҷиноят), ки дар ҷараёни содир намудани кирдор ба синни 14

[367] Масалан дар қонунгузории ҷиноятии Австралия, Албания, Белгия, Британияи Кабир, Маҷористон, Дания, Ҳиндустон, Ирландия, Исландия, Канада, Чин, ИМА, Фаронса ва монанди инҳо. Дар баробари ин, андешаи ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани шахсони ҳуқуқӣ барои содир намудани ҷиноятӣ баррасишуда аз ҷониби як қатор олимони маъруфи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷонибдорӣ карда мешавад.

расида бошад. Андешаи мазкурро бо он далелнок мекунем, ки қисми зиёди нафарони синни 14-19 сола дар шароити нав корбарони шабакаи «ҷаҳонии ИК-ии электронӣ» ва дорандаи техникаҳои гуногун (аз ҷумла телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо, ноутбукҳо, планшетҳо ва монанди инҳо) эътироф гардида, қобилияиту лаёқати даркориро ҷиҳати фаъолият ТИК-ии электрониро доро ҳастанд. Аз ин сабаб, онҳо ҷиҳати содир кардани унсури уирдори таҳқиқгардидаистода аз нуқтаи назараи доктринаи илм ва таҷриба имкон доранд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки, ба қ. 2-и м. 23-и КҶ ҶТ (оид ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ) Ба унсурҳои кирдорҳое, ки дар м.м. 300 ва 303-и КҶ ҶТ муқарар гардидааст, тағйирот дохил карда шуда ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ин гуна кирдорҳо аз синни чаҳордасолагӣ пешбини гардад. «Бояд таъкид дошт, ки, поён овардани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахсони воқеии синнашон ба чаҳордасолагӣ расида ба кулли боиси дастгирист, зеро ин тамоюл дар сурате, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳуҷумҳои DoS) оқибатҳои вазнинро ба бор оварад ё хатари сар задани онҳоро ба бор оварда бошад»[368]. Ҷиҳати далелнок кардани мавқеи хеш метавон ба таҷрибаи як зумра мамлакатҳои хориҷа, ки дар онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷиҳати содир кардани кирдорҳое, ки ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) равона шудаанд аз синни 14 ё 15-солагӣ пешбини мегардад, бояд такя кард. Ҳамзамон чунин синну соли пасти ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои дар боло номбаршуда аз он иборат аст ки: 1) моҳияти иҷтимоии чунин кирдорҳо аз тарафи ноболиғон аз ҳамин синну сол хуб дарк карда мешавад; 2) чунин кирдорҳо хусусияти баланди хавфнокии ҷамъиятӣ доранд; 3) ин ҷиноятҳо дар байни ноболиғон васеъ паҳн шудаанд.

4. Дар асоси таҳлили адабиётҳои соҳавӣ ва таҷрибаи амалӣ метавон хулосагирӣ намуд, ки ба қ. 2-и м.300-и КҶ ҶТ нишонаи далелноккунандаи

[368] Ниг.: Давлатзода К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS) / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – С. 233-240.

ҷиноятии «кирдорҳои барои ҷамъият хавфноке, ки шахс бо сӯистифода аз вазъи хизматии хеш аҷом додааст»-ро дохил намуда, таркиби муайяншудаи ҷавобгарии ҷиноятии он бо ... далелнок бояд намуд. Ҳамзамон аз тарфаи мақоми қонунбарор даъват ба амал оварда мешавад, ки бар зимни он, дар қ.2-и м. 300-и КҶ ҶТ нишонаҳои субъеки махсус – нафаре, ки ҷиҳати анҷом додани кирдор аз вазъи хизматии хеш истифода менамояд, мухтасар пешбини гардад. «Ин истилоҳ яъне «истифода аз мавқеи хизматӣ» мешавад, ки тарафи шахсони мансабдор ва қисмҳои гуногуни навъҳо хизматрасонӣ ё аз тарафи кормандони ширкатҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ, вобастанабуда аз намуди молу мулке, ба василаи он воситаҳои махсуси додаҳо, низоми маълумотдиҳи, ТИК-ии электронӣ ва дигар василаҳои омода намудан, истифодабарии нармфазорҳои зараррасон, фиристонидани маълумот корбурд карда мешавад, татбиқ мегардад».

5. Мавҷудияти аломатҳои амалҳои барқасдона тибқи таҳқиқотҳои анҷомдодашуда дар мавриди таҳияи барномаи зараровар ва ҳамлаҳои DoS баррасии ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз мавҷудияти зарарнокии барнома тасдиқи қасди бевоситаи содир кардани ҷиноят мебошад.

6. Тарафи субъективии ин ҷиноят танҳо бо қасди бевоситаи киберҷинояткор дар алоқа бо дарки барои ҷамъият хавфнокии кирдори ӯ тавсиф карда мешавад, чунки содиркунандаи ин кирдорои ба ҷомеа хатарнок эҳтимоли ба миён омадани оқибати барои ҷомае хатарнокро пайхас мебарад ва мехоҳад, ки чунин оқибат пайдо гардад.

7. Таҳлили корҳои илмӣ, маводи амалияи тафтишотии судӣ имкони хулосабарориро фароҳам оварда, дар ин замина барои таснифи ҳамаҷониба ва пурраи санадҳои мавриди назар дар самти ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) ки намуди нави киберҷиноятҳо ифода мегардад, бояд ангезаҳои ҷиноятро пурра арзёбӣ намуда, матни моддаҳои 298, 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо аломатҳои нав ба таври зайл

бояд пурра намуд: «ҳамин кирдорҳо бо мақсади авбошӣ содир шуда бошанд», «ҳамин кирдорҳо бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти давлатӣ, инчунин монеъ шудан ба фаъолияти муътадили воситаҳои ахбори омма, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва (ё) худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳои давлатӣ содир шуда бошанд».

# БОБИ 4. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҶИНОЯТҲОИ БО ИСТИФОДА АЗ ВОСИТАҲОИ ГУНОГУНИ ТЕХНИКӢ СОДИРШАВАНДА

## 4.1. Объекти ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)

Имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ афзоиши ҷиноятҳое, ки дар онҳо фаъолияти ҷиноятӣ бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ (мактубҳои фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии маълумоти онлайни шахсӣ содиршаванда) содир карда мешавад, рӯз аз рӯз зиёд шуда истодааст. Бояд иброз намуд, ки дар таҳлили илмӣ дар зербоби мазкур ҷиноятҳое, тавассути василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд танҳо мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ дар назар дошта мешавад.

Таҳқиқотҳои анҷомёфта дар ин самт гувоҳи доданд, ки аз нисф зиёди ҷиноятҳо дар ин соҳа ба роҳҳои ғайриқонунӣ дастраси пайдо намудан бо рамзи кортҳои бонкӣ рост меояд. Бо вуҷуди он ки доимо ба аҳолӣ таъкид карда мешавад, ки ҷузъиёти кортҳои бонкии худро ифшо накунанд, аммо қаллобон боз роҳҳои нави шикастани системаҳои дорои реквизитҳои корти бонкӣ ва пинкодҳоро пайдо мекунанд. Системаҳои муҳофизатии зидди қаллобӣ на ҳамеша ба усулҳои нави хакерӣ сари вақт мутобиқ гардонида мешаванд. Аз ин рӯ ин навъи ҷиноятҳо то ба ҳол ба таври зиёд рух медиҳанд.

Дар аввал бояд номгӯйи ҷиноятҳое, ки тавассути василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, маънидод карда шавад. Зеро, ки ин намуди ҷиноятҳо дар замони муосир нисбан ҷиноятҳои нав дар илмӣ ҳуқуқи ҷиноятӣ маҳсуб ёфта, диққати олимони замони муосирро ба худ ҷалб намудааст.

**Мактуби фишингӣ.** Истилоҳи «фишинг» аввалин маротиба соли 1996 дар сомонаи Гурӯҳи ахборотии alt.online-service.America-Online-и шабакаи Usenet пайдо шуда, мафҳуми он ба ширкати расонавии AOL алоқаманд мебошанд, ки қаллобон суистифода аз боварӣ ва бо роҳи фиреб худро кормандони

ширкати AOL муаррифӣ карда, тавассути барномаҳои мубодилаи фаврии пайёмакҳо ба корбарон муроҷиат намуда, аз номи кормандони ширкат рамзи аккаунти онҳоро талаб карданд. Пас аз дастрасӣ пайдо намудан ба аккаунти онҳо, онро барои ирсоли спам[369] истифода карданд.

Дар ибтидои солҳои 2000-ум бошад, фишинг, ҳамчун намуди паҳнгаштаи киберҷиноятҳо дар системаҳои пардохтӣ паҳн шуда, соли 2006 корбарони шабакаи иҷтимоии MySpace дучори ҳамлаи фишингӣ шуданд, ки дар натиҷаи он маълумоти бақайдгирӣ дуздида шуд.

Фишинг (phishing, аз калимаи fishing–мафҳуми маҷозии ифодагари моҳидорӣ – як навъи қаллобӣ дар Интернет буда, ҳадафи он гирифтани маълумоти махфии корбарон (логинҳо ва рамзҳо барои кортҳои бонкӣ, аккаунтҳо) мебошад[370].

Одатан таҳти мафҳуми фишинг ирсоли оммавии мактубҳо ва огоҳиномаҳо аз номи брендҳои маъруф, бонкҳо, системаҳои пардохт, хадамоти почта ва шабакаҳои иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Ин гуна мактубҳо маъмулан дорои логотип, паём ва истиноди бевосита ба сомонаҳое ҳастанд, ки аз вебсайти воқеӣ зоҳиран фарқ намекунанд. Дар ин гуна мактубҳо ё огоҳиномаҳо талаб карда мешавад, ки аз рӯйи ин истинод ба вебсайти «хизматрасонӣ ворид шавед» ва омилҳои гуногун оварда мешавад, то ки маълумоти махфии шахсиро дар қолабҳои муайян ворид намоем. Дар натиҷа, қаллобон ба аккаунтҳо ва суратҳисобҳои бонкии корбарон дастрасӣ пайдо мекунанд[371].

**Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ** ин ғайриқонунӣ ба маълумоти шахсии корбар бо мақсади дуздидани маблағҳои ӯ, ба даст овардани дигар маълумоти махфӣ ё фавран анҷом додани қаллобии андоз ё суғуртаи тиббӣ аз номи ҷабрдида дастрасӣ пайдо намуданро, ифода менамояд. Ҷинояткорон бо

---

[369] Ниг.: Спам – фиристодани мактубҳои оммавии хусусияти таблиғотӣ ба шахсоне, ки хоҳиши гирифтани онро изҳор накардаанд.
[370] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rb.ru/story/what-is-fishing (санаи муроҷиат: 17.06.2023).
[371] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rb.ru/story/what-is-fishing (санаи муроҷиат: 17.06.2023).

истифода аз маълумоти шахсӣ метавонанд ба номи шахс телефони мобилӣ ё пайвасти хизматрасонии интернетро сабти ном кунанд, номи шуморо барои нақшаи анҷом додани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок истифода баранд ва ба номи шумо имтиёзҳои давлатӣ талаб кунанд. Ин кирдори барои ҷаоме хатарнок метавонад бо истифодаи рамзҳое амалӣ гардад, ки хакерон заминаи муҳофизатиро бекора карда дохил гарданд ба додаҳои истифодабарандагон, ё ба туфайли маълумоти шахсии аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирифташуда ё тавассути қаллобӣ бо истифода аз мактубҳои фишингӣ ба даст меоранд. Дар асл, ин ибора маънои дуздии аломатҳои «тасдиқкунанда»-и шахсро дорад, зеро «шахс» –ин хислат, эҳсосот ва таҷрибаи ҳаётӣ мебошад[372]. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки шахси ҷиноятсодиркунанда метавонад аз номи шумо баромад кунад. Ба андешаи мо чунин мулоҳизаронихо қобили қабул мебошанд.

Шакли дигари ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд кибертаъқиб (киберсталкинг) (аз англисии ciber – кибер ва stalking – таъқиб) мебошад. Кибертаъқиб (киберсталкинг) ин истифода намудани интернет барои таъқиби шахси дигар ва ё гурӯҳи одамон мебошад. Он метавонад дар шакли гунаҳкоркунӣ, таъқиб, туҳмат сурат гирад. Ба кибертаъқиб (киберсталкинг) инчунин ҷамъоварии маълумот дар бораи шахс, ки бо мақсади таҳдид кардан ва ё таҳдиди ифшои таҳсилотҳои бадномкунанда истифода бурда мешавад, дохил мекунанд. Кибертаъқиб истифодаи зӯроварӣ ё овардани фишорро (бевосита ё бавосита) дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё ҷисмонӣ (бо роҳи намоиш ё дигар истифодабарӣ аз аксҳо ё видеомаводҳо) бо мақсади тарсонидан, таҳдид, пайгирӣ намудан, таъқиб ё таҳқир кардан бо истифода аз Интернет ё технологияҳои дигар, масалан, телефонҳои мобилӣ пешбинӣ мекунад[373].

[372] Ниг.: Что такое кража личности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.dal.by/ news/149/07-11-16-3 (санаи муроҷиат: 10.10.2022).
[373] Ниг.: 10 форм кибербуллинга [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// stopugroza.ru/life/10-form-kiberbullinga-ot-kids-kaspersky-ru (санаи муроҷиат: 19.08.2020).

Масъалаи асосии баррасишаванда ин объекти ҷиноятҳое, тавассути василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ифода мегардад. Бинобар ин ба баррасии ин паҳлу ру овардан лозим аст.

Албатта барои бандубасти дилхоҳ ҷиноят таҳлили ҳуқуқӣ-ҷиноятии унсурҳои таркиби ҷиноят талаб карда мешавад. Яке аз падидаҳои муҳим дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят эътироф мегардад. Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ, хусусан киберҷиноятҳоро кирдоре ташкил медиҳад, ки дар он тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятҳо ҷой дошта бошад(м. 11 КҶ ҶТ). Яке аз аломатҳои таркиби ҷиноят, ки барои бандубаст аҳамият дорад, ин объекти ҷиноят мебошад.

Объекти ҷиноят дар таҳлили ҳама гуна меъёри қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ҳамчун унсури таркиби ҷиноят, хусусан киберҷиноятҳо дар ҷои аввал гузошта мешавад. Зеро, дуруст муқаррар кардани объекти ҷиноят ба пажуҳигар шароит фароҳам меоварад, ки моҳияти иҷтимоии ин ҷиноятҳоро дарк намуда, мавқеи онро дар байни дигар муносибатҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷомеа инкишоф мeёбанд, инчунин барои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии манфиатҳои бо қонуни ҷинояти ҳифзшавандаро муайян намоем.

Қисми мубрами объекти ҷиноят, таркиби ҷиноят ба ҳисоб меёбад. Ҳангоми мавҷуд набудани объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳаракат ҷиноят пазируфта мешавад. Дар ин асно Б.А. Куринов иброз мекунад, ки мавҷудияти кирдорӣ бе объекти он ғайриимкон аст[374]. Муқаррар кардани он ки ба кадом объект кирдори барои ҷамъият хавфнок таҷовуз кардааст, баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ин татбиқи дурусти қонунгузории ҷиноятиро таъмин менамояд. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки дар баҳо додани ҷиноят объекти он аҳамияти махсус дорад.

Пеш аз ҳама аҳамияти объекти ҷиноят дар он тобон аст, ки вай яке аз унсурҳои таркибии ҷиноят буда, асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил

[374] Ниг.: Куринов Б.А. Научные основы квалификации преступлений: учебное пособие. – М.: Моск. ун-та, 1984. – С. 60.

медиҳад. Ҳолати мазкур ифодакунандаи он аст, ки барои шахсро мувофиқи моддаи мушаххаси Қисми махсуси КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашидан, бояд муқаррар кард, ки ӯ ба кадом объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда заррар расонидааст ё онро таҳти таҳдиди расонгидани заррар қарор додааст.

Чи тавре дар боло қайд кардем, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба таснифоти маъмулӣ объекти ҷиноятро одатан ба амудӣ ва уфуқӣ тасниф менамоянд. Ҳамин тавр, аз рӯйи амудӣ чунин намуди объектҳо ҷудо карда шудаанд: «объекти умумӣ[375]», «хелӣ», «намудӣ» ва «бевосита».

Бо ба инобат гирифтани он ки объекти ҷиноятҳо характери умумиро дороянд, барои қисми барзиёди ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарнок якхелаанд, онҳо қоъидатан дар қисми умумии қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳайси объектҳои якуминзинаи ҳимояшаванда аз таъқиботи ҷиноятӣ эътироф гардидаанд. Объектҳои якуминзинаи ҳимояшавандаи кирдор дар асоси талаботи қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ муносибатҳои зайл ба мисли: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ маҳсуб мегардад.

Мабҳаси объекти ҷинояте, ки дар вай ҷиҳати амали намудани кушиши ҷиноятӣ, восилаҳои махсуси техникиро татбиқ мекунанд (ирсоли мактуби фишингӣ, пайгирии маҷозӣ, дуздии онлайнии иттилоъи шахси), торафт бештар мавзуи таҳқиқоти илмӣ мегардад. Олимони соҳа ба ин самти масъала диққати махсус додаанд. Масалан, С.С. Хачатурова ва Ю.П. Жихарева (соли 2016) фақат таҳқиқи объекти кирдорҳои ирогардидаро аз руи ҳимояи муносибатҳои ҷамъияти ба қисмҳои алоҳида: психологӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ

[375] Ниг.: Веред Е.Б. Неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего: уголовно-правовой и криминологический аспекты: дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2004. – С. 46. Объекти умумии ҷиноят – ин мафҳуми умумигирдовардашудае мебошад, ки ҳама арзишҳои (молҳо, манфиатҳо)-и бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандаро дар бар мегирад, ки дар ниҳоят ҳар як кирдори барои ҷамъият хавфнок дар маҷмуъ ва дар алоҳидагӣ ба он равона карда шудааст. Объекти ҷиноятҳо барои ҳамаи кирдорҳое, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ намудааст, ягона мебошад

пешбини кардаанд[376], ки ба андешаи онҳо объекти ин ҷиноятҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо, молу мулк новобаста аз шакли он ва маълумотҳои шахсӣ, ки интернет воситаи содиршавии он ифода мегардад. Аз ин гуфтаҳо метавонем якчанд хулоса барорем. Хусусиятҳои ин унсури таркибии ҷиноят таҳлили махсусро аз рӯйи якчанд ҷиҳатҳо талаб мекунанд:

● аз ҷиҳати психологӣ, зероки ин намуди ҷиноят бевосита ба руҳияи инсон таъсир мерасонад ва дорои дараҷаи муайяни зарари маънавист, ки дар натиҷаи ҳамлаи киберӣ расонида мешавад. Масалан ин намуди кирдори барои ҷамъият хавнок тавассути истифодаи технология (компютер, телефонҳои мобилӣ) ва интернет (почтаи электронӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ) таҳдид ва ё таъқибнамоии шахси дигар мебошад. Он дар шакли интишороти расмҳо ва матнҳои таҳқиромез, таҳдидҳо, паёмакҳои иғвоангез ва бардурӯғ, паҳн кардани хабарҳои бардуруғ ва таҳқирҳо амалӣ мегарданд ном бурда мешавад.

● аз ҷиҳати ҳуқуқӣ, мавзуи баррасишавандаи мо вайрон карда шудани ҳуқуқҳои муайяни инсон мебошад, мисли ҳуқуқ ба дахлнопазирии маълумоти шахсӣ, ҳуқуқ ба иттилооти шахсӣ.

● аз ҷиҳати иқтисодӣ, барои он ки зараре, ки аз ҷониби фишер расонида мешавад, ин зарари моддӣ аст ва худ мақсади фишинг – ба даст овардани воситаҳои пулии муайян мебошад.

Дар ин мабдаъ Р.Р. Гайфутдинов[377] қайд мекунад, ки объекти ин ҷиноят танҳо ҷамъоварии ғайриқонунии маълумоти шахсӣ, таҳқир намудани шахс тавассути интернет ва бо талаби ғайриқонунии молу мулк новобаста аз шакли он мебошад. Доир ба масъалаи объекти ин ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ олимони зиёд (ба монанди Т.Н. Бородкина, А.В. Павлюк[378], Е.Л. Кочкина[379],

---

[376] Ниг.: Хачатурова, С.С., Жихарева, Ю.П. Осторожно, фишинг / С.С. Хачатурова, Ю.П. Жихарева // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2016. – №4 (часть 4). – С. 793-795.

[377] Ниг.: Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности / Р.Р. Гайфутдинов // Вопросы российского и международного права. – 2017. – №4 А. – Т. 7. – С. 245-256.

[378] Ниг.: Бородкина Т.Н., Павлюк А.В. Киберпреступления: понятие, содержание и меры противодействия / Т.Н. Бородкина, А.В. Павлюк // Социально-политические науки. – 2018. – №1. – С. 135-137.

В.В. Тулегенов[380] Е.А. Буданова, А.Н. Богомолов ва дигарон) таҳқиқоти илмии зиёд намудаанд. Масалан, Е.А. Буданова ва А.Н. Богомолов[381] пешниҳод мекунанд, ки объекти ин ҷиноятро маълумотҳои компютерӣ, маълумотҳо вобаста ба ҳаёти шахсии инсон ва оилаи ӯ, ташкил медиҳад. Харид ё фурӯши иттилооти компютерӣ, махзани маълумотҳо ва маълумоти шахсӣ, иттилоот дар бораи хислат ва хусусияти шахс» низ объекти ин ҷиноят мебошад[382].

Аз таҳлили андешаҳои олимон бармеояд, ки мафҳумҳои «маълумоти шахсӣ» ва «иттилооти компютерӣ» норавшан мондааст, ки таҳлилро талаб мекунад.

Иттилоот – ин маълумот дар бораи шахсҳо, ашёҳо, объект, воқеаҳо, рӯйдоду ҳодисот (падидаҳо) ва равандҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо ба ҳисоб меравад.

Вале вобаста ба тафсири моддаҳои 298-304 боби 28 КҶ ҶТ зери мафҳуми иттилооти компютерӣ на худи маълумотҳо балки шакли пешниҳоди онҳо дар намуди хониши машинӣ, яъне, маҷмӯи аломатҳое, ки дар хотираи компютер ва дар барандагони машинӣ (дискетҳо, дискетҳои оптикӣ ва магнитооптикӣ, лентаҳои (тасмаҳои) магнитӣ ва дар дигар маъводҳои баранда) қайд гардидаанд, фаҳмида мешавад. Ҳангоми ошкор ва тафтиши ин ҷиноятҳо инчунин ҳатман ба назар гирифт, ки ҳангоми шартҳои муайян майдонҳои физикӣ низ барандагони иттилоот шуда метавонанд.

Тибқи муқаррароти моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 3 августи соли 2018, тахти №1537, маълумоти шахсӣ – ин маълумот дар бораи далелҳо, воқеаҳо ва ҳолатҳои

---

[379] Ниг.: Кочкина Э.Л. Определение понятия «киберпреступление». Отдельные виды киберпреступлений / Э.Л. Кочкина // Сибирские уголовно-процессуальные и криминалистические чтения. – 2017. – №3. – С. 162-169.

[380] Ниг.: Тулегенов В.В. Киберпреступность как форма выражения криминального профессионализма / В.В. Тулегенов // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2014. – №2 (33). – С. 94-97.

[381] Ниг.: Буданова Е.А., Богомолов А.Н. К вопросу об ответственности за неправомерное завладение данными кредитных либо расчетных карт и их оборот в теневом секторе экономики / Е.А. Буданова, А.Н. Богомолов // Вестник ТГУ. Гуманитарные науки. Право. – 2011. – Вып. 7 (99). – С. 234-239.

[382] Ниг.: Степанов-Егиянц В.Г. Конституционные основы уголовно-правового обеспечения безопасности компьютерной информации / В.Г. Степанов-Егиянц // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия: Экономика и право. – 2016. – №2. – С. 161-164.

ҳаёти субъекти маълумоти шахсӣ мебошад, ки ба мушаххаснамоии шахсияти ӯ имкон медиҳад[383].

Аз ин бар меояд, ки мафҳумҳои «маълумоти шахсӣ» ва «иттилооти компютерӣ» фишингро метавон ҳамчун усули ба даст овардани маълумоти шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои муҳандисии иҷтимоӣ (методов социальной инженерии) (яъне, хакерӣ бо истифода аз омили инсонӣ) барои минбаъд бо ҳадафҳои ғаразнок ва ҷиноятӣ истифода кардан муайян кард.

Натиҷаи таҳлили объекти кирдоҳои таҳқиқшудаистода дар заминаи баррасию корбарии мавқеи пажуҳишгарони соҳавии ирогардида ба алқиссае омадан мувофиқи мақсад мебошад, ки ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар натиҷаи содир гардидани он, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ва ба объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ заррар мерасонанд.

Масалан ирсоли мактубҳои фишингӣ ва кибертаъқиб, ин муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи қоидаҳои истифодабарии МЭҲ, системаи МЭҲ ва шабакаҳои он ифода меёбад, ки ба таври ҳифзшуда нигаҳдории маълумот ва додаҳо, ҳамзамон имконияти корбарии давомнокӣ онҳоро ба манофеи соҳибмулк ва корбарон, ҳамзамон шаъну шараф ва эътибори инсон, ҳолати равонӣ ва ҷисмонӣ, расмҳои шахсӣ, иттилоот дар бораи қобилияти шаҳвонӣ, иттилоот дар бораи вазъи саломати ифода мекунад.

Дар баробари ин мо ҷонибдори ақидаи он олимоне ҳастем, ки ба андешаи[384] онҳо ба сифати объекти ҷинояти мазкур мансуб донистани танҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ на ҳамеша самти кирдори барои ҷамъият хавфнокро инъикос мекунад, зеро мафҳуми объекти ҷиноят як категорияи бисёрҷанба ва мураккаби ҳуқуқӣ (аз нуқтаи назари плюралистӣ) мебошад. Равиши плюралистӣ дар муқоиса бо равиши монистӣ мафҳум ва моҳияти объекти ин ҷиноят, гуногунии онро дар даврони муосир боз ҳам пурратар инъикос

[383] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 3 августи соли 2018, таҳти №1537 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

[384] Ниг.: Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – С. 170-174; Уголовное право Россия. Общая часть: учебник / Под ред. А.И. Рарога. – Москва: Эксмо, 2009. – С. 82-84; Наумов А.В. Российское уголовное право: общая часть. Курс лекций. В 2 т. Т. 1. / А.В. Наумов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юрид. лит., 2004. – С. 179.

мекунад. Масалан объекти кибертаъқиб ҳамеша шахсият маҳсуб меёбад, бинобар ин дар фасли ҳафтуми Кодекси ҷиноятии ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият», муқарар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кибертаъқиб мувофиқ матлаб аст. «Хосияти обекти кирдори баррасишавандаро на фақат шахсият ташкил менамояд, сониян муносибатҳои миёни одамҳо низ ҳамчун объекти ҳимояи ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мегардад, ки ба онҳо шомиланд: осӯдаҳоии шахс, имконоти ба ӯ таъминшудаи иҷтимоӣ имконоти зиндагӣ намудан, аз саломатӣ истифода кардан. Олиқадр будани мақоми шахсият дар ин ҳолатҳо, ба он далелнок мегардад, ки ҳамаи имкониятҳо дар давлати иҷтимоӣ ҷиҳати некии шахсият равона гардидааст»[385]. Хислати хосси фардии ҳар кас «миёни падидаҳои иҷтимоӣ мавқеи майяноро касб кардааст ва дар силсилаи арзишҳои иҷтимоӣ дар мақоми якум қарор мегирад. Ба пазироии дигар, ҳамаи шоистагии иҷтимоӣ мувофиқ зиндагӣ кардани шахсият равона гардидааст. Бо ин мақсад, муносибатҳои ҷамъиятиро ҳимоя карда, ҳуқуқи ҷиноятӣ шахсиятро ҳам аз хатарҳои дохилию беруна муҳофизат мекунад»[386].

Маҳз ба ҳамин хотир, ба хислати объекти кирдори пажуҳишгардида мумкин аст ҳам муносибатҳои ҷамъиятӣ (бахусус, дар самти бадал кардани ҳифзи маълумоти компютерӣ) ва ҳам шахс, манофеи гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, мукотибот, андеша ва мулоҳизаҳои шахсӣ ва дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), ҳамчунон ҳуқуқ ва манофеи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби қонун ҳифз карда мешаванд (яъне, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) баромад намоянд.

Агар дар ин самт ба КҶ ҶТ назар афканем, қонунгузории имрӯза объектии ин кирдорҳоро маълумоти компютерӣ далелнок карда, маълумоти компютерӣ ҳамчун пайғому иттилооъе муқарар гардидааст, ки дар намуди алоқаҳои баркӣ новобаста аз воситаҳои нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли

---

[385] Ниг.: Кудрявцев В.Н., Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 16.

[386] Ниг.: Козаченко И.Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья / Под ред. Ковалев М.И. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1987. – С. 90-91.

онҳо пешниҳод карда мешаванд (дар тафсири моддаи 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин нуқта зикр шудааст).

Тавре зикр намудем, объекти ҷиноятҳо «аз рӯйи амудӣ» ба «умумӣ», «хелӣ», «намудӣ» ва «бевосита» тасниф мешаванд.

«Ба ин хотир дар бораи объекти умумии кирдорҳое, ки тавассути василаҳои гуногуни техникӣ анҷом меёбанд («ирсоли мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», «дуздии онлайнии маълумоти шахсият») дар адабиёти илмӣ умуман ихтилофҳои ҷиддӣ вуҷуд надорад ва объекти умумии таркиби ҷиноятҳои мазкур муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти нигаҳдории маълумоти махсус ҳимояшаванда аз ҳамлаҳои киберӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ мебошад»[387]. Кодекси ҷиноятии ҶТ, якумин объекти умумии сӯиқасд ба ин шакли кирдорро ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти мудофиаи амнияти маълумотдиҳӣ аз ҳуҷумҳои киберӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ пешбини карда, боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро – «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» номгузорӣ намудааст. Дар масъалаи муайян кардани объекти умумии ҷиноятҳои зикршуда муаллиф инчунин ба равиши аз тарафи умум қабулшуда амал мекунад.

«Дар сурати касб кардани ин тадбир дар омӯзиши объекти ҷиноят ба хислати объекти намудии кирдорҳои дар боби 28-и КҶ ҶТ муқараргардида ҳолати кунунии амнияти иттилооти компютериро аз намудҳои гуногуни хатарҳои марбут ба дастрасии ғайриқонунӣ ба он аз ҷониби шахсоне, ки тибқи қонунгузорӣ ҳуқуқи истифодаи онро надоранд, муайян метавон кард. Андешаи олимонро дар ин масъала гуногун метавон дарёфт» [388].

---

[387] Ниг.: Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно правовой анализ с материалами судебное следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – М.: Экзамен, 2007. – 6-е изд. – С. 772; Уголовное право России. Общая часть: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – С. 730; Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 193; Степанов-Егиянц В.Г. Методологическое и законодательное обеспечение безопасности компьютерной информации в Российской Федерации (уголовно-правовой аспект): дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2016. – С. 127, 129; Уголовное право: особенная часть / Под ред. А.И. Рарога. – 3-е изд., испр. и доп. – Москва: Эксмо, 2009. – С. 525.

[388] Ниг.: Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления / Е.А.Фролов // Сборник ученых трудов. – Свердловск: СЮИ, 1969. – С. 184-225; Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – С. 31; Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 12.

Объекти хелӣ кирдор аз ҳамшакл шудани муносибатҳои ҷамъиятии монанд далолат дода дар номи фасли Қисми махсуси КҶ марбут ба аз шоистиагии объект пешбини гардидааст.

«Вобаста ба оне, ки боби 28 КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ» асос ёфтааст, объекти хелии ин кирдорҳоро амнияти иттилоотӣ ифода мекунад».

«Амнияти иттилоотӣ–ҳолати ҳимояшавии иттилоотӣ дар системаҳои иттилоотӣ кор карда баромада шуда аз таҳдиди дохилӣ ё берунӣ ифода мегардад. Дар баробари ин, ҷиноятҳое, тавассути воситаҳои гуноуги техникӣ содир мешаванд метавонанд ба дигар объектҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ низ таҷовуз намоянд. Ба онҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои таъмини сирри бо қонун ҳифзшаванда (оилавӣ, шахсӣ, тиббӣ ва ғайра), ҳуқуқҳои молу мулкӣ, амнияти сирри давлатӣ ва ғайра дохил мешаванд».

«Мундариҷаи амнияти иттилоотӣ дар хеш таҷибаи пешгирии муяяасаршавии ғайриқонунӣ, коркард, ошкор, навишт, иваз кардан, пажуҳиш, сабт ё нест кардани маълумотро дар бар гирифтааст»[389].

Вобаста ба ин замина В.К. Бабаев и В.М. Баранов амнияти иттилоотиро дар шакли маҷмуи муносибатҳое, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, техникӣ ва ташкилӣ бо мақсади пешгирӣ ва ошкор кардани таҳдид ба ҳаёт ва саломатии одамон ва арзишҳои моддӣ танзим карда мешаванд, маънидод менамоянд[390]. Дар воқеъ амнияти иттилоотӣ, на танҳо маҷмуи ҳолатҳои ҳимояшавии иттилоот, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ танзим карда мешаванд, балки ба воситаҳои гуногуни ҳифзи иттилоот ташкилӣ, барномавӣ, дастгоҳӣ, ҷисмонӣ криптографӣ ва шароити бехатарии зиндагӣ (фаъолияти ҳаётӣ)-и ҷомеаро фарогир мебошад.

[389] Вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ аз ҳифз намудани махфият, ягонагӣ ва дастрасии маълумот, бо назардошти мақсадҳои истифодабарӣ ва бе расонидани зарар ба манфиати ягон кишвар иборат аст. Ин асосан тавассути ҷараёни идоракунии бисёрмарҳилавии хавфҳо ба даст оварда мешавад ва имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои таҳдид, осебпазирӣ, дараҷаи эҳтимолии таъсир ва имкониятҳои идоракунии хавфҳо дар ҳамаи зинаҳои он муайян карда шаванд. Олимону мутахассисон дар масъалаи коркарди роҳҳои ҳифзи иттилоот, сирри давлатӣ ҳамкории доимӣ ба роҳ монда, дар сиёсати имрузаи кишвар ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

[390] Ниг.: Бабаев В.К, Баранов В.М. Общая теория права: краткая энциклопедия. – Н. Новгород: Нижегородский юрид. ин-т МВД РФ, 1998. – С. 167-168.

Ба андешаи муҳақиқон А.В. Серегин, М.С. Гринберг Ю.М. Батурина, А.М. Жодзишского ва А.И. Чучаева, объекти хелии ин ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъияте мебошанд, ки шароити бехатари мавҷудияти амнияти иттилоотӣ, ҳамзамон таҷҳизоти компютериро таъмин мекунанд[391]. Ҷиҳатҳои хоссаи ин ҳаракатҳои барои ҷоме хатарнок ифодаи худро дар он ёфтааст, ки онҳо ба ҳудуди бисёри муносибатҳои ҷамъиятӣ зараррасонанд[392]. Ба ин хотир объекти хелии кирдорҳои таҳқиқшуда истода бо амнияти маълумоти махсус ҳимояшаванда, додаҳо маҳдуд нест, муяяасаргардии ғайриқонунӣ ё иваз кардани маълумоти компютерӣ ва тамоюли низоми гуногуни амнияти давлатро метавонад дар бар гирад, бахусус: мудофиа ва маълумот дар соҳаи иқтисод, молия.

Дар соҳаи мудофиа, ошкоркунии нақшаҳои стратегии истифодаи қӯшунҳо, нақшаҳои оперативӣ, ҳуҷҷатҳои идоракунии ҷангӣ, ҳуҷҷатҳои ба дараҷаҳои гуногуни омодагии ҷангӣ гузаронидани қӯшунҳо, дар хусуси ҷойгиркунонии стратегӣ ва оперативии қӯшунҳо ва дар бораи нақшаи сохтмон, рушд, шумора, ҳайати ҷангӣ ё теъдоди қӯшунҳо, омодагии ҷангии онҳо, инчунин дар бораи ҳолати ҳарбию сиёсӣ ва (ё) оперативӣ.

Маълумот дар соҳаи иқтисод, молия. Масалан, дар бораи хароҷоти буҷети давлатӣ, ки таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор месозанд (ба ғайр аз нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ) ва оид ба ҳисоббаробаркуниҳои танзимнагардидаи мамлакат бо кишварҳои хориҷ (ба ғайр аз нишондиҳандаҳои ҷамъбастӣ оид ба қарзи хориҷӣ).

Ю.И. Ляпунов бошад мавқеъҳои дар боло зикр гардидаро ҷонибдорӣ накарда иброз менамояд, ки объекти хелии ин ҷиноятҳоро, амнияти иттилоотӣ ташкил менамояд. Олим асоснок менамояд, ки ҳангоми содир

---

391 Ниг.: Серегин А.В. Административная ответственность за нарушения общественного порядка: учебное пособие. – М.: НИИ ВШ МВД СССР, 1968. – С 15; Гринберг М.С. Преступления против общественной безопасности: учебное пособие. – Свердловск: Свердловский юрид. ин-т, 1974. – С. 35; Батурин Ю.М., Жодзишский А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность. – М.: Юрид. лит., 1991. – С. 30-31; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под ред. А.И. Чучаева. – Москва: КОНТРАКТ, 2013. – 672 с.

392 Бахусус амнияти шахсӣ, фаъолияти муқаррарии корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, амнияти давлат ва дигар институтҳои иҷтимой

гардидани ин кирдоҳо, маҳз ҳифзи амнияти иттилоотӣ воситаҳои дастгоҳӣ-техникӣ, ки интиқолдиҳандаи моддии захираҳои иттилоотӣ мебошанд, зарар мебинанд[393]. Бояд иброз намуд, ки дар баробари ин, ҷиноятҳое, тавассути воситаҳои гуноуги техникӣ содир мешаванд метавонанд ба дигар объектҳои ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ низ таҷовуз намоянд (масалан, ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои таъмини сирри бо қонун ҳифзшаванда, (оилавӣ, шахсӣ, тиббӣ ва ғайра), ҳуқуқҳои молу мулкӣ, амнияти сирри давлатӣ ва ғайра дохил мешаванд).

Объекти намудии ҷиноят шаклҳои амиқи бо муносибати ҷамъиятие далелнокгардида, ки дар боби қисми махсуси КҶ зикр гардидаанд. Ҳангоми гузаштан ба таҳлили объекти намудии ҷиноятҳои мазкур бояд муносибатҳо ҷамъиятиеро муқарар кард, ки ба он зарари асосии ин ҷиноятҳо пеш меояд. Сарфи назар аз таҳқиқи рисолаҳои илмӣ оид ба объекти намудии ин ҷиноятҳо умуман вобаста ба аломатҳои таркибии ҷиноятҳои баррасишаванда ангуштшумор ба назар мерасанд, аммо таҳлилҳо дар ин самт нишон медиҳад, ки андешаҳои олимон пурра дар ин самт якхела ва умумиэътирофшуда мебошанд. Масалан, Д.В. Литвинов чунин пешниҳод дорад, ки объекти намудии ин ҷиноят муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятие мебошанд, ки бо татбиқи ҳуқуқҳои шахсони алоҳида ба иттилооте, ки дар шакли махсуси электронӣ вуҷуд дорад, алоқаманданд[394]. «Бар зами ин, дигар фикрҳо мавҷуданд, ки да асоси онҳо объекти намудии ин кирдорҳо «системаи муносибатҳои ҷамъиятии фарогирандаи омода кардан, коркард, паҳн ва ҳимояи маълумоти компютерӣ, маълумоти шахсӣ ва молу мулк»-и дар итиёри ҷабрдида мавҷудбуда ба ҳисоб меравад»[395]. Дар навбати худ, мо ба

[393] Ниг.: Ляпунов Ю.И., Максимов В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность. – 1997. – №1. – С. 8-15.
[394] Ниг.: Литвинов Д.В., Скрыль С.В., Тямкин А.В. Исследование механизмов противодействия компьютерным преступлениям: организационно-правовые и криминалистические аспекты: монография. – Воронеж: ВИ МВД России, 2009. – С. 47.
[395] Ниг.: Колобов В.А., Ясенев В.Н. Информационная безопасность и антитеррористическая деятельность современного государства: проблемы правового регулирования и варианты их решения: учеб. пособие. – Н. Новгород: Нижегород. гос. ун-т им. Н.И. Лобачевского, 2001. – С. 37.

ақидаи профессорон С.В. Бородин[396] ва В.С. Комиссаров[397] ҳамфикр ҳастем, ки ба хосияти объекти намудии ин ҷиноят бояд маҷмуи манфиатҳои дар соҳаи амнияти таҳия, истифода, тақсим ва ҳифзи иттилооти система ё шабакаи компютерӣ, захираҳои иттилоотӣ, системаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда, молу мулк ва маълумотҳои шахсӣ фаҳмида шавад.

Объекти намудии ин кирдоҳо маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил менамояд, ки раванди ҳифзи шахс, ҷамъият ва мамлакатро аз ҳаросонидани берунии маълумоти дар намуди муҳофизаткунӣ, интиқол ва дигар корбари маълумотие таъмин мегардонад, ки аз паймоиши амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳачунон истиқлолияти миллӣ, ҷудонашавандагии меъёри ва генезиси побарҷои иҷтимоию иқтисодии ҶТ, мудофиа ва амнияти давлат таъмин карда мешавад.

Паҳлӯи дигари баррасишаванда, объекти бевоситаи ҷиноятҳои мазкур мебошад. Объекти бевоситаи кирдор дар маҷмуъ муносибатҳои муайяни ҷамъиятии тавассути қонунгузории ҷиноятӣ ҳимояшавандае эътироҷ мешавад, ки ба он ҳаракат ё беҳаракатии ҷиноятӣ равона шуда зарар мерасонад ё таҳдиди расонидани чунин зарарро ба вуҷуд меорад.

Оид ба масъалаи объекти бевоситаи ҷиноятҳои мазкур таҳлилҳои илмии зиёд ҷой дорад.  Да умум новобаста аз оне, ки мавқеъгириҳои намудан гуногун дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар алоқаманди ба объекти бевоситаи ин ҳаракатҳои хавнок мавҷуд аст, аммо мундариҷаи онҳо монананд.

Як қатор муҳаққиқони соҳа объекти бевоситаи ин ҷиноятро дар асоси «вазъи бехатари, аз рӯйи амнияти системаҳои иттилоотӣ, ки бо истифодаи техникаи компютерӣ ё системаҳои онҳо, аз ҷумла шабакаҳои компютерӣ асос

---

[396] Ниг.: Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ,1997. – С. 346.
[397] Ниг.: Уголовное право: особенная часть / Под ред. А.И. Рарога. – 3-е изд., испр. и доп. – Москва: Эксмо, 2009. – С. 526.

ёфтаанд»[398] ва ё аз рӯйи «бехатарии фаъолияти вобаста ба таҳия ва истифодаи иттилооти ҳамаи субъектҳое, ки соҳибони иттилоот мебошанд»[399] муайян мекунанд.

«Пажуҳишгар Т.Г. Смирнова, объекти бевоситаи кирдорҳои баррасишавандаро як ҷузъи муносибатҳои маълумотонӣ эътироф намуда, ки бе дахолати шахси бо амалиёти маълумоти дар хотираи ТИК-ии электронӣ мавҷуд буда, бахусус муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бораи посдории таъмини иҷроиши талаботи амниятӣ, василаҳои қонунии комёб гардидан, истифодабарӣ ва коркарди маълумоти компютерӣ, ҳамзамон ташаккули дурусти фаъолияти кории дастгоҳҳои компютериро дар бар мегирад»[400].

«Ин тариқа шарҳсозиро оиди объекти бевоситаи ин кирдор Т.М. Лопатина анҷом додааст: Муносибатҳои ҷамъиятии танзимкунандаи:

а) маҳрамияти маълумоти дар ТИК-ии электронии бо санадҳои меъёрии ҳуқуқи ҳимояшаванда;

б) таъмини ҳимоявии маълумоте, ки дар маъхазҳои ТИК-ии электронӣ маҳфузанд;

в) амнияти коркарди МЭҲ ва ё системаҳои алоқа»[401].

Олим объекти бевоситаи ин ҷиноятро маҳдуд таҳқиқ намудааст, зеро объекти бевоситаи ҷинояти баррасишаванда шуда метавонад:

– ҳуқуқи соҳибмулк ба маълумот;

– амнияти истифодаи воситаҳои зеҳнӣ ва моддии ҳисоббарор, моддии системаи ё шабакаи компютерӣ ва монанди инҳо.

Ба андешаи О.М. Сафонов бошад, объекти бевоситаи ҷинояти таҳлилшавандаро хамчун маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи амнияти

---

398 Алескеров В.И, Максименко И.А. Уголовно-правовая и криминалистическая характеристика современных видов преступлений: лекция. – Домодедово: ВИПК МВД России, 2011. – С. 10; Крылов В.В. Криминалистические проблемы оценки преступлений в сфере компьютерной информации / В.В. Крылов // Уголовное право. – 1998. – №3. – С. 83.

399 Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – С. 346.

400 Ниг.: Смирнова Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 12.

401 Ниг.: Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 19.

иттилоотие маънидод мекунад, ки бо татбиқи ҳуқуқҳои молик ё дигар соҳиби қонунии иттилооти компютерӣ оид ба иҷро намудани ваколатҳои худ дар робита ба ин иттилоот ва ҳифзи он аз таъсири ғайриқонунӣ алоқамандӣ дорад[402]. Пешниҳоди олим илман асоснок буда, объекти бевоситаи ин ҷиноятҳоро дар шакли том дар бар мегирад.

Андешаи ба ин монандро М.А. Ефремова пайгири кардааст, муҳаққиқ ишора менамояд, ки объекти бевоситаи кирдорҳои мазкур монанди муносибатҳои ҷамъиятие, ки бехатарии тамоюли нигоҳдоштан, истифодабарӣ ва интиқоли иттилоотро тавассути воситаҳои техникаи ҳисоббарор ва шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ таъмин мекунад[403].

Дар андешаронии олим М. Ефремова оид ба корбурди ибораи «таъминкунандаи муносибатҳои...» ихтилофи назар мушоҳида карда мешавад. Г.П. Новоселов қайд мекунад, ки мафҳуми объекти бевоситаи ҷиноят аксар вақт на танҳо бо манфиатҳои ҳуқуқӣ, манфиатҳои бо қонун хифзшаванда, ҳуқуқҳои субъективӣ ва ғ. алоқаманд аст, балки он бо чунин муносибатҳои ҷамъиятие, ки чизеро танзим мекунанд..., ё чизеро таъмин мекунанд... пайвастагӣ дорад. Ин навъ тафсири объекти «бевосита»-и ҷиноят унсурҳоеро ба миён овардааст, ки гарчанде расман бо мазмуни ибтидоӣ мухолифат надошта бошанд ҳам, баръало «омезиши»-и сунъӣ ва баҳсталаб будани ин мафҳуҳо мушоҳида карда мешавад ва аз ҳама муҳимаш, барои амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии ҳеҷ самарае пеш намеоранд[404].

Мо ба андешаҳои Т.М. Лопатина, В.В. Тулегенов, Е.А. Буданова ва А.Н. Богомолов оиди объекти бевоситаи ҷиноятҳое, ки тавассути василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, duздии онлайнии маълумоти шахсӣ) розӣ шуда наметавонем, зеро онҳо объекти

[402] Ниг.: Сафонов О.М. Уголовно-правовая оценка использования компьютерных технологий при совершении преступлений: состояние законодательства и правоприменительной практики, перспективы совершенствования: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2015. – С. 8.
[403] Ниг.: Ефремова М.А. Уголовно-правовая охрана информационной безопасности: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2018. – С. 47.
[404] Ниг.: Новоселов Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты. – М.: Норма, 2001. – С. 24-25.

бевоситаи ин ҷиноятро ба таври маҳдуд таҳқиқ намудаанд. Объекти бевоситаи ҷинояти мазкур ин муносибати мушаххаси ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда мебошад. Аз ин лиҳоз, ба сифати объекти бевоситаи ҷиноятҳои баррасишаванда инҳо баромад карда метавонанд: шаъну шараф, эътибор ва обрӯйи шахс; ҳуқуқи ҳар шахс ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ; ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба дахлнопазирии мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мактубҳои почтавӣ, телеграфӣ; ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманди инсон ва шаҳрванд; муносибатҳои молумулкии ҷамъиятӣ; муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ, андозӣ ё бонкӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ба он. Мавқеъгирии байёгардидаро бо он далелнок мекунем, ки кирдоҳое, ки тавассути василаҳои гуногуни техникӣ анҷом меёбанд ( чунончӣ «ирсоли мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», «дуздии онлайнии маълумоти шахсият») ҷавҳараш он аст, ки киберҷинояткорон тавассути интернет эълонҳои бардуруғро ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор дода бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрвандон даромада ҳуқуқ ба молу мулк, маълумоти шахсӣ, тавассути фиристонидани паёмак, ки гӯё шаҳрванд дар лотерея бурд намудааст ё ин ки дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ, пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд, мерос мондани маблағ аз ким кадом як хеши дур, пешниҳод намудани туҳфаҳо аз хориҷӣ кишвар дар намуди «баста (посилка)» ва монанди инҳоро паҳн намуда, бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон ташкил ва роҳандози менамоянд.

Таснифи объект аз рӯйи уфуқӣ дар сатҳи объекти бевосита ба амал бароварада мешавад, аз ин лиҳоз ҷиноятҳои мазкур, гуногунпаҳлӯ (бисёробъекта) буда, дар баробари объекти бевоситаи асосӣ боз инчунин объектҳои бевоситаи иловагиро дар бар мегиранд:

– муносибатҳои ҷамъиятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсонро дар соҳаи моликият таъмин менамоянд;

– муносибатҳои ҷамъиятие, ки манфиатҳои мақомотҳои давлатиро таъмин мекунанд.

Маврид ба зикри хос аст, ки дар баробари объекти бевоситаи асосӣ (ки он ҳуқуқ ва манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи соҳибони (дорандагони) иттилооти компютерӣ дар соҳаи коркард, паҳнкунӣ ва ҳифзи бехатари иттилооти компютерӣ дар бар мегирад, инчунин амалкунии бехатари таҷҳизоти (воситаҳои) компютерӣ, шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва дигар воситаҳои таҳия, истифода, паҳн кардани иттилооти компютерӣ) дар унсури кирдори муайякардаи қ. 1 м. 301-и қонунгузории ҷиноятии ҶТ метавонад, объекти бевоситаи иловагӣ (ихтиёрӣ) мавҷуд бошад ва диспозитсияҳои қ.қ. 2,3-и моддаҳои 298, 299, 303 вақисмҳои 2, 3-и моддаи 304-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти объекти бевоситаи иловагии сӯиқасди (таҷовузи) ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Тавре ки зикр гардид, ба сифати он метавонад муносибатҳои ҷамъиятие баромад намояд, ки ҳуқуқ ва манофеи муҳими шахсонро дар бахши моликият ва ё манфиатҳои давлат ва ҷамъият (мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, тиҷоратӣ ва ғ) таъмин намояд.

Дар натиҷаи таҳлили зербоби мазкур ба чунин хулосаи ниҳои омадан мумкин аст:

1. Объекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд инҳо мебошанд: ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ. Бахусус объекти умумии пайгирии маҷозӣ фақат шахсият аст, аз ин сабаб дар фасли 7-ми КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият», муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ пайгирии маҷозӣ (кибертаъқиб) зарур ба назар мерасад. Шахсият миёни падидаҳои иҷтимоӣ мавқеи назаррасро дорост ва дар назарияи шоистагиҳои иҷтимоӣ дар мақоми якум ҷой дорад. Тариқи дигар гуем, ҳамаи

шоистагариҳои иҷтимоӣ барои дуруст зиндагӣ кардани шахсият равона гардидааст. Махсусан ба ин хотир, муносибатҳои ҷамъиятиро ҳимоя карда, ҳуқуқи ҷиноятӣ шахсиятро ҳам таҳдидҳои ҷиноятӣ ҳимоя мекунад.

2. Объекти хелии ин ҷиноятҳоро амнияти иттилоотӣ ташкил менамояд.

3. Объекти намудии ин кирдор ҷамъи муносибатҳои ҷамъиятие аст, ки чигунагии ҳимояи шахсият, ҷомеа ва давлатро аз ҳуҷумҳои берунии маҷозӣ дар намуди нигоҳдоштан, иваз кардан ва коркарди маълумоте таъмин менамояд, ки аз ҳисоби он татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ҳазамон истиқлолияти миллӣ, тақсимнопазирии ҳудудӣ ва ташаккули бемайлони иҷтимоию-молиявии ҶТ, мудофиа ва амнияти давлат таъмин карда мешавад.

4. Объекти бевоситаи кирдорҳои баррасишаванда инҳо баромад карда метавонанд: шаъну шараф, эътибор ва обрӯйи шахс; ҳуқуқи ҳар шахс ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ; ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба дахлнопазирии мукотиба, суҳбатҳои телефонӣ, мактубҳои почтавӣ, телеграфӣ; ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманди инсон ва шаҳрванд; муносибатҳои молумулкии ҷамъиятӣ; муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳифзи иттилооти тиҷоратӣ, андозӣ ё бонкӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ба он. Мавқеъгирии ироа гардидаро бо далелнок мекунем, ки кирдорҳое, ки ба василаҳои махсуси технологӣ анҷом меёбанд («ирсоли мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», «дуздии онлайнии маълумоти шахсият») мундариҷааш он аст, ки киберҷинояткорон тавассути интернет эълонҳои бардуруғро ҳамарӯза дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар гардиш қарор дода бо роҳи фиреб ба боварии шаҳрвандон даромада ҳуқуқ ба молу мулк, маълумотҳои шахсӣ, тавассути фиристонидани паёмак, ки гӯё шаҳрванд дар лотерея бурд намудааст ё ин ки дастгирии молиявӣ ва иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузории ширактҳои қаллобии хориҷӣ, пешниҳоди кӯмакҳои молиявӣ аз ҷониби сиёсатмадорон ва шахсони саховатманд, мерос мондани маблағ аз ким кадом як хеши дур, пешниҳод намудани туҳфаҳо аз хориҷӣ кишвар дар

намуди «баста (посилка)» ва монанди инҳоро паҳн намуда, бо роҳи фиреб барои тасарруфи маблағҳои шаҳрвандон ташкил ва роҳандози менамоянд.

5. Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мустаҳкам гардонидани меъёрҳои боби 28 КҶ ҶТ чунин пешниҳодҳоро вобаста ба тағйиру иловаҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ зарур мешуморем. Дар боби 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 298 (1), бо дарназардошти иловаи зербанде таҳти унвони «Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигар барои истифода ба манфиати шахсӣ» пурра карда шавад, ки аломатҳои муайянкунандаи он метавонад анҷом додани кирдор аз тарафи иттиҳоди шахсон бо мусолеҳаи муайян ё сӯистифода аз мақоми хизматӣ бошад.

Моддаи 298 (1) Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот барои истифода ба манфиати шахсӣ

1. Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ тавассути шабакаи интернет бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунии маълумот бо мақсади истифода ба манфиати шахсӣ ....

2. Ҳамин кирдор, агар боиси расонидани зарари калон гардида бошад бо ... ҷазо...

3. Ҳаракатҳои муқараргардидаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар, ки аз тарафи иттиҳоди шахсон бо созиши пешаки ё аз тарафи иттиҳоди муташаккил ва ё шахсе бо сӯистифода аз мақоми хизматиаш содир карда шудаанд, бо ....

4. Ҳаракатҳои муқараргардидаи қисмҳои якум, дуюм ва сеюми ҳамин модда агар боиси оқибатҳои вазнин шуда бошанд ё хатари сар задани онҳоро ба миён оварда бошанд, пас бо ...ҷазо дода мешавад.

## 4.2. Тарафи объективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)

Қатори дигар нишонаҳо унсури кирдор, тарафи объективии ҷиноят ҷиҳати муайян намудани таркиби ҷинояти ироагардида иттифоқи махсусро доро мебошад. Амиқ аст, ки тарафи объективии ҷиноят муносибати намоёни ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарнок, ки ба объекти бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳимояшаванда тааруз менамояд ба он заррар мерасонад. Он аз маҷмуи аломатҳое иборат аст, ки ҷониби берунаи кирдори барои ҷамъият хавфнокро тавсиф медиҳад. Ин унсури таркиби ҷиноят дорои аломатҳои ҳатмӣ ва факултативӣ мебошад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳуми тарафи объективии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд фикру ақидаҳои гуногун ҷой доранд.

Ба андешаи «И.Г. Чекунов тарафи объективии кирдорҳои баррасигардидаистодаро ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки дар намуди муяясаргардии ғайриқонунӣ ба маълумоти ба таври махсус ҳимояшаванда иброз менамояд, ки оқибати он нест намудан, маҳдудияти муяясаргарди ба додаҳо, иваз намудан ё нусхагирии маълумот, ҳамзамон муяяасргардии ғайриқонунӣ ба иттилоъи махфӣ, бахусус логин ва паролҳои истифодабарандагони алоқаи барқӣ, тасарруфи иттилоъи корбарикунандаи ТИК-ии электронӣ, аз кор боз кардани низоми иттилоотю электронӣӣ мебошад»[405]. Олим бо дарназардошти таҳлилу тафсири меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии ФР вобаста ба ин ҷиноятҳо ақидаи худро пешниҳод кардааст. ин ҷой танҳо таркиби расмии меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷой дорад.

В.М. Елин, бошад бар он андеша аст, ки тарафи объективии ин ҷиноятҳо дуздии моликияти ғайр ё ба дастории ҳуқуқ ба моликияти ғайр, ки тавассути шабакаҳои иттилоотии телекоммуникатсионӣ, анҷом дода мешавад[406]. Ақидаи олим қатъи назар аз муҳасир буданаш қобили дастгирист, чунки муяяасаргардии ғайриқонунӣ ба иттиллоъи ҳимоявӣ, бахусус логин ва

---

405 Ниг.: Чекунов И.Г. Криминологическое и уголовно-правовое обеспечение предупреждения киберпреступности: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 223 с.
406 Ниг.: Елин В.М. Мошенничество в сфере компьютерной информации как новый состав преступления / В.М. Елин // Бизнес-информатика. – 2013. – №2 (24). – С. 70-76.

пароли истифодабарандагон ба василаи ирсоли пайғомҳои оммавӣ аз номи навовариҳои машҳур, аз номи ташкилотҳои молиявию қарздиҳии ҷаҳонӣ («Ситибанк», «Алфа Банк», «Сбербанк, ВТБ» ва монанди инҳо) ё дар дохили шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, VKontakte, Odnoklassniki. ru) ба даст оварда мешавад. Чунин ҷиноятҳо дорои истинодҳои бевосита ба сомонаҳои қалбакие, ки зоҳиран аз сомонаҳои воқеӣ фарқ намекунанд. Вақте ки корбарон ба саҳифаи қалбакӣ ворид мешаванд, онҳоро бо роҳҳои гуногун водор месозанд, ки номи корбар ва рамзи худро, ки минбаъд барои ворид шудан ба сомонаҳо мушаххас истифода мешавад, дар саҳифаи қалбакӣ ворид кунанд ва ин ба қаллобон имкон медиҳад, ки ба аккаунтҳо ва суратҳисобҳои бонкии онҳо дастрасӣ пайдо кунанд.

Муҳаққиқон М.В. Кузнетсов, И.В. Симдянов, В.В. Тулегенов ва Р.Р. Гайфутдинов, тарафи объективии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавнокро, ворид шудан ба системаи компютерии бонк тавассути таъсиррасони ба системаи ё шабакаи компютери оддӣ ва азхудкунии рамзҳо эътироф кардаанд[407]. Фарқияти асосии мафҳуми пешниҳод намудаи олимони зикр гардида, дар муқоиса бо мафҳумҳои дигар ифодаи худро дар он ёфтааст, ки дар ин маврид компютери муштарии бонк сироят меёбад, на муассисаи молиявӣ. Сироятёбии ибтидоӣ метавонад тавассути ҳамлаҳои троянҳо (саҳифаҳои қалбакӣ), спам, фишинг, инчунин клавиатураҳо рух диҳад.

Ба андешаи олимон Б.Х. Шпитсберг ва Г. Хублер тарафи объективии ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро, ба даст овардани маълумоти шахсӣ тавассути миёнарав (шахсе, ки бинобар уҳдадориҳои хизматии худ ба маълумоти шахсии дигарон дастрасӣ дорад) ва ба даст овардани маълумоти шахсӣ бевосита аз худи соҳибаш мебошад, ташкил медиҳад[408].

---

407 Ниг.: Кузнецов М.В., Симдянов И.В. Социальная инженерия и социальные хакеры. – СПб.: БХВ-Петербург, 2007. – 368 с.; Тулегенов В.В. Киберпреступность как форма выражения криминального профессионализма / В.В. Тулегенов // Криминология вчера, сегодня, завтра. – 2014. – №2 (33). – С. 94-97; Гайфутдинов Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной деятельности / Р.Р. Гайфутдинов // Вопросы российского и международного права. – 2017. – №4 А. – Т. 7. – С. 245-256.

408 Ниг.: Spitzberg B.H., Hoobler G. Cyberstalking and the technologies of interpersonal terrorism. New media & society. – 2002. – P. 67-88 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://doi.org/10.1177/14614440222226271 (санаи муроҷиат: 19.10.2019).

Тарафи объективии ин ҷиноятҳо метавонад бо таҳдиди расонидани зарари ҷисмонӣ ё расонидани зарар ба молу мулки шахс, тавассути фиристодани паёмҳо ё гузоштани шарҳҳо, дархостҳо, пешниҳодҳои номатлуб ба шахсе, ки телефон, шабакаи телефонӣ, шабакаи маълумот, паёми матнӣ, шабакаи компютерӣ ё дигар воситаҳои электронии алоқаро истифода мебарад, метавонад ифода гардад.

Ҳамин тавр, тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда дар яке аз се кирдор ба таври алтернативӣ ифода меёбад:

1. Ҷамъоварии ғайриқонунии маълумот дар бораи шахси дигар;

2. Паҳн кардани маълумот дар доираи васеъ, ба таври оммавӣ ва ё дар воситаҳои ахбори омма намоиш додани маълумот,

3. Ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб, ки расонидани зарар ба манофеи қонунан ҳимояшавандаи ҷабрдидаро ба вуҷуд меорад.

Ин се ҳолати пешбинишуда кирдорро ташкил медиҳанд, ки оқибат ва робитаи сабабиро дар худ доро мебошанд.

Дар ин самт андешаи мусаллам бар он асос меёбад, ки амалҳои номбаршуда ғайриқонунӣ мебошанд, агар онҳо бе ризоияти шахси манфиатдор аз ҷониби шахсе, ки қонун барои ифшои ин маълумот ваколат надорад, анҷом дода шавад. Дар ин маврид ошкор кардани маълумот дар доираи қонун вуҷуд дорад: бо дарназардошти муқовимат бо ҷинояткорӣ, дар шароити эпидемия ё офатҳои табиӣ, дар замони ҷанг ва ё ҳолатҳои фавқулодда. Ба даст овардани маълумот дар бораи ҳаёти шахсӣ, инчунин дар фаъолияти тафтишотии ҷиноятӣ ва оперативӣ иҷозат дода мешавад. Ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳаёти шахсии шахс бояд азхудкунии ғайриқонунӣ ва гирифтани маълумоте ҳисобида шавад, ки сирри шахсӣ ё оилавии ӯро ташкил медиҳанд. Ҷамъоварии ин маълумот метавонад бо роҳҳои дигар: бо роҳи назорат, пурсиш барои нигоҳдорӣ ва истифодаи маълумоти бадастомада, бо ҳар мақсад ва бе розигии шахси дахлдор анҷом дода шавад.

Бар хилофи иродаи шахс паҳн кардани маълумот дар бораи ҳаёти шахсии ӯ, ки сирри шахсӣ ё оилавии ӯро ташкил медиҳад, амали номатлуб ба ҳисоб рафта, ин амал ҳангоми ба шахсони дигар (ҳадди ақал як нафар) расонидани ин маълумот (ба таври шифоҳӣё хаттӣ) ба мушоҳида мерасад. Олимони соҳа ба ин масъала низ таваҷҷуҳ намудаанд. Масалан, И.А. Юрченко мафҳумҳои «тақсим» ва «фош кардан»-ро ҳамчун истилоҳҳои ҳаммано баррасӣ намуда, онҳоро ҳамчун воситаи ба таври гуногун дастрас намудани иттилоот муайян мекунад, ки бояд ба таври дахлдор ҳифз карда шаванд. Дар раванди фош кардани ин раванд ду тараф иштирок мекунанд: шахси маълумотҳояш фошшавандава қабулкунандаи чунин маълумот. Фош кардани маълумот дорои фосилаи муайяни вақт мебошад. Ҳамзамон, дар ин раванд ҳолатҳое имконпазиранд, ки қабули маълумот бо ягон сабаб ба вуҷуд намеояд ва баъдан кӯшиши ифшои иттилоот ба вуҷуд меояд[409]. Дар ин радиф хатарнокии ин кирдорҳо ба ҷомеа махсусан ҷиҳати фош кардани иттилооте маҳсуб меёбад, ки иттилооъӣ шахсӣ ё оиларо ифода карда, дар баргирандаи хислатҳои фавқуллода муҳим мебошад. Бар зами ин, ба инобат гирифт, ки ин раванд дар фосилаи назарраси вақт (агар маълумот дар ҳама гуна васоити ахбори омма сабт карда шавад, масалан, аксҳо, видеоҳо) метавонад амалӣ гардад.

Дар баробари аломатҳои ҳатмӣ тарафи объективии ҷиноят боз дорои аломатҳои иловагӣ мебошанд, ки ба инҳо дохил мешаванд:

- ҷойи содир шудани ҷиноят;
- тарзи содир шудани ҷиноят;
- восита ва олоти содиршавии ҷиноят;
- шароит (вазъият)-и содиршавии ҷиноят;
- вақти содир шудани ҷиноят.

Ин аломатҳо ба сифати аломати ҳатмии ҷиноят метавонанд баромад намоянд, агар дар моддаи қисми махсуси КҶ ҶТ ба таври мушаххас пешбинӣ

[409] Ниг.: Юрченко И.А. Информация конфиденциального характера как предмет уголовно-правовой охраны: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 65.

шаванд. Воҷиб мебошад, ки дар ҷиноятҳои баррасишаванда дар зербоби мазкур онҳоро таҳлил карда бароем.

Вақтҳои охир дар бораи зарурати танзими фазои интернет, дар бораи хатари махсуси иҷтимоии ҷиноятҳои бо истифода аз Интернет содиршаванда андешаронихои олимону корбарон мушоҳида мешавад. Чунин андешаронихо аксаран ба ягон хулосаҳои ҷиддӣ асос наёфтаанд, вале қонунгузор барои рафъи барои ҷамъият хавнокӣ, ба Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ чунин аломатро ба монанди тарафи объективии ҷиноятҳое, ки ба василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ), ки ба василаҳои ТИК-ии электронӣ ба амал оварда мешавад, ворид мекунад. Имрӯз аломати мазкур дар зиёда аз 20 меъёри Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ дида мешавад.

Яке аз ин аломатҳо аломатҳои факултативии тарафаи объектии ҷиноятҳо ин ҷойи содир шудани ҷиноят мебошад. Бо сабаби он, ки ин ҷиноятҳо тавассути шабакаҳои интернетӣ содир мешаванд, ҷойи содир шудани ин ҷиноятҳо тамоман барои бандубасти онҳо аҳамият надоранд. Қонунгузории ҷиноятӣ низ марбути ин масоил дар ягон меъёр бартарӣ надодааст. Аз ин лиҳоз баррасии ҷойи содир шудани ин ҷиноятҳо тамоман аҳамият надорад.

Дигар унсури таркибии факултативӣ ин тарзи содиршавии ҷиноят мебошад. Тарзи содир намудани ҷиноят ин маҷмуи усул ва тариқе ки гунаҳгор ҳангоми анҷом додани ҳаракати барои ҷамъият хавфнок истифода мебарад. Аз муқарароти КҶ ҶТ бармеояд, ки тарафи объективии ҷиноят тарзи содир намудани ҷиноятро дар меъёрҳои моддаҳо ба таври мушаххаст нишон додааст. Масалан, КҶ ҶТ дар меъёрҳои боби ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ одатан чунин меъёрҳоро ба монанди «ба василаи фиреб» «тавассути интернет» «ғайриқонунӣ ворид шудан ба иттилооти компютерӣ» ва ғайраҳо муқаррар кардааст, ки онҳо ҳамчун тарзи содир намудани ҷиноятҳои мазкур (яъне тарафи объективии ҷиноят) эътироф карда мешавад.

Вобаста ба ин масъала мо ба назарияи илм ва таҳкими қонунгузории ҷиноятӣ рӯ меорем. Чи тавре дар боло қайд кардем мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ масъалаи баррасии мо мебошанд. Тарзи содир шудани ин ҷиноятҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан мувофиқи мақсад аст, зеро тарзи содиршавии ин ҷиноятҳо бо ду роҳ сурат мегиранд: 1) ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб ва 2) содиршавии онҳо тавассути интернет.

«**Фиристонидани мактуби фишингӣ.** Намуди кирдори пажуҳишшудаистода ҳамзамон дар намудҳои рагоранг анҷом мегирад, вале мақсад зоҳиран як боқӣ мемонад: бо методҳои фиреб водор намудани шахси дигар бо ифшо намудани иттиллоъи пинҳонии шахсӣ, хоҳ барои гирифтани фоидаи молу мулкӣ ё хоҳ барои содир кардани ҷинояти дигар, ба монанди дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ мебошад». Бо бештар паҳн гардидани фишинг, ҳамлагарон усулҳои гуногунро барои ҷалби қурбониён ба доми қаллобии худ истифода мебаранд. Чор мисоли қаллобии фишингӣ, ки дар зер оварда шудааанд, айни замон яке аз маъмултарин намудҳои қаллобӣ бо истифода аз фишинг маҳсуб мешаванд.

**1. Таҷассуми бонк (бардурӯғ баромад намудан аз номи бонк).** Қаллобони фишингӣ метавонанд аз номи бонк, эмитенти барорандаи кортҳои бонкӣ ё дигар муассисаи молиявӣ бардурӯғ баромад намоянд, то ба ҳисобҳои молиявии шумо дастрасӣ пайдо кунанд. Дар ин мавридҳо, қаллобон одатан мегӯянд, ки дар ҳисоби шахсӣ дигар фаъолияти ғайриоддӣ ё қаллобӣ ошкор карда шудааст ва аз ҷабрбинанда хоҳиш мекунад, ки реквизитҳои бонкӣ, рақами суратҳисобҳо ё суроғаи почтаҳои электронии худро бори дигар тасдиқ намояд. Тавре қайд намудем фишинг (англ. phishing, аз fishing – моҳидорӣ) як намуди қаллобӣ дар интернет аст. «Ҳадафи фишинг маълум намудани муяяасаргардӣ ба иттилоъӣ пинҳонии истифодабарандагон, мисли логин ва паролҳо аст. Фишинг ба васила фиристонидани коплекси мактубҳо дар паёми электронӣ хотима меёбад. Дар бисеёре аз ҳолатҳо, равон кардани пайғомҳо аз номи ташкилотҳои молиявию қарздиҳӣ ва ШИ-ии электронӣ

(«Фейсбук», «В Контакте», «Одноклассники») анҷом меёбад. Дар мактуб маъмулан таҳқиқ кардани бевосита ба сайтҳое, ки шаклан аз сайтҳои аслӣ тафовут надорад ё ба сайти дорои истиноди факултативӣ мавҷуд мебошад»[410]. Ин сомона ба он хотир сохта мешавад, ки корбарони ТИК-ии электронӣ насаби истифодабаранда ва пароли хешро ба он дохил кунад. Баъд аз дохил намудан насаби истифодабаранда ва парол, сохтакорон ба аккаунтҳо ва суратҳисобҳои бонкӣ муяясаргардӣ пайдо мекунанд.

Масалан, 9 феврали соли 2023 ба телефони мобилии шаҳрванд С. шахси номаълум занг зада, худро ҳамчун намояндаи ширкати ҶДММ «Г»-и Федератсияи Россия «В» муаррифӣ намуда, таклиф намудааст, ки барои ба даст овардани даромади муфт дар барномаи махсуси ширкати номбурда, ба номи «Trading Platform», дар интернет маълумотҳои шахсияшро ба қайд гирифта, ҳамаи шартҳои пешниҳоднамудаи барномаи мазкурро иҷро намояд.

Шаҳрванд С. ба ин ваъдаҳои бардурӯғ бовар карда, бо мақсади гирифтани фоидаи муфт худро дар барномаи болозикр ба қайд гирифта, тибқи шартҳои пешниҳодгардида, маълумотҳои шиносномавӣ, почтаи электронӣ ва рақами телефонашро ба қайд гузошта, бо маслиҳати шахсони номаълум, ки гӯё корманди ширкати номбурда мебошанд, аз 16 то 30 марти соли 2023 ба суратҳисобҳои пешниҳоднамудаи қаллобон тавассути корти «Душанбе Сити» ҷамъ ба маблағи 89 700 сомониро пардохт намудааст.

Шахсони номаълум, ки бо роҳи фиреб маълумотҳои шахсии шаҳрванд С. -ро ба даст овардаанд, бе хабардории охирон ба номаш дар платформаи сармоягузории «Бинанс» дар интернет аккаунт кушода, бо роҳи қаллобӣ маблағи пулии аз ӯ ба даст овардаро барои харидории криптавалютаҳо истифода бурда, ба номбурда ба миқдори махсусан калон зарари моддӣ расонидаанд[411].

---

[410] Ниг.: Редирект (Масир) – модул дар прокси-серверҳо барои тоза сохтан ва коркарди суроғаҳои дархост аз муштариён ба серверҳо. Он метавонад дар прокси-серверҳо сохта шавад ё ҳамчун барномаи алоҳида оғоз карда шавад.

[411] Ниг.: Саҳифаи расмии интернетии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prokuratura.tj/news-tj (санаи муроҷиат: 01.06.2023).

Аз ин ҳолат бар меояд, ки шахси ҷиноятсодиркарда аз камсаводӣ, содалавҳ будани ҷабрдида истифода карда бо истифода аз боварии худ тавассути ин барномаҳои интернетӣ маблағи ӯро ба тасарруфи худ даровардааст. Яъне истифодаи ин навъ мактуби фишингӣ барои ҷамъият хавфнокии зиёд дошта, метавонад заррари молумулкии калонро барои шаҳрвандон расонад.

**2. Қаллобӣ дар соҳаи дастгирии техникӣ.** Дар ин ҳолат ҷинояткорон худро корманди бахши дастгирии техникии ягон ширкати бонуфуз вонамуд мекунанд, масалан, Google, Apple ё дигар ширкати маъруф. Онҳо одатан дар бораи дида шудани фаъолияти шубҳанок дар аккаунти ҷабрбинанда паём мефиристанд ва аз ӯ хоҳиш мекунанд, ки маълумоти аккаунти худро барои тасдиқ дигарбора дуруст ворид кунад. Онҳо инчунин метавонанд суроғаи почтаи электрониро барои ба он ирсол кардани навсозии таъминоти барномавӣ дархост намоянд ва ба ҷабрбинанда дастур диҳанд, ки барои пешгирӣ кардан аз шиканиши аккаунти худ аз ҷониби хакерон онро дар компютери худ насб намояд. Дар асл, он навсозии таъминоти барномавӣ як воситаи насб кардани барномаи зараровар дар компютери шахси дигар мебошад.

**3. Қаллобӣ дар соҳаи таъминоти иҷтимоӣ ё кӯмаки тиббӣ.** Аксар вақт ҷинояткорон шахсони солхӯрдаро мадди ҳадафи худ қарор дода, худро ҳамчун намояндаи хадамоти кӯмаки тиббӣ ё таъминоти иҷтимоӣ муаррифӣ мекунанд, то ба ин васила аз шаҳрвандон маълумоти махфии ӯро ба даст оранд. Онҳо метавонанд тамос гиранд ва ягон маълумоти тиббиро талаб намоянд ё аз ҷабрбинандаҳо хоҳиш кунанд, ки рақами шаҳодатномаи нафақаи худро барои тасдиқ дубора бозгӯянд, то аз бекор карда шудани баъзе имтиёзҳо барои нафақахӯрон, ки онҳо ҳуқуқи гирифтан доранд, пешгирӣ кунанд.

**4. Қаллобӣ бо эъломияҳои андозӣ.** Ин навъи ҳамлаи фишингӣ аксаран паёми овозии қаблан сабтшударо дар бар мегирад, ки мушкилотро бо эъломияи андози ҷабрдида шарҳ медиҳад. Пас аз он одатан огоҳӣ дода

мешавад, ки агар шумо занг назанед, барои боздошт кардани шумо иҷозат (ордер) дода мешавад.

Тавре дар зербобҳои алоҳида қайд намудем фишинг – бо роҳи фиреб ба даст овардан маълумот аз шахсони зудбовар бо мақсади дастрасӣ ба суратҳисобҳои бонкӣ мебошад. Он дар кишварҳое паҳн гардидааст, ки дар онҳо хизматрасониҳои интернет-бонкинг маъмуланд. Имрӯзҳо, дар шабакаҳои иҷтимоӣ намуди аз ҳама бештар паҳнгаштаи фишинг «фишинги мақсаднок» васеъ паҳн шудааст. Фишинги мақсаднок нисбати гурӯҳҳои маҳдуди корбарон истифода бурда мешавад ва паёмҳои дорои мазмуни иҷтимоиеро дар бар мегирад, ки шахси дигарро ба кушодани файли иҷрошаванда ё ворид шудан ба сомонаи дорои рамзи зараровар даъват мекунад. Ба андешаи мо, ин тарзҳои содиршавии қаллобӣ мукаммалтар буда, вале аз ҷиҳати техникӣ мураккаб мебошад. Ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, рахнакунии фосилавии сисмемаҳои ё шабакаҳои компютерҳо мебошад, ки ба туфайли он хакерон ба хондан ва таҳрир кардани ҳуҷҷатҳое, ки дар серверҳои файлӣ ва мизҳои кории компютерӣ нигоҳ дошта мешаванд, ҷорӣ кардани барномаҳои зараровари худашон ва инчунин ҷамъоварӣ намудани намудҳои гуногуни иттилоот тавассути назорати видео ва аудио роҳ меёбанд.

Мактуби фишингӣ маҷмуи усулҳои дастрасӣ ба маълумоти молиявии шахсӣ (логин ва рамзи кабинети инфиродӣ дар вебсайти бонк) мебошад. Он бо истифода аз ҳамлаҳои вирусӣ ё DoS-ҳамлаҳо (аз англ. Distributed Denialof Service – «радди тақсимшудаи расонидани хизматрасонӣ») анҷом дода мешавад. Маълумоти зарурӣ бошад тавассути алоқа ба нафаре муяяасар мегардад, ки содалавҳ ва дониши технологии ӯ хеле заиф бошад, масалан, шахсе ки дар посух ба мактуби қалбакии (гӯё) аз номи ширкати маъруф ирсолшуда маълумоти рамзи худро мефиристад. Ин усули қаллобӣ имрӯза аҳамияти бештар пайдо намудааст. Бисёр корфармоён, ки дар фаъолияташон равандҳои офлайнро ба шакли фосилавии ҳамкорӣ гузарониданд, почтаи электрониро ҳамчун манбаи асосии иртибот интихоб мекунанд, ки корбарон

дар он метавонанд бо қаллобон дучор шаванд. Ҳамлагароне, ки ин тарзи содиршавии фишингро истифода мебаранд, маъмулан рақами телефонии худро ба рақами қалбакӣ муваққатан иваз мекунанд ва баъдан аз он занг мезананд, пас аз он шахси дигар гумон мекунад, ки он занги телефонӣ маҳаллӣ (шаҳр ё ноҳияи ҷои истиқомати ҷабрдида) ва аз ҷониби ташкилот аст. Ҳамлагарон худро ҳамчун намояндаи расмии ширкат ё ташкилоте муаррифӣ карда, кӯшиш мекунанд, ки ҷабрдидаро бо роҳҳои гуногун фиреб диҳанд, то ки ӯ маълумоти шахсиашро пешниҳод намояд. Масалан, онҳо метавонанд худро кормандони бонк ё ширкате вонамуд кунанд, ки ба муштариёни он бонк ё ташкилот баъзе хидматрасониҳо мерасонад, худро ҳамчун коллектор нишон диҳанд ё ба сифати корманди давлатӣ аз идораи андоз баромад намоянд. Ҳангоми тамос гирифтан бо муштариёни ташкилот қаллобон суистифода аз боварӣ карда, ҳиссиёти таъҷилӣ будани корро аз худ нишон медиҳанд, то ба ин васила ба эҳсосоти ҷабрдида бозӣ намуда (онро ба таҳлука андохта) маълумоти заруриро, ки барояшон зарур аст аз ӯ гиранд. Масалан, қаллобон бо роҳи фиреб муштариёнро оиди ҷой доштани мушкилоти техникӣ дар суратҳисоби бонкиашон огоҳ карда, хоҳони бартараф кардани он мебошанд. Муштарӣ бошад ба онҳо бовар карда рамзи бонкӣ ё кортҳои пластикии шахсии худро ба онҳо медиҳанд. Бо ҳамин василат тамоми пасандозҳои бонкии муштариро қаллобон пурра дар тасарруфи худ медароранд.

**Дигар тарзи содиршавии ин ҷиноятҳо бо истифодаи интернет ифода мегардад.** Номгуи тарзҳои содиршавии ин ҷиноятҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

– ирсоли мактуби фишингӣ;

– дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ;

– кибертаъқиб.

Тарзи ирсоли мактубҳои фишингӣ бо истифодаи интернет дар чунин шаклҳо зоҳир мегардад.

**Фишинги хайрия.** Тақалубкорон хешро фарди ягон ташкилоти кумакрасон зоҳирсозӣ намуда, ҷиҳати ёри расонидан ба зарардидагони оқибатҳои табиӣ, ҳуҷумҳои киберӣ, муноқишаҳои гуногун ё эпидемия пул ҷамъ менамоянд. Ҳамчунон, пулро ҷиҳати воқеаҳое чун бемориҳои саратон, СПИД ё вируси Эбола ва ё ятимхонаҳо метавон ҷамъ овард. Қаллобон метавонанд ҳамчун созмонҳои хайрия, аз қабили Салиби Сурх ё СММ худро муаррифӣ созанд. Қаллобон хайрия талаб мекунанд ва аксар вақт бо пахши иттилооти онлайнӣ ба мардум муроҷиат мекунанд, то ба мақсади ниҳоии худ ба осонӣ расанд. Қурбониёни ин қаллобӣ афроди хайрхоҳанд, ки ба кори шоиста кумак мекунанд ва дар иваз чизе интизор нестанд.

**Фишинг бо чиптаҳо.** Қаллобии чиптаҳо як намуди қаллобӣ дар маркетинги онлайнӣ мебошанд. Ҳамлагарон ба рӯйдодҳои маъмул, аз қабили консертҳо, намоишҳо ва чорабиниҳои варзишӣ чипта пешниҳод мекунанд. Дар натиҷа, билетҳо қалбакӣ мешаванд ва ё ба харидорон намерасанд. Афзоиши ширкатҳои чиптафурӯшии интернетӣ ва мавҷудияти чиптафурӯшони зиёд ва бевиҷдон ин навъи қаллобиро афзоиш медиҳад. Бисёре аз ин қаллобӣ аз ҷониби таблиғгарони чиптаҳо дар Британиё идора карда мешаванд, гарчанде ки онҳо метавонанд амалиёти худро дар дигар кишварҳо ба роҳ монанд[412].

Мисоли равшан ин қаллобӣ фурӯшичиптаҳо барои Бозиҳои олимпии Пекин – 2008 буд, ки аз ҷониби ширкати бақайдгирифтаи «Xclusive Leisureand Hospitality»дар ИМА анҷом дода шудааст. Онҳо чиптаҳоро тавассути вебсайти тарҳрезишудаи»Beijing 2008 Ticketing» мефурӯхтанд[413]. Тавассути ин сомона ба маблағи беш аз 50 миллион доллар чиптаҳои

---

412 Ниг.: The Economic Impact of Cybercrime – No Slowing Down (англ.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https://www.marylandnonprofits.org/wp-content/uploads/mcafee.pdf (санаи муроҷиат: 10.09.2023).

413 Ниг.: Jamie Doward (2008.03.09). How boom in rogue ticket websites fleeces Britons. The Observer (London). Retrieved 9 March 2008 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: chrome-extension://efaidnbmnnnibpcajpcglclefindmkaj/https://acg.pnp.gov.ph/main/images/downloads/fraud.pdf (санаи муроҷиат: 10.09.2023).

қалбакӣ фурӯхта шуданд[414]. Дар ин қаллобӣ фурӯшандаи чиптаҳои бритониёӣ Теренс Шепард иштирок дошт[415].

**Фишинг бо кортҳои тухфагардида.** Вақтҳои охир ҷинояткорон бо истифода аз кортҳои туҳфагардидаи мағозаҳо ба қаллобӣ даст мезананд[416]. Аз ҷумла, ҳамлагарон кӯшиш мекунанд, ки маълумоти марбут ба кортҳои туҳфагардидаро ба даст оранд. Бархе аз методҳое, ки ҷиҳати тасарруфи иттилооти корти туҳфавӣ татбиқ мегардад, ботҳоро фаро мегирад, ки дар ин замина ба онҳо ҳуҷумҳоро амалӣ мегардонанд. Хакерҳо якум иттилоъи корти туҳфагардидаро тасарруф намуда, суратҳисоби дар он бударо ба василаи хизматрасониҳои мустақими фурушгоҳ назоарт менамоянд, сониян ҳаракат менамоянд, ки ин пулҳоро ҷиҳати харидори кардани мол ва ё фурухтан дар сайти шахсони дигар татбий кунанд.

Дар ҳолатҳои фурӯхта шудани кортҳои туҳфагардида ҷинояткорон маблағи боқимондаро бо пули нақд мегиранд, ки онро ҳамчун усули нав дар азхуднамоии маблағҳо низ метавон истифода бурд. Ҳамлагарон кӯшиши зиёд сарф мекунанд, ки аз номгузориҳои диққат ҷалбкунанда истифода кунанд, то одамон ба онҳо таваҷҷуҳи хосса намоянд. Дар ин маврид муқовимат кардан бо онҳо душворӣ пеш меорад: ваъдаву тарғибот боварибахш ба назар мерасанд. Чӣ қадаре ки ҳамлагарон маълумоти дақиқ дар бораи шахс дошта бошанд, барои онҳо эҷоди маълумотномаи диққатҷалбкунанда осонтар мешавад. Дар ин маврид шахс ба осонӣ фирефтаи қаллобон хоҳед шуд.

Аз омӯзиши ҳолати равонии ҷинояткорони рақамӣ чунин омилҳоро дар роҳандозии кирдорҳои номатлуб метавон номбар намуд: ҳасад, ба эҳсосот дода шудан, бекорӣ, нокомӣ дар кор ва ҳаёти шахсӣ. Дар ин маврид таъқибгар аз ҳамаи роҳҳои бад истифода мебарад, метавонад дар шахс тарсу

[414] Ниг.: USOC and IOC file lawsuit against fraudulent ticket seller (англ.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.infobae.com/aroundtherings/articles/2021/07/12/press-release-usoc-and-ioc-file-lawsuit-against-fraudulent-ticket-seller (санаи муроҷиат: 10.09.2023).

[415] Ниг.: Jacquelin Magnay (2008-08-04). «Ticket swindle leaves trail of losers». The Sydney Morning Herald [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://universeswap.io/?_=%2Fweb%2F20171018192620%2Fhttp%3A%2F%2Fwww.smh.com.au%2Fnews%2Flatest-news%2Fticket-swindle-leaves-trail-of-losers (санаи муроҷиат: 10.09.2023).

[416] Ниг.: Francis Ryan. What not to get Mom for Mother’s Day (неопр.). CSO from IDG (11 мая 2017) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://universeswap.io (санаи муроҷиат: 10.09.2023).

ҳаросро ба вуҷуд оварад, то бо ин роҳ манфаъати иқтисодӣ оваранд. Ин раванд омилҳои қасос гирифтан низ ҷой дошта метавонанд[417].

**Навъи почтавӣ.** Ин намуди фишинг ирсоли оммавии мактубҳоро ба почтаи электронӣ бо паёмҳои гуногуни диққатҷалбкунанда дар бар мегирад. Мисолҳои маъмули ин навъ паёмҳо: хабари бурди лотерея, соҳиби туҳфа гардидан, пешниҳоди хизматрасониҳои ройгон ва ғайраҳо мебошанд. Ҷиҳати муяясаргардӣ ба дорои, моликият дар пайғом ироа гардида хоҳиш мегардад, ки аз рӯйи таҳқиқи зайл ба сайти муайян дохил гардед ва иттилоъи хешро дар майдонҳои мушаххас дохил намоем, аммо баъдан онҳо дуздида мешаванд.

**Навъи ҳадафнок** (Spear Phishing). Асоси ин навъи фишингро ирсоли мактубҳои инфиродӣ ба шахсони мушаххасе ташкил медиҳад, ки онҳо барои қаллобон аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Ба даст овардани эътимоди амиқ, барпо кардани дӯстӣ ва муносибатҳои шарикӣ шартҳои ин намуди фишинг ба ҳисоб мераванд, ки пас аз он ҷабрдида ба таври ихтиёрӣ маълумотҳои шахсиашро ошкор менамояд. Дар ин навъ барнома бо як унсури таркибии барномавӣ ба номи вейлинг (Whaling) аст, ки мақсади он таҷовузи роҳбарон ё директорони ташкилотҳои бузург мебошад. Киберҷинояткорон ба аккаунти роҳбари олимансаби ташкилот дастрасӣ пайдо мекунанд ва баъдан аз номи ӯ ба кормандони ширкат дастурҳои сершумор барои анҷом додани амалиётҳои гуногун фиристода мешавад. Аз ҷумлаи онҳо интиқоли маблағ ба суратҳисоб, пардохти хидматрасониҳо, интиқоли маълумоти шахсӣ ва ғ. шуда метавонад.

**Навъи смишинг** (Smishing). Ин намуди фишинг ирсоли паёмҳои матниро ба телефони ҷабрдида пешбинӣ менамояд. Қаллобон худро ҳамчун корманди ташкилоти маъруфе муаррифӣ карда, бо роҳҳои қалбукӣ туҳфа, купон ё тахфифҳоро ба мизоҷон пешниҳод мекунанд. Аммо пешниҳодоти мазкур дорои истиноди вебсайти зараровар мебошанд. Баъди ворид шудан ба вебсайти ин истинод, корбар маълумоти шахсии худро аз даст медиҳад.

---

[417] Ниг.: truTV | RealityTV | Comedy [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.trutv.com (санаи муроҷиат: 11.09.2021).

**Навъи вишинг** (Vishing). Вишинг як усули қаллобии овозӣ мебошад, ки тавассути занг задан ба телефони шахси дигар амалӣ карда мешавад. Аксар вақт ҳамлагарон пешакӣ маълумоти шахсии дигаронро қисман аз худ менамоянд. Аз ин рӯ онҳо метавонанд ба ӯ бо ному насаби пурраш муроҷиат карда, рақами корти бонкиашро ба ӯ гӯянд. Онҳо худро корманди бонк ё хадамоти амният муаррифӣ карда, рамз ё коди бопаёмак ирсолшударо мепурсанд, ки пас аз гуфтани он шахс маблағҳои корт ё суратҳисоби худро аз даст медиҳад.

**Навъи фарминг** (Pharming). Серверҳои DNS дучори ҳамлаи хакерон мешавад: корбар истинодеро ба даст меорад, ки он на ба манбаи интернетии аслӣ, балки ба сомонаҳо қаллобӣ равона мебошад, корбар дар он маълумоти шахсиашро ворид мекунад ва ба ин васила ба қаллобон барои дастрасӣ ба маълумоти махфӣ роҳ мекушояд.

**Навъи фишинги клонӣ** (ClonePhishing). Он фиристодани мактуби нусхабардоришуда ва такрориро ба почтаи электронии шазси дигар дар назар дорад, ки қаблан онро аз як ирсолкунандаи қонунӣ гирифта буд. Дар мактуби дуюм, рақамҳои телефонӣ ва реквизитҳо иваз карда мешаванд, ки пайвастшавӣ ба онҳо метавонад боиси дуздида шудани маълумоти махфии шахсӣ гардад.

**Навъи иҷтимоӣ.** Ин навъ дар асоси шабакаҳои машҳури иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад. Мисоли маъмул ин шиносоӣ бо шахси қаллоб дар аккаунти қалбакии вай мебошад, ки маълумоти мушаххасро аз ҷабрдида бо найранг ба даст меорад ва онҳоро бар зидди соҳибаш кор мефармояд.

**Навъи «Дугоники бадкор»** (EvilTwinPhishing). Ин намуди ҳамлаи фишингӣ ташкили нусхаи қалбакии шабакаи WiFi-ро пешбинӣ мекунад, ки ба он қурбоншавандагон бо баҳонаи интернети ройгон ва дастрасӣ ба захираҳои интернетӣ ҷалб карда мешаванд, пас аз он маълумоти аккаунти корбарон дуздида мешавад. Ин намуди фишинг бештар дар заминаи муассисаҳои давлатӣ, донишгоҳ, вазорат ва ё идора татбиқ карда мешавад.

**Навъи фишинги системаи ҷустуҷӯӣ**. Қаллобон вебсайтҳои қалбакии якрӯзае месозанд, ки маҳсулоти брендҳои машҳур дар он нусхабардорӣ карда шудааст. Фурӯш бо нархи арзон оғоз гардида, дар рафти он харидор барои маҳсулоти мавҷуднабуда пул медиҳад, ки дар натиҷа ӯ ҳам аз маблағ ва ҳам аз молу мулк маҳрум мемонад.

Хизматрасониҳои онлайнӣ ба як қисми муҳимми ҳаёти мо табдил ёфтаанд. Мо ҳар рӯз аз ин шабаки ҷаҳонӣ истифода мебарем ва паёмҳои дахлдорро дар шабакаи иҷтимоӣ лайк мегузорем, ашё ё молу мулкро харидорӣ мекунем, аз хизматрасониҳои нақлиётӣ истифода мебарем, сериалҳоро тамошо мекунем, интиқоли маблағ ва ё робита бо шахси дигар ба таври онлайнӣ амалӣ мегардад. Ҳар шахс дар ин ҷода эҳтиёҷоти гуногун дорад: барои касе беҳтар аст, ки ба бозори криптовалютӣ равад, шахси дигар барномаҳои махсусро дар компютери худ борбардорӣ менамояд, дигарон аз YouTube истифода менамоянд. Дар ин маврид як нуқтаро бояд таъкид намуд, ки шахсияти мо дар шакли унсурҳои рақамӣ дар ин маврид ташаккул меёбанд ва онҳо набояд дастраси ҳамагон гарданд.

Гурӯҳи дуюми тарзи содиршавии ин ҷиноятро дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ ташкил медиҳанд.

**Дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ** кирдори барои ҷамъият хавфнокест, ки дар он маълумоти шахсӣ барои ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ истифода мешавад. Ин истилоҳ дар нисфи 2- юми қарни XX дар Иёлоти Муттаҳида ба таври васеъ паҳн шуд. Ба ин навъи ҷиноятҳо бе иштироки шахс додани кортҳои қарзӣ, қарз гирифтан ва дигар навъи хизматрасониҳо дохил мешаванд. Чунин ҷиноятҳо инчунин бо истифодаи васеи SSN (SocialSecuritynumber) ҳамчун мушаххаскунандаи шахсият сурат мегиранд. Барои тасдиқи шахсият тавассути телефон, созмонҳо рақами SSN-ро талаб мекунанд. Дар Бритониё ID-ҳои суғуртаи (National Insurancenumber) ва NHS (Nationa lHealth Servicenumber) барои дуздии маълумоти шахсият истифода мешаванд. Аз ин лиҳоз, аз рӯйи тарзи содиршавӣ ин навъи ҷиноят метавонанд аз се намуд иборат бошад:

• Duздии маълумоти шахси ҳуқуқӣ

• Дуздии маълумоти дорои хусусиятҳои молиявӣ

• Дуздии маълумоти дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ

Маврид ба тазаккур мебошад, ки дар навъи сеюми дуздӣ шахсони дахлдор аз номи шумо ва дигар маълумоти шахсии шумо дар амалиёти мушаххас истифода менамоянд. Ҳамин тариқ, ҳар се намуди дуздӣ метавонад аз бисёр ҷиҳат оқибатҳои дарозмуддат дошта бошанд.

Дар даврони муосир вобаста ба пешрафти технологӣ шахс метавонад худро аз чунин ҳамлаҳо ба таври зарурӣ муҳофизат намояд. Бахусус, VPN-и мувофиқро ба монанди Le VPN ҷиҳати ҳимояи нишонии IP ва додаҳо татбиқ гардад ва иттиллоъӣ фардии шаҳрвандон дар ШИ-ии электронӣ монда шавад, гумони тасарруфи иттллоъ дар бораи шахс ба ин васила хеле кам мегардад.

Аз сабаби афзоиши ҷиноятҳо тавассути ТИК, шумораи бештари одамон аз кибертаъқиб азият мекашанд. Кибертаъқиб ба ҳолати равонии ҷабрдида ва дар баъзе мавридҳо ба ҳолати ҷисмонӣ таъсири бад мерасонад.

Аз рӯйи тарзи содиршавӣ кибертаъқиб дар шаклҳои зерин содир мегардад:

• Назорати шахси дигар бо мақсади тарсондан ё таъқиб тавассути ТИК;

• Гирифтани маълумоти шахсӣ дар бораи ҷабрдида бо мақсади таҳдид;

• Ба даст овардани фоида бо истифода аз маълумоти шахсӣ.

Дар ин маврид набояд фаромӯш кард, ки таъқиби шахс барои ҷинояткорон танҳо қадами аввал аст. Ба шарофати рушди босуръати ТИК, инчунин замимаҳои мавҷуда оид ба бо макони ҷойгиршавӣ ва маълумоти дақиқи шахс, кибертаъқиб ба сатҳи нав, яъне содир кардани куштор дар ҳаёти воқеӣ, расидааст[418].

Бояд эътироф кард, ки Интернет барои истифодаи барномаҳои пешрафтаи компютерӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад ва дар ин замина

[418] Ниг.: Меня преследуют в интернете: что такое киберсталкинг, и как от него защититься [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www. marieclaire.ru/stil-zjizny/menya-presleduyut-v-internete-chto-takoe-kiberstalking-ikak-ot-nego-zaschititsya/https://lifehacker.ru/kak-zashhitit-brauzer (санаи муроҷиат: 04.03.2022).

кибертаъқибгаронро метавонад барои мақсадҳои ғайриқонунии худ истифода барад. Аммо муайян кардани ҷинояткор ва исбот кардани он амалҳои содиркардаи ӯ хеле душвор аст, бахусус агар таъқибкунанда ин корро ҳангоми дар давлати дигар қарор доштан анҷом диҳад.

Бояд қайд намуд, ки шакли маъмултарини кибертаъқиб ин ирсоли паёмҳои ба истилоҳ «номаҳои нафратангез» ва ё паёмҳои электронии таҳдидкунандаи фаҳш аст. Илова бар ин, кибертаъқибгарҳо аксаран ба мубоҳисаҳои гуногуни онлайнӣ, чатҳо ва гурӯҳҳо ҳамла намуда, дар ин маврид маълумоти зараровар паҳн мекунанд. Фиристодани вирусҳои компютерӣ як шакли махсусан мураккаби кибертаъқиб буда, ин амал аз масофаи гуногун амалӣ мешавад. Ҳамаи онҳо аз он сабаб хатарноканд, ки ҳар лаҳза онҳо метавонанд таъқиб ба ҳаёти шахсро ба миён оранд (масалан, дар шакли зангҳои таҳдидомез, амалҳои харобкорӣ ба моликияти ҷабрдида ва ҳатто ҳамлаҳои ҷисмонӣ.

Дигар аломати илвагии тарафи объективии ҷиноят ин восита ва ё олоти содир шудани ҷиноят мебошад. Восита ва олоти содиршавии ҷиноят ин предметҳои моддии олами беруна, ки ба воситаи онҳо ҷиноят содир карда мешавад.

Дар масъалаи воситаи содир кардани ҷиноят низ проблемаҳои зиёд ҷой доранд, вале вазифаи таҳлили илмии мо намебошанд. Танҳо ҳаминро гуфтан муҳим мебошад, ки номбар кардани як катор воситаҳои содир шудани ҷиноятҳо дар меъёрҳои моддаҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ як тадбири комилан манфиатнок мебошад. Зеро меъёрҳои қонунгузориии ҷинояти бояд равшан возеҳ ва оммафаҳм бошанд. Ҷой надоштани ин ҳолат метавонад дар ҳар замон ва аз ҷониби доираи гуногуни одамон ба таҳлили нодурусти меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ оварда расонад.

Маълум аст, ки дар ин ҷиноятҳо олоти содир шудани ҷиноят ҷой надорад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва меъёрҳои қонунгузорӣ (м.298-304 КҶ ҶТ) дар диспозитсияи меъёрҳо ҳангоми тавсифи тарафи объективии

ҷиноятҳое, ки василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, истилоҳи «истифодаи шабакаи Интернет»-ро истифода намебарад, лекин аз мқарраротн меъёрҳои модда маълум аст, ки ин ҷиноятҳо тавассути системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ содир мешаванд. Зеро тафсилоти модда ин истилоҳотро пурра ифода менамоянд.

Ғайр аз ин, ҷиноятҳое ҷой доранд, ки ҳам бо истифода аз системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ ва ҳам бидуни онҳо содир мешаванд (масалан м. 109, 247, 250 КҶ ҶТ). Лекин аз тафсилоти ин меъёрҳо тамоман системаҳо ё шабакаҳои компютерӣ бар намеоянд.

Ин ҳолатҳо барои бандубасти ҷиноят тамоман таъсир намерасонанд. Зеро инҳо аломати иловагӣ буда дар ин ҷиноятҳо аҳамияти хосса надоранд.

Ин ҷода қабл, аз ҳама, таҳлили содиршавии ин ҷиноятҳо тавассути шабакаҳои интернетӣ (бо истифода аз мисоли намунавӣ) аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Зеро истифодаи шабакаи Интернет дар ин ҷиноятҳо дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии онҳоро нишон медиҳад. Яъне нисбати шумораи зиёд ва номуайяни шахсони алоҳида содир шуда, дараҷаи баланди латентиро ба худ касб мекунад. Бахусус содиршавии ин кирдорҳо дар як замина сабаби маргро ба миён меоварад (вазъи урёни нафареро пахш мегардонад, ки ҷабрдида аз кирдор мумкин аст ба худкушӣ даст занад), иқтидори молиявии одамонро нобуд намояд (маблағҳои бонкии мизоҷони ташкилотҳои молиявию қарздиҳиро дуздӣ кунанд), сабаби пошхурии оилаҳои осуда ва намунавӣ гардад (паҳн кардани маводҳои бадномкунанда, ки сирри маҳрамонаи шахс мебошад) ва ғ.

Яке аз воситаҳои содир шудани ин ҷиноятҳо ин кортҳои пардохтӣ мебошад. Ҷиноятҳои содиршавандае, ки дорошавии беасосро ба миён меорад ин тасарруфи молу мулки ғайр тавассути кортҳои пардохти мебошад. Кирдорҳои бо кортҳои пардохтӣ содиршаванда бо роҳҳои қалобӣ содир мешаванд. Яъне бисёртар метавонанд тавассути интернет ё дар нуқтаҳои савдо ва банкоматҳо содир гардад.

Агар аз нуқтаи назари амалияи ҳуқуқтатбиққунанда назар намоем, ба таври гуногун ин ҳолатҳо баррасӣ мегарданд. Барои мисол чунин ҳолатҳоро қайд кардан мумкин аст. Аз ҷониби суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе парвандаи ҷиноятӣ нисбати судшаванда бо моддаҳои 244 қисми 2 бандҳои «а» ва «в», 244 қисми 3 банди «а» ва 247 қисми 2 бандҳои «а» ва «в»-и Кодекси ҷиноятии ҶТ баррасӣ гардидааст, ки мутобиқи он:

А) судшаванда бо мақсади оро додани муйи сараш ба назди шаҳрванд «А», ки фаъолияташ хизматрасонӣ дар Кошонаи ҳусн мебошад, рафта, аз хизматрасонии ӯ истифода карда, бояд ҳаққи хизматрасониро ба маблағи 150 сомонӣ пардохт менамуд. Дар ин лаҳза судшаванда бо мақсади тасрруфи, пинҳонии моликияти ғайр ба боварии ҷабрдида даромада, рамзи кортии онро ба таври махфӣ гирифта баъдан аз суратҳисоби ҳамёни электронии ҷабрдида, ки 3240 (се ҳазору дусаду чил) сомонӣ дар тавозун дошт, ба суратҳисоби худ гузаронида, ба ҷабрдида зарради молумулкӣ расонидааст;

Б) боз судшаванда такроран ба мағозаи фурӯши телефонҳои мобилӣ рафта, аз мағозачӣ як адад телефони мобилии навъи Айфон-ХС ро бо арзиши 3900 сомонӣ нархгузорӣ кардааст. Дар ин ҳол судшаванда ба боварии ҷабрдида-мағозачӣ даромада, гӯё пардохти маблағи арзиши телефони мазкурро ба таври ғайринақдӣ (бо истифода аз ҳамёни электрониаш) анҷом медодааст. Аз ӯ рақами ҳамён ва телефони мобилиапшро гирифта пас аз лаҳзае ӯро фиреб додааст, ки дар тавозунаш маблағи 3900 сомонӣ гӯзаштааст. Бо ин ҳаракатҳояш судшаванда ба ҷабрдида ба ин миқдор (3900 сомонӣ) зарари молумулкӣ расонидааст[419].

Дар ин ду ҳолати дар ҳукм овардашуда агар назар афканем, бо ду модда (ҳолати аввал бо моддаи 244 КҶ ҶТ ва ҳолати дуюм бо моддаи 247 КҶ ҶТ) бандубаст шудааст. Аммо тавре мушоҳида мегардад, тартиби содир шудани кирдорҳои мазкур аз ҷониби судшаванда бо ҳам пурра монананд. Вале дар ҳолати аввал суд танҳо муқаррароти моддаи 244 КҶ ҶТ-ро ба назар гирифта

[419] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-173/23 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе.

ибораи «бо мақсади дуздӣ, яъне тасарруфи ниҳонии амволи ғайр»-ро дарҷ намуда, кирдорро пурра дуздӣ баҳо додааст. Ҳоло он, ки дар ин ҳолат таркиби моддаи 247 КҶ ҶТ низ дида мешавад. Яъне ҷабрдидаро боваркунонида аз ӯ рамзи махфии ҳамёни электрониро пуррсидааст. ин ҷой маълум мешавад, ки судшаванда истифода аз сатҳи дониши паст доштани ҷабрдида карда ба боварии ӯ даромада баъдан рамзро мегирад. Дар ҳолати дуюм бошад, ҳодисаи ба ин монандро суд танҳо «бо истифода аз боварӣ» муайян карда таркиби ҷинояти моддаи 247 КҶ ҶТ-ро татбиқ намудааст. Яъне маҷмуи ҷиноят гуфта, ин ду кирдорро баҳо додааст. Нуқтаи назари хеш дар ин маврид он аст, ки дар ин ҳолат унсури 3 меъёр ба мушоҳида мерасад (якум масъала бо м.м. 247 ва 244 қ. 2 банди «а» ва масъалаи 2-юм, бо м. 247 қ. 2 бандҳои «а» ва «в»).

Дигар ин ки суд банди 19 Қарори Пленуми Суди Олиро аз 25 июни соли 2004№ 3 ба назар гирифтааст, ки тибқи он «Ҳангоми содир намудани ду ва зиёда тасарруфи мустақилонаи молу мулки ғайр дар як намуди аломатҳои банду басткунанда, ки барои онҳо шахс маҳкум гардидааст ва ё ин ки ҷиҳати онҳо мӯҳлатҳои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан нагузаштааст, кирдорҳои зикргардида мутобиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 19 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чун такроран содиршуда бо банди «а» қисми 2 моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мувофиқан бо банди «а» қисми 2 моддаи 247 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шаванд.

Ин меъёри овардашуда (банди 19) тамоман ба бандубасти ин ҷиноят алоқамандӣ надорад, зеро ки Қарори мазкур «содир шудани ҷиноят дар шакли такрорӣ»-ро дар назар дорад, вале суд бошад ҳамчун бандубаст асос кардааст. Ин ҳолат пурра нодуруст буда, «бандубаст» ва «содир шудани кирдор дар шакли такрорӣ» падидаҳои алоҳида дар ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд. Ғайр аз ин дар Қарори мазкур вобаста ба ҳолати содир шудани дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзарӣ бо истифода аз шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ (шабакаи интернет) ягон муқаррарот пешбинӣ

нашудааст. Ба мавқеъ мебуд, ки дар санади ирогардида мавқеи зикршуда ба намуди зерин ҷойгир мегардид: «дуздии моликият, тавассути фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ, азхудкунӣ ё расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ, ки тавассути ТИК-ии электрони интернетӣ содир шудааст».

Воқеъан ҳам сохтакорӣ дар кортҳои электронӣ аз корбарӣ беиҷозати иттилооти кредитӣ ё дебетӣ (номери корт, нишонии ҳисоб, пароли махсус ва муҳлати амал) барои харидани маҳсулот ва хидматҳо бидуни ҳузури шахс, аз қабили тавассути почтаи электронии вебсайти харид ё телефон иборат аст. Дар бештари мавридҳо ҷабрдидагон аз истифодаи беиҷозати кортҳояшон, ки дар ихтиёри онҳо боқӣ мондаанд, бехабаранд. Ин намуди фаъолияти ғайриқонунӣ пайваста инкишоф ёфта, ба василаи бекора кардани додаҳо, ҳуҷумҳои маҷозӣ, тавассути барномаҳои зараррасон тасарруфи иттлооъ ва абзорҳои фишингӣ татбиқ мегардад ва танзиму назорати онҳо вазифаи аввалиндараҷаи шахсони дахлдор ба ҳисоб меравад.

Воситаи дигари содиршавии ин ҷиноятҳо ин шабакаи интернетӣ[420] мебошад. Интернет яке аз ин намудҳои муошират маҳсуб меёбад, ки дар адабиётҳои илмӣ тарафи объективии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техники содир мешаванд баромад менамояд[421]. Яъне дар ин маврид шабакаи интернетӣ дар ҷараёни содир намудани ҷиноят барои таъсири бевосита ба объекти ҳамла, инчунин барои амалҳои ёрирасон дар ин раванд истифода мешавад. Чи хеле ки олим И.М. Рассолов қайд мекунад, Интернет дар асоси назарияи ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун фазои нави худшиносии инсон эътироф мегардад. Ба андешаи олим он фазои ягонаи байналмилалӣ буда, дорои сарҳад намебошад, яъне фаромиллӣ аст ва дар ин асос ягон

[420] Ниг.: Интернет – шабакаи ҷаҳонии иттилоотию коммуникатсионии электронӣ.

[421] Ниг.: Минисламов М.Н. Интернет как средство совершения киберпреступлений / М.Н. Минисламов // Теоретические и прикладные вопросы борьбы с преступлениями, совершаемыми с использованием информационных технологий: сборник материалов Международной заочной научно-практической конференции (Могилев, 30 ноября 2017 года) / Редкол.: Ю.А. Матвейчев (отв. ред.) [и др.]. – Могилев: Могилев. институт МВД Республики Беларусь, 2017. – С. 27-31; Парфенов А.Ф. Общее учение об объективной стороне преступления: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2004. – С. 169.

танзимгар имкони назорати пурааи онро надорад[422]. Албатта ин муқаррарот бештар аҳаммияти байналмилалӣ ва иҷтимоии Интернетро собит намуда, омӯзиши ҳамаҷонибаро баҳри танзими ин раванди фаромилӣ тақозо менамояд. Баъзе муаллифон ҳатто Интернетро яке аз намудҳои шабакаҳои глобалӣ ҳисобида, таъкид мекунанд, ки дар ин шабакаи ҷаҳонӣ баъзе қоидаҳои умумӣ бояд риоя шавад. Бо дарназардошти чунин таснифот ҳамаи тамоюлҳои марбут ба фаъолияти шабакаҳои компютерии ҷаҳонии муосир ба таври назаррас баррасӣ мешаванд[423]. Ин таъриф бештар хусусияти техникӣ ва сохторӣ дошта, он бозгӯӣ намекунад, ки Интернет аз дигар технологияҳои коммуникатсионӣ ва шабакаҳои компютерӣ чӣ фарқ дорад. Инчунин, фазои интернетӣ бо фазои маҷозӣ ҳаммаъно аст, ки тамоми шабакаҳои пайвастшуда (аз қабили Интернет, Fido-net ва дигар шабакаҳо) маҳз тавассути Интернет онҳо вазифаи пайвасткуниро иҷро мекунанд.

Фазои маҷозӣ – муҳити виртуалест, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ сохта мешавад. Гибсон У. нахустин маротиба соли 1984 дар таҳқиқоти худаш «Нейромантик» ин мафҳумро, байёнгарӣ маҷмуаи маълумот мавриди корбурд қарор дод. Баъдан интиҳои солҳои 1980-1990 мафҳуми мазкур маънои муҳити маълумоти ТИК-ии электрониро дар худ гирифт. Соли 2000 ихтисосмандонӣ ЮНЕСКО дар бораи паҳлуҳои ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ Т.Ф. Камачо муҳити виртуалиро ба таври зайл натиҷагири кард: «фазои муосири инсонӣ ва технологие, ки ҳамаи инсоният, фарҳангу забонҳо, синну сол ва касбҳоро дар бар гирифта, иттилоотро барои онҳо таъмин менамояд ва василаи пайвандгари шабакаҳои ҷаҳонии иттилоотм ебошад»[424]. Ба андешаи Т. Фуэнтес-Камачо, ифодаҳои «паёмҳои махсуси иттилоотӣ» ва «самтҳои иттилоотӣ» бо ин мафҳум ҳаммаъно мебошанд. Фазои маҷозӣ инчунин воқеияти виртуалӣ ё алтернативӣ, шабакаи ҷаҳонии интернет ва

[422] Ниг.: Рассолов И.М. Право и Интернет: теоретические проблемы. – 2-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – С. 92.
[423] Ниг.: Осипенко А.Л. Борьба с преступностью в глобальных компьютерных сетях: международный опыт: монография. – М.: Норма, 2004. – С. 15; Красненкова Е.В. Обеспечение информационной безопасности в Российской Федерации уголовно правовыми средствами: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 133.
[424] Антонос Г.А. Международные изменения права киберпространства / Г.А. Антонос // Право и информатизация общества. – М., 2002. – С. 174-175.

инфрасохтори глобалии иттилоотӣ номида мешавад. Мушоҳида мегардад, ки вақте ки мо дар бораи Интернет ҳамчун воситаи содир кардани киберҷиноятҳо сухан меронем, аслан мазмуни воқеиро ба назар намегирем, яъне дар ин маврид маҷмуи принсипҳо ва қоидаҳоеро дар назар дорем, ки асоси фаъолияти шабакаро ташкил медиҳанд. Ин принсипҳо дар санадҳои дахлдор ифода шудаанд, ки раванди махсуси ин шабакаро ба таври воқеӣ тавсиф мекунанд. Санадҳои асосии ин намуди муосири шабакаро муайянкунанда бешубҳа IP (Internet Protocol) ва TCP (санади раҳнамоӣ) мебошанд. Ҳама шабакаҳое, ки дар асоси ин санадҳо амалӣ мешаванд, дорои хусусиятҳо ва принсипҳои хоси Интернет буда, аксаран танҳо бо паҳншавӣ ва дастрасии умумӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. «Бахусус, VPN ҳарқадаре ки зинаи баландтари муҳофизатиро иҷро намояд ва муяяасаршавиро ба корбарони ғариқонуни маҳдуд намояд, ин амнияти бо он санадҳое нави дорои нишонаи мушаххас, яъне IP ва TCP, маҳдуд мешаванд»[425]. Ҷиноятҳои баррасишавандаи интернетӣ он кирдорҳоеро фарогиранда аст, ки дар онҳо Интернет ҳамчун воситаи содиршавии истифода мешавад.

Тавассути ин шабакаи ҷаҳонӣ баррасии хусусиятҳои содиршавии ин ҷиноятҳо то андозае душвор гардидааст. Зеро онҳо ба таври глобалӣ доман паҳн кардаанд. Интернет макони содир шудани ҷиноят ва макони пайдоиши оқибатҳоро дар рафти содир шудани онҳо номуайян сохта, ҳамзамон ошкор, пешгирӣ ва таъқиби ин кирдорҳоро ниҳоят мушкил ва дар баъзе мавридҳо ғайриимкон кардааст. Ҳангоми содир кардани ин ё он ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарнок тавассути Интернет маҷмуи роҳҳои нав ва пайдарпайии амалҳо истифода шуда, барои пайдо шудани ҷиноятҳои нав ба нав хусусиятҳои хосе мебахшанд, ки ошкорсозии онҳоро хеле мураккаб мегардонад. Воқеан, Интернетро метавон ҳамчун василаи пуриқтидор дар ташаккули ин ҷиноятҳо ҳисоб намуда, бавуҷудорандаи шароити фароҳам барои содир шудани ин кирдорҳо номид. Аз ин рӯ моҳияти интернет дар

[425] Ниг.: Норткат С., Новак Д. Обнаружение нарушений безопасности в сетях. – 3-е издание. – Пер. с англ. – М.: Изд. дом «Вильямс», 2003. – С. 25-43.

содир намудани ҷиноят бинобар хусусияти худи интернет имконпазир аст, ки дар айни замон маҷмуи принсип, алгоритм, қоидаҳои амали мутақобила дар алоқамандӣ бо якдигар низоми ягонаро ба миён оварда, дар ин замина амалҳои ғайриқонунӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ сурат мегирад.

Аз ҳолатҳои дар боло овардашуда бар меояд, ки интернет, ҳамчун ТИК-ии маҷозӣ ва фазои маҷозии нави содиршавии ҷиноятҳо ифода гардида, барои бевосита ҳамла ба инфрасохтори муҳими иттилоотӣ истифода мешавад, ки имконияти пурраи танзими он ҷой надорад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо бояд қайд кард, ки чунин аломати тарафи объективии ин кирдор, ба мисли истифодаи интернет дар матни Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор баррасӣ ва ифода нашудааст. Дар доираи ин хусусият ҳамчун унсури тарафи объективии ҷиноят усулҳои алоҳидаро метавон муайян кардан, ки ҳар кадоми онҳо дараҷаи барои ҷамъият хавфнокро нишон медиҳанд. Усули марбут ба таблиғро ҳангоми истифодаи Интернет бидуни тавзеҳ наметавон арзёбӣ кард. Агар дараҷаи барои ҷамъият хавфнокро бо ин ё он сабаб ва омилҳои дигар, ки дар он Интернет нақши муҳим мебозад, афзоиш ёбад, ин ҳолатҳо бояд дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карда шаванд. Дар матни қисми махсус қонунгузорӣ тарзи истифодабарии интернетро бо нишон додани он хусусиятҳои мушаххасе, ки дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии амали дахлдорро зиёд мекунанд, равшантар бояд ифшо сохт ва дар ин маврид мафҳуми «истифодаи интернет» бозгӯӣ шуда, хусусиятҳои умумии таблиғ ё истифодаи ВАО ба инобат гирифта шаванд.

1. Тарафи объективии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ин маҷмуи аломатҳоеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои зоҳирии шахсро вобаста ба ҷамъоварии ғайриқонунии маълумот дар бораи шахси дигар, паҳн кардани маълумот дар доираи васеъ, ба таври оммавӣ ва ё дар воситаҳои ахбори омма намоиш додани маълумот,

инчунин ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб ҳангоми истифода аз шабакаи интернет, ки расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манофеи қонунан ҳимояшавандаи ҷабрдидаро ба вуҷуд меорад ташкил медиҳад.

2. Бо дарназардошти ҳолатҳои ишорагардида пешниҳод менамоем, ки дар боби 28 КҶ ҶТ муқарароти алоҳида моддаи **301 (2) «Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ (спаминг)»** дар шакл ва мазмуни зайл ворид карда шавад:

**Моддаи 301 (2) Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ**

1) Ба таври оммавии ғайриқонунӣ паҳн кардани пайғомҳои номатлуб ба воситаи шабакаи алоқаи интернет ё бо роҳи истифодаи алоқаи телефонӣ, факс, радио, телефони мобилӣ, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои интихоб ва (ё) занг задан ба рақами абонентӣ бе дахолати инсон (зангзании автоматӣ, паҳнкунии автоматӣ),-

бо ….

2) Ҳамин кирдор, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад, -

бо ....

3) Кирдори дар кисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ва ё бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад.

## 4.3. Аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ)

Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгариро баҳри ин кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок, ки ба василаҳои гуногуни техникӣ анҷом меёбанд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) пешбинӣ накардааст, аммо рушди содиршавии ин ҷиноятҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯз то рӯз инкишоф меёбад. Муайян кардани аломатҳои субъективии ин ҷиноятҳо

ҳангоми истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ барои содир намудани ҷиноят (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Аломати субъективии ҷиноятҳои мазкур мисли аломати субъективии ҷиноятҳо дар умум ду элементи таркибиро дар бар мегирад. Яъне тарафи субъективӣ ва субъекти ин ҷиноят.

**Тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ).** Тарафи субъективии ҷиноятҳои баррасишаванда шаклҳои гуногуни содиршавиеро доро мебошад, ки тарафи дохила (рӯҳии) таҷовузи киберҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Дар бораи ин падида дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ақидаҳо ба таври гуногун баррасӣ мегарданд.

Таҳлили тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ) шароит фароҳам меоварад, ки тамоми паҳлуҳои ин ҷиноятро мавриди баррасӣ қарор дода, тартиби содир шудани ҷиноят, баҳо додани ҷиноят ва муайян кардани асосҳои бандубасти онро аз рӯйи тарафи субективиаш муайян намоем. Зеро дар таркиби он гуноҳ, ангеза, мақсад ва дигар ҳолатҳое, ки қасди содиршавии ҷиноятро муайян мекунад, мавҷуданд.

Дар ҷиноятҳое, ки ба василаҳо гуногуни техникӣ содир мешаванд (мактуби фишингӣ, кибертаъқиб, дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ сурат мегиранд), муқаррарот барои муайян сохтани аз беэҳтиётӣ содир кардани ҷиноят (дар шакли худбоварӣ ё бепарвоӣ) содир намудани он вуҷуд дорад, аммо асоснок нестанд. Аз ин бар меояд, ки ин ҷиноятҳо танҳо дар шакли қасд содир мешаванд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала андешаҳои зиёд ҷой доранд. Андешаҳои олимон вобаста ба мафҳуми тарафи субъективии ин ҷиноятҳо зиёд дида мешавад, ки ба 2 қисм ҷудо намудани ин адешаҳо мувофиқи мақсад мебошад:

•«Пажуҳишгароне, ки тарафи субъективии кирдорҳои баррасигардидаро бо 2 тарзи гуноҳ (намудаи қасд ва беэҳтиётӣ) мепазиранд»[426];

•Муҳақиқоне, ки тарафи субъективии ҷиноятҳои мазкурро бо содиршавии онҳо дар шакли қасди бевосита медонанд[427].

Олимони гурӯҳи аввал фикри худро далелнок менамоянд, ки ин ҷиноятҳоро бо низоми ҷиноятҳои ғайриқонунӣ дастрас кардани маълумоти компютерӣ ҳаммонанд медонанд. Дар шароити муосир низоми назоратнамоии инфрасохтори барқӣ (оббанборҳои ядрои, оббанборҳо, нерӯгоҳҳои дигар); низоми автомобилӣ (нуқтаҳои батанзимдарории роҳҳои оҳан, нуқтаҳои батанзимдарорӣ ва назорати парвозҳои ҳавоӣ, киштиронии ҳавоӣ ва замини ва монанди инҳо); бахшҳои эҳёгарӣ дар беморхонаҳо ва марказҳои тиббӣ; системаҳои ҳарбию мудофиавӣ ва дигар самтҳои алоқамнд ба ҳаёт ва саломатии одамон бо таҷҳизотҳои электронӣ муҷҷаҳаз гардонида шудаанд, ки ба низоми маълумотнокии маҳаллӣ бо муяясаргардӣ ба ТИК-ии элекронӣ пайванд гардидаанд.

Маҳз ба ин хотир, мудохилаи бе мувофиқа ба кори объекти махсуси инфрасохторӣ метавонад муҷиби зарар ба кори инфрасохтор ва ҳайёту саломатии кормандони онҳо шавад. Дар чунин вазъият зараррасони ба саломатии инсонро наметавонад қасди ҷинояткории мазкур (масалан, тасодуфан ба пойгоҳи додаҳо дар натиҷаи корношоямӣ ё муваққатан набудани низоми ҳимоявии ТИК; шикастани пойгоҳи додаҳо) эътироф кард, чунки гурӯҳбандии ҳамин намуди ҳаракатҳо ба таври мушаххас анҷом наёфтааст. Ба хотири ин, аз беэҳтиётӣ оқибатҳои барои ҷомеа хатарнок метавонанд дар самараи кирдорҳои қасдан ҷинояткоронаи шахс, ки ҷиҳати баҳраманд гардидан ба мақсадҳои дигар равона гардидааст, оварда мерасонанд.

---

[426] Ниг.: Золотухин С.Н., Хун А.З. Уголовно-правовые и криминологические аспекты преступлений в сфере компьютерной информации: учебное пасобие. – Краснодар, 2008. – 137 с.; Пашин С.А. Преступление в сфере компьютерной информации // Коментарий к Уголовному Кодексу РФ / Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедова. – М.: ИНФАР-М-Норма, 1996. – С. 640.

[427] Ниг.: Абова А.И. Преступление в сфере компьютерной информации: неправомерный доступ к компьютерной информации. – М.: «Прима Пресс», 2002. – 25 с.; Гриченко С.В., Ткоченко С.Н., Каспаров А.А. Преступление в сфере комьютерной информации. – М.: ПОЛТЕКСТ, 2003. – 39 с.

Мо ба ин ақида розӣ шуда наметавонем, зеро ин навъи ҷиноятҳо ба муқаррароти воридшавии беиҷозат ба маълумоти компютерӣ марбут мебошад(мутобиқ ба қ. 2, м. 298 КҶ ҶТ). Ин ҳолат дар сурати дастрасии беиҷозат аз ҷониби шахс ба иттилооти ҳифзшавандаи компютерии дар инфрасохтори муҳими иттилоотӣ мавҷудбуда ба миён меоянд. Ин андеша аз ҷониби як қатор олимони соҳа тасдиқи худро пайдо кардаанд[428].

Маъмулан корбарии василаҳои нигоҳдоштан, истифода ё табдили маълумоти ҳимояшаванда (махсусан инфрасохтори махсуси маълумотдиҳии давлат вуҷуд дорад) ё ТИК-ии электронию алоқавӣ ва василаҳои терминалӣ риоя нагардидааст, системаҳои маълкмоти алоқаи барқи, низоми худкори назоратнамоӣ, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, ки ба инфрасохтори муҳими иттилоотии ин ё он кишвар дахл доранд, инчунин қоидаҳои дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ (иттилоот, системаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ), шабакаҳои телекоммуникатсионӣ чун инфрасохтори муҳими иттилоотӣ) метавонанд ба хатари нобудшавӣ, басташавӣ, тағйир додан ё нусхабардории маълумоти компютериро дар миқёси калон ё расонидани зарар ба инфрасохтори муҳими иттилоотӣ оварда расонанд, дар ҶТ бо моддаи 298 КҶ ҶТ кввалификатсия мегардад. Маълум мешавад, ки ҳаракатҳои беэҳтиётӣ аз тарафи наврасон, пиронсолон ва дигар корбарони бетаҷриба (масалан, коргарони бетаҷриба: муҳофизон, фаррошҳо, пешхизматон ва монанди инҳо, ки дастрасии маҳдуд ба компютери умумӣ доранд) содир карда мешаванд.

Дигар ин ки ирсоли мактубҳои фишингӣ, кибертаъқиб ва дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ пурра аз кирдорҳо ғайриқонунӣ дастрасгардидаи маълумоти компютерӣ фарқ мекунанд. Яке аз хусусиятҳои асосии фарқкунандаашон ин дар тарафи субъективии ин ҷиноятҳо мебошанд. Ирсоли мактубҳои фишингӣ, кибертаъқиб ва дуздии онлайнии маълумоти

---

[428] Ниг.: Гайфутдинов Р.Р. Понятие и квалификация преступлений против безопасности компьютерной информации: дис. … канд. юрид. наук. – Казань, 2017. – С. 131; Малышенко Д.Г. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 94.

шахсӣ ҳамеша дар шакли қасди бевосита содир мешаванд. Ҳатто қасди бавосита ҳам дар содиршавии онҳо дида намешавад. Масалан, кибертаъқиб ин як шакли таъқиби онлайнӣ мебошад, ки мақсади он тарсонидан, ҷалби таваҷҷуҳ, дарёфти маълумот, халалдор кардани амният ва идора кардани дигарон бо роҳи таҳдид ё зуроварӣ мебошад. Дар ин навъи ҷиноят танҳо қасди бевосита дида мешавад. Шахс кирдори худро дарк мекунад, аз оқибаташ хабар дорад, оқибати онро мехост ва дидаву дониста роҳ дод.

Дар ин росто гуфтан ҷоиз аст, ки шахс имкон дорад аз нигоҳи докторинаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нестшавӣ, баста шудан, дигаргун кардан ё нусхагирии маълумоти компютериро дар оқибати аз кор баровардани қоидаҳои корбарии василаҳои нигоҳ доштан, истифода ё гузаштани маълумот ё маълумоти махсус ҳимояшаванда дар низоми алоқаи барқӣ ва телекоммуникатсионӣ, қисмҳои махсусӣ бонкаматҳо, ҳамзамон қоидаҳои муяяасааршавӣ ба ШИК-ии барқӣ муқарар кард, аммо дар ин сурат ӯ набояд худбинона пешгирии ин оқибатҳо умед намояд ё фарорасии оқибатҳоро муқарар кунад.

Ин ҳолат дар сурате муяясар мегардад, ки истифодабарандагони ШИК-ии барқӣ ва қоидаҳои муяясаршавӣ ба ин системаҳои иттилоотию телекоммуникатсиониро медонанду, аммо онро вайрон менамоянд. Дар ин росто қисми барзиёди операторони алоқа ва провайдерҳои хостинг муяясари ба ШИК-ии электронӣ ва ҷадвали электронии бепулро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ корбарӣ менамоянд. Дар чунин вазъият, истифодабаранда фақат бояд изҳороти хешро ҷиҳати риояи сиёсати махфияти аз тарафи провайдери хостинг пешбини гардида, ҳамзамон нигаҳдории қоидаҳои муяясаршавӣ ба ШИК-ии алоқа ва истифодаи иттилооти шахсиро диҳад ва пас аз дохил намудани логин ва пароли муяясаршавӣ ба корбарони аз тарафи провайдери хостинг ин кор шуруъ мешавад. Чунин қоида хислати расмиро доро буда, дар баракси ҳолатҳо истифодакунандагони ШИК-ии барқӣ қоидаҳои ирошударо мутолеа намекунанд, вале бидуни фикр кардан ба риояи шартҳои он розӣ

мегарданд. Оқибати, касб кардани трафики интернети бесим аз тарафи истифодабаранда дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо ҳадафҳои ҷиноятӣ метавонад аз ҷиҳати доктринавӣ боиси аз кор боз мондани қоидаҳои муяясаршавӣ ба ШИК-ии алоқа ва ба миён омадани оқибатҳои барои ҷомеа хатарноки муқарар кардаи м.м. 298, 301, 303-и КҶ ҶТ гардад. Худи ҳозир таҷрибаи судӣ дар бораи ин намуди санадҳо мавҷуд нест.

Шояд ин ҷой бегуноҳона расонидани заррар ҷой дошта бошад вале онро беэҳтиётӣ гуфта намешавад. Зеро ин ду падидаи алоҳидаанд.

Дар ин ҷиноятҳо ҳаракати хатарнок бегуноҳ анҷомёфта мешавад, ки агар шахси содирнамудаи он ба ҷомеа хатарнокии кирдори хешро эҳсос намояд ва вобаста ба ҳолатҳои кор намебоист ё наметавонист вайро эҳсос намояд ё имконияти фаро расидани оқибатҳои ба ҷомеа хавф доштаро пешбинӣ накарда бошад ва вобаста ба ин ҳолати кор намебоист ё наметавонист онро муқарар намояд. Беэҳтиётӣ бошад, ҳамеша дар шакли худбоварӣ ё бепарвоӣ содир шудани ҷиноятро дар назар дорад.

Масъалаи дар шакли қасди бевосита содир шудани ин ҷиноятҳо, ки таҳлилу асосноккунии илмии гурӯҳи дуюми олимонро дар назар дорад дида мегузарем.

Тамоми олимони гурӯҳи дуюм, танҳо содиршавии ин ҷиноятҳоро дар шакли қасд (танҳо қасди бевосита) мебинанд, ки нуқтаи назари онҳо мазмунан якхела мебошанд[429]. Мо низ андешаи онҳоро ҷонибдорӣ менамоем. Зеро мақсади онҳо ба худашон маълум аст, вобаста ба содиршавии ин ҷиноятҳо тайёрӣ мебинанд, нақшаи ҷинояткоронаи худро таҳрезӣ мекунанд, барномаҳои истифодашавандаро медонанд, ҳатто баъзе барномаҳои махсус омода менамоянд. Яъне қасди ягонаи содиркунии ҷиноятро доро мебошанд.

Вобаста ба танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии мо муқаррароти мушаххас пешбинӣ нашудааст, вале меъёрҳои шабеҳи он дида мешавад (м. 298-299 КҶ ҶТ). Бо сабаби он, ки амали

[429] Ниг.: Евдокимов К.Н. Противодействие компьютерной преступности: теория, законодательство, практика: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2021. – 557 с.; Пучков Д.В. Кибертерроризм как новая угроза современного общества / Д. В. Пучков // Виктимология. – 2021. – Т. 8. – №4. – С. 382-390.

қонунгузории ҷиноятӣ аз рӯйи қиёс манъ аст, бояд ин ҷиноятҳо пурра дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ шавад.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунанда вобаста ба ин масъалаҳо аз таҷрибаи судяҳо ба мо ягон чиз дастрасӣ нашудааст. Зеро ин ҷиноятҳо чи тавре гуфтем дар КҶ ҶТ пешбинӣ нашудаанд ва ҷиноятҳои нав мебошанд.

Махсус таъкид дошт, ки дар таркиби умумии ҷиноят гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ангеза, мақсад ва ҳаяҷон аломатҳои иловагӣ (факултативӣ) буда, аммо дар таркибҳои мушаххас онҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ баромад карда метавонанд. Ҷиноятҳои баррасишавандаи мо низ аз ин таркиб иබораб аст. Аломатҳои онро гуноҳ, ангеза ва мақсади содир намудани ҷиноят, инчунин ҳолати ҳаяҷонии шахс ҳангоми содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок ташкил медиҳанд. Ин аломатҳо моҳияту мундариҷаи гуногунро доро буда, ба як гурӯҳ сарҷамъанд, ки тарафи субъективии ҷиноятро ифода карда, тамоюлҳои дар руҳияи шахси содиркунандаи ҳаракати барои ҷомеа хатарнок бамиён меомадаро байён менамояд.

**Гуноҳ** ин муносибати дохилаи (рӯҳии) субъект ба ҳаракатҳои хеш ва натиҷаи он, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ зоҳир мегардад. Қонуни ҷиноятӣ ҷавобгариро на ба муносибати рухӣ дар кирдори содиршуда ва оқибатҳои он, балки танҳо бо муносибати муайян дар шакли қасдан ё беэҳтиётӣ содиршавии он пешбинӣ мекунад, зеро ин шаклҳо муносибати зидди ҷамъиятиро дар содир намудани ҷиноятҳои қасдан ва ё аз муносибати беэҳтиётии ҷинояткор нисбат ба манфиатҳои бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда (манфиатҳои шахс, ҷамеа ва давлат) ифода мекунанд. Дар ин самт ҳамаи омилҳои муҳим аз ҷониби қонунгузор нисбат ба он кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок бо дарназардошти таркиби моддии онҳо, ки тарафи объективии онҳо оқибати ҷиноятиро дар бар мегирад, ба инобат гирифта мешавад. Ҳангоми содир намудани ҷинояти дорои таркиби расмӣ лаҳзаи ихтиёрӣ (хоҳиш) нисбат ба далели амали иҷрошаванда муқаррар карда мешавад. Дар ин маврид шахс на барои пешгӯии оқибатҳои зараровар, балки

танҳо он чизе, ки аломати тарафи объективии ҷинояти дахлдор мебошад. (масалан, ҳангоми сохтан, эҷод ва паҳн намудани нармфазорҳи зараррасонӣ компютерӣ – дидаю дониста ба нобудсозии беиҷозат оварда мерасонад, қатъ намудани барқасдона, тағйир додан ё нусхабардории иттилоот, вайрон кардани кори компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо) ҷазо дода мешавад.

Вобаста ба тартиби содир шудани ин кирдорҳо (дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ) дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои зиёд мавҷуданд.

«Чунончӣ қисме аз муҳақиқон бар он назаранд, ки ин навъи ҷиноят метавонад, дар шакли қасди бевосита ва бавосита метавонад содир шавад»[430].

Қисми дигари пажуҳишгарон ба он назарнд, ки оиди намудҳои қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир гардидани кирдорҳое, ки ба василаи гуногуни техникӣ анҷом дода мешаванд («ирсоли мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ), таҳқиқоти пурраю мушаххасро талаб менамояд, чунки онҳо моҳияту мавқеи ин масоиро ҳаматарфа ифода наменамоянд, баъзе ҷузъҳои мубрами он эҳтиёҷ ба пажуҳиши муфасалро дорад.

«Қисми охирони муҳақиқон бар он назаранд, ки намуди беэҳтиётӣ метавонад дар раванди баҳодиҳии қонунии дастрасии ӯ ба маълумоти компютерӣ, ҳамзамон дар алоқамнди ба оқибатҳои манфии дастрасӣ, ки дар муқарароти мавҷудаи ин қонун қарор доранд, ифода гардад»[431].

---

[430] Ниг.: Комментарий к УК РФ / Отв. ред. д.ю.н., проф. А.В. Наумов. – Москва: Юрист, 1996. – С. 665; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. д.ю.н., Председателя Верховного Суда Российской Федерации В.М. Лебедева. – Москва: Норма-Инфра-М, 2005. – С. 703; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) / Под общ. ред. Н.Г. Кадникова. – М.: Юриспруденция, 2008. – С. 692; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006. – С. 692; Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г., Кригер Г.Л. Российское уголовное право: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – С. 349; Уголовный кодекс РФ: постатейный комментарий / Науч. ред. Н.Ф. Кузнецова, Г.М. Миньковский. – Москва, 1997. – С. 583.

[431] Ниг.: Комментарий к УК РФ / Под общей ред. Председателя Верховного Суда РФ В.М. Лебедева и д.ю.н., профессора Ю.И. Скуратова. – Москва, 1996. – С. 640; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под общ. ред. В.М. Лебедева, Ю.И. Скуратова. – М., 2002. – С. 736; Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. В.И. Радченко, А.С. Михлина. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – С. 568; Малышенко Д.Г. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 94.

«Қисмати барзиёди таҳқиқгарони соҳавӣ зикр менамоянд, ки ирсоли пайғомҳои фишингӣ ва кибертаъқиб фақат бо қасди бевосита хотима меёбад, вале дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ мешвад, ки қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содир гардад[432]».

Ба андешаи мо, ба инобат дошт, ки мактубҳои фишингӣ ва кибертаъқиб шакли фаъоли муколамаи дуҷонибаи байни корбар ва компютерро дар бар мегирад. Махсусан, ба василаи компютер истифодабаранда макони хешро ба каси дигар дар махзани иттилоот, бойгонӣ ё файлҳои нарфазори нишон медиҳад, аз ӯ хоҳиш менамояд, ки амали фармонҳоро зер намояд, парол ё дигар иттилоъӣ шахсиро нишон диҳад, то дастрасӣ ба маълумоти мавриди таваҷҷуҳро таъмин кунад. Тамоми дигаргуни дар нармфазорҳо, дискетҳо, сарчашмаи додаҳо ё ба итмом расонидани ҳама гуна амалиёт бо онҳо пайваста саволро оиди дурустии ҳаракатҳои истифодабаранда ва иҷро тасдиқи фармони бекор, хомуш намудан, иваз кардан ё нусхагирии маълумот ба миён меоварад, ки ин раванд ба танзим ниёз дорад. Дуздии онлайнии маълумоти шахсият метавонад тавассути он рамзҳое анҷом дода шавад, ки хакерон дар натиҷаи ҳимояҳоро шикаста ворид шудан ба дастгоҳи корбар, ё ба туфайли маълумоти шахсии аз шабакаҳои иҷтимоӣ гирифташуда ё тавассути қаллобӣ бо истифода аз мактубҳои фишингӣ муяясар мегардад. Ин қоида бар меояд, ки дуздии онлайнии маълумоти шахс ҳама вақт дар шакли қасди бевосита содир мешаванд. Беэҳтиётӣ ин ҷо ҷой дошта наметавонад.

Дар натиҷаи ин фаъолият метавон хулосабарорӣ намуд, ки амали ҷинояткор ҳамеша пурмаъно ва майли шахсӣ мебошад, яъне ӯ қасдан кор дорад, вагарна ӯ наметавонад паси ҳам нишонаҳои зарурии ғайриқонуниро ҷиҳати ба дастории маълумоти компютерӣ хотима диҳад.

Заминаи пажуҳиш ва баррасии мавқеъгирии коршиносону муҳаққиқон моро водор сохт, ки чунин хулосагри кунем, ки на ҳар як корбарони компютер бо омилҳои вазъиятҳои гуногуни объективӣ хавфнокии ҷамъиятии

[432] Ниг.: Карпов В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации: дис. ... канд. юрид. наук. – Красноярск, 2002. – С. 134.

ин эҳсос менамоянд, имкон ё ногузирии оқибатҳои ба ҷомеа хатарнокро муқарар мекунанд. Бахусус, гуфтан ҷоиз аст, ки ба қадри зарури донистани забони англисӣ ё умуман надонистани ин забон (аз тарафи ноболиғон, ва пиронсолон монанди инҳо) дар ҷараёни истифодаи низоми оператсионӣ ё муяясаргарди ба манбаъҳои электронию моҳвоарвӣ эҳтиёҷ бо забонҳои хориҷӣ ба вуҷуд меоянд. Чунин ҳолат ба роҳ гузоштани корҳои профилактики бояд аз ихтисосмандони соҳавӣ татбиқ гардад. Ҳангоми ҳолати дигар, ин далел метавонад боварии комили истифодабарандагони камтаҷрибаро дар ШИК-ии алоқа аз миён бардорад, ӯро дар интихоби истинодҳо аз як сайти маҷозӣ ба дигараш, ҳамзамон ба қонунӣ будани муяясарии ӯ ва нусхагирии маълумоти муҳим аз сарчашмаи давлатӣ ё тиҷоратӣ ба номувафақи расонад ва дар ин замина шахс ба таври ғайриқасдона оқибатҳои номатлуби ин дастрасиро нодуруст баҳо медиҳад.

**Ангеза ва мақсади ҷиноят**. Мақсад, ангеза аломатҳои факултативии (иловагии) таркиби умумии ҷиноят ба ҳисоб мераванд. Вале дар таркибҳои намудие, ки ин аломатҳо нишон дода шудаанд, ба сифати аломатҳои ҳатмии ин таркибҳо баромад мекунанд. Аз ин лиҳоз ҷиноятҳои баррасишавандаро аз руи ангеза ва мақсад ба чанд гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1) шахсони васвосӣ, ки ангезаҳои қасосгирӣ дошта, қурбониёни онҳо ҳамсарони собиқ, шиносҳо, ҳамсинфон, ҳамкорон, корфармоён, мизоҷон мебошанд;

2) мухлисон ва ҳаводорони шахсони маъруф, ки онҳоро ҳамеша пайгирӣ менамоянд;

3) эротоманҳо, ки бо объекти таъқиб алоқаи ҷинсӣ кардан мехоҳанд[433].

Ҳангоми тасвири ангезаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қонунгузор чунин ибораҳоро ба монандӣ «ният», «манфиат», «ғараз» истифода мебарад.

Тавре дар боло қайд намудем, тарафи субъективӣ ин ҷиноятҳо дар шакли қасд ва аз беҳтиётӣ содир гардида, бо нияти дастрасии моликият,

[433] Ниг.: Киберсталкинг. Методы защиты [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cyberstalking-ru.blogspot.com (санаи муроҷиат: 2.09.2018).

ғайриқонунӣ дастраси ба иттилоъӣ шахсӣ, таъқиби шахс, бастани иттилоот ва нобудсозии он ифода мегардад, ки чун ҳадафи «ғаразнок» тавсиф мешавад. Мақсади ғаразноки содир кардани ин ҷиноятҳо хоҳиши табдил додани молу мулки дуздидашудаи дигаронро ба молу мулки худ ё ба молу мулки шахси сеюм (ба даст овардани имконияти воқеии соҳиб шудан, истифода ва ихтиёрдории молу мулки дуздидашуда ҳамчун моликияти худ) пешбинӣ мекунад. Гунаҳкор дарк мекунад, ки бо роҳи фиреб ба дуздии моли каси дигар даст мезанад, маълумоти шахсӣ дигарро ғайриқонунӣ ба даст меорад, таъқиби шахсро ба воситаи интернет анҷом медиҳад ва ва хоҳони фарорасии ин оқибатҳо мебошад. Дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ (Олмон, ИМА, Эстония ва ғ.) қасди бевосита вуҷуд дорад, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои қаллобии интернетӣ пешбинӣ мекунад. Дар КҶ ҶТ меъёри махсусе, ки ҷавобгариро барои қаллобии интернетӣ пешбинӣ мекунад, вуҷуд надорад, ҳарчанд як қатор олимони соҳа пешниҳод мекунанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қаллобии интернетӣ пешбинӣ гардад. Аз ин рӯ, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо меъёри махсус, «Муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои қаллобии интернетӣ» бояд пурра карда шуда, матни ин модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «тасарруфи моликият, тавассути боварӣ, сӯиистифода аз боварӣ, азхудкунӣ ё расонидани зарари молумулкӣ ба василаи ба бовари даромадан ё сӯиистифода аз боварӣ, ки бо истифода аз система ё шабакаи интернетӣ содир шудааст».

Расидагӣ ва ҳалли масъалаҳои ирогардида мураккаб ва тамоюли душвор ифода мегардад, ҷиҳати бартараф намудани он баҳсу мунозираи ҳаматарафа ва бамавридро бо ҳамроҳии ҳудуди кушоди кошиносон-ихтисосмандонӣ самти ҳуқуқ, техникаи нав талаб мекунад. Дар ин ҷода ташаккули қонунгузории Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати кор буда, мавҷудияти норасоиҳо боиси мушкилоти зиёд дар ин самт мегардад.

Аз натиҷаҳои ироагардида дар маҷмуъ натиҷагири кардан мувофиқ мебоша, ки ҷанбаи субъективӣ ин кирдорҳо дар намуди қасди бевостиа содир

гардида, бо ҳадфҳои муяясаршавии моликият, ғайриқонунӣ дастраси ба маълумоти шахсӣ, таъқиби шахс, бастани иттилоот ва нобудсозии он ифода мегардад, ки чун ҳадафи «ғаразнок» тавсиф мешавад. Яъне мақсади ғаразноки содир кардани ин ҷиноятҳо хоҳиши табдил додани молу мулки duздидашудаи дигаронро ба молу мулки худ ё ба молу мулки шахси сеюм (ба даст овардани имконияти воқеии соҳиб шудан, истифода ва ихтиёрдории молу мулки дуздидашуда ҳамчун моликияти худ) пешбинӣ мекунад. Ҳама вақт гунаҳкор дарк мекунад, ки бо роҳи фиреб ба дуздии моли каси дигар даст мезанад, маълумоти шахсӣ дигарро ғайриқонунӣ ба даст меорад, таъқиби шахсро ба воситаи интернет анҷом медиҳад ва ва хоҳони фарорасии ин оқибатҳо мебошад.

**Субъекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд.** Албатта паҳлуи дигар дар зербоби баррасишаванда ин субъекти ҷиноятҳои мазкур мебошад. Оид ба ин масъала моро зарур аст, бо мақсади таҳлили ҳаматарафа назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии он аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунандаро дида бароем.

Вобаста ба мафҳуми умумии субъекти ҷиноят, аҳамияти он дар бандубасти ҷиноят ва элементҳои таркиби он ва дигар ҳолатҳо гуфта гузаштем. Бинобар ин ба масъалаи асосии баррасишаванда, яъне субъекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, диққат диҳем.

Мутобиқи моддаи 22 КҶ ҶТ субъекти ҷинояти баррасишаванда шахси шахси мукаллафи ба синни 16 расида мебошад.

Дар адабиёти илмӣ вобаста ба масъалаи субъекти ҷиноятҳои мазкур андешаҳо гуногунанд. Масалан, ба андешаи олими рус Е.А. Русскевич, субъекти ҷинояти мазкур шахси мукаллафи ба синни 16 расида, ки ваколати дастрасӣ ба иттилооти системаи ё шабакаи компютериро дорад, эътироф

мегардад[434]. Чунин мавқеъро дар таҳқиқотҳои худ В.П. Коняхина, М.Л. Прохоров ва К.Н. Евдокимов, ҷонибдорӣ намудаанд[435].

Ин равиш баҳсбарангез аст ва имкон намедиҳад, ки ҷинояти таҳқиқшаванда ба таври возеҳ таҳқиқ карда шавад, зеро як ҳолате пайдо мегардад, ки раваду шахси мукаллафи ба синни 16 расида ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро содир намояду ваколати дастрасӣ ба иттилооти системаи ё шабакаи компютериро надошта бошад ӯ субъекти ҷиноятҳои баррасишаванда шуда наметавонад? Ваколати дастрасӣ ба иттилооти системаи ё шабакаи компютери на танҳо бо он муайян карда мешавад, ки шахс бо низомномаҳо ва ё шартномаҳои ба имзо расида вазифадор аст, ки тартиботи муайянгардидаро риоя намоянд, сонияи худи асоси ғайриқонунӣ коркарди манбаъҳои зарурӣ ва (ё) василаҳои гуногуни техникӣ, дар асл ба дохил гардидани шахс ба гурӯҳи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад. Андешаи олимони болозикр хусусияти субъекти махсуси ин кирдорҳои ба ҷомъият хавфнокро доро мебошад.

А.Н. Попов бошад чунин ақида дорад, ки истифодаи мавқеи хизматӣ ин дастрасӣ пайдо кардани шахсро ба маълумоти система ё шабакаи компютерӣ ифода карда, он аз доираи ваколатҳои хизматӣ баромада, онро ғайриқонунӣ истифода менамояд[436].

Ба ақидаи С.В. Бородин бошад, «дар раванди содир гардидани кирдорҳо, ки ба василаҳои гуногуни техникӣ анҷом дода мешаванд, субъект метавонанд махсус бошад, яъне фақат нафароне бошанд, ки мавқеи муносиби хизматро доро ҳастанд ва ё ба низоми шабакаҳо ҳуқуқ доранд»[437].

---

[434] Ниг.: Русскевич Е.А. Дифференциация ответственности за преступления, совершаемые с использованием информационно-коммуникационных технологий, и проблемы их квалификации: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2020. – С. 263-264.

[435] Ниг.: Российское уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов / Под ред. В.П. Коняхина, М.Л. Прохоровой. – М., 2015. – С. 363; Евдокимов К.Н. Проблемы квалификации и предупреждения нарушения правил эксплуатации средств хранения, обработки или передачи компьютерной информации и информационно-телекоммуникационных сетей (ст. 274 УК РФ): монография. – Иркутск, 2018. – С. 49-51.

[436] Ниг.: Комментарий к УК РФ / Отв. ред. Первый заместитель Председателя Верховного Суда РФ В.С. Радченко. – М., 1996. – С. 488.

[437] Ниг.: Комментарий к УК РФ / Отв. ред. д.ю.н., проф. А.В. Наумов. – Москва: Юрист, 1996. – С. 665.

Мавқеи А.Н. Попов, ба андешаи С.В. Бородин монанд аст, яъне онҳо субъекти ин ҷиноятҳоро шахсонеро, ки ба маълумоти компютерӣ дастрасӣ пайдо мекунаду аз мавқеи муайяни хизматӣ истифода мебаранд эътироф менамоянд. Лекин гап сари он меравад, ки шахси воқеие, ки ба сину соли муайя расидааст, мукаллаф аст, ин субъекти ин ҷиноятҳо шуда наметавонад? Албатта шуда метавонад. Бинобар ин ақидаи олимонро мо ҷонибдорӣ карда наметавонем.

Ақидаи В.С. Комиссаровро назар кунем, чунин менамояд, ки субъекти ин ҷиноятҳо шахсоне, ки ба компютер, системаи компютерӣ ё шабакаи онҳо ҳуқуқи дастрасӣ доранд, ҳамзамон шахсоне мебошанд, ки фаъолияти касбии онҳо доимӣ ё муваққатӣ бо таъмини фаъолияти системаи компютерӣ е шабака (барномасозон, операторони компютер, танзимгарони таҷҳизот ва ғайра) алоқаманд аст[438]. Суйистифодаи мақоми хизматии шахс – барои муяясаршавӣ ба иттилоъӣ зарурӣ, низоми додаҳо ё шабакаи алоқа ва ба василаи онҳо ҷамъ кардани иттилоъӣ шахсӣ, таъқиби маҷозӣ, дуздии моликият, дар воқеъ ба сабаби мавқеи хизматии касбкардаи шахс ифода меёбад. Ин ҷо олим мафҳуми додашударо пурратар пешниҳод намудааст.

Э.Н. Харина бошад, чунин мешуморад, ки субъекти ин ҷиноятҳо шахсе мебошад, ки ҳуқуқи дастрасӣ истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ зикршуда дастрасӣ дорад. Инҳо метавонанд барномасозон, операторони компютерҳо, техникҳои хидматрасонӣ ва дигар шахсоне бошанд, ки дар ҷои кор ба онҳо дастрасӣ доранд. Чун қоида, инҳо шахсоне мебошанд, ки дар соҳаи технологияи компютерӣ дониши махсус доранд[439].

Ба назар мерасад, ки ин категорияи, ки барои ин нафарон, муяясаршавӣ ба маълумоти компютерӣ ҳамон вақт ғайриқонунӣ мебошад, ки онҳо аз ҳудуди уҳдадориҳои вазифавии хеш берун мебароянд ва имкони нигаҳдории онҳоро ба даст меоранд. Шахсе, ки ба системаи ё шабакаи компютерӣ

---

[438] Ниг.: Уголовный кодекс РФ: постатейный комментарий / Науч. ред. Н.Ф. Кузнецова, Г.М. Миньковский. – Москва, 1997. – С. 583.
[439] Ниг.: Харина Э.Н. Киберпреступления: уголовно-правовой и криминалистический аспект / Э.Н. Харина // Вектор юридической науки. – 2017. – №5. – С. 164-171.

дастрасӣ дорад, шахсе мебошад, ки ҳам бо иҷозати соҳибмулк ё соҳиби система ё мавқеи хизматӣ ба ӯ иҷозат дода шудааст, ки аз системаи ё шабакаи компютерӣ маълумот гирад, онро ворид кунад ё бо он амалиёт анҷом диҳад ва шахсе, ки таҷҳизоти компютериро нигоҳубин мекунад ё ба таври дигар ба системаи компютерӣ дастрасӣ дорад. Шахсе, ки ба системаи ё шабакаи компютерӣ дастрасӣ надорад, метавонад ин ҷиноятро содир намояд.

А. Гузун, пешниҳод намудааст, ба андешаи ӯ шахсе, ки ба ТИК ва суратҳисобҳо дастрасӣ дорад ва ҳангоми пардохтҳо, барои хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ маълумотро беиҷозат иваз мекунад, аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар мегузаронад, субъекти ҷиноятҳои мазкур эътироф мегардад[440].

«Равияи ҳаммаъно дар муқарароти Конвенсияи Будапешт дар боари киберҷиноятҳо аз 23.11. 2001 муайян гардидааст, ки дар ин асос: «Субъекти ин кирдорҳо шахси мукаллафе, ки ба ШИК-ии барқӣ, таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо зарар мерасонад ва ҷиноятҳоро тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир менамояд, пешбини намудааст»[441]. Меъёри зикрёфта мақоми байналмиллалиро дар худ касб кардааст. Вале ба инобат гирифт, ки кирдорҳои таҳқиқшудаистода дар қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷа дар намудҳои гуногун пешбинӣ шудаанд. Аммо ин мафҳум ба таври умумӣ пешбинӣ шудааст.

Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои олимон ин ҷой ду истилоҳ во мехурад, ки чунин маъноро ифода мекунанд.

1. **Истифодаи мақоми хизматӣ.** Ҳангоми содир намудани ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, метавонад аз ҷониби кормандони ташкилоти тиҷоратӣ е ғайритиҷоратӣ, хизматчиёни давлатӣ, ки ҳуқуқи кушодани низоми шабакаи барқиро доро аст, новобаста аз намуди молу мулк, ки низом ё додаҳоро истифода мебарад ва аз тарафи дигар

---

[440] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://pravo.ua/articles/vpravit-sostav (санаи муроҷиат: 04.01.2024).

[441] Волеводз А.Г. Конвенция о киберпреступности: новации правового регулирования / А.Г. Волеводз // Правовые вопросы связи. – 2007. – №2. – С. 17-25.

нафароне, ки бо истифода аз мавқеи хизматӣ ин ҷиноятҳоро содир мекунанд, ифода мегардад.

2. **Шахсе, ки аз мақоми хизматии худ истифода мебарад**. Дар ин мафҳум корманди мақомоти давлатӣ ё муассиса, корхона, ташкилот, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллиро, ки салоҳияти истифодаи воситаҳои гуногуни техникиро доранд дар назар дошта шудааст.

Дар ин муқарарот муҳақиқон мафҳумҳои мушаххас, яъне «истифодаи низом ё шабакаи алоқа» ва «ҳуқуқи истифода аз иттилоъ ё шабакаи компютерӣ» дар раванди «истифодаи мавқеи хизматӣ», ки кирдорҳоро ба василаҳои гуногуни техникӣ содир менамоянд, омехта намудаанд. Зеро дилхоҳ шахс метавонад, система ё шабакаи компютерӣ истифода барад, аммо ҳуқуқи истифода аз маълумоти система ё шабакаи компютериро танҳо шахсе дорад, ки дорои чунин ваколатҳо мебошад.

Чи тавре дар боло қайд, намудем ин кирдорҳои муосир эътироф гардидаанд, ки қонунгузории ҷиноятии мамлакат ин масъаларо муқарар накардааст, аз ин сабаб мо далелҳои танзимӣ-ҳуқуқиро баррасӣ карда наметавонем.

Амалияи ҳуқуқтатбиқкунанда низ ба ин монанд аст, зеро мавҷуд набудани муқаррарот дар КҶ ҶТ боиси мавҷуд набудани таҷрибаи судӣ мебошад. Аз ин лиҳоз мо инҳоро истисно мекунем.

Ҳамингуна таҳлилҳо водор сохт, ки дар охир якчанд хулоса барорем.

1. Тарафи субъективӣ ин ҷиноятҳо дар шакли қасди бевосита содир гардида, бо нияти ба дастории моликият, ғайриқонунӣ муяясаргардӣ иттилоъӣ шахсӣ, таъқиби шахс, бастани иттилоот ва нобудсозии он ифода мегардад, ки чун ҳадафи «ғаразнок» тавсиф мешавад. Мақсади ғаразноки содир кардани ин ҷиноятҳо қасдан ба шахси дигар расонидани зарари молумулкӣ ё ғайримолумулкӣ, ки ба ҳаёти шахсии шахс ва истифодаи ин маълумотҳо муқобили ӯ, инчунин дигар амалҳо (фавран анҷом додани қаллобии андоз ё суғуртаи тиббӣ аз номи ҷабрдида дастрасӣ ва ғ) мебошад.

2. Аломатҳо субъективии ҷиноятҳои баррасишуда ба як хислати фарди гурӯҳбандӣ мегардад, чунки василаи содир намудани кирдор, дорои муҳиммияти ҳуқуқии ҷиноятӣ сат. Дар раванди содир гардидани ин кирдор, субъект метавонад на фақат нишонаҳои амалӣ барои ҷамъият хавфнокро (шахс метавонад дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти шахсӣ, логину паролҳо, дуздии иттилоъӣ шахсӣ, пайгирии маҷозӣ, иваз кардан ё нусхагирии маълумотро дар заминаи корношоям намудани низоми корбарии василаҳои нигоҳдоштан, истифода ё фиристонидани маълумот ё маълумоти ҳимияшавандаи додаҳо дар ШИК-ии барқӣ ва қисмҳо терминалӣ, ҳамзамон низоми муяясаргарди ба ШИК-ии барқи пешбинӣ намояд) эҳсос намояд, сонияն хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷомеа хатарнок ё дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ додан ифода мегардад.

3. Аломатҳои субъективии ҷиноятҳое, ки ба василаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд («мактуби фишингӣ», «кибертаъқиб», «дуздии онлайнии маълумоти шахсӣ») фақат бо қасди бевосита шарҳ мегардад, ки пеш аз ҳама аз огоҳ будан дар бораи ғайриқонунӣ муяясаршавӣ маълумоте, ки дар низоми компютерӣ, ШИК-ии алоқа ва дар махзани мошинҳо мавҷуданд ва мехоҳад ин ҳаракати барои ҷамъият хатарнокро содир кунад. Заминаи унсурҳои бардубастшаванда, субъект аз тарзи содир намудани кирдор (истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он, тарсонидан, масхара, чалби таввачуҳ, дарёфти маълумот, халалдор кардани амният ва идора кардани дигарон бо роҳи таҳдид зуроварӣ) огоҳ аст, мехоҳад маҳз бо ҳамин усулҳо ин кирдори барои ҷамъият хавфнокро содир намояд.

4. Субъекти ин ҷиноятҳо ҳам умумӣ ва ҳам махсус шуда метавонанд. Ин намуди ҷиноятҳоро метавонанд шахсоне содир кунанд, ки ТИК ва барномасозиро хуб медонанд ва бо фаъолияти умумии шабакаи интернетӣ шинос мебошанд. Маҳз ҳамин омил ба онҳо имкони содир намудани ин навъи ҷиноятро фароҳам меорад. Дар эътирофи сукбъекти ин ҷиноятҳо

муҳим он нест, ки шахс корманди ин ё он ташкилот ё муассиса бошад. Шаҳрвандони оддӣ низ ин ҷиноятҳоро содир карда метавонанд.

5. Дар баробари субъектони зикршуда операторон ва провайдерон низ субъектони ин ҷиноят эътироф шуда метавонанд. Зеро онҳо ба василаи хизматрасониҳои электронӣ пахш ё ташвиқ кардани ҳама намуди маълумот муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, маълумот оиди маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қаҳру ғазаб, адовату хусумат, паст кардани беобурукунии миллӣ, василаи тайёр кардани маводи мухадир, моддае, ки таркиш ба амал меорад ва моддаҳои заҳролудкунанда, ба содир кирдор ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нигаронидашуда, характери экстремистию террористидошта, порнография, бахусус порнографияи кӯдакона, ҳамзамон паҳн кардани ҳама гуна иттилоъӣ, ки бо санади судии эътибори қонунӣ пайдокардани ва қонунгузории мамлакат манъ шудааст, содир карда метавонанд.

# БОБИ 5. ТАҲҚИҚИ КРИМИНОЛОГИИ КИБЕРҶИНОЯТҲО

## 5.1. Ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳо

Дар ҷомеаи муосир киберҷинояткорӣ ба як падидаи муташаккил ва густурда табдил ёфта, танзими муносибатҳои иҷтимоӣ ба он вобастагии зиёд пайдо менамояд. Сараввал бояд масоили хусусиятҳои криминологии ин кирдорро (киберҷиноятҳоро) тақиқ кард, чунки дар шароити рушди шабакаи иттилоотию коммункатсионии барқию-электронӣ, ин институти пажуҳишнагардида проблемаҳои мушаххасеро руйи кор овардааст, сонияи ҳолат, сохтор ва пастуболоравии (динамикаи) киберҷиноятҳоро баррасӣ хоҳем кард. Ин омилҳои мураккабнизом ба дарёфти маълумотҳои зарурӣ вобаста ба ҳолат, сохтор ва динамика оид ба киберҷиноятҳо алоқамандӣ дорад. Дар ин самт усулҳои гуногун барои омӯзиши дигар навъҳои ҷиноят истифода шуда, ҳангоми таҳлили киберҷиноятҳо бо як қатор сабабҳое, ки дар зер баррасӣ карда мешаванд, наметавон аз ин усулҳо истифода кард. Маҳз ба ин хотир зарур аст, ки ба проблемаҳо ва методикаи муяясаргардии иттилооъ ҷиҳати таҳқиқи минбаъдаи криминологӣ таваҷуҳи бешар додан мубрам арзёби мегардад.

Киберҷиноятҳо аз рӯйи табиати худ як падидаи фаромарзӣ мебошад. Бо ба инобатгирии ҳолати ҷойдошта, таҳқиқи киберҷиноятҳо ва ё намудҳои он: дар ҳудуди як мамлакат ё гурӯҳи давлатҳо бешубҳа мубрам аст, зеро миқёси дараҷаи аслӣ ва ташаккули ин доктринаро бозгӯӣ кардан ғайриимкон мебошад. Хусусияти глобалӣ ва фаромарзӣ доштани шабакаҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, имконпазир будани сӯиистифодабарӣ аз ҷониби ҷинояткор бо шахсияти онлайн (яъне бо истифода аз ном, суроға ва рамзи шахси дигар ва ғ.) ҳолатеро ба миён меорад, ки бо вуҷуди дар як минтақа қарор доштани ҷинояткор, ҷиноят бевосита дар макони дигар содир карда мешавад ва аз оқибатҳои чунин ҷиноят шахси сеюм зарар мебинад.

Мутаассифона, дар айни замон таҳлили ҳамаҷонибаи криминологӣ барои пурра тасвир намудани миқёси ҷаҳонии киберҷиноятҳо мавҷуд набуда,

сабаби инро наметавон танҳо дар набудани ягонагӣ дар қонунгузории миллии ҷиноятии кишварҳо дар самти муқовимат бо киберҷинояткорӣ ва амалияи гуногуни татбиқи он, тафовут дар ташаккули омори ҷиноятӣ ва хусусиятҳои низоми ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ намуд. Таҳқиқи криминологии ҷиноят аз таҳлили маълумоти оморӣ оид ба зуҳуроти он дар давоми солҳо шакл мегирад. Дар ин раванд мо метавонем танҳо дараҷаи инкишофи ин навъи ҷиноятро таҳлил карда, маълумоти аз таҳқиқоти гуногун дастрасшударо муқоиса намоем ва инчунин сабабҳои ба афзоиши он таъсиркунандаро муайян кунем. Масалан, Д.К. Чирков ва А.Ж. Саркисян дар ҳолат, сохтор ва ва пастуболоравии (динамикаи) ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок амалҳои ҷиноятиеро нишон медиҳанд, ки тавассути ТИК содир мешаванд, арзёбӣ карда мешаванд[442].

Олимон М.Б. Эмиров, А.Г. Саидов, Д.А. Рагимхонова дар байни ҳолат ва сохтори киберҷиноятҳо ҷосусӣ; корпартоӣ; вандализм; спуфинг (шикастани паролҳо); ва қаллобӣ дар интернетро ба таври махсус қайд мекунанд[443]. Муаллифони дигар[444] дар асоси сохтори мураккаби киберҷинояткорӣ хулосабарорӣ намуда, амалҳои ҷиноятии ба он дохилшавандаро аз рӯйи якчанд меъёрҳо муайян мекунанд: «вобаста ба объект, вобаста ба мавзуи тааруз, вобаста аз методикаи анҷомдиҳии ин кирдорҳои ба ҷомеа хавфнок ва монанди онҳо. Дар маҷмуъ, муҳақиқон Т.Л. Тропина ва В.А. Номоконов вобаста аз муқаррароти объекти тааруз дар низоми ин кирдорҳои хатарнок, таснифоти зайли кирдорҳоро ироа кардаанд: муяясаршавии беиҷозат ба маълумоти дар додаҳо мавҷудбуда ва системаҳои моҳворавӣ, сохтакорӣ дар соҳаи молиявию иқтисодӣ, коркарди ТИК-ии барқӣ бар зидии дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, коркарди ТИК-ии бар зидди

---

[442] Ниг.: Чирков Д.К., Саркисян А.Ж. Преступность в сфере телекоммуникаций и компьютерной информации как угроза национальной безопасности страны / Д.К. Чирков, А.Ж. Саркисян // Актуальные проблемы экономики и права. – 2013. – №3. – С. 220.

[443] Ниг.: Эмиров М.Б., Саидов А.Д., Рагимханов Д.А. Борьба с преступлениями в глобальных компьютерных сетях / М.Б. Эмиров, А.Д. Саидов, Д.А. Рагимханов // Юридический вестник ДГУ. – 2011. – №2. – С. 65.

[444] Ниг.: Номоконов В.А., Тропина Т.Л. Киберпреступность как новая криминальная угроза / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2012. – №1 (24). – С. 48; Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 34-37.

манофеи ҷомеа ва давлатӣ[445]». Таамули муҳақиқон вобаста ба ин масоил дар ин соҳа якхела мушоҳида намегардад. «Шабеҳи ин, М.А. Ефремова ба хосияти объекти бевоситаи ҳимояи ҳуқуқии ҷиноятӣ амнияти иттилоотиро мепазирад ва кирдорҳоеро, ки ба василаи ШИК-ии маҳворавӣ ва ТИК-ии электронӣ анҷом меёбанд, ба «ҷиноятҳо бар зидди иттилоот», «ҷиноятҳо бар зидди ҳимояи манбаъҳои маълумотдиҳӣ», «ҷиноятҳо муқобили амнияти технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ» тасниф менамояд»[446]. «Бо назардошти чунин гуногунадешӣ вобаста ба ҳолат ва сохтори киберҷиноятҳо қисми зиёди киберҷиноятҳо берун аз доираи омор мемонанд – бо итминон метавон гуфт, ки дар оморӣ расмӣ танҳо даҳ, ҳадди аксар ва бист фоизи ҷиноятҳои содиршуда нишон дода мешаванд»[447]. «Мувофиқи маълумоти Шуъбаи миллии Бюрои федералии тафтишии ИМА оид ба киберҷиноятҳо, аз 85% то 97% ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок (таҷовузҳои электронӣ) номаълум мемонанд. Коршиносони дигар бар ин назаранд, ки латентнокии киберҷиноятҳо дар Россия беш аз 90%, дар ИМА – 80%, дар Британияи Кабир – то 85% ва дар Олмон ба 75% муайян шудааст»[448].

Ихтисосмандон ва мутахассисони самт вобаста ба унсури генезисӣ дар ҳолат ва сохтори кирдорҳо ошкорнашаванда (латенти) 4 шаклро тасниф кардаанд ва ин кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок дар ҳамаи ин 4 падида инъикос мегарданд:

1) Навъи аввали ин кирдорҳои барои ҷомеа хатарноки ошкорнашаванда (латенти) комплекси кирдорҳое дохил аст, ки аз содир гардидани онҳо ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ҳам ҷабрдидагон бехабар мебошад. Аз киберҷиноятӣ содиршуда, танҳо шахси ҷиноят予 ва шарикони ӯ, ки ба

---

[445] Номоконов В.А., Тропина Т.Л. Киберпреступность: прогнозы и проблемы борьбы / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Библиотека криминалиста. Научный журнал. – 2013. – №5 (10). – С. 150.

[446] Ефремова М.А. Уголовно-правовая охрана информационной безопасности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2018. – С. 13.

[447] Ниг.: Kabay M.E. Understanding Studies and Surveys of Computer Crime / Northfield. – New York, 2001. – P. 2.

[448] Ниг.: Сабадаш В. Криминолого-правовая характеристика компьютерных преступлений, методика и практика их расследования / В. Сабадаш // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. – Запорожье, 2004. – Вып. 2. – С. 169-170; Kabay M.E. Асари зикршуда. – P. 1.

ифшои маълумот дар бораи он манфиатдор нестанд, бохабар мебошанд. Ин ҳолатро дар илми криминология латентнокии табиӣ ном мебаранд[449]. Дар воқеъ ҳамгоми содир гардидани ин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок мақомотҳои қудратие, ки пафтиши кирдор тобеъи онҳо мебошад ва ин кирдорҳоро расман ба қайд мегиранд, огоҳ нестан ва бо ин сабаб аз ҳисоби оморӣ дур гаштаанд ва нисбат ба онҳо заминаю муқарароти қонуни амалишуда истода амалӣ нагардидааст. Ихтисосмандони байналмилаӣ, ки ба пажуҳиши киберҷинояткорӣ вобастаанд, проблемаҳои латентнокии табиии киберҷиноятҳоро «проблемаҳои пайдокунӣ» медонанд. Ин яке аз 2-ду «проблемаи ошкоркунӣ»-и киберҷиноятҳо эътироф мегардад. Ин тамоюли бисёр мушкил ва идоранашаванда эътироф мегардад, сониян мо ҳаҷмӣ асосии шакли муосири киберҷиноятҳо, сохтакорӣ дар ШИК-ии алоқа содиршударо намедонем, чунки на ҳамаи онҳо ошкор карда мешаванд. Дар воқеъ баъзе аз намудҳои киберҷиноятҳо низ ошкор карда намешаванд, аммо онҳо баъдтар маълум мешаванд.

2) Пажуҳишгарону муҳаққиқони соҳа шакли навбатии кирдорҳои таҳқиқшудаистодаро доро хислатҳои ошкорнашавандагии сунъӣ ҳастанд, маънидод карда «проблемаҳоро дар хабар надодан» таснифбанди мекунанд. Ҳолати мазкур 2-юмин «проблемаи ошкоркунӣ»-и кирдорҳои таҳқиқшудаистода муайян гардидааст, он хабар надодани кирдорҳои ошкоршударо ба мақомотҳои қудратӣ дар назар дорад. Киберҷиноятҳое, ки хусусияти латентнокии сунъӣ доранд, он намуди киберҷиноятҳое, ки вуқуъ омадан, аммо шахсони дигар, шоҳидон, шахсони мансабдор ва дигар шахсон, ки нисбаташон ин ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарнок ба вуқуъ омадааст, шоҳиди ин ё он кирдорҳо мебошанд ва ё оиди ин кирдори барои ҷамъият хавфнок бохабар буданд ва ба мақомоти қудрати оиди ин масъала хабар надоданд, ифода мегардад. Таҳқиқоти солонаи CSI / FBI барои соли 2003 нишон медиҳад, ки дар се соли аввали гузаронидани таҳқиқоти солона танҳо

[449] Ниг.: Акутаев Р.М. Проблемы латентной преступности: учебное пособие по спецкурсу. – Махачкала: ИПЦ ДГУ, 2001. – С. 21.

17 дар сади онҳое, ки ба ҳамлаҳои киберӣ дар системаҳои компютерӣ ва иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дучор шудаанд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар додаанд. Дар солҳои минбаъда ин шумора ду баробар афзуда, ба ҳисоби миёна ба 30 фоиз баробар гардид. Дар соли 2004-2008 боз камшавӣ ба қайд гирифта мешавад, яъне он 20%-ро ташкил менамояд.

Латентнокии киберҷиноятҳо инчунин ба он марбут аст, ки бисёр ташкилотҳо ҳамлаи киберии бамиёномадаро мустақилона ҳал мекунанд.

3) Пажуҳишгарону донишмандонӣ соҳа шакли навбатии кирдорҳои таҳқиқшудаистодаро доро баъзан ба қавле «вазъиятҳои сарҳадӣ» таҳқиқ менамоянд. Он доираи муайяни кирдорҳое фаро гирифтааст, ки иттилоъ оиди онҳо ба мақомоти қудрати ошкор гардиааст, аммо корманди муайяни онҳо бинобар софдилона ба хатогӣ роҳ додан ё омодагии кофии касбӣ надоштан, дар ин кирдор аломатҳои таркиби ҷиноятро мушоҳида карда натавониста, ба он баҳои нодурусти ҳуқуқӣ додааст ва аз ин сабаб кирдори мазкур аз доираи баҳисобгирии оморӣ берун мондааст. Ин намуди латентнокии киберҷиноятҳо бештар дар кишварҳое мушоҳида мегардад, ки дар онҳо идоракунии сохторҳои қудратӣ ҷиҳати мубориза бар киберҷиноятҳо мавҷуд нест ва мамлакатҳое, ки таъмини моддӣ ва иқтисодии мақомоти қудратӣ дар онҳо дар дараҷаи поёнӣ қарор дорад. Яъне он намуди киберҷиноятҳое, ки баро онҳо мақомотҳои қудратӣ маълумот доштанд (ҷиҳати қайд ва кушодани парванда сабабу асос мавҷуд буд), аммо онҳо ин ҳолатро ба қайд нагирифтанд ва мушаххас накарданд. Илова бар ин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳаҷми рӯз то рӯз афзояндаи иттилооти оперативӣ оид ба киберҷиноятҳо чораандешии муносибро роҳандози карда наметавонанд.

4) Асоснокии таарузҳои ҷиноятии ба мақомоти дахлдор ошокорою равшан, аммо бинобар ҳолатҳои мушаххаси гуногунҷабҳа ба қайд нагирифтаанд, шакли 4-уми ошкорнашавандагии (латентнокии) киберҷиноятҳо мебошад.

Ин метавонад бо мақсади ба вуҷуд овардани зуҳури беҳбудии ҷиноятӣ дар шаҳр ё минтақа тавассути таҳрири оморӣ анҷом дода шавад. Бояд тазакур дод, ки ин масъала аллакай дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли пурраи худро ёфтааст. Дар ин замина барои тафтиш, ошкор ва муқовимт бо киберҷиноятҳо, соли 2010 шуъбаи экспертизаи судӣ техникаи-компютерӣ ва видео-овозшиносӣ дар заминаи Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи ноябри соли 2013 дар сохтори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД-ии Ҷумҳурии Тоҷикистон як воҳиди махсуси оперативӣ – шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, соли 2015 дар сохтори мақомоти прокуратура – шуъбаи мубориза бар зидди ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии ҶТ ва дар асоси супориши Сарвари давлат аз 19.04.2023 Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо дар Дастгоҳи марказии Прокуратураи генералӣ ҳамчун воҳиди сохторӣ таъсис дода шуда. Самтҳои асосии фаъолияти Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии экстремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо, ҳамчун сохтори навтаъсис дар назди Прокуратураи генералии ҶТ, бақайдгирӣ ва систематизатсияи парвандаҳои ҷиноятии экстремистӣ, террористӣ ва киберҷиноятҳо, таҳлил ва тадқиқот дар самти пешгирии экстремизм ва терроризм, пешгирии паҳншавии маводу иттилооти экстремистӣ дар фазои интернет, вазифа ва ваколатҳо дар самти пешгирии киберҷиноятҳо, таҳлилу ҷамъбасти ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта, мониторинг, арзёбӣ ва пешгӯии таҳдидҳои ин зуҳурот ва ғайра пешбинӣ гардидааст.

Бархе аз муҳаққиқону ихтисосмандони соҳавӣ бо баробари сабабҳои ироагардида, латентнокии киберҷиноятҳоро аз ҷараёни тамоюли орнитологӣ (маърифатӣ ва маълумоти) ва надоштани донишҳои зарурии муосири кормандони самти ҳимояи ТИК-электронӣ, ҳамзамон кормандони мақомоти

қудратиро василаи асосии латентнокии ин кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок далелнок кардаанд.

«Таҳқиқу баррасӣ ва омӯзиш маъхазҳои гуногуни соҳавӣ далелнок кардаанд, ки ба киберҷиноятҳо монандӣ дигар кирдорҳо, нишонаҳои латентӣ мувофиқ аст. Ба ин хотир, зиннаи аввали тавсифи криминологӣ – таҳқиқи маълумоти омори расмӣ дар бораи навъҳои кирдорҳои таҳқиқшудаистода, бо омилҳои ирогардидаистода оиди фосилаи киберҷиноятҳо маҷмуъи иттилоъро пешниҳод кардан ғайримкон аст»[450].

«Мавҷуд набудани малумоти махсусӣ муқоисашаванда оиди ин ҷиноят проблемаи дигари кирдори таҳқиқгардидаистода эътироф мегардад».

Олим «А.И. Долгова чунин мешуморад, ки малумоти махсусӣ муқоисашаванда оиди кирдор метавонад ивазшавии ҷиноятиро фақат баъд аз чанд солҳо, баъд аз он ки мақомоти қудрати аллакай ба ҳалли самарабахши вазъияти шакли кирдо пардохтааст, байён намоянд»[451].

Ба сабаби ин ки ин кирдорҳо навъи муосири «нав»-и фаъолияти ҷиноятӣ ҳастанд, бар замми ин, кушодан ва таҳқиқи кирдорҳо бо сабаи хислати берунмарзии онҳо мураккаб мебошад, иттиллоъӣ оморӣ ҳолати аслии ҳуҷумҳои маҷозиро (таҷовузҳои электрониро) на фақат дар миқёси сайёра, сонияи дар миқёси мамлакатҳои мустақил низ дар давраи мушаххас мунъакис нахоҳанд кард.

Ҳамзамон дар санади бунёдии СММ дар бораи мушкилоти ҷиноятҳое, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешаванд, ки барои Конгресси 11-уми СММ оид ба пешгирии ҷинояткорӣ ва татбиқ намудани принсипи адолат дар муқовимат ба ин падидаи номатлуб, нашр шудааст ва тавсияҳоро барои кишварҳои аъзои СММ дар бар мегирад, масъалаи ҳолат, сохтор ва динамикаи киберҷиноятҳо низ баррасӣ карда шудааст. Аз ҷумла, дар он қайд гардидааст, ки «барои ба даст овардани

[450] Ниг.: Сабадаш В. Проблемы латентности компьютерной преступности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.crime-research.ru (санаи муроыиат: 12.07.2022).

[451] Дар баробари ин, низоми бақайдгирӣ ва баҳисобгирии зуҳуроти ҷиноят муддати дароз ба хусусиятҳои нави он мутобиқат карда наметавонанд. Ин изҳорот душвориҳои муайян кардани киберҷиноятҳо ва ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба ин навъи ҷиноятро беҳтар инъикос мекунад.

маълумоти асосӣ оид ба миқёси пахншавӣ, ҳолат, динамика ва вазнинии навъҳои гуногуни киберҷиноятҳо доираи васеи усулҳои таҳқиқот ва таҳлили муқоисавиро метавон истифода бурд. Тадқиқот набояд танҳо бо маълумоте, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ё суд ба даст меоянд, маҳдуд шавад ва ин гуна манбаъҳо аксар вақт бояд мушаххастар ва якхела бошанд». «Бинобар мавҷуд набудани омори расмии боэътимод оид ба киберҷиноятҳо, коршиносони хориҷӣ усулҳои дигари ҷамъоварии иттилоот, ҳолат, сохтор ва динамикаи арзёбии киберҷиноятҳоро зарурро истифода мебаранд. М. Е. Кабей дар таҳқиқоти худ, ки ба ҷамъоварии маълумоти оморӣ оид ба таҷовузҳои электронӣ бахшида шудааст, василаҳои зайлро, ҷиҳати муясаргардӣ ба иттилоъ оиди киберҷиноятҳоро муқарар намудааст»[452]:

**1. Гуфтугӯ.** Ба васила ин метод мумкин аст, иттилоъӣ нав ба навъеро ҷамъовари намуд, ки бо усулҳои дигар муяссаршавӣ номумкин аст. Бахусус методи гуфтугӯ ва ё мусоҳиба, шароит фарҳам меоварад, ки ҷиҳатҳои хоссӣ ин кирдоҳо таҳил гардад ё омилҳои ҳавасдории киберҷинояткор далелнок гардад. Методи гуфтугӯ мумкин аст, сохторӣ ва ё ғайрисохторӣ бошанд, гуфтугукунанда шароит фароҳам меоварад, ки паваста ба иттилоъӣ дар ҷараёнӣ гуфтугӯ зери ирода қарор дошта пурсишҳои изофагӣ диҳад. Муҳаққиқони соҳа тавассути мусоҳиба ва таҳлили минбаъдаи ҷараёни суҳбат метавонанд нозукиҳоеро муайян намоянд, ки дар сурати ба кор бурдани усулҳои таҳқиқи сатҳӣ, ба монанди гузаронидани мушоҳида, аз даст мерафатанд. Ин усул ҳангоми омӯзиши шахсияти киберҷинояткор, ҳавасмандии ӯ ва омӯзиши ҷабрдидагон муносиб мебошад. Ин усулро барои гузаронидани таҳқиқот дар байни кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ метавон истифода бурд.

**2.Гурӯҳҳои махсус.** Ин усулро метавон ҳамчун мусоҳибае муайян кард, ки аз як гурӯҳ гирифта мешавад. Хусусияти фарқкунандаи ин усул он ҳолате

[452] Ниг.: Долгова А.И. Преступность, ее организованность и криминальное общество. – М., 2003. – С. 117; Семинар-практикум 6: Меры по борьбе против преступлений, связанных с использованием компьютеров // Материалы Одиннадцатого Конгресса Организации Объединенных Наций по предупреждению преступности и уголовному правосудию. A/CONF.203/14. – Бангкок, 2005. – С. 323-340.

аст, ки дар рафти мусоҳиба иштирокчиёни гурӯҳ на танҳо бо мусоҳиб, балки бо ҳамдигар низ муомила мекунанд. Агар дар ин маврид сабти видеоӣ гузаронида шавад, метавон баъдан таҳлили муфассалро бо мушоҳидаи дақиқи усулҳои мавҷудаи муоширатӣ анҷом дод.

**3. Тадқиқот.** Изҳори моҳияти усули тадқиқот, ба шумораи муайянаи одамон як қатор саволҳо дода мешавад ва ҷавоб аз рӯйхати ҷавобҳои қобили қабул интихоб карда мешавад. Пурсишҳо метавонанд бо роҳи ҳамкории шахсӣ гузаронида шаванд, инчунин метавонанд дар шакли саволномаҳое бошанд, ки ба телефон, почта, аз ҷумла почтаи электронии шахс, ирсол карда мешаванд. Мушкилии ин усул дар он аст, ки он танҳо андешаи шахсонеро инъикос мекунанд, ки ба иштирок дар пурсиш розӣ шудаанд, ин ба эътимоднокӣ ва дурустии маълумот таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, таносуби шумораи одамоне, ки ба онҳо саволнома фиристода шудааст ва шумораи одамонеро, ки барои ҷавоб додан розӣ шуданд, муайян кардан зарур мебошад. Дар ин раванд ҳар қадаре таносуб баланд бошад, аз нуқтаи назари умум, маълумоти пурсиш ҳамон қадар эътимодноктар ҳисобида мешавад, аммо ин меъёр мутлақ нест.

Тадқиқотҳои анҷомёфта дар ин самт шаҳодати онро дод, ки усули тадқиқот барои омӯзиши киберҷиноят дар ИМА, Австралия, Британияи Кабир ва Нидерландия истифода мешавад. Аммо ҳангоми гузаронидани чунин тадқиқот усулҳои махсуси интихоби оммаи мардум истифода мешаванд – пурсишҳо ба мутахассисоне нигаронида шудаанд, ки амниятро дар соҳаҳои гуногуни саноат, бозори молиявӣ, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ таъмин мекунанд. Чунин тадқиқотҳо, ба андешаи тадқиқотчиёни амрикоие, ки дар тадқиқи солона ширкат меварзанд, метавонанд ба саволҳо дар бораи чӣ қадар зуд-зуд сурат гирифтани киберҷиноят ва чӣ қадар хисороти молиявӣ ба миён овардани онҳо метавонанд бо эътимоднокии баланд ҷавоб диҳанд[453].

---

[453] Ниг.: Kabay M.E. Understanding Studies and Surveys of Computer Crime / Northfield. – New York, 2001. – P. 9.

Илова ба усулҳои дар боло зикршуда, боз як усули дигари ба даст овардани маълумот вобаста ба ҳолат, сохтор ва динамикаи киберҷиноятҳоро метавон қайд намуд, ки аксар вақт аз ҷониби мутахассисон ҳангоми омӯзиши киберҷиноятҳо истифода мешавад. Онро шартан **«усули бақайдгирии муроҷиатҳо»** меномем. Ин усул виктимологӣ аст, он аз ҷабрдидагон ҷамъоварӣ кардани маълумотро дар бораи киберҷиноятҳо дар бар мегирад. Дар ин ҳолат, ҷабрдида аризаи махсус пешниҳод намуда, дар он маълумоти заруриро нишон медиҳад: ин метавонад маълумот дар бораи намуди ҷиноят, синну сол, касб ва макони ҷабрдида, зарари молиявӣ ва ғайра бошад. Дар шароити латентии хеле баланди киберҷинояткориҳо ва майл надоштани ҷабрдидагон ба муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ин усул метавонад барои омӯзиши баъзе ҷанбаҳои аз ҷумла ҳолат ва сохтори киберҷинояткорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилооти–коммуникатсионӣ самаранок бошад.

Ҳамин тариқ, ҳар яке аз ин усулҳо афзалиятҳо ва норасоиҳои худро доранд. Аммо баъзан бо истифода аз ин усулҳо метавон дар бораи киберҷиноятҳо бештар аз омори расмӣ маълумот ба даст овард.

Бо дарназардошти ин, зарурати тасниф намудани онҳо на танҳо аз рӯйи гурӯҳҳо, балки аз рӯйи таркибҳои мушаххаси ҷиноятҳо низ ба миён омада, ин омил имкон медиҳад, ки ҷиноятҳои мазкур ҳамчун як падидаи алоҳида, яъне ҳамчун киберҷиноятҳо, таҳлил карда шаванд. Ба ин тартиб мо метавонем сохтори киберҷиноятро таҳия намуда, пастуболоравии (динамикаи) ва хусусияти онро муайян созем.

Баҳри аниқ кардани муайян кардани чигунагӣ, вазъияти ин кирдорҳо касб кардани чанде методҳои таҳқиқи пажуҳиширо мислӣ мавқеи ихтисосмандон, пажуҳиши дарбаргирандаи иттилоъӣ воситаҳои маълумотдиҳӣ ва рӯзнома ё маҷаллае, ки ба таври доимӣ дар вақти муайянкардаи ШИК-ии барқӣ , ҳамзамон таҳқиқи маводҳои амалиявиро муҳим медонем. Оқибати татбқи ин методҳо на фақат ҷиҳати далелнок кардани чигунагӣ ва вазъияти киберҷиноятҳо, сонияи ҷиҳати асоснок

кардани ҳудуди мисли ин кирдорҳое, ки ба онҳо корбарии нармфазорҳои зарарrасонӣ додаҳо ё василаҳо шабакавию-алоқавӣ дар шароити нав бисёртар мувофиқ мебоша, мувофиқат менамояд. Дар ин ҳолат гап оиди ҳаракатҳои хатарноки ҷамъиятие дошта меравад, ки дар элементи киберҷиноятҳо фаротарии зиёдеро доранд ва хислати онро муайян мекунанд.

Бо сабабҳои гуногун аксарияти ҷиноятҳоро метавон ҳамчун киберҷинояҳо тасниф намуд. Моҳиятан ин ҷиноятҳо ҳатто метавонад фарогири эҳсосоти шаҳвонӣ бошад, ки дар он таҳдиди истифодаи зӯроварӣ ба қурбониён тавассути шабакаи интернетӣ сурат мегирад ва ё филмҳои дорои хусусияти порнографӣ намоиш дода мешавад. Аз ин рӯ, ҷиноятҳои густурдатарин дар шароити муосир, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ содир мешаванд, бояд дар доираи меъёрҳои мавҷудаи қонунгузорӣ ба танзим даровaрда шаванд.

Татбиқи методҳои ироагардидаи таҳқиқи илмӣ шароит фароҳам меоварад, ки низоми ин кирдор ба василаи анҷомдиҳии бозбинии интихобии шакли кирдори таҳқиқшудаистода эҷод гардад. Дар ҳолатҳои зарурӣ чунин бозбини мубрам арзёби мегарда, чунки иттилоъӣ дастраси омори расмӣ дар боари намуди кирдор ҷиҳати баррасии чигунагии вазъӣ он истифода гардида наметавонад. Татбиқи иттилоъӣ расмӣ ҷиҳати баррасии сохтори кирдоҳо дар самти маълумоти компютерӣ буда, дар сурати истифода бурдани усулҳои иловагӣ дар раванди содир намудани ҷиноятҳо тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ омилҳои дигарро ҳам ба назар гирифт.

Дар байни усулҳои муайяншуда таҳлили мундариҷаи ВАО-ро ҳамчун усули муътамад истифода бурдан ба манфиати кор буда, он бо нашри мақолаҳо оид ба мушкилоти мубориза бо ҷиноятҳои тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ содиршуда татбиқ карда мешавад. Татбиқи ин метод шароит фароҳам меоварад, ки ҳудуди бисёрӣ маъхазҳои ВАО-ро коркард карда, заминаҳои мувофиқро дастрас кунем .

Ҷобаҷогузории нашрияҳои илмӣ дар ШИК-ии электронӣ дар бораи ҳаракатҳои хавфноке, ки ба василаи нармфазорҳои зараррасони компютерӣ ё додаҳои виртуалӣ анҷом ёфтаанд, тавассути дастгоҳҳои махсуси ҷустуҷӯӣ сурат гирифтааст. Миқёси ҷустуҷӯ иборaҳои «ҷиноятҳо дар шабакаи интернетӣ», «ҷиноятҳои иттилоотӣ», «ҷинояткории компютерӣ» ва «киберҷиноятҳо»-бардавом фаро мегиранд.

Тамоюли омӯзиши гурӯҳи муайяни кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро ба ҷо овардан мумкин аст, ки содир намудани онҳо истифодаи барномаҳои зарарноки компютерӣ ё воситаҳо барномавию сахтафзорро дар бар мегирад. Бар зами ин, василаҳои иттилоъдиҳӣ ба ин намуди ҳаракатҳо баҳои номувофиқи ҳуқуқро раво мебинанд ва таҳриргарони нашрияҳо мансуббуда дар вақти муайян намудани номи онҳо на ҳама вақт мафҳуми қонуни ҷиноятиро татбиқ мекунанд.

Заминаи татбиқи ба мавриди мафҳумҳои дар василаҳои махсуси иттилоъдиҳӣ байён гардида шароит фароҳам овард, ки кирдорҳое, ки василаи ШИК-ии моҳворавӣ, василаҳои гуногуни техникӣ нармфазорҳои зараррасон ё муҷаҳазоти барномавӣ ва техникае, ки ба ТИК-ии барқӣ ё оператори алоқа пайванд, низоми онҳо таснифоти зайлӣ кирдорҳоро дар бар мегирад:

– ҷосусии маҷозӣ;

– сохакорӣ ба василаи ШИК-ии барқӣ;

– терроризми виртуалӣ, экстремизми маҷозӣ;

– интишоркунии предметҳои порнографӣ;

– тасарруфи мустақими иттилоъӣ шахсӣ;

– маҳдуд кардани кори муътадили ШИК-ии моҳворавӣ;

– муяссаршавии беиҷозат ба маълумот ва маъхазҳои додаҳои истифодабарандагони ШИК-ии барқӣ;

– фиребгарии иттилоъӣ компютерӣ;

– хароб намудани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобастабуда.

Ҷосусии маҷозӣ ба василаи нармфазорҳои зараррасонӣ компютерӣ ё додаҳои барнома дар сайтҳо ба 3 зинаи кирдорҳо таснифот мегардад, ки ҷосусии системавӣ, саноатӣ ва соҳибкорӣ шинохта мешаванд.

Таснифи кирдорҳо дар василаҳои махсусӣ иттлоъдиҳӣ заминаи ҷосусии низмӣ гурӯҳбандишаванда ба м. 308-и КҶ ҶТ (ҷосусӣ) рабт дорад[454].

Инфрасохтори муҳими ҷосусии низомӣ қисми ҳимоявии мамлакат, навъҳои муосирӣ силлоҳ, иттилоъ оиди имконияҳои ҳимоявӣ ва ҳаракатҳои хадамотӣ, ки на фақат ба разведкаи байналмилӣ, сониян дар даруни мамлакат равона гардидаанд, маҳсуб аст.

«Ҷосусии соҳибкорӣ як намуди мушаххасӣ муштарак арзёбӣ мегардад, ки мундариҷаи он муяссаршаваӣ ба маълумоти дорои нишонаҳои махсуси фаъолияти соҳибкорӣ ва ё маълумоте, ки зери ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ қарор дорад, маҳсуб меёбад. Мақсади ҷосусии мазкур худдори дар харҷи пулҳо ҷиҳати ташаккули технологияҳои тиҷоратии хеш, дохил кардани ташкилотҳои муайяни соҳибкорӣ ба фаъолияти якҷоя ё бастани фаъолияти онҳо ифода мегардад. Инфрасохторӣ махсуси ҷосусии соҳибкорӣ низоми истеҳсолот, созмонҳо, корпоратсияҳо, бароришгоҳҳои саноатӣ ва корхонаҳое ифода мегардад, ки мол барориш менамоянд. Анборхонаҳои махсус, озмоишгоҳҳо, ҳудуди таҳқиқоти, қисмҳои технологӣ, заводҳои автомобилу қисмҳо технологӣ ва монанди инҳо ба ин гурӯҳ шомиланд, иттилоъ оиди онҳо дар баргирандаи ҳолати маҳсулот ва молӣ коркардшуда мебошад, ки дар асоси он ба сатҳи мол, дараҷаи коркарди истеҳсолӣ, қувваи истеҳсолӣ ба таври амиқ натиҷагирӣ мегардад»[455].

Қаллобии интернетӣ бо истифода аз воситаҳои гуногуни техникӣ, барномаҳои зарарноки компютерӣ ё дастгоҳҳои нармафзор ва сахтафзор дар

[454] Муқарароти ҷосусӣ вогузоштани иттлоъӣ дорои сирри давлатӣ ба мамлакатҳои хориҷӣ, созмонҳои хориҷӣ ё намояндагони онҳо, ҳамзамон ҷамъ кардан, дуздидан ё нигоҳ доштани чунин иттилоъҳо бо ҳадафи вогузоштан ба онҳо ҳамзамон супоридан ё ҷамъоварии дигар маълумотҳо мутобиқи супориши кашфӣ (разведкаи) хориҷӣ барон истифода бурдани онҳо бар зарари истиқлолият, дахлнопазирии арзӣ, иқтидори мудофиавӣ ё амнияти берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсиф шудааст, агар ин кирдорҳо аз ҷониби шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд содир шуда бошанд.

[455] Ниг.: Ярочкин В.И. Несанкционированный доступ к источникам конфиденциальной информации / В.И. Ярочин // Бюро научно-технической информации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.bnti.ru/showart.asp?aid=726&lvl=04 (санаи муроҷиат: 10.12.2023).

ВАО бо намудҳои гуногуни қаллобии пардохтҳои электронӣ муайян карда мешавад. «Бар зами ин, ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарноки ин гуна сохтакорон беҷазо боқӣ мемонанд, чунки ҳамаи созмонҳои ба фаъолияти соҳибкори машғулбуда ба гузаронидани тафтиши барвақти манфиатдор нестанд, чунки онҳо намехоҳанд мавқеи бо муваффақи хешро паст зананд ва махфияти соҳибкорӣ ё тиҷоратии хешро ошкор намоянд»[456].

Кибертерроризм ва киберэксремизм дар бахши ҷиноятҳои баррасишаванда амалҳое эътироф мешаванд, ки онҳо бевосита ба татбиқи нармфазорҳои зарарасонӣ компютерӣ ё додаҳои мушаххасӣ алоқавӣ ба ШИК-ии электронӣ ё оператори мобилӣ пайваста ҳастанд. Вежагиҳои мушаххасӣ татбиқи барномаҳои зарарасон бо ҳадафҳои террористӣ, бахусус хомуш кардани барқ ва монанди инҳо. Ин кирдори барои ҷомеа хатарнок дар ШМА содир гардид, ки дар он ҷо нармфазор ё сахтфазорҳои зарарасон низоми назоратии барқро бекора карданд ва ё вазъи суқути ҳавопаймо бар ҳолати мудохила ба системаи техникии он ба василаи дастгоҳҳои махсус. Террористон хатсайри парвозро иваз кардаанд. Кирдори мазкур соли 2008 дар парвози 5022-и Канада анҷом ёфт, ки дар заминаи он 154 нафар фавтиданд. Ин намуди киберҷинояҳо дар воқеъ ҳамчун маҷмӯи амалҳое маънидод кардаанд, ки он аз хуҷуми барқасдонаи дорои мазмуни сиёсӣ ба иттилооте, ки ба воситаи компютер ва низоми компютерӣ коркард мешавад иборат мебошад ва он ба ҳаёту саломатии одамон зарар расонида метавонад ё боиси ба амал омадани оқибатҳои дигари вазнин мегардад, ичунин ин амалҳо бо мақсади халалдор намудани амнияти иттилоотии ҷамъиятӣ, ба вуҷуд овардани тарсу ваҳм дар байни аҳолӣ, фитнаангезӣ ва таҳдиди иттилоотии низоми мусаллаҳона аҷом дода мешавад.

«Ба ҳамин тарз, ШИК-ии электронӣ аз тарафи ҳуҷумкунандагон ҷиҳати фаррох намудани маълумоти ифротгароӣ тарғиб мегардад ё ин системаҳоро

---

[456] Ниг.: Давлатзода К.Д. Таҳдидҳои киберӣ: қаллобӣ дар фазои маҷозӣ / К.Д. Давлатзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе). – Душанбе, 2023. – С. 61-64.

ҷиҳати таҳияи монеашавӣ дар низомҳои хадамот ва ташкилотҳои гуногуни давлатӣ татбиқ мекунан. Як фоҷеа охирон  бор соли 2013 ба вуқуъ пайваст, ки як зумра террористон аз Қафқоз ба сайтҳои ташкилотҳои қарздиҳию молиявии Россия, Сбербанк, Газпромбанк ва Лабораторияи Касперӣ ҳуҷум намудаанд»[457]. «Ишораи ин кирдорҳо ҳамзамон иттилоъӣ нодуруст даркашидани ҳаракатҳои террористӣ ворид мегардад, вале дар ин сурат ШИК-ии алоқавию моҳворавии муайян на фақат олот ва василаи содир гардидани кирдор, сониян василаи алоқа гурӯҳбандӣ мегардад. Таблиғоти шуури террористӣ ва моддаю маводҳои ифротӣ дар системаҳое, ки бисёртар дар миёни ҷавонон корбаранда пайдо кардаанд идеологияи терроризми ҷаҳониро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба таври озод ташвиқ менамоянд»[458]. Онҳо зӯроварӣ ва кушторро дар интернет ба намоиш мегузоранд ва тарзи пеш бурдани фаъолияти террористиро паҳн менамоянд. Бояд қайд намуд, ки ташкилотҳои ифротӣ шабакаҳои иҷтимоиро дар барқарор намудани робитаи байниҳамдигарӣ барои вайрон намудаи суботи ҷомеа васеъ истифода мебаранд. Онҳо ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии паёмакрасон иттилооти махфии худро байни ҳамдигар мубодила менамоянд. Ҳамин тариқ, гузориши дидаву дониста дар бораи амали террористӣ метавонад як навъи маъмули киберҷиноятҳо ҳисобида шавад. Дар ин самт ҷиноятҳои марбут ба паҳн кардани порнография низ мавқеи муҳимро касб менамоянд.

Фаррох намудани предмети порнографӣ тафсири изофавиро тақозо намекунад. Намуди кирдорҳо дар василаҳои гуногуни иттилоъдиҳӣ бисёртар чун ҳаркатҳои номатлуб ба ноболиғон далелнок гардида, субъектҳои киирдор ба василаи ШИК-ии моҳворавӣ ТИК-ии электронӣ ҷиҳати ҷамъшавай ва суҳбати барвақти бо ноболиғон бозназари мекунанд. Дар ин ҷода пажуҳишгарон корҳои барзиёдеро ба итмом расонидаанд. «Заминаи

---

[457] Ниг.: Аз таҷрибаи фаъолияти унвонҷӯ Голубев В.А. Компьютерная преступность – проблемы борьбы с Интернет педофилией и детской порнографией [Захираи электронӣ] / В.А. Голубев / Центр исследования компьютерной преступности. – Манбаи дастрасӣ: http://www.crimeresearch.ru/articles/golubev2106 (санаи муроҷиат: 01.11.2023).

[458] Мисли В Контакте, Одноклассник, Twitter, Whatsapp, Facebook, Instagram ва монанди инҳо

пажуҳиши анҷомдодаи В. Голубев далелнок менамояд, ки ҳар як 5-умин ноболиғӣ аз даҳ то 17-солае, ки аз ШИК-ии электронӣ истифода мекунад, аз истифодабарандагони сохурда пешниҳодҳои номатлуби ҳамҷинсӣ гирифтаанд. Ба якояки ноболиғони 4-умин, ки ба василаи чатҳо бо истифодабарандагони солхурда суҳбат мекард, аксҳо ва суратҳои дорои характерӣ порнографӣ пешниҳод гардидааст»[459].

Кушодани ин нофаҳмоиҳо мазмунан ба кирдорҳои алоқамнад ба эҷод ва фаррох намудани нармфазори датгоҳҳо далелнок гардида, мақсади асосии онҳо на фақат расонидани зарар, сониян саллоҳхоҳона бо роҳи ба бовари даромадан омода кардани як сахтфазори муайяни компютерӣ, мутеъ ё бекора намудани муҳофизати он ба сабаби ҳаваси варзишӣ мебошад. Нафароне, ки ин мушкилотро ҷо ба ҷо менамояд, крекерҳо мебошанд. Маъмулан, ба василаи хакерӣ дар низоми додаҳо кушиш ба харҷ медиҳанд, ки машҳур гардида, ба таври худашон фақат хушҳоли менамоянд. Баҳри он, нарфазорҳои зараррасонро бо намудҳои босиравӣ ва садой эҷод менамоянд. Соли 2010 дар заминаи ҳаракатҳои шаҳрвандонӣ Маскав ба назар расид, ки дар маркази шаҳр, дар қарибии яке аз роҳравҳои бисёродам дар тахтачаи ташвиқоти як реклама бо мзмуни фаҳш расонаи гардида, он боиси муҳокимаи бардавоми тамоми аҳли пойтахт гардид. «Зимни тафтиши ҳаматарафаю салоҳиятнок истиқоматкунандаи ш. Новороссийск ин ҳаракати хешро ба мақсади мазоҳкори намудани дигар нафарон далелнок кард. Пештар ва аз ҳисси мароқзоҳири чандин маротиба компютерҳои истифодабарандагони ШИК-ии моҳвоавиро шикаста буд. Вай ин ҳаракати хешро бо истилоҳи «Ман фақат малакаи хешро ташаккул медодам» далелнок кардан мехост»[460].

Тасарруфи мустақими иттилоъӣ шахсӣ бо ҳадафи амали кардани намудҳои беадолатонаи мубориза ва ё ҷиҳати сохтакорию тамаъҷӯӣ дар

---

[459] Ниг.: Давлатзода К.Д. Порнографияи кӯдакон дар Интернет: мафҳум, оқибат ва масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бар зидди он / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 244-249.

[460] Ниг.: Программа «Разговор с Министром» на радио «Милицейская волна» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mvd.ru (санаи муроҷиат: 19.04.2022).

муҳити виртуалӣ анҷом дода мешавад. Чӣ хеле, ки пештар ироа гардид вазъияти тасарруфи иттилоъи шахсӣ ё суратҳо, ки баъдан ба соҳибони онҳо ҷиҳати гирифтани онҳо пешниҳод мегардад, ҳамзамон иттилоъ оиди сохтакорӣ, бахусус ба василаи тасарруфи шартҳои ҳатмии ҳомёнҳои электронӣ ва низомҳои гуногуни пардохтӣ бо тасарруфи минбаъдаи пул аз буҷети шахсӣ истифода мешавад.

Хомӯш намудани тамоюли кории компютерҳои зарардида нармфазорҳои зарароварро фаро мегирад, ки мақсади он ба василаи ин сахтфазорҳо ва ШИК-ии моҳворавӣ ба тариқи махфи назорат намудани онҳо мебошад. Тамоюли мазкур асосан бо ҳадафҳои бархурдҳои бевиҷдодона ва спам татбиқ мегардад. Вале ба назар мерасад, ки имрӯзҳо ҳуҷумҳои DOS (истилоҳи англисии Denial of Service) фарох гардидааст. Ҳуҷумҳои мазкурро василаи шароити мусоиде метавон ифода кард, ки дар он истифодабарандагони қонунии низом ба манбаъҳои пешниҳодкардаи серверҳо муяссарӣ надоранд ва ё ин муяссаршавӣ мушкил мебошад. Номуваффақи дар ин низом ба он оварда мерасонад, ки кирдор ошкор ношуда бимонад. Вале ҳуҷуми мазкур ҳамчунон ба қисми барзиёдӣ ШИК-ии алоқа сомон гардад, сонияи миёни ихтисосмандон гап оиди ҳуҷумҳои DOS меравад. Ба василаи кумаки системаи мушаххасӣ ботҳо, ки 10-ҳо ҳазор компютерҳоро дар рӯйи сайёра ифода мекунад, дар як сония зарба мезанад. Бисёре аз ҳолатҳо, компютерҳои фардии истифодакунандагони хонагӣ дар ин ҳуҷумҳо ба мошини зомбӣ мубадал мегарданд. Дар пажуҳишҳои анҷомёфта набояд ҳуҷуми DOS фақат василаи маҳдудкунӣ ба муяссаршавӣ ба ҳамаи иттилоъ тавсиф намоем. Ҳуҷуми мазкур заминаи пӯшиш ё заминаи шароит фарҳам овардани ҳуҷумҳои дигар татбиқ мегардад. Бахусус, фиреб ба василаи низоми моҳворавии «Клиент-бонк» ва тамаъҷӯии виртуалӣ мебошад.

Низоми «Клиент-бонк»-ро қисми зиёди созмонҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ҷиҳати назораткунии тамоюлӣ молиявии хеш татбиқ мекунанд. Бар зами ин, ҳамчун яке аз заминаҳои муҳофизавӣ дар ин низом

огоҳии фармоишӣ оиди ҳамаи ҳаракатҳо бо суратҳисоб истифода мешавад. Қаллобон як қатор амалҳои ғайриқонунӣ содир менамоянд, масалан, дар шакли дуздии рамзҳо барои дастрасӣ ба муомилоти молиявӣ онҳо метавонанд беиҷозат аз ҳисобҳои як созмонҳои ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда истифода намоянд ва ҷиҳати огоҳӣ ба сервери электронии ташкилот бо миллионҳо муроҷиатҳои бефоида ҳуҷум менамояд. Аммо аз заминаи ҳаракати мазкур кормандони махсуи ин созмонҳо таъҷилан маълумот пайдо наменамоянд.

Омода намудани ботнети фардии хеш худи ҳозир мураккаб нест. Техникаҳое, ки ҷиҳати омода кардани ботнет татбиқ мегарданд, маъмулан Fragus, MPack, IcePack ва WebAttacker ифода меёбад. Ин маҷмуи нармфазорҳоро низомҳои зарардидаи оммавии веб ҳам номбар мекунанд.

«Мундариҷаи тамаъҷӯӣ ба василаи ҳуҷумҳои DOS дар он зоҳир мегардад, ки ташкилкунандагони чунин ҳуҷумҳо фақат ҷиҳати боздоштани он пул талаб менамоянд. Ба ин хотир, сарварони созмонҳои тиҷоратӣ фиристонидани пулро муносиб медонанд, чунки онҳо хатари аз даст додани зиёдро дороҳастанд, дар ин ҳолатҳо ягон намуди ҳимоя аз чунин ҳуҷумҳо мавҷуд нест. Ташкилкунандагони ҳуҷумҳои DOS фиристонидани маблағро ба ҳамёни электронӣ хоҳиш менамоянд»[461].

Ҳуҷумҳои харобиовари нав имконият доранд, ки ҳамавақта модемро ба ШИК-ии барқӣ бе огоҳсозии истифодабаранда бекор намояд ва онро ба василаи номери мушаххас дароз намояд, дар замина боиси хароҷоти зиёди истифодабаранда ҳангоми пардохти ҳаққи телефон гардад. Ин методи истифодаи кирдорӣ аз ШИК-ии моҳворай ва сахтфазори зараррасон бо номерҳои махсуси истифодабаранда татбиқ гардида, оқибатҳои хатарнокро ба миён меорад. Ин усулҳо, ки барои ба даст овардани фоидаи ғайриқонунӣ истифода мешаванд, тибқи моддаи 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии

---

[461] Ниг.: Давлатзода К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 144-150.

Тоҷикистон (Ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ) ба танзим дароварда мешаванд.

Дар баробари ин, механизми содир намудани ҷинояти тавсифшуда ба тамаъҷӯӣ монанд аст. Дар ин раванд ҳолате ба амал омад, ки ҷинояткорон танҳо мувофиқи моддаи 298-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон – барои таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зарарноки компютерӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешуданд. Ҷавобгарии ҷиноятии муқаррароти моддаи зикршудаи қонунгузории ҷиноятӣ ба дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда комилан мувофиқ набуд. Мутаассифона, ин ҳолат ҳамоно ҳалталаб боқӣ мондааст. Кирдорҳои барои ҷомеа хавфноки ироа гардида дар заминаи рушди бемайлони ШИК-ии барқӣ ба хислатҳои м. 247- и КҶ ҶТ (қаллобӣ) мувофиқат менамоянд, аммо ҷавобгарии ин модда нисбат ба м. 250-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабуктар мебошад. Тамаъҷӯӣ низ дар шакли таҳдид ифода мегардад[462]. Талаб кардани фоида барои боздоштани ҳамлаҳои ғайриқонунӣ ва ҳамлаҳои киберӣ бояд мисли тамаъҷӯӣ ба ҷавобгарӣ кашида шавад ва дар акси ҳол он вазифаи пешгирикунандаи қонунгузории ҷиноятро пайдо намекунад.

Қоидаҳои зараррасонии молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз бовариро нисбат ба таҳиякунандагони ҳамлаҳои DOS татбиқ кардан мумкин нест.

Нармфазорҳои зараррасон метавонанд бо ҳадафҳои ҷосусӣ татбиқ гарданд. Пайвасткунии сахтфазорҳои ташвиқоти амалишавии нармфазорҳои заррарасонро фаро гирифта ташвиқотро ба истифодабаранда ба василаи таркибҳои замшуда амалӣ мегардонад. Ин ташвиқот мешавад, ки бо хидматрасониҳое, ки муҳақиқи нармфазори ташвиқоти ё шахсони дигар пешниҳод мекунанд, монанд бошанд.

[462] Ниг.: Раджабов К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством: монография. – Душанбе: «Лахути», 2020. – С. 28-51.

Сирояткунии ШИК-ии моҳворавӣ бо василаҳои гуногун, бахусус, бо истифодаи ТИК-ии барқӣ, вебсомона ё пайғомрасонӣ электронӣ анҷом гирад. Сохтакори, тамаъҷӯӣ ё кирдорҳои дигар тавассути ботнетҳо на дар ҳама ҳолатҳо аз тарафи эҷодкунандагни нармфазорҳою сахтфазорҳо содир мегардад, чунки системаи мавҷудаи ботнетро харидан ё ҳатто иҷора гирифтан имконпазир аст.

Муяссаршавии бемувофиқа ба маълумоти манбаъҳои махсуси истифодабарандагони ШИК-ии электронӣ аз ҳама зиёд барои кирдорҳое ки мо онҳоро ба таснифи дигари ҳаракатҳои ироа гардида таҳқиқ намудем, аммо дар василаҳои гуногуни хабаррасонӣ додаҳои истифодабарандагонро бо ҳадафҳои татбиқи ғайриқонунии онҳо ҳамчун зинаи мустақили кирдорҳо шарҳ медиҳанд. Дар ТИК-ии электронии нав маъмулан нармфазорҳои мушаххасӣ ҷо ба ҷо кунанда пайваст менамоянд. Крекерҳо аз хакерҳо бо он тафовут менамоянд, ки кори онҳо ҷиҳати бекора кардани амнияти фақат компютерҳои шахсӣ ва низоми тақсимшуда сафарбар шудаанд.

Калидвожаҳо корбаронро ба саҳифаи даркорӣ мебаранд ва истинодҳо онҳоро ба саҳифаҳои мансуб ба моликияти тоҷири равона мекунанд. Ин ҳолат раванди мураккабнизом буда, маҳз дар ҳамин раванд тақсими манфиатҳои шахсони дахлдор сурат мегирад.

Маҳдудкунии ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои бо алоқаманд тавассути ШИК-ии элетронӣ маъмулан дар корбарии ғайриқонунӣ эҳсос мегардад. Вале, миёни аҳолӣ чунин андеша мавҷуд аст, ки иттилоэӣ дар ШИК-ии барқӣ мавҷудбуда метавонад бо хоҳиши худи истифодабаранда шавад. Оиди ин масоил ҳаракатҳои нусхагирии нашрияҳои аудиовизуалӣ ва ба ҳадафи фоида коркарди онҳо хеле бисёр мушоҳида мегардад. Қисми зиёди ҳаракатҳое, ки аз ШИК-ии электронӣ зеркашӣ мегарданд, ҷиҳати таҳияи оммавии нусхаҳои сохтакоришуда ва фурӯши пайвастаи онҳо татбиқ мегардад.

Таҳлили андешаҳои коршиносону олимон маводҳои илмӣ ва маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки сохтори муайяни маъмултарини

киберҷиноятҳоро, ки бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ содир мешаванд муайян намоем. Сохтори ин навъи ҷиноятҳоро дар шакли зерин метавон пешниҳод кард:

1. **Ҷиноятҳо бар зидди ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд:**

– ғайриқонунӣ ҷамъ ва паҳн намудани иттилоъ дар бораи а ҳаёти шахсӣ (м. 144 КҶ ҶТ);

–вайрон кардани ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба он вобаст (м. 156 КҶ ҶТ);

2. **Ҷиноятҳо муқобили моликият:**

– дуздӣ (м. 244 КҶ ҶТ);

– қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ) ;

– тамаъҷӯӣ (м. 250 КҶ ҶТ);

– м. 253 КҶ ҶТ;

– қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (м. 255 КҶ ҶТ);

– аз беэҳтиётӣ несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк (м. 256 КҶ ҶТ).

3. **Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ:**

– маҷбур кардан ба бастани аҳд ё ба саркаши кардан аз бастани он (м. 267 КҶ ҶТ);

– ғайриқонунӣ ба даст маълумоти овардани маълумоти дорои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ (м. 277 КҶ ҶТ).

4. **Ҷиноятҳо муқобили амнияти ҷамъиятӣ:**

– терроризм (м. 179 КҶ ҶТ);

– ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ё мусоидати дигар барои содир намудани он (м. 179.1 КҶ ҶТ);

– даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта (м. 179.3 КҶ ҶТ);

– иттилооти бараъло бардурӯғ оид ба кирдори террористӣ (м. 180 КҶ ҶТ);

– ғасби бино, иншоот, воситаҳои итттлоот ва алоқа (м. 182 КҶ ҶТ).

5. **Ҷиноятҳо муқобили тартиботи ҷамъияти ва ахлоқ:**

– ғайриқонунӣ тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ (м. 241 КҶ ҶТ);

– тайёр кардан ва муомилоти мавод ё предметҳои порнографӣ бо акси ноболиғон (м. 241.1 КҶ ҶТ).

6. **Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ[463]:**

7. **Ҷиноятҳо ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат:**

– хиёнат ба давлат (м. 305 КҶ ҶТ);

– ҷосусӣ (м. 308 КҶ ҶТ);

– тахрибкорӣ (диверсия) (м. 309 КҶ ҶТ);

– ташкили иттиҳоди экстремистӣ (м. 307.2 КҶ ҶТ);

– ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (м. 307.3 КҶ ҶТ);

– ифшои сирри давлатӣ (м. 311 КҶ ҶТ).

Марҳилаи дуюми омӯзиши ҳолат, сохтор ва динамикаи киберҷиноятҳо, бо истифода аз воситаҳои гуногуни техники (интернет) содиршуда, омӯзиши маводи парвандаҳои ҷиноятӣ дар бораи чунин ҷиноятҳоро дар бар мегирад.

Барои омӯзиш мо шумораи зиёди парвандаҳои ҷиноятиро бо ҷиноятҳое, ки бо истифода аз ТИК содир шудаанд, таҳлил намудем. Омӯзишу баррасии иттилоъӣ парвандаҳои ҷиноятӣ шароит фароҳам овар, ки фақат 3 намуди кирдорҳои анъанавиро равшан кунем.

•Ҷиноятҳо муқобили моликият, яъне қаллобӣ (м. 247 КҶ ҶТ) ва тамаъҷӯӣ (м. 250 КҶ ҶТ);

[463] Ғайриқонунӣ даромадан ба иттилооти компютерӣ (м. 298 КҶ ҶТ); таҳия, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар (м. 303 КҶ ҶТ); вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаҳои компютерӣ (м. 304 КҶ ҶТ).

•Тамоми кирдорҳо дар самти иттилооти компютерӣ, ки дар маҷмуъ 53 фоизи ҳаҷми умумии кирдорҳои таҳқиқшударо ифода менамояд.

Самараи омӯзиши татбиқи методҳои таҳқиқи моҳияту муҳтавои ҷамъи василаҳои гуногуни ахборотдиҳи ва тафсири ҷамъӣ парвандаҳоии ҷиноятӣ аз амалия, дар рафти пажуҳиши чигунагии вазъӣ кирдорҳои анъанавӣ бо василаҳои ТИК-ии моҳворавӣ аҷомёфта, ҳамзамон таҳқиқи нармфазорҳои зараррасониӣ компютерӣ шаҳодат додаанд, ки ин кирдорҳо сохти баланди ба қафо андохтанашавандаро дороанд. Тафсири иттилоъӣ пажуҳишшуда далелнок намуд, ки дар василаҳои гуногуни иттилоъдиҳӣ оиди 8 намуди кирдорҳое гап меравад, ки онҳоро метавон фарох тамоюл кард ва маводи парвандаҳои ҷиноятӣ шароит фароҳам овард, ки фақат 3 намуди кирдорҳоро равшан намоем. Қатъи назар аз ин, муҳиммияти истифодаи пайвастаи методӣ баҳодиҳии экспертӣ ба вуқуъ пайвастааст, ки самараи он аз нуқтаи назари мо шароит муҳаё мекунад, ки чигунагии вазъӣ кирдорҳои пажуҳишшуда истода муайян карда шавад. Методи баҳодиҳии экспертӣ ба савол, ки дарбаргирандаи маҷмуи саволҳои дорои маълумоти зарурӣ дар бораи сохтори ҷиноятҳои бо истифода аз технологияҳои иттилооти–коммуникатсионӣ содиршаванда мебошад, асос ёфтааст. Натиҷаи пурсиши экспертӣ ташаккул додани хулосаи муайян дар асоси коркарди ҷавобҳои коршиносон тибқи тартиби махсус таҳияшуда мебошад.

Тавре ки интизор мерафт, аксари коршиносон киберҷиноятҳоро нисбат ба дигар намудҳо дар ҷойи аввал мегузоранд. Ин ҷиноятҳоро 98% пурсидашудагон қайд кардаанд.

Гурӯҳи дуюми маъмултарин, ҷиноятҳои муқобили моликият мебошад. 86% кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қаллобӣ дар интернет ва тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозиро чун омили сар задани ҷиноятҳо муқобили моликият нишон додаанд.

Коршиносон ҷиноятҳо муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқро ба гурӯҳи сеюми ҷиноятҳои маъмултарини баррасишаванда дохил карданд.

Коршиносон ҷиноятҳоро бар зидди асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат ба гурӯҳи чоруми ҷиноятҳои маъмултарини баррасишаванда бо истифода аз технологияҳои иттилооти–коммуникатсионӣ содиршуда, аз ҷумла ташкили иттиҳоди экстремистӣ ва ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ инсон дохил карданд.

Барои таъмини дақиқӣ ва асосокӣ дар муайян кардани ҷиноятҳои маъмултарини киберҷинояткорӣ, ба мавқеи мо, татбиқи на фақат методи делфӣ, сониян методҳое, ки ба намуди баррасии комплексии экспертӣ ворид шуда, созмон додани гурӯҳҳои экспертӣ дар ҷода мубарм арзёбӣ мегардад[464]. Бартарии ин усули коршиносӣ маҳз бо кори дастаҷамъонаи коршиносон алоқаманд буда, ин аслан омили мусбатест, ки объективии арзёбии экспертиро зиёд мекунад.

Ба ҳайати комиссияҳои экспертӣ кормандони соҳибтаҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шомил шаванд. Барои интихоби чунин коргарон натиҷаҳои пурсиш истифода бурда шуданд. Ҳамин тариқ, ҳангоми пурсиши коршиносон мо маълум кардем, ки 47 нафар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки мавриди пурсиш қарор гирифтаанд, зиёда аз 15 сол собиқаи корӣ доранд. Пас аз гузаронидани пурсиш бо 10 корманд робита барқарор намудем.

Дар доираи муҳокимаи муштараки системаи маъмултарин киберҷиноятҳо натиҷаҳои пурсиши коршиносонро тасдиқ метавон кард. Бо дархости коршиносон ба ин сохтор як ҷинояти дигар – (моддаи 277-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бояд дохил карда шавад. Ба гуфтаи коршиносон, ин амалҳои барои ҷомеа хатарноканд, вале оғози парвандаҳо вобаста ба ин масоил хело каманд, чунки сохторҳои тафтишӣ дар системаи сирри тиҷоратӣ, андоз ё молиявию қарздиҳӣ иттилоъӣ дахлдор надоранд, омилҳои асосии ин равандро исбот карда наметавонанд. Ба қавли масъулини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар мусоҳиба сурат гирифт, дар Қонуни ҶТ «Дар

[464] Моҳияти усули Делфа дар он аст, ки ҳар як аъзои гурӯҳи коршиносон (дар шакли пурсиш) ба таври инфиродӣ анҷом дода мешавад. Сипас коркарди омории арзёбиҳои экспертии инфиродӣ амалӣ карда мешавад: (ақидаи умумии гурӯҳ муайян карда шуда, арзёбиҳои ниҳоӣ бароварда мешавад. Ниг.: Бешелев С.Д., Гурвич Ф.Г. Математико-статистические методы экспертных оценок. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Статистика, 1980. – С. 48.

бораи сирри тиҷоратӣ» як қатор ҷузъҳои таҳрирталаб пешбинӣ шудааст, ки татбиқи онҳо дар фаъолияти амалии бисёр ташкилотҳои тиҷоратӣ душвор аст. Алоқанди ба ҳолати мазкур, ба аризадиҳандагон оид ба кирдорҳои дар боло зикршуда танҳо оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ рад карда мешавад.

Дар асоси ин гуфтаҳо метавон хулосагирӣ намуд, ки навъҳои муосири барномаҳои зараровари компютерӣ ва нармафзору таҷҳизоте, ки ба шабакаи компютерӣ ё оператори мобилӣ пайвастанд, метавонанд олот ё воситаи содир намудани қариб ҳамаи ҷиноятҳо буда, қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бояд чораҳои қаблан таҳияшуда ва санҷидашударо дар пешгирии чунин навъи ҷиноятҳо пешакӣ муайян кунад. Аммо маҷмуи чунин тадбирҳои пешгирикунанда бояд ба натиҷаҳои мониторинги криминологии киберҷиноятҳо асос ёбад. Чунин мониторинг аз он сабаб зарур аст, ки киберҷиноятҳо аксар вақт тағйир меёбанд. Тибқи маълумоти омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин ҷиноятҳо дар самти киберҷиноятҳо дар ҶТ соли 2008 ба қайд гирифта шуда буд[465]. Шуруъ аз ҳамин давра содир гардидани он дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла таввасути ТИК, компютерҳо ва дар панҷсоли охир шиддатнокии афзоиши онҳо таввасути сомонаҳои интернети ба қайд гирифта шудааст. Дар ин раванд амалҳои дидаю дониста бо онҳо дохил намудани иттилооти баръало бардуруғ, ки зарари ҷиддӣ дорад ва ё таҳдиди зараррасонии ҳаракати зайлро ба бор овардааст ва несту нобуд, муҳосира ё корношоям сохтани иттилооти компютерӣ, ҳамчунин вайрон кардани системаи ё шабакаи компютерӣ ё махзании мошинҳо афзоиш ёфта, дар давоми 10 солаи охир ин шумора ба зиёда аз 116 адад расидааст.

**(Нақшаи 1)**

[465] Ниг.: Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, таҳти №14/3-1355.




**(Нақшаи 2)**

| Сол | Миқдори ҷиноятҳои содиршуда | Моддаҳои КҶ ҶТ | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 298 | 299 | 300 | 301 | 304 |
| **2008** | 2 | – | 1 | 1 | – | – |
| **2009** | 4 | 2 | – | – | 1 | 1 |
| **2010** | 6 | 2 | 2 | – | – | 2 |
| **2011** | 2 | 1 | 1 | – | – | – |
| **2012** | 2 | – | – | – | 2 | – |
| **2013** | 2 | 1 | 1 | – | – | – |
| **2014** | 6 | 1 | 5 | – | – | – |
| **2015** | 7 | 1 | 4 | 2 | – | – |
| **2016** | 3 | – | 2 | – | 1 | – |
| **2017** | 4 | 2 | 2 | – | – | – |
| **2018** | 13 | 2 | 9 | – | 2 | – |
| **2019** | 13 | 4 | 7 | – | 2 | – |
| **2020** | 25 | 1 | 23 | – | 1 | – |
| **2021** | – | – | – | – | – | – |
| **2022** | 17 | 4 | 10 | – | 3 | – |
| **6-моҳи соли 2023** | 10 | – | 6 | – | 2 | 2 |
| **Ҳамаги** | **116** | **21** | **73** | **3** | **14** | **5** |

Аз таҳлили маводи ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки аз 116 ҷиноятӣ содиргардида, 18% -ро ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотӣ компютерӣ, 63% – иваз кардани маълумоти компютерӣ, 3 % – таҳрифи компютерӣ, 12% – ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ ва 4% – вайрон кардани қоидаҳои истифодаи система ё шабакаи компютерӣ ташкил медиҳанд.

Шумораи умумии содиршавии киберҷиноятҳо аз соли 2008 то шашмоҳаи аввали соли 2023 дар миқёси мамлакат ба 116 адад расида, аз ин шумора 62 ададаш ба шаҳру ноҳияҳои зерини кишвар рост меояд (нигаред ба нақшаи 3)

**(Нақшаи 3)**




Таҳлили маълумоти омории мавҷуда аз афзоиши босуръати киберҷиноятҳо, инчунин эҳтимолияти содиршавии ин кирдорҳо дар соҳаҳои молиявию қарзӣ, амнияти иттилоотии мақомот ва ташкилотҳо, корхонаҳо ва шахсони воқеӣ шаҳодат медиҳанд.

Таҳлили зиёда аз 116 парвандаҳои ҷиноятӣ дар самти киберҷиноятҳо муайян намуд, ки шумораи зиёди содиршавии кирдорҳои мазкур дар намуди тағйир додани иттилооти компютерӣ ва ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотӣ компютерӣ ифода мегардад. Ба таври мисол, шаҳрванди 29-солаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, «А» таҳсилоташ олӣ, дар ҳолати зерин даст ба содир намудани ҷиноятӣ қасдона, яъне тағйир додани иттилооти компютериро содир намудааст. Шаҳрванд «А» зимни фармони роҳбарияти ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар ш. Душанбе, таҳти №1197 аз 11 ноябри соли 2017 дар вазифаи техник-танзимгари шуъбаи ҳисоббаробаркунии ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар ш. Душанбе фаъолият намудааст. Ӯ за рӯйи маслиҳати пешакӣ бо шахсони масъули ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар ш. Душанбе дар давоми солҳои 2019-202 ба воситаи системаи компютерии «ExspressClent93», ки иҷозати ворид ва дастрас шудан ба

системаро дошта, бо истифодаи рамзи худ, яъне «oper012», ки дар махзани он нигоҳ дошта шудааст, ҳамчунин дидаю дониста ба онҳо дохил намудани иттилооти бардуруғ ба суратҳисоби муштариёни сохта ё ғайрифаъол «Х» дорои суратҳисоби таҳти №0204319 миқдори 2102565 кВт*соат, «Т» дорои суратҳисоби таҳти №0232178 миқдори 2102656 кВт*соат, «Г». Дорои суратҳисоби таҳти №05379000 миқдори 1244264 кВт*соат, «М». Дорои суратҳисоби таҳти №0542624, миқдори 1244264 кВт*соат, суратҳисоби беном таҳти №0552369 миқдори 1244264кВт*соат, «З». Дорои суратҳисоби таҳти №0512613, миқдори 4000000 кВт*соат, «Ш» Дорои суратҳисоби таҳти №0512613, миқдори 3000000 кВт*соат, «Ҳ» Дорои суратҳисоби таҳти №02188881, миқдори 2500000 кВт*соат, «Р» Дорои суратҳисоби таҳти №0203968, миқдори 1700000 кВт*соат нерӯйи барқ, ки дар умум 20390830 кВт*соат нерӯи барқро ба маблағи 4485982,6 сомонӣ истифода карда бошанд, ворид кардааст.

Дар асл муштариёни ҷамъият ин миқдор нерӯйи барқро истифода набурдаанд ва суратҳисоби онҳо ғайрифаъол буда, шаҳрванд «А» ва дигарон ғайриқонунӣ будани ҳаракати худро дарк карда, бо мақсади пинҳон кардани талафоти ғайриқонунии аз меъёри муқарраршуда зиёди нерӯйи барқ ва хуб нишон додани нишондиҳандаҳои фаъолият дар ҳуҷҷатҳои расмӣ ва ҳисоботҳои оморӣ, ҳамчун нерӯйи барқи аз ҷониби аҳолӣ истифодашуда нишон додаанд, ки дар натиҷа таҳдиди расонидани зарари ҷиддиро ба манфиати давлат ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар ш. Душанбе пеш овардааст[466].

Аз ин лиҳоз дар нақшаи навбати, шумораи умумии зарари расонидашуда аз «киберҷиноятҳо»-ро, нисбат ба шахсонӣ ҳуқуқӣ дар давоми 5 соли охир пешниҳод менамоем.

---

[466] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-325/21 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансурӣ ш. Душанбе.




Таҳлилҳо дар ин самт аз он шаҳодат медиҳад, ки бештари ҷиноятҳои содиргардида дар самти киберҷиноятҳо дар самти барқу об ва ширкатҳои мобилӣ бештар ба назар мерасад, ки зарарӣ расонидашуда дар ин соҳаҳо миллионҳо сомониро ташкил медиҳад[467].

Лозим ба ёдоварист, ки кормандони ВКД ҶТ дар давраи солҳои 2018-2020 аз 51 киберҷиноятҳои содиршуда танҳо 43-тоашро ошкор намудаанд, яъне он 84%-ро ташкил медиҳад. Ҳолати ошкор нагардидани чунин ҷинояҳо нигаронкунанда арзёбӣ шуда, он таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ ва иттилоотӣ мебошад. Ҷараёни мазкурро ҳатто давлатҳои аъзои ИДМ низ сипарӣ намуда истодаанд, «бахусус соли 2020 дар мамлакатҳои узви ИДМ ҳаҷмӣ парвандаҳои ҷиноятии бо ҳукми айбдоркунӣ ба суд равон гардиа 18,2% (2018 – 24,8%; 2019 – 23%) аз шумораи умумии кирдоҳои дар ин соҳора ифода мекунанд, ки 73,6%-и онҳо дар соли 2020 ошкор нашуданд (2018 – 66,5%; 2019 – 68,4%)»[468].

Сатҳи содиршаваии киберҷиноятҳоро дар давлатҳои аъзои ИДМ метавон чунин тасниф намуд.

[467] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-524/22 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансурӣ ш. Душанбе.
[468] Ниг.: Сводные отчеты «О состоянии преступности и результатах расследования преступлений» на территории государств-участников СНГ за январь-декабрь 2018 г., 2019 г., 2020 г. // Ф.785 КН.1.

**Шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда, дар самти киберҷиноятҳо дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ[469].**

| Давлатҳои аъзои ИДМ | Шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
| **Ҷумҳурии Озарбойҷон** | 145 | 147 | 220 |
| **Ҷумҳурии Армения** | 93 | 126 | 213 |
| **Ҷумҳурии Белоруссия** | 4741 | 10539 | 25562 |
| **Ҷумҳурии Қазоқистон** | 72 | 108 | 62 |
| **Ҷумҳурии Қирғизистон** | 0 | 0 | 3 |
| **Ҷумҳурии Молдовия** | 3 | 2 | 1 |
| **Федератсияи Россия** | 120 141 | 185 580 | 510 396 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 13 | 13 | 25 |
| **Ҷумҳурии Узбекистон** | 36 | 41 | 34 |
| **Дар маҷмуъ, давлатҳои аъзои ИДМ** | **125 244** | **196 556** | **536 516** |

Аз маълумотҳои овардашуда бармеояд, ки содиршавии барзиёди киберҷиноятҳо дар Федератсияи Россия Ҷумҳурии Белоруссия ва Ҷумҳурии Озарбойҷон мушоҳида мегардад. Хуллас, шумораи содиршавии ин кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок дар мамлакатҳои узви ИДМ гувоҳи медиҳад, ки соли 2020 оморӣ кирдорҳои бақайдгирифташуда, дар соҳаи киберҷиноятҳо чаҳор маротиба зиёд гардидааст, яъне аз 125 244 кирдор дар соли 2018 то ба 536 516 кирдор дар соли 2020 расидааст.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо хулосаҳои худро ба шакли зерин пешниҳод менамоем:

– Содиршавии киберҷиноятҳо бо истифода аз ТИК дар айни замон рӯ ба афзоиш дорад. Муҳим мебошад, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии дар самти мазкур қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони мавҷуда, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, баланд бардошта шавад, ба ҳамир тарз бо ҷазби ихтисосмандонӣ самт ва коршиносонӣ машҳурӣ техникӣ, таҷрибадоронӣ ин самт, созмондиҳии институти такмили ихтисоси самти таъмини амнияти иттилооти аз ҳуҷумҳои маҷозӣ фақат ба манофеи кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз

[469] Ниг.: Сводные отчеты «О состоянии преступности и результатах расследования преступлений» на территории государств-участников СНГ за январь-декабрь 2018 г., 2019 г., 2020 г. // Ф.785 КН.1.

унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад;

– Омори махсуси Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ ҳаҷми воқеӣ ва хусусияти ҳамлаҳои кибериро пурра инъикос намекунад;

– Киберҷинояткорон дар самти истифодаи интернет, воситаҳои гуногуни техникӣ ва таҳияи барномаҳои зараровар дониши васеъ дошта, ҳадафҳои асосии фаъолияти ғайриқонунии онҳо хусусияти санҷиши дониши худро дорад. Аз ин рӯ, мубориза бо киберҷинояткорӣ бояд бо ҷалби мутахассисоне сурат гирад, ки ин хусусиятҳоро мавриди омӯзиш қарор дода бошад;

– Таҳдиди бузургтарин ба амнияти иттилооти компютерии ҳифзшуда аз ҷониби корбарони дохилии система мебошад. Вобаста ба ин, такмил додани дараҷаи касбии мутахассисон ва мониторинги эътимоднокии онҳо аз ҷониби хадамоти амнияти ширкат аҳаммияти хоса дорад;

– Надонистани қурбониёни киберҷиноятҳо аз воситаҳо ва усулҳои асосии ҳифзи иттилооти худ, ба ҳамлагар имкон медиҳад, ки ба осонӣ амалҳои ғайриқонунӣ содир кунад. Вобаста ба ин, инъикоси нақшаҳои маъмултарини киберҷиноятҳо ва роҳҳои пешгирӣ аз онҳо дар ВАО, инчунин дар байни аҳолӣ ташаккул додани малакаҳои коркарди иттилооти компютерӣ ва омӯзиши кор бо дастгоҳҳои гуногуни техники аз ҷумла интернет аҳаммияти муайян дорад;

– Аксари қурбониёни киберҷиноятҳо шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Дар ин самт мувофиқи мақсад мебошад, ки муассисаю корхонаҳо ба таъмини амнияти ШИК-барқӣ ва электронӣ аз таҳдидҳои маҷозӣ диққати махсус диҳанд, дар дастурамалҳои вазифавӣ ӯҳдадории мутахассиси ҳимояи маълумотро муайян карда, барои татбиқи он чораҷӯӣ намояд;

– Дараҷаи баланди киберҷиноятҳо бештар ба душвории ошкор кардани кирдори киберҷинояткор ва худдории ҷабрдида барои хабар додан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқамандӣ дорад.

Яке аз тамоюлҳои асосии рушди киберҷинояткорӣ саривақт ошкор накардани он мебошад. Раванди роҳандозии ғайриқонунии шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мессенҷерҳои фаврӣ ва интернет ба ин раванд мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияи навин дар муомилоти молиявӣ ва қарзӣ, тиҷорати онлайнӣ, рамзгузории маълумот ва ғайра ба давлат ва ҷомеа имкон намедиҳад, ки ҳамлаҳои барзиёди маҷозиро дар вақти муқаррааргардида пешгирӣ намоянд, чунки онҳо бо сабабҳои технологӣ мадди назар мегарданд.

«Бо ба инбат гирифтани ин тамоюлҳо ҳоло дар саёра ҳамагӣ 3-4% киберҷинояткорӣ ба мушоҳида мерасад»[470], ки ин ба хусусияти фаромарзӣ, таъхирнопазирии корбарон ва соҳибони иттилооти компютерӣ, мураккабии техникии муайян кардани он, ошкор кардан ва тафтиш кардани онҳо аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқаманди дорад. Бо ин мақсад, баҳодиҳии объективии вазъи кунунии киберҷиноятҳо бинобар сатҳи баланди таъхирнопазирии амалҳои ҷиноятии он дар зербобҳои дигари диссертатсия баррасӣ шуда, омилҳои сар задани чунин навъи ҷиноятҳо ва пешгирии онҳо бо далелҳо нишон дода мешаванд.

## 5.2. Хусусиятҳои криминологии шахсияти киберҷинояткор

Огоҳонидани саривақтии кирдорҳо фақат дар сурате қобили иҷро мебошад, ки ба шахсияти ҷинояткор таваҷҷуҳи хоссаи равона гардад. Далелнок кардани ин падидаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мисли шахсияти ҷинояткор – таркиби воқеи ва мубрами тамоми унсурҳои рафтори кирдор маҳсуб мегардад. Хислати махсус, ки тамоюли амаликардани рафтори ҷиноятӣ мушаххас гардидааст, инфрасохтори махсуи чораҳои огоҳкунанда, пешгирикунанда мешавад. Ба ин хотир, падидаи шахсияти ҷинояткор ба ҳаҷми пешоҳанг ҳамчунон ба яке аз масоили каллдӣ дохил мешавад. «Яке аз масоили мубрами илми криминология ва қисми таркибии мавзуи

[470] Ниг.: Грамматчиков А., Вандышева О. Идет кибервойна народная // «Эксперт». – 30 января 2017. – №5 (1015) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://expert.ru/expert/2017/05/idet-kibervojna-narodnaya (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

пажуҳишшудаистода падидани шахсияти ҷинояткор маҳсуб мегардад. Масоили мубрамии проблемаи ироагардида дар он аст, ки кирдор ҳамчун ҳаракати фаъолияти бомароми инсон дар сатҳи барзиёд бо далелнокии мундариҷа ва хислати нафаре, ки чунин намуди рафторро пешша гардааст, ба вуҷуд меояд. Маълумот доштан дар боари шахсияти ҷинояткор, кордонии ошкор намудани хусусиятҳои мушаххас ва хислатҳои шахсияти ӯ қарори асосии ташкил ва амалӣ намудани чораҳои пешгирии кирдорҳо маҳсуд меёбад»[471].

Дар илми криминология то ба имрӯз оид ба таърифи мафҳуми «шахсияти ҷинояткор» андешаҳои гуногун ташаккул ёфтааст[472]. Пажуҳишгарон Ю.Д. Блувштейн, И.И. Карпетс, Я.И. Гилинский, А.М. Яковлев вуҷуд доштани падидаи «шахсияти ҷинояткор»-ро маҳкум менамоянд[473]. Коршиносони соҳавии ирогардида вобаста ба муҳиммияти илмию таҷрибавӣ доштани мундариҷаи «шахсияти ҷинояткор» норозигӣ карда, мавқеъгирӣ мекунанд, ки характерҳои мушаххасе мавҷуданд, ки шахсияти ҷинояткорро шарҳ намоянд ва фарқияти вайро аз нафароне, ки қонунро ҳифзу риоя мекунанд, нишон диҳанд. Ақидаи хешро бо он далелнок менамоянд, ки муундариҷаи «шахсияти ҷинояткор» фақат мундариҷаи нишон

---

[471] Ниг.: Гилинский Я.И. Криминология. Теория, история, эмпирическая база. Социальный контроль: курс лекций. – СПб: Питер, 2002. – С. 72-73; Карпец И.И. Проблема преступности. – М., 1969. – С. 22.

[472] Ниг.: Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки шахсияти ҷинояткор дар худ хусусиятҳои иҷтимоӣ ва равониро таҷассум менамояд, ки он содир намудани ҷиноятро муайян мекунад. (Ниг.: Криминология: учебное пособие / Под ред. Н.Ф. Кузнецова. – Москва: Зерцало, ТЕИС, 1996. – С. 44; Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 142);

Олимони дигар онро ҳамчун намуди умумии иҷтимоӣ мешуморанд, ки метавон содиркунандагони ҷиноятро дар ин қатор тасниф кард. (Ниг.: Ведерников Н.Т. Личность обвиняемого как объект изучения на предварительном следствии / Н.Т. Ведерников // Актуальные вопросы борьбы с преступностью. – Томск: Томский университет, 1990. – С. 99);

Гурӯҳи сеюми олимон бар он андешаанд, ки шахсияти ҷинояткор маҷмуи хосиятҳои манфии дорои аҳамияти иҷтимоӣ буда, дар раванди муносибатҳои гуногун ва мунтазам ташаккул меёбанд (Ниг.: Антонян Ю.М. Преступник как предмет криминологического изучения / Ю.М. Антонян // Вопросы борьбы с преступностью. – 1981. – №34. – С. 38-46; Криминология: учебник / Под ред. В.Н. Кудрявцева и В.Э. Эминова. – 2-е изд., перараб. и доп. – Москва: Юрист, 2000. – С. 124-125; Антонян Ю., Кудрявцев В.Н., Эминов В.Е. Личность преступника. – Москва, 2004. – С. 56-57; Ефремов К.А. Личность преступника, совершающего преступления в сфере компьютерной информации / К.А. Ефремов // Общество: политика, экономика, право. – 2016. – №6. – С. 92-95).

[473] Ниг.: Блувштейн Ю.Д. О содержании понятия «личность преступника» / Теоретические проблемы изучения личности преступника. – М., 1979. – С. 48; Гилинский Я.И. Асари зикршуда – С. 72-73; Карпец И.И. Проблема преступности. – М., 1969. – С. 22; Криминология: учебное пособие / Под ред. Н.Ф. Кузнецова. – Москва: Зерцало, ТЕИС, 1996. – С. 120.

додани шахси қонунгузориро қонунгузороро поймолкарда ва кирдорсодиркардаро дорад ва барои ин «аз рӯйи мундариҷа бисёр мушаххас ва пурраи истилоҳи маъмулии субъекти ҷиноят кифоя мебошад»[474].

Оиди масъалаи пажуҳишкардаи муҳақиқони ирогардида мувофиқ нетем, зеро пажуҳиши ҳаматарафаи зиннаи «шахсияти ҷинояткор» ҷиҳати фардикунонии ҷазо, пешбини намудани восилаи мувофиқи шаклҳо таъсиррасонии ислоҳӣ ба маҳкумшуда, омода ва механизми заминаҳои огоҳикунанда бо ҳуқуқвайронкунандагони амиқ муҳиммияти бисёр мубрамро дорост. Дар ин замина мувофиқи мақсад мебошад, ки то ҳадде дар иҳотаи хосса чун кирдор, шахс ба мисли «мавҷудоти ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ» фаъолият менамояд. Аз ин лиҳоз таҳлили хусусияҳои шахсияти ҷинояткор дар илми ҳуқуқшиносии муосир ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Ин мафҳум барои киберҷинояткорӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, зеро ки дар ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо он унсури ниҳоят муҳим аст.

Дар ин раванд ба гурӯҳҳо тасниф намудани ҷиноят вобаста ба амалҳои ҷинояткор, ки тавассути ТИК амалӣ мешавад, муҳим ба шумор меравад. 4 категорияи ҳамин имкониятҳо мавҷуд аст, ки ҳар яке аз ин таснифҳо ба худ хислати мушаххасеро касб кардаанд.

**Категорияи аввал** ба шароитҳои ҳадди ақали гузаронидани гуфтугу дар системаи автоматӣ ифода гардида, вайро ба василаи корбурди нармфазорҳи муайян ҷиҳати истифодабарии маълумот татбиқ менамоянд.

**Категорияи 2-юм** истеъдоди эҷод ва оғоз намудани нарфазорҳои шахсии истифодабарии истифодабарии маълумотро дар намуди нави ТИК-ии барқӣ фаро мегирад.

**Категорияи 3-юм** шароит фарҳам меоварад, ки кори низоми назорат шуда, ба нармфазори мушаххаси он мустақиман таъсир расонида шавад.

[474] Сахаров А.Б. Учение о личности преступника и его значение в профилактической деятельности органов внутренних дел. – М., 1984. – С. 9.

**Дараҷаи чорум** тамоми имкониятҳои шахсонеро, ки лоиҳакашӣ, татбиқ ва таъмири таҷҳизоти техникии ин низоми технологиро иҷро мекунанд, фарогир мебошад.

Аз таҷриба бармеояд, ки киберҷинояткор мутахассиси баландихтисос буда, дар хусуси низоми технологӣ ва иттилоотӣ ҳама нозукиҳоро медонад.

«Пажуҳишгарони дигар ба назарияи нишондодашудаи ин муқадамот иловатан 2 сатҳи дигарро ворид менамоянд: истеъдоди дохил гардидан ба сайт ва мавҷуд будани муяссаршавӣ ба системаи коргузории ШИК-ии барқӣ (нусхагирӣ, нобуд намудан, ивази файлҳо)»[475].

Падидаи таҳқиқшудаистода шароитҳои мусоири ин қисмро хуб шарҳ мекунад, вале мақсади муҳими он ҷонибдории қарорҳо дар боари амалишавии нармфазорҳо, таҷҳизот ва чораҳои ташкилӣ ифода мешавад, ки ба таъмини ҳимоя маълумот дар низоми худкор равона гардидааст.

Киберҷинояткорон дар алқамандӣ ба дараҷаи омодагии касбӣ ва мавқеи хеш дар ҷамъият маъмулан ба 3 гурӯҳ ҷудо мегарданд. Дараҷаи пасттаринро дар ин самт вайронкунандагони қоидаҳои истифодабарии компютерҳо ташкил медиҳанд. Доираи кирдорҳои ҷиноятии онҳо аз истифодаи беиҷозати компютерҳо, паҳн кардани «вирусҳо» ва монанди инҳо. Онҳо бинобар далелӣ маълумотнокии зарурии техникӣ, бахусус хоҳиши ғайриқонунӣ шинос шудан бо иттилоъе, ки ба онҳо манфиатбахш аст, тасарруфи ягон барнома ё истифодаи ройгон аз хидматҳои компютерӣ ҷиноят содир мекунанд[476]. Ба ин гурӯҳ инчунин шахсоне дохил мешаванд, ки аз дилбастагиҳои (фобияҳои) гуногуни компютерӣ, агар бемории руҳии онҳоро истисно кунем, машаққат мекашанд. Ин амал бо аломатҳои кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок, ки ба вайрон кардани таҷҳизоти компютерӣ, инчунин нобуд кардан ё бастани иттилоот нигаронида шудаанд, тавсиф карда мешавад.

[475] Ниг.: Прокофьев И.В. Защита информации в информационных системах: учебное пособие. – М.: МИЭМ, 1997. – С. 54-57.
[476] Ниг.: Компьютерные технологии в юридической деятельности: учебное и практическое пособие / Под ред. Н.С. Полевого, В.В. Крылова. – М.: БЕК, 1994. – С. 234.

Дар сатҳи хеле баландтари иҷтимоӣ ба истилоҳ ҷинояткорони соҳибтаҷриба: муҳосибон, менеҷерҳо, ҳуқуқшиносон ва ғайраҳо қарор доранд. «Вайҳо ба ҳаракатҳои зайл, ба мисли коркарди ғайриқонунии ШИК-ии моҳворавӣ ҷиҳати аз сари нав коркарди кирдорҳои нақшабандигардида, ҷиҳати тарсонидани рақибон, фиреб кардан ва қалбақисозии иттилоъ ва монанди инҳо кирдорҳоро анҷом медиҳанд, ки ҳадафи онҳо муяссаршавии манфиатҳо молиявӣ ё махфи кардани кирдорҳои дигар мебошад»[477]

Ба гурӯҳи сеюм шахсоне дохил мешаванд, ки хусусияти фарққунандаи онҳо *кордонӣ* дар соҳаи технологияи компютерӣ ва барномасозӣ бо фарогирии унсурҳои эҷодкорӣ мебошад. Аз ҷиҳати вазъи иҷтимоӣ онҳо бо ҷинояткорони гурӯҳи дуюм (донишҷӯён, муҳандисон, муҳандисони система ё маъмурони шабака дар бонкҳо, кормандони бахши хидматрасонии интернет, мутахассисони ороишгари рафикӣ дар агентиҳои таблиғотӣ ва ғайра) тақрибан дар як сатҳ қарор дошта, аз ҷиҳати техникӣ ва касбӣ омода мебошанд, дар бораи технологияи компютерӣ ва барномасозӣ дорои донишҳои махсусанд. Онҳо аксар вақт бе мақсади ба даст овардани манфиатҳои молу мулки ҷиноят содир мекунанд. Мақсади онҳо метавонанд роҳандозии ангезаҳои муҳиме чун қасос гирифтан барои таҳқир, майлу шӯхӣ ва ғайра бошанд.

Дар адабиёти илмӣ ва васоити ахбори омма ин гурӯҳро одатан бо истилоҳи «хакерҳо» ифода менамоянд[478].

Яке аз содиркунандагони асосии киберҷиноятҳо «хакерон» ба ҳисоб меравaнд. Хакер (аз калима англисӣ hask гирифта шуда, маънояш бурридан, реза кардан мебошад) намояндагони махсуси киберҷинояткорон буда, фаъолияти онҳо, муҳим аз ҳама, аз ҷониби мақомотҳои дахлдор пешгирӣ, муайян ва рафъ карда мешавад.

Бояд тазакур дод, ки аз ҳама манбаъҳои маъмул оид ба маълумот дар бораи фаъолияти хакерон ин маҷмуаи «Жаргон хакера» ифода мегардад, ки

[477] Ниг.: Щербаков А. Тайный адрес в Интернете / А. Щербаков // Рос. газ. – 16 апр. 1999. – С. 32.
[478] Ниг.: Медведовский И.Д., Семьянов П.В. Хакеры или кракеры / И.Д. Медведовский, П.В. Семьянов // Восточно-Сибирская правда. – 14 нояб. 1998. – №0 (23329). – С. 13.

ҳамасола аз тарафи худи хакерон таҳия ва такмил дода мешава[479]. Хакер – «шахси боғайрати ташхисгари компютер», «мутахассиси ягон барномаи алоҳида» ва «шиканандае, ки барномаи каси дигарро бо мақсадҳои худ истифода мебарад» мебошад[480]. Дар одоби хакерӣ ду принсипи асосӣ ҷой дорад:

Якум, баёни иттилооти озод, яъне дилхоҳ иттилоот бояд озодона паҳн карда шавад ва ҳама ҳуқуқи дастрасӣ ба онро дошта бошанд.

Дуюм, оид ба шикастани барномаҳои дахолдор мебошад, ки гӯё ҷанбаи манфӣ надошта, тавассути он тамоми хакерон бояд бе ягон монеа оид ба иттилооти доштаашон робита намоянд. Фарҳанги хосаи хакерон дар замони муосир дигаргуниҳои муҳимро аз сар гузаронида истодааст. Дар қатори насли нав байни хакерони насли куҳансол дигаргуниҳои хосса ба амал омада истодааст. Қисми зиёде аз хакерони солхӯрда дар марказҳои илмӣ ва лабораторияҳо фаъолияти хакерӣ мебаранд. Қайд намудан зарур аст, ки онҳоро барои ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор ҷалб метавон кард, зеро онҳо метавонанд ба ҷамъият фоида биёранд. Дигар қисми хакерон гузаштаи худро фаромӯш сохта, ба қатори «мутахассисони» соҳаи технологияи компютерӣ мегузаранд. Дар асоси ин гуфтаҳо ба хулосае метавон омад, ки барои худи хакерон ҳамбастагӣ бо компютер, аҳаммияти калон дорад, зеро мақсади асосии фарҳангии хакерон, ин ёфтани роҳҳои ҳамбастагӣ ба иттилооти гуногуни бе маблағ, носозӣ бо давлат ва дарки дурбинии нақшаи технологияи компютерӣ мебошад. Ин ҷараён, гарчанде нисбатан ҷавон мебошад (камтар аз 40 сол), вале анъанаҳои хосса касб кардааст. Он як қишри пешрафтаи ҷомеаро муаррифӣ намуда, худро ба сохти ҷамъиятӣ муқобил мегузоранд, арзишҳои гурӯҳии хосаро пешниҳод мекунанд, ки бо қоидаҳои рафтори омма муқобил мебошанд. Хакерон маъмулан майли зиддиқонунӣ ва зиддиҷамъиятӣ доранд. Онҳо шахсоне мебошанд, ки бе ягон

[479] Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gb.ru/posts/hacker_language (санаи муроҷиат: 14.05.2023).

[480] Ниг.: Давлатзода К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233.

хатари дастгир шудан ва сафед кардани худ истилоҳи «крикерро» истифода мебаранд.

Онҳое, ки принсипҳои «ахлоқи хакерӣ»-ро вайрон мекунанд, *крекер* номида мешаванд. «Мақсади бевоситаи инҳо мустақиман муяссаршавии ғайриқонунӣ ба иттлоъӣ ягон нафари дигарро ҷиҳати тасарруф, тағёир додан татбиқ мегардад. Ҳаракати онҳо вобаста ба ҳадафи муяссаршавӣ ба иттилоъӣ дар ШИК-ии алоқа мавҷудбуда ҷорӣ мегардад. Аз сатҳи навъи амалиёт крекерҳоро ба 3 гурӯҳ ҷудо мекунан: «ҳазлбозон», «вандалҳо» ва «duздони соҳибихтисос»[481].

Намуди **«Ҳазлбозон»** кирдорҳои барои ҷомеа харобиоварро то ҳадде кам анҷом медиҳанд ва мақсади асосии онҳо шуҳрат ёфтан аст, ки ба василаи «хакерӣ» дар низоми кории компютерӣ ва ҷорӣ намудани таъсироти гуногун, ки ҳисси ҳазлу шӯхиро дорост, фаъолият мебаранд. «Ба «ҳазлбозон» ҳамзамон таҳиягаронӣ нармфазорҳои «вирусӣ» бо таъсирбахшии аудиоӣ ворид мегардад. Маъмулан бар зами зиёни маънавӣ онҳо ба истифодабарандагон зиёни барзиёд намерасонанд. Қисми зиёди ин кирдоҳо ё «озмоиши нерӯ»-ро чун ҳаракати оғозшаванда мешавад баррасӣ кард»[482].

**«Вандалҳо»** («харобиоварҳо») бахши майдатар, аммо паҳншудатарин крекерҳо маҳсуд ёфтаанд. Мақсади муҳимми онҳо маълум кардани афзалияти рӯҳии хеш мебошад ва василаи дастрастарин шарафёбгардидан ба ин «хакерӣ» намудан дар низоми компютерӣ нобуд намудани он мебошад. Маъмулан, «харобиоварҳо» дар кофтукоби манфиат нестанд ва онҳо маълумотнок нестанд, ки самараи ҳаракати онҳо сарф кардан ва хавфро ба миён меорад. Бо содир кардани киберҷиноят онҳо эҳсоси худро барои масхара кардани дигарон қонеъ месозанд, инчунин ба эҷодкории дигарон халал эҷод менамоянд[483].

*Дуздони соҳибкасб* аз салоҳияти бузург дар ҷомеаи крекерӣ бархурдор

[481] Медведовский И.Д., Семьянов П.В. Хакеры или кракеры / И.Д. Медведовский, П.В. Семьянов // Восточно-Сибирская правда. – 14 нояб. 1998. – №0 (23329). – С. 13.
[482] Ниг.: Медведовский И.Д., Семьянов П.В. Асари зикршуда. – С. 13-14.
[483] Ниг.: Файтс Ф., Джонстон П., Кратц М. Компьютерный вирус: проблемы и прогноз. – М.: Мир, 1994. – С. 15.

мебошанд. Онҳо бо ҳадафҳои хеле мушаххас (одатан худхоҳона) ба амалҳое чун нусхабардорӣ ё иваз кардани иттилооти дар он ҷой нигоҳ дошташуда, нест кардани он тавассути амали хакерии системаи компютерӣ машғуланд. Ин тоифаро ба се намуд тақсим метавон кард[484].

*«Прагматистҳо» (пиратҳо)* асосан ба нусхабардории (такрор кардани) барномаҳои нав: бозиҳо, пойгоҳи додаҳо, версияҳои электронии нашрияҳои гуногун ва ғайра машғуланд. Агар ба ин амал муваффақ гарданд, онҳо ба маълумот дар бораи амалиёти молиявие, ки тавассути шабакаҳои компютерӣ анҷом дода мешаванд, тағйирот ворид мекунанд, инчунин дар маблағгузориҳои ғайриқонунӣ даст доранд. «Прагматистҳо» метавонанд танҳо ё ба таври гурӯҳӣ амал кунанд.

Навъи дигари «крекер»-и касбӣ ин хаккерони бо ном «ҷосус» мебошанд, ки ҳоло дар баъзе ширкатҳои бузург фаъолият дошта, одатан ҳамчун барномасоз ё мутахассиси амнияти иттилоотӣ сабти ном шудаанд. Вазифаи онҳо ин мебоша, ки ба системаҳои компютерии рақибон барои гирифтани маълумоти ширкати дигар ворид мегарданд. Ин ҷосусони бахши компютерӣ дар соҳаи худ мутахассисони беҳамто мебошанд.

Навъи дигар **кибергангстерҳо** ташкил медиҳанд. Онҳо ҳамеша гурӯҳ-гурӯҳ, баъзан то 10-15 нафар амал мекунанд ва маъмулан бо гурӯҳҳои (ташкилотҳои) муташаккили ҷиноятӣ ҳамкорӣ мекунанд. Кибергангстерҳо ҷиноятҳое содир мекунанд, ки зарари калон ва дигар оқибатҳои вазнинро ба бор меоранд: дуздидани маблағ аз суратҳисобҳои бонкӣ, қатъ ва ё вайрон кардани системаҳои иттилоотии ширкатҳои барояшон «номатлуб» ва ғайра[485].

Дар ин самт дараҷаи баландтаринро онҳое касб намудаанд, ки онҳоро бо истилоҳи *ҷосусони компютерӣ* метавон ном бурд. Онҳо мутахассисони аз ҷиҳати техникӣ ва ташкилӣ хуб омода буда, аз ҳисоби намояндагони

---

[484] Ниг.: Бабаев М. Экспериментаторы, пираты, вредители, шпионы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.netslova.ru/mirza/hackers2.htm (санаи муроҷиат: 01.11.2022).

[485] Ниг.: Какоткин, А. Как русский агент-286 проник в штаб-квартиру НАТО / А. Какоткин // Известия. – 14 окт. 1995. – С. 6.

боистеъдоди гурӯҳи сеюм ба миён омадаанд. Одатан онҳо аз рӯйи фармоишҳои идораҳои гуногуни ҷосусӣ бо маблағи калон кор мекунанд. Мақсади онҳо дар бораи рақибони иқтисодӣ, техникӣ, ҳарбӣ ва ғайра ба даст овардани маълумоти аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст. «Омили ҳаракатҳои онҳо ба тариқи анъанавӣ худбинона мебошад, вале онҳо метавонанд характерӣ сиёсиро  низ пайдо кунанд. Аслияти тарсонидан ба суботи давлат аз тарафи ҷосусони компютерӣ аз он гувоҳи дод, ки дар ШМА нарфазорҳою сахтфазорҳо оиди шахсияти умум «хакерҳои» компютерии муқараргардида ташкил гардидааст. Ин на фақат тамоюли огоҳонидан ва тафтиши кирдоҳои ғайриқонунӣ, сонияш ҷиҳати татбиқи тахмини онҳо ҷиҳати аз кор боз мондани додаҳои ҳарифон зарур аст»[486].

«Алоқамнд ба «зинаи маълумотнокӣ» дар ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ин иттиҳодро мешавад тақсим кард: крапчерҳо – ихтисосмандон дар бораи рафъкунандаи ҳимояи нусхагирӣ аз додаҳо[487] *фрикерҳо* – ихтисосмандони татбиқи бемаблағӣ телефон ва сойири ШИК-ии алоқа; *Кардерҳо* – ихтисосмандон дар бораи ба сохтакориҳо дар соҳаи пардохтҳои молиявию қарздиҳи, ҳамчунон тасарруфи пулҳо бо васила аз онҳо»[488].

«Пажуҳишгарон К. Сагер, Д. Айков ва  У. Форнсторх гурӯҳбандии навбатии ин кирдорҳо анҷом додаанд. Онҳо бахусус, вайҳоро ба 3 қисм тақсим кардаанд: «тасарруфгарон», «таҳдидкунандагон» ва «харобиоварҳо». Зиннаи мазкур бо ҳам айният доранд, тафовути онҳо ба мақсади кирдор далелнок гардидааст. Умуман ҳадафи асосии ин қишри киберҷинояткорон дохил гардидан дохил гардидан ва муяссаршавӣ ба моликият ва зарарраонӣ мебошад»[489].

---

[486] Ниг.: Устинов В.Н. Информационная мощь в стратегии национальной безопасности и проблемы информатизации российского общества / В.Н. Устинов // Стратегические факторы риска для России. – 1996. – №4. – С. 3.

[487] Ниг.: Surgeon B. Хакеры // Компьютерра. – 1996. – №43. – С. 16-19.

[488] Ниг.: Карабин П. Эффективный фрикипг или тайны «телефонных» хакеров (кратко, доступно, просто). – М.: Познават. кн. плюс, 1999. – 192 с.

[489] Ниг.: Айков Д., Сейгер К., Фонсторх У. Компьютерные преступления: Руководство по борьбе с компьютерными преступлениями. – М.: Мир, 1999. – С. 91-94.

Дар маъхазҳои илмии дохилӣ шахсияти киберҷинояткор, ҳамзамон хислатҳои криминологии киберҷинояткорон бо самараҳои пажуҳишҳои берунӣ асос ёфтааст. Маводи амалияи судие, ки мавриди омӯзиши мо қарор гирифт, имкони хулосагириро дар ин самт ба миён овард.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир таснифоти шахсияти кибериноякоронро аз рӯйи ҷинс (зан, мард)-и киберҷиноякор ҷудо намудаанд, ки гӯё дар фазои маҷози муосир фоизи «занон – хакерҳо»[490] афзудааст, вале ин ҳолат ба воқеияти дохилӣ мувофиқат намекунад. Таҳлили таҷрибаи амалӣ ва омӯзиши парвандаҳо вобаста ба киберҷиноятҳо таввасути Раёсати оморӣ Суди олии ҶТ, таҳлили маълумотҳои омории Сармаркази таҳлилӣ-иттилоотии ВКД ҶТ дарак дод, ки аз ҳисоби занҳо, амалишавии киберҷиноятҳо, ба василаи ғайриқонуни муяссаршавӣ ба маълумоти компютерӣ ва ё бадалкунии маълумоти компютерӣ, вайронкории компютерӣ, ҳамзамон эҷодӣ, истифода ва паҳн кардани барномаҳои зараровар, бо мақсади ба даст овардани «даромадан» маъмулан ба қайд гирифта нашудааст. Онҳо бештар бо роҳи ғайриқонунӣ барои муяссаршавии маълумоти компютерӣ кӯшиш намудаанд (дар шакли ба дигар кас ирсол намудани иттилоот). Аз ин рӯ, таҷрибаи амалӣ ин гуфтаҳои моро собит менамоянд. Барои тасдиқи андешаи худ ба таҷрибаи судии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе назар менамоем. Масалан, шаҳрванд «С», санаи таваллудаш 21 августи соли 2002, зодаи шаҳри Душанбе, мил лат тоҷик, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев 33[а], хонаи 8[а], маълумот олии нопурра, муҷаррад, дар суд нашудааст ва ӯ даст ба ҷинояти ғайриқонунӣ барои муяссаргардӣ ба маълумоти компютерӣ задааст.

Чунончи, ӯ дар асоси фармони директори ҶДММ «О» дар шаҳри Душанбе таҳти №15, аз 05 апрели соли 2022, ки ширкати диллерии маркази хизматрасонии ҶСП «И» мебошад, ба ҳайси оператор ба кор қабул карда

[490] Шурухнов Н.Г., Пушкин А.В., Соцков Е.А., Гаврилин Ю.В. Расследование неправомерного доступа к компьютерной информации: науч.-практ. пособие / Под ред. Шурухнова Р.Г. – М.: Щит-М, 1999. – 253 с.; Свиридова Е. Виртуальная Дана въезжает в чужие компьютеры на «троянских конях» / Е. Свиридова // Рос. газ. – 30 нояб. 2001. – С. 15-18.

шудааст. Пас аз ба кор қабул шудан, дар асоси қарордоди меҳнатӣ аз 11.04.2022, инчунин тибқи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» ва қарори Ҳукумати ҶТ таҳти №207-7, аз 30.04.2016 «Дар бораи тартиб ва имконоти васлшавӣ ба шабакаи алоқаи барқӣ ва хизматрасониҳои ба он алоқаманд» оиди махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсии муштариёни ширкати мобилии ҶСП «И», фош накардани онҳо ба шахсони сеюм, ки барои ин ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст, бо гирифтани имзояш расман огоҳонидашудааст.

24 сентябри соли 2022 ҳангоми дар ҷойи кораш, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Н. Муҳаммад, бинои 5, қарор доштан, соати $17^{\underline{13}}$ дақиқа ҳамсинфаш «Д» ба телефони мобилиаш ӯ 93720 ... занг зада, хоҳиш намудааст, ки ба ӯ фавран оиди ба кӣ тааллуқ доштани симкорти ширкати мобилии ҶСП «И» бо рақами 93022 ... маълумот диҳад.

Оператор «С» тавассути василаи мавқеи хизматиаш, бо огоҳи муқобили меъёрҳои қонунгузории ирогардида рафтор карда, бидуни мурочиати расмӣ ва иштироки мизоҷ, ҳамзамон розигии Хадамоти амниятии ҶСП «И», бо истифода аз логини шахсии хизматиаш «Sa.Hu...» ва паролаш «Oper2211» соати $17^{:16:12}$ ғайриқонунӣ вориди махзани ягонаи нигоҳдории маълумотҳои шахсии муштариёни ширкати мобилии ҶСП «И» гардида, варақаи маълумотҳои шахсии муштарии рақами 93022 ...-ро, ки ба «Г» вобастааст, ташкил карда ба василаи камераи телефони мобилиаш иттилоъӣ шахсии вайро, ки дар низом ва манбаъи мошинҳои комютерии ташкилоти алоқавии номбурда маҳфуз нигоҳ дошта мешудаанд, аз монитори компютери хизматияш 3 маротиба дар шаклҳои гуногун аксбардорӣ намуда, онро бо истифода аз барномаи интернетии «Ватсап» ғайриқонунӣ ба шахси сеюм, яъне ба телефони дастии ҳамсинфаш «Д» интиқол намудааст.

Шаҳрванд «Д» дар навбати худ ин маълумотро, ки бо хоҳиши Шарифов М. ба дастоврада буд, ба номбудра тариқи шабакаи иҷтимоии «Вотсапп» равон карда, Шарифов М. ин маълумотҳои ғайриқонунӣ бадастовардаашро

бо ҳамин роҳу восита тибқи хоҳиши шиносаш шаҳрванд Мунавварова М. ба рақами 98745...интиқол намудааст.

Шаҳрванд Мунавварова М. ки бо мақсади муайян намудани шахсияти зане, ки бо шавҳараш «Х» алоқа дошт ва ба ин зан исбот намудани ин ҳолати доштани имконияти дарёфт намудани ӯ ба воситаи барномаи интернетии «Ватсап» ба телефони мобилии шаҳрванд «Г» рақамаш 93022 ..., як адад акси маълумоти зикршударо равон мекунад[491].

Аз натиҷаи омӯзиши парвандаи мазкур маълум мегардад, ки аз ҷониби «С» муқобили қонунгузорӣ муяссаршавӣ ба маълумотӣ комютерӣ ҳуқуқҳои қонунан ҳифзшавандаи шаҳрванд «Г» оид ба махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳои шахсиашро поймол намуда, амнияти иттилоотиро халалдор кардааст.

Воқеан, киберҷиноятҳо аз тарафи шахсоне содир карда мешаванд, ки дониши ҳаматарафаи компютерӣ, маҳорати баланди коркарди иттилоот ва аз дастовардҳои технологӣ бархӯрдоранд. Бо дарназардошти нисбатан «нав» будани киберҷиноятҳо, дар таҷрибаи қонунгузории ватанӣ, илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, шахсияти киберҷинояткорон пурра тавсиф карда нашудааст.

Тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон киберҷинояткор шахсе办 дониста мешавад, ки яке аз ҷиноятҳои дар боби 28 Кодеки ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро дар самти иттилооти компютерӣ содир карда бошад ва бояд қайд намуд, ки муқарароти мазкур номгӯйи киберҷиноятҳоро пурра дар бар намегирад, зеро тавре дар бобҳои алоҳида зикр намудем, киберҷиноятҳо гуногунҷабҳа буда, дар шаклҳои гуногун, ба монанди: қаллобӣ, экстремизм, терроризм ва ғ. содир гардида, дар натиҷа ба чунин шахсҳо додани ин ва ё он намуди ҷазо ғайриимкон мебошад.

Яке аз муваффақиятҳои муҳимми муайян намудани шахсияти киберҷинояткор, хусусиятҳои психологии шахсияти ҷинояткор ташкил медиҳад. Таҳлили адабиётҳои илми нишон дод, ки ҳоло ин усул дар бисёре аз

[491] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №27353/23 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

кишварҳои Ғарб, масалан ИМА, Канада ва Британиёи Кабир истифода мегардад[492]. Муваффақияти истифодабарии усули коркарди тасвири психологӣ дар бештари ҳолатҳо барои таҳқиқ ва ошкор кардани миқдори киберҷинояткорон дар содир намудани киберҷиноятҳо, мақсади содир намудани ҷинояти мазкур ва роҳҳои наздиктарин барои ошкор намудани киберҷиноятҳо заминаи мусоид фароҳам меоварад. Дар кишвари мо таҷрибаи тартибдиҳии тасвири психологии киберҷинояткор қадамҳои аввалини худро бо кумаки муҳаққиқону мутахассисони психолог ба роҳ мондааст, аммо то ҳол таҳқиқи амиқ ва ҳаматарафа барои муайян намудани тасвири психологии киберҷинояткор муайян нагардидааст. Бисёре аз киберҷиноятҳо аз тарафи ҷинояткорони дорои донишҳои махсус дар соҳаи технологияҳои компютеридошта содир карда мешавад.

Коркарди муайян намудани сурати психологии киберҷинояткор дар ҳоле, ки ягон маълумот дар бораи ӯ дастнорас аст, танҳо тавассути қонуниятҳои иникоси хусусиятҳои психологии шахсият дар пайи ҷиноятҳои содиршуда муайян кардан мумкин аст. Он бо усулҳои равонии таҳлили фаъолияти ҷинояткор дар асоси нишонаҳои гузашта ва ҷамъи ҳолатҳои рӯйдоди криминалӣ гузаронида мешавад

Аз ин рӯ, тавсифи криминологии шахсияти киберҷинояткорро метавон аз рӯйи таснифоти зерин таҳлил намуд:

1. Тавсифи иҷтимоии киберҷинояткор;

2. Тавсифи равонии киберҷинояткор

**Тавсифи иҷтимоӣ** – таҳти мафҳуми тавсифи иҷтимоӣ, тамоми хислатҳои шахсӣ, ки ба шаҳрванд ҳамчун узви ҷомеа мансуб аст, ифода мегардад.

Бо дарназардошти ин хусусиятҳо дар тавсифи иҷтимоии киберҷинояткорон бояд чунин омилҳоро ба инобат гирифт:

1. Ҷинс

2. Синну сол

3. Ному насаб

---

[492] Ниг.: Давлатзода К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233.

4. Дарачаи дониш

5. Машғулият

6. Дорои касбу ҳунар ва шароити оилавӣ

7. Дарачаи ичтимоӣ ва таъминоти моддӣ

8. Ҷойи истиқомат ва ҷои гузаронидани вақти холигӣ

Истифода бурдани тавсифи ичтимоӣ дар масъалаи муайянкунии психологии шахсияти киберҷинояткорон имкон фароҳам меорад, ки «муҳити зисти» киберҷинояткорони эҳтимолиро муайян наоем, барои гузаронидани ҷорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ шароити мусоид фароҳам орем.

**Тавсифи равонии киберҷинояткор** – таҳти ин мафҳум дар маҷмуъ ҳамаи хислатҳои фардӣ-равонии киберҷинояткор фаҳмида мешавад. Тавсифи равонӣ имконият медиҳад, ки шахсияти киберҷнояткорон хуб омӯхта шуда, дар баробари ин, натиҷаҳои амалҳои содиркардааш ба пуррагӣ муайян карда шуда, он равия, арзиш, мазмун ва сабабҳо амалҳои ҷиноятӣ, хусусиятҳои ахлоқӣ-равонии шахсият ва ғайраро дар бар гирад. Воқеан, тавсифи равонии шахсияти киберҷинояткорон имкон медиҳад, ки доираи гумонбари ҷинояти содиргардида, ки дар байни онҳо худи ҷинояткор низ вуҷуд дорад, маҳдуд карда шавад ва ё ӯро дар байни муҳити шахсони ҳаммонандаш ҷудо кунанд, ҳолати сababӣ, мақсади ҷиноят ва инчунин усули содиршавии ҷиноятро муайян кунанд.

Тавсифҳои равони ва ичтимоии шахсият қисмҳои асосии сурати равонии киберҷинояткорро ташкил медиҳад.

Зери мафҳуми сурати равонии шахсият, маҷмуи хислатҳои шахсии як нафарро мефаҳманд, ки вобастагии ӯро аз муҳити ичтимоӣ ва хусусияти равонӣ муайян мекунад. Сурати равонии ҷинояткор-ин усули равонӣ-криминалистӣ ва заминаи ёфтани криминалии ҳаркати хатарнок мебошад, ки ба роҳи муайян кардани ҷамъоварии иттилоъ дар бораи нишона ва хислатҳои шахсии субъекти ҷиноят дар вазъи ҷамкунии маълумот ва ҷустӯҷуи кирдор, ки дар он шахсият бо мафҳумҳои хоси равонӣ ва шаҳрвандӣ маҳсуб тавсиф карда мешавад, нигаронида шудааст.

Бояд тазакур дод, ки дараҷаи равонии киберҷинояткорон гуногунҷабҳа мебошад, сурати ягонаи киберҷинояткорро муайян кардан имконнопазир мебошад. Аз ин рӯ, дар таҷриба вайронкунандагони қонунро дар бахши киберҷиноятҳо ба шакли муайян арзёбӣ карда, сурати равонии хоси намояндагони ин гурӯҳро баррасӣ менамоем.

Лозим ба ёдоварист, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ 3 навъи таркиби ҷиноятро дар бахши киберҷиноятҳо муқарар намудааст, ки таввасути онҳо мо метавонем, навъҳои киберҷиноятҳоро мувофиқи «тахассусашон» ҷудо намоем. Таҳлили адабиётҳои соҳавӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба ҷиноятӣ мазкур исбот намуд, ки тавсифномаҳои шахсияти ин шахсон аз рӯйи ҷиноятҳои содирнамудааш вобаста ба боби ҷиноятҳо ба муқобили аминияти иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Масалан, моддаи 298 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро оид ба ғайриқонуни даромадан ба иттилоотӣ компютериро пешбинӣ кардааст. «Вориди ғайриқонунӣ» маънои бо тарзи ғайриқонунӣ ва зидди қонуни, ки қонунгузории ҷиноятӣ манъ кардааст, ба даст овардани иттилоот ва ё кӯшиши шинос шудан ба онро ифода менамояд. Мувофиқи маълумоти оморӣ ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ асосан ин модда аз тарафи киберҷинояткороне, ки «омӯзиши махсус дар соҳаи иттилоотро»-ро гузаштаанд, содир карда мешавад. Барои исботи ин гуфтаҳо ба таҷрибаи амалӣ назар менамоем.

Шаҳрванд «С», санаи таваллудаш 13 марти соли 2004, зодаи н.Варзоб, миллат тоҷик, маълумот миёна, истиқоматкунандаи н.Варзоб, ҷамоати деҳоти Айнӣ, деҳаи Бакавули нав, муҷаррад, қаблан суд нашудааст, дар ҳолати зерин даст ба кирдори ғайриқонунӣ воридшавӣ ба маълумоти компютерӣ задааст.

Чунончи, ӯ 13 июли соли 2022 дар шабакаи иҷтимоии интернетии «YouTube» навори бо номи «бесплатно взлом инстаграмм»-ро пайдо намуда, ин наворро тамошо карда, тарзи ғайриқонунӣ, бо вайрон кардани системаи муҳофизатӣ аккаунтҳои истифодабарандагони шабакаи иҷтимоии

«instagram»-ро омӯхта, сипас баҳри амалӣ намудани қасди кардааш дар телефони мобилиаш, тамғаи «Самсунг Галакси А6+», замимаи махсуси «SurveyMonkey»-ро насб карда, бо истифодаи ин замима пурсишномаи махсус омода сохта, пайванди (ссылка)-и онро тавассути аккаунти сомонаи иҷтимоии «instagram «-и худ бо номи «Ғ_і_г_u_z_13_o3» ба аккаунти дар ин сомона бо номи «Paгvona-03», ки ба шаҳрванд «А» тааллуқ дошт, ирсол мекунад.

Шаҳрванд «А» ки аз ин мақсад огаҳ набуд, ба ин саволнома-пайванди ӯ посух додааст, дар натиҷа маълумотҳо дар бораи номи истифодабаранда ва рамзи махфиаш (логин ва парол) ба барномаи «SurveyMonkey», ки дар телефони мобилии «С»насб буд, ирсол гардид.

Шаҳрванд «С» аз маълумотҳои бадастовардааш истифода намуда, ғайриқонунӣ ба аккаунти Шаҳрванд «А» «Paг...03» даромада, ба иттилоотҳои ин аккаунт дастрасӣ пайдо карда, ба он иттилоотҳо тағйирот ворид намуда, номи истифодабарандаро аз «Paг...-03» ба «ficyifyiicyciyuctcu», рақами телефони мобилии ба он пайваст бударо аз +992 90091... ба +992 91921..., почтаи электронии ба он пайваст бударо аз «hasaho...@gmail.com» ба «Samie...67@gmail.com» иваз кардааст.

Мувофиқи хулосаи мутахассиси Маркази Ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумхурии Тоҷикистон таҳти №19/2240/2022, аз 01.08.2022 бо телефони мобилии тамғаи «Самсунг галакси А6» мансуб ба шаҳрванд «С» ғайриқонунӣ, яъне бо таври фиреб ба телефони мобилии тамғаи Самсунг Галакси С20» мансуб ба шаҳрванд Шаҳрванд «А» ворид шудааст[493].

Ҳамин тариқ, бо ин ҳаракатҳои худ «С» ҷинояти дар моддаи 298 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқараргардидаро анҷом додааст. Аз натиҷаи омӯзиши протоколи пурсиши гумонбаршаванда маълум намудем, ки ҷинояткор «С» мушаххасан чор сол боз бо телефонҳои мобилии пайвандонаш, апаҳояш бозӣ намуда, кинофилмҳо медидааст ва пайваста дар шабакаҳои

[493] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №27914/22 // Бойгонии суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе.

ИТ-ии барқӣ низ воирд мегардидааст, ки дар натиҷа истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва интернетро омӯхтааст, зеро воридшавии ғайриқонунӣ ба иттилооте, ки дар хотираи МЭҲ, ё дар сабткунаки магнитӣ, ё дар дигар намуди сабткунак нигоҳ дошта мешавад, тайёрии махсус ва бо назардошти ривоҷи бошиддати технологияи компютерӣ, тайёрии ҷиддиро дар бахши технологияи компютерӣ талаб менамояд. Маънидодкунандаи он мебошад, ки ҷинояткор аз ҷиҳати техникӣ таҷрибаи бисёр хуб дошта, дорои фаъолияти гуногунҷабҳа мебошад, ки ба ӯ имконияти вориднамудани «калидҳои» лозимаро бо «қулфҳои электронии» гуногун бе ягон монеа муҳаё месозад. Дар бисёре аз ҳолатҳо чунин киберҷинояткорон хатмкардаи ягон донишгоҳҳои техникӣ ва истифодабарандаи доимии МЭҲ мебошанд ва дар байни шахсони муайян фаъолият менамоянд. Синну соли миёнаи онҳо 15-45 сола мебошад (ҳодисаи муайян намудани киберҷинояткорони аз 45-сола боло хело кам дида мешавад).

Бо дарназардошти ин аз рӯйи субъекти содиркунанда шахсияти киберҷиноякорро метавон чунин тавсиф намуд: навомӯз – ҷавонони 15-20; таҷрибадорон – синну соли аз 20 то 25-сола; мутахассис – аз 25 то 45-сола. Бояд қайд намуд, ки ғайриқонунӣ даромадан ба иттилоотеро, ки дар низом ё ШИК-ии барқи, ё дар хотираи онҳо ҳастанд, шахсоне содир менамоянд, ки тайёрии ҳаматарафаи техникӣ доранд ва дар маҷмуъ хусусияти асосии онҳо ин майли «зиддиҳуқуқӣ» ва «зиддиҷамъиятӣ» будан мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки бо компютеризатсиякунонии оммавии давлатӣ нигоҳ накарда, киберҷиноятҳоро на ҳар шахс содир карда метавонад. Таҳлили адабиётҳои криминологӣ нишон дод, ки касби он нафароне, ки ин намуди ҷиноятро содир мекунанд, асосан бо истифода ё ин ки хизматрасонии техникии компютерӣ ва барномарезии онҳоро ба уҳда доранд. Шахсоне, ки бо таҳияи барномаҳои зарарровар машғуланд, дар асл ҳамчун барномарезон, мудирони системавӣ, муттахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ ва ғайра кор ва фаъолият менамоянд. Байни синну соли ҷинояткор ва намуди ҷиноятӣ содиршуда метавонад робита вуҷуд дошта бошад. Агар вирус аз тарафи ҷавони ноболиғ таҳрезӣ шуда бошад, дар ин маврид сабаб ва таъсири он

метавонад зараровар набошад (авбошӣ, худнишондиҳи, азхудкунии система бо ёрии сохтани барномаҳои осон), вале бо мурури замон ин намуди безарарии фаъолият метавонад барои ҷомеа хело зараррасон гардад (мумкин аст, ки ин амал ғаразнок, бо ёрии вирус ё ягон дигар намуди ҷиноят содир карда шавад).

Шавқу завқи шахсияте, ки чунин ҷиноятро содир мекунанд бо компютерӣ шахсӣ вобастагӣ дорад. Онҳо соатҳои зиёд дар компютер вақт мегузаронанд ва саргарми барномарезиҳо гуногун қарор гирифта, маҳорату малакаи худро дигаргун ва сайқал медиҳанд. Киберҷинояткорони калонсол асосан муҷаррад мебошанд ва вақти холигии худро дар сари компютер мегузаронанд. Қисми барзиёди фаъолияти ин навъи киберҷинояткорн ба сайқалдиҳии барномаҳои кухна, иваз намудани қисми техникии кухнашуда ба кисмҳои фелан замонавии компютерҳои шахсӣ сарф мегардад, зеро таҷҳизотҳои компютерӣ доимо иваз шуда, тез фарсуда мегарданд.

Аз ин рӯ, метавон шахсияти киберҷинояткоронеро, ки даст ба сохтани барномаҳои зарарасон мезананд, аз рӯйи тахассус ба ду гурӯҳ ҷудо кард: киберҷинояткоронеро, ки тахассусӣ умумӣ доранд ва киберҷинояткоронеро, ки тахассуси касбиро доро ҳастанд.

Киберҷинояткоронеро, ки тахассуси умумӣ доранд, онҳо малакаҳои кор бо системаи оператсионӣ, кор бо файлҳои гуногунҷабҳа ва ба барномаҳои гуногун кор менамоянд. Сохтани чунин барномаҳо ин як фаъолияти самаранок мебошад, ки дар худ вазифаи пешбинии масъала, муайян намудани муҳити фаъолият ва мақсади ин барнома аст. Ин фаъолият бе донистани алгоритмҳои кории муҳите, ки ин барномаи зарараррасон ба он сафарбар гардидааст, номумкин мебошад. Ӯ бояд бидонад, ки кадом аз намуди иттилоотро бояд барҳам дод, муҳосира кард ва сайқал дод ва ё ин ки барои ба ҳадафи барномавӣ расидан нусхабардорӣ кард ва инчунин дар кадом ҳолат ӯ нигоҳ дошта мешаваду дар асоси кадом принсипҳо фаъолият мекунад. Хусусиятҳои мазкур ба малака, ҷойи кор, макони таҳсил ва шавқу мароми гумонбар вобастагӣ дорад.

Киберҷинояткоронеро, ки тахассуси касбиро доро ҳастанд, услуби хосаи сохтани алгоритмро доро ҳастанд, намудҳои хосаи ҳалли ин ё он масъалаҳоро доранд, ки ин маъмулан ба тарзи содир намудани киберҷиноятҳо ва ё «аломатҳои хоссаи» киберҷинояткорон ишора мекунад.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки вирус метавонад на танҳо як офаридаи назарногир бошад, балки он ҳамчун силлоҳи пурқувват дар дасти «кибертеррористон» ин ва ё он кирдори ба ҷамъияти хавфнокро иҷро намояд.

Тавсифи тасвири шахсии чунин киберҷинояткорон бисёрҳам маҳдуд, яъне синну соли аз 23-сола боло мебошад. Дар маҷмуъ чунин шахсон дар бисёр ҳолатҳо барномасози таҷрибадор буда, дар паҳн кардани барномаҳои зараровар, таҳияи барномаҳои компютерӣ ва ё даровардани тағйирот ба барномаҳои мавҷудбудаи компютерӣ, инчунин таҳияи барномаҳои махсуси вирусдор машғул мебошад.

Аз рӯйи синну сол киберҷинояткоронро метован чунин тасниф кард:

Гурӯҳи аввал 11-21-сола, яъне мактаббачагон ва донишҷӯёне, ки асосҳои информатика ва забонҳои гуногуни барномасозиро аз худ кардаанд ва мехоҳанд қувваи худро бисанҷанду ба худ хулоса ҳосил намоянд. Барномаҳои зараррасонро бо сабабҳои ҳиссиёти авбошӣ эҷод мекунанд. Ин гурӯҳ он қадар хавфнок нест. Истифодабарандагони ин гурӯҳ он қадар донише дар бораи алгоритмҳои амалкарди вирусҳо, системаи амалиёт, сохтори файлӣ, механизмҳои расонидани маълумот байни МЕҲ ва ғайраро надоранд. Дар чунин ҳолатҳо, пайдо кардани ҷинояткоре, ки баъди содир гардидани ҷиноят нишонаҳое баъди худ мегузорад, он қадар мушкилоти зиёде надорад.

Гурӯҳи дуюмро нафарони синну солашон аз 21 то 25-сола ташкил медиҳанд. Шахсони дорои ин синну сол қобилияти худро оид ба барномасози зараррасон ҳаматарафа равнақ медиҳанд. Барои тайёр намудани вирусҳо, ҷинояткорон забонҳои барномасозии сода ва созандаи вирусҳоро истифода мебаранд. Ин гурӯҳ дар бораи кори МЭҲ маълумоти зарурӣ доранд, метавонанд бе ягон мамоният пайи офаридини барномаи зараррасони худро нобуд созанд, ҳангоми муоинаи вирус метавонанд E-mail-и қалбакиро

истифода баранд, ё ин, ки суроғаи номаълум ва бемаблағи электрониро истифода баранд.

Гурӯҳи сеюмро нафарони то 25-сола ва калонтар аз онҳо ташкил дода, онҳо гурӯҳи хавфнок, соҳибтаҷрибан, худхоҳ ва бовиқор ҳастанд, ин гурӯҳ вирусҳои «хатарнок»-ро офарида, ба шабакаҳо паҳн менамоянд. Ин барномаҳои хеле сайқалдодашуда ва мукаммал аз тарафи мутахассисон ва барномасозони боистеъдод, ки дар соҳаи худ малакаи олӣ доранд ва муҳлати тӯлони ҳамчун роҳбарони системавӣ ва ё барномасозони соҳаи иттилоот ва ғайра шуда кор кардаанд, офарида мешаванд.

Дар илми криминология тайи солҳои охир олимони зиёд кӯшишҳои зиёде барои ба тартиб даровардани шахсияти киберҷинояткор ба харҷ додаанд. Хусусияти ҷойдоштаи киберҷинояткор аз назари мо, ягон аҳаммияти амалӣ надорад, зеро таҳлилӣ киберҷиноятҳои аз тарафи мо гузаронидашуда нишон дод, ки робитаи байни намудҳои содиршуда ва намуди зоҳирии ҷинояткор ҳатман якхела нестанд: ҳам таҳияи барномаи зарарровар ва ҳам дохилшавии ғайриқонунӣ метавонад аз тарафи ҷинояткори касбӣ ва «барномашикани» навкор иҷро шавад ва мақсаду мароми онҳо тафовут дорад: яке барои санҷидани худ, дигаре барои ҷамъоварии иттилоот амал менамоянд.

Ҳангоми таҳлили шахсияти ҷинояткор мақоми хеле баланди иҷтимоӣ, тахассуси баланди техникӣ ва майли содир намудани ҷиноятҳои зархаридонаи ӯро ошкор намуда, метавонем қайд намоем, ки ҷомеа бидуни такмил додани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар пешгирии чунин ҷиноятҳо истодагарӣ карда наметавонад. Бо дарназардошти ин, пешниҳод менамоем, ки шахсони дар амнияти компютерии объектҳои аҳаммияти давлатӣ фаъолияткунанда аз тайёрии махсус гузаранд ва барои иҷозати кор имтиҳон супоранд, зеро нокифоя будани тахассус ва хунукназарии чунин ашхос сабаби асосии зарарҳои калони моддӣ мегарданд. Аз таҳлили корҳои илмии ба тасниф ва типологияи киберҷинояткорон бахшидашуда бармеояд, дар айни замон аксари олимон киберҷиноятҳоро аз рӯйи меъёрҳои гуногун

(ангезаҳо, вазъи иҷтимоӣ, хусусиятҳои ҷинсият ва синну сол, психотипҳо ва ғайра) гурӯҳбандӣ намуда, ба муқоисаи ин гурӯҳҳо диққат медиҳанд[494].

[494] Ниг.: Баъзе муаллифон (ба монанди Крылов В.В. Информационные компьютерные преступления. – М.: Городец, 1997. – С. 64; Малыковцев М.М. Уголовная ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – С. 149-150) чунин типпи ҷинояткоронро тасниф мекунанд:

– «Таҳрибкорон дар истифодабарии компютерҳо». Ин гурӯҳро аз сабаби надоштани дараҷаи баланди касбӣ ва ҳадафҳои пешгирифтаашон метавон "хатарнок" ҳисобид;

– «Гурӯҳи сафедпӯшон» – максади ба даст овардани неъматхои моддӣ ва ё пинхон доштани кирдорҳои дигари ҷиноятӣ мебошад. «Ҷосусони компютерӣ», ки иттилооти ҳифзшударо дуздида, ба ҷамъоварии маълумоти аз ҷиҳати стратегӣ муҳими соҳаҳои ҳарбӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо аз номи шахсони сеюм ё фурӯши ин маълумот ба шахсони манфиатдор машғул мебошанд;

– «Хакерҳо» ё «ҷосусони компютерӣ». Ин гурӯҳ мақсадҳои ғаразнок надошта, кирдорҳои ҷинояткоронаи онҳо бо мақсади нишон додани қобилияти касбии худ амалӣ мегардад;

– «Террористони бахши компютерӣ», ки технологияи компютериро барои дастрасии беиҷозат ба шабакаҳои компютерии бахшҳо ва сохторҳои гуногуни давлатӣ ва хусусӣ истифода бурда, барои ба даст овардани қудрат ва расидан ба ҳадафҳои дигари худ аз террору таҳдид истифода мебаранд.

Дигар олимон (Ниг.: Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 159) киберҷинояткоронро тасниф мекунанд ба:

– «хакерҳои бахши иттилоотӣ», ки дуздии иттилоотиро тавассути хакерҳои касбӣ амалӣ менамоянд ва баъдан онро ба рақибони тиҷоратӣ ё дигар шахсони манфиатдор мефурӯшанд;

– «хаккерҳои пуртаҷриба – метахакерҳо» ба фаъолияти хакерҳои касбӣ халал ворид сохта, сипас натиҷаҳои бадастомадаро барои амалӣ гаштани мақсадҳои худ истифода мебаранд;

– «ториксайдерҳо», ки принсипҳои хакерии классикиро рад намуда, ба даст овардани фоидаро дар мадди аввал мегузоранд.

Сеюмиҳо (Ниг.: Осипенко А.Л. Борьба с преступностью в глобальных компьютерных сетях: международный опыт: монография. – М.: Норма, 2004. – С. 166) чунин типологияи ҷинояткоронро пешниҳод менамоянд:

– «Scriptkiddies» – инҳо хакерҳои навкоранд, ки аз шахсони алоҳида иборат буда, асосҳои барномасозиро камтар мефаҳманд ва абзорҳои нармафзори тайёрро бидуни фаҳмидани принсипҳои кори худ барои анҷом додани ҳамлаҳо истифода мебаранд;

– «крекерҳо» – мутахассисон оид ба нест кардани чораҳои амниятии шабакаҳо ё системаҳои компютерӣ бо мақсади истифодаи ғайриқонунии захираҳои онҳо;

– «фрейкерҳо» – шахсоне, ки ба шабакаҳои телефонӣ ва дигар системаҳои мухобиротии бехатарӣ ворид мешаванд;

– «Рамзгузорон» ҷинояткороне мебошанд, ки нармафзорро вайрон мекунанд. Ҳамзамон, «рамзгузор» маълумоти дуздидашударо намефурӯшад, балки онро тавассути сайтҳои махсусгардонидашуда ройгон паҳн мекунад. Бо вуҷуди ин, баъзеҳо барои хакерӣ барномаҳо ва пойгоҳи додаҳо хидматҳои пулакӣ пешниҳод мекунанд;

– Хакерҳои бо истилоҳ «гвардияи куҳна» (oldguardhackers) бештар омодагии баланди касбӣ дошта, ниятҳои мустақими ҷиноятӣ надоранд. Чунин шахсон ба талаботи қонун итоат мекунанд ва тибқи он бештар амал мекунанд. Барои онҳо манфиатҳои дорои хусусиятҳои таҳқиқотӣ муҳим ба шумор меравад.

Чорум (Ниг.: Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 144-150; Маслакова Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – С. 128-130) аз рӯйи ангезаи рафтори ҷиноятӣ ҷудо менамоянд:

– намуди худхоҳонаи киберҷинояткорӣ;

– навъи киберҷинояткорие, ки дар он ангезаҳои худхоҳона бартарӣ дорад;

– Навъи киберҷинояткорон – вайронкорон, яъне онҳое, ки ба иттилоот ва нармафзори компютерӣ зарар ворид месозанд;

– Навъи киберҷинояткорӣ тавассути бозиҳо. Ин навъ барои фурӯ нишондани эҳсосоти шахс амалӣ карда мешавад;

– намуди киберҷинояткорӣ – шахсоне, ки мақсади интиқомгирӣ доранд;

– Навъи киберҷинояткороне, ки гирифтори беморӣи равонӣ мебошанд, яъне бемориҳои мансуб ба иттилоот ё фобияҳои компютерӣ.

Дар асоси такя ба сарчашмаҳои муътамад оид ба паҳлуҳои гуногуни шахсияти киберҷинояткорон (парвандаи ҷиноятӣ, ҳисоботи расмии оморӣ, натиҷаҳои тадқиқоти криминологӣ) чунин шахсонро ба гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо намуд:

**1. Вобаста ба намуди киберҷинояткорӣ ва сатҳи малакаҳои кор бо системаҳои компютерӣ:**

– шахсоне, ки дар ин самт маълумоти олӣ дошта, дар содир намудани киберҷиноятҳо соҳибтаҷриба буда дорои донишҳои махсус ба шумор меравaнд. Мавҷудияти дониши махсус маънои онро дорад, ки чунин ҷинояткор ба қатори хакерҳо (крекерҳо) мансуб аст;

– шахсоне, ки алгоритми тайёри содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хавфнокро доранд, дар бораи ҷузъиёт ва равандҳои дар системаҳои иттилоотӣ фаҳмиши кам дошта, ҷиҳати анҷом додани ҳаракатҳои барои муҳити виртуалӣ «номаълум» (сохтакорӣ, тасарруф, тақсими фоидаҳо) аз низомҳои моҳворавӣ корбарӣ менамоянд;

– нафароне, ки пештар кирдори хатарнок содир намуда, ба сифати киберҷинояткор «ба таври махсус тайёр шудаанд», онҳо фирефтаи имкониятҳои васеи фазои маҷозӣ, инчунин намояндагони ҷиноятҳои муташаккил гардидаанд, ки ин тоифа қодиранд одамони дорои дониши махсусро барои содир намудани ҷиноят муттаҳид намуда, кӯшишҳои асосии худро барои ба даст овардани фоида равона созанд.

**2. Ҳолати пешгирии фаъолияти ҷинояткорона:**

– фаъолияти асосии ҷинояткоронаи худро танҳо дар фазои маҷозӣ амалӣ месозанд. Ҳамзамон, агар он саривақт пешгирӣ карда шавад, рафтори чунин шахсон хатарнок ба таври назаррас зери назорат қарор мегирад;

– дар фазои маҷозӣ ва ҳаёти воқеӣ амалиёти ҷиноятӣ анҷом додан.

**3. Алоқамнд ба василаҳои ҳаркатҳои таарузкорона:**

– шакли тамаъҷӯёна аз тарафи нафароне инкишоф меёбад, ки хоҳиши рушанӣ тасарруфи манофеи моддӣ ва дигар тамоюлҳои мубрамро (ҷоизаҳои варзишӣ ва ғ.) тавассути содир намудани киберҷинояткорӣ доранд;

– навъи зӯроварӣ. Набудани робитаи ҷисмонӣ дар фазои маҷозӣ содир намудани ҷиноятҳо муқобили шахсиятро (таҳдид ба худкушӣ, таҳдиди куштор) бо роҳи таъсири руҳӣ, кибертаъқиб, тарсондан, инчунин даъват ба ҳамлаҳои зӯроварӣ истисно намекунад;

– навъи номуташаккили иҷтимоӣ ё истилоҳи бо ном «бозӣ». Мақсади воқеии киберҷинояткорон хароб намудани муқарароти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, таъсиррасонии ҳадафнок ба ҷамъият ва тамоюлҳои ҷамъиятӣ аст;

– шакли эътироз. Киберҷиноятҳо василаи норозигии иттилоотӣ, заминаи муқовимати сиёсӣ ё идеологӣ;

– шакли худтанзимкунанда. Киберҷинояткоро хоҳонӣ муяссаршавии мақоми зиёлӣ иҷтимоии ғайрирасмиро дар ҷамъияти маҷозӣ доранд;

– шакли беэътиноӣ. Барои ин навъи ҷиноят содир кардани киберҷиноят оқибати манфӣ ё натиҷаи омӯзиши ҷузъҳои нармафзор ва сахтафзори дастгоҳҳои электронӣ ва шабакаҳои онҳо, ҷустуҷӯи «заифӣ» ва роҳҳои бартараф ва ҳифзи онҳо мебошад.

**4. Вобаста ба хусусиятҳои киберҷиноятҳо онҳоро ба гурӯҳҳои зерин метавон ҷудо кард:**

**Навъи шаҳватпарастӣ.** Шакли шаҳватпарастӣ бо анҷом додани кирдорҳо, аз ҷумлаи фарохкунии ғайриқонунии моддаҳо ё предмети порнографӣ бе ҳадафи моливӣ, дучор намудан ба ҳаракатҳои фарогирандаи хислатҳои шаҳвонӣ ва ҳарактҳои бадахлоқона маънидод мегардад. Эҳтимол дорад, ки дар ҷузъе аз вазъиятҳо масубияти кӯдакон мавҷуд буданӣ зӯроварии ҷинсӣ мушоҳида мегардад. Намуди номуътадилии ҷамъиятии асосии он поймол кардани муқарароти ҷамъиятии бо қонунгузорӣ танзимшуда ва таъсиррасонии харобиовар ба ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад.

**Шакли фарогири характерҳои идеологӣ ва сиёсӣ.** Дар замони ҳозира анҷомёбии ҳаракатҳои киберӣ ба як намуди анъанавии норизогӣ ва муқовиматҳои сиёсию идеологи иваз гардидааст. Дар мамлакатҳои ғарбӣ

мафҳуми «хактивист» ҷиҳати тафсири шаклҳои муайянӣ киберҷинояткоре татбиқ мегардад, ки дар заминаи боварии сиёсӣ ё идеологӣ кирдор содир менамоянд.

**Шакли киберҷинояткорӣ аз вазъи мушаххас вобастбуда.** Нафарони анҷомдиҳандаи кирдорҳои барои ҷамъият хатарнок, дар раванди содир намудани чунин ҳаракати ғайриқонунӣ талош менамоянд, ки мавқеи баландтари иҷтимоии номувофиқро соҳиб гарданд. Гарчанде, ки аз рӯйи хислати хеш ҳамчун мақсади содир кардани кирдор далелӣ фардӣ ё таъсиррасонии миёнамӯҳлат ба кори ҷиноятӣ дорад, дар миёни хакерҳо (крекерҳо) имконият доранд характерӣ шавқмандии бисёр дошта бошад.

**Шакли пажуҳишӣ** баҳри нафароне мансуб аст, ки кирдорҳои мушаххас дар соҳаи маҷозиро анҷом медиҳанд. Заминаи шавқмандии онҳо баррасии қисмҳои барномаҳо ва системаҳои моҳворавӣ ва ШИК-ии барқӣ, кофтуковӣ осебпазирӣ, зарурияти татбиқ ва бартараф кардани онҳост. Мақсадҳои ироагардида ҷиҳати наслҳои якуми хакерҳо ҳамзамон баъзе кирдорҳои нав тасниф мегардад, ҳоло онҳо қисман заминаи мақсади фардӣ татбиқ мегарданд. Ҷинояткорон кирдорҳои хешро баҳри бартараф кардани хатогиҳо ва ташаккули ҳимояаи додаҳо ва ШИК-ии барқӣ сафарбар гардидаанд аз ин хотир, ҳаракати онҳо характерӣ молу мулкиро низ дорад.

Бо дарназардошти андешаронихои олимон ва мавқеъгириии онҳо дар ин соҳа[495], мо чунин мешуморем, ки киберҷинояткорон на танҳо аз рӯйи сатҳи тайёрии касбӣ, вазъи иҷтимоӣ, мақсади онҳо, балки аз рӯйи хусусиятҳои ахлоқию психологиашон ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро маҳз муносибати руҳӣ ба ҷиноят шакли гунаҳкорӣ, сабаб ва мақсади кирдори

[495] Ниг.: Лопатина Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности: дис. … д-ра юрид. наук. – Москва, 2006. – С. 144-150; Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. ... канд. юрид. наук. – Владивосток, 2005. – С. 112; Маслакова Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. – Орел, 2008. – С. 128-130; Исмаилова М.М. Особенности психологических установок компьютерных преступников / М.М. Исмаилова // Системные технологии. – 2014. – №1 (10). – С. 66-68; Косенков А.Н., Черный Г.А. Общая характеристика психологии киберпреступника / А.Н. Косенков, Г.А. Черный // Криминологический журнал БГУЭП. – 2012. – №3 (21). – С. 87-94.

барои ҷамъият хавфнокро муайян мекунад. Дар асоси ин гуфтаҳо се намуди киберҷинояткоронро дар ин самт метавон ҷудо кард:

Навъи якумро ба таври шартӣ шахсони «аз ҷиҳати иҷтимоӣ номувофиқ» меномем, зеро он шахсонеро мегирад, ки дорои нишонаҳои интроверсия мебошанд, яъне дур шудан аз дигарон, таваҷҷуҳи манфиатҳо танҳо ба қонеъ кардани ниёзҳои худ, асосан иттилоотӣ, хоси онҳост. Ин омил аксаран дар натиҷаи вайрон шудани робитаҳои иҷтимоӣ ва набудани муошировати муқаррарӣ ба вуҷуд меояд. Барои ин ҷинояткорон муошировати иттилоотӣ ва содир намудани ҷиноят ҳамчун бартараф намудани носозгорӣ тавсиф мешавад. Ба ин гурӯҳи киберҷинояткорон бо дарназардошти таснифоти зикршуда мо метавонем «барномасозони савдоӣ» ва дигар ҷинояткорони безиёнро дохил кунем. Барои онҳо хеле муҳим аст, ки худро узви ҷомеаи хакерӣ ҳисоб кунанд, шиносоӣ бо аъзои гурӯҳҳои хурд барояшон мусоид аст. Ҳамин тариқ, онҳо бо ин роҳ мехоҳанд, ки бегонагии иҷтимоии худро бартараф созанд, мавқеи худро эҳсос кунанд ва инчунин фазои эътимод ва якдигарфаҳмиро бо дигарон пайдо кунанд. Барои бартараф кардани нороҳатии равонии худ онҳо ба осонӣ ба таъсири манфии беруна дода мешаванд ва тарзи ҳаёти ғайриқонуниро қабул мекунанд. Аз ин рӯ, онҳоро гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ба осонӣ ба ҷинояткорӣ ҷалб менамоянд ва ин тоифа аз мақсади асосии ҷинояткорон огоҳӣ надоранд.

**Навъи дуюмро ба таври шартӣ метавон гурӯҳи дорои «эҳсоси баланд»** ном бурд, ки он фарогири шахсони барои қонеъ кардани манфиатҳо ва ниёзҳои шахсии худ дар содир кардани киберҷиноятҳо дастдошта ҷалбшуда мебошад. Ин тоифа ба манфиати шахсии худ бештар рағбат доранд ин намуди ҷинояткорон бо мақсадҳои ғаразнок бо мақсади қонеъ гардондани эҳтиёҷоти моддиву маънавии худ ҷиноят содир мекунанд. Баръакси ҷинояткорони навъи якум, инҳо шахсоне мебошанд, ки қобилияти роҳбарӣ ва сатҳи баланди зеҳнӣ доранд, ба худ бовар дошта, барои расидан ба ҳадафҳои хеш аз тамоми нерӯйи ақлонӣ истифода менамоянд. Ин амали онҳо, ки бо ҳама

роҳ мехоҳанд ба ҳадафҳои хеш расанд, дар вуҷуди онҳо нафратро нисбат ба дигарон ба миён меорад. Онҳо ба дастовардҳои бузург барои қонеъ кардани ниёзҳо ва орзуҳои худ ниёз доранд, майли худхоҳӣ дар вуҷуди онҳо хеле барвақт, дар наврасӣ инкишоф меёбад. Хусусияти хоси онҳо ин бо касе, ҳатто ба хешу табор ва наздикон, дилбастагӣ надоштан, эҳсоси кинаву адоват, беэътиноӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебошад. Аксарияти одамоне, ки киберҷиноятҳоро содир мекунанд, ба ин тоифаи ҷинояткорон мансубанд (бо дарназардошти таснифоти мавҷуда – инҳо «вируссозон», «кардерҳо», «фримерҳо», «майнерон ва ғайра).

**Навъи сеюмро ашхоси «аз ҷиҳати иҷтимоӣ ғайримаъмул»** ташкил дода, ҳиссаи онҳо дар шумораи умумии киберҷинояткорӣ ба куллӣ фарқ дорад, ин тоифа асосан ҷавонони дорои маълумоти олӣ, сатҳи баланди интеллектуалӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ таъмин мебошанд. Мақсадҳои ғаразнок ва қонеъ гардондани манфиатҳои моддӣ барои онҳо ягон нақш намебозанд, қонеъ гардондани дигар эҳтиёҷоти ғайримоддӣ барояшон басо муҳим мебошад. Дар ин замина фаъолияти онҳо ба аҳли ҷомеа хавф эҷод намуда, меъёрҳои муқарраршудаи ҳуқуқӣ (иҷтимоӣ) аз ҷониби ин гурӯҳ вайрон карда мешавад. Ҳолати руҳии онҳо ҳамеша ташвишовар буда, дар муҳити тарсу ҳарос ҳайёт мебаранд. Ба ин шахсон ангезаҳои сиёсӣ, авбошӣ ё ҷустуҷӯйи хос мебошанд. Мо метавонем онҳоро бо дарназардошти таснифоти дар боло зикршуда ба ин гурӯҳҳо: «ҷосусони компютерӣ», «вандалҳо», «хакерҳо» ва ғайра ҷудо намоем.

### 5.3. Таҳлил, огоҳонидан ва пешгирии киберҷинояткорӣ

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар даврони муосири ташаккули муносибатҳои нави бозорӣ умр ба сар мебаранд, танзими рушди ҷомеаи демократӣ вобаста ба пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ буда, дар ин самт мубориза бо киберҷиноятҳо ва махсусан ба муқовимат ба эҷод коркард ва фарох намудани нармфазорҳои зараррасон, ҳалаҳои DoS, кибертаъқиб ва мактубҳои фишингӣ аҳаммияти

аввалиндарачаро касб менамояд. Аҳаммияти мушкилоти киберҷиноятро асосан дар ду ҳолат муайян мекунанд.

Якум, афзоиши босуръати таҳия, татбиқ ва истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ. Татбиқшавии фаррохи пайвастаи ШИК-ии электрони муосир ҷиҳати муяссаргардидан ба мақсадҳои ғайриқонунӣ ва ташаккули ТИК-ии инноватсионӣ, бахусус ШИК-ии барқӣ дар ҳудуди ҷиноятӣ.

Дар шароити муосир на танҳо технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, балки соҳаи киберҷинояткорӣ низ босуръат рушд мекунанд. Таҳдидҳо ба захираҳои иттилоотӣ пайваста афзоиш ва инкишоф меёбанд. Дар ин ҷода як қатор омилҳо бояд назорат ва танзим карда шаванд: дастрасии ғайриқонунӣ ба иттилооти ҳифзшаванда; тағйир додани маълумоти шахсони соҳибкор бо мақсадҳои гуногун (ёрӣ ба рақибон, мақсадҳои ҷиноятӣ); нобуд кардани маълумот ё вайрон кардани (дуздии) воситаҳои ахбори омма.

Киберҷиноятҳо дар шароити рушди ТИК диқати махсусро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кардаанд, ки ҷиҳати мақсаднок тақиқи кирдорҳои содиршуда муҳиммияти мутобиқсозии қонунгузории дохилӣ ва омода намуданичораҳои мансубдори ҷобаҷогузорикунанда дар миқёси хориҷа зарурият аст. Бар замми ин, ҷиҳати таҳияи фоидаоварии мушаххасоти байналмилаӣ дар муқовимат бо ин шакли кирдорҳо дар мамлакатҳои пешрафта ва дар шароити ташаккул қарордошта ҷиҳати ин қуқвваи аслии моддию техникӣ зарур аст. Махсусан, анҷом додани як зумра киберҷиноятҳо, сохтакории маҷозӣ аз ҷумла «фишинг», «спуфинг», на фақат аз мавҷуд набудани ҳифзи техникӣ, замзамон аз хабардор намудани ҷабрдидагон ба вуқуъ мепайвандад.

Институти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳифзи маълумотро ба василаи таҳдиди ҷазо боздоранд, чунки қонуни ҷиноятӣ фақат ба огоҳонидани кирдор маҳдуд нагашта, балки ба татбиқи ҷазо барои кирдори содиргардида сафарбар мешавад.

Яке аз чораҳои асосие, ки ҷиҳати муқовимати муаасир бо киберҷиноятҳо эътироф гардидааст ин, огоҳонидан ва пешгирии ҷинояткорӣ мебошад, аз ин хотир мувофиқи мақсад аст, ки чунин талошҳо мавриди омӯзиш қарор гирад. Ин чораҷӯиҳо мешавад, ки  аз ҳалли технологӣ (ба мисли пайваст намудани василаҳои махсуси ҳимоявӣ ҷиҳати огоҳонидани муяссаршавии ғайриқонунӣ ба низоми додаҳо ё нармфазорҳои зиддивирусӣ ҷиҳати аз пайвасткунии барномаҳои зараррасон) то маҳдудкунии муяссаршавӣ ба дохилшавии ғайриқонунии ба ШИК-ии барқи ифода мегардад. Дар ҳол наандешидани тадбирҳои зарурӣ сабаби ташаккули киберҷинояткорӣ гашта, баррасии ин тамоюл хеле мубрам ба мушоҳида мерасад. Тамоюли мазкур ба он раванд вобастааст, ки корхонаю муассисаҳо бо ҳадафҳои огоҳии кам кардани боварӣ ба хизматрасониҳои мустақим, бавуҷудоии хавфи барзиёди киберӣ, ки шаҳрвандон ба он рӯ ба рӯ мегарданд ва ё мушкилиро ба бор меоварад, пайваста тадбирҳо намеандешанд. Дар шароити нави ҳозира ШИК-ии барқӣ ба тағйироти ҷиддиро пеш оварда, ҳифзи техникии маълумот барои қисми барзиёдӣ мамлакатҳо ба вазифаҳои аввалиндараҷа мубадал гардидааст. Ин дар банақшагирии маълумотӣ ё ҳифзи маҷозӣ, ки кишварҳо ҷиҳати таъмини ҳимояи объекти махсуси мааълумотдиҳии мамлакат пазироӣ мекунанд, мушоҳида мегардад. Ин тамоюлҳо ҳамзамон барои кишварҳо вазифаҳоеро пайдо мекунад, ки онҳо шаҳравандонро ба василаи он аз киберҷинояткорӣ ҳимоя менамоянд ва онҳоро ҷиҳати содир намудани ҳамингуна кирдоҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мекашанд.

Вале дар ҳудуди тадбирҳо муқовимати муассир бо киберҷинояткорӣ ҷойи қонунгузории мурофиавӣ мустаҳкам арзёби мегардад, ки он тадбирҳои андешидаи мақомоти қудратӣ ва татбиқи асосҳои ба вуҷудомадаро дар раванди мурофиаи ҷиноятӣ низомнок менамояд. Қисми зиёде аз мамлакатҳои тараққикарда аллакай ҷиҳати мувофиқ намудани қонунгузории хеш ба меъёрҳои Конвенсияи Будапешт, қоидаҳои Иттиҳоди Аврупо дар боари таъмини ҳимояи ноболиғон аз зӯроварии ҷинсӣ, ҳимояи иттилоъ ва мубориза бо қонунигардонии фоидаҳо аз кирдорҳои барои ҷомеа хатарнок тадбирҳои

мувофиқро андешидаанд. Ҳамчунон, ташаккул ва зиёд кардани натиҷанокии қонунгузории дохилӣ, ки ба ҷамъи арҷгузорӣ ба ҳуқуқи инсон воқеан мувофиқи мақсад буда, бояд ба он имконияти стратегӣ дода шавад.

Як замина махсуси ташаккули қонунгузорӣ дар шароити рушди ТИК-ии элетронӣ ва ШИК-ии барқӣ, ба низом даровардани асосҳои роҳбарикунанда ва намуду методҳои замонавии мубоизаи стратегӣ ба киберҷиноятҳо бо ҳадафи таъмини вокуниши мувофиқ ба ин гуна падида як нуқтаи махсуси генезисӣ қонунгузорӣ аст. Таркиби далелнокӣ ин мубориза, ки дар заминаи нармфазоҳои мушаххас ва роҳандозии нақшаҳои муайян иҷро мегардад, бояд тадбирҳои мушаххаси огоҳикунанда, муқарароти қонунгузорӣ, мавҷудбудани низомҳои сохторҳои қудратӣ, системаи ҳамкории миёни мақомотҳо, тайёр кардани фаъолияткунандагони мақомотҳои қудратию судӣ ҷиҳати бартараф кардани проблемаҳои мавҷудбуда дар ин соҳа дар бар мегирад.

Паҳлӯи махсусӣ огоҳонии киберҷиноятҳо метавонад баррасии пайвастаи натиҷанокии амалишавии қонунгузорӣ дар ин самт бошад. Дар таҷриба амалишавии қонунгузориро, ба инобат гирифтани шумораи қисми кирдорҳо, парвандаҳое, ки ба суд дохил гардидаан, ҳамзамон парвандаҳое, ки аз рӯйи онҳо қарор ё ҳукм ироагардидааст, дар ин ҷода мубрам арзёби гардида, онҳо бояд дар намуди муқарарӣ татбиқ шаванд. Маҳз ба ин хотир, мубрамии таъмини иҷрои уҳдадориҳои асосии мақомоти қудрати ба меъёри на фақат қонунгузории дохилӣ, сонияи байналхалқӣ низ ба вуҷуд меояд. Дар ин сурати назорати судӣ аз болои иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба дахолат, ҳамзамон эҳтироми пайвастаи асосҳои роҳбарикунандаи асосӣ ва дорои таносуб дар тамоюли кории мақомоти қудрати айён мегардад.

Инчунин, кирдорҳое, ки ба генезисӣ қонунгузории дохилӣ дар самти ҳимояи маълумот аз ҳуҷумҳои маҷозӣ равона гардидааст, таҳияии мувофиқати ӯ ба асосҳои роҳбарикунандаи ҳуқуқии байналмилалии фаолбуда дар ин самтро талаб менамояд.

Ба ин хотир, муқарароти қонунгузории мурофиавӣ бояд дар оянда таҷидид гардида, мақсади онҳо таъминамоии дараҷаи мувофиқи ҳимояи асосҳои электронӣ аз тарафи мақомоти тафтишӣ арзёбӣ мегардад. Чораандешиҳо дар бораи амалинамоии чунин шароитҳо санадҳои хусусӣ ифода меёбад, ки шарти онҳо бо мубрамияти эҷодӣ шарҳои муяассаршавӣ ба иттилоъӣ алоқамандбуда, он метавонад ба ивазшавии қонунгузорӣ дар соҳаи тартиби анҷомдиҳии тафтишию-молиявӣ ҳабси моликият ба василаи кирдор дастрасгардида, аз ҷумла маблағгузории амалҳоитеррористӣ дар муҳити виртуалӣ таъсир расонад.

Мавҷудияти ин кирдорҳои барои ҷоме хатарнок ва як асосҳои техникии мушоҳида гардида чораандешии мушаххаси мақомотҳои қудратиро дархост менамояд. Ҳолати мазкур ба характерӣ асосҳои техникӣ ва аҳамияти он дар ҳалли ин кирдорҳо алоқаманд мебошад. Ҳамзамон, бо асосҳои баъзан мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтани асосҳои техникӣ ва амалишавии он дар соҳаи баррасишаванда асоси таҳқиқи мушаххасро барои кормандони мақомоти қудрати ҷиҳати бозёфти, пажуҳиш ва татбиқи муваффақиятҳои амалӣ дар тафтиш ба миён меоварад. Бо ба инобатгирии шиддатнокии ҳуҷумҳои киберӣ коркарди чунин малакаҳо бояд дар фурсати кӯтоҳтарин хотима ёбад.

Ба мақсад мувофиқу зарур аст, ки субъектони масъули таъмини амнияти киберӣ аз ҳуҷумҳои харобиовар бояд пайваста қобилияти хешро ҷиҳати омӯзиш ва таҳқиқи киберҷинояткорон, ҳамзамон истифодабарии асосҳои рақамӣ дар алоқамандӣ ба ин навъи кирдорҳо пайваста инкишоф диҳанд. Қисми зиёди мамлакатҳо бояд низомҳои мушаххасӣ монанди мақомоти қудраи ташкил намоянд ё субъектони мубориза бар зидди киберҷиноятро рушд диҳанд, ки онро дар зиннаи мушаххас метавон ташкил кард.

Инчунин, ба намуди тадбирҳои амалӣ ширкати кормандони мақомоти прокуратура ва ё гурӯҳҳои мушаххаси прокурорҳоро метавон сафарбар намуд, ки вазифаи онҳо омоданамоии пешниҳодҳо ё кумакрасонӣ дар омӯзиши парвандаҳои мансуб ба комиссия дар вазъияте, ки асосҳои махсуси

моҳворавӣ вуҷуд доранд, ифода мегардад. Хуллас, инкишофдиҳии пайвастаи сохтроҳои субъектони муборизабаранда бо киберҷиноятҳо бояд яке аз бартариятҳои стратегии мақомоти қудрати гардад.

Дар ин замина сухан оиди бахшҳои муайяни огоҳонии криминологии киберҷиноятҳо равад, пас имконияти ташаккули пайвастаи қонунгузорӣ ва ҷорӣ шаклҳои чораҳои ҳимояи ноболиғон аз ҳамаи зӯроварии ҷинсӣ дар ШИК-ии электронӣ бояд иброз гардад. «Ба ин нигоҳ накарда қисми зиёди меъёрҳои Конвенсияи Лансаротӣ дар қонунгузории дохилии мамлакатҳо пешбини гардидаанд, ҳоло ҳам имконияти ҳалли муқарароти масоилҳое чун «назоратнамоии порнографияи ноболиғон», «муяссаршавии барқасдона» дар ин соҳа ба миён омадааст»[496].

Бисёри ҳолатҳо киберҷинояткорӣ ҷиҳати муяссаршавӣ ба моликият ба василаҳои гуногуни фиреб ё сохтакорӣ, тасарруф ва дигар навъҳои ҳаракатҳои барои ҷомеа хатарнок равона гардидааст. Ба ин хотир, таҳқиқи ин шакли кирдор, бахусус ошкор ва мусодираи пулҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, ҳамзамон тадбирандешиҳои огоҳикунандаи қонунигардонии фоидаҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва сохтакорӣ ШИК-барқӣ характери молияви иқтисодро ба худ касб кардааст, он ҳамчун василаи барҳамдиҳии чунин проблемаҳо, муомилоти ғайриқонунии дороиҳои молиявӣ татбиқ мегардад. «Ҳамзамон, дар сурати анҷомдиҳии кофтуков, мусодира, ки ба василаи содир кардани кирдори барои ҷомеа хатарнок муяассар гардидаанд, муқарраротИ Конвенсияи Будапешт дар бораи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо ва Конвенсияи дар бораи қонунигардонии фоидаҳои ба василаи содир кардани ҷиноят бадастоварда дар бораи маблағгузории терроризм (CETS 198) ва тавсияҳои

---

[496] Конвенция Совета Европы о защите детей от сексуальной эксплуатации и сексуального насилия. Принята 25 октября 2007 г. на о-ве Лансароте [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.coe.int/ru/web/impact-convention-human-rights/council-of-europe-convention-on-the-protection-of-children-against-sexual-exploitation-and-sexual-abuse# (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

мувофиқанамудаи Агентии молиявӣ Гурӯҳи кории сӯиистифода (FATF) бояд ба инобат гирифта шавад»[497].

Бо ба инобат гирифтани хислатҳои мазкур, чораандешиҳои дорои характерӣ огоҳикунанда, ки дар заминаи таҳқиқи киберҷинояткорӣ анҷом меёбад, аҳаммияти мубрамро сазовор аст. Фоидаоварии он бисёртар ба зарурати паҳн гардидании ҳамкориҳои мутақобилан судманди миёниидоравӣ миёни субъектони муқовиматкунанда, ки уҳдадории тафтиши киберҷиноятҳо ва мақомоти таалуқдор ба «тафтишоти молиявӣ»-ро дар бар гирифта, алоқаманд аст. Ҳадафнок татбиқи чунин намудҳо, ба мисли таълими пурра ва такмили ихтисоси кормандон яке аз василаҳои ҷоннок намудан ва якҷо кардани чунин муносибатҳо арзёбӣ мегардад.

Шакли нави натиҷадиҳандаи фаъолият бояд ҳамкории субъектони мубориза баранда ва провайдерҳои хизматрасониҳои ШИК-ии электронӣ тавсе бахшида шавад. Амалишавии ҳамкориҳои мутақобила дар ин ҷода дар сатҳи минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ шароит фароҳам меоварад, ки системаи ҳаматарафаи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо дар заминаҳои назоратнамоии ШИК-ии интернет ва истифодабарандагони он таъсис дода шавад. Бисёр вақтҳо тафтиши ба мавриди киберҷиноятҳо мавҷуд будани мустақими провайдерҳои хизматрасониҳои ШИК-ии электрониро тақозо менамояд. Илова бар ин, чунин амалкардҳо бояд миёни субъектони мубориза баранда ба ин кирдор ва созмонҳои провайдерӣ тафовут гузошта, ҳамзамон ҳуқуқи истифодабарандагонӣ ШИК-ии электронӣ ба дахлнопазирӣ ба назар гирифта шаванд. Мавҷудияти чунин ҳолат, ташаккули ҳамкориҳои мутақобилан судманди мақомоти қудратиро ва провайдерҳои хизматрасониҳои ШИК-ии электронӣ, ҳамгироии мутақобилаи маълумот миёни воҳидҳои давлатӣ ва қисми хусусӣ ба як эҳтиёҷӣ таъҷилии мубориза бо кибетҷиноятҳо мубадал мегардонад.

[497] Конвенция Совета Европы об отмывании, выявлении, изъятии и конфискации доходов от преступной деятельности и о финансировании терроризма. Принята 16 мая 2005 г. // Собрание законодательства РФ. – 2018. – №8. – Ст. 1091.

Заминаи чунин пайвандиҳо ва василаи мубориза бар зидди киберҷиноятҳо метавонад як заминаи маҷозӣ ифода ёбад, ки мақсади он ирсоли иттилоъ аз тарафи шаҳрвандон оиди шароити бамавриди хавфнокӣ сохтакорӣ ва тасарруф ба василаи ШИК-ии электронӣ ва дар маҷмуъ оиди киберҷиноятҳо мебошад. Намуди муқаррарии ирсоли иттилоъ шароит фароҳам меоварад, ки аз ин иттилоъ на фақат шаҳрвандон, баъдан субъектони муборизабаранда низ татбиқ намоянд. Пажуҳиши тамоюлҳои ҷиноятӣ ва намудҳои кибетҷиноятҳо метавонад ба тадбирҳои муассир аз тарафи субъектони муборизабаранда, прокурорҳо, ҳамзамон низоми судӣ дар муқарар намудани асосҳои киберҷиноятҳо, ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ва тасарруфи ҳама намуди пулҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада мусоидат намояд.

Нақши пешгирикунандаи чунин платформа низ муҳим аст. Аз ҷиҳати амалӣ он метавонад шаҳрвандонро огоҳ созад ва омӯзонад, онҳоро аз таҳдидҳои киберӣ огоҳ кунад, дар бораи чораҳои андешидашуда маълумот ва тавсияҳо диҳад. Таҳияи чунин моделҳо дар сатҳи дохилию байналмилалӣ бо ҳамгироии баъдинаи онҳо биқи муқарарот аст.

Намуди махсуси мубодилаи маълумоти мушаххас миёни мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои шахсӣ метавонад созмондиҳии форуми эътимод бошад. Характери далелнокии он дар ин ҳолат бояд диққат ба самти иқтисодӣ ва масоили ҳимояи фазои иқтисодӣ аз шуҷумҳои киберӣ бошад. Зинаи дохилӣ ҳамиҷрокунандагони пешбари бозори иқтисодӣ, ҳамзамон провайдерҳои хизматрасониҳои ШИК-ии электронӣ, субъектони муборизабаранда ба киберҷиноятҳо ва монанди инҳо метавонанд ба ин шакли форум муяссаргардиро доро бошанд. Уҳдадориҳои далелноки чунин форум муқарар кардани таҳдидҳои фазои маҷозӣ, равандҳои асосии амнияти иттилоотӣ, эҷоди нармфазорҳои мувофиқ ва василаи ҳалли ҳимояи самти иқтисодӣ аз киберҷиноятҳо ироа мегардад.

Қисми зиёде аз низомҳои самти хусусӣ маълумоти бисёреро доро ҳастанд, ин далел моҳияту муҳтавои ҳодисаҳои алоқаманд ба амнияти кибериро равшан менамояд. Табодули чунин иттилоъ метавонад ба густариши амнияти иттилоъ дар объектҳои махсус ва мониторинги ҳаракатҳои киберҷинояткорон ёрӣ расонад. Муҳим мебоша, ки базаи меъёрию ҳуқуқие, ки ба низоми давлатӣ ва шахси табодули маълкмоти даркориро фароҳам оварад, ҳамзамон метавонад ҷиҳати эҷодӣ пешниҳодҳои методӣ дар бораи тариқи таъмини ин тамоюл дар қисми давлат ва берун аз он, дастурамалӣ дорои хислатҳои мурофиавӣ, техникӣ, ҳуқуқӣ ва таъминкунандаи ҳимоя иттилоъ шароит фароҳам оварад.

Ҳолати ирогардида тақозо дорад, ки вуҷуд доштани нармфазорҳои бгуногунро ба инобат бояд гирифт, ки он шароити муайяннамоии сайтҳои сохтакоришударо ба таври автоматӣ фароҳам меорад, вале нармфазорҳои мушаххас ҷиҳати муайян намудани комплексӣ пурраи манбаъҳои шубҳанок то ба ҳол эҷод нагардидааст. Бо ба инобат гирифтани ташаккули пайвастаи василаҳои ҳимоявии техникӣ чунин намуди нармфазор, мутаассифона, ҳоло имконияти тағйир додани тамоюлҳои дигарро надорад.

Дар суртаи якҷоя амалкарди қувваҳо ҷиҳати мубориза бар зидди қонунигардонии фоидаҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва гузаронидани таҳқиқҳои иқтисодӣ бо ба иноат гирифтани пажуҳиши кирдорҳо дар самти техникаи маҷозӣ ва экспертизаи судӣ дар ин соҳа аз мавҷудияти шароитҳои мавҷудаи густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ гувоҳи медиҳад.

Ҷанбаи дигари ҷолиб ин шароитнокии чунин муқарраротҳо дар самти адолати судии ҷиноятӣ тавсиф меёбад. Ин тамоюл амалишавии нуқтаҳои муҳимми м.м. 23-35 Конвенсияи Будапештро, ки ҳамкории миёни низоми судӣ ва субъектони муборизабарандаро дар тадбирҳои қонунгузорӣ далелнок менамояд, мадди назар мегирад.

Инчунин, дар зиннаи ҷумҳуриявӣ масоили муҳимми фаъолияти мақомоти қудрати ин инкишофи шароитҳои мувофиқе мебошанд, ки муяссаршавии ин сохторро ба иттилоъе, ки аз тарафи провайдерҳои

хизматрасонии ШИК-ии электронӣ ва дигар созмонҳои самти шахсӣ ҷалбшуда ҳимоя гардидаан, муайян мекунанд.

Мавҷуд будани таҷрибаи мушаххасӣ қонунгузорие, ки ба муқарароти санадҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯйянд, ҳаммакнун метавонад эҳтироми муқарароти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва волоияти қонунро ҷори намояд[498].

Генезиси пайвастаи татбиқи ШИК-ии электронии киберӣ дар муносибаатҳои нав дар назди субъектони муборизабаранда бо ташаккули киберҷиноятҳо, ҳамзамон зиёд намудани, малака, саводнокӣ ва маҳорат дар соҳаи пажуҳиши киберҷинояткорӣ ва сохти далелҳои маъзаниро бояд муайян кунанд. Дар амалия дараҷаи касбияти кормандони сохторҳои қудратӣ дар ин соҳа ниёз ба такмил дошта, мо бояд аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта ҳамеша истифода намоем.

Бо ин мақсад, тамоюли эҷод ва амлишавии ҳадафҳои тайёрнамоии кормандони сохторҳои қудраӣ, ки мақсади он таъмини сатҳи дахлдори ихтисос ва ваколатҳои онҳо ҷиҳати тафтиши ин намуди кирдорҳо, аз ҷумлаи киберҷиноятҳо, мебошад, мубрам буда, амалишавии таҳқиқи криминалистӣ вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ва ёрӣ ба шуъбаҳои дигар дар таъмини амнияти иттилоотӣ нақши мубрам дар ин соҳа ба ҳисоб меравад.

Бо ба инобатгирии қисми барзиёди пайвастагии қишри аҳолии ҷамъият аз ШИК-ии электронӣ, низоми маълумотдиҳӣ ва телекоммуникатсионӣ, диққати бештари давлат ба ин самт, махсусан дар замоне, ки ҳамавақта ташаккули ҳудуди корбарони ТИК-ии электронӣ дар содир кардани киберҷиноятҳо ба назар мерасад, ҳама вақт натиҷа хоҳад дод[499].

---

[498] Стратегические приоритеты сотрудничества в области противодействия киберпреступности в странах Восточного партнерства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rm.coe.int/1680300ad3 (санаи муроҷиат: 23.04.2021). Дар ин самт кишварҳои дунё бояд ба татбиқи муқаррарот, бахусус Конвенсияи Будапешт, дар бораи тартиби фаврии таъмини бехатарии маълумот (моддаҳои 16, 17, 29, 30) дар асоси натиҷаҳои арзёбии маълумот аз ҷониби Кумитаи ин Конвенсия оид ба киберҷиноят мусоидат намоянд

[499] Мавҷудияти теъдоди кофии мутахассисони соҳибтахассус, ки қодиранд дар сатҳи баланд ва муассири тафтиши киберҷинояткориро роҳандозӣ менамоянд, барои таҳкими вазъи мурофиаи ҷиноятӣ дар ҷомеа имкон фароҳам меорад. Аз ин рӯ, қобилияти судяҳо барои ба таври зарурӣ ба ҷавобгарӣ кашидани киберҷинояткор ва прокурорҳо барои дастгирии дуруст ва оқилона ба додситонӣ, дар рушди системаи муқовимат бо киберҷиноятҳо аҳаммияти хоса пайдо мекунанд .

Дарки ташкили курсҳои мушаххасӣ пажуҳиши киберҷиноятқорӣ дар муассисаҳои олии касбӣ ҳампайвастагии онҳоро ба модулҳои асосии тайёркунии ихтисосмандони сохторҳои қудратӣ ва зиёд намудани дараҷаи кабии онҳоро ҳам дар муассисаҳои олии касбӣ ва ҳам мустақиман дар ҷойҳое, ки онҳо уҳдадориҳои вазифавиро иҷро мекунанд, дар назар дорад. Дар ин сурат таҷдиди чораҳои вобаста ба омузонидани пайвастаи кормандони мақомоти милитсия, мақомоти тафтишот, прокуратура ва мақомоти адлия бояд аввалиндараҷа анҷом дода шуда, он зери назорати роҳбарият бошад. Ташкили курсҳои такмили ихтисос шароит намедиҳад, ки ҳолати воқеии киберҷиноятқорӣ ва тартиби тафтиши онро тасвир намоем. Дар ин ҷода тарафи амалии ин курсҳо низ бояд ба инобат гирифта шавад.

Раваду тавуҷҷуҳ ба масоили мубориза бар зидди киберҷиноятҳо миёни шаҳрвандони оддӣ равад, дар ин сурат пеш аз ҳама, мо бояд оиди баррасии истифодабарандагон дар асоси далелҳои амнияти маҷозӣ, хусусан он ба низоми ҳамкории электронӣ бо ташкилтҳои молиявию қарздиҳи, кор бо операторони алоқа ва татбиқи смартфонҳо гап равад. Таҳқиқи истифодабарандагонӣ ШИК-ии электронӣ ба тариқи равшан ҳаҷми мақсадҳои эҳтимолии ҳуҷумро кам менамояд. Амалишавии чунин тамоюл дар ҳама намуд ва шароит, аз қабили: аз мактабҳо, муассисиҳои олӣ, марказҳои маълумотдиҳӣ то истифодаи телевизион ва дигар василаҳои ахбори омма, ҳамзамон дар ҳудуди ташкилотҳои давлатӣ ва самти хусусӣ имконият дорад.

Маҳз ба ин хотир, дар шароити ҷаҳонишавӣ ба вуҷудоии як қатор проблемаҳои таҳдидкунандаро дар самти огоҳию пешгирии киберҷиноятҳо қабул намоем, ки ҷиҳати тадбирҳои зарурии мубориза бар зидди ин падидани манфӣ бояд ба инобат гирифт.

Миёни онҳо аз ҳама проблеманоктарин ин: мавҷуд набудани техникаи зарурии барномавии мушаххас кашфгардида, ки тамоюли ҷиноятиро дар муҳити виртуалӣ равшан намуда тавонад; якҷофаъолияткунии номувофиқ

дар миқёси мамлакатҳо бо ҳадафҳои бақайдгирӣ ва фиристонидани асосҳои электронӣ, ҳамзамон мубодилаи маҳорат; набудани ҳуҷҷатҳои танзимкунанди мушаххасӣ давлатию ҷаҳонӣ дар бораи болобароии маҳорати ихтисосмандии кормандони субъектони таъминкунандаи амнияти киберӣ дар самти ҳифзи маълумот; мавҷуд набудани сохторҳои мушаххасу махсус дар бораи кирдорҳои  дар ин соҳа анҷомдодашаванда.

Умуман, инкишофи низоми мубориза бар зидди киберҷиноятҳо ҳатман эҳсосӣ онро ҳамчун як маҷмӯи мушаххасе муқаррар кунанд, ки он мумкин аст ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати амалишавии техникаи маҷозии на фақат як мамлакат, сониян дар сатҳи байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад. Бо гуфтаҳои боло алоқаманд, мо бояд оиди муборизаи пайваста бар зидди киберҷиноятгорӣ дар миқёси ҷаҳонӣ сухан ронем ва тадбирҳои зарурӣ бояд ҳамавақта коркарди ҳамаи сегменти тарсонандаи эҳтимолиро дар муҳити виртуалӣ таъмин карда, иштироки фаъолонаи ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз тарафи мамлакат ва самти шахсӣ, созмонҳо, ассотсиатсияҳои ҷаҳониро, ки дорои объектҳо ва хизматрасониҳои ШИК-ии электронӣ мебошанд ва аз онҳо фаъолона истифода мебаранд, ҷазб карда шавад.

Фазои маҷозӣ ҳамчун муҳити мураккаби маҷозӣ ташаккул ёфтааст, ки он дар натиҷаи амалҳои одамон, барномаҳо ва хидматҳо дар Интернет тавассути технологияҳои мувофиқи шабакавӣ ва коммуникатсионӣ ташаккул меёбад[500]. Киберҷиноятҳо ба таври дигар ҳамчун ҷиноятҳои технологияҳои иттилоотӣ маълуманд. Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеа ва давлат шабакаи иттилоотию телекоммуникатсионии Интернет қисми ҷудонашавандаи ҳаёти бисёр одамон мебошад. Аз ин рӯ, ба ҷиноятҳое, ки тавассути интернет содир мешаванд, таваҷҷуҳи хоса бояд дод.

Азбаски Интернет ва роҳандозии густурдаи он бори аввал дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рух дода буд, дар он ҷо аввалин зуҳурот ва оқибатҳои киберҷиноятҳо дар миқёси васеъ эҳсос карда шуданд. Дар ин самт омили хеле

[500] Ниг.: Romanchenko D.V. Kiberbezopasnost’ v rossiiskoi bankovskoi sferei opyt zarubezhnykh stran / D.V. Romanchenko // Ekonomika i biznes: teoriya i praktika. – 2019. – №6-2. – P. 105-108.

муҳими бесуботии амнияти миллӣ ин ҳамлаҳои иттилоотӣ мебошад. Мақсади чунин ҳамлаҳо вайрон кардани низоми давлатдорӣ, таъсири манфӣ ба низоми ҳарбии давлатҳо ва системаи иқтисодии он[501].

Соли 2016 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шоҳиди 28%-и ҳамлаҳои веб-барномаҳо гардида, ин раванд дар Нидерландия ва Олмон низ назаррас буд. Тадқиқот дар моҳи июли соли 2016 нишон дод, ки 13%-и корбарони интернети ИМА аз тариқи ҳисобҳои хакершуда ва иттилооти дуздидашуда тамаъҷӯиро аз сар гузаронидаанд[502].

Вақте ки корбарон изҳори нигаронӣ ва огоҳӣ аз мушкилоти ҳамлаҳои киберӣ мекунанд, онҳо чораҳои пешгирикунанда меандешанд ё роҳҳои ҳалли худро меҷӯянд, то бо ин васила ба коҳиши киберҷинояткорӣ мусоидат кунанд. Рафтори корбарони интернет дар пешгирӣ ва муқовимт бо киберҷиноятҳо нақши калидӣ дорад. Қурбонӣ шудани ҷабрдида гувоҳи аз он менамояд, ки худи ӯ аксар вақт дар ин самт шароит фароҳам меорад ва киберҷинояткор ҷиноятро бидуни мушкилии зиёд анҷом медиҳад. Истифодабарандагони технологияҳои иттилоотӣ бояд рамзҳои дуруст ва мураккаб интихоб кунанд ва дар компютерҳои худ барномаҳо боэътимод насб кунанд. Ин шумораи киберҷиноятҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад.

Дар асоси таҳлили адабиёти муосир метавон хулосагирӣ намуд, ки масъалаи пешгирии киберҷиноятҳо ҳоло ҳалли худро наёфтааст, типологияи маъмули ин гуна ҷиноятҳо вуҷуд надорад, низоми консептуалии муфассал таҳия нашудааст ва бисёр шартҳои рафъи он муайян карда нашудаанд[503].

Аз ин лиҳоз ба ҳамлаҳои киберӣ онҳое бештар дучор мешаванд, ки компютерҳоро ҳам дар хона ва ҳам дар ҷойи кор истифода мебаранд ва дар бораи асосҳои амнияти киберӣ, инчунин дастгоҳҳои электроние, ки ба

---

[501] Ниг.: Medovkina L.Yu. Politika administratsii B. Obamy v oblasti informatsionnoi bezopasnosti / L.Yu. Medovkina // Vestnik Omskogo universiteta. Seriya: Istoricheskie nauki. – 2019. – №2. – P. 149-157.

[502] Ниг.: Статистический портал [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.statista.com/topics/2588/us-consumers-and-cybercrime (санаи муроҷиат: 18.07.2020).

[503] Ниг.: Саркисян А.Ж. Криминологическая характеристика преступлений, совершаемых в сфере информационно-коммуникационных технологий / А.Ж. Саркисян // Российский следователь. – 2019. – №3. – С. 54-59.

системаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ ва додаҳои компютерӣ нигаронида шудаанд, камтар огоҳӣ доранд.

Барои пешгирии киберҷинояткорӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки дар воситаҳои ахбори омма баромадҳои пурмуҳтаворо ба роҳ монанд, то шаҳрвандонро дар бораи далелҳои эҳтимолии қаллобӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи амният ҳангоми коркарди ин робитаҳо огоҳ созанд. Дар мактабҳои олии кишвар фанни таълимӣ вобаста ба ин фан бояд ҷорӣ карда шавад, ки он на танҳо мафҳумҳои асосии ҳамлаҳои киберӣ, балки роҳҳои муқовимат бо онро фарогир бошад. Ба пешгирии киберҷинояткорӣ ҳамкории зичи сохторҳои салоҳиятдори мақомоти корҳои дохилӣ дар ин самт низ мусоидат мекунад. Чунин ҳамкории мутақобила тавассути таҳлили саривақтӣ ва босифати фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, такмили заминаи ҳуқуқии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, беҳтар намудани омодасозии мутахассисон дар муассисаҳои таълимии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир мегардад.

Амнияти иттилоотии кишвар дар сатҳи дохилӣ ва ҳангоми табодули иттилоот бо дигар давлатҳо муҳим аст. Ҳамин тариқ, ҳамлаҳои киберӣ набояд дар самти таъмини амнияти давлатӣ ба вуҷуд оянд, зеро ки чунин омили бад ба тамоми қишрҳои ҷомеа таъсири манфии худро хоҳад гузошт.

Норасоиҳо дар қонунгузории ҷорӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки киберҷиноятҳоро содир мекунанд, таъсири назаррас мерасонанд. Ҷинояткор аз ин норасоиҳои қонунгузорӣ истифода истифода бурда, ҳар гуна чораҳоро меҷӯяд ва то рафъи ин мушкилот ӯ метавонад ба хориҷи кишвар фирор намояд. Ҷинояткори соҳибтаҷрибае, ки барои содир кардани киберҷиноятҳо пешакӣ омода шудааст, метавонад ба осонӣ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ саркашӣ кунад ва илова бар ин, ҳамлаҳои нав ба амнияти иттилоотиро анҷом диҳад.

Ҳоло дар ҷаҳони муосир тарзи зиндагии одамон ба куллӣ тағйир ёфтааст. Воқеияти ҷаҳони муосир ин интиқоли як қисми муҳими ҳаёти моддӣ

ба фазои рақамӣ мебошад. Амалиётҳои бонкӣ ва харидҳо онлайн анҷом дода мешаванд, навъҳои нави интиқоли маълумот ва алоқаи телефонӣ ба вуҷуд меоянд. Истифодаи технологияҳои компютерӣ ва мобилӣ аз як сӯ зиндагии ҳаррӯзаи шаҳрвандонро содатар гардонад, аз ҷониби дигар шароитҳоеро ба вуҷуд меорад, ки амнияти кишварро зери хатар мегузорад. Дар хотир бояд дошт, ки на танҳо қобилияти нигоҳ доштани маълумоти иттилоотӣ, балки инчунин ҳифз кардани онҳо шарти асоси танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор меравад[504].

Пайдо шудани технологияҳои нави иттилоотӣ ҳушдор менамояд, ки дар ояндаи наздик намудҳои нави кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок пайдо мешаванд. Ин бояд мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ба пешгирии сариватии киберҷинояткорӣ, инчунин амалӣ намудани чораҳои фаврӣ оид ба ошкор намудани камбудиҳо дар қонунгузории амалкунанда равона созад. Дар ояндаи наздик киберҷинояткорӣ метавонанд дар сохтори ҷинояткории кишвари мо яке аз ҷойҳои аввалро ишғол кунанд. Бо вуҷуди ин, имрӯзҳо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тасмим гирифтаанд, ки мушкилоти муқовимат бо ҷиноятҳои маъмулиро ҳал кунанд, аз ин рӯ киберҷиноятҳо камтар мавриди баррасии онҳо қарор доранд.

Аммо масъалаи таъмини амнияти киберии кишвар муҳим аст. Ҳалли ин масъала пешгирӣ ва муқовимат бо киберҷинояткорӣ дар кишварро дар бар мегирад. Ҳалли ин мушкилот на танҳо дарки сабабҳо, омилҳо ва миқёси киберҷинояткорӣ, балки дарки дурусти зарари ҳамлаҳои киберӣ ба кишварро тақозо мекунад. Яке аз омилҳои асосии самаранок набудани фаъолияти субъектони муборизибаранда ҷиҳати огоҳонидан ва пешгирӣ, тафтиш ва ошкоркунии киберҷиноятҳо, набудани кормандони баландтахассус, ҳамзамон технакаю технологияи мушаххас аст.

Дар асоси ин гуфтаҳои метавон иқрор шуд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвари моро лозим меояд, ки муҳити кибериро муфассал омӯхта, равишҳои

---

[504] Ниг.: Борисова Е.С., Белоусов А.Л. Инновации как инструмент обеспечения информационной безопасности и повышения эффективности деятельности банковской системы / Е.С. Борисова, А.Л. Белоусов // Актуальные проблемы экономики и права. – 2019. – № 3. – С. 1330-1342.

самарабахши ҳалли киберҷиноятҳоро вобаста ба шароити бунёди ҷомеаи иттилоотӣ таҳия намоянд. Дар ин ҷода ба таҷрибаи давлатҳои пешрафта такя намудан ба манфиати кор мебошад. Ташкили бахши мустақили интернетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси коҳиши ҳамлаҳои киберӣ аз кишварҳои хориҷӣ гардидааст. Дар доираи риояи принсипи қабули саривақтии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонунгузорро зарур аст, ки чораҳои ҷавобгариро барои шахсони содиркунандаи киберҷинояткорӣ бо мақсади пешгирии поймол кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон, инчунин таъмини амнияти Тоҷикистон сари вақт роҳандозӣ намояд. Албатта, манфиатҳои аҳли ҷомеа дар ин бобат аслан ин падидаро аз ҳаёти ҳаррӯзаи мо дур кардааст. Бо вуҷуди ин, омилҳои манфии хатарзо дар ин самт зиёд буда, барои рафъи онҳо корҳои зиёде бояд ба сомон расонида шаванд. Ҳамин тариқ, тибқи омори расмӣ, дар соли 2022 аллакай 17 намуди киберҷиноятҳо ва 500 ҷиноятҳое, ки тавасути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешванд аз ҷумла таввусути интернет қайд гардидааст, ки онҳо тавасюти сомонаи интернетӣ содир шудаанд[505].

Дар баробари ин, ҳоло моро зарурат пеш омадааст, ки ба афзоиши минбаъдаи ин навъи ҷиноятҳо роҳ надиҳем ва барои кам шудани шумораи онҳо тамоми чораҳоро андешем.

Ҳамзамон, вазифаҳои асосии пешгирии киберҷинояткорӣ аз инҳо иборатанд: огоҳкунии таҳдидҳо ба амнияти шахсӣ, ҷамъият ва мамлакат; ҳимоя ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳифзи сирри шахсӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни онҳо дар низоми маълумотдиҳӣ таҷассум гардидааст; ҳимоя иттилоъе, ки сирри давлатиро ифода менамояд ва ҳимояи дигар иттилоъи махфии бо қонунгузорӣ ҳимояшаванда, ҳамзамон таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар бораи ҷустуҷӯ в, гирифтан, фиристондан, эҷод ва фаррох намудани маълумоти озодона. Мазмуну муҳтавои ин вазифаҳо, ба андешаи мо, имкон медиҳад, ки доираи тадбирҳои қонунгузорӣ, техникӣ ва

---

[505] Ниг.: Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, тахти №14/3-1355.

ҳифзи ҳуқуқро, ки ба пешгирии киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд, муайян кунем. Дар байни субъектҳое, ки чунин корҳои пешгирикунандаро анҷом медиҳанд, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нақши калидиро иҷро менамоянд. Ба андешаи мо, ба ҳуҷҷатҳои зарурии танзимкунандаи ихтисосҳои муасиссаҳои таҳсилотӣ олии касбие, ки барои сохторҳои қудратӣ ихтисосмандони минбаъдаро тайёр менамоянд, пешниҳод кардани нақшаҳои мушаххасӣ дар баргирандаи маълумоҳои самти асосҳои техногияи иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот аз дар фазои маҷозӣ мувофиқи мақсад буда, дар заминаи факултети соҳавӣ мутахассисони амнияти иттилоотӣ бояд тайёр карда шаванд. Чунин барномаи таълимӣ, ҳамчун чораи пешгирикунандаи криминологӣ бояд қисматеро дар бар гирад, ки он ба донишҷӯён сохтани барномаҳоро барои ҳифзи иттилоот нишон диҳад. Дар ҳалли ин проблемаҳо чораҳои дорои хусусияти пешгирикунанда аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо мекунад. Самаранокии ин равияро коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ таъйид кардаанд, ки пешгирии киберҷиноятҳо аз ошкор ва тафтиши он ҳамеша осон ва содатар аст. Дар илми ҳуқуқшиносии муосир асосан се гурӯҳи асосии чораҳои пешгирии киберҷинояткорӣ ҷудо карда шаванд, ки дар якҷоягӣ системаи ҷудонашавандаи муқовимат бо ин падидаи барои ҷамъият хатарнокро ташкил медиҳанд. Ба инҳо чунин чораҷӯйиҳо дохил мешаванд: ҳуқуқӣ, ташкилӣ, техникӣ ва судӣ[506].

Пас аз даҳ соли қабули Кодекси нави ҷиноятӣ бояд эътироф кард, ки умуман моддаи 28-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди бартарият ба такмил ниёз дорад, чунки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштащуда ҷиҳати огоҳонидан дар самти киберҷиноятҳо фақат бо тадбирандешиҳои пешгирикунандаи қонун на фақат муҳасир шавем.

Ҷанбаҳои асосии корӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо, ба чораандешии тамоюлҳои созмондиҳии техникии зайл мувофиқ аст:

[506] Ниг.: Бражник С.Д. Преступления в сфере компьютерной информации: проблемы законодательной техники: дис. ... канд. юрид. наук. – Ижевск, 2002. – 189 с.

1. Муҷҷаҳазгардонии мушаххаси ҳифзи низомҳо ва манбаъҳои маълумоти давлатӣ, якҳудудӣ ва махфияти онҳо ба амалинамоии талаботи муайян дар бораи ҳимояи маълумот аз муяссаршавии ғайриқонунӣ ё иваз намудани иттлоъ, таъсири ҳуҷумҳои компютерӣ ва зараррасонҳо, ҳамзамон татбиқӣ воситаҳои ҳуҷҷатгузоришавандаи дохилӣ давлатӣ огоҳонидан ва муйян намудани ҳуҷумҳои компютерӣ ва маълумоти ҳимоявӣ, ки аз тарафи созмонҳое, ки бо тартиби муайянгардида ҳуҷҷати махсуӣ зарурӣ доранд.

2. Татбиқи василаҳои криптографии ҳимояи маълумот барои низоми маълумотдиҳӣ ва манбаъҳои дорои иттилоъӣ сирри давлатӣ.

3. Корбарӣ аз равандӣ татбиқ ва ҳимояи низом ва манбаъҳои давлатии маълумотӣ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ бояд дар асоси чораандешии низоми мониторингӣ ва баҳисобгирии амалиёт дар раванди кор бо низом ва манбаъҳои давлатии маълумот таъмин гардида шавад.

4. Тадбирҳои зарурии муносибати комплексӣ ба ҳалли масоили ҳифзи маълумот аз ҳуҷумҳои маҷозӣ бо ба инобатгирии зарурати фарқгузории сатҳи он дар сохторҳои гуногуни давлатӣ;

5. Омоданамоии ҳуҷҷатҳои стратегии ҳифзи маълумот аз таҳдидҳои маҷозӣ;

6. Асоснок кардани чораҳои техникӣ ва муқарароти муайянкунандаи объектҳои махсуӣ инфрасохтори ТИК-ии барқи, омода кардани руйхати объектҳои махсус, татбиқи тадбирҳои ҳимоя онҳо ва василаҳои назорати эҳтироми талаботи ирогардида;

7. Ташкикунии мониторинги самараноки вазъи ҳифзи маълумот;

8. Генезисӣ заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва методӣ дар самти ҳимояи низом ва манбаъҳои маълумотдиҳии давлатӣ;

9. Созмон додани низоми мушаххас мувофиқа намудани талаботҳои техникии таъмини ҳифзи иттилоъӣ низомҳо ва манбаъҳои маълумотдиҳии давлатӣ;

10.Ҳуҷҷатгузории низомҳо ва манбаъҳои давлатии маълумотдиҳи дар фаъолияти мақомоти давлатӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ истифодашаванда ва назорати мутобиқати онҳо ба талаботи амнияти иттилоотӣ;

11. Ташкили сегменти алоқаи телекоммуникатсионӣ барои мақсадҳои махсус, таъмини имкони мубодилаи электронии иттилооти дорои сирри давлатӣ аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ;

12. Инкишофдиҳии василаҳои ҳифзи маълумодиҳи, низомҳои таъмини ҳимояи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, низоми мониторинги татбиқи хизматчиёни давлатӣ дар сурати кор бо маълумот, эҷод ва инкишофдиҳии василаҳои истифодабарии маълумот барои истифодаи умумӣ, низомҳои марказҳои сертификатсия дар самти имзои электронии рақамӣ ва ҳамзамон низоми сертификатсия ва аудит.

Ҳамзамон, оид ба масъалаи таҳияи чораҳои умумии пешгирикунанда, ки ба муқовимат бо киберҷиноятҳо нигаронида шудаанд, андешаи Д.В. Доброволский қобили қабул мебошад[507]. Зеро ӯ иброз медорад, ки пешбини кардани манъи қонунгузорӣ оид ба истифодаи барномаҳои тиҷоратӣ, ки бе рамзи ибтидоӣ дар соҳаи коркарди маълумоти махфӣ дода мешаванд; дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани бартариҳои истеҳсолкунандагони нармафзор ҳангоми харидории барномаҳо аз ҷониби ташкилотҳои давлатӣ».

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои пешгирии киберҷинояткорӣ корҳои пешгирикунанда ба фароҳам овардани шарити мусоид равона карда мешаванд. Натиҷанокии ин тамоюлҳо ҳам ихтисосмандони дохилӣ ва ҳам байналмилӣ таъйид кардаанд, ки пешгирии киберҷиноятҳо аз муайянкунӣ ва тафтиши он ҳама вақт осон ва содатар мебошад.

---

[507] Ба андешаи ин муҳаққиқ «аз чораҳои умумии пешгирикунанда, ки ба пешгирии киберҷиноятҳо» нигаронида шудаанд, инҳоро ҳамчун чораҳои афзалиятнок метавон номбар кард: истифодаи васеи имконияти ҳифзи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; бо қонун манъ кардани шабакаҳои (ё компютерҳои ягонаи) объектҳои дорои аҳаммияти давлатӣ (стансияҳои барқии атомӣ, корхонаҳои мудофиа) бо Интернет. Рушди шабакаҳои идоравӣ ҷудо аз шабакаҳои умумии шаҳрвандӣ;

Дар заминаи баррасии ҳаматарафаи ин пажуҳиш метавон чанд андешаи мушаххасеро, ки онҳо дар мубориза бар зидди киберҷиноятҳо муфид хоҳанд буд:

– мушкили ҷиҳати баланд бардоштани воситаҳои ҳимоявӣ боиси ба вуҷуд омадани кирдорҳо ва методҳои муқовимат бо онҳо дар ҳудуди мамлакатҳо мебошад, ки он муҷиби пайдо гардидани «паноҳгоҳи амн» барои субъектҳо шуда, ин қабила аз норавшаии таҳкурсии қонунӣ ва ҳимояи ҳуқуқ истифода мекунад. Бо ба инобатгирии характери байналмилалӣ гирифтани киберҷиноятҳо ташаккули падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҷиҳати ҳимояи ШИК-ии барқӣ аз ҳуҷумҳои маҷозӣ талошҳои ҷаҳониро дар ҳамкории миёни мамлакатҳо дар сатҳи ҷамъоварии маълумот ва далелҳо оид ба фаъолияти ҷиноятӣ дар фазои киберҷинояткорӣ ва таҳияи усулҳои самараноки ҳуқуқии ҷиноятии муқовимат бо ин падидаи номатлуб талаб мекунад. Бо ба инобатгирии он, ба манофеи истифодабарандаи ғарбӣ, будани манбаъҳо ШИК-ии электронӣ бояд намудҳои муассири мубориза ба таҳдидҳои байналмилалӣ ва дохилӣ дар асоси таҳияи ШИК-ии электронии бевоситаи дохилӣ сурат гирад;

– заминаи падида ҳуқуқи-ҷиноятии ҳимояи ТИК-ии электронӣ ва ШИК аз ҳуҷумҳои таарузкорона бояд ин омилҳоро фаро бигиранд: дар миқёси қонунгузори нишондиҳии методҳои аз лиҳози технологии муосир содир кардани ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба василаи ТИК-ии барқӣ ва зарарҳои эҳтимолии он, бахусус ҳаракатҳои ғайриқонуни марбут ба низомҳои фазоифизикӣ, мили қатъи назорат ва ташвиқоти интеллектуалӣ, зарар дидани техникаи тиббӣ бо татбиқ аз ҳуҷумҳои компютерӣ, аз кор баровардани низоми хизматрасониҳои ҳаётан муҳим; омоданамоии асосҳои роҳбарикунандаи муосири муқарар кардани истилоҳи муҳити содир гардидани кирдор, ки барои кирдорҳои байналмилалии фарогири характерҳои технологияҳои баланд муҳим аст; эҷоди алоқаи миёни механизмҳои техникӣ ва ҳуқуқии таалуқияти ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, аз

қабили онҳое, ки ба василаи инфрасохтори тақсимшудаи берун аз марзӣ анҷом меёбад; омӯзиши масоили иваз кардани асосҳои роҳбарикунандаи муқарароти дахлдори қонунгузорӣ марбут ба ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ки василлаҳои технологӣ содир шудаанд;

– таҳияи муқаррарот дар муқовимат бо киберҷинояткорӣ бояд дар асоси қонунгузории мукаммал сурат гирифта, дар ин самт ба мафҳуми «далеловариҳои рақамӣ» (digitalevidence), Ҳамзамон мувофиқсозии ин ё он тамоюл ва корбарии онҳо дар рафти тафтиш дар судҳо ҳамчун асоси мушаххас назари бевосита амалӣ шавад. Диққати муҳим дар ин сурат бояд ба тамоюлӣ пешбини кардани стратегия ва асосҳои роҳбарикунандаи муқовимати фаъолонаи киберҷиноятҳо сафарбар гардад, то вокуниши муносиб ба содир гардидани чунин амалҳои барои ҷомеа хатарнок аз тарафи сохторҳои қудартӣ таъмин гардад. Таркибҳои махсуси ин гуна нармфазорҳо ё ҳуҷҷатҳои банақшагрий бояд маҷмуи тадбирҳои огоҳикунанда, мавҷуд будани қонунгузории муосир, низоми сохторҳои махсуси қудрати ва мақомоти прокуратура, ҳамкории густурдаи байниидоравӣ, мавҷудияти низоми тайёрсозӣ барои сохторҳои қудрати ва кормандони мақомоти адлия, ҳамкории давлат ва самти хусусӣ, пайгирои мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ дар амали кардани тафтиши молиявӣ, огоҳсозии ҳама намудҳои сохтакорӣ ва азхудкунии пулҳо, ҳамзамон масоили ҳимояи ноболиғон аз таарузҳои гуногун дар ШИК-ии электронӣ бошад.

Азбаски технологияҳои иттилоотӣ айни замон макони ҷойгиршавии муайян надоранд ва дар ин маврид корбарони ғайриқонунӣ аз маълумоти дигарон истифода менамоянд, роҳандозии чораҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

*Дар сатҳи миллӣ:*

– амал ва иштирок дар таҳияи стратегияи байналмилалии муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ ва ташкили механизмҳои ягонаи ҳуқуқии байналмилалии танзими фазои маҷозӣ;

– таҳияи лоиҳаи Консепсияи миллии ё Стратегияи давлатии амнияти киберӣ, ки бояд ба принсипҳо ва қонунҳои дигар асос ёфта, татбиқи онро дар чунин сатҳ ва соҳаҳои гуногуни миллӣ баррасӣ менамояд:

1) ҳадаф ва самти умумии Стратегияи амнияти киберӣ аз таъмини амнияти маҷозии шахсият, ташкилот ва давлат тавассути муайян кардани системаи афзалиятҳо, принсипҳо ва тадбирҳо дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ иборат буда, дар ин самт ин омилҳоро бояд ба инобат гиранд: назорати фазои маҷозӣ, ки дар вақти дилхоҳ таҳдид ва таъсироти манфиро ба миён меорад;

2) самтҳои мушаххаси стратегия бояд меъёрҳои ҳамкории субъектҳои ҷомеаи иттилоотӣ – шахсони алоҳида, ташкилотҳо ва давлатро дар бахни таъмини амнияти киберӣ фарогир бошанд; муқаррар намудани ҷавобгарӣ ҷиҳати эҳтиром накардани талаботи бахши конструкторӣ, мавҷудияти хатарҳо дар фазои маҷозӣ, навсозии воситаҳо ва усулҳои таъмини амнияти киберӣ бо мақсади муқобила бо таҳдидҳои тағйирёбандаи киберӣ чун омилҳои муҳим арзёбӣ мешаванд;

– таҳия ва татбиқи низоми бисёрсатҳи институтсионалии амнияти киберӣ, ки ин омилҳоро фаро мегирад:

*1) сатҳи илмӣ ва таҳлилӣ, ки* мувофиқи он хатарҳои киберӣ вобаста бо эҳтимолияти рух додани таҳдидҳои киберӣ ва миқёси оқибатҳои манфӣ меомӯзад. Ин яке аз вазифаҳои муҳимтарин буда, муайян кардани таҳдидҳои баамалоянда ҷараёни басо мураккаб мебошад. Бинобар ин, зарурати таҳияи чораҳо оид ба муайян кардани таҳдидҳои киберӣ, инчунин сари вақт ошкор, пешгирӣ, ҳифз ва кам кардани оқибатҳои онҳо аз ҷониби давлат вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад;

*2) сатҳи иҷроия,* ки дар ду самт ҳамоҳанг хоҳад шуд – дохилӣ (байни сохторҳои миллӣ, ки барои муайян ва муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ масъул мебошанд) ва берунӣ, ки дар доираи ҳамоҳангсозии сохторҳои миллӣ ва институтҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда мешавад;

– баланд бардоштани иқтидори соҳаи иттилоот оид ба мубориза бар зидди ҳамлаҳои киберӣ. Чораандешиҳои сиёсии миллиро алоқаманд ба техникаи ҳифзи маҷозӣ боқувват бояд намуд;

– ҳифз, амалинамои ва татбиқи ҳамгироии ҳудуди ва байналмилалӣ дар ҳифзи фазои иттилоъӣ, корбарии фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ, террористӣ ва хакерҳои муайян, ки дар муҳити виртуалӣ амал мекунанд;

– барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ сохторҳое, ки ба муайян намудани таҳдидҳои кибернетикӣ, сари вақт ошкор, пешгирӣ, ҳифз ва кам кардани оқибатҳо нигаронида шудаанд, бояд фаъолона иштирок намоянд.

*Дар сатҳи байналмилалӣ:*

– таҳия ва татбиқи созишномаи байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва тафтиши ҳамлаҳои киберӣ;

– таъсиси як ниҳоди байналмилалӣ бо намояндагиҳои минтақавӣ. Ин ниҳод бояд муодили Созмони Милали Муттаҳид дар фазои маҷозӣ буда, якчанд сохторро фарогир бошад, масалан: сатҳи илмӣ ва таҳлилӣ, иҷрои вазифаҳое, ки бояд дар сатҳи миллӣ ягона бошанд ва ғ. Сатҳи татбиқ, ба назари мо, метавонад дар сатҳи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ амалӣ гардад. Сатҳи минтақавӣ имкон медиҳад, ки дар ҳолати ҳамлаи киберӣ муқовимат саривақт амалӣ карда шавад; сатҳи миллӣ имкон медиҳад, ки дар баробари намояндагони маҳаллӣ ба тафтишот намояндагони минтақавӣ ва байналмилалии Созмони Милали Муттаҳид ворид карда шаванд.

Дар ҷаҳони муосир тағйиротҳои куллии илмиву амалӣ ба амал омада, онро бидуни фазои маҷозӣ ва технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Танзими ҷомеаи мутамаддин ба танзими раванди киберӣ алоқамандии бевосита дорад. Ҳалли мушкилоти мавҷудаи ҷаҳони муосир ин танзимоти мукаммал, баҳодиҳии объективӣ, гуфтушунид ва созишҳоест, ки дар он ҳама табақаҳои ҷомеа иштирок мекунанд ва қарорҳои қабулшударо эҳтиром мекунанд.

Аз ин лиҳоз бо мақсади пешгирӣ ва огоҳонидани киберҷиноятҳо, пешниҳод менамоем, ки Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии (бо қарори Ҳукумати мамлакат, аз 30-юми декабри соли 2015, таҳти №765, дар сохори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, таъсис дода шудааст) Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ, дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамзамон технологиякунонии фаврии ҳамаи самҳои ҳайётан мубарам бо ҳадафи амалишавии ҳифзи маълумотдиҳи аз ҳуҷумҳои харобиовар дар ҳудуди минтақа, ҳамчунон корбарии ШИК-ии электронии безарар барои аҳоли ва бахши иқтисодӣ муҳим мешуморем, ки муяассаргардӣ ба сайтҳо ва манбаъҳои дигари маълумотдиҳӣ, бахусус сайт ва нармфазорҳои ШИК-ии электронӣ, ки ба фаррох кардани ҳама гуна маълумот муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсию ҷамъиятӣ ва давлатию маълумотдиҳӣ оиди маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, шӯронидан, ба шӯр овардан, таҳрик кардан, ба ҷӯш овардан, тез кардан, ба по хезондан ва тарзи омодасозӣ ва ташвиқи маводи мухадир, тарканда ва моддаҳои дигари заҳролудкунанда, ба содир кардани кирдор ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асосёфтааст, харакатери экстремистию террористидошта, порнография, бахусус порнографияи кӯдакона, ҳамзамон фаррох кардани ҳама намуди иттлоъ, ки бо санади судии эътибори қонунӣ пайдонамуда ки қонунгузории ҶТ манъ кардааст, маҳдуд намоянд, зеро масъалаҳо зикргардида на танҳо омили асосии содир гардидани киберҷиноятҳо мегардан, балки таҳдиди воқеи ҷиҳати ба аз байн рафтани рукнҳои асосии давлатдорӣ «сулҳу субот ва фарҳанги миллӣ» мегардад.

Ҳачунин зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар самти мазкур қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони фаъолияткунанда, ки дар ин соҳа амал мекунанд, таҷдиди назар гардад, ҳамзамон бо кушиши муҳақиқони соҳавӣ, ихтисосмандони ҳирфавӣ техникӣ, таҷирадорони соҳавӣ, таъсиси институти такмили ихтисоси самти

иттилоъдиҳи фақат мувофиқи мақсад аст, чунки пажуҳишҳо далелнок кард, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад.

Дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат аз ҷумла дар донишгоҳу донишкадаҳо, ихтисоси «амнияти киберӣ» ҷорӣ карда шавад, зеро таҳқиқотҳо дар ин самт нишон дод, ки ширкатҳои зиёди дохилию хориҷӣ, мутахассисонӣ баланд ихтисосро дар самти «амнияти киберӣ» бештар эътироф мекунанд ва барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ба мутахассисони соҳа ниёз доранд. Зеро ҷомеаи имрӯза аллакай ба фазои маҷозии шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ рағбату дилбастагии зиёд дошта, дар ин замина таҳкими амнияти иттилоотӣ масъалаи муҳим арзёби мегардад. Яъне феълан ҳар як инсон ё ташкилот новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии он, метавонад, зери хатари маҳдудшавии фаъолият, ҳамлаи хакерҳо ё худ умуман нестшавӣ қарор гирад. Албатта, дар ин маврид талабот ба мутахассисони соҳаи амнияти иттилоотӣ рӯз аз рӯз меафзояд. Инчунин, норасоии глобалии мутахассисони амнияти иттилоотӣ низ мушоҳида гардида, тибқи маълумоти мутахассисони соҳа, ки дар соли 2021 нашр гардид, ба 3,5 миллион нафар расидааст.

Ҳамзамон ҷиҳати пешгири ва муқовимат бо киберҷиноятҳо пешниҳод менамоем, ки фаъолияти кори Шурои Технологияи иттилоотию коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдид карда шуда, дигар шуроҳои дар ин замина ташкил гардида, ҷиҳати ба он интиқол додани вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва роҳбарии байнисоҳавии субъектони муқовимат бо киберҷиноятҳо (аз ҷумла, Прокуратураи генераии ҶТ, КДАМ ҶТ, ВКД ҶТ ва Вазорати адлияи ҶТ) муқарар карда шавад. Бо боварии комил метавон гуфт, ки тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ дар ин самт ба таҳкими амнияти кишварҳо ва муқовимат ба таҷовузи киберӣ дар саросари ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард.

## ХУЛОСА

Дар асоси ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи илмӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии муқовимат бо киберҷиноятҳо: проблемаҳои назариявӣ ва амалӣ дар тадқиқоти диссертатсионӣ ба хулосаи ниҳой омада пешниҳод менамоем:

1. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии ташаккули киберҷиноятҳо аз чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

– солҳои 1970-1980 – марҳилаи пайдоиши аввалин «вирусҳои компютерӣ»;

– солҳои 1980-1992 (пеш аз пайдош ва рушди шабакаи умумиҷаҳонии Интернет) – марҳилаи пайдоиши «вирусҳои классикӣ», ки фаъолияти муътадили системаи оператсионии MS-DOS-ро халалдор менамуд;

– солҳои 1992-2000 – марҳилаи пайдоиши навъҳои гуногуни вирусҳои компютерӣ, ки тавассути Интернет паҳн шуда, ба объектҳои гуногуни бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда заррар мерасонд;

– заинаи бавуҷудоии бошиддати навъҳо мушаххаси вирусҳои компютерӣ ва татбиқи васеи ТИК-ии барқию ШИК-ии электронӣ, ҳамзамон дигар техникаи нав бо ҳадафҳои содир кардани киберҷиноятҳо (аз соли 2000-то инҷониб).

Ин марҳилаҳо доираи таҳқиқотҳоеро фаро мегирад, ки ба проблемаҳои мавҷудаи назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ алоқамандaнд [13-М].

2. Рушди ТИК-ии электронӣ ва ШИК-ии барқӣ ва дохил гардидани онҳо ба ҳамаи самтҳои ҳаёти инсон сабаби ба вуҷуд омадани намудҳои муосири ҳаракатҳои барои ҷамъият хатарнок гардида, дар навбати худ, тадбираандешиҳои самарабахши мубориза бо онҳо, ислоҳи қонунҳои амалкунандаи ҷиноятӣ ва қабули муқарароти муосирро ба миён меорад [31-М].

3. Аз натиҷаи таҳлилҳои ҷойдошта асоснок гардидааст, ки киберҷиноятҳо - маҷмуи ҷиноятҳое, ки ба василаи барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир

додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд [12-М].

4. Киберҷиноятҳо ва сохтори таркибии онҳо аз рӯйи чунин асосҳо тасниф карда мешаванд:

а) вобаста ба объекти таҷовузи ҷиноятӣ: таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони иттилооти компютерӣ; таҷовуз ба ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибони воситаҳои иттилоот;

б) аз рӯйи хусусияти зараре, ки ба маълумоти компютерӣ мерасонад: барномаҳои зарароасони тағйирдиҳанда, нобудкунанда, маҳкамкунанда, корношоямкунанда, нусхабардорикунандаи итилооти компютерӣ;

в) вобаста ба усулҳои содир намудани ҷиноят: ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб; содиршавии онҳо тавассути интернет [10-М]; [2-М].

5. Таҳлилҳо вобаста ба ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо маълум намуд, ки Конвенсияи Иттиҳодияи Аврупо оид ба киберҷиноятҳо дар ҳама таҳқиқотҳо ҳамчун, ягона Конвенсия, ки ҳамкории байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо эътироф гардидааст, вале механизми шаффофи ҳамкории байналмилалии давлатҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи аъзои Конвенсияро дар муқовимат, ошкор ва тафтиши киберҷиноятҳоро муқаррар накарда хусусияти минтақавӣ дорад [15-М].

6. Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи ҳамкорҳои байналмилалӣ оид ба таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ ба ду марҳиллаи алоҳида ҷудо намудан мумкин аст:

– солҳои 1992-2000 пас аз муяссаршавӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва ба имзо расидани «Созишнома дар бораи таъмини воситаҳои рақамӣ ва амнияти иттилоотӣ» дар ш.Тошканд;

– аз соли 2001 то индам баъди имзои «Созишнома оиди ҳамкории кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар муқовимат бо ҷиноятҳо дар самти маълумоти компютерӣ» дар шаҳри Минск ва қабули як қатор

консепсияю барномаҳо ҷиҳати татбиқи созишномаҳои баимзорасида дар муқовимат бо киберҷинояҳо [16-М]; [27-М].

7. Аз пажуҳиши қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ асоснок гардид, ки низоми таркибӣ ва мавқеи амалишаваии киберҷиноятҳо дар системаиқонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ дар намудҳои гуногун мушоҳида мегардад:

– дар тамоми давлатҳо асоси ҷавобгарии ҷиноятиро танҳо Кодекси ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дигар қонунҳои танзимкунанда, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноятҳо муқаррар кунад, ҷой надорад;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии татбиқи ҷазоҳо барои ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ба таври гуногун ба назар мерасад. Аммо аксари давлатҳои хориҷа танҳо ду намуди ҷазоҳо (ҷарима ва маҳрум сохтан аз озодӣ)-ро барои ин ҷиноятҳо пешбинӣ менамоянд (Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Фаронса, Белгия, Италия, Туркманистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Беларус, Украина ва ғ.). Яъне татбиқи принсипи инсондустиро дар таъини ҷазо вобаста ба ин ҷиноятҳо дар ин ду намуди ҷазоҳо мебинанд;

– вобаста ба шакли ҷойгиршавии ин ҷиноятҳо дар низоми қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ дар шаклҳои алоҳида ба чашм мерасанд. Дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳо ин ҷиноятҳо дар моддаҳои бобҳои гуногун (Ҷумҳуриҳои Олмон, Фаронса ва ғ.) ва дар баъзан давлатҳои дигар бошад (Ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Узбекистон, Қазоқистогн ва ғ.) дар як боби алоҳида пешбинӣ шудаанд;

– объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ин ҷиноятҳоро қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ба таври гуногун шарҳ дода, пешбинӣ намудаанд. Дар баъзе давлатҳо (Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Белорусия ва ғ.) объекти ин ҷиноятҳоро иттилооти компютерӣ ташкил медиҳанд. Дар як гурӯҳи давлатҳои дигар бошанд (Фаронса, Олмон, ИМА ва ғ.) объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар баробари иттилооти компютерӣ боз, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шахрванд, озодӣ ва сулҳу амнияти

инсоният, амнияти миллӣ ва фаъолияти муътадили иқтисодӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамътятӣ ташкил медиҳанд;

– ба ҳайси субъекти ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии баъзе давлатҳои хориҷӣ (ФР, Узбекистон, Қирғизистон ва ғ.) танҳо шахсони воқеӣ баромад мекунанд ва дар гурӯҳи дигари давлатҳо бошад (Дания, Латвия, Литва, Молдавия, Франсия, Шветсия, Эстония ва ғайра), дар баробари шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқӣ низ ба ҳайси субъекти ин ҷиноятҳо баромад мекунанд;

– таҳлили қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ аз он гувоҳи додаанд, ки низоми киберҷиноятҳо ба ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ маҳдуд шуда наметавонанд. Яъне дар аксари давлатҳо (ба монанди Русия, Молдова Британияи Кабир, Австралия, ИМА) дар баробари ин кирдорҳо боз ҳам ҳаракатҳои дигар (тасарруф, ки ба василаи ТИК-ии элекиронӣ содир шудааст ва сохтакорӣ дар ШИК-ии барқӣ) низ ба низоми киберҷиноятҳо дохид мешаванд;

– вобаста ба шакли номгузории ин ҷиноятҳо бошад, дар бобҳои Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ он бо номҳои гуногун дида мешаванд[508].;

– вобаста ба муқаррар кардани ин ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ муқарраротп гуногун дида мешавад. Дар як гурӯҳ давлатҳо (масалан, ҶМ Чин) барои аз ҷониби субъектони махсус иҷро нагардидани қарорҳои субъектони муборизабаранда бо киберҷиноятҳо оид ба бастани захираҳои интернетии дахлдор ва нест кардани маълумоти манъшуда, мусоидати маҷозӣ ҷиҳати амали кардани киберҷиноятҳо,

[508] Масалан, ҷиноятҳои мазкур дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (Боби 30 «Киберҷиноятҳо»), Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон (боби 20 «Ҷиноятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон (Боби 7 «Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ дар соҳаи иттилоотонӣ ва алоқа»), Кодекси ҷиноятии Туркманистон (Боби 33 «Ҷиноятҳо дар соҳаи информатика ва алоқа»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (Боби 40 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ»), Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус (Боби 31 «Ҷиноятҳо муқобили амнияти компютерӣ»), Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия (Боби 28 «Ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ») ва Кодекси ҷиноятии Украина (Фасли 16 «Ҷиноятҳо дар соҳаи истифодаи мошинҳои ҳисоббарории электронӣ (компютерҳо), система ё шабакаи компютерӣ ва шабакаҳои алоқаи барқӣ») номгузорӣ шудаанд

истифодаи манбаъҳои ШИК-ии барқӣ ва электронӣ бо ҳадафҳои фаррох намудани иттилоъ оиди методҳои содир кардани ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ шудааст. (м. 285А, 286А, 287А, 287В). Дар баъзан давлатҳо бошад, ҷиноятҳое, ки бо истифода аз ТИК содир мешаванд, аз ҷумла қаллобии интернетӣ ҷавобгарии ҷиноятиро муқарар намудаанд. (Ҷумҳурии Молдова, ФР, Британияи Кабир, Испания, Белгия, Дания, Эстония ва ғ.) [6-М];[20-М].

8. Объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо (барномаҳои зараровар, ҳамлаҳои DoS) муносибатҳои ҷамъиятӣ: дар самти ҷиноятҳо муқобили амнияти иттилоотӣ (муомилоти бехатари иттилооти компютерӣ аз ҳамлаҳои киберӣ), инчунин кирдори шахс, манфиатҳои гуногуни шахсӣ ва иҷтимоӣ (ҳаёт, саломатӣ, молу мулк, дигар арзишҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), инчунин ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғ.) ташкил медиҳанд [25-М]; [2-М].

9. Объекти бевоситаи ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, муносибатҳои ҷамъиятие фаро мегирад, ки ба самтҳои зерин сафарбар гардидаанд:

– муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи амниятии мошинҳои ҳисоббарори электронӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки истифодаи муқаррарии бехатари иттилооти компютериро таъмин мекунад;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ барои таъмини амнияти иттилооти компютерӣ ва кори муътадили компютерҳо, системаҳо ва шабакаҳои интернетӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки низоми ҳуқуқии дастрасӣ, истифода ва паҳнкунии иттилооти компютериро муайян мекунанд;

– ҳуқуқи соҳиби системаи компютерӣ ба дахлнопазирии иттилоот (таъминоти барномавӣ);

– ҳуқуқи соҳибмулк ба дахлнопазирии иттилоот (таъминоти барномавӣ), бехатарии истифодаи унсурҳои зеҳнӣ ва моддии мошинҳои ҳисоббарор;

– муносибатҳо дар соҳаи амнияти компютерӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятии ба таъмини амнияти компютерӣ нигаронидашуда ва амнияти системаҳои иттилоотӣ [2-М].

10. Тарафи объективии ҷиноятҳое, ки муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо, доираи муносибатҳои зоҳирии инсон ташкил медиҳанд, ки дар умум онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

*Ҳамлаҳое, ки барои қатъи шабакаҳои алоқа ва роутерҳо нигаронида шудаанд.* Моҳияти ин навъи ҳамла фиристодани ҷараёни бузурги бо ном **флудӣ** ба компютери ҳамлашуда, яъне дархостҳои нодуруст ё моҳиятан бемаънӣ мебошад. Ин омил тамоми шабакаҳои додаҳо ё роутери вурудро комилан маҳкам мекунад. Азбаски ҳаҷми маълумот аз ҳаҷми захираҳои коркард зиёд аст, гирифтани бастаҳои дурусти додаҳо аз корбарони дигар ғайриимкон мегардад. Дар натиҷа, система аз хидматгузорӣ бозмемонад.

*Ҳамлаҳое, ки ба пуррасозии системаи оператсионӣ ё захираҳои барнома нигаронида шудаанд.* Ин навъи ҳамлаҳо на ба шабакаи алоқа, балки ба худи система нигаронида шудаанд. Мақсади он равонасозии система барои вайрон кардани ин маҳдудиятҳо мебошад. Барои ин ба компютери шахси ҷабрдида шумораи зиёди дархостҳо фиристода мешаванд. Дар натиҷаи ин амал сервер, система аз хидматрасонии дархостҳои корбарони қонунӣ бозмемонад. [25-М];[2-М].

11. Объекти ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд, доираи муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи содиршавиашон ба чунин арзишҳои бо қонун ҳифзшаванда заррар расонида мешаванд:

– ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, ки ба шаъну шараф, эътибор ва обрӯйи шахс; ҳуқуқи ҳар шахс ба дахолатнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ; ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба дахлнопазирии

мукотиба, сухбатҳои телефонӣ, мактубҳои почтавӣ, телеграфӣ; ҳуқуқҳои муаллифӣ ва ҳуқуқҳои ба он алоқаманди инсон ва шаҳрванд равона шудаанд;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иттилооти компютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва фаъолияти иқтисодӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ;

– муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ.

12. Тарафи объективии ҷиноятҳоеро, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд ин маҷмуи аломатҳое дар бар мегирад, ки муносибатҳои зоҳирии шахсро оид ба ҷамъоварии ғайриқонунии маълумот дар бораи шахси дигар, паҳн кардани ин маълумот дар доираи васеъ, ба таври оммавӣ ва ё дар воситаҳои ахбори омма намоиш додани маълумот, инчунин ирсоли мактубҳо бо роҳи фиреб ҳангоми истифода аз шабакаи интернет, ки расонидани зарар ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдидаро ба вуҷуд меорад ташкил медиҳад [29-М].

13. Тарафи субъективии ҷиноятҳое, ки тавассути воситаҳои гуногуни техникӣ содир мешаванд танҳо бо гуноҳ дар шакли қасди бевосита ҷой дошта метавонанд. Ҳангоми содир кардани ин ҷиноят, субъект пурра барои ҷамъият хавфнок будани кирдорашро дарк менамояд, хоҳони фаро расидани оқибати он буда, дидаву дониста оқибати онро пешбинӣ менамояд. Қасди содир шудани ин ҷиноятҳо бо нияти ба даст овардани молу мулк, ғайриқонунӣ, ба даст овардани маълумоти шахсӣ, таъқиби шахс, бастани иттилоот ва нобудсозии он ифода мегардад, ки чун ғарази шахсӣ дида мешавад [21-М].

14. Номгуи субъектони ҷиноятҳое, ки ба василаҳо гуногуни техникӣ содир мешаванд, дар умум субъекти умумӣ, яъне шахси воқеии мукаллафи ба сину соли муқарраршуда расида шуда метавонанд. Вале онҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан зарур аст. 1. Шахсоне, ки дорои донишҳои махсус дар самти ТИК ва барномасозӣ мебошанд (провайдерон, хакерон, операторон,

барномасозон ва ғ.) 2. Шаҳрвандони оддӣ. Ин намуди ҷиноятҳоро метавонанд шахсоне содир кунанд, ки бо фаъолияти умумии шабакаи интернетӣ шинос буда онро ба қадри кофӣ ҳамарӯза истифода менамоянд. Дар маҷмуъ, дар эътирофи сукбъекти ин ҷиноятҳо муҳим корманди ин ё он ташкилот ё муассиса будан нест, балки истифодабарандаи шабакаҳои интернетӣ бошад [29-М].

15. Дар натиҷаи баррасии маълумотҳои оморӣ ва таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба масъалаҳои криминологии киберҷиноятҳо ба чунин хулосаи ниҳоӣ омадан зарур аст:

– содиршавии киберҷиноятҳо бо истифода аз ТИК дар айни замон рӯ ба афзоиш дорад. Мувофиқи мақсад мебошад, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатии дар самти мазкур қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони мавҷуда, ки дар ин самт фаъолият мекунанд, баланд бардошта шавад, инчунин бо ҷалби олимони соҳа, мутахассисони варзидаи техникӣ, собиқадорони соҳа, ташкили институти такмили ихтисоси соҳаи таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ танҳо ба манфиати кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад.

– омори расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми воқеӣ ва хусусияти ҳамлаҳои кибериро пурра инъикос намекунад. Бинобар ин фаъолияти ин Сармарказ бояд ҷоннок карда шавад;

– киберҷинояткорон дар самти истифодаи интернет, воситаҳои гуногуни техникӣ ва таҳияи барномаҳои зараровар дониши васеъ дошта, ҳадафҳои асосии фаъолияти ғайриқонунии онҳо хусусияти санҷиши дониши худро дорад. Аз ин рӯ, мубориза бо киберҷинояткорӣ бояд бо ҷалби мутахассисоне сурат гирад, ки ин хусусиятҳоро мавриди омӯзиш қарор дода бошад;

– яке аз тамоюлҳои асосии рушди киберҷинояткорӣ саривақт ошкор накардани он мебошад. Раванди роҳандозии ғайриқонунии шабакаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мессенҷерҳои фаврӣ ва интернет ба ин раванд мусоидат мекунанд. Истифодаи технологияи навин дар муомилоти молиявӣ ва қарзӣ, тиҷорати онлайнӣ, рамзгузории маълумот ва ғайра ба давлат ва ҷомеа имкон намедиҳад, ки шумораи зиёди киберҷиноятҳоро саривақт пешгирӣ кунанд, зеро онҳо бо сабабҳои технологӣ сарфи назар карда мешаванд;

– таҳдиди бузургтарин ба амнияти иттилооти компютерии ҳифзшуда аз ҷониби корбарони дохилии система мебошад. Вобаста ба ин, такмил додани дараҷаи касбии мутахассисон ва мониторинги эътимоднокии онҳо аз ҷониби хадамоти амнияти мақомоти дахлдор аҳаммияти хоса дорад;

– надонистани қурбониёни киберҷиноятҳо аз воситаҳо ва усулҳои асосии ҳифзи иттилооти худ, ба ҳамлагар имкон медиҳад, ки ба осонӣ амалҳои ғайриқонунӣ содир кунад. Вобаста ба ин, инъикоси нақшаҳои маъмултарини киберҷиноятҳо ва роҳҳои пешгирӣ аз онҳо дар ВАО, инчунин дар байни аҳолӣ ташаккул додани малакаҳои коркарди иттилооти компютерӣ ва омӯзиши кор бо дастгоҳҳои гуногуни техники аз ҷумла интернет аҳаммияти муайян дорад;

– аксари ҷабрдидагони киберҷиноятҳо шахсони ҳуқуқӣ мебошанд. Вобаста ба ин, муассисаю корхонаҳоро зарур аст, ки ба таъмини бехатарии компютерӣ аз ҳуҷумҳои харобиовар диққати махсус равона сохта, дар дастураамлҳои вазифавии коргари ҳимояи иттилоотро равшан карда, барои татбиқи он чораҷӯӣ намояд;

– дараҷаи баланди киберҷиноятҳо бештар ба душвории ошкор кардани кирдори киберҷинояткор ва худдории ҷабрдида барои хабар додан ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ алоқамандӣ дорад [28-М].

16. Дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мавзуъ метавон чанд хулосаи муҳимми илмиро пешниҳод намуд, ки онҳо дар муқовимат бо киберҷинояткорӣ нақши муҳим доранд:

– бо дарназардошти ба нафъи корбарон, эътироф гардидани манбаъҳои иттилоъӣ бояд намудҳои муассири мубориза бо таҳдидҳои байналмилаӣ ва ҳудуди дар асоси омода кардани ШИК-ии электронии мустақими ватанӣ сурат гирад;

– далели падидаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ҳимояи ТИК аз ҳаркатҳои ҷинояткорона бояд ин сабабҳо эътироф гарданд:

• дар қонунгузори пешбини кардани методҳои аз лиҳози технологӣ муосир содир карданни ҳарактҳои ғайриқонунӣ ба василлаи ШИК-ии электронӣ ва оқибатҳои зараровари он, бахусус ҳаракатҳо ғайриқонунӣ мансуб ба низомҳои фазоифизикӣ, ба мисли қатъ кардани корбарӣ ва иғвоангезии интеллектуалӣ, зарар дидани техникаи тиббӣ ба василаи ҳуҷумҳои маҷозӣ, аз кор боз мондани низоми хизматрасониҳои ҳаётан муҳим;

• омодасозии асосҳои роҳбарикунандаи муосирва муқарар намудани истилоҳи муҳити содиргардии кирдор, ки ҷиҳати ҷиноятҳои берун аз марзии дорои характери техникии баланд муҳим аст;

• эҷоди муносиба миёни унсурҳои техникӣ ва ҳуқуқии таалуқдор ба ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, бахусус онҳое, ки ба василаи объектҳои тақсимшудаи берун аз марзӣ анҷом меёбад;

• Корбарии иваз кардани асосҳои роҳбарикунанда ҷиҳати моддаҳои мушаххаси қонунгузорӣ марбут ба ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, ки ба василаи ТИК-ии электронӣ ва ШИК анҷом меёбад;

– эҷоди меъёрҳо ҷиҳати мубориза ба киберҷиноятҳо бояд дар асоси қонунгузории мушаххас анҷом ёбад, дар ин соҳа ба истилоҳи «далеловариҳои рақамӣ» (digitalevidence), ҳамзамон ҳамгирои ин ё он равия ва баррасии онҳо дар ҷараёни тафтишот дар судҳо ҳамчун далели муҳим диққати махсус дода шавад. [22-М];[28-М].

17. Азбаски технологияҳои иттилоотӣ айни замон макони ҷойгиршавии муайян надоранд ва дар ин ҳолат истифодабарандагони ғайриқонунӣ аз

иттилоъӣ дигарон аз дилхоҳ ҷой истифода менамоянд, роҳандозии чораҳои зерин ба манфиати кор мебошад:

*Дар сатҳи миллӣ:*

– иштироки давлат дар таҳияи стратегияи байналмилалии муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ ва ташкили механизмҳои ягонаи ҳуқуқии байналмилалии танзими фазои маҷозӣ;

– лоиҳаи Консепсияи миллии ё Стратегияи давлатии таъмини амнияти киберӣ бояд таҳия карда шавад, ки ба принсипҳо ва меъёрҳои қонунгузорӣ асос ёфта, татбиқи онро дар сатҳи зарурӣ ва соҳаҳои гуногуни давлатӣ фарогир бошад;

– таҳия ва татбиқи низоми бисёрсатҳи институтсионалии амнияти киберӣ, ки ин омилҳоро фаро мегирад: *1) сатҳи илмӣ ва таҳлилӣ, ки* мувофиқи он хатарҳои киберӣ вобаста бо эҳтимолияти рух додани таҳдидҳои киберӣ ва миқёси оқибатҳои манфӣ омухта мешавад; *2) сатҳи амалӣ,* ки дар ду самт ҳамоҳанг хоҳад шуд – дохилӣ (байни сохторҳои мақомоти давлатӣ, ки барои муайян ва муқовимат бо таҳдидҳои киберӣ масъул мебошанд) ва берунӣ, ки дар доираи ҳамоҳангсозии сохторҳои давлатӣ ва институтҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда мешавад;

– баланд бардоштани иқтидори соҳаи иттилоот дар муқовимат бо ҳамлаҳои киберӣ, ки тадбирҳои сиёсии дохилиро вобаста ба технологияи амнияти киберӣ пурзӯр менамояд;

– амалинамоии ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи амнияти киберӣ, пайгирии фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятӣ, террористӣ, ки дар фазои маҷозӣ амал мекунанд;

– барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ сохторҳое, ки ба муайян намудани таҳдидҳои киберӣ, сари вақт ошкор, пешгирӣ, ҳифз ва кам кардани оқибатҳо нигаронида шудаанд, бояд фаъолона иштирок намоянд.

*Дар сатҳи байналмилалӣ:*

– таҳия ва татбиқи созишномаи байналмилалӣ дар соҳаи пешгирӣ ва тафтиши ҳамлаҳои киберӣ миёни ҶТ ва давлатҳои хориҷӣ;

– таъсиси як ниҳоди байналмилалӣ бо намояндагиҳои минтақавӣ. Ин ниҳод бояд доираи Созмони Милали Муттаҳид дар фазои маҷозӣ буда, якчанд сохторро фарогир бошад, масалан: барномаҳо ё консепсияҳоро дар ин самт қабул намояд, нақша-чорабиниҳоро тарҳрезӣ намояд, иҷрои вазифаҳоеро, ки бояд дар сатҳи давлатӣ ягона бошанд амалӣ намояд ва ғ. [9-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Зарур аст, ки барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои давлатӣ дар самти таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ, қабул гардида аз нав дида баромада шуда, шумора ва сифати мутахассисони тайёркарда дар самти амнияти киберӣ зиёд карда, малакаи кормандони фаъолияткунанда, ки дар ин ҷода адои вазифа мекунанд, баланд бардошта шавад, зеро бо ҷалби пажуҳишгаронӣ соҳавӣ, ихтисосмандони машҳури самти техникӣ, таҷрибадорони соҳа, таъсиси институти такмили ихтисоси самти бехатарии маълумот фақат ба манфиати кор аст, зеро таҳқиқотҳо нишон доданд, ки яке аз унсурҳои асосии таъмини амнияти иттилоотӣ аз аз ҳамлаҳои киберӣ ва пешгирии киберҷиноятҳо ин рушди иқтидори таълимӣ ва илмии кишвар мебошад [17-М]; [18-М].

2. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат аз ҷумла дар донишгоҳу донишкадаҳо, ихтисоси «амнияти киберӣ» ҷорӣ карда шавад, зеро таҳқиқотҳо дар ин самт нишон дод, ки ширкатҳои зиёди дохилию хориҷӣ, мутахассисонӣ баланд ихтисосро дар самти «амнияти киберӣ» бештар эътироф мекунанд ва барои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ ба мутахассисони соҳа ниёз доранд. Зеро ҷомеаи имрӯза аллакай ба фазои маҷозии шабакаҳои гуногуни иҷтимоӣ рағбату дилбастагии зиёд дошта, дар ин замина таҳкими амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ масъалаи муҳим арзёби мегардад. Яъне феълан ҳар як инсон ё ташкилот новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии он, метавонад, зери хатари маҳдудшавии фаъолият, ҳамлаи хакерҳо ё худ умуман нестшавӣ қарор гирад [30-М].

3. Бо мақсади огоҳонидан ва муқовимат бо киберҷиноятҳо зарур аст, ки фаъолияти кории Шурои Технологияи иттилоотию коммуникатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷдид карда шуда, дигар шуроҳои дар ин замина ташкил гардида, ҷиҳати ба он интиқол додани вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва роҳбарии байнисоҳавии субъектони муқовимат бо

киберҷиноятҳо (аз ҷумла, Прокуратураи генераии ҶТ, КДАМ ҶТ, ВКД ҶТ ва Вазорати адлияи ҶТ) муқарар карда шавад.

4. Бо дарназардошти вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, инчунин ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот оид ба киберҷиноятҳо, гузаронидани арзёбии экспертии таҳдидҳои киберӣ, таҳия ва татбиқи усулҳои пешрафтаи пешгирӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо, дар доираи СПАД «Маркази муқовимат бо киберҷиноятҳо», ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шавад [24-М].

5. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тамоми бахшҳои ҳайётан муҳими давлатиро фаро гирифтааст, аз ин рӯ Маркази ягонаи коммутатсионии алоқаи барқии Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати ҶТ, Прокуратураи генералии ҶТ ва Вазорати корҳои дохилии ҶТ–ро зарур аст, ки бо мақсади таъмини амнияти иттилооти аз ҳамлаҳои киберӣ дар мамлакат, муяссаршавтро ба сайтҳо ва манбаъҳои дигари маълумотдиҳӣ, бахусус сайт ва нармфазорҳои ШИК-ии электронӣ, ки ба фаррох кардани ҳама гуна маълумот муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ, иттилоот дар бораи маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, маҳдуд намоянд.

6. Барои хусусияти меъёриро касб намудани мафҳуми киберҷиноятҳо, амнияти киберӣ, фазои маҷозӣ, объекти иттилоот, таҳдиди киберӣ, объекти амнияти киберӣ, субъекти таъмини амнияти киберӣ, ҳамлаҳои киберӣ, сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи амнияти киберӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи амнияти киберӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи амнияти киберӣ, системаи таъмини амнияти киберӣ, дастгирии илмӣ–техникӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи амнияти киберӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи амнияти киберӣ зарур медонем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ» қабул карда шавад [26-М].

7. Бо мақсади такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мустаҳкам гардонидани омилҳои муқовимат бо киберҷиноятҳо ба КҶ ҶТ тағйирот ворид кард шавад.

Махсусан дар боби 28 КҶ ҶТ чунин пешниҳодҳоро вобаста ба тағйиру иловаҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ зарур мешуморем:

а) моддаи 298 (1). Ба даст овардани маълумоти электронии шахсӣ бо роҳи фиреб ё усулҳои дигари дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумот барои истифода ба манфиати шахсӣ;

б) моддаи 300. Кодекси ҷиноятии ҶТ, қисми 2 дар таҳрири нав илова карда шавад;

в) дар боби 28-и КҶ ҶТ моддаи 300(1) Ҳамлаи компютерии DoS ва Моддаи 301 (2). Ғайриқонунӣ дар шакли оммавӣ паҳн кардани паёмҳои электронӣ моддаҳои нав, ворид карда шавад;

г) зарур аст, ки қисми 3-юми моддаи 301 КҶ ҶТ бандҳои алоҳида илова карда шавад;

д) моддаи 301 (3). Таҳия, интишор ва паҳн кардани иттилоот, бо истифодаи шабакаи интернет ва ҳама гуна воситаҳои шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ дар КҶ ҶТ дохил гардад;

е) зарурияти ворид намудани тағйирот ба қисми 2 моддаи 302 КҶ Ҷ ба миён омадааст;

ё) пешниҳод карда мешавад, ки моддаи 303-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода карда шавад: Моддаи 303. Ғайриқонунӣ таҳия, истифода ё паҳн кардани барномаҳои зараровари компютерӣ.

8. Аз пажуҳиш ва таҳқиқӣ объекти ҷиноятҳо муқобили шабакаҳои интнренети ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо зарур медонем, ки фасли нав дар КҶ ҶТ бо номи «Ҷиноятҳо муқобили амнияти киберӣ» дохил гардад [25-М].

Бо боварии комил метавон гуфт, ки тавсия ва пешниҳодҳои илмӣ дар ин самт ба таҳкими амнияти кишварҳо ва муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ дар минтақа ва ҷаҳон мусоидат хоҳанд кард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [CD-ROM].
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои рақамии электронӣ» [Матн] аз 30-юми июли сорли 2007 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – №6. – м. 532; – №7. – м. 682.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»[Матн] аз 10-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – №4. – қ. 2. – м. 320.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» [Матн] аз 6-уми августи соли 2001 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001. – №7. – м. 502.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»[Матн] аз 19-уми марти соли 2013 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2013. – №3. – м. 201.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот»[Матн] аз 15-уми майи соли 2002 // Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон. – 2002. – №11. – м. 696.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ» аз 3 августи соли 2018, таҳти №1537 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»[Матн] аз 3-юми июли соли 2012, №839 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. – №4. – м. 689.

10. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»[Матн] аз 25-уми марти соли 2011, № 687 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №3. – м. 155.
11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти киберии байналмилалӣ» аз 29 августи соли 2023, таҳти №381 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj (санаи муроҷиат 11.09.2023).
12. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми январи соли 2015, таҳти №332 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://majmilli.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
13. Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, таҳти №1/4 «Дар бораи тасдиқи Шиносномаи ихтисосҳои илмӣ оид ба ҳуқуқшиносӣ» [Матн] // Бюллетени Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №1 (5). – С. 79, 122-124.
14. Соглашение между правительствами государств-членов Шанхайской Организации Сотрудничества в области обеспечения международной информационной безопасности: заключено в г. Екатеринбурге 16 июня 2009 года [Текст] // Бюллетень международных договоров. – 2012. – №1. – С. 13-21.
15. Конвенция Совета Европы о защите детей от сексуальной эксплуатации и сексуального насилия. Принята 25 октября 2007 г. на о-ве Лансароте [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.coe.int/ru/web/impact-convention-human-rights/council-of-europe-convention-on-the-protection-of-children-against-sexual-exploitation-and-sexual-abuse# (санаи муроҷиат: 23.04.2021).
16. Конвенция о преступности в сфере компьютерной информации (ETS №185): принята в г. Будапеште 23 ноября 2001 года [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: http://conventions.coe.int /Treaty/en/ Treaties/ Html/185.htm (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
17. Конвенция Совета Европы об отмывании, выявлении, изъятии и конфискации доходов от преступной деятельности и о финансировании терроризма. Принята 16 мая 2005 г. [Текст] // Собрание законодательства РФ. – 2018. – №8. – Ст. 1091.
18. Европейская конвенция по киберпреступлениям (преступлениям в киберпространстве): заключена в Будапеште 23 ноября 2001 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://base.garant.ru/4089723 (санаи муроҷиат: 15.04.2020).
19. Окинавская хартия Глобального информационного общества от 22 июля 2000 года [Текст] // Дипломатический вестник. – 2000. – №8. – С. 51-56.
20. Концепции сотрудничества государств-участников Содружества Независимых Государств в борьбе с преступлениями, совершаемыми с использованием информационных технологий: решение Совета глав государств СНГ: заключена в г. Минске 25 октября 2013 года [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 15.04.2023).
21. Соглашение о сотрудничестве государств-участников СНГ в борьбе с преступлениями в сфере компьютерной информации от 1 июня 2001 года в городе Минске [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://docs. cntd.ru/document/902140948 (санаи муроҷиат: 15.04.2023).
22. Стратегические приоритеты сотрудничества в области противодействия киберпреступности в странах Восточного партнерства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rm.coe.int/1680300ad3 (санаи муроҷиат: 23.04.2021).
23. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть четвертая) от 18 дек. 2006 г., №230ФЗ [Текст] // Рос. газ. – 2006. – 22 дек.
24. Уголовный кодекс Бельгии. Изд-во «Юридический центр Пресс», 2022 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mybook.ru/author/

neustanovlennyj-avtor-2/ugolovnyj-kodeks-belgii/read/?page (санаи муроҷиат: 23.04.2023).
25. Уголовный кодекс Бельгии [Текст]: пер. франц. / Под науч. ред. Н.И. Мацнева. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 350 с.
26. Уголовный кодекс Голландии (ст. 77а) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1242430&subID= 100100457,100100459 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
27. Уголовный кодекс Дании (§15) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1241524&subID=100096345, 100096366,100096661,100097370#t ext (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
28. Уголовный кодекс Латвийской Республики (ст. 11) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1243424 &subID=100106935,100106943,100106967#text (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
29. Уголовный кодекс Молдовы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legislationline.Org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2 018_ru.pdf (санаи муроҷиат: 02.11.2020).
30. Уголовный кодекс Республики Беларусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.tamby.info/kodeks/yk.htm (санаи муроҷиат: 11.01.2020).
31. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 г., №63-ФЗ (ред. от 08.06.2020) [Текст] // Собрание законодательства Российской Федерации. – 1996. – №25. – Ст. 2954.
32. Уголовный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://meget.kiev.ua/kodeks/ugolovniy-kodeks (санаи муроҷиат: 01.11.2022).
33. Уголовный кодекс Франции [Текст] / Научные редакторы Головко Л.В., Крылова Н.Е.; Перевод с фр. Крылова Н.Е. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002. – 650 с.
34. Уголовный кодекс Франции. Книга 4. О преступлениях и проступках против нации, государства и общественного порядка. Раздел 1. О посягательствах на основополагающие интересы нации. Глава 1. Об

измене и шпионаже. Отдел 4. О саботаже (ст. 411-9) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.law.edu.ru/norm/norm.asp?normID=1243018 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
35. Уголовный кодекс ФРГ. Раздел 26. Повреждение имущества (§303a, 303b) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://lexetius.com/StGB/263a (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
36. Уголовный кодекс Швеции (ст. 6) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.sweden4rus.nu/rus/info/juridisk/ugolovnyj_kodeks_shvecii (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
37. Уголовный кодекс штата Калифорнии, США 1872 г. ст. 422 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://leginfoLegislature.ca.gov/ faces/ codes_ displayText.xhtml?lawCode=PEN&heading2=TITLE%20 OF%20THE%20ACT (санаи муроҷиат: 09.01.2021).
38. Уголовный кодекс штата Квинсленда, Австралия 1899 г. ст. 359B [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www. legislation. qld. gov.au/ view/pdf/2019-05-07/act-1899-009 (санаи муроҷиат: 10.01.2021).
39. Уголовный кодекс штата Колорадо, США 1964 г. ст. 18-9-111 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// codes.fi ndlaw. com/co/title-18-criminal-code/co-rev-st-sect-18-9-111.html (санаи муроҷиат: 09.01.2021).
40. Уголовный кодекс Эстонии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.legislationline.Org/download/id/6462/file/Estonia_CC_as_of_2002_ru.pdf (санаи муроҷиат: 03.11.2021).
41. Федер. закон «Об информации, информационных технологиях и о защите информации» от 27 июля 2006 г., №149ФЗ [Текст] // Рос. газ. – 2006. – 29 июля.
42. Федер. закон «О персональных данных» от 27 июля 2006 г., №152ФЗ [Текст] // Рос. газ. – 2006. – 29 июля.
43. Закон, вносящий изменения в закон «О борьбе со сталкингом» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.shugiin.go.jp/internet/itdb_gian.nsf/html/gian/honbun/houan/g19202051.htm (санаи муроҷиат: 10.01.2021).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ


44. Aldrich, R.W. Cyberterrorism and Computer Crimes: Issues Surrounding the Establishment of an International Legal Regime [Tekst] / R.W. Aldrich. – Colorado: USAF Academy, 2000. – 103 p.
45. Bocij, P. Cyberstalking: Harassment in the Internet Age and How to Protect You Family [Tekst] / P. Bocij. – New York: Praeger, 2004. – 268 p.
46. Icove, D., Seger, K., Vonstorch, W. Computer Crime: A Crimefighter's Handbook [Tekst] / D. Icove, K. Seger, W. Vonstorch. – Sebastopol: Oreilly & Associates Inc, 1995. – 464 p.
47. Kabay, M.E. Understanding Studies and Surveys of Computer Crime [Tekst] / Northfield / M.E. Kabay. – New York, 2001. – 1184 pp.
48. Qianyun, Wang. A comparative study of cybercrime in criminal law: China, US, England, Singapore and the Council of Europe [Tekst] / Wang Qianyun. – Rotterdam, 2016. – P. 56.
49. Shinder, D.L. Scene of the Cybercrime. Computer Forensics Handbook [Tekst] / D.L. Shinder. – Rockland, 2003. – 749 p.
50. Агыбаев, А.Н., Баймурзин, Г.И., Рогов, И.И. Уголовное право Республики Казахстан. Общая часть [Текст]: учебник / А.Н. Агыбаев, Г.И. Баймурзин, И.И. Рогов. – Алматы: Қазақ университеті, 2004 г. – 239 с.
51. Айков, Д., Сейгер, К., Фонсторх, У. Компьютерные преступления: Руководство по борьбе с компьютерными преступлениями [Текст] / Д. Айков, К. Сейгер, У. Фонсторх. – М.: Мир, 1999. – 352 с.
52. Акутаев, Р.М. Проблемы латентной преступности [Текст]: учебное пособие по спецкурсу / Р.М. Акутаев. – Махачкала: ИПЦ ДГУ, 2001. – 173 с.
53. Алескеров, В.И, Максименко, И.А. Уголовно-правовая и криминалистическая характеристика современных видов преступлений [Текст]: лекция / В.И. Алескеров, И.А. Максименко. – Домодедово: ВИПК МВД России, 2011. – 26 с.

54. Андреев, Б.В. Правовая информатика [Текст] / Б.В. Андреев; Ин-т междунар. права и экономики (ИМПЭ) им. А.С. Грибоедова. – М.: ИМПЭ, 1998. – 128 с.
55. Антонян, Ю., Кудрявцев, В.Н., Эминов, В.Е. Личность преступника [Текст] / Ю. Антонян, В.Н. Кудрявцев, В.Е. Эминов. – Москва, 2004. – 366 с.
56. Батурин, Ю.М., Жодзишский, А.М. Компьютерная преступность и компьютерная безопасность [Текст] / Ю.М. Батурин, А.М. Жодзишский. – М.: Юрид. лит., 1991. – 160 с.
57. Баҳриддинов, С.Э. Криминология. Қисми умумӣ [Матн]: китоби дарсӣ / С.Э. Баҳриддинов. – Душанбе, 2013. – 187 с.
58. Безруков, Н.Н. Компьютерная вирусология. Часть 1: Общие принципы функционирования, классификация и каталог наиболее распространенных вирусов в операционной системе MS DOS [Текст] / Н.Н. Безруков. – Киев, 1990. – 450 с.
59. Бешелев, С.Д., Гурвич, Ф.Г. Математико-статистические методы экспертных оценок [Текст] / С.Д. Бешелев, Ф.Г. Гурвич. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Статистика, 1980. – 263 с.
60. Блинников, В.А., Устинов, Б.С. Лжесвидетельство: уголовно-правовые, криминологические, уголовно-процессуальные и криминалистические аспекты [Текст] / В.А. Блинников, Б.С. Устинов. – Ставрополь: Изд-во СГУ, 1999. – 180 с.
61. Большой оксфордский толковый словарь английского языка [Текст] / Под ред. А. Делаханти и Ф. Макдональда. – М.: Изд-во «АСТ», 2005. – 825 с.
62. Боровиков, В.Б., Смердов, А.А. Уголовное право. Общая часть [Текст]: учебник для вузов / Под ред. В.Б. Боровикова. – 5-е изд., перераб, и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2019. – 249 с.
63. Бородин, С.В., Дубовик, О.Л., Келина, С.Г., Кригер, Г.Л. Российское уголовное право [Текст]: особенная часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Юристъ, 1997. – 496 с.

64. Быков, В.М., Черкасов, В.Н. Преступления в сфере компьютерной информации: криминологические, уголовно-правовые и криминалистические проблемы [Текст]: монография / В.М. Быков, В.Н. Черкасов. – Москва: Юрлитинформ, 2015. – 328 с.
65. Бытко, Ю.И., Бытко, С.Ю. Уголовное право России. Части Общая и Особенная [Текст]: учебник / Ю.И. Бытко, С.Ю. Бытко. – Саратов: Изд-во «Научная книга», 2005. – 315 с.
66. Варданян, А.В., Никитина, Е.В. Расследование преступлений в сфере высоких технологий и компьютерной информации [Текст] / А.В. Варданян, Е.В. Никитина. – М.: Юрлитинформ, 2007. – 312 с.
67. Ваулина, Т.И. Уголовное право. Особенная часть: учебник для вузов [Текст] / Отв. ред. И.Я. Козаченко, З.А. Незнамова, Г.П. Новоселов. – М., 1998. – 768 с.
68. Венгеров, А.Б. Теория государства и права [Текст]: учеб. для юрид. вузов / А.Б. Венгеров. – М.: Юриспруденция, 2000. – 528 с.
69. Вехов, В.Б. Компьютерные преступления: способы совершения и раскрытия [Текст] / Под ред. акад. Б.П. Смагоринского. – М.: Право и Закон, 1996. – 182 с.
70. Вехов, В.Б., Голубев, В.А. Расследование компьютерных преступлений в странах СНГ [Текст]: монография / Под ред. проф. Б.П. Смагоринского. – Волгоград: ВА МВД России, 2004. – 304 с.
71. Витвицкий, А.А. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник / Под ред. В.Н. Петрашева. – М., 1999. – 459 с.
72. Волеводз, А.Г. Противодействие компьютерным преступлениям: правовые основы международного сотрудничества [Текст] / А.Г. Волеводз. – М.: Юрлитинформ, 2002. – 496 с.
73. Волженкин, В.Б. Преступления в сфере экономической деятельности (Экономические преступления) [Текст] / Б.В. Волженкин / Ассоциация Юридический центр. – [2-е изд.]. – Санкт-Петербург: Юридический центр Пресс, 2002. – 641 с.

74. Волосова, Н.Ю., Журкина, О.В. Уголовное право стран СНГ [Текст]: учебное пособие / Н.Ю. Волосова, О.В. Журкина. – Оренбург: ОГУ, 2019. – 122 с.
75. Гаврилин, Ю.В., Головин, А.Ю., Кузнецов, А.В., Толстухина, Т.В. Преступления в сфере компьютерной информации: квалификация и доказывание [Текст]: учебное пособие / Под ред. Гаврилин Ю.В. – М.: Книжный мир, 2003. – 245 с.
76. Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо [Матн]: монографияи илмӣ / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 248 с.
77. Данилевич, А.А., Самарин, В.И. Международная правовая помощь по уголовным делам: уголовно-процессуальный аспект [Текст] / А.А. Данилевич, В.И. Самарин. – Минск: БГУ, 2009. – 127 с.
78. Долгова, А.И. Преступность, ее организованность и криминальное общество [Текст] / А.И. Долгова. – М., 2003. – 572 с.
79. Евдокимов, К.Н. Создание, использование и распространение вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты [Текст]: монография / К.Н. Евдокимов. – Иркутск, 2013. – 275 с.
80. Ефремова, М.А. Уголовная ответственность за преступления, совершаемые с использованием информационно-телекоммуникационных технологий [Текст]: монография / М.А. Ефремова. – Москва: Юрлитинформ, 2015. – 200 с.
81. Зимин, В.П. Международное сотрудничество в области борьбы с преступностью и охраны общественного порядка [Текст] / В.П. Зимин. – М.: Науч.- исслед. ин-т МВД РФ, 1993. – 157 с.
82. Информационные технологии в юридической деятельности [Текст]: учебное пособие для вузов / Под ред. В.Д. Элькина. – М.: Изд. Юрайт, 2018. – 527 с.

83. Каиржанов, Е. Интересы трудящихся и уголовный закон (проблемы объекта преступления) [Текст] / Е. Каиржанов. – Алма-Ата: Казахстан, 1973. – 160 с.
84. Карабин, П. Эффективный фрикипг или тайны «телефонных» хакеров (кратко, доступно, просто) [Текст] / П. Карабин. – М.: Познават. кн. плюс, 1999. – 192 с.
85. Касперский, Е. Компьютерное зловредство (+CD) [Текст] / Е. Касперский. – Санкт-Петербург, 2007. – 208 с.
86. Кваша, Ю.Ф., Зайналобидов, А.С., Зрелов, А.П. Криминология [Текст] / Ю.Ф. Кваша, А.С. Зайналобидов, А.П. Зрелов. – Ростов-на-Дону, 2002. – 704 с.
87. Квашис, В.Е. Преступная неосторожность. Социально-правовые и криминологические проблемы [Текст] / В.Е. Квашис. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 1986. – 192 с.
88. Клепицкий, И.А. Уголовное право России. Особенная часть [Текст]: учебник / Отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М., 1996. – 352 с.
89. Козаченко, И.Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья [Текст] / Под ред. Ковалев М.И. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 1987. – 232 с.
90. Козлов, В.Е. Теория и практика борьбы с компьютерной преступностью [Текст] / В.Е. Козлов. – М.: Горячая линия-Телеком, 2002. – 336 с.
91. Козлов, Д.А., Парандовский, А.А., Парандовский, А.К. Энциклопедия компьютерных вирусов [Текст] / Д.А. Козлов, А.А. Парандовский, А.К. Парандовский. – Москва: Издательство: СОЛОН-Р, 2010. – 464 с.
92. Колобов, В.А., Ясенев, В.Н. Информационная безопасность и антитеррористическая деятельность современного государства: проблемы правового регулирования и варианты их решения [Текст]: учеб. пособие / В.А. Колобов, В.Н. Ясенев. – Н. Новгород: Нижегород. гос. ун-т им. Н.И. Лобачевского, 2001. – 374 с.
93. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Под общей ред. Г.А. Есакова. – 4-е издание. – Москва: Проспект, 2012. – 544 с.

94. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Под общей ред. Г.А. Есакова. – 7-е издание, переработанное и дополненное. – Москва: Проспект, 2017. – 490 с.
95. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Под ред. А.И. Чучаева. – Москва: КОНТРАКТ, 2013. – 672 с.
96. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Отв. ред. В.М. Лебедев. – 13-е издание, переработанное и дополненное. – Москва: Издательство «Юрайт», 2013. – 1069 с.
97. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст] / Под общ. ред. Н.Г. Кадникова. – М.: Юриспруденция, 2008. – 871 [1] с.
98. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Бородин С.В., Дубовик О.Л., Келина С.Г. и др.; Отв. ред. А.В. Наумова. – Ин-т государтва и права РАН. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 1999. – 863 с.
99. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / В.И. Радченко, А.С. Михлин. – М.: Спарк, 2004. – 943 с.
100. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Отв. ред. А.А. Чекалин; Под ред. В.Т. Томина, В.С. Устинова, В.В. Сверчкова. – М.: Юрайт-Издат, 2004. – 1038 с.
101. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. В.М. Лебедева, Ю.И. Скуратова. – М., 2002. – 960 с.
102. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – М.: Юрайт, 2004. – 917 с.
103. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. д.ю.н., Председателя Верховного Суда Российской Федерации В.М. Лебедева. – Москва: Норма-Инфра-М, 2005. – 806 с.

104. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под общ. ред. В.М. Лебедева. – 4-е изд., перераб, и доп. – М.: Норма, 2006. – 912 с.
105. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. В.И. Радченко, А.С. Михлина. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – 784 с.
106. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст]: постатейный, научно-практический / В.В. Коряковцев, К.В. Питулько. – СПб.: Питер, 2004. – 816 с.
107. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации [Текст]: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики / Под общ. ред. Н.А. Овчинникова. – Москва: Издательство «Экзамен», 2007. – 975 с.
108. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации с постатейными материалами и судебной практикой [Текст] / Под ред. С.И. Улезько. – Ростов н/Д: «МарТ», 2002. – 864 с.
109. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: в 2 т. Т. 2. [Текст] / Под ред. А.В. Бриллиантова. – Москва: Издательство «Проспект», 2015. – 704 с.
110. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: Научно-практический (постатейный) [Текст] / Под ред. С.В. Дьякова, Н.Г. Кадникова. – 2-е издание, переработанное и дополненное. – Москва: Юриспруденция, 2013. – 553 с.
111. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации: расширенный уголовно-правовой анализ с материалами судебно-следственной практики [Текст] / Под общ. ред. А.П. Новикова. – М.: Экзамен, 2006. – 975 с.
112. Комментарий к УК РФ [Текст] / Отв. ред. д.ю.н., проф. А.В. Наумов. – Москва: Юрист, 1996. – 824 с.
113. Комментарий к УК РФ [Текст] / Под общей ред. Председателя Верховного Суда Российской Федерации В.М. Лебедева и д.ю.н.,

профессора Ю.И. Скуратова. – Москва: ИНФРА-М-НОРМА, 1996. – 592 с.
114. Компьютерная преступность и информационная безопасность [Текст] / Под ред. Леонова А.П. – Минск: АРИЛ, 2000. – 552 с.
115. Компьютерные технологии в юридической деятельности [Текст]: учебное и практическое пособие / Под ред. Н.С. Полевого, В.В. Крылова. – М.: БЕК, 1994. – 303 с.
116. Коржанский, Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны [Текст] / Н.И. Коржанский. – М.: Акад. МВД СССР, 1980. – 248 с.
117. Коржанский, Н.И. Объект посягательства и квалификация преступлений [Текст]: учебное пособие / Н.И. Коржанский. – Волгоград: НИиРИО ВСШ МВД СССР, 1976. – 120 с.
118. Коробейников, Б.В., Савинов, А.В. Уголовное право России (Особенная часть) [Текст]: учебное пособие / Б.В. Коробейников, А.В. Савинов. – М.: Национальный институт бизнеса, 2005. – 920 с.
119. Криминология [Текст]: учебник / Под ред. В.Н. Кудрявцева и В.Э. Эминова. – 2-е изд., перараб. и доп. – Москва: Юрист, 2000. – 678 с.
120. Криминология [Текст]: учебное пособие / Под ред. Н.Ф. Кузнецова. – Москва: Зерцало, ТЕИС, 1996. – 160 с.
121. Крылов, В.В. Информационные компьютерные преступления [Текст] / В.В. Крылов. – М.: Городец, 1997. – 189 с.
122. Крылов, В.В. Информационные компьютерные преступления [Текст]: учебное и практическое пособие / В.В. Крылов. – Москва: Инфра-М-Норма, 1997. – 285 с.
123. Кудрявцев, В.Н., Никифоров, Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву [Текст] / В.Н. Кудрявцев, Б.С. Никифоров. – М.: Госюриздат, 1960. – 228 с.
124. Кузнецов, М.В., Симдянов, И.В. Социальная инженерия и социальные хакеры [Текст] / М.В. Кузнецов, И.В. Симдянов. – СПб.: БХВ-Петербург, 2007. – 368 с.

125. Куринов, Б.А. Научные основы квалификации преступлений [Текст]: учебное пособие / Б.А. Куринов. – М.: Моск. ун-та, 1984. – 181 с.
126. Курс российского уголовного права [Текст]: общая часть / Под ред. Кудрявцев В.Н., Наумов А.В. – М.: Спарк, 2001. – 767 с.
127. Лесниевски-Костарева, Т.А. Дифференциация уголовной ответственности. Теория и законодательная практика [Текст] / Т.А. Лесниевски-Костарева. – М.: Норма, 1998. – 296 с.
128. Ли, Д.А. Преступность в структуре общества [Текст] / Д.А. Ли. – М.: Русский мир, 2000. – 152 с.
129. Литвинов, Д.В., Скрыль, С.В., Тямкин, А.В. Исследование механизмов противодействия компьютерным преступлениям: организационно-правовые и криминалистические аспекты [Текст]: монография / Д.В. Литвинов, С.В. Скрыль, А.В. Тямкин. –Воронеж: ВИ МВД России, 2009. – 218 с.
130. Лукасевич, Я. Аристотелевская силлогистика с точки зрения современной формальной логики [Текст] / Я. Лукасевич. – М.: Издательство иностранной литературы, 1959. – 312 с.
131. Ляпунов, Ю.И. Общественная опасность деяния как универсальная категория советского уголовного права [Текст]: учебное пособие / Ю.И. Ляпунов. – Москва: Изд-во ВЮЗШ МВД СССР, 1989. – 119 с.
132. Ляпунов, Ю.И., Пушкин, А.В. Преступления в сфере компьютерной информации [Текст] / Уголовное право. Особенная часть / Под ред. Н.И. Ветрова, Ю.И. Ляпунова. – М., 1998. – 768 с.
133. Маймеску, С. Глава XI. Информационные преступления и преступления в области электросвязи [Текст] / Комментарий к Уголовному кодексу Республики Молдова. Общая и Особенная части / Отв. ред. Бужор В.Г. – Кишинэу, 2010. – 1134 с.
134. Маҷидзода, З.Ҷ., Холиқзода, А.Ғ., Одиназода, Р.С. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ) [Матн] / З.Ҷ. Маҷидзода, А.Ғ. Холиқзода, Р.С. Одиназода. – Душанбе, 2019. – 240 с.

135. Маҷидзода, Ҷ.З., Назаров, Н.Ҷ. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ [Матн] / Ҷ.З. Маҷидзода, Н.Ҷ. Назаров. – Душанбе, 2014. – 268 с.
136. Меньшагин, В.Д. Советское уголовное право [Текст]: учеб. пособие для правовых школ / В.Д. Меньшагин. – М.: Юрид. лит., 1938. – Вып. 1. – 184 с.
137. Милюков, С.Ф., Павлов, В.Г. Субъект преступления и уголовная ответственность [Текст]: монография / С.Ф. Милюков, В.Г. Павлов. – СПб.: Изд-во С.-Петербург. ун-та, 2000. – 192 с.
138. Наумов, А.В. Российское уголовное право [Текст]: общая часть. Курс лекций. В 2 т. Т. 1. / А.В. Наумов. – 3-е изд., перераб. и доп. – Москва: Юрид. лит., 2004. – 496 с.
139. Никифоров, Б.С. Избранное [Текст] / Составитель канд. юрид. наук А.А. Гравина. – М.: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве РФ, 2010. – 224 с.
140. Никифоров, Б.С., Решетников, Ф.М. Современное американское уголовное право [Текст] / Отв. ред. Власихин В.А. – М.: Наука, 1990. – 256 с.
141. Новое в Уголовном кодексе [Текст] / Под ред. А.И. Чучаева. – Москва: Контракт, 2012. – Вып. 2. – 114 с.
142. Новоселов, Г.П. Учение об объекте преступления. Методологические аспекты [Текст] / Г.П. Новоселов. – М.: Норма, 2001. – 208 с.
143. Норткат, С., Новак, Д. Обнаружение нарушений безопасности в сетях [Текст] / С. Норткат, Д. Новак. – 3-е издание. – Пер. с англ. – М.: Изд. дом «Вильямс», 2003. – 448 с.
144. Овчинский, В.С. Криминология цифрового мира [Текст]: учебник для магистратуры / В.С. Овчинский. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2018. – 352 с.
145. Осипенко, А.Л. Борьба с преступностью в глобальных компьютерных сетях: международный опыт [Текст]: монография / А.Л. Осипенко. – М.: Норма, 2004. – 432 с.
146. Павлов, В.Г. Субъект преступления [Текст] / В.Г. Павлов. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 318 с.

147. Пионтковский, А.А. Курс советского уголовного права [Текст]: в 6 т. Часть Общая. Т. 2. Преступление / Редкол.: Пионтковский А.А., Ромашкин П.С., Чхиквадзе В.М. – М.: Наука, 1970. – 516 с.
148. Пионтковский, А.А. Учение о преступлении по советскому уголовному праву. Курс советского уголовного права [Текст]: общая часть / А.А. Пионтковский. – М.: Госюриздат, 1961. – 666 с.
149. Полный курс уголовного права [Текст]: в 5 т. Т. 4. Преступления против общественной безопасности / Под ред. Коробеев А.И. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2008. – 674 с.
150. Прокофьев, И.В. Защита информации в информационных системах [Текст]: учебное пособие / И.В. Прокофьев. – М.: МИЭМ, 1997. – С. 54-57.
151. Простосердов, М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве [Текст]: монография / М.А. Простосердов. – М.: Юрлитинформ, 2017. – 168 с.
152. Раджабов, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: монография / К.Д. Раджабов. – Душанбе: «Лахути», 2020. – 156 с.
153. Рарог, А.И. Квалификация преступлений по субъективным признакам [Текст] / А.И. Рарог. – СПб., 2002. – 304 с.
154. Рарог, А.И. Общая теория вины в уголовном праве [Текст]: учеб. пособие / А.И. Рарог. – М.: ВЮЗИ, 1980. – 91 с.
155. Рассолов, И.М. Право и Интернет: теоретические проблемы [Текст] / И.М. Рассолов. – 2-е изд., доп. – М.: Норма, 2009. – 383 с.
156. Русско-таджикский словарь [Текст] / Под ред. члена корреспондента АН СССР М.С. Асимова. – Москва: Русский язык. – 1985. – 280 с.
157. Садовский, В.Н. Основания общей теории систем. Логико-методологический анализ [Текст] / Отв. ред. Уемов А.И. – М.: Наука, 1974. – 279 с.
158. Семернева, Н.К. Квалификация преступлений (части Общая и Особенная) [Текст]: научно-практическое пособие: практическое пособие /

Н.К. Семернева. – Москва, Екатеринбург: Проспект, Уральская государственная юридическая академия, 2015. – 292 с.
159. Серго, А. Интернет и право [Текст] / А. Серго. – М.: Бестселлер, 2003. – 272 с.
160. Смирнов, А.В., Калиновский, К.Б. Комментарий к Уголовному кодексу Туркменистана. Постатейный [Текст] / Под общ. ред. проф. А.В. Смирнова. – Ашхабад, 2013. – 663 с.
161. Сыдыкова, Л.Ч. Уголовное право Кыргызской Республики [Текст]: учебник для вузов. Общая часть / Отв. ред. Рустемова Г.Р., Тугельбаева Б.Г. – Бишкек, 2007. – 254 с.
162. Таганцев, Н.С. Русское уголовное право [Текст]: лекции. Часть общая. В 2-х т. / Сост. и отв. ред. Загородников Н.И. – М.: Наука, 1994. – Т. 1. – 380 с.
163. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Муҳарири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2005. – 1204 с.
164. Таций, В.Я. Объект и предмет преступления в советском уголовном праве [Текст]: монография / В.Я. Таций. – Харьков: Вища школа, 1988. – 198 с.
165. Уголовное право [Текст]: учебник / Под ред. д.ю.н., проф. Н.И. Ветрова, д.ю.н., проф. Ю.И. Ляпунова. – 3-е изд., испр. и доп. – М.: Юриспруденция, 2005. – 704 с.
166. Уголовное право зарубежных стран. В 3 т. Том 3. Особенная часть [Текст]: учебник для бакалавриата и магистратуры / Отв. ред. Н.Е. Крылова. – 5-е изд., перераб., и доп. – М.: Юрайт, 2016. – 254 с.
167. Уголовное право России. Общая часть [Текст]: учебник / Под ред. И.Э. Звечаровского. – Москва: Норма: Инфра-М, 2010. – 640 с.
168. Уголовное право России. Особенная часть [Текст] / Отв. ред. Б.В. Здравомыслова. – М.: Юристъ, 1996. – 559 с.
169. Уголовное право России. Особенная часть [Текст]: учебник для вузов / Отв. ред. Л.Л. Кругликов. – М.: Изд-во БЕК, 1999. – 832 с.

170. Уголовное право Россия. Общая часть [Текст]: учебник / Под ред. А.И. Рарога. – Москва: Эксмо, 2009. – 496 с.
171. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник / Под ред. Здравомыслов Б.В. – М.: Юрид. лит., 1995. – 543 с.
172. Уголовное право. Особенная часть [Текст]: учебник для вузов / Под ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М.: Эксмо, 2004. – 704 с.
173. Уголовное право: Часть Общая. Часть Особенная [Текст]: учебник / Под общ. ред. Л.Д. Гаухмана, С.В. Максимова. – М., 1999. – 654 с.
174. Уголовные кодексы стран СНГ (Россия, Беларусь, Украина, Молдова, Казахстан) / Модельный уголовный кодекс стран СНГ: сопоставительная таблица [Текст]: учеб. пособие / Под общ. ред. Н.И. Ветрова. – Брянск, 2001. – 359 с.
175. Уголовный кодекс РФ [Текст]: постатейный комментарий / Науч. ред. Н.Ф. Кузнецова, Г.М. Миньковский. – Москва, 1997. – 920 с.
176. Устименко, В.В. Специальный субъект преступления [Текст]: монография / В.В. Устименко. – Харьков: Вища шк., 1989. – 104 с.
177. Файтс, Ф., Джонстон, П., Кратц, М. Компьютерный вирус: проблемы и прогноз [Текст] / Ф. Файтс, П. Джонстон, М. Кратц. – М.: Мир, 1994. – 176 с.
178. Фатьянов, А.А. Правовое обеспечение безопасности информации в Российской Федерации [Текст]: учебное пособие / А.А. Фатьянов. – М.: Юрист, 2001. – 412 с.
179. Федоров, А.В. Информационная безопасность в мировом политическом процессе [Текст]: учеб. пособие / А.В. Федоров. – М.: МГИМО-Университет, 2006. – 220 с.
180. Шарипов, Т.Ш., Сафаров, А.И., Саидов, Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ) [Матн] / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов. – Душанбе, 2016. – 494 с.
181. Шарифзода, Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе

обеспечения национальной безопасности государства [Текст]: монография / Под ред. А.М. Кононова. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 267 с.
182. Шуберт, Л. Об общественной опасности преступного деяния [Текст]: пер. со словац. Р.П. Разумовой / Под ред. Гельфера. – М.: Госюриздат, 1960. – 238 с.
183. Шурухнов, Н.Г., Пушкин, А.В., Соцков, Е.А., Гаврилин, Ю.В. Расследование неправомерного доступа к компьютерной информации [Текст]: науч.-практ. пособие / Под ред. Шурухнова Р.Г. – М.: Щит-М, 1999. – 253 с.
184. Якушин, В.А. Ошибка и ее уголовно-правовое значение [Текст] / В.А. Якушин. – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1988. – 126 с.

**III. Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

185. Charlesworth, A. Legislating against Computer Misuse: The trials and tribunals of the UK Computer Misuse Act 1990 [Tekst] / A. Charlesworth // Journal of law, information and science. – 1993. – №4 (1). – P. 80-93.
186. Chen, Lihua. The discussion on computer crime and its legislation [Tekst] / Lihua Chen // Legal science. – 1990. – № 1. – P. 42–49.
187. Denning, D. Activism, Hacktivism, and Cyberterrorism: The Internet as a Tool for Influencing Foreign Policy [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.nautilus.org/info-Dolicv/workshoo/papers/ denning.html (санаи муроҷиат: 01.12.2022).
188. Goodno, N.H. CS, a new crime: Evaluating the eff ectiveness of current state and federal laws [Tekst] / N.H. Goodno // Missouri Law Review. – 2007. – №72. – P. 127-132.
189. Kobets, P., Krasnova, K. Cyberstalking: Public danger, key factors and prevention [Tekst] / P. Kobets, K. Krasnova // Przeglad Wschodnioeuropejsk. – 2018. – №9 (2). – P. 43-53.
190. Ma, Qiufeng. The concept of computer crime [Tekst] / Qiufeng Ma // China Academic Journal Electronic Publishing House. – 1992. – P. 177-185.

191. Medovkina, L.Yu. Politika administratsii B. Obamy v oblasti informatsionnoi bezopasnosti [Tekst] / L.Yu. Medovkina // Vestnik Omskogo universiteta. Seriya: Istoricheskie nauki. – 2019. – № 2. – P. 149-157.
192. Nelufa, A. Cyberstalking: a content analysis of gender-based off enses committed online [Tekst] / A. Nelufa // University of KwaZulu-Natal, Howard College. – 2019. – P. 2–9.
193. Romanchenko, D.V. Kiberbezopasnost' v rossiiskoi bankovskoi sferei opyt zarubezhnykh stran [Tekst] / D.V. Romanchenko // Ekonomika i biznes: teoriya i praktika. – 2019. – №6-2. – P. 105-108.
194. Stefano, Mele. Legal consideration on cyber-weapons and their definition [Tekst] / Mele Stefano // Journal of Law & Cyber Warfare. – 2014. – Vol. 3. – №1. – pp. 52-69.
195. Surgeon, B. Хакеры [Текст] / B. Surgeon // Компьютера. – 1996. – №43. – С. 16-19.
196. Zhao, Bingzhi and Yu, Zhigang. Computer crime and the response from legislation and legal theory [Tekst] / Bingzhi Zhao and Zhigang Yu // China legal science. – 2001. – №1. – P. 148-163.
197. Алавердов, О.С. Международное сотрудничество в области борьбы с интернет-преступностью [Текст] / О.С. Алавердов // Общество и право. – 2010. – №3 (30). – С. 165-167.
198. Александров, И., Мороз, Д. История компьютерных вирусов [Текст] / И. Александров, Д. Мороз // Системный администратор. – 2006. – №11 (48). – С. 86-90.
199. Анисимова, А.С. К вопросу о понятии сети «Интернет» в теории права и законодательстве [Текст] / А.С. Анисимова // Юридическая наука. – 2015. – №4. – С. 5-8.
200. Антонос, Г.А. Международные изменения права киберпространства [Текст] / Г.А. Антонос // Право и информатизация общества. – М., 2002. – С. 174-186.

201. Антонян, Ю.М. Преступник как предмет криминологического изучения [Текст] / Ю.М. Антонян // Вопросы борьбы с преступностью. – 1981. – №34. – С. 38-46.
202. Бабаев, М. Экспериментаторы, пираты, вредители, шпионы [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.netslova.ru/mirza/hackers2.htm (санаи муроҷиат: 01.11.2022).
203. Борисова, Е.С., Белоусов, А.Л. Инновации как инструмент обеспечения информационной безопасности и повышения эффективности деятельности банковской системы [Текст] / Е.С. Борисова, А.Л. Белоусов // Актуальные проблемы экономики и права. – 2019. – № 3. – С. 1330-1342.
204. Бородакий, Ю.В., Добродеев, А.Ю., Пальчун, Б.П., Болдина, М.Н. Инсайдерология – наука о нелегитимности в компьютерной инфосфере [Текст] / Ю.В. Бородакий, А.Ю. Добродеев, Б.П. Пальчун, М.Н. Болдина // Известия ЮФУ. Технические науки. – 2008. – №8. – С. 55-64.
205. Бородкина, Т.Н., Павлюк, А.В. Киберпреступления: понятие, содержание и меры противодействия [Текст] / Т.Н. Бородкина, А.В. Павлюк // Социально-политические науки. – 2018. – №1. – С. 135-137.
206. Буданова, Е.А., Богомолов, А.Н. К вопросу об ответственности за неправомерное завладение данными кредитных либо расчетных карт и их оборот в теневом секторе экономики [Текст] / Е.А. Буданова, А.Н. Богомолов // Вестник ТГУ. Гуманитарные науки. Право. – 2011. – Вып. 7 (99). – С. 234-239.
207. Буз, С.И. Киберпреступления: понятие, сущность и общая характеристика [Текст] / С.И. Буз // Юристъ-Правоведъ. – 2019. – №4 (91). – С. 78-82.
208. Быков, В.М., Черкасов, В.Н. Новое: об уголовной ответственности за создание, использование и распространение вредоносных компьютерных программ [Текст] / В.М. Быков, В.Н. Черкасов // Российский судья. – 2012. – №7. – С. 16-21.
209. Ведерников, Н.Т. Личность обвиняемого как объект изучения на предварительном следствии [Текст] / Н.Т. Ведерников // Актуальные

вопросы борьбы с преступностью. – Томск: Томский университет, 1990. – С. 98-105.

210. Вепрев, С.Б., Нестерович, С.А. Киберпреступность как новая форма преступности [Текст] / С.Б. Вепрев, С.А. Нестерович // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2018. – №3. – С. 78-82.

211. Вестов, Ф.А., Глухова, Е.О., Фаст, О.Ф. Правовая культура субъектов правоохранительной деятельности при выявлении и расследования преступлений [Текст] / Ф.А. Вестов, Е.О. Глухова, О.Ф. Фаст // Правовая культура. – 2017. – №3 (30). – С. 32-37.

212. Вестов, Ф.А., Глухова, Е.О., Фаст, О.Ф. Правоохранительные органы и политико-правовые механизмы защиты личности в Российском интернете [Текст] / Ф.А. Вестов, Е.О. Глухова, О.Ф. Фаст // Известия саратовского университета Новая серия. Социология. Политология. – 2017. – Вып. 2. – №3. – Т. 17. – С. 337-340.

213. Вестов, Ф.А., Фаст, О.Ф. Институт правового государства и роль в нём силовых структур [Текст] / Ф.А. Вестов, О.Ф. Фаст // Конституционные проблемы народовластия в современном мире: матер. VI Междунар. конституционного форума, посвящённого 105-летию Саратовского государственного университета имени Н.Г. Чернышевского. – Саратов, 2015. – С. 40-44.

214. Вехов, В.Б. Вредоносные компьютерные программы как предмет и средство совершения преступления [Текст] / В.Б. Вехов // Расследование преступлений: проблемы и пути их решения. – 2015. – №2 (8). – С. 43-46.

215. Волчек, Е.З. НТР: проблемы и решения [Текст] / Е.З. Волчек // Вестник БГЭУ. – 1994. – №1. – С. 69-79.

216. Воронцова, С.В. Киберпреступность: проблемы квалификации преступных деяний [Текст] / С.В. Воронцова // Российская юстиция. – 2011. – №2. – С. 14-19.

217. Гайфутдинов, Р.Р. К вопросу о типологии личности компьютерных преступников с учетом характера и мотивации их криминальной

деятельности [Текст] / Р.Р. Гайфутдинов // Вопросы российского и международного права. – 2017. – №4 А. – Т. 7. – С. 245-256.
218. Гладких, В.И. Компьютерное мошенничество: а были ли основания его криминализации? [Текст] / В.И. Гладких // Российский следователь. – 2014. – №22. – С. 25-31.
219. Голонка, А. Упорное преследование как новый тип запрещенного деяния [Текст] / А. Голонка // Państwo i prawo. – W-wa, 2012. – №1. – С. 88-100 (Перевод Рёрихт А.А. // Реферативный журнал «Государство и право». – 2013. – №1. – С. 154-160).
220. Голуб, В.А., Овчинникова, М.В. Проблема корректного определения термина «вредоносная программа» [Текст] / В.А. Голуб, М.В. Овчинникова // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Системный анализ и информационные технологии. – 2008. – №1. – С. 138-141.
221. Голубев, В.А. Компьютерная преступность – проблемы борьбы с Интернет педофилией и детской порнографией [Захираи электронӣ] / В.А. Голубев / Центр исследования компьютерной преступности. – Манбаи дастрасӣ: http://www.crimeresearch.ru/articles/golubev2106 (санаи муроҷиат: 01.11.2023).
222. Голубев, В.А. Угроза кибертерроризма: факторы и противодействие [Текст] / В.А. Голубев // Актуальна проблеми полгики. – Одесса, 2004. – С. 76-86.
223. Грюлих, К.В. «Киберпространство»: специфическое регламентирование и конкурентные нормы в европейских телекоммуникациях [Текст] / К.В. Грюлих // Право и информатизация общества. – М., 2002. – С. 190-197.
224. Давлатзода, К.Д. Кибертерроризм ҳамчун намуди нави амали террористӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №1. – С. 207-213.
225. Давлатзода, К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун

намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DOS) [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – Қисми I. – С. 233-240.

226. Давлатзода, К.Д. Праблемаҳои ҳуқуқии-ҷиноятии мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 180-187.

227. Давлатзода, К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 144-150.

228. Давлатзода, К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содиршавии киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144.

229. Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284.

230. Давлатзода, К.Д. Таҳлили таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии онҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 280-289.

231. Давлатзода, К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир. Маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233.

232. Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-36.

233. Дашян, М. Обзор Конвенции Совета Европы о киберпреступности [Текст] / М. Дашян // Современное право. – 2002. – №11. – С. 20-24.
234. Домозетов, Х. Социологические проблемы компьютерного пиратства [Текст] / Х. Домозетов // Социологические исследования. – 1997. – №11. – С. 110-114.
235. Егоров, Н.С., Туркина, В.Г. Человек в социальных сетях киберпространства [Текст] / Н.С. Егоров, В.Г. Туркина // Современные научные исследования и разработки. – 2018. – № 4 (21). – Т. 1. – С. 196-198.
236. Ефремов, К.А. Личность преступника, совершающего преступления в сфере компьютерной информации [Текст] / К.А. Ефремов // Общество: политика, экономика, право. – 2016. – №6. – С. 92-95.
237. Жестеров, П.В. Криминологические меры предупреждения преступлений против несовершеннолетних: проблемы реализации в России [Текст] / П.В. Жестеров // Вестн. С.-Петерб. юрид. акад. – 2017. – №1 (34). – С. 101-104.
238. Загородников, Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве [Текст] / Н.И. Загородников // Труды ВЮА. – 1951. – Вып. XIII. – С. 32-46.
239. Згадзай, О., Казанцев, С., Сафиуллин, Н. Мошенничество в сети интернет-новый вид экономической преступности [Текст] / О. Згадзай, С. Казанцев, Н. Сафиуллин // Закон и право. – 2008. – №7. С. 78-84.
240. Зинина, У.В. Международное сотрудничество в сфере борьбы с компьютерными преступлениями [Текст] / У.В. Зинина // Право и безопасность. – 2005. – №3. – С. 14-17.
241. Ивлиева, Н.В., Краснова, К.А., Николаева, Е.С. Проблемы, возникающие при отмене мер безопасности, применяемых в отношении защищаемых лиц [Текст] / Н.В. Ивлиева, К.А. Краснова, Е.С. Николаева // Научный портал МВД России. – 2015. – №3 (31). – С. 57-62.
242. Исмаилова, М.М. Особенности психологических установок компьютерных преступников [Текст] / М.М. Исмаилова // Системные технологии. – 2014. – №1 (10). – С. 66-68.

243. Кадлоф, А. Вирусы [Текст] / А. Кадлоф // Компьютер. – 1990. – №1. – С. 44-45.
244. Казарин, О.В., Шаряпов, Р.А. Вредоносные программы нового поколения – одна из существующих угроз международной информационной безопасности [Текст] / О.В. Казарин, Р.А. Шаряпов // Вестник РГГУ. Серия: Документоведение и архивоведение. Информатика. Защита информации и информационная безопасность. – 2015. – №12 (155). – С. 9-23.
245. Кобец, П.Н. Использование психологических методов организации памяти потерпевших, свидетелей и подозреваемых в следственной практике правоохранительных органов Российской Федерации и зарубежных стран [Текст] / П.Н. Кобец // Юрид. психология. – 2009. – №6. – С. 10-14.
246. Кобец, П.Н. О факторах, детерминирующих преступность в условиях чрезвычайных ситуаций [Текст] / П.Н. Кобец // Актуальные проблемы уголовного права и криминологии, уголовного процесса и криминалистики, уголовно исполнительного права, преподавания учебных дисциплин криминологического цикла: матер. междунар. науч.-практ. конф., посв. 20-летию образования юрид. ф-та (19-20 мая 2014 г.) / Отв. ред. Г.И. Цепляева. – Петрозаводск: Изд-во ПетрГУ, 2014. – С. 62-68.
247. Кобец, П.Н. Опыт и проблемы предупреждения транснациональной организованной преступности в сфере высоких технологий [Текст] / П.Н. Кобец // Россия и АТР: проблемы безопасности, миграции и преступности: матер. междунар. науч.-практ. конф. – Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та, 2007. – С. 180-186.
248. Кобец, П.Н. Основные факторы, способствующие совершению преступлений экстремистской направленности со стороны религиозных тоталитарных сект, действующих в России [Текст] / П.Н. Кобец // Рос. следователь. – 2007. – №22. – С. 18-21.
249. Кобец, П.Н. Рассмотрение актуальных правовых аспектов использования методов прикладной психологии в следственной практике

правоохранительных органов Российской Федерации на занятиях со студентами юридических факультетов [Текст] / П.Н. Кобец // Психолого-педагогическое обеспечение учебно-воспитательного процесса в вузе и пути его совершенствования: матер. межвуз. науч.-практ. конф. (22 июня 2005 г.) / Под ред. д-ра экон. наук, проф. Е.В. Волкова. – М.: Изд-во МИП, 2005. – С. 103-108.

250. Кобец, П.Н., Краснова, К.А. Об общественной опасности киберсталкинга и необходимости его предупреждения [Текст] / П.Н. Кобец, К.А. Краснова // Вестник Восточно Сибирского института МВД России. – 2018. – №3 (86). С. 77-83.
251. Кобец, П.Н., Краснова, К.А. Об опыте организации программ защиты свидетелей в Европейском Союзе [Текст] / П.Н. Кобец, К.А. Краснова // Юрид. наука. – 2015. – №1. – С. 86-91.
252. Кобец, П.Н., Краснова, К.А. Проблемы возмещения вреда потерпевшему на стадии предварительного расследования [Текст] / П.Н. Кобец, К.А. Краснова // Адвокатская практика. – 2009. – №6. – С. 76-94.
253. Комиссаров, В.С. Преступления в сфере компьютерной информации: понятие и ответственность [Текст] / В.С. Комиссаров // Юрид. мир. – 1998. – №2. – С. 63-66.
254. Косенков, А.Н., Черный, Г.А. Общая характеристика психологии киберпреступника [Текст] / А.Н. Косенков, Г.А. Черный // Криминологический журнал БГУЭП. – 2012. – №3 (21). – С. 87-94.
255. Кочкина, Э.Л. Определение понятия «киберпреступление». Отдельные виды киберпреступлений [Текст] / Э.Л. Кочкина // Сибирские уголовно-процессуальные и криминалистические чтения. – 2017. – №3. – С. 162-169.
256. Краснова, К.А. Защита свидетелей в государствах-членах ЕС [Текст] / К.А. Краснова // Международное право. – 2015. – №4. – С. 66-86.
257. Краснова, К.А. Институциональные основы защиты свидетелей в Европейском Союзе [Текст] / К.А. Краснова // Международное уголовное право и международная юстиция. – 2014. – №1. – С. 20-23.

258. Краснова, К.А. Международно-правовые гарантии обеспечения безопасности потерпевших и свидетелей в Европейском Союзе [Текст] / К.А. Краснова // Международный правовой курьер. – 2014. – №6. – С. 11-15.
259. Краснова, К.А. Правовые и организационные основы предупреждения преступлений против участников уголовного судопроизводства органами внутренних дел [Текст] / К.А. Краснова // Российский следователь. – 2015. – №22. – С. 38-41.
260. Краснова, К.А. Правовые основы защиты свидетелей в Европейском Союзе [Текст] / К.А. Краснова // Адвокатская практика. – 2016. – №1. – С. 39-44.
261. Краснова, К.А. Уголовно-правовые меры борьбы с кибербуллицидом несовершеннолетних [Текст] / К.А. Краснова // Уголовное право: стратегия развития в XXI веке: матер. XV междунар. науч.-практ. конф. (25-26 янв. 2018 г.). – М.: РГ-Пресс, 2018. – С. 641-643.
262. Краснова, К.А., Агапов, П.В. Психологическое воздействие и его значение в оперативно-розыскной деятельности по делам об организованной преступности [Текст] / К.А. Краснова, П.В. Агапов // Юридическая психология. – 2014. – №2. – С. 19-23.
263. Краснова, К.А., Ережипалиев, Д.И. Противодействие кибербуллициду как средство предупреждения суицидов несовершеннолетних [Текст] / К.А. Краснова, Д.И. Ережипалиев // Юристъ-Правоведъ. – 2017. – №3 (82). – С. 78-84.
264. Кригер, Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве [Текст] / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 111-123.
265. Крылов, В.В. Криминалистические проблемы оценки преступлений в сфере компьютерной информации [Текст] / В.В. Крылов // Уголовное право. – 1998. – №3. – С. 83-91.

266. Кудрявцев, В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления [Текст] / В.Н. Кудрявцев // Советское государство и право. – 1951. – №8. – С. 51-60.
267. Кузнецов, А.П., Гарипова, Н.В. Проблемы определения непосредственного объекта в преступлениях в сфере компьютерной информации [Текст] / А.П. Кузнецов, Н.В. Гарипова // Следователь. – 2008. – №7. – С. 5-7.
268. Куликов, С.В., Курбатов, В.И. Сетевая субкультура компьютерного андеграунда [Текст] / С.В. Куликов, В.И. Курбатов // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2017. – №3. – С. 69-74.
269. Лавров, С.В. Глобальные проблемы кибербезопасности и международные инициативы России по борьбе с киберпреступностью [Текст] / С.В. Лавров // Внешнеэкономические связи. – Октябрь 2020. – С. 6-13.
270. Лакомов, А.С. Киберпреступность: современные тенденции [Текст] / А.С. Лакомов // Академическая мысль. – 2019. – №2 (7). – С. 53-56.
271. Лепехин, А.Н. Борьба с киберпреступностью: современное состояние и перспективы [Текст] / А.Н. Лепехин // Материалы междунар. науч.-практ. конф., (Минск, 28-29 сент. 2011) / Сост. Н.Н. Костюкович [и др.]. – Минск, 2011. – С. 420-422.
272. Лозовицкая, Г.П., Краснова, К.А., Дьяченко, Н.Н. Состояние обеспечения применения мер государственной защиты в отношении потерпевших, свидетелей и иных участников уголовного судопроизводства [Текст] / Г.П. Лозовицкая, К.А. Краснова, Н.Н. Дьяченко // Пробелы в российском законодательстве. – 2010. – №4. – С. 192-194.
273. Ляпунов, Ю.И. Максимов, В.Ю. Ответственность за компьютерные преступления [Текст] / Ю.И. Ляпунов, В.Ю. Максимов // Законность. – 1997. – №1. – С. 8-15.

274. Макушев, Д.И. Криминологическая характеристика личности киберпреступника [Текст] / Д.И. Макушев // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2016. – №1-3. – С. 23-29.
275. Медведовский, И.Д., Семьянов, П.В. Хакеры или кракеры [Текст] / И.Д. Медведовский, П.В. Семьянов // ВосточноСибирская правда. – 14 нояб. 1998. – №0 (23329). – С. 13-14.
276. Микаева, А.С. Проблемы правового регулирования в сети Интернет и их причины [Текст] / А.С. Микаева // Актуальные проблемы российского права. – 2016. – №9 (70). – С. 67-75.
277. Минаев, В.А., Саблин, В.Н. Основные проблемы борьбы с компьютерными преступлениями в России [Текст] / В.А. Минаев, В.Н. Саблин // Экономика и производство. – 1999. – №4 (44). – С. 25-40.
278. Минисламов, М.Н. Интернет как средство совершения киберпреступлений [Текст] / М.Н. Минисламов // Теоретические и прикладные вопросы борьбы с преступлениями, совершаемыми с использованием информационных технологий: сборник материалов Международной заочной научно-практической конференции (Могилев, 30 ноября 2017 года) / Редкол.: Ю.А. Матвейчев (отв. ред.) [и др.]. – Могилев: Могилев. институт МВД Республики Беларусь, 2017. – С. 27-31.
279. Михайлова, Е.В. Криминологическая характеристика преступлений в сфере компьютерной информации, совершаемых несовершеннолетними [Текст] / Е.В. Михайлова // Международный журнал конституционного и государственного права. – 2019. – №1. – С. 21-26.
280. Морозов, Н.А. Борьба с компьютерной преступностью в Японии [Текст] / Н.А. Морозов // Общество и право. – 2014. – №2 (48). – С. 141-145.
281. Муҳаммад, А.Н. Киберҷиноятҳо ҳамчун зуҳуроти кибертерроризм: моҳият ва хусусиятҳои навини онҳо [Матн] / А.Н. Муҳаммад // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №3 (1). – С. 56-60.
282. Мюллен, П. Организация помощи сталкерам [Текст] / П. Мюллен // Обзор современной психиатрии. – 2003. – №18. – С. 102.

283. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ [Матн] / А.Қ. Назаров, К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 229-236.
284. Номоконов, В.А., Тропина, Т.Л. Киберпреступность как новая криминальная угроза [Текст] / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Криминология: вчера, сегодня, завтра. – 2012. – №1 (24). – С. 45-55.
285. Номоконов, В.А., Тропина, Т.Л. Киберпреступность: прогнозы и проблемы борьбы [Текст] / В.А. Номоконов, Т.Л. Тропина // Библиотека криминалиста. Научный журнал. – 2013. – №5 (10). – С. 148-160.
286. Попов, А.Н. О предмете преступления, предусмотренного ст. 272 УК РФ [Текст] / А.Н. Попов // Криминалистъ. – 2008. – №1. – С. 5-10.
287. Рахимзода, Р.Х. К новым реалиям через уроки и выводы [Текст] / Р.Х. Рахимзода // Сотружество. Журнал совета министров внутренних дел СНГ. – 2021. – №1. – С. 4-11.
288. Репецкая, А.Л., Родивилин, И.П. Незаконное ограничение доступа к компьютерной информации в сети Интернет: уголовно-правовой аспект [Текст] / А.Л. Репецкая, И.П. Родивилин // Библиотека уголовного права и криминологии. – 2016. – №3 (15). – С. 79-84.
289. Россинская, Е.Р., Рядовский, И.А. Современные способы компьютерных преступлений и закономерности их реализации [Текст] / Е.Р. Россинская, И.А. Рядовский // LexRussica. – 2019. – №3 (148). – С. 87-99.
290. Сабадаш, В. Криминолого-правовая характеристика компьютерных преступлений, методика и практика их расследования [Текст] / В. Сабадаш // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. – Запорожье, 2004. – Вып. 2. – С. 167-173.
291. Сабадаш, В. Проблемы латентности компьютерной преступности [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.crime-research.ru (санаи муроыиат: 12.07.2022).

292. Саидзода, З.А., Азимзода, Н.Б. Таърих ва моҳияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷанги иттилоотӣ [Текст] / З.А. Саидзода, Н.Б. Азимзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 84-91.
293. Самурханов, М.С. Понятие и особенности киберпреступности [Текст] / М.С. Самурханов // Международный журнал гуманитарных и естественных наук. – 2020. – №4-3. – С. 219-221.
294. Саркисян, А.Ж. Криминологическая характеристика преступлений, совершаемых в сфере информационно-коммуникационных технологий [Текст] / А.Ж. Саркисян // Российский следователь. – 2019. – №3. – С. 54-59.
295. Сафарзода, Ҳ.С., Аҳёзода, Ш.Т.. Вижагиҳои хосси ҷиноятҳои характери экстремистидошта, ки бо истифодаи ВАО, шабакаҳои алоқаи баркӣ, аз ҷумла Интернет, содир карда мешаванд [Матн] / Ҳ.С. Сафарзода, Ш.Т. Аҳёзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 92-100.
296. Сафонова, М.Ф., Ципляева, С.А. Кибербезопасность: проблемы и решения [Текст] / М.Ф. Сафонова, С.А. Ципляева // Естественно-гуманитарные исследования. – 2019. – №24 (2). – С. 63-68.
297. Свиридова, Е. Виртуальная Дана въезжает в чужие компьютеры на «троянских конях» [Текст] / Е. Свиридова // Рос. газ. – 30 нояб. 2001. – С. 15-18.
298. Семинар-практикум 6: Меры по борьбе против преступлений, связанных с использованием компьютеров [Текст] // Материалы Одиннадцатого Конгресса Организации Объединенных Наций по предупреждению преступности и уголовному правосудию. A/CONF.203/14. – Бангкок, 2005. – С. 323-340.
299. Семыкина, О.И. Противодействие киберпреступности за рубежом [Текст] / О.И. Семыкина // Журнал зарубежного законодательства и сравнительного правоведения. – 2016. – №6. – С. 104-113.
300. Степанов-Егиянц, В.Г. Конституционные основы уголовно-правового обеспечения безопасности компьютерной информации [Текст] / В.Г.

Степанов-Егиянц // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия: Экономика и право. – 2016. – №2. – С. 161-164.

301. Тропина, Т.Л. Криминализация киберпреступлений: достижение консенсуса [Текст] / Т.Л. Тропина // Компьютерная преступность и кибертерроризм. Исследования, аналитика. – Вып. 2. – Запорожье, 2004. – С. 49-56.

302. Тулегенов, В.В. Киберпреступность как форма выражения криминального профессионализма [Текст] / В.В. Тулегенов // Криминология вчера, сегодня, завтра. – 2014. – №2 (33). – С. 94-97.

303. Тюрин, С.А. Принципы размещения ресурсов в сети Интернет [Текст] / С.А. Тюрин // Информационный бюллетень Управления «К». – М.: ГУСТМ МВД России, 2002. – Вып. 3. – С. 41-46.

304. Унучек, Р.С., Чебышев, В.В. Мобильные угрозы – 2013 [Текст] / Р.С. Унучек, В.В. Чебышев // Вопросы кибербезопасности. – 2014. – №3. – С. 57-64.

305. Устинов, В.Н. Информационная мощь в стратегии национальной безопасности и проблемы информатизации российского общества [Текст] / В.Н. Устинов // Стратегические факторы риска для России. – 1996. – №4. – С. 3-7.

306. Федоров, М.И. Понятие объекта преступления по советскому уголовному праву [Текст] / М.И. Федоров // Ученые записки Пермского университета. – 1957. – Т. 11. – Кн.2. – Вып. 4. – С. 180-194.

307. Федотов, М.А. Киберпространство как сфера обитания права [Текст] / М.А. Федотов // Бюллетень ЮНЕСКО по авторскому праву. – 1998. – №2 (т. XXXII). – С. 21-30.

308. Фролов, Д. История информационной преступности [Текст] / Д. Фролов // Закон. – 2002. – №12. – С. 34-39.

309. Фролов, Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления [Текст] / Е.А.Фролов // Сборник ученых трудов. – Свердловск: СЮИ, 1969. – С. 184-225.

310. Хачатурова, С.С., Жихарева, Ю.П. Осторожно, фишинг [Текст] / С.С. Хачатурова, Ю.П. Жихарева // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2016. – №4 (часть 4). – С. 793-795.
311. Хилюта, В.В. «Компьютерные» хищения [Текст] / В.В. Хилюта // Законность. – 2009. – №1. – С. 36-38.
312. Хусяинов, Т.М. Интернет-преступления (киберпреступления) в российском уголовном законодательстве [Текст] / Т.М. Хусяинов // Уголовный закон Российской Федерации: проблемы правоприменения и перспективы совершенствования: материалы Всероссийского круглого стола. – Иркутск: ВосточноСибирский институт МВД России, 2015. – Вып. 6. – С. 120-125.
313. Черкасов, В.Н. Информационные технологии и организованная преступность [Текст] / В.Н. Черкасов // Преступность и корупция: современные российские реалии. – Сратов, 2003. – С. 144-146.
314. Чирков, Д.К., Саркисян, А.Ж. Преступность в сфере телекоммуникаций и компьютерной информации как угроза национальной безопасности страны [Текст] / Д.К. Чирков, А.Ж. Саркисян // Актуальные проблемы экономики и права. – 2013. – №3. – С. 219-226.
315. Чупрова, А.Ю. Проблемы квалификации мошенничества с использованием информационных технологий [Текст] / А.Ю. Чупрова // Уголовное право. – 2015. – №5. – С. 131-134.
316. Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ [Матн] / Муҳаррирони масъул: Муҳабатов А., Сафарализода Х.Қ. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). – Душанбе, 2022. – 329 с.
317. Шагиева, Р.В. Институт правосубъектности в национальной системе права: проблемы теории и практики правового регулирования / Р.В. Шагиева // Правовая инициатива. – 2013. – №10 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://49e.ru/ru/2013/10/13 (санаи муроҷиат: 10.04.2020).
318. Шарофзода, Р.Ш. Таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / Р.Ш. Шарофзода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии

ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2020. – Ҷилди II. – С. 192-193.

319. Шарофзода, Р.Ш., Шокиров, Ғ.А. Заминаҳои илмӣ-ҳуқуқии иттилоотонӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Р.Ш. Шарофзода, Ғ.А. Шокиров // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – №4 (52). – С. 110-120.
320. Щербаков, А. Тайный адрес в Интернете [Текст] / А. Щербаков // Рос. газ. – 16 апр. 1999. – С. 32.
321. Щетилов, А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом [Текст] / А. Щетилов // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. XI межд. конф. – М., 2002. – С. 186-188.
322. Эмиров, М.Б., Саидов, А.Д., Рагимханов, Д.А. Борьба с преступлениями в глобальных компьютерных сетях [Текст] / М.Б. Эмиров, А.Д. Саидов, Д.А. Рагимханов // Юридический вестник ДГУ. – 2011. – №2. – С. 63-66.
323. Яджин, Н.В. Психология мошенничеств, совершаемых с использованием средств сотовой связи [Текст] / Н.В. Яджин // Концепт. – 2015. – Т. 13. – С. 4261-4265.
324. Якимова, Е.Н., Нарутто, С.В. Международное сотрудничество в борьбе с киберпреступностью [Текст] / Е.Н. Якимова, С.В. Нарутто // Криминологический вестник Байкальского государственного университета. – 2016. – Т. 10. – №2. – С. 369-378.
325. Ярочкин, В.И. Несанкционированный доступ к источникам конфиденциальной информации / В.И. Ярочин // Бюро научно-технической информации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www.bnti.ru/showart.asp?aid=726&lvl=04 (санаи муроҷиат: 10.12.2023).

## IV. Диссертатсия ва авторефератҳо:

326. Абдухамитов, В.А. Борьба с религиозным экстремизмом: уголовно-правовые, криминологические проблемы (на материалах Республики Таджикистан) [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Абдухамитов Валиджон Абдухалимович. – Душанбе, 2016. – 335 с.
327. Айсанов, Р.М. Состав неправомерного доступа к компьютерной информации в российском, международном и зарубежном уголовном законодательстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Айсанов Руслан Мухамедович. – Москва, 2006. – 191 с.
328. Ахраменка, Н.Ф. Проблемы криминализации общественно-опасного поведения с использованием информационно-вычислительных систем [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Н.Ф. Ахраменка. – Минск, 1996. – 16 с.
329. Бражник, С.Д. Преступления в сфере компьютерной информации; проблемы законодательной техники [Текст]: дис. ...канд. юрид. наук: 12.00.08 / Бражник Сергей Дмитриевич. – Ижевск, 2002.– 189 с.
330. Бытко, С.Ю. Некоторые проблемы уголовной ответственности за преступления, совершаемые с использованием компьютерных технологий [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Бытко Сергей Юрьевич. – Саратов, 2002. – 204 с.
331. Васильевский, А.В. Дифференциация уголовной ответственности и наказания в Общей части уголовного права [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Васильевский Александр Валентинович. – Ярославль, 2000. – 221 с.
332. Веред, Е.Б. Неисполнение обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего: уголовно-правовой и криминологический аспекты [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Веред Елена Борисовна. – Ростов-на-Дону, 2004. – 166 с.
333. Волеводз, А.Г. Правовые основы новых направлений международного сотрудничества в сфере уголовного процесса [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Волеводз Александр Григорьевич. – Москва, 2002. – 462 с.

334. Гайфутдинов, Р.Р. Понятие и квалификация преступлений против безопасности компьютерной информации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Гайфутдинов Рамиль Рустамович. – Казань, 2017. – 243 с.
335. Грибов, А.С. Дифференциация ответственности за экономические преступления в России, ФРГ и США: сравнительно-правовое исследование [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / А.С. Грибов. – Саратов, 2011. – 27 с.
336. Гузеева, О.С. Предупреждение размещения информации, способствующей распространению наркотических средств, в российском сегменте сети Интернет (криминологические и уголовно-правовые проблемы) [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / О.С. Гузеева. – Москва, 2008. – 26 с.
337. Дворецкий, М.Ю. Преступления в сфере компьютерной информации (уголовно-правовое исследование) [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Дворецкий Михаил Юрьевич. – Волгоград, 2001. – 194 с.
338. Евдокимов, К.Н. Противодействие компьютерной преступности: теория, законодательство, практика [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Евдокимов Константин Николаевич. – Москва, 2021. – 557 с.
339. Ефремова, М.А. Уголовно-правовая охрана информационной безопасности [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Ефремова Марина Александровна. – Москва, 2018. – 427 с.
340. Карпов, В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Карпов В.С. – Красноярск, 2002. – 202 с.
341. Карпов, В.С. Уголовная ответственность за преступления в сфере компьютерной информации [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Карпов В.С. – Красноярск, 2002. – 26 с.
342. Касаткин, А.В. Тактика собирания и использования компьютерной информации при расследовании преступлений [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Касаткин Андрей Валерьевич. – Москва, 1997. – 215 с.

343. Клишков, В.Б. Криминологические аспекты преступности в сфере компьютерной информации [Текст]: авторсф. дис... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Клишков В.Б. – Санкт-Петербург, 2003. – 24 с.
344. Кочои, С.М. Ответственность за корыстные преступления против собственности по законодательству России [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Кочои Самвел Мамадович. – Москва, 1999. – 343 с.
345. Красненкова, Е.В. Обеспечение информационной безопасности в Российской Федерации уголовно правовыми средствами [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Красненкова Елена Валерьевна. – М., 2006. – 187 с.
346. Кудратов, Н.А. Уголовно-правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Кудратов Некруз Абдунабиевич. – Душанбе, 2021. – 540 с.
347. Лесниевски-Костарева, Т.А. Дифференциация уголовной ответственности [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Лесниевски-Костарева Татьяна Александровна. – М., 1999. – 493 с.
348. Лопатина, Т.М. Криминологические и уголовно-правовые основы противодействия компьютерной преступности [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Лопатина Татьяна Михайловна. – Москва, 2006. – 418 с.
349. Максимов, В.Ю. Незаконное обращение с вредоносными программами для ЭВМ: проблемы криминализации, дифференциации ответственности и индивидуализации наказания [Текст]: дис. ... канд. юрид. Наук: 12.00.08 / Максимов Владимир Юрьевич. – Краснодар, 1998. – 169 с.
350. Малыковцев, М.М. Уголовная ответственность за создание, использование и распространение вредоносных программ для ЭВМ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Малыковцев Михаил Михайлович. – Москва, 2006. – 186 с.
351. Малышенко, Д.Г. Уголовная ответственность за неправомерный доступ к компьютерной информации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Малышенко Дмитрий Геннадьевич. – Москва, 2002. – 166 с.

352. Маслакова, Е.А. Незаконный оборот вредоносных компьютерных программ: уголовно-правовые и криминологические аспекты [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Маслакова Елена Александровна. – Москва, 2008. – 198 с.
353. Менжега, М.М. Криминалистические проблемы расследования создания, использования и распространения вредоносных программ для ЭВМ [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Менжега Михаил Михайлович. – Саратов, 2005. – 238 с.
354. Парфенов, А.Ф. Общее учение об объективной стороне преступления [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Парфенов Александр Федорович. – СПб., 2004. – 427 с.
355. Простосердов, М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве, и меры противодействия им [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Простосердов Михаил Александрович. – М., 2016. – 232 с.
356. Простосердов, М.А. Экономические преступления, совершаемые в киберпространстве, и меры противодействия им [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Простосердов Михаил Александрович. – М., 2016. – 28 с.
357. Рогова, Е.В. Учение о дифференциации уголовной ответственности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Рогова Евгения Викторовна. – М., 2014. – 596 с.
358. Сафонов, О.М. Уголовно-правовая оценка использования компьютерных технологий при совершении преступлений: состояние законодательства и правоприменительной практики, перспективы совершенствования [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Сафонов Олег Михайлович. – М., 2015. – 222 с.
359. Смирнова, Т.Г. Уголовно-правовая борьба с преступлениями в сфере компьютерной информации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Смирнова Татьяна Георгиевна. – М., 1998. – 161 с.

360. Соловьев, Л.Н. Расследование преступлений, связанных с созданием, использованием и распространением вредоносных программ для ЭВМ [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Соловьев Л.Н. – Москва, 2003. – 28 с.
361. Степанов-Егиянц, В.Г. Методологическое и законодательное обеспечение безопасности компьютерной информации в Российской Федерации (уголовно-правовой аспект) [Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.08 / Степанов-Егиянц Владимир Георгиевич. – Москва, 2016. – 389 с.
362. Тропина, Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы [Текст]: дис…канд. юрид. наук: 12.00.08 / Тропина Татьяна Львовна. – Владивосток, 2005. – 234 с.
363. Чекунов, И.Г. Криминологическое и уголовно-правовое обеспечение предупреждения киберпреступности [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Чекунов Игорь Геннадьевич. – Москва, 2013. – 223 с.
364. Чупрова, А.Ю. Уголовно-правовые механизмы регулирования отношений в сфере электронной коммерции [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Чупрова Антонина Юрьевна. – М., 2015. – 607 с.
365. Шарков, А.Е. Неправомерный доступ к компьютерной информации: преступность деяния и проблемы квалификации [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Шарков Александр Евгеньевич. – Ставрополь, 2004. – 174 с.
366. Юрченко, И.А. Информация конфиденциального характера как предмет уголовно-правовой охраны [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.08 / Юрченко Ирина Александровна. – М., 2000. – 205 с.

### V. Захираҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ:

367. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://europam.eu/data/ mechanisms/ PF/PF%20Laws/ Denmark/ Denmark_Criminal_Code_2005.pdf (санаи муроҷиат: 11.06.2019)
368. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://lex.justice.md/ ru/331268/ (санаи муроҷиат: 21.03.2019).

369. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30394923#pos=2668;-85 (санаи муроҷиат: 21.03.2019).
370. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://statutes. agc. gov. sg/aol/search/display/view.w3p; page=0; query= DocId: 8a3534de-991c-4e0e-88c5-4ffa712e72af%20%20Status: inforce%20 Depth:0;rec=0 (санаи муроҷиат: 21.10.2019).
371. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.fmprc. gov. cn/ce/cgvienna/eng/dbtyw/ jdwt/crimelaw/ t209043.htm (санаи муроҷиат: 21.05.2021).
372. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. legislation.gov.uk/ukpga/1990/18/section72 (санаи муроҷиат: 15.04.2018).
373. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. legislation.govt.nz/act/public/1961/0043/latest/DLM327382.html (санаи муроҷиат: 15.03.2019).
374. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/ depts/los/ LEGISLATIONA NDTREATIE S/PDFFILES/NORpenal_code.pdf (санаи муроҷиат: 11.06.2019).
375. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://gb.ru/posts/ hacker_language (санаи муроҷиат: 14.05.2023).
376. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://nonews. co/ directory/lists/countries/cybersecurity-index (санаи муроҷиат: 18.12.2023).
377. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://parliament.gov.uz/ upload/files/laws/UGKODEKS.pdf (санаи муроҷиат: 19.12.2022).
378. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://rb.ru/story/what-is-fishing/ (санаи муроҷиат: 17.06.2023).
379. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia. org/wiki/ (санаи муроҷиат: 19.06.2023).
380. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ttl.tj/about/ (санаи муроҷиат: 23.05.2023).

381. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.seonews.ru/glossary/dos-ataka/ (санаи муроҷиат: 15.06.2023).
382. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://zakon.rada.gov.ua/laws/show/2341-14#Text (санаи муроҷиат: 18.12.2021).
383. 10 форм кибербуллинга [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://stopugroza.ru/life/10-form-kiberbullinga-ot-kids-kaspersky-ru (санаи муроҷиат: 19.08.2020).
384. Brenner, S.W., Goodman, M.D. The emerging consensus on criminal conduct in cyberspace // UCLA Journal of Law and Technology. – 2002. – №3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www. lawtechioumal.com/articles/2002/03-020625 goodmanbrenner.phD (санаи муроҷиат: 12.12.2022).
385. Convention on Cybercrime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://conven-tions.coe.int./Treatv/en/Treaties/Html/l85. htm (санаи муроҷиат: 01.12.2022).
386. Council of Europe, Recommendation №4 (89) 9 of the Committee of Ministers to Member States on Computer-Related Crime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cm.coe.int/ta/rec/1989/89r9.htm (санаи муроҷиат: 02.10.2002).
387. DoS-атаки // Википедия – свободная энциклопедия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/DoS-атака (санаи муроҷиат: 15.05. 2023).
388. Inside the slammer worm – Security & Privacy Magazine, IEEE [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://cseweb. ucsd. edU//~savage/ papers /IEEESP03.pdf (санаи муроҷиат: 10.08.2022).
389. Interpretations of several issues on the application of law in handling criminal cases about endangering the security of computer information systems. – 2011. – №19 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.scio.gov.cn/xwfbh/qyxwfbh/document/1004368/1004368. htm (санаи муроҷиат: 21.05.2019).

390. Kaspersky Security Bulletin 2020: Киберугрозы для промышленных предприятий в 2021 году [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://securelist.ru/ics-threat-predictions-for- 2021/99417/ (санаи муроҷиат: 22.08.2022).
391. Menthe, D. Jurisdiction in Cyberspace: A Theory of International Spaces // Michigan Telecommunications and Technology Law Review. – 1998. – №69 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www. mttlr. org/ volfour/menthe.pdf (санаи муроҷиат: 12.11.2022).
392. Sieber, U. Legal Aspects of Computer-Related Crime in the Information Society [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// europa.eu.int/ ISPO/legal/en/comcrime/sieber.doc (санаи муроҷиат: 01.06.2022).
393. Spitzberg, B.H., Hoobler, G. Cyberstalking and the technologies of interpersonal terrorism. New media & society. – 2002. – P. 67-88 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://doi.org/10.1177/14614440222226271 (санаи муроҷиат: 19.10.2019).
394. Stalking behavior identified in 94% of murders, study [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www. Theguardian.com/uk-news/2017/apr/24/stalking-behaviour-murders-study-shows (санаи муроҷиат: 04.03.2022).
395. The Hidden Costs of Cybercrime [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mcafee.com/enterprise/en-us/assets/reports/rp-hidden-costs-of-cybercrime.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2021).
396. truTV | RealityTV | Comedy [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.trutv.com (санаи муроҷиат: 11.09.2021).
397. В Таджикистане состоялось заседание Генеральных прокуроров государств-членов Шанхайской организации сотрудничества. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://genproc.gov.ru/smi/news/genproc/ news-1454024 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).

398. Владивостокский центр исследования организованной преступности при Юридическом институте ДВГУ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: hllp://crime.vl.ru/docs/stats/stat_l 10.htm (санаи муроҷиат: 16.11.2022).
399. Главы МВД стран ШОС в Душанбе обсудят вопросы борьбы с киберпреступностью [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// infoshos.ru/ru/?idn=14147 (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
400. Грамматчиков, А., Вандышева, О. Идет кибервойна народная // «Эксперт». – 30 января 2017. – №5 (1015) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://expert.ru/expert/2017/05/idet-kibervojna-narodnaya (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
401. Журнал eWEEK» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: hUp://www.eWEEK.com/arLide2/1925600.asp. – Большое жюри суда Сиэтла решило начать рассмотрение дело 20-летнего калифорнийца Кристофера Максвелла (санаи муроҷиат: 13.12.2023).
402. Избавляемся от отслеживания и сбора данных в браузерах, [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www. anti-malware.ru/practice/methods/Get-rid-of-tracking-in-browsers (санаи муроҷиат: 04.03.2022).
403. Интернет издание «The Register» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: littp://w\vw,tlieregister.co.uk/content /56/32425.html. Kevin Poulsen. «Slammer worm crashed Ohio nuke plant net». – Во внутреннюю сеть атомной электростанции в Огайо проник червь Slammer и вызвал нарушения функциональности контрольного оборудования (санаи муроҷиат: 13.12.2023.).
404. История хакерства [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.osp.ru/cw/2001/28-29/42777 (санаи муроҷиат: 25.12.2020).
405. Киберсталкинг. Методы защиты [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cyberstalking-ru.blogspot.com (санаи муроҷиат: 2.09.2018).
406. Классификация компьютерных преступлений по кодификатору Генерального Секретариата Интерпола [Захираи электронӣ]. – Манбаи

дастрасӣ: http://www.c\berpol.ru/cvbercrime.shtml (санаи муроҷиат: 02.06.2003).
407. Меня преследуют в интернете: что такое киберсталкинг, и как от него защититься [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www. marieclaire.ru/stil-zjizny/menya-presleduyut-v-internete-chto-takoe-kiberstalking-ikak-ot-nego-zaschititsya/https://lifehacker.ru/kak-zashhitit-brauzer (санаи муроҷиат: 04.03.2022).
408. Нақшаи ҳамкории сарони давлатҳои аъзои Евросоюз дар самти ҳамкорӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо то соли 2002 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // www.cerias. purdue. edu/ homes/ spaf/coe/ TREATY _SlGNATURES.html (санаи муроҷиат: 04.03.2022).
409. Отчет «Лаборатории Касперского» за 2009 год [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www.Securelist.com/ru/analysis/208050608/ Kaspersky_Security_Bulletm_2009_Razvitie_ugroz_v_2009_godu (санаи муроҷиат: 10.08.2022).
410. Портал правовой статистики Генеральной прокуратуры Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// crimestat.ru/analytics (санаи муроҷиат: 20.07.2020).
411. Преступления, связанные с использованием компьютерной сети // Десятый конгресс ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями //A/CONF. 187/10 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.un.org/russian/topics/crime/docs10.htm (санаи муроҷиат: 07.05.2022).
412. Программа «Разговор с Министром» на радио «Милицейская волна» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.mvd.ru (санаи муроҷиат: 19.04.2022).
413. Самых опасных компьютерных вирусов за все время [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.comss.ru/page.php?id=2853 (санаи муроҷиат: 21.09.2022).

414. Саҳифаи расмии интернетӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// jovidmuqim.wordpress.com/2018/10/03/mediai-nav-va-targibot/ (санаи муроҷиат: 25.12.2023).
415. Саҳифаи расмии интернетии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ (санаи муроҷиат: 06.01.2023).
416. Саҳифаи расмии интернетии Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prokuratura.tj/ (санаи муроҷиат: 01.06.2023).
417. Статистический портал [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https:// www. statista. com/ topics/2588/us-consumers-and-cybercrime (санаи муроҷиат: 18.07.2020).
418. Что такое кража личности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.dal.by/news/149/07-11-16-3 (санаи муроҷиат: 10.10.2022).
419. Чэнь, Инхао [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// UDN.com. Hacker Chen IngHau returns to the real world. 2006-04-24. Accessed 2008-01-28. (Chinese) (санаи муроҷиат: 10.08.2021).
420. Эксперты оценили ущерб от вируса WannaCry в $1 млрд [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://runews24.ru/internet/25/05/2017/3deb290a821bd12cc946653ea418e439 (санаи муроҷиат: 10.08.2022).

**VI. Маводҳои таҷрибаи судӣ ва омор:**

421. Парвандаи ҷиноятии №1-325-2021 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
422. Парвандаи ҷиноятии №1-524-2022 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
423. Парвандаи ҷиноятии №1-390-2022 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.
424. Парвандаи ҷиноятии №27353-23 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.

425. Парвандаи ҷиноятии №27914-22 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
426. Парвандаи ҷиноятии №1-173/23 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
427. Апелляционное определение Верховного Суда Российской Федерации от 27 апреля 2017 г. по делу №89-АПУ17-3сп.
428. Апелляционное определение Верховного Суда Российской Федерации от 04 июня 2015 г. по делу №30-АПУ15-3.
429. Маълумотномаи омории расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД ҶТ аз 25 ноябри соли 2023, таҳти №14/3-1355.
430. Приговор Андроповского районного суда Ставропольского края от 6 апреля 2017 г. по делу №1-31/2017.
431. Сводные отчеты «О состоянии преступности и результатах расследования преступлений» на территории государств-участников СНГ за январь-декабрь 2018 г., 2019 г., 2020 г. // Ф.785 КН.1.
432. Состояние преступности в Государствах-Участниках Содружества независимых государств в 2019 году [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.ksgp-cis.ru/about/obzory/sostojanie-prestupnosti-v-2019-godu (санаи муроҷиат: 21.04.2023).
433. Состояние преступности в России за 2017-2021 гг. // Официальный сайт МВД России [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://мвд.рф/reports (санаи муроҷиат: 12.11.2022).

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Монографияҳо:

**[1-М].** Раджабов, К.Д. Уголовно-правовые и криминологические проблемы борьбы с вымогательством [Текст]: монография / К.Д. Раджабов. –Душанбе: «Лахути», 2020. – 156 с. (9,75 п.л.); ISBN 978-99975-358-7-0.

**[2-М].** Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои фазои маҷозӣ: амалия ва назарияи киберҷиноятҳо [Матн]: монография / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 248 с. (15,5 ҷ.ч.); ISBN 978-99985-41-01-6.

### II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[3-М].** Раджабов, К.Д. Развитие понятия вымогательства в уголовном праве [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/7. – С. 237-241; ISSN 2413-5151.

**[4-М].** Раджабов, К.Д. Объективная сторона вымогательства [Текст] / К.Д. Раджабов // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №2. – С. 210-214; ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Давлатзода, К.Д. Масоили таърихӣ ва назариявии ташаккули ҷиноятҳои компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №4 (44). – С. 92-95; ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти мубориза бар зидди ҷиноятҳои компютерӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ ва дигар давлатҳои хориҷӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №3. – С. 229-236; ISSN 2413-5151.

**[7-М].** Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Истифодаи технологияи рақамӣ дар фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №4. – С. 207-212; ISSN 2413-5151.

**[8-М].** Давлатзода, К.Д. Праблемаҳои ҳуқуқии-ҷиноятии мафҳуми

ғайриқонунӣ ба даст овардани иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №1 (25). – С. 179-187; ISSN 2414 9217.

**[9-М].** Давлатзода, К.Д. Ҷаҳонишавии проблемаҳои киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №9. – С. 231-237; ISSN 2413-5151.

**[10-М].** Давлатзода, К.Д. Таснифоти киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №8. – С. 279-284; ISSN 2413-5151.

**[11-М].** Давлатзода, К.Д. Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2022. – №2 (46). – С. 117-122; ISSN 2410-2903.

**[12-М].** Давлатзода, К.Д. Таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятии мафҳуми киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2022. – №3 (27). – С. 428-434; ISSN 2414 9217.

**[13-М].** Давлатзода, К.Д. Таҳаввулоти вирусҳои компютерӣ ҳамчун омили асосии пайдоиш ва содишавии киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Данғара. – 2022. – №4 (22). – С. 138-144; ISSN 2410-4221.

**[14-М].** Давлатзода, К.Д. Кибертерроризм ҳамчун намуди нави амали террористӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №1. – С. 207-213; ISSN 2413-5151.

**[15-М].** Давлатзода, К.Д. Аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ дар муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №2. – С. 221-229; ISSN 2413-5151.

**[16-М].** Давлатзода, К.Д. Ҳамкориҳои минтақавии Ҷумҳурии Точикистон дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо: дар мисоли Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони паймони амнияти дастаҷамъӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №6. – С. 232-237; ISSN 2413-5151.

[17-М]. Давлатзода, К.Д. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии савдои одамон дар фазои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №8. – С. 228-234; ISSN 2413-5151.

[18-М]. Давлатзода, К.Д. Порнографияи кӯдакон дар Интернет: мафҳум, оқибат ва масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятии мубориза бар зидди он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №9. – С. 244-249; ISSN 2413-5151.

[19-М]. Давлатзода, К.Д. Тамаъҷӯӣ дар фазои маҷозӣ: мафҳум ва хусусиятҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №3 (51). – С. 144-150; ISSN 2410-2903.

[20-М]. Давлатзода, К.Д. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои киберҷиноятҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Мардумии Чин: таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2023. – №3 (59). – С. 31-36; ISSN 2412-141X.

[21-М]. Давлатзода, К.Д. Нишонаҳои тарафи субъективии ҷиноятҳо ба муқобили шабакаҳои интернетӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасони онҳо ҳамчун намуди нави киберҷиноятҳо (барномаҳои зараровар ва ҳамлаҳои DoS) [Матн] / К.Д. Давлатзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – №10. – С. 233-240; ISSN 2413-5151.

[22-М]. Давлатзода, К.Д. Тавсифи криминалогии шахсияти киберҷинояткор [Матн] / К.Д. Давлатзода // Қонунгузорӣ. – 2023. – №4 (52). – С. 211-217; ISSN 2410-2903.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[23-М]. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Нақши тафаккури сунъӣ дар раванди амалишавии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Криминалистикаи муосир: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ // Зери назари умумии н.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – С. 111-117.

[24-М]. Давлатзода, К.Д., Назаров, А.Қ. Ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун

субъектони муқовимат бо киберҷиноятҳо [Матн] / К.Д. Давлатзода, А.Қ. Назаров // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 25-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамо. – Душанбе: Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. – С. 143-148.

**[25-М].** Давлатзода, К.Д. Барномаҳои зараровар ҳамчун воситаи содиршавии киберҷиноятҳо: мафҳум ва намудҳои он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию-амалӣ дар мавзуи «Мушкилотҳои қонунгузории замин дар даврони муосир». – Душанбе, 2023. – С. 235-238.

**[26-М].** Давлатзода, К.Д. Таҳдидҳои киберӣ: қаллобӣ дар фазои маҷозӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Тоҷикон дар оинаи таърих», бахшида ба 115 солагии академик Бобоҷон Ғафуров (Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Михаил Ломоносов дар шаҳри Душанбе). – Душанбе, 2023. – С. 61-64.

**[27-М].** Давлатзода, К.Д. Ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии ДМТ». – Душанбе, 2023. – С. 405-409.

**[28-М].** Давлатзода, К.Д. Хакер: тавсифи криминологии он [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масоили мубрами такмили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: маводи конференсияи ҷумҳурявии илмию назариявӣ бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 227-233.

**[29-М].** Давлатзода, К.Д. Интернет воситаи содиршавии кибертаъқиб [Матн] / К.Д. Давлатзода // Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-умин солгарди қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия (Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ). – Душанбе, 2023. – С. 189-169.

**[30-М].** Давлатзода, К.Д. Таҳлили таҷрибаи амалии мақомоти ваколатдори

давлатӣ ва ҳамкории байналмилалии онҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ [Матн] / К.Д. Давлатзода // Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ. – Душанбе, 2023. – С. 280-289.

### IV. Воситаи таълимӣ:

**[31-М].** Давлатзода, К.Д. Асосҳои тафтиши киберҷиноятҳо [Матн]: воситаи таълимӣ / К.Д. Давлатзода. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2023. – 150 с. (9,3 ҷ.ч.); – ISBN 978-99985-41-11-5.

**(Замимаи 1)**

**Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти киберӣ»**

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мақсади Қонуни мазкур**

Мақсади Қонуни мазкур танзими муносибатҳо дар соҳаи амнияти киберӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти киберӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти киберӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад. Таъмини амнияти киберии системаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар шабакаҳои иттилооти-телекоммуникатсионӣ ва каналҳои алоқа бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида амалӣ карда мешавад.

Агар қонунҳои ҷумҳурӣ дар самти амнияти киберӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

**фазои маҷозӣ (фазои киберӣ)** – муҳити виртуалӣ, ки бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ сохта шудааст;

**объекти иттилоотикунонӣ** – системаҳои иттилоотии сатҳу таъиноти гуногун, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, воситаҳои техникии коркарди иттилоот, биноҳое, ки дар онҳо ин воситаҳо насб ва истифода мешаванд;

**таҳдиди киберӣ** – маҷмуи шароит ва омилҳое, ки ба манфиатҳои шахсони воқеӣ, ҷомеа ва давлат дар фазои маҷозӣ таҳдид мекунанд;

**амнияти киберӣ** – ҳолати ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ дар фазои маҷозӣ (фазои киберӣ)

**киберҷиноятҳо** – маҷмуи ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва ТИК дар фазои маҷозӣ бо мақсади ғайриқонунӣ ба даст овардан, тағйир додани иттилоот, несту нобуд ё бекор кардани системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ҷиҳати расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ё муносибатҳои молу мулкӣ равона карда шудаанд.

**ҳамлаҳои киберӣ** – амалҳое, ки ба амнияти киберӣ таҳдид намуда, қасдан дар фазои маҷозӣ бо истифода аз таҷҳизот ва воситаҳои барномавию техникӣ анҷом дода мешавад;

**объекти амнияти киберӣ** – маҷмуи системахои иттилоотие, ки дар фаъолияти иттилооти ба мақсади таъмини амнияти киберии системаҳо ва захираҳои миллии иттилооти, аз ҷумла объектҳои муҳими инфрасохтори иттилооти истифода мешавад;

**субъекти амнияти киберӣ** – шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ, ки дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайяни вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории захираҳои миллии иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронии иттилоотӣ оид ба истифодаи онҳо, ҳифзи иттилоот ва амнияти киберӣ, аз ҷумла субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ мебошад;

**инфрасохтори муҳими иттилоотӣ** – маҷмуи системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ, системаҳои иттилоотӣ, захираҳои шабакаҳо ва равандҳои технологии дорои аҳамияти муҳими стратегӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ;

**объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ** – идоракунии давлатӣ ва хизматрасонии давлатӣ, мудофиа, амнияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, комплекси сӯзишворӣ-энергетикӣ (энергетикаи атомӣ), кимиё, саноати нефту кимиё, металлургия, истифодаи об ва обтаъминкунӣ, кишоварзӣ, нигаҳдории тандурустӣ, таъмини манзил ва хоҷагии коммуналӣ, низоми бонкӣ ва молиявӣ, нақлиёт, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, экология ва ҳифзи муҳити зист, истихроҷ ва коркарди маъданҳои аз ҷиҳати стратегӣ

муҳим, истеҳсолот ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ва системаҳои иттилоотие, ки дар соҳаи иҷтимоӣ истифода мешаванд;

**Субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ** – мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, ки объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотиро дар асоси моликият, ҳуқуқи иҷора ё дигар асосҳои ҳуқуқӣ доранд, аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва (ё) соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолият ва ҳамкориро таъмин мекунанд.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии таъмини амнияти киберӣ**

Принсипҳои асосии таъмини амнияти киберӣ:

– қонуният;

– афзалияти ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар фазои маҷозӣ;

– муносибати ягона ба танзими амнияти киберӣ;

– афзалияти иштироки истеҳсолкунандагони ватанӣ дар ташкили системаи амнияти киберӣ;

– ошкорбаёнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти киберӣ.

**Моддаи 4. Принсипи қонуният**

Ҳангоми таъмини амнияти киберӣ, риояи қатъӣ ва татбиқи талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.

Бо ҳар роҳ аз иҷрои дақиқ ва риояи талаботи қонун, новобаста аз он ки он чӣ гуна сабабҳоро ба вуҷуд оварда метавонад, вайронкунии принсипи қонуният буда, боиси ҷавобгарӣ мегардад.

**Моддаи 5. Принсипи афзалияти ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат дар фазои маҷозӣ**

Ҳимояи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ дар фазои маҷозӣ яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини амнияти киберии давлат мебошад.

**Моддаи 6. Муносибати ягона ба танзими амнияти киберӣ**

Муносибати ягона ба танзими амнияти киберӣ тавассути ҷорӣ намудани системаи ягонаи давлатии ҳифзи системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ, ки ба ташкили раванди таҳия ва татбиқи воситаҳои барномавӣ ва техникии коркарди маълумот ва ҳифзи онҳо нигаронида шудааст, таъмин карда мешавад

Таъмини амнияти киберӣ бояд дар асоси равишҳои ягона дар ташаккули системаи танзими ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва техникии муносибатҳо дар ин соҳа амалӣ карда шавад.

**Моддаи 7. Принсипи афзалияти иштироки истеҳсолкунандагони ватанӣ дар ташкили системаи амнияти киберӣ;**

Ҳангоми харидани молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки барои таъмини амнияти кибериии мақомоти идоракунии давлатӣ ва хоҷагидорӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заруранд, мол (кор, хизматрасонӣ), ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол мешавад, нисбат ба маҳсулоти дар хориҷа истеҳсолшуда афзалият дорад.

**Моддаи 8. Принсипи ошкорбаёнии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амнияти киберӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи амнияти киберӣ ва созишномаҳои чаҳорчӯбиро бо созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, байнидавлатӣ, минтақавӣ ва мақомоти салоҳиятдор ба роҳ мондааст.

## БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Моддаи 9. Сиёсати ягонаи да влатӣ дар самти амнияти киберӣ**

Сиёсати ягонаи давлатӣ дар самти амнияти кибериро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 10. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар самти амнияти киберӣ**

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти амнияти киберӣ (минбаъд – мақоми ваколатдори давлатӣ) мебошад.

Ба салоҳияти мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти амнияти киберӣ инҳо дохил мешаванд:

таҳияи санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти амнияти киберӣ;

гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ташкили гурӯҳои оперативӣ-тафтишотӣ оид ба ҳамлаҳои киберӣ;

пешгирӣ ва ошкор намудани ҳамлаҳои киберӣ, андешидани чораҳои дахлдор оид ба рафъи мушкилотҳои ҷойдошта, аз ҷумла андешидани тадбирҳои ташкили–техникӣ ва илмӣ**;**

амнияти системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои иттилоотӣ дар ҳолатҳои фавқулодда;

сертификатсияи таҷҳизот, воситаҳои техникӣ, дар системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои иттилоотӣ мутобиқи талаботи амнияти киберӣ;

таҳияи феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи субъектҳои амнияти киберӣ;

фаъолияти иҷозатномадиҳӣ оид ба таҳия, истеҳсол ва фурӯши воситаҳои ҳифзи иттилооти криптографӣ;

таҳияи нақшаҳо оид ба пешгирии кӯшишҳои ҳамлаҳои киберӣ ба объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ ва татбиқи бевоситаи онҳо;

ҷалби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ дар таҳқиқи муштараки ҳамлаҳои киберӣ дар объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ;

татбиқи ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ ва таҳияи равишҳои ягона оид ба муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ–тафтишотӣ ва пешгирии ҷиноятҳои киберӣ, инчунин андешидани чораҳо оид ба пешгирии истифодаи фазои маҷозӣ ҷиҳати анҷоми амалҳои террористӣ, экстремистӣ ва дигар навъҳои фаъолиятҳои ғайриқонунӣ;

муайян, ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба осебпазирии мавҷуда ва таҳдидҳои эҳтимолӣ дар иншооти муҳими инфрасохтори иттилоотӣ;

амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ дар самти амнияти киберӣ.

Риояи талаботи қонунии мақоми ваколатдори давлатӣ ҳатмист.

**Моддаи 12. Ҳуқуқҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлати ҳангоми таъмини амнияти киберӣ ҳуқуқҳо зеринро доранд:

дар доираи ваколатҳое, қонунгузор муайян намудааст, дархост намудани номгӯйи воситаҳои техникӣ ва барномаҳо махсус, ки барои муайян кардани ҳамлаҳои киберӣ, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо ва андешидани чораҳо оид ба таъмини амнияти киберӣ;

истифодаи ройгони дастгоҳҳо ва хизматрасониҳои техникӣ барои андешидани чораҳои фаврӣ барои бартараф кардани ҳамлаҳои киберӣ;

боздид аз мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо, шиносой бо ҳуҷҷатҳо ва маводҳои зарурӣ, инчунин дархост ва гирифтани маълумот аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, муайян кардани дараҷаи хифзи нигаҳдории онҳо ва истифодаи онҳо дар амалиёти тафтишотӣ оид ба ошкор намудани киберҷиноятҳо;

таъсиси шуъбаю раёсатҳо оид ба таъмини амнияти киберӣ ва инчунин ба онҳо додани як қисми ваколатҳои худ;

ба субъектҳои амнияти киберӣ супоришҳо ва дастурҳо оид ба рафъи сабабҳо ва шартҳое, ки ба содир намудани киберҷиноятҳо мусоидат кардаанд, пешниҳод намоянд;

бо мақсади амалӣ намудани вазифаи назорати давлатӣ ва санҷиши таъмини амнияти киберӣ барои дастрасии бемамониат ва пайвастшавӣ бо тартиби муқарраргардида ба системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, инчунин омӯзиши маълумот дар самти татбиқ ва истифодаи воситаҳои таъмини амнияти киберӣ системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои ин объектҳо;

ҳангоми зарурат бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузорӣ ба биноҳои истиқоматӣ ва дигар иншооти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бе монеа ворид шуда, онҳоро ҳангоми таъқиби шахсони гумонбар дар содир намудани киберҷиноятҳо, ё мавҷуд будани асосҳои кофӣ вобаста ба содиршавии ҷинояти мазкур, шахсоне ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пинҳон шудаанд, азназар гузаронида, дар давоми 24 соат, ба прокурор хабар диҳанд.

**Моддаи 13. Ухдадориҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳангоми татбиқи ваколатҳое, ки дар таъмини амнияти киберӣ ба зиммааш гузошта шудааст:

барои пешгирӣ, огоҳонидан, ошкор намудан ва муқовимат бо киберҷиноятҳо чораҳои зарурироандешад;

иштирок дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ дар самти амнияти киберӣ;

амалӣ намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ва ташкилию методӣ оид ба масъалаҳои марбут ба амнияти киберӣ;

бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба амнияти киберӣ таҳдид мекунанд, аз он ҷумла ариза ва маълумотҳоро ба қайд гирифта, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун сари вақт чораҳо андешанд;

муайян намудани сабабу шароитҳоеро, ки ба содир гардидани киберҷиноятҳо имкон медиҳад;

дар давоми 24 соат дар бораи ҳамаи ҳолатҳои ворид шудани кормандони макомоти ваколатдори давлати ба манзил ва дигар иншооти шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ бе розигии сохибмулкон ва намояндагони онҳо ё дар сурати набудани онҳо ба таври хатти прокурорро хабардор менамоянд.

Мутобиқи Қонун ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатӣ дигар уҳдадориҳо гузошта шуда метавонанд.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАЪМИНИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Моддаи 14. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо дар таъмини амнияти киберӣ**

Мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ ҳуқуқ доранд:

аз мақомоти ваколатдори давлатӣ барои таъмини амнияти киберӣ дар бораи таҳдидҳои киберӣ, осебпазирии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва барономаҳои компютерӣ маълумотҳои заруриро дархост намояд;

аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи воситаҳо ва усулҳои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ, роҳҳои ошкор ва пешгирии онҳо маълумот ва машварат гирад;

таҳия ва татбиқи чораҳои амнияти киберӣ.

Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо вазифадоранд:

таъмини амнияти киберӣ дар системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои дар ихтиери онҳо буда, устувории фаъолияти шабакаҳо, инчунин иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба амнияти киберӣ, огоҳ кардани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи ҳамлаҳои киберӣ;

барои пешгирии ҳолатҳои дуздӣ ва сохтакории маълумоте, ки дар системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои онҳо нигоҳ дошта мешаванд, чораҳо андешед;

барои амнияти киберии системаҳо ва захираҳои иттилоотии худ технологияҳои иттилооти-коммуникатсионӣ, барномаҳои махсуси ҳифзи иттилоот истифода баранд;

санадҳои меъерии ҳуқуқии дар самти амнияти киберӣ таҳияшуда ва ҳуҷҷатҳои меъериро дар соҳаи танзими техникӣ бо мақомоти ваколатдори давлатӣ мувофиқа намоянд.

**Моддаи 15. Нусхабардории маълумоти захиравӣ (эҳтиёти)**

Таъмини нигоҳдории маълумоти системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, инчунин объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ тибқи сиёсати дохилии амнияти иттилоотӣ тавассути таҳияи нусхабардории захираҳои маълумот, ки муҳлати нигоҳдории он набояд аз се моҳ бошад, амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 4. ТАЪМИНИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Моддаи 16. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои амнияти киберӣ**

Субъектҳои амнияти киберӣ ҳуқуқ доранд:

аз мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таҳдидҳои киберӣ, осебпазирии технологияҳои иттилооти–коммуникатсионӣ ва барономаҳои компютерӣ бо мақсади таъмини амнияти киберӣ маълумот гирад;

маълумот ва машваратҳои мақомоти ваколатдори давлатиро дар бораи воситаҳо ва усулҳои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ, инчунин усулҳои ошкор ва пешгирии онҳо гирад;

таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини амнияти киберӣ.

Субъектҳои амнияти киберӣ вазифадоранд:

пешгирии паҳншавии ғайриқонунӣ, дуздӣ, бастан ва сохтакории маълумот дар системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ, инчунин дигар намудҳои дастрасии ғайриқонунӣ ба системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ, андешидани чораҳои саривақтии дахлдор ҳангоми ошкор кардани чунин ҳолатҳо;

бо мақсади кам кардани оқибатҳои манфӣ ҳангоми вайрон кардани тартиби дастрасӣ ба системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ ва дар сурати тағйир ё нест кардани онҳо дар натиҷаи дастрасии ғайриқонунӣ ба онҳо барои барқарорсозии фаврии онҳо чораҳо андешиданд;

якҷо бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи хатарҳои ҳамлаҳои киберӣ ва киберҷиноятҳо чораҳои зарурии фаврӣ андешанд, то нигоҳдории доимии маълумоти зарурӣ барои таҳлили ҳодисаҳои хатарҳои ҳамлаҳои киберӣ ва тафтиши киберҷиноятҳо таъмин карда шавад;

мубодилаи судманд бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба маълумот дар соҳаи ҳифз ва мониторинги кори бехатарии объектҳои амнияти киберӣ;

ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба системаҳои мониторингӣ ва (ё) объектҳои амнияти киберӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳои ташкилию техникии мониторинги таъмини амнияти киберӣ дода шавад.

**Моддаи 17. Таснифи объектҳои амнияти киберӣ**

Таснифи объектҳои амнияти киберӣ аз маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ иборат аст, ки ба муайян кардани сатҳи мураккабии ташкилию техникии намуди объектҳои амнияти киберӣ равона карда шудаанд.

Категорияҳои объектҳои амнияти киберӣ, ки бояд тасниф карда шаванд, тибқи қонунгузорӣ амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 18. Экспертизаи мутобиқат ба талаботи амнияти киберӣ**

Санҷиши риояи талаботҳои амнияти киберӣ ба таври ҳатмӣ ё бо ташаббуси субъектҳои амнияти киберӣ анҷом дода мешавад.

Инҳо бояд аз санҷиши ҳатмии мутобиқат ба талаботи амнияти киберӣ гузаранд:

захираҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ;

системаҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ;

системаҳои иттилоотӣ, ки ба категорияи объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ дохил мешаванд.

Тартиби гузаронидани санҷиши мутобиқат ба талаботи амнияти киберӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Сертификатсияи таҷҳизоти техникӣ ва воситаҳои барномавӣ барои таъмини амнияти киберии системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ истифодашаванда**

Таҷҳизоти техникӣ ва воситаҳои барномавӣ, ки барои таъмини амнияти киберӣ, ҳифзи системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ истифода мешаванд, бояд ба таври ҳатмӣ сертификатсия карда шаванд.

Тартиби сертификатсияи таҷҳизоти техникӣ ва воситаҳои барномавӣ, ки барои таъмини амнияти киберии системаҳо ва захираҳои иттилоотӣ истифода мешаванд, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 20. Сертификатсияи объектҳои иттилоотӣ ва объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ**

Сертификатсияи объектҳои иттилоотӣ ва объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ аз маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ ва техникӣ иборат аст, ки барои муайян кардани мутобиқати ҳолати воқеии ҳифзи объектҳои иттилоот ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти киберӣ нигаронида шудаанд.

Категорияҳои объектҳои иттилоотӣ ва объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ, ки бояд сертификатсия карда шаванд, мутобиқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

Тартиби сертификатсияи мутобиқати объектҳои иттилоотӣ ва объектҳои муҳими инфрасохтори иттилоотӣ ба талаботи амнияти киберӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 21. Арзебии сатҳи амнияти киберӣ**

Арзебии сатҳи таъмини амнияти киберӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкилию техникӣ мебошад, ки ба муайян кардани ҳолати ҳифзи системаҳои иттилоотӣ ва захираҳо, инчунин самаранокии чораҳои ташкилии андешидашуда равона карда шудаанд.

Категорияҳои объектҳои иттилоотӣ ва объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, ки бояд ҳатман арзебӣ карда шаванд, тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

Тартиби баҳодиҳии сатҳи таъмини амнияти киберӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба рафъи камбудиҳои дар натиҷаи арзебӣ ошкоршуда дастурҳои ҳатмӣ медиҳад.

## БОБИ 5. ҲОДИСАҲОИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Моддаи 22. Тафтиши ҳодисаҳои амнияти киберӣ**

Ҳодисаҳои амнияти киберӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ е шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ тафтиш карда мешаванд.

Соҳиби захираи иттилоотӣ ё системаи иттилоотӣ, ки дар он ҳамлаҳои киберӣ рух додааст, метавонад ҳодисаи мазкурро тафтиш кунад, агар он

дорои захираҳои зарурӣ ва имкониятҳои техникӣ барои гузаронидани тафтишот бошад. Дар ин ҳолат, мақомоти ваколатдори давлатӣ бояд аз натиҷаҳои тафтишот огоҳ карда шаванд.

**Моддаи 23. Амалҳои субъектҳои амнияти киберӣ оид ба ҳодисаҳои амнияти киберӣ**

Амалҳои субъектҳои амнияти киберӣ дар робита ба ҳодисаҳои амнияти киберӣ метавонанд дар шаклҳои зерин амалӣ карда шаванд:

бартараф кардани осебпазирӣ ва хаттогиҳо дар барномаҳо ва таҷҳизотҳои техникӣ;

нобуд кардани барномаҳои зараровар, маҳдуд кардани паҳншавии онҳо, аз ҷиҳати техникӣ маҳдуд кардани манбаи ҳамлаҳои киберӣ;

ҷудо кардани объектҳои иттилоотӣ аз таҳдидҳои мавҷудаи киберӣ;

пешниҳоди маълумот дар бораи ҳодисаҳои амнияти киберӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

**Моддаи 24. Ошкор намудани ҳодисаҳои амнияти киберӣ**

Маълумот дар бораи осебпазирӣ дар системаҳои иттилоотӣ ва захираҳо ошкоршуда, таҳдидҳои киберӣ, ҳамлаҳои киберӣ ва дигар амалҳои тахрибкорона, инчунин объектҳои иттилоотӣ бо иҷозати субъекти амнияти киберӣ пас аз андешидани чораҳои дахлдор барои ҳифзи онҳо ошкор карда мешавад.

Маълумот дар бораи таҳдидҳо ва осебпазирии ошкоршуда бояд танҳо барои бартараф кардани онҳо ва пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ истифода шавад.

## БОБИ 6. ОБЪЕКТҲОИ ИНФРАСОХТОРИ МУҲИМИ ИТТИЛООТӢ

**Моддаи 25. Самтҳои асосии таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Самтҳои асосии таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ инҳоянд:

таҳияи маҷмуи ягонаи тадбирҳо оид ба танзими ҳифзи меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ;

муқаррар намудани талабот оид ба таъмини амнияти киберӣ дар системаҳои иттилоотӣ ва захираҳои мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, дар объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ;

мусоидат ба фароҳам овардани шароит барои таъмини самараноки амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ.

**Моддаи 26. Таснифи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Таснифи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ бо мақсади муайян кардани мувофиқати объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ба категорияҳои дар қисми дуюми ҳамин модда пешбинишуда, инчунин санҷиши маълумот аз рӯйи натиҷаҳои тасниф амалӣ карда мешавад.

Объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ба категорияҳои зерин тақсим карда мешаванд:

объектҳои инфрасохтори иттилоотии сатҳи баланд;

объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотии сатҳи миена;

объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотии сатҳи паст.

Меъерҳои таснифи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 27. Феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотиро пеш мебарад.

Категорияҳои объектҳои амнияти киберӣ, ки бояд ба феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ворид карда шаванд, тибқи қонунгузорӣ муайян карда мешаванд.

Тартиби ворид кардани объектҳои амнияти киберӣ ба феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 28. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ ҳуқуқ доранд:

аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи таҳдидҳои киберӣ, осебпазирии барномаҳо, таҷҳизот ва технологияҳо бо мақсади таъмини амнияти кибериии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ маълумот гиранд;

аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи воситаҳо ва усулҳои муҳофизат аз ҳамлаҳои киберӣ, инчунин усулҳои ошкор ва пешгирии онҳо маълумот ва машварат гиранд;

таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини амнияти кибериии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ.

Субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ вазифадоранд:

таъмини фаъолияти пайвастаи системаҳои иттилоотии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ;

расонидани маълумот дар бораи ҳодисаҳои амнияти киберӣ ба мақомоти ваколатдори давлатӣ;

ба шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини амнияти киберӣ дар муайян, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳамлаҳои киберӣ, муайян кардани сабабҳо ва шароити пайдоиши ҳодисаҳои амнияти киберӣ мусоидат намоянд;

системаҳои мониторингро бо риояи талаботи техникии истифодаи барномаҳо, таҷҳизот ва технологияҳо барои пешгирии ҳамлаҳои киберӣ, бартараф кардани оқибатҳои онҳо, инчунин андешидани чораҳо оид ба ҳодисаҳои амнияти киберӣ дар иншооти инфрасохтори муҳими иттилоотӣ насб ва истифода барад;

таъмини бехатарии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ тибқи талаботи амнияти киберӣ;

иҷрои дастурҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда дар самти таъмини амнияти киберӣ дар объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ;

барои рафъи оқибатҳои ҳодисаҳои амнияти киберӣ ва ҳамлаҳои киберӣ ба объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ чораҳо андешад;

ба мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳуқуқи дастрасӣ ба системаҳои мониторингӣ ё объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ барои амалӣ намудани чорабиниҳои ташкилию техникии мониторинги ҳолати таъмини амнияти киберӣ дода шавад;

ҳангоми тағйир додани маълумот дар бораи объекти ба феҳристи ягонаи объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ дохилшуда ба мақомоти ваколатдори давлатӣ хабар диҳад.

**Моддаи 29. Талабот оид ба таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ вазифадоранд талаботи муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатиро оид ба таъмини амнияти киберӣ дар объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотии худ иҷро намоянд.

Субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ, аз рӯйи хусусияти кори объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, метавонанд талаботи иловагиро барои таъмини амнияти киберӣ муқаррар кунанд.

Кормандони масъули таъмини амнияти киберии иншооти инфрасохтори муҳими иттилоотӣ аз аттестатсияи мақомоти ваколатдори давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мегузаранд.

Системаи таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, ки аз ҷониби субъекти инфрасохтори муҳими иттилоотӣ таъсис дода шудааст, дар асоси қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ба системаи мониторинг ва идоракунии ҳодисаҳои амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотии мақомоти ваколатдори давлатӣ пайваст карда мешавад.

**Моддаи 30. Системаи таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Системаи таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ аз:

системаҳои мониторинг ва идоракунии ҳодисаҳои амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотии мақоми ваколатдори давлатӣ;

системаҳои таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ.

Маълумот дар бораи ҳодисаҳои амнияти киберӣ дар системаи амнияти киберӣ барои паҳншавӣ маҳдуд аст. Ин маълумот метавонад пас аз пурра бартараф кардани ҳодисаҳо ошкор карда шавад.

**Моддаи 31. Арзёбии амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ**

Арзебии амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ бо мақсади муайян кардани ҳолати (сатҳи) ҳифзи ин объектҳо аз таҳдидҳои гуногуни киберӣ дар доираи назорати давлатӣ дар соҳаи амнияти киберӣ амалӣ карда мешавад.

Арзебии амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ бо иҷозати мақомоти ваколатдори давлатӣ бо ҷалби ташкилотҳои махсусгардонидашуда амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 7. ДАСТГИРӢ ВА РУШДИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ КИБЕРӢ

**Моддаи 32. Дастгирии давлатӣ ба субъектҳои амнияти киберӣ**

Дастгирии давлатӣ ба субъектҳои амнияти киберӣ инҳоро дар бар мегирад:

такмили заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар таъмини амнияти киберӣ;

додани имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар намуди имтиёзҳо ба субъектҳои амнияти киберӣ;

фароҳам овардани шароит барои ҷалби маблағҳои субъектҳои хоҷагидор барои маблағгузории таъмини амнияти киберӣ;

мусоидат дар тайерӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар самти таъмини амнияти киберӣ ва такмили ихтисоси онҳо.

**Моддаи 33. Дастгирии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар таъмини амнияти киберӣ**

Дастгирии фаъолияти илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар таъмини амнияти киберӣ аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва субъектҳои хоҷагидор тавассути:

Дастгирии молиявӣ ва ҷудо намудани маблағ ба субъектҳои амнияти киберӣ барои маблағгузории корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, конструкторӣ ва технологӣ, ки дар ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронида мешаванд;

расонидани кумаки молиявӣ ба ташкилотҳое, ки лоиҳаҳои беҳтар кардани амнияти кибериро амалӣ мекунанд, аз ҷумла ба фаъолияти инноватсионӣ дар хизматрасонӣ бо истифода аз технологияҳои пешрафтаи мавҷуда;

фароҳам овардани шароит барои амалӣ намудани фаъолияти илмӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар таъмини амнияти киберӣ ва таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ;

таъмини афзалияти маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ҳангоми гузаронидани хариди давлатӣ, ки бо таъмини амнияти киберӣ алоқаманд аст.

**Моддаи 34. Рушд ва дастгирии иқтидори кадрӣ дар таъмини амнияти киберӣ**

Дастгирии рушди иқтидори кадрии мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва субъектҳои хоҷагидор дар таъмини амнияти киберӣ метавонад тавассути:

расонидани кумаки молиявӣ, иттилоотӣ-машваратӣ ба ташкилотҳое, ки фаъолият оид ба бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳоро дар самти таъмини амнияти киберӣ амалӣ менамоянд;

расонидани кумаки таълимӣ-методӣ ва илмӣ-педагогӣ дар самти таъмини амнияти киберӣ.

Кормандоне, ки барои таъмини амнияти киберии субъектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ масъуланд, бояд ба таври доимӣ тахассуси

худро тибқи стандартҳо ва талаботҳои байналмилалӣ ва давлатӣ баланд бардоранд.

**Моддаи 35. Ҳавасмандгардонии кормандоне, ки барои таъмини амнияти киберии иншооти инфрасохтори муҳими иттилоотӣ масъуланд**

Ҳавасмандгардонии кормандоне, ки барои таъмини амнияти киберии объектҳои инфрасохтори муҳими иттилоотӣ масъуланд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 36.** Ҳамкории байналмилалӣ дар самти амнияти киберӣ

Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ ҳамкории байналмилалиро дар самти амнияти киберӣ амалӣ менамояд.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ тибқи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархост ба давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои мубориза бо киберҷиноятҳо маълумот пешниҳод менамояд.

Маълумот дар бораи мубориза бо киберҷиноятҳо метавонад ба давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ бидуни дархост пешниҳод карда шавад, агар чунин маълумот ба амалҳои тафтишотӣ ё мурофиаи судӣ халал нарасонад ва барои боздоштани ҳамлаҳои киберӣ, ошкор ва бартараф кардани амалҳои ҷиноятии бо истифода аз фазои маҷозӣ содиршуда хизмат кунад.

**Моддаи 37. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 38. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.